ISSN 2312-3648

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

ИЛМ ВА ФАНОВАРӢ

(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГИЯ

№3

НАУКА И ИННОВАЦИЯ

(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2014

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 2014 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 2014 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:
Имомов М.С. - гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафаров Б.А. – зам. гл. редактора, кандидат юридических наук, доцент
Абдулазизов В. – зам.гл. редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:
Камолиддинов Б. – доктор филологических наук, профессор
Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Мисбохиддин Нарзикул - доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Назарзода С. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Илм ва фановарӣ, 2014
Наука и инновация, 2014

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ – Я З Ы К О З Н А Н И Е

ДОИР БА ПАЙВАНДАКҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУБТАДО

Баҳриддин Камолиддинов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нимаи дуюми садаи бистумро марҳалаи таҳқиқи ҷиддии сохтори ҳамаи воҳидҳои наҳвии забонҳои тоҷикию форсӣ шуморидан мумкин аст. Монографияҳои илмии наҳвшиносон Л.С.Пейсиков [14], Д.Т.Тоҷиев [4;16], Аҳмад Шафоӣ [17], Ш.Рустамов [4], М.Н.Қосимова [8], Р.Ғаффоров [5], Ф.Зикриёев [4], С.Атобуллоев [2] ва дигарон дар таҳқиқи сохтори наҳвии ҷумлаҳои сода ва мураккаб заминаи боэътимоди грамматикаи илмии забони тоҷикӣ гардиданд [4]. Доир ба ҳар як ҷумлаи пайрав як рисолаи илмӣ таълиф шудааст. Бо вуҷуди ин ҳама дар воситаҳои грамматикии алоқаи ҷумлаҳои пайрав бо сарҷумла баъзе паҳлуҳои норавшан ва баҳсталаб боқӣ мондаанд. С.Набиева дар бораи баъзе пайвандакҳои тобеъкунандаи забони тоҷикӣ, ба хусус дар бораи ду тарзи навишти пайвандакҳои *ҳар кӣ // ҳар ки,* изҳори нигаронӣ кардааст: “Ҳарфи «ӣ», агарчи баҳси зиёд надорад, баъзан моро ба иштибоҳ меандозад. То ҳол мардум дар шинохтани мавқеи он дар баъзе ҳолатҳо аз дудилагӣ набаромадаанд. Масалан, **ҳар кӣ** ё **ҳар ки**? Ё дар мавриди истифодаи пайвандакҳои таркибӣ ва ҷонишинҳои саволӣ (**чӣ тавре ки, он чӣ ки**) ҳам духӯрагӣ дида мешавад [10.41]. Пас, ин иштибоҳ ё “духӯрагӣ” аз куҷо сар задааст?

Дар асари академик Б.Н.Ниёзмуҳаммадов “Забоншиносии тоҷик” доир ба пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мубтадо чунин маълумот зикр ёфтааст:

“Ҷумлаи пайрави мубтадо бештар бо мубтадоҳои таркибии ***ҳар кас, ҳар чиз, ҳар он чӣ*** (?) ва ***кадом кас*** сар мешаванд ва пайвандаки ***ки*** одатан пас аз онҳо меояд: ***Ҳар кас ки*** ба даст қалам гирифта, чизе менависад ё дар пеши халқ баромада, нутқ мекунад, *вай* бояд кӯшиш кунад, ки забони асари он ба хонандагон ё шунавандагон фаҳмо бошад” (С.Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо)... Ҷумлаи пайрави мубтадо баъзан ба сарҷумла бо интонатсия (бе пайвандак) низ тобеъ мешавад: ***Ҳар кӣ*** (?) н-омӯхт аз гузашти рӯзгор, Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор. Дар ин мисол “***ҳар кӣ*** *н-омӯхт аз гузашти рӯзгор*” пайрави мубтадо буда, ба сарҷумла ба воситаи интонатсия тобеъ гаштааст. Мисолҳо: ***Ҳар кӣ*** *(?) беёр бувад*, пайваста бемор бувад; ***Ҳар кӣ*** *нон аз амали хеш хӯрад,* миннати Ҳотами Той набарад (Фолклор)” [12.229-230].

Муаллифони китоби дарсии “Забони адабии ҳозираи тоҷик(ӣ)” ҳамин маълумоти назариро айнан оварда, матни асари С.Улуғзодаро бо намунае аз асари С.Айнӣ иваз кардаанд [15]:

“Ҷумлаи пайрави мубтадо бештар бо мубтадоҳои таркибии ***ҳар кас, ҳар чиз, ҳар он чӣ(?)*** ва ***кадом кас*** сар мешаванд ва пайвандаки ***ки*** мубтадои таркибиро ба қисми дигари ҷумлаи пайрави мубтадо мепайвандад: “***Ҳар кас ки*** *ба ҳукумат содиқона хизмат кунад ва он манфиати халқро дар назар дошта бошад*, *вай* ҳамеша гули сари сабади ҳукуматамон аст” (С.Айнӣ, Куллиёт) [15.229].

Аз ин шарҳи муаллифи асари “Забоншиносии тоҷик” ва китоби дарсӣ аён нест, ки пайвандаки ***ки*** бо “мубтадоҳои таркибии” ***ҳар кас, ҳар чиз, ҳар он чӣ*** ва ***кадом кас*** омада, пайвандаки таркибии ***ҳар кас ки, ҳар чиз ки, ҳар он чӣ ки*** ва ***кадом кас ки*** сохтааст ва ё танҳо ***ки*** пайвандак асту пас аз “мубтадоҳои таркибӣ” омада. Агар он таркибҳо мубтадоҳои ҷумлаи пайрав бошанд, чаро пеш аз ***ки*** аломати вергул гузошта нашудааст? Ин ҳам номаълум мемонад, ки чаро дар таркиби пайвандак пурсишҷонишини ***чӣ*** (*ҳар он* ***чӣ***) омадааст. Боз аён нест, ки вожаҳои ***ки*** ва ***чи*** дар

таркиби пайвандакҳо омада бошанд, садоноки “***и***”, чунон ки дар пурсишҷонишинҳои ***кӣ*** ва ***чӣ*** мушоҳида мешавад, магар заданок талаффуз мешавад?

Дар грамматикаи илмии академиявӣ (“Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик(ӣ)”) фасли ҷумлаи пайрави мубтадо ба қалами узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, шодравон Ш.Рустамов тааллуқ дорад. Муаллиф таркибҳои ***ҳар кӣ, ҳар чӣ, он кӣ, он чӣ, ҳар он кӣ, ҳар он чӣ***-ро мубтадои ҷумлаи пайрав ва интонатсияю мутобикати шаклҳои феълиро воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави мубтадо бо сарҷумла мешуморад ва шарҳ медиҳад, ки “бисёр тадқиқгарон калимаҳои ***кас*** ва ***чиз***ро бо таркибҳои ***ҳар кӣ, ҳар чӣ*** дар як қатор мегузоранд. Бештарини ҷумлаҳои пайраве, ки бар эзоҳи таркибҳои ***ҳар кас*** ва ***ҳар чиз*** омадааст, аз ҷиҳати маъно ва ҷилоҳои маъноӣ бо ҷумлаҳои пайраве, ки бо таркибҳои ҷонишини ***ҳар кӣ, ҳар чӣ*** омадаанд, монанд аст. Аммо ин ду гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз ҷиҳати грамматикӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд” [4,112].

Ба ҳамин тариқа, Ш.Рустамов бо пайвандакҳои таркибии ***ҳар ки, ҳар чи, ҳар он ки, ҳар он чи, ҳар он чи ки, он ки, он чи, ҳар кас ки, касе ки*** ва ғайра алоқаманд шудани ҷумлаи пайрави мубтадоро ба сарҷумла рад мекунад ва бо аломати заданокӣ навиштани “*кӣ*” ва “*чӣ*”-ро дуруст мешуморад.

Дар таълифи грамматикаи илмӣ ва китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ ақидаи таҳқиқгарони дигар ба назар гирифта нашудааст. Аз ҷумла, муҳаққиқи ҷумлаи пайрави мубтадо С.Атобуллоев чунин мешуморад, ки “ҷумлаи пайрави мубтадо бо сарҷумлаи худ ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунандаи муштарки ***ки***, бо ёрии ҷонишин-пайвандакҳои ***ҳар кас, ҳар кас ки, касе ки, ҳар чӣ*** (?), ***ҳар чӣ ки*** (?), ***ҳар он чӣ*** (?), ***чизе ки, ҳар чизе ки, ҳар он чизе ки*** ва бо ёрии интонатсия алоқаманд мешавад” [1,154].

С.Атобуллоев дар қатори пайвандакҳои мазкур “***ҳар ки***” ва “**ҳар чи**”-ро наовардааст, вале ба М.Н.Қосимова эрод мегирад, ки дар матнҳои зерин ҷумлаи пайрави мубтадоро ҷумлаи пайрави шарт пиндоштааст: ***Ҳар кӣ*** *бо бадон нишинад*, некӣ набинад; ***Ҳар чӣ*** *зуд барояд*, дер напояд (Саъдӣ) [1,153]. Аммо зикр накардааст, ки ***ҳар кӣ*** ва ***ҳар чӣ*** мубтадои ҷумлаҳои “бо бадон нишинад” ва “зуд барояд” аст ё пайвандаки ҷумлаи пайрави мубтадост. Боз маълум намондааст, ки ҷонишини таъинии ***ҳар*** бо пурсишҷонишини ***кӣ*** ва ***чӣ*** омада пайвандак сохтааст ё бо пайвандакҳои содаи ***ки*** ва ***чи***.

Шояд он вақт (соли 1967) олими ҷавон ба як хулосаи саҳеҳ ва дақиқ наомада буд. Дар монографияи илмии рисолаи докториаш, ки ба хусусиятҳои наҳвии шеваҳои ҷанубии забони тоҷикӣ бахшида шуда, соли 1984 ба табъ расидааст, фикри муаллиф тағйир меёбад: “Воситаи асосии алоқаи грамматикии хели мазкури ҷумлаи пайрави мубтадо бо сарҷумла (яъне ҷумлаи пайрави пеш аз сарҷумла омада – К.Б.) таркибҳои пайвандакист, ки онҳо аз ҷонишин ва исму пайвандак (асосан пайвандаки ***ки***) ташаккул меёбанд: ***кае ки, кӣ ки, ҳар ки, ҳар касе ки, чизе ки, ҳар чийе ки*** ва амсолои инҳост [2.42-43]. ҷумлаи пайрави мубтадо дар шеваҳои ҷанубӣ бо пайвандакҳои ***кӣ ки // ке ки, кае ки, ҳар кае ки, ҳар ки // ҳар ке, касе ки, ҳар кас ки // ҳар касе ки, ҳар коме*** *бо сарҷумла алоқаманд шудаанд:* ***кӣ ки*** *дуруст кор мекъна, намаки ҳъкъмат-а пос надора*, охир зада мешава (Дуобаи Боло); ***ҳар ки*** *кина ба ҳъд къна, хо бад къна, хоҳ нек къна*, бо ҳъд къна (Порбоғ); ***касе ки*** *камакак савод дошта боша*, медона (Даҳана) [2.43-45].

Тадқиқгари пайвандакҳои забони тоҷикӣ Н.Бозидов дар бораи воситаҳои грамматикии алоқаи ҷумлаи пайрави мубтадо сухан ронда, танҳо пайвандаки “***ки***”-ро зикр намудааст [3.44]. Вале ӯ саҳми пайвандаки “*ки*”-ро муфассал шарҳ дода менависад: “Дар суратёбии пайвандакҳои таркибӣ роли пайвандаки содаи ***ки*** ниҳоят калон аст... Ғайр аз пайвандаки ***ки*** дар ташаккули пайвандакҳои таркибӣ *пешояндҳо,*

ишораҷонишинҳо ва *калимаҳои нисбӣ* хеле фаъоланд... Ҷонишини таркибӣ ва пайвандаки **ки**: ***ҳар қадар ки, чи қадар ки, ҳар чи қадар ки***... ҷонишини таъйинӣ ё номуайянӣ, исм, пайвандаки ***ки***: ***ҳар вақте ки, ҳар вақт ки, кадом вақте ки*** [3.93-95].

Мутаассифона, муаллиф пайвандаки таркибии "***чи*** *қадар ки*"-ро дар ҷойи дигари рисолааш ба тарзи ***чӣ*** *қадар ки* овардааст: "Пайвандакҳои ***ҳар қадар, ҳар қадар ки, чӣ қадар, чӣ қадар ки*** нисбат ба ҳамдигар синониманд (3.60)... Гулнор ***чӣ қадар ки*** тезтар равад, *ҳамон қадар* ӯ бар болои вай осудатар менишаст ва ба тарафе хам наҳӯрда мерафт [3.61].

Забоншинос Н. Бозидов дар асараш нагуфтааст, ки пурсишҷонишинҳои **кӣ** ва **чӣ, чӣ қадар** низ ба вазифаи пайвандаки сода ё дар дохили пайвандакҳои таркибӣ ба кор бурда мешаванд. Ҳамчунин ба вазифаи воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави мубтадо омадани пайвандакҳои таркибии ***ҳар ки*** ва ***ҳар чи (ки)***-ро зикр намекунад. Зоҳиран, ӯ низ дар ин бобат ба як хулосаи дақиқ наомада будааст.

Наҳвшиноси нуктасанҷ М.Норматов таркибҳои пайвандакии ***ҳар кас, ҳар касе ки, ҳар кӣ***, ***кас ки, касоне ки, ҳар чӣ***, ***ҳар чӣ ки***, ***ҳар он чӣ ки***, ***чизе ки, он чӣ***, ***он чӣ ки***ро воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави мубтадо шуморида, чунин намунаҳо меорад: ***Ҳар кӣ*** *аз ваҳдат сухан гӯяд*, азизи миллат аст (Ардамеҳр); *Он*, ***ки*** аз дарди дили худ ба фиғон аст, манам (Ҳ.Карим) [13.254-255]. Бо аломати заданокӣ чоп шудани пайвандакҳои ***ки*** ва ***чи*** (яъне ***кӣ*** ва ***чӣ***) шояд ғалати тасодуфии чоп бошад. Муҳимтар ин аст, ки ***ҳар ки, ҳар чи*** ва ***ҳар чи ки*** барин таркибҳоро пайвандаки ҷумлаи пайрави мубтадо мешуморад, на мубтадои ҷумлаи пайрави "***Ҳар кӣ*** *аз ваҳдат сухан гӯяд,...*"

Забоншинос М.Набиев дар китоби дарсии таълифкардааш доир ба ҷумлаи пайрави мубтадо ва пайвандакҳои он чунин навиштааст: "ҷумлаи пайрави мубтадо аз ҷиҳати тарзи ташаккул, вазифа ва ҷой ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: 1. Ҷумлаи пайрави мубтадое, ки бо ҷонишинҳои шахсӣ-таъинӣ сар шуда, пеш аз сарҷумла меоянд. Воситаи алоқаи ин гуна ҷумлаҳои пайравро оҳанг ва мутобиқати шаклҳои феълӣ ташкил медиҳанд: ***Ҳар кас кӣ*** *ба замин меафтид,* ӯ кушташуда ҳисоб меёфт (С.Улуғзода, Субҳи ҷавонии мо). ***Ҳар кӣ*** ҷавоб дода натавонад, вай бой додагӣ ҳисоб меёфт (С.Айнӣ, Ёддоштҳо) [11.127].

Аён аст, ки ин муаллиф ҳам дар бобати воситаҳои грамматикии алоқаи ҷумлаи пайрави мубтадо асосан ба маълумоти китоби дарсии мактабҳои олӣ (нашри соли 1984) ва грамматикаи илмӣ такя мекунад.

Азбаски китобу дастурҳои таълимӣ меъёри грамматикии забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ (бо таъбири русӣ "нормативная грамматика") ба шумор мераванд, ходимони нашриёт ҳангоми ба табъ омода намудани асарҳои бадеӣ дар таркиби пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мубтадо ба ҷойи пайвандакҳои ***ки*** ва ***чи*** пурсишҷонишини ***кӣ*** ва ***чӣ*** чоп кардаанд: ***Ҳар кӣ*** *дар ҳоли тавоноӣ накӯӣ накунад*, дар вақти нотавонӣ сахтӣ бинад; ***Ҳар чӣ*** *зуд барояд*, дер напояд; Оташ аз хонаи ҳамсояи дарвеш махоҳ, К-***он чӣ*** *бар равзани ӯ мегузарад*, дуди дил аст [Саъдии Шерозӣ. Гулистон. – Душанбе: Адиб, 2008.-- С.192-193; 202].

Вожаи "ки" яке аз калимаҳои серистеъмол ва сермаъноюсервазифаи забони тоҷикист. Агар дар забони русӣ калимаи аз ҳама серистеъмол пайвандаки пайвасти "***и***" бошад, дар забони тоҷикӣ пас аз пешояндҳои аслӣ (чунончи, пешоянди **аз** дар ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ 2272 ва **зи** 1031 – дар маҷмӯъ 3303 маротиба ба кор рафта бошад, пайвандаки тобеъкунандаи ***ки*** 2841 маротиба такрор шудааст) пайвандаки тобеъкунандаи ***ки*** низ басо пуркор аст. Вожаи **ки** дар ҷумлабандӣ ду вазифаи муҳимро адо мекунад: якум, ҳамаи навъҳои ҷумлаи пайравро ба сарҷумла тобеъ менамояд, дуюм, бо пешоянд, исм, ҷонишинҳои ишоратию таъйинӣ омада, пайвандакҳои таркибии зиёде месозад (шояд миқдори пайвандакҳои таркибӣ дар

забони имрӯзаамон бештар аз 150 бошад). Баробари эътирофи сермаъноӣ вазифаи муҳими таркибсозии пайвандаки “ки”-ро касе инкор накардааст.

Н.Бозидов навиштааст, ки “пайвандакҳои тобеъкунанда одатан дар таркиби ҷумлаи пайрав ҷой мегиранд” [3.43]. Забоншинос Д.Т.Тоҷиев иқрор аст, ки “пайвандаки тобеъкунандаи “ки” ҳам дар аввал, ҳам дар мобайн, ҳам дар охири ҷумлаи пайрав омада метавонад. Дар аввали ҷумлаи пайрав истифода шудани он бештар ба назар мерасад. Пайвандаки ***ки*** дар мобайни ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб ва шарт, ки пеш аз сарҷумла омадаанд, ҷой мегирад. Мисолҳои алоҳида нишон медиҳанд, ки ин пайвандак дар охири ҷумлаҳои пайрави замон, хилоф ва сабаб низ меояд... Баъзе аз пайвандакҳои таркибӣ ба ду ҷузъ тақсим шуда, ҷузъи якум дар аввали ҷумлаи пайрав, ҷузъи дигараш дар охири он воқеъ мегардад: ***То*** *ҷавоб дода, ҳақиқатро ба майнаи пурсанда ҷой мекунед, (?)* ***ки*** хуни ҷигар мешавед (Ф.Муҳаммадиев)” [16.39].

Касе аз забоншиносон нагуфтааст, ки ҷонишини саволӣ ҳам қобилияти пайвандакҳои таркибӣ сохтан дорад. Бесабаб нест, ки Д.Т.Тоҷиев дар таркиби пайвандакҳои *чи кадар ки, чи қадаре ки* ва амсоли инҳо пайвандаки “***чи***”-ро бо аломати заданокӣ дар шакли пурсишҷонишин (***чӣ***) нанавиштааст. Аз ин ҷост, ки дар таркибҳои *ҳар ки, ҳар чи, он ки, ҳар он ки, ҳар он чи ки* ва ғайра **чи** ва **ки** пурсишҷонишин набуда, ҳамон пайвандаки содаи **чи** ва **ки** аст ва онҳоро дар таркибҳои пайвандак **чӣ** ва **кӣ** навиштан дуруст нест.

Н.Маъсумӣ ҳам дар он намунаи ҷумлаи пайрави замон, ки пайвандаки ***ки*** дар байни ҷумлаи пайрави сабаб ва дар охири ҷумлаи пайрави замон омадааст, аломати вергулро пеш аз пайвандак гузоштааст: *Ман,* (?) ***ки*** *либосам он қадар гарм набуд*, дар рӯзи охирини ҳафтаи дарси Бухоро... ба дарс нарафтам; *Дар растаи чинифурӯшӣ ҳанӯз даҳ қадам напартофта будам,* ***ки*** (?) дидам, Қорӣ Ишкамба ба лаби суфачаи дӯкони чинифурӯш нишастааст [7.263-264]. Ҳол он ки пайвандаки ***ки*** дар дохили ҷумлаи пайрав омада бошад, пеш ё пас аз он вергул гузошта намешавад, вале дар охири ҷумлаи пайрав омада бошад, аломати вергулро пас аз он мегузоранд: *Ман* ***ки*** *либосам он қадар гарм набуд,...; Дар растаи чинифурӯшӣ ҳанӯз даҳ қадам напартофта будам* ***ки,****...*

Хулоса, мо ҳам чунин ақидаи Кумитаи забон ва истилоҳотро ҷонибдорӣ мекунем, ки вожаи “кӣ” ҷонишини саволӣ буда, “ки” ҳиссаи номустақили нутқ – пайвандаки тобеъкунанда аст [10.41]. Намуна: ...**чи** *хеле ки* дар боло ишора кардед, дар хонавода бемории Назарбоевро **чӣ** *хел* қабул мекунанд? (“Дунё”, 4.08.2011).

АДАБИЁТ

1. Атобуллоев С. Оид ба таснифи ҷумлаи пайрави мубтадо дар забони адабии тоҷик(ӣ)” // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1967.
2. Атобуллоев С. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1984. – Ҷ. 4.
3. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии тоҷик. -- Душанбе: Маориф, 1985.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик(ӣ). – Душанбе: Дониш, 1989. -- Ҷ.3.
5. Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1982. – Ҷ. 3.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. -- Душанбе: Маориф, 1984.
7. Қосимова М.Н. “Ҷумлаи мураккаби тобеи якпайрав дар “Сиёсатнома” (бо пайвандаки ***ки***) // Ганҷи сухан, Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013.
8. Қосимова М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1961.
9. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2011.
10. Набиева С. Боз дар бораи имло // Фарҳанги огмӯзгор. – 20913. № 9-10.
11. Набиев М. Забони адабии ҳозираи тоҷик(ӣ). – Душанбе: Ирфон, 2012.
12. Ниёзмуҳаммадов Б.Н. Забоншиносии тоҷик. Асарҳои мунтахаб. -- Душанбе: Дониш, 1970.
13. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис). – Душанбе: Матбуот, 2011.

14. Пейсиков Л.С. Вопросы синтаксиса персидского языка. М., 1959.
15. Рустамов Ш. ва дигарон. Забони адабии ҳозираи тоҷик. -- Душанбе: Маориф, 1984.
16. Тоҷиев Д.Т. ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик(ӣ). – Душанбе: Дониш, 1981.
17.Шафаи А.М. Сложноподчиненные предложения в современном персидском языке. Автореф. дисс. док. филол. науқ. – Баку, 1967.

О ПОДЧИНИТЕЛЬНЫХ СОЮЗАХ ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ ПОДЛЕЖАЩЕГО

Автор статьи обращает внимание на место и роль подчинительного союза в сложноподчиненных предложениях с придаточными предложениями подлежащего. Он полемизирует позицию различных таджикских ученых о месте знака запетая между главной и придаточной предложениями, а также смысловые оттенки вопросительного местоимения «кӣ?» - кто? И союза ки – что.

Ключевые слова: подчинительные союзы, придаточное предложение, главное предложение, вопросительные местоимения.

ABOUT SUBORDINATING CONJUNCTIONS SUBORDINATE CLAUSE OF THE SUBJECT

The author of article pays attention to a place and a role of a subordinating conjunction in complex sentences with subordinate clauses of a subject. It polemizes a position of various Tajik scientists about a sign place started singing between main and additional offers, and also semantic shades of an interrogative pronoun "to who? " - who? And the union who – that.

Key words: subordinating conjunctions, subordinate clause, main clause, interrogative pronouns.

Сведения об авторе: ***Камолиддинов Б.***– доктор филологических наук, профессор кафедры стилистики и литературного редактирования Таджикского национального университета. Телефон **93 507 93 70.**

ТАДЖИКСКИЕ ГЛАГОЛЫ СО ЗНАЧЕНИЕМ ВОЗВРАТНОСТИ
(через призму русского языка)

М.Б.Нагзибекова
Таджикский национальный университет

В современном русском языке возвратные глаголы представляют в целом неоднородный в плане семантики подкласс глагольной лексики, который «морфемно характеризован лишь во всей совокупности - в противопоставлении невозвратным глаголам» (А.В. Бондарко, 1976, с.34). Для выражения возвратности используется постфикс -ся. По своему происхождению постфикс -ся возвратных глаголов связан с возвратным местоимением: как известно, он возник из формы винительного падежа возвратного местоимения. Закрепление термина «возвратность» за глаголами с постфиксом -ся оправдано исторически, но не совсем соответствует современному состоянию возвратных глаголов, поскольку значение возвратности действия, обычно понимаемое как «себя», «себе», «для себя», «друг друга», во многих случаях воспринимается как дополнительный компонент лексического значения у беспрефиксальных глаголов (ручаться - ручаться за себя, запасаться - запасаться для себя, обниматься - обнимать друг друга). В префиксально-суффиксальных глаголах это значение практически нейтрализуется (рассердиться, размечтаться, прикоснуться).

В таджикском, напротив, возвратность эксплицируется только аналитическим способом (в сочетании переходного глагола с возвратным местоимением ХУД, взаимно-возвратным местоимением ҲАМДИГАР, ЯКДИГАР), вспомогательные глаголы ШУДАН, ОМАДАН, ЁФТАН, ДАРОМАДАН, ГАРДИДАН, КАШИДАН и др. также имеют возвратное значение.

На основе эквивалентов 2000 русских непереходных возвратных глаголов, образованных от переходных глаголов, пришли к выводу о том, что наиболее частотным для образования непереходных глаголов со значением возвратности в таджикском языке выступает вспомогательный глагол ШУДАН (около 70 %), реже – вспомогательные глаголы ГАРДИДАН, ХӮРДАН, ЁФТАН, КАШИДАН, ОМАДАН и др. Приведем примеры из Русско-таджикского словаря 1986 г

Парные сложноименные глаголы: переходные глаголы – непереходные глаголы со значением возвратности, так как обозначают обращенность действия к самому субъекту.

1. КАРДАН/ ШУДАН

Клонить – хам кардан
Клониться – хам шудан
Консолидировать – муттаҳид кардан
Консолидироваться – муттаҳид шудан
Лишить – маҳрум кардан
Лишиться – маҳрум шудан
Ликвидировать – нест кардан
Ликвидироваться – нест шудан
Наклонить – хам кардан
Наклониться – хам шудан
Накопить – ҷамъ кардан, захира кардан
Накопиться –ҷамъ шудан, захира шудан

3. КАРДАН – ХӮРДАН

Квасить – намак кардан
Кваситься – намак хӯрдан

4. КАРДАН, ГАРДОНДАН/ШУДАН

Легализовать – қонунӣ кардан, қонунӣ гардондан
Легализоваться – қонунӣ шудан

5. ДОДАН –ЁФТАН

Модифицировать – тағйир додан
Модифицироваться – тағйир ёфтан

6. ДОДАН /ПУРСИДАН

Консультировать – машварат (маслиҳат) додан
Консультироваться – машварат (маслиҳат) пурсидан

7. ДОДАН/КАШИДАН

Мучить – азоб (озор, азият) додан
Мучиться – азоб (озор, азият) кашидан

8. ДОДАН/ХӮРДАН

Ликвидировать -барҳам додан
Ликвидироваться -барҳам хӯрдан

9.КАРДАН/ДОДАН/ШУДАН

мирить – оштӣ кардан/додан
мириться – оштӣ шудан

10. КАРДАН/ГАРДИДАН

Наблюдать – 2. мушоҳида (муоина) кардан
Наблюдаться – 2. мушоҳида (муоина) гардидан

11. ДАРОВАРДАН/ ДАРОМАДАН

Формировать – ба шакли муайян даровардан
Формироваться – ба шакли муйан даромадан

12. ДАРОВАРДАН-ШУДАН

Монополизировать – ба монополия даровардан
Монополизироваться – монополия шудан

13. АНДОХТАН –ОМАДАН

Наладить - ба кор андохтан
Наладиться – ба кор омадан

14. АНДОХТАН/КАШИДАН

Мучить – ба ташвиш андохтан
Мучиться – ташвиш кашидан

15. БУДАН -ШУДАН

Ладить – соз будан
Ладиться – соз шудан

16. МОНДАН – ДАРОМАДАН

Наладить – 2. ба роҳ мондан
Наладиться – 2. ба роҳ даромадан

17. ГАРДОНДАН- ШУДАН/ГАРДИДАН

Обессмыслить – бемаъни (бемазмун) гардондан

Обессмыслиться – бемаъни (бемазмун) шудан/гардидан

18. ОВАРДАН (приносить, приводить) имя всегда с предлогом БА- ОМАДАН (приходить):

Активизировать– ба ҳаракат овардан (кого-л., что-л. к чему-л.); Активизироваться – ба ҳаракат омадан (самому к чему-л.).

Будоражить (взбудоражить)– ба ҳаяҷон (ба изтироб, ба шӯр) овардан; Будоражиться (взбудоражиться)– ба ҳаяҷон (ба изтироб, ба шӯр) омадан.

Взбунтовать – ба шӯр овардан; взбунтоваться – ба шӯр омадан. Взволновать – ба талотум овардан; взволноваться – ба талотум омадан. Совершать – ба вуҷуд овардан; совершаться – ба вуҷуд омадан. Собирать – ҷамъ (гирд) овардан; собираться – (гирд)ҷамъ омадан.

Категория залога в сопоставляемых языках связана с делением глаголов на переходные и непереходные. Анализ фактического материала показывает, что в сопоставляемых языках переходные и непереходные глаголы не всегда совпадают. Так, русским переходным глаголам в таджикском языке могут соответствовать непереходные глаголы с возвратным глаголам, и наоборот.

Замена таджикского переходного глагола русским непереходным возвратным глаголом: ...бо чи бахона ин байъро мегардонам? (13,19) - под каким предлогом откажусь я от покупки? (с.15) Падарам ин бинои калонро рад кард (21,112) - Отец отказался от этой большой квартиры (296). Ман хар руз шумо наберахои азизамро дуо мекунам (21,24) - Я каждый день молюсь за вас, моих милых внучат (24). Ту, албатта, ду хавлиро саришта карда наметавони(20,81) - Ты, конечно, не справишься с двумя хозяйствами? (79). Мардум уро масхара мекарданд (13,11) - Народ смеялся над ним (387); ...мехостам дуруги худро икрор кунам (13,130) - хотел признаться в своём обмане (146). ...муомилаи худро бо мардум мулохиза карда... (18,104) - задумываясь над своими отношениями с людьми... (301). Бикаи хурдиро дидани буд (16,35) - Хотел повидаться с младшей женой (37); Вай дируз Назокатро боз як бор дид (20,119) - Вчера он еще раз встретился с Назокат (112). ... худаш хам бисёр чизхоро меомузад (13,74) - сам тоже многому научится (83); …хатнависиро машк накардаам (13,200)- … не упражнялся в письме (221). Уро пазмон шудам (20,22) - Я соскучился по нему (24). Ман шумо ва Мухторро ёд кардаам (20,334) - Я очень соскучилась по вас, по Мухтару (301), Мы советуем тебе послушаться советов Махдума (233), Насихати маро гиред (17,113) - Послушайтесь моего совета (282). бо як дастам узангурро доштам (14,71) - держался рукой за стремя (52), ... миёнашро дошта, аз чой хест у (20,63) - Держась за поясницу, старик поднялся с места (62). Ман дарвозаро куфтам (14,33) - Я постучался в ворота (25), дари хар як хавлиро мекубад (21,334) - стучится в каждую калитку (302), ...молхо, гуё ки онхоро гург пеша карда бошад... (13,30) -скот, как будто за ним гнались волки ...(36).

Замена русского непереходного возвратного глагола таджикским переходным глаголом: Господских приказаний слушаюсь (5,48) - Фармонхои хучаинро ба чо меоварам (48); Дождись меня завтра ночью (4,156) - Фардо шабона маро мунтазир шав (19); Он лишился обыкновенной своей твердости (5,344) - Вай устувории оддиашро аз даст дод (381). От защитника отказался (2,344) - Химоячиро рад кардааст (381). Он научился актерству (6,14) - У санъати актериро омухта буд (20); Аксинья шла рядом, держась за стремя (11,32) - Аксиня бошад, узангуро гирифта, аз пахлуяш мерафт (41); : Потому что за меня сватался (5,216) - Чунки маро хостгори карда буд (40). Постучались в дверь (2,148) - Дарро заданд (112); Я живо оделся в студенческий сюртук (7,297) - Ман зуд сюртуки донишчуиро дар бар кардам (323). Мы поменяемся ролями (4,142) - Мо ролхоро иваз мекунем (144). ...девушка управилась с большим пылесосом (6,23) - духтарак чангкашаки калонро саришта мекард (30); ...не посчитается с нуждами населения (6, 202) - эхтиёчи ахолиро ба назар намегирад (237); Мне нужно повидаться с Весовщиковым (2,272) - Ман бояд Весовщиковро бинам (283). -Вы знаете, что я над вами смеялся (4,156) - Шумо медонед, ки ман шуморо масхара мекардам (163); ...тогда глумилась над Натальей (11,340) - он вакт Наталяро озор дода буд (443) Он молился о всех благодетелях

(7,130) - У хамаи хайрхохони худашро дуо мекард (127); -Не заботьтесь о моей душе больше, чем о своей собственной (4,81) - Гами чони маро аз гами худатон бештар нахуред (64). : Вы женитесь на княжне Лиговской? (4,112) - Шумо княздухтар Лиговскаяро ба зани мегиред? (109); Я бы на тебе женился (11,60) - Ман туро ба зани мегирифтам (77). Вы в этом не признаетесь (4,110) - Шумо инро эътироф намекунед (104); Вы признаетесь в своей вине? (2,97) - Шумо гунохатонро ба гардан мегиред? (82).

Таким образом, проанализировав таджикские возвратные конструкции через призму русского языка на материале 2000 русских возвратных глаголов из Русско-таджикского словаря, мы пришли к выводу, что наиболее продуктивными способами передачи возвратности в таджикском языке являются: а) непереходные сложноименные глаголы, являющиеся парными к сложноименным переходным глаголам (в качестве вспомогательного чаще выступает ШУДАН – около 60%); б) глаголы + возвратное местоимение ХУД; в) глаголы + взаимно-возвратное местоимение, г) сложноименные глаголы.Возвратные глаголы русского языка также могут передаваться глагольными словосочетаниями с предлогами и без них, послелогом -РО: одеваться – либос пӯшидан, умываться – сару рӯй шустан; жмуриться – чашмро нимкоф кардан; забыться – ғаму ғӯссаро фаромӯш кардан; вылупиться – аз тухм баромадан (дар бораи чӯҷа); госпитализироваться – ба госпитал хобонда шудан; виться – ба дарун бофта шудан; присмотреться – бо диққат нигоҳ кардан

ЛИТЕРАТУРА

Произведения русских писателей и их переводы

1.Горький М. Дело Артамоновых: Роман / М. Горкий -М.:Худож.лит.,1984.-110с. Горький М. Кори Артамоновхо / М. Горький - Сталинобод, 1953. - 182 с.

2.Горький М. Мать: Роман / М. Горький - М.: Книга, 1986. -410 с. Горький М. Модар. (Мутарчим Р.Хошим)/ М. Горький - Душанбе, Адиб, 403 с.

3.Короленко В.Г. Слепой музыкант: Повесть / В.Г. Короленко - М.: Дет.лит., 1983.-126с. Короленко В.Г. Мусиканавози нобино. (Тарч. Р.Хошим) / В.Г.Короленко - Душанбе: Маориф, 1978. -152 с.

4..Лермонтов М. Герой нашего времени: Роман / М. Лермонтов- М.: Сов.Россия, 1981. - 224 с. Лермонтов М. Кахрамони даврони мо (Тарч. В.Махмуд) / М. Лермонтов - Душанбе: Маориф, 1978. - 181 с.

5.Пушкин А.С. Капитанская дочка: Повесть / А.С. Пушкин - М.: Худож. лит., 1987. - 365 с. Пушкин А.С. Духтари капитан/ А.С. Пушкин - Душанбе: Маориф, 1978. -143 с.

6.Семенов Ю.С. Семнадцать мгновений весны: Роман / Ю.С. Семенов -. М.: Известия, 1984. - 315 с. Семенов Ю.С Хабдах лахзаи бахор (Тарч. Ш.Шараф) / Ю.С. Семенов - Душанбе, Ирфон. 1984. -320 с.

7.Толстой Л.Н. Детство; Отрочество, Юность: Повести / Л.Н. Толстой - М.: Дет.лит., 1973. - 352 с. Толстой Л.Н. Кудаки. Навчавони.Чавони. (Тарч. В.Махмуди) / Л.Н. Толстой - Душанбе: Ирфон, 1981. -408 с.

8.Троепольский Г.Н. Белый Бим Черное Ухо: Повесть /Г.Н. Троепольский - М.:Дет.лит., 1979. - 319 с. Троепольский Г.Н. Бими сафеди сиёхгуш. (тарч. Н.Холмухаммадов) / Г.Н. Троепольский - Душанбе: Маориф, 1983. - 216 с.

9.Шолохов М.А. Поднятая целина: Роман в 2 кн / М.А. Шолохов- М.: Худож.лит., 1989. - 701 с. Шолохов М.А. Замини корамшуда. (Тарч. Шамси Собир)/ М.А. Шолохов - Душанбе: Ирфон, 1965. - 368 с.

10.Шолохов М.А. Судьба человека: Рассказ / М.А. Шолохов - М.:Сов.Рос.,1975.-32 с. Шолохов М.А. Кисмати одам/ М.А. Шолохов - Душанбе: Ирфон, 1968.-45 с.

11.Фадеев М.А. Молодая гвардия: Роман / М.А Фадеев -М.:Худож.лит.,1983.-568с. Фадеев М.А. Гвардияи чавон / М.А Фадеев - Душанбе: Ирфон, 1965. - 610 с.

Произведения таджикских писателей и их переводы

1. Айни С. Ёддоштхо. Дар ду чилд:К.1-2 / С.Айни -Душанбе:Адиб, 1990. 352 с. Айни С. Воспоминания. (Перев. А.Розенфельд) / С.Айни - М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1960. -1087 с.
2. Айни С. Марги судхур: Повесть/ С.Айни - Душанбе:Ирфон, 1986. -160 с. Айни С. Смерть ростовщика (Перев. О.Сухаревой)/ С.Айни -М.:Худож.лит., 1965. - 166 с.
3. Икроми Ч. Духтари оташ: Роман / Ч.Икроми - Душанбе, 1983. - 528 с. Икроми Д. Дочь огня (Авториз. пер. В.Смирновой) / Д. Икроми - М.:Известия, 1965. - 456 с.

4.Мухаммадиев Ф. Куллиёт: Иборат аз панч чилд / Ф.Мухаммадиев- Душанбе:Адиб, 1990. - Чилди 1. Хикояхо. - 384 с. Мухаммадиев Ф. Повести и рассказы / Ф.Мухаммадиев - Душанбе: Адиб, 1988.-383 с.

5. Турсун С. Камони Рустам: Повесть / С.Турсун - Душанбе: Маориф, 1982. -176 с. Турсун С. Лук Рустама. - М.: Сов.писатель, 1962. - 343 с.

6.Улугзода С. Субхи чавонии мо / С.Улугзода - Сталинобод: Нашравточик, 1956. - 362с. Улугзода С. Утро нашей жизни / С.Улугзода - М.: Сов.писатель, 1962. - 343 .

НАУЧНАЯ ЛИТЕРАТУРА
1. Бондарко А, В. Принципы функциональной грамматики и вопросы аспектологии / А.В.Бондарко - М.: Эдиториал УРСС, 2003 - 208 с.
2. Грамматикаи забони адабии хозираи тоҷик. - Душанбе: Дониш. 1985. К. 1: Фонетика ва морфология.- 355 с.
4.Грамматика русского языка. - М.: Изд-во АН СССР. 1954, Т. 2, ч.1: Синтаксис. - 703 с.
5.Расторгуева В.С., Керимова А.А. Система таджикского глагола / В.С.Расторгуева, А.А.Керимова - М.: Наука. 1964. - 291 с.

ТАДЖИКСКИЕ ГЛАГОЛЫ СО ЗНАЧЕНИЕМ ВОЗВРАТНОСТИ

В статье анализируется категория возвратности в таджикском языке через призму русского языка на материале Русско-таджикского словаря и художественных произведений русских и таджикских писателей и их переводов.

Ключевые слова: таджикский язык, русский язык, возвратные глаголы, вспомогательный глагол, составное именное глаголы.

TAJIK VERB MEANING RETURNABLE

This article analyzes the repayment category in the Tajik language through the prism of Russian language material Russian-Tajik dictionary and artworks Russian and Tajik writers and their translations.

Key words: Tajik, Russian, reflexive verbs, auxiliary verb, compounded nominal predicate verbs.

Сведения об авторе: ***Нагзибекова М.Б.*** – доктор филологических наук,профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета. Телефон**: 951466877**

МУХОТАБ ҲАМЧУН ВОҲИДИ КОММУНИКАТИВӢ ВА ВОСИТАИ ОДОБИ МУОШИРАТ

М. Р. Ҷӯраева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар байни масъалаҳои ҳусни баён ва одоби муошират ба асноҳо ва воҳидҳои муроҷиат мавқеи махсус ҷудо карда мешавад.Аз як тараф, миқдори зиёди лексемаҳо мавҷуданд, ки тавассути онҳо муроҷиат сурат мегирад.Тамоми исмҳои хоси одамон (дар ҳамаи шаклҳо), тахаллусу лақабҳо, аслу насаб, номгӯйи аломатҳо, нақшҳои иҷтимоӣ ва м.и. ба сифати воҳиди муроҷиат кор фармуда мешаванд. Аз тарафи дигар, мухотаб дар нутқ ҳангоми ҷорӣ кардану идома додани алоқа бо ҳамсуҳбат воситаи маъмултарин аст: қабл аз ягон маълумотро додан, пурсидан, ба амале водор кардан муроҷиат намудан зарур аст. Сеюм, гӯянда мухотаби мувофиқро интихоб намуда, синну сол, ҷинс, мавқеъ, нақш, муносибатҳои психологӣ ва шахсии адресат, яъне шунавандаро дар ҷамъият ҳатман ба назар мегирад. Аз ин рӯ, гӯяндагон дар мавридҳои гуногун як шахсро бо мухотабҳои мухталиф ном мебаранд. Масалан: Ҷаноби Турсунзода, Шаҳриёр Каримович, устод, муаллим, Шаҳриёр-ака, Шаҳриёрҷон ва м.и.

Як хусусияти муҳим мухотабро аз дигар воҳидҳои ҳусни баён фарқ мекунонад: ягон гурӯҳи асноҳои тематикии ҳусни баён (пазироӣ, маъзарат хостан, ризояту тасдиқ ва м.и.) дар системаи сохтории воҳидҳои забон омӯхта намешавад. Мухотаб бошад, дар ин система, аз ҷумла дар наҳв мавқеи муайянро ишғол менамояд. Табиист, ки мухотабро ҳар як талабаи мактаб медонад, аммо бештар аз нуқтаи назари пунктуатсияи мураккаб дар нутқи хаттӣ, ки дар матн кадом мавқеъро ишғол намудани онро муайян менамояд. Аз ин лиҳоз, мухотабро ҳамчун воситаи муроҷиат ва воҳиди муошират ва ҳусни баён) таҳлил намудан ба мақсад мувофиқтар аст.

Мухотаб аз рӯйи вазифаи худадресатро номбар ва даъват менамояд, яъне ба ҳамсуҳбат муроҷиат намудан ба ӯ нақши адресатро ато кардан аст: - Дӯстони азиз!; - Шаҳрвандони мӯҳтарам! ва м.и. Дар корҳои забоншиносон мухотаб бештар аз нуқтаи назари наҳв таҳлил мегардад, аз нигоҳи раванди коммуникативӣ мухотаб дар

баъзе асарҳои махсус, аз ҷумла дар китоби Гольдин-1987 [2] ва пайравони ӯ [3] таҳқиқ карда мешавад.Тавре ки қайд кардем, дар системаи сохтории воҳидҳои забон мухотаб ба қисмати наҳв мансуб буда, дар он мавқеи дуюмдараҷаро ишғол менамояд. Ба таври мухтасар мухотабро аз нигоҳи наҳв таҳлил менамоем, то дар муқоиса бо он табиати коммуникативии воҳиди мазкурро баён карда тавонем.

Ҳамчун воҳиди наҳвӣ мухотаб чандон наҷиб нест, зеро он ба системаи элементҳои асосии конструктивии наҳвӣ дохил намешавад: он ҷумла нест, ибора нест ва ҳатто ба маънои умумии қабулгардида калимашакл ҳам нест [4,63]. Бо вуҷуди ин муҳаққиқон мухотабро дар қатори воҳидҳои туфайлӣ, истисноӣ, модалӣ ва м.и. ба қисмати наҳв дохил менамоянд, ки яке аз гурӯҳҳои ёрирасони воҳидҳои асосии наҳвиро ташкил медиҳад.

Мухотаб дар китобҳои дарсии наҳв низ мавқеи устуворро ишғол намудааст. Муаллифон ҳамеша хусусияти бо калимаҳои дигар алоқаи наҳвӣ надоштан ва ба интонатсияи махсус доро будани мухотабро таъкид менамоянд, гарчанде ки аксари забоншиносон онро чунин таъриф медиҳанд: «Калима ё гурӯҳи калимаҳое, ки адресати нутқро номбар менамояд, мухотаб номида мешавад».Дар Луғати чаҳорҷилдаи забони русии АФ СССР оварда мешавад: «Калима ё як қатор калимаҳое, ки тавассути онҳо шахсе номбар карда мешавад, ки ба ӯ бо нутқ мурочиат менамоянд». Аммо дар чунин маънидодкунӣ номаълум мемонад, ки чи тарз калима соҳиби интонатсияи махсус мегардад, зеро маълум аст, ки калима ҳамчун воҳиди номинативӣ интонатсия надорад. Инчунин муайян карда намешавад, ки чаро мухотаб бо дигар аъзоҳои дигари ҷумла «хоҳиш»-и пайдо намудани алоқаи наҳвиро надорад.

Ин мухолифат забоншиноси рус А.А.Шахматовро маҷбур намудааст, ки як гурӯҳи мухотабҳоро ҷумла номад. Назар ба ақидаи Шахматов, ҷалб намудани диққати адресат бо сарбории тобишҳои иловагии семантикии шодию хурсандӣ, ҳайрату тааҷҷуб, маломату сарзаниш, огоҳкунию эҳтиёт кунонидан ва м.и. (ба мисли Э-э, ако! ба маънои «Чаро инро гуфтед! Ё Ин тавр нагӯйед!) барои ба вуҷуд омадани ҷумлаи соддаи яктаркиба мусоидат менамояд.

Минбаъд ин ақидаро мутахассисони дигари наҳв низ тасдиқ намуда, инкишоф додаанд. Дар забоншиносии тоҷик таърифи нисбатан мукаммали мухотаб дар «Наҳви забони тоҷикӣ»-и профессор Б. Камолиддинов оварда шудааст, ки дар муқоиса бо маълумоти дигари қаблии китобҳои дарсӣ ва асарҳои илмӣ табиати ин воҳиди наҳвиро васеътар инъикос менамояд: «Мухотаб калимаи арабӣ буда, маъноияш шахси мурочиатшуда ё хитобшуда аст. Гӯянда одатан бо ягон мақсад (пурсиш, амр, хоҳиш, танбеҳ, сарзаниш, ифодаи меҳру садоқат, миннатдорӣ ва ҳиссиёти гуногун) ба мусоҳиб (ва шахси ғоиб) бо ном, насаб, тахаллус, лақаб, калимаҳои ифодакунандаи муносибатҳои хешутаборӣ, ёру дӯст, рафоқат, мансаб, касб, унвон, рутба ва ғайра мурочиат ё хитоб мекунад. Мухотаб бо калима ё ибораҳое, ки шахс ва сифатҳои неку бади ӯро ифода мекунанд, бо нидоҳои мурочиат ва даъват ё бидуни онҳо ифода меёбад». Бо вуҷуди ин чандон фаҳмо нест, ки чи тарз сарбориҳои иловагии маъно (ё ба ибораи дигар, маъноҳои иловагии интенсиалӣ (лот. Intentio - «майл, шавқу рағбат» — самти диққати идроку тафаккур ба ягон ашё) воҳиди як сатҳро ба сатҳи дигари забон интиқол медиҳанд. Инчунин маълум нест, ки чаро интенсияи ҷеғ задан, даъват кардан, ҷалб намудани диққати ҳамсуҳбат (яъне маъно ва мазмуни ҳама гуна мурочиат) аз ҷиҳати семантикӣ назар ба интенсияи маломату сарзаниш ва шавқу завқ ва м.и. сабукбортар аст.

Ҳамин тариқ, аз мавқеи грамматика таҳлил намудани мухотаб имконияти пурраи ҳалли масъаларо дода наметавонад. Ба ақидаи Н.И.Формановская, аз нуқтаи

назари коммуникативӣ дида баромадани табиати мухотаб ба бисёр масъалаҳо равшанӣ меандозад.

Азбаски мухотаб бевосита ба ҷараёни муошират, ба ҳодисаи коммуникативӣ дохил мешавад, пас он амали нутқ аст, ки бо ин хусусияташ аз калимаҳои дигари ҷумла фарқ карда, соҳиби интенсия будани он исбот мегардад. Интенсияи гуфтори гӯянда ҳамчун сабабу мақсади амали нутқ – даъват, ҷалб кардани таваҷҷӯҳи шунаванда барои оғоз намудани муошират мебошад. Қобили зикр аст, ки мухотаб ҳамчун воситаи коммуникативӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад.

Мухотаб ба доираи васеи одоби муошират мансуб аст, зеро бо ёрии чунин воҳиди забон бо ҳамсуҳбат алоқаи нутқи ҷорӣ ва давом карда мешавад, моҳияти асно (ситуатсия)-и муошират ба таври умумӣ ва нақшу мавқеи ҳамсуҳбатон, инчунин муносибатҳои иҷтимоӣ ва шахсии онҳо ба танзим дароварда мешавад.

Аснои нутқе, ки дар он муошират, аз ҷумла муроҷиат ҳамчун амали нутқ сурат мегирад, бо табиӣ будани муоширати ҳамсуҳбатон - «ман» ва «ту» («шумо»), ҳамин ҷо», «ҳозир» муайян мегардад. Координатҳои (мутобиқат)-и прагматикии «ман – ту - ҳамин ҷо - ҳозир» моҳияти грамматикӣ ва семантикии одоби муоширатро муайян менамояд ва дар воҳидҳои он ё ба таври ошкоро (Шуморо хайра мақдам мегӯям. Ташаккур ба Шумо. Шуморо табрик мекунем), ё ба таври ниҳонӣ (Салом. Ташаккур. Раҳмат) инъикос мегардад. Аз ин нуқтаи назар, ҳар як воҳиди ҳусни баён нишондиҳандаҳои ошкоро ва ё ниҳонии модалияти воқеӣ (ё имкониятҳои он), вақти воқеии актуалии лаҳзаи нутқ (ё имкониятҳои он) ва мақсади шахси аввал (гӯянда)-ро ба шахси дуюм (адресат) дар бар мегирад. Дар ин муносибат мухотаб истисно нест.

Дар сохтори семантикии мухотаб чунин ҷузъҳои аснои коммуникативӣ мавҷуданд: адресат (шунаванда) ҳамчун объекти ҷалби таваҷҷӯҳ ва адресант ҳамчун объекти чунин амал, мавзӯъ ҳамчун зарурати ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҳамсуҳбат ва мақсади бо он алоқаманд – ба роҳ мондани алоқа бо тобиши интихобшудаи оҳанг, инчунин «мавзӯи ҳодиса». Чунин «мавзӯъ», пеш аз ҳама, тавассути маънои калимаи асосӣ (гипероним) дар қатори синонимӣ ё тематикӣ маълуму ошкор мегардад. Дар луғатҳои тафсирӣ, аз ҷумла Фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи мухотаб ба воситаи феъли хитоб кардан тафсир дода мешавад: касе, ки ба ӯ хитоб мекунанд, касе, ки сухан ба вай нигаронида шудааст, шунаванда, хитобшаванда.

Тафсири луғатҳоро дақиқтар ифода намоем, барои суханони худро ба касе нигаронидан, равона намудан, ӯро ҷеғ задан, яъне нисбати ӯ номеро гирифтан лозим аст, ки ба мавқеи иҷтимоӣ ва нақши адресат бештар мувофиқат намояд. Барои муроҷиат ба шахси ношинос интихоби мухотаб тахминӣ сурат мегирад, барои шахси шинос бошад,дар шароити муайяни муошират аз силсилаи синонимӣ (тематикӣ) мухотабҳои нисбатан маъмулу мувофиқ интихоб мегарданд. Тибқи сабаб ва мақсади муроҷиат адресатро на танҳо номгузорӣ кардан лозим аст, балки дар баробари ин ӯро ҷеғ задан, яъне бо овоз, имову ишора наздик омадан, ҷавоб додан, даъват кардан зарур мебошад. Агар ном аз сабаби номуайянӣ ё умумияти зиёди нишонаҳои иҷтимоии адресат, ё аз сабаби дар забон ё муқаррарот набудани номи мувофиқ ва ё набудани зарурат (ё хоҳиш)–и дар мавриди муайяни нутқ истифода бурдани ҳамин гуна ном интихоб нагардида бошад, воҳидҳои ҷалб намудани таваҷҷӯҳ, ба мисли *Маъзарат мехоҳам…, Бубахшед…, Мебахшед…, Бахшиш*, ки аз ҷиҳати функсионалӣ боасоси номинативӣ баробаранд, ба кор бурда мешаванд. Дар баъзе мавридҳо интенсияи мухотаб ошкоро ифода меёбад (масалан, дар нутқи низомиён): Иҷозат диҳед, *муроҷиат намоям*!

Структураи моҳияти мухотабро дар шакли зерин тасаввур намудан қобили қабул аст: ман – туро (Шуморо) – ҳамин ҷо – ҳозир – бо сабабу мақсади муайян –

барои пайдо кардани алоқа – бо тобиши оҳанги интихобшуда (мувофиқ ба шароит, нақшҳои иҷтимоӣ, муносибатҳо ва м.и.) ҷеғ мезанам.

Ба мисли ҳамин фарз кардем, мухотаби Муродҷон! баробар бо «ман, ҳамин ҷо, ҳозир, туро шахси мушаххас, шинос ва ниҳоят наздикро, дар шароити ғайрирасмӣ бо нияти муошират минбаъда дар фазои дӯстонаном бурда, ҷеғ мезанам» аст; мухотаби Муродулло Нозимович! ба «ман, ҳамин ҷо, ҳозир, шуморо шахси мушаххас, шинос, вале шояд чандон наздик не, шахси соҳибэҳтиромро, шояд нисбатан калонсолтарро ва эҳтимол дар вазъияти расмӣ бо нияти муошират минбаъда дар фазои хушмуомилагӣ ном бурда, ҷеғ мезанам» баробар аст.

Дар бобати таҳлили назариявии мухотаб ҳамчун воҳиди забонӣ ва коммуникативӣ саҳми забоншиноси рус В.Е.Гольдин (1987) ва пайравони ӯ хеле бузург аст. Муаллиф, пеш аз ҳама, категорияи глобалии алоқаи нутқӣ ва зеркатегорияҳо – самти нутқ ва танзими муносибатҳои коммуникативиро ҷудо менамояд. Ҳар се категорияи ҷудокардашуда ба таври умумӣ ба ҳусни баён ва одоби муошират хосанд, вале дар муроҷиат, яъне дар мухотаб барҷастатар ифода меёбанд. Муҳаққиқ самти нутқро дар муроҷиат муайян мекунад, ки асосан тавассути мухотаб таъмин мегардад. Муаллиф таркиби лексемаҳоеро, ки ба сифати мухотаб истифода шуда метавонанд, таҳқиқ намуда, онҳоро ба ду гурӯҳи мухталиф ҷудо мекунад. Гурӯҳи аввалро лексемаҳое ташкил медиҳанд, ки танҳо ба сифати мухотаб корбаст мегарданд ва ягон хислати мушаххаси одамро ифода намекунанд. Барои мисол муаллиф калимаҳои аз қабили браток, дружище, товарищ, старина –ро меорад ва корбасти онҳоро дар ҷумлаҳои хабарӣ имконнопазир мешуморад (Браток вошел в автобус. Дружище работает шофером. Ба саволи – Кто пришел? – Голубчик ва ё Мужик! Гуфтан ноҷоиз аст). Ба ақидаи муаллиф ин воҳидҳои луғавӣ мухотабҳои махсусгардонидашуда мебошанд. Бо ёрии ин гуна мухотабҳо диққати одамони гуногунро ҷалб намудан мумкинаст, онҳо ба ягон хусусияти иҷтимоии адресат (шунаванда) ишора намекунанд, аммо тобиши оҳанги муоширатро, одатан, оҳанги озоду бетакаллуфона, дӯстона ва ҳатто бебоконаро фароҳам меоранд. Ин гуна мухотабҳоро В.Е.Гольдин регулятив меномад, зеро бо ёрии онҳо гӯянда ҷараёни муоширатро ба услуби муайян дароварда, ин ё он нақшро танзим намуда,ба он фаъолона таъсир мерасонад. Дар забони тоҷикӣ низ чунин калимаҳоро (ҷӯраҷон, ошноҷон, бародар) дучор шудан мумкин аст, ки маъмулан, тобиши оҳанги озоду бетакллуф ва ё дӯстонаро ифода менамоянд.

Маълум аст, ки фазои дӯстона ва муҳити оилавӣ ба корбасти чунин мухотабҳо бештар мусоид аст. Азбаски мухотабҳои амсоли духтаракам, писаракам, бачаҷонам, барраякам, дӯстам, падарҷон, модарҷон ё очаҷон (ба модар не), бародар, додарҷон, хоҳарҷон (ба хоҳару додар не), холаҷон, асалакам, ширинакам, азизакам ва м.и. танҳо бо ҳамин нақш маҳдуд мешаванд. В.Е.Гольдин чунин воҳидҳоро регулятивҳои махсус-гардонидашуда номидааст, зеро онҳо муносибати байниҳамдигарии муошираткунандагонро идора ва танзим менамоянд (русӣ-регулировать –танзим кардан).

Гурӯҳи дигари мухотабҳоро В.Е.Гольдин мухотабҳои ғайримахсус номида, ба онҳо нақши элементҳои муайянкунандаи матнро ҷудо мекунад. Ин мухотабҳо дар асоси миқдори зиёди номҳои хешутаборӣ, исмҳои хос, исмҳои касбу кор, унвон, мақому мартаба ва ғ. сохта мешаванд. Дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати миқдор ва дараҷаи истеъмол ин гурӯҳи мухотабҳо нисбатан сершумортар аст, ки дар забони барандагони намоишҳои телевизионҳо бисёр дучор мешавем. Чунончи,

1. Ногуфта намонад, ки мо тӯли як ҳафта кӯшиш намудем, ки барои шумо, *бинандагони гиромӣ,* бахшҳои рангобаранг ва нав ба навро омода созем [ТВ «Баҳористон» 8.09.2013]

2. Акнун, *дӯстони азиз*, барномаи «Як соат»-ро бо бахши «Як лавҳа оғоз мекунем [ТВ «Баҳористон» 8.09.2013]

3. *Гулноз*, мебинам, ки пойтахти мо – шаҳри Душанбе рӯз то рӯз зебо шуда истодааст [ТВ «Баҳористон» 8.09.2013]

Мухотабро инчунин вобаста ба ҷой ва мавқеъ таҳлил намудан ба мақсад мувофиқ аст, ба ибораи дигар, оё он нисбати матн озод аст ё не? Мухотаби озод вазифаи алоқапайдокуниро адо намуда, вазифаи даъваткуниро мубрам мегардонад, яъне чунин мухотабҳо барои оғози ҷараёни нутқ заруранд. Мухотабҳои ғайриозод (интерпозитивӣ ва постпозитивӣ), табиист, ки вазифаи диққатҷалбкуниро адо намекунанд, зеро таваҷҷӯҳи ҳамсуҳбат аллакай ҷалб гардидааст ва суҳбат идома дорад. Фарз кардем, дар мисоли «Ассалому алайкум, устоди меҳрубон!» Дар ин маврид алоқа тавассути воҳиди пазироӣ – *ассалому алайкум* ҷорӣ гашта, мухотаб бошад, вазифаи дигари муҳими муоширатро, яъне муқаррар намудани адресатро иҷро менамояд, ҳамзамон ба гуфтор як наъ тобиши хушмуомилагиву нармгуйиро мебахшад. Дар матни нисбатан давомдор такроран ба кор бурдани мухотаб маънои онро дорад, ки гӯянда нисбати ҳамсуҳбати худ ҳоло ҳам таваҷҷӯҳ дорад, суханони ӯро хуб дарк мекунад ва ба гуфтори ӯ мароқ дорад: Ман ҳам бо Шумо ҳамфикрам, Наимҷон, агар ғайрат кунем, тез ба мақсад мерасем.

Ҳамин тариқ, мухотаб яке аз воҳидҳои наҳвӣ буда, дар сохтори воҳидҳои забон мавқеи махсусро ишғол менамояд ва табиати коммуникативии он дар ҳалли бисёр масъалаҳои одоби муошират ва ҳусни баён кӯмак карда метавонад.

АДАБИЁТ

1. Винокур Т.Г. Говорящий и слушающий. Варианты речевого поведения. Москва 1993
2. Гольдин В.Е. Обращение: теоретические проблемы. Саратов, 1987
3. Камолиддинов Б. Наҳви забони тоҷикӣ. Душанбе, 2010
4. Формановская Н.И. Речевое взаимодействие: коммуникация и прагматика. Москва, 2007
5. Формановская Н.И. Речевой этикет в русском общении. Москва, 2009

ОБРАЩЕНИЕ КАК КОММУНИКАТИВНАЯ ЕДИНИЦА И СПОСОБ ОБЩЕНИЯ

В речевом этикете единицам обращения принадлежит особое место. Это огромное множество лексем, на базе которых строится обращение: все собственные имена людей (во всех формах), прозвища и клички, номинации родства, названия социальных ролей и т.п. Обращение чрезвычайно часто используется в речи при установлении и поддержании контакта с собеседником: прежде чем что-либо сообщить, спросить, побудить к чему-либо необходимо обратиться. В семантической структуре обращений есть такие компоненты коммуникативной ситуации: адресат как объект привлечения внимания и адресант как субъект такого действия, мотив как необходимость привлечь внимание собеседника и связанная с этим цель – установление контакта в избранной тональности, а так же тема события. Такая тема раскрывается прежде всего через значение ведущего слова, то есть обращения.

Ключевые слова: обращение, речевой этикет, этикет, регулятив, интенция, коммуникативные взаимоотношения

ADDRESSING AS A COMMUNICATIVE UNIT AND THE WAY OF COMMUNICATION

Communicative units have the special place in speech etiquette. It’s a huge set of lexemes on which bases the addressing constructs: all own names of people (in all forms), nicknames, the nominations of relationship, the name of social roles, etc. The addressing extremely often uses in speech in the process of making and supporting the contact with the interlocutor: before report something, asking or inducing to something it is necessary to address. There are such components of a communicative situation in semantic structure of addressing: the addressee as the object of attention attracting and the sender as the subject of such action, the motive as a need to attract attention of the interlocutor and the purpose concerned it – contact making in chosen tonality and also an event subject. Such theme first of all reveals itself through the meaning of leading word, that is the addressing.

Key words: addressing, speech etiquette**,** etiquette, appeal, intension, communicative interrelations

Сведения об авторе: ***Джураева М.Р.*** **-** докторант кафедры стилистики и литературного редактирования Таджикского национального университета

СИНОНИМҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ РОМАНИ «ҒУЛОМОН»-И С. АЙНӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО ДАР ТАРҶУМАИ РУСӢ

М.М.Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар назарияи тарҷума дар қатори дигар масъалаҳои муҳим ифодаи воҳидҳои фразеологӣ (ВФ) дар забони тарҷима низ ҷой дорад. Назариядонони тарҷума барои ифодаи ВФ усулҳои гуногунро таҳия намудаанд. Ин усулҳоро ҳар як тарҷимон вобаста ба талаботи матн интихоб ва истифода менамояд. Аз ҷумла, яке аз назарияҳои маъруф, ки ба забоншиносони рус С. Флорин ва С. Влахов мансуб аст, ба ду роҳи тарҷумаи ВФ асос ёфтааст: фразеологӣ ва ғайрифразеологӣ. Усули фразеологии тарҷума бо ВФ забони тарҷума ифода кардани ВФ матни асл. Ин усули беҳтарин буда, як андоза бадеияти матни аслро нигоҳ медорад. Аммо баъзан масолеҳи тайёри забони дигар ба мазмуни матн созгор намеояд, ё ин ки барои ифодаи маънои ВФ матни асл ҳамин гуна воҳид дар забони тарҷума вуҷуд надорад. Дар ин мавриди ба усулҳои ғайрифразеологӣ рӯ оварда мешавад. Усулҳои ғайрифразеологӣ бо воҳидҳои луғавӣ ифода кардани ВФ матни аслро дар назар дорад. Албатта, воҳидҳои луғавӣ мазмунро ба дараҷаи ВФ образнок ва ҷаззоб ифода карда наметавонанд, онҳо маъноро хушку холӣ ифода менамоянд, аммо нисбат ба фурӯгузор кардани он воҳид беҳтар аст[1.1, 180-196].

Ғайр аз ин, баъзан талабот ва матлаби матни асл водор менамояд, ки тарҷумон ба роҳу усулҳои дигар, ки мувофиқтар аст, рӯй оварад. Барои исботи ин гуфтаҳо мо романи «Ғуломон»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи онро, ки ба С. Бородин мансуб аст, мавриди таҳлил қарор додем.

Устод Айнӣ муродифоти фразеологиро ба таври ҷудогона, яъне дар мисолҳои гуногун бо мақсади гурез аз такрори ноҷо ва пайиҳам, бо мақсадҳои гуногуни услубӣ истифода мебарад. Ғайр аз ин дар таркиби як қисм муродифоти фразеологӣ муродифоти луғавӣ ҷой доранд, қисми дигар аз нигоҳи таркиб гуногунанд. Ана ҳамин ҷиҳат кори тарҷумонро як андоза мушкил мегардонад, зеро шояд ин тарзи кор фармудани ВФ дар забони русӣ роиҷ набошад.

Пайиҳам овардани ВФ ҳаммаъно бо мақсади дақиқ ва таъсирбахш ифода кардани ҳолати рӯҳии инсон дар мисоли зерин мушоҳида мешавад:

Вақте ки садои суруд бозмеистод, нолаи найи чӯпонӣ мувофиқи зарби ҳамин суруд бо як тарзи ҳазинона баланд шуда ***дилҳоро мехарошид,_ҷигарҳоро об мекард*** *ва баданҳоро меларзонид* [2.1, 130].[1]

ВФ *дили касеро харошидан* ва *ҷигари касеро об кардан* бо тобиши маънои сахт мутаассир шудан, дилхун гардидан муродиф шудаанд ва нависанда низ ҳамин маъниро таъкид кардааст. *Ҷигари касеро об кардан* маънои касеро азоб додан, сӯзондан, дилхун карданро дорад (1.10, 636). Асли ВФ *ҷигари касеро хун кардан* буда, нависанда варианти онро бо тақозои матн ба вуҷуд овардааст. *Дили касеро харошидан* ба маънои касеро ба ҳаяҷон овардан, касеро сахт мутаассир кардан далолат менамояд [1.9, 393]. Ин ВФ серистеъмол буда, дар забони гуфтугӯ дар шакли *дилу ҷигарамро об кард (обу адо кард, хӯрд, хун кард)* дучор меояд. Дар услуби бадеӣ, публисистӣ ва муошират кор фармуда мешавад. Ҳам дар адабиёти классикӣ ва ҳам муосир маъруф аст. Ин мисол дар тарҷума чунин шакл гирифтааст:

[1] Рақами 2.1 ишора ба матни асл ва 2.2 ба матни тарҷума аст.

*Когда прерывалась песня, нежно и грустно её повторяла дудочка, словно где-то далеко-далеко откликался женский голос, повторяя слова песни. Печаль сжала сердце Гульсум [*2.2, 97].

Тарҷумон ба мазмуни матн сарфаҳм рафта, онро саҳеҳ ифода кардааст, аммо қисмати *словно где-то далеко-далеко откликался женский голос, повторяя слова песни* дар мисоли боло нест. Калимаи *нежно*ро, ки дар матни асл вуҷуд надорад, шояд дар такя ба овози маҳини най гуфта бошад. Мутаассифона, ВФ аз тарҷума қисмати *мувофиқи зарби ҳамин суруд бо як тарзи ҳазинона баланд шуда дилҳоро мехарошид, ҷигарҳоро об мекард ва баданҳоро меларзонид* фурӯгузор шудааст. *Дили касеро мехарошид* ва *ҷигарҳоро об мекард* бо ВФ-ии *сердце кровью обливается, сердце разрывается на части* [1.2, 75-76] иваз кардан имкон дошт. Агар тарҷумон ҷумлаи матни аслро ба ду ҷумлаи сода баргардонида тарҷума мекард, фурӯгузор кардани ягон воҳиди матни асл лозим намеомад, ба таври: *Когда прерывалась песня, под ритмом этой песни раздавалась грустный стон дудочки. Услышав её, сердце обливалось кровью (сердце разрывалось на части).*

Нависанда аз забони персонаж ба амали одамон баҳо медиҳад ва бо усули монандкунӣ ду ВФ ташбеҳиро кор мефармояд. Инчунин бо ибораи озод (*фоидаи хаёлӣ*), ки моҳияти ВФ-ро дар бар мегирад, онро ҷамъбаст мекунад:

Хулоса, ҳосили кори гуломони ҷавон фоидаи нақд аст, аммо гулом ва канизони хоназод рӯёндан аз инҳо бошад, ***тушбераро хом шумурдан*** *ва ё ин ки* ***чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан*** *барин як* ***фоидаи хаёлист*** [2.1, 115].

Чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан дар равиши мақоли *чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд* шакл гирифта, дар мисоли боло он бо ВФ *тушбераро хом шумурдан* муносибати муродифӣ пайдо кардааст. *Чӯҷаро дар вақти сихпариаш ба ҳисоб гирифтан* дар бораи нағзию бадии кор баъд аз итмом, ҷамъбасти он гап задан лозим будanро мефаҳмонад [1.10, 422]. *Тушбераро хом шумурдан* чунин маъноҳоро ифода мекунад: 1. ба қадру қимат, ба қувваю тавоноии касе ё чизе баҳои дуруст надодан, 2. кореро саҳл шумурдан, 3. ҳисоби хом кардан, бемулоҳизагӣ кардан (1.10, 209). Ҳар ду ВФ ба мисли зарбулмасалу мақолҳо дар мавридҳои муайяни зиндагӣ кор фармуда шуда, хоси услуби бадеӣ, публисистӣ ва муошират мебошанд. Бештар дар адабиёти муосир дучор меоянд. Чӣ тавр инъикос гардидани ин тарзи истифодаи ВФ-ро муайян карда натавонистем, зеро он аз матни тарҷума фурӯгузор шудааст.

Калимаи тоҷикии *хушк* ва туркии *қоқ* (ҳар ду муқобили *тар*; ба маънои *хушк,* маҷозан *бефоида, беҳосил, беасос*) дар таркиби ВФ омада, барои таъкиди матлаб хизмат кардаанд:

- *Як* ***ҷанҷоли хушк****,* як ***даъвои нони қоқ****! – мулозим ҷавоб дод.*

- *Чаро* ***ҷанҷоли хушк*** *ва* ***даъвои нони қоқ*** *будааст, як ҷанҷоли панҷоҳтиллоист …[*2.1, 83].

Ҷанҷоли хушк дар қолаби ибораҳои *ваъдаи хушк, сухани хушк* ташаккул ёфта, варианти онҳо ҳисоб мешавад ва ба кори беасос, бефоида далолат менамояд. *Даъвои нони қоқ* ба маънои иддаое, ки асоси ночизе дорад, далолат менамояд [1.4, 355]. Ибораи аввал серистеъмол буда, дуюмӣ мансуби адабиёти бадеист. Агар дар адабиёти гузаштаамон ибораи *ваъдаи хушк* бештар дучор ояд*, сухани хушк, ҷанҷоли хушк* дар адабиёти муосир мавриди истеъмол қарор доранд. Ибораи *даъвои нони қоқ*ро гузаштагонамон ҳам истифода мебурдаанд. Чунончи:

Гарчи тамаъ буридаам, ошиқи ранҷидаам,

Муфт чӣ гуна бигзарам ***даъвии нони қоқро*** *(Савдо)[*1.4, 355].

Дар забони тоҷикӣ ибораҳои озоди наҳвие вуҷуд доранд, ки аз нигоҳи таркиби овозӣ бо ВФ баробар меоянд, ба монанди *барги сабз* (мансуб ба дарахт) ва *барги сабз* (туҳфаи ночиз, раҳовард)*, сар бардоштан* (боло кардани сар) ва *сар бардоштан* (исён

кардан), *хонаи касе сӯхт* (оташ гирифтани хонаи касе) ва *хонаи касе сӯхт* (ба мусибат дучор шудани касе), *ба сари касе об рехтан* (сари касеро тар кардан, шустан) ва *ба сари касе об рехтан* (ба мусибат дучор шудан, нобуд гардидани касе) монанди ин. Ба маънои аслӣ ибораҳои озод, ба маънои маҷозӣ ВФ далолат мекунанд. Ана дар ҳамин гуна ҳолатҳо кори тарҷимон мушкил мегардад ва хавфи ғалат баргардонидани матн низ ба миён меояд. Чунин ҳолат ҳангоми баргардонидани силсилаи муродифҳои фразеологии *ҷанҷоли хушк* (варианти он - *сухани хушку холӣ*), *даъвои нони қоқ, тап-тапи зағома* рӯй додааст:

Тарҷима:

- ***Пустой.*** *Из-за* ***куска чёрствого хлеба****! – ответил чиновник.*

- *Нет, не из-за* ***чёрствого хлеба****, а из-за пятидесяти золотых [*2.2, 63].

Аз мазмуни матни тарҷума чунин бармеояд, ки касе аз гуруснагӣ барои як бурида нони қоқ ҷанҷол бардоштааст. Хонандае, ки забони тоҷикиро намедонад, онро ҳамин тавр қабул мекунад. Ҳол он ки мақсади матни асл таъкид кардани ҷанҷоли беҳуда ва беасос аст. *Ҷанҷоли хушк*ро тарҷимон бо як калима – *пустой* баргардонидааст. *Пустой* 1. холӣ, тиҳӣ; 2. маҷ. сабук, бемаза; 3. беҳуда, пуч, бемаънӣ, бемаза; 4. маҷ. гапи беҳуда, сафсата (1.3, 910)-ро ифода мекунад. Аз ин тобишҳои маъно сеюмаш ба матни асл мувофиқ аст. Агар андаке шаклашро тағйир медод, мурод ҳосил мешуд. Ба ҷойи *пустой – в пустую* мегуфт, саҳеҳтар мебуд.

Маънои ибораи дуюмро дуруст дарк накардааст. Ба ҷойи калимаи *даъво* - *кусок*, яъне пора, буридаро кор фармудааст. Агар ифодаи *кусок чёрствого хлеба*ро ба тоҷикӣ баргардонем, *буридаи нони обаш гурехтагӣ* мешавад. Аз ҳамин ҷо сифати тарҷимаи ВФ маълум шуда меистад. *Даъвои нони қоқ* дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» *необоснованные претензии* баргардонида шудааст [1.8, 194]. Беҳтар мебуд, агар тарҷумон мазмуни ибораро ба матни тарҷума мегузаронид.

Шабеҳи мисоли боло дар порчаи зерин низ ду ВФ *сухани хушку холӣ* ва *тап-тапи зағома* бо тобиши маънои сухани беасос ва кори бефоида пайиҳам кор фармуда шудаанд:

Дуруст аст, ки ин ҳоло ин як ***сухани хушку холӣ*** *аст,* ***як тап-тапи зағома*** *аст* [2.1, 198].

Хушку холӣ аслан муродифи ҷуфт буда, барои пурра ифода кардани маъно истифода мешавад. Дар таркиби ВФ *сухани хушку холӣ* маънои ибораро тақвият додааст. *Сухани хушку холӣ* ба сухани беасос [1.10, 126] далолат мекунад ва хоси адабиёти муосир аст. Гузаштагонамон ин маъниро бо ибораи *сухани даҳлезӣ* (киноя аз сухани беҳуда, гапи беасос) ифода мекардаанд:

*Гуфт****: Даҳлезист илло ин сухан,***

Пеши шаҳ хок аст ин зарри куҳан (Румӣ) [1.4, 282].

Ин ибора дорои обуранги ҳиссии манфӣ буда, дар нутқи гуфтугӯйӣ дар қолаби *гапи хушку холӣ* серистеъмол аст.

Тап-тапи зағома дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» чунин шарҳ дорад: 1. ҳаракати на чандон ҷолиби диққат, ҳаракати назарногир; 2. дӯғи пӯстакӣ, дӯғу пӯписаи хушку холӣ [1.10, 168]. Дар мисоли боло ба маънои дуюмаш омада, ВФ аввалро тақвият бахшидааст. Доираи истеъмоли маҳдуд ва обуранги ҳиссии манфӣ дорад. Тарҷумаи ин мисол нисбатан саҳеҳтар аст:

Всё это ***пустые слова*** [2.2, 147].

Дар тарҷума ВФ *сухани хушку холӣ* бо муодилаш иваз шуда, матлабро ифода кардааст, аммо ВФ *тап-тапи зағома* ихтисор гардидааст, ҳол он ки онро бо ВФ *пустой звук* ифода кардан мумкин буд ва матни тарҷума чунин шакл мегирифт: *Конечно, это всё пустые слова, пустой звук.*

Аз ин ҷо аён мегардад, ки муродифоти фразеологӣ бо вуҷуди он ки як маънои умумии ба ҳам наздикро ифода мекунанд, дар матн якдигарро иваз карда наметавонанд.

Дар мисоли зерин вожаҳои арабии *димоғ* ва *кайф* муродифҳои наздикмаъно бошанд ҳам, дар дохили ВФ *димоғи касе чоқ шуд* ва *кайфи касе боло гирифт*, ки пайиҳам омадаанд, ҳолати шодмонии беинтиҳои шахсро пурра ифода кардаанд:

Гулсум … ***димоғаш чоқ шуда кайфаш боло гирифта буд*** [2.1, 141].

ВФ *димоғи касе чоқ шуд* бо маънои хуш гардидани табъи касе хоси забони гуфтугӯйист, аммо дар услубҳои бадеӣ ва публисистӣ низ дучор меояд. Обуранги ҳиссии мусбат дошта, дар ҳама маҳалҳо як хел дарк ва истифода мегардад. *Кайфи касе боло гирифт* сахт маст шудан; ба авҷ расидани хурсандию димоғчоқиро [1.6, 578] ифода мекунад. Аксар дар адабиёти бадеӣ ва публисистӣ кор фармуда мешавад. Дар нутқи гуфтугӯйӣ дар шакли кайфи касе омадан ба ҳамин маънӣ роиҷ аст. Вобаста ба талаботи матн ин ибора метавонад ҳам обуранги ҳиссии манфӣ ва ҳам мусбат касб намояд. Агар муроди гӯянда маънои ибтидоии ибора бошад, пас, он обуранги ҳиссии манфиро дорад, зеро мастиву сархушӣ ба некӣ намеанҷомад. Дар мисоли боло, ки хурсандии шахсро ифода кардааст, бешак, обуранги ҳиссии мусбатро дорост. Ҳамин обуранг дар тарҷума низ мушоҳида мешавад, аммо он қадар саҳеҳ не:

Обрадованная и взволнованная *(?) Гульсум потянулась* [2.2, 104].

Обрадованная хурсандшуда, хушнудшуда; хурсанд, шод, хушҳол, хушнуд (1.3, 602) буда, ВФ-ии матни аслро ифода карда метавонад, аммо *взволнованная*, ки маъноҳои ба ҳаяҷон овардашуда, ошуфташуда, пурҳаяҷон, пуризтироб, мушавваш, ошуфтаро фаро мегирад, ба ҷумлаи боло ҳеҷ муносибат надорад ва ВФ *кайфи касе боло гирифт*ро иваз карда наметавонад.

Ба маънои хурсанд ва хушҳол гардидан ВФ *табиати касе кушода шуд* низ далолат кардааст:

… б*о намудор шудани комсомолон ва пионерон …* ***табиати хитшудаи ӯ кушода шуд*** [2.1., 510].

Қолаби аслии ибора *табъи касе кушода шуд* буда, калимаи *табиат* (сиришт, ниҳод; одат, хӯ [1.5, 294]) ва *табъ* (сиришт, хӯ, табиат, мизоҷ [1.5, 296]) ҳаммаъноянд. Калимаи *табиат* маҷозан маънои кайфият, ҳолат, димоғро ифода кардааст, вагарна дар шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ин тобиши маънои он ишора намешавад. [1.5, 294]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ифодаҳои *табиати касе гирифт кардан* димоғсӯхта шудани касе, хафа будани касе; *табиати шӯх* маҷозан зиндадилӣ, кушодарӯйӣ [1.7, 288] ҷой дода шудааст. Дар қатори ВФ «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и М. Фозилов на *табиати касе кушода шуд,* балки *табъи касе кушода шуд* ба маънои шод, хурсанд, фараҳманд гардидани касе, чоқ шудани димоғи касе [1.10, 139] вуҷуд дорад. Устод Айнӣ ба таркиби ибора калимаи *хитшуда*ро (ба маънои батамом хира шудани табъи касе) дохил карда, тағйирёбии ҳолати шахсро таъкид намудааст. *Табиати касе кушода шуд* камистеъмол (шояд танҳо хоси услуби устод Айнӣ бошад), аммо *табъи касе кушода шуд* серистеъмол аст. Обуранги ҳиссии муътадил дошта, дар услубҳои бадеӣ, публисистӣ, муошират бештар дар услуби илмӣ (дар илми равоншиносӣ) дар мавриди зарурӣ кор фармуда мешавад. Тобиши димоғчоқ гардидан, хурсанд шудан аз матни тарҷума низ бармеояд:

Шли пионеры и комсомолы. Глаза её повеселели [2.2, 343].

Повеселеть хурсанд (хушҳол) шудан, хандон (димоғчоқ) шуданро ифода мекунад [1.3, 743].

Баъзан шакли яке аз ҷузъҳои ибора тағйир ёфта, боиси ҳаммаъноӣ бо ВФ дигар мегардад. Ба ибораи дигар, ВФ антонимӣ (*чашм дӯхтан – чашм кандан*) дар матн муносибати ҳаммаъноӣ пайдо мекунанд, ба мисли *чашм дӯхтан* ва *чашм накандан*:

Ин ҳолати бой ба зоғе монандӣ дошт, ки як ***чашмашро*** *ба устухон ё ба дигар чизҳои хӯрдании худаш* ***дӯзад, чашми*** *дигарашро аз сайёд* ***намеканд*** [2.1, 112].

Дар ин мисол нависанда ба воситаи санъати муболиға ҳолати персонажро ифода кардааст, вагарна ҳамзамон ба ду тараф нигоҳ кардани чашмон ғайриимкон аст. *Чашм дӯхтан* мақсаднок ба як нуқта, як муддат нигаристан, *чашм кандан* бошад, ба касе, чизе дигар нигоҳ накардан, қатъи назар кардан [1.10, 377] аст. Илова шудани пешванди инкории *на-* боиси бо тобиши умумии нигаристан наздикмаъно шудани ин ду ВФ гардидааст. *Чашм накандан* ба мисли *чашм дӯхтан* обуранги ҳиссии муътадил дорад. *Чашм накандан* нисбат ба *чашм дӯхтан* серистеъмол аст. Дар ҳамаи услубҳои нутқ истифода бурда мешавад. Ин мисол дар тарҷума чунин ифода ёфтааст:

Он напоминал грача, глядящего одним глазом на соблазнительную кость, а другим – на опасного охотника [2.2, 84].

Ҳар ду ВФ бо як калима – *глядящего* ифода карда шудааст. Шояд тарҷимон ВФ русиро барои ифодаи матлаби матни асл дар ин қолаб ғунҷонида натавониста, аз онҳо даст кашида бошад, вагарна барои *чашм дӯхтан* дар қолаби *вперить взор (взгляд)*[1.3, 126]*, устремить глаза (взор)*[1.3, 1158] ва барои *чашм кандан (накандан)* дар шакли *не отрывать (отводить) глаз* [1.2, 49] дар забони русӣ мутобиқат вуҷуд дорад. Дигар ин, ки тарҷимон ифодаи *дигар чизҳои хӯрдании худаш*ро сарфи назар карда, сифати *соблазнительный*ро, ки дар матни асл вуҷуд надорад, аз худ илова кардааст. Азбаски ин ҷо ду мафҳум барои ифодаи як маънӣ истифода нашудааст, фурӯгузор кардан низ ҷоиз нест. Чаро калимаи *зоғ* ҳам бо *грач* (шӯрнӯл) иваз гардидааст, мо намедонем.

Маълум мешавад, ки истифодаи шаклҳои инкорию тасдиқии ВФ мухталиф яке аз усулҳои писандидаи адиб будааст, зеро чунин мисолҳоро дар дигар асарҳои адиб низ дучор омадем. ВФ *чашм дӯхтан* ва *чашм аз чизе накандан* дар мисоли зерини повести «Мактаби кӯҳна» ҳам мушоҳида гардид: *Танҳо ман будам, ки дар берунтари маърака истода,* ***як чашмамро ба бозӣ дӯхта бошам ҳам, чашми дигарамро аз дар намекандам*** (Мактаб., 78). Тавассути тағйирёбии шакл ҳаммаъно гардидани ВФ антонимӣ он қадар сермаҳсул нест.

Вожаи тоҷикии *ёд* ва арабии *хотир* дар ташаккули ВФ *аз ёд баровардан* ва *аз хотир фаромӯш кардан* хизмат карда, дар мисолҳои зерин яке дар шакли инкорӣ, дигаре – тасдиқӣ истифода шудаанд:

- *Намак андохтан* ***аз ёдат набарояд****, - гуфт ба ӯ Сафар* [2.1, 155].

- *Магар* ***аз хотир фаромӯш кардаӣ,*** *ки маро чӣ қадар кӯфта буд*…[2.1, 156].

Аз ёд набаровардан ифодаи маъмул ва серистеъмол буда, хоси ҳам забони адабӣ ва ҳам гуфтугӯйист. *Аз хотир фаромӯш кардан* варианти ВФ *аз хотир баровардан* буда, бо як ҷузъ (фаромӯш кардан) аз қолаби асосӣ фарқ мекунад. Обуранги ҳиссии муътадил дошта, дар забони адабиёти классикӣ ва муосир корбаст мешудааст. Дар ин мисолҳо муносибати антонимӣ зоҳир кардааст, вагарна дар асл муродифоти ҳаммаъноянд. Ҳамин тобиши маъно дар матни тарҷима бо шаклҳои тасдиқиву инкории феъли *забывать* ифода гардидааст:

- *Не забудь посолить, - сказал Шоди* [2.2, 114].

- *А ты забыл, как … меня молотил* [2.2, 115].

Танҳо дар ифодаи исми хос носаҳеҳӣ ба чашм мерасад: дар тарҷума исми хоси *Сафар* бо *Шодӣ* иваз гардидааст, ҳол он ки дар матни асл сухан дар бораи Сафар Шодӣ меравад. Ба ҷойи ном овардани насаб, ки ягон нишондиҳандаи грамматикӣ надорад ва дар ҳолати фардӣ насаб будани он маълум нест, хонандаро ба ғалатфаҳмӣ мебарад.

ВФ *ба по хестан (бархестан)* ва *сар бардоштан* бо тобиши маънои зид, муқобил баромадан, қиём, исён кардан, бар зидди касе хестан [1.10, 31] дар як матн

ҳаммаъно гардидаанд. Нависанда ба хотири худдорӣ аз такрори бемаврид аз онҳо фоида бурдааст. *Ба по хестан (бархестан)* ғайр аз тобиши маънои ба муқобили касе бархостан маънои сиҳат шудан, сиҳат ёфтанро низ ифода мекунад. Аз ин рӯ онҳо дар матн ҷойи ҳамдигарро иваз карда наметавонанд:

*Агар **мардум** монанди бабре, ки аз хоби дароз гурусна монда мехезад, **ба по хезад**, дар он вақт ҳоли онҳо аз ҳоли саги дайду ҳам бадтар мешавад* [2.1, 286]; *Бесарупоёни гушнапурзӯр, ки дар аввалҳои инқилоб монанди занбурӯғоне, ки дар зери борони пуртӯфони баҳорон аз рег мерӯянд, **сар бардошта** бошанд ҳам, маҷбур шуданд, ки боз сари худро хам кунанд ва дар андак вақт монанди пуфакҳои бодҳошон баромада пуч шуда мондаанд* [2.1, 318].

Як усули писандидаи адиб, ки дар аксари асарҳояш ба назар мерасад, ба таври мувозӣ овардани ҷумлаи озод ва ВФ, ки як ҷузъи онҳо муштарак аст. Ин ҳолат дар мисоли аввал мушоҳида мегардад:

Бабр аслӣ мехезад. Мардум ба по маҷозӣ.

Дар ин мисол ҳолати мардуми аз дасти ҷабру зулми золимон ба дод омада ба бабри сахт гуруснамонда қиёс карда шудааст. Бабри гурусна бо хӯрдани луқмае ором мешавад, аммо мардуми ба шӯр омадаро осуда кардан кори саҳл нест. Нависанда бо қиёси ана ҳамин ду ҳодиса аҳволи мардумро хеле пуртаъсир тасвир намудааст. Мутаассифона, ин ҷумла аз матни тарҷума ихтисор гардида, мисоли дуюм чунин баргардонида шудааст:

Все эти босяки, что вначале вылезли, было, как грибы, теперь притихли, попрятались, опять опустили головы [2.2, 222].

Аз тарҷума аён аст, ки ҷумла нопурра аст, зеро замони ба вуқӯъ пайвастани амал (*дар аввалҳои инқилоб*), ҷумлаи пайрави муайянкунандаи матни асл (*дар зери борони пуртӯфони баҳорон аз рег мерӯянд*) ва хабари сарҷумла (*маҷбур шуданд*), ки ғайриихтиёр рӯҳафтода шудан ва даст кашидани мардумро аз мубориза ифода мекунад ва ташбеҳи дуюм (*дар андак вақт монанди пуфакҳои бодҳошон баромада*), ки ҳолати рӯҳии онҳоро инъикос менамояд, фурӯгузор гардидааст. Ин ҷо муносибати хунукназаронаи тарҷумон ба матни асл мушоҳида мешавад. *Сар бардоштан*, ки исён кардан, шӯриш бардоштанро ифода мекунад, бо калимаи *восстать* [1.8, 521] баробар меояд. Маънои сеюми ин калима ба шӯр омадан, қиём (исён) кардан аст [1.3, 124]. Тарҷумон ин ВФ-ро тарҷума накардааст. Дар ҳамин мисол нависанда ду ҳолати инсон – якбора рӯҳбаланд шудан ва зуд рӯҳафтода ва ноумед гардиданро тавассути ВФ антонимӣ – *сар бардоштан* ва *сар хам кардан* тасвир намуда, бар замми ин бо ибораи ташбеҳии *монанди пуфакҳои бодҳошон баромада* батамом тан додани мардуми азиятдидаро дақиқ ифода кардааст. *Сар хам кардан* бо ВФ *повесить (вешать) голову* ҳам мувофиқ меояд. Тарҷумон аз ифодаи *опустили голову* истифода бурдааст. Он чизе, ки нависанда гуфтан мехоҳад, дар тарҷума пурра ва дақиқ инъикос наёфтааст.

Чунон ки аз мушоҳидаҳо бармеояд, тарҷумаи муродифот кори саҳл нест. Хусусан, агар он бо ягон мақсади услубӣ кор фармуда шуда бошад. Чунон ки аз мисолҳо мушоҳида намудем, ба хотири худдорӣ аз такрори бемавқеъ истифода шудани ВФ дар асарҳои устод ҷой дорад, аммо бештар бо мақсади услубӣ – таъкиди маъно, дақиқ ифода кардани матлаб, нокифоягии тобишҳои маъноӣ кор фармуда шудани ин воҳиди забон ба назар расид. Устод Айнӣ нависандаи забардаст аст. Ба мисли дигар асарҳояш дар «Ғуломон» низ ибораи озодро бо ВФ, ки як ҷузъаш муштарак аст, дар як ҷумла оварда, диққати хонандаро боз медорад, аммо тарҷумон онро фурӯгузор менамояд. Ё ин ки яке аз муродифоти пайиҳам зикргардидаро баргардонида, дуюмашро ихтисор мекунад. Сарфи назар аз имконоти забонӣ ҳар як тарҷумон бояд бар он кӯшад, ки матни аслро, бо кадом роҳу воситаҳое, ки набошад,

дар тарҷума бозгӯ намояд. Дар он сурат аз ҷониби хонандаи сахтгир низ эътироф гардида, маҳбубият пайдо хоҳад кард.

1. АДАБИЁТ

1.1. Влахов С., Флорин С. Непереводимое в переводе. - М.: Международное отношение, 1980.- 342 с.
1. 2. Луғати фразеологии русӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1984. - 127 с.
1. 3. Русско - таджикский словарь (под ред. Осими М).-М.: Русскийязык, 1985.- 1280 с.
1.4. Фарҳанги забони тоҷикӣ.- Ҷ. I. - М.: Советская энциклопедия, 1969.
1.5. Фарҳанги забони тоҷикӣ.- Ҷ. II. -М.: Советская энциклопедия, 1969.
1.6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Ҷ. I. - Душанбе, 2008.
1.7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Ҷ. II. - Душанбе, 2008.
1.8. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ.- Душанбе, 2006. - 784с.
1.9. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ.-Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963.-Ҷ.I-952 с.
1.10. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ.- Ҷ.II.- Душанбе:Ирфон, 1964.-802с.

2. МАВОД

2.1. Айнӣ С. Ғуломон. Куллиёт. – Ҷ.3.- Душанбе:Нашрдавтоҷ, 1960.
2.2. Айни С. Рабы. – Душанбе:Ирфон, 1977. – 424с.

ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ СИНОНИМЫ РОМАНА «РАБЫ» («ҒУЛОМОН») С. АЙНИ И ИХ ПЕРЕВОД НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Автор проанализировала в статье ряд фразеологических синонимов романа. Фразеологические синонимы романа по составу отличаются друг от друга, так как в некоторых из них существуют лексические синонимы, а в других отсутствуют, т.е. они совпадают по значению. Лексические синонимы в составе фразеологических синонимах не продуктивны, они больше всего встречаются во фразеологических вариантах. Писатель приводит фразеологических синонимов последовательно, один за другим в одном контексте и отдельно в разных примерах. Перевод этих единиц в основном осуществлено нейтрально, т.е. описательным способом. Также встречаются неверные переводы и сокращение единиц исходного языка.

Ключевые слова: лексические синонимы, фразеологические синонимы, фразеологические варианты, оттенки значения, круг употребления, способы передачи: фразеологический, описательный, буквальный.

PHRASEOLOGICAL SYNONYMS IN THE NOVEL OF S. AINY “GYLOMON”

Some phraseological synonyms of “Gylomon” is analyzed and found out individual style of the writer in using these units of the language in the article. The auther expressed that most of them translated described method.

Key words: lexical synonyms, phraseological synonyms, analyses phraseological versions, the way of translation, semantics, language use, translation of phraseological synonyms.

Сведения об авторе: ***Мирзоева Мохира*** **–** заведующая кафедрой стилистики и литературного редактирования Таджикского национального университета. Телефон: **937 11 30 28.**

МАЪНО ВА КОРБУРДИ ЧАНД ФЕЪЛ ДАР «ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ж.Б. Гулназарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Феъл ҳиссаи нутқест, ки дар баробари вижагиҳои мураккаби грамматикӣ дорои хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва услубии гуногун буда, аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад ва «мафҳумҳои таъсиру ҳаракат, амалиёт ва тағйири аломатро фаҳмонида, маънои зиёди луғавию грамматикӣ дорад ва унсури серистеъмолу сермаънои забон ба шумор меравад» [5, 25].

Дар шинохту пажӯҳиши ин ҳиссаи нутқ осори манзуму мансури забони тоҷикӣ дар даврaҳои мухталифи инкишоф манбаи бебаҳоянд. Ҳамчун намуна метавон «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдурраҳмони Ҷомиро гирифт.

«Хирадномаи Искандарӣ» охирин достони «Ҳафт авранг»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ мебошад. Шоир ин маснавиро дар равияи «Искандарнома»-ҳои Низомӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ эҷод кардааст. Таҳлили воҳидҳои луғавӣ ва маъноӣ дар забони асари бадеӣ фарқ мекунад ва омӯзиши амиқи онҳо моҳияти забони асарро

муайян мегардонад ва ҳамзамон вижагиҳои хоси онҳо дар давраи муайян ошкор мешавад.

Феълҳое, ки ба услуби бадеӣ бештар тааллуқ доранд ва дар мундариҷаи маъноии худ хусусиятҳои махсуси обуранги бадеиро дороанд, кам нестанд.

С. Ҳалимиён ба гурӯҳҳои маъноӣ ҷудо шудани феълро зикр карда, нуктаи ҷолиберо ёдовар шудааст, ки феълҳои содаи забони тоҷикӣ вазну оҳанги махсус доранд ва 8 гурӯҳи онҳоро нишон додааст [ниг.:18, 23-24].

Аз ин рӯ тасмим гирифтем, ки доир ба бархе аз феълҳои истеъмолашон маҳдуд, вижагиҳои маъноӣ ва корбурди онҳо[ниг.: 7, 479], муродифот ва сермаъношавии феълҳо[ниг.:9; 10] дар асар сухан гӯем.

I. Феълҳои содаи камистеъмол аз рӯйи вазну оҳанг:

Мӯйидан: нола кардан, навҳа кардан

Нанолад зи ранҷу **намӯяд** зи дард,
Намолад ба хоки сияҳ рӯйи зард[364] .

Пӯйидан:

Чу бо ту шавад муддаӣ сахтгӯй,
Ба ҷуз роҳи ҳилму мадоро **мапӯй** [313].

Пӯйидан дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ба маънои рафтан, давидан, рафтани на ба шитоб ва на нарм[ниг.: 2,555] шарҳ ёфтааст.

Дар «Баррасии решашинохти афъоли форсӣ» омада: “аз эронии бостон pati-vad аз решаи vad ҳаракат кардан аст”[8, 92-93].

Дар ин байт ба маънои маҷозии нармдилию меҳрубонӣ кардан, дар роҳи меҳру нармӣ рафтан омадааст.

Феълҳои мӯйидан ва пӯйидан дар шакли инкорӣ омадаанд.

Зудудан Ба таълими одоби ӯ лаб кушой,
Зи лавҳи дилаш ҳарфи иллат **зудой**[303].

Ин феъл аз форсии бостон uz-dāvaya аз замони ҳозира ва аз замони гузашта uz-duta uz- пешванд, аз решаи dāv- молидан, судан, пок кардан, сайқал додан, андудан аст [7,164].

Пасудан даст молидан, ламс кардан, даст задан, пасовидан**:**

Ба ҷуз сабҳа **напсуда** ангушти ӯ
Нахорида ҷуз нохунаш пушти ӯ[325].

Дар «Баррасии решашинохти афъоли форсӣ» омада: «модаи музореи ин феъл муштақ аст аз эронии бостон pati-sāvaya, модаи мозӣ pati-sūta, pati -пешванд ва sāvaya, sūta аз решаи sū: sav молидан, даст кашидан, судан аст”[8, 87].

Ғунудан: Чу охир дар ин мадҳ бояд **ғунуд**,
Аз ин чандрӯза тафовут чӣ суд [365].

Аз решаи gnā- осудан, ғунудан, хоб рафтан, орамидан дар вазни феълҳои чун сурудан сохта шудааст [8, 203].

Ин ҷо ба маънои маҷозии фавтидан, мурдан омадааст.

Бояд зикр кард, ки ин феъл дар сохти таркибии ғунов бурдан-пинак бурдан ва ғунов рафтан- пинак рафтан - хоб рафтан, дар хоб будан дар як лаҳзаи кӯтоҳ, ҳолати нимхобу нимбедор дар лаҳҷаҳо хеле зиёд корбурд дорад.

Гиройидан: Ба икроми некон ба некӣ **гирой,**
Ки хушнуд бошад зи некон Худой[312].

маънои хам шудан, майл кардан ба чизеро дорад [13, 260]. «Аз эронии бостон grāya (моддаи музореъ) аз решаи gra – мутамоил шудан, майл кардан» [8, 226].

Судан: Сухан гар набудӣ, набудӣ қалам,
Ба лавҳи баён сар **насудӣ** қалам [256]

Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин феъли судан чунин шарҳ ёфтааст:1. сойидан, ламс кардан; 2. кӯбидан; 3. хурд кардан, реза кардан; 4. гудохтан; 5. оғуштан дар об; 6. андудан; 7.фарсудан, кӯҳна кардан; 8. ҳак кардан; 9. маҳв кардан; 10. саворих кардан, суфтан; 11. харҷ кардан, ба масраф расонидан; 12. сойида шудан [12, 1360].

Феъли судан дар байт ба маънои сойидан, ламс кардан бо пасванди шаклсози «-ӣ» [йои ҳикоят] омадааст.

Феълҳои судан, зудудан ва пасудан аз як реша пайдо шудаанд.

Оҳехтан: Чу шаҳро бурун н-омад он маҳ зи меғ,
Чу хуршед оҳехт рахшанда теғ [299].

***

Гаҳе охт бар Ҳинд шамшери азм,
Гаҳе сохт бар дашти Хоразм разм [316]

Дар «Баррасии решашинохти афъоли форсӣ» омада, ки «феъли охехтан модаи музореи ā-Θanja ва модаи мозӣ аз ā-Θaxta ā пешванд ба маънои «кашидан» ва решаи Θang аз ҳиндуаврупоии ten-gh- «кашидан», ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон оҳехтан аз даромехтагии ду феъл вуҷуди і дар калимаи оҳихт[āhixt] нишондиҳандаи иштиқоқи он аз решаи haik-: hič- ба маънои «[берун] кашидан» нишондиҳандаи иртиботи он бо решаи Θang аст» [8, 28].

Ниюшидан:

Худо як забонат бидоду ду гӯш,
Ки кам гӯй яънею афзун **ниюш** [292].

Аз эронии бостон феъли сохта ni пешванд ва gauša-шунидан, гӯш кардан, дар форсии миёна niyo[x]š [8, 267].

Қобили зикр аст, ки дар «Хирадномаи Искандарӣ» феълҳо бо маъноҳое истифода шудаанд, ки он маъноҳо айни ҳол кам истифода мешаванд ё истифода намешаванд ва ё ҳамчун феъли мустақил корбаст намегарданд.

Мазидан ва **варзидан**

Мазӣ нохушу хуш зи нобуду буд,
Тариқи васат **варз** дар бухлу ҷӯд [366].

Мазидан ба маънои чашидан. Дар форсии миёна аз решаи mič- mik-[ниг.: 8,250]. Варзидан амал кардан, ба кор бурдан, форсии бостон varza, форсии миёна warza, ки ин мерасад ба ҳиндуаврупоии u◉erĝ- варзидан, кор кардан ва дар калимаҳои варзиш, варзигар, кишоварз, варзгов,варзоб, обварз, додварз, шиноварз, барзагов вуҷуд дорад[ниг.: 8,269].

Шигофтан - боз шудан, во гардидан, кушода шудан

Нахустин чун хур сӯйи мағриб **шигофт**
Фурӯғи ҷамолаш бар он мулк тофт [315].

Навохтан: Ба хулқи каримона **бинвохташ**,
Ба шуғли қазо муҳтарам сохташ [318].

Илтифот кардан, меҳрубонӣ кардан аз ni-пешванд, vāča ва vāxta аз решаи vak- сухан гуфтан, гуфтан, ба нармӣ сухан гуфтан [ниг.: 8, 262]. Ин ҷо бо пешванди «би-» омадааст.

Лофидан: Бад-ин шакли нохуш зи ҳикмат **малоф**,
Надида кас аз тирагил оби соф [265].

Суханони зиёда аз ҳадди худ гуфтан, пургӯйӣ, ҳарзагӯйӣ. Зоҳиран асоси замони ҳозирааш аз решаи rap, санскрит lap- [lapati]-ривоят кардан, ҳикоят кардан, сухан гуфтан решаи, rap аз ҳиндуаврупоии lep аз ҳамин реша аст ва лепетать [русӣ] – лакнати забон доштан низ [ниг.: 8,243].

Омезидан:


Маёмез чун об бо ҳар касе,

Маёвез чун бод бо ҳар хасе [252].

Аз асоси замони ҳозира ба маънои дарҳам шудан, пайвастан дар шакли инкорӣ омадааст.

Овезидан ҷунбидан, такон хӯрдан, овезон шудан, махлут гаштан, ҳамроҳ шудан [ниг.: 8,26].

II. Вижагии дигари корбурди феълҳо дар асар он аст, ки як маъно бо чандин феъли аз нигоҳи сохт гуногун ифода ёфтааст. Чунончи, дар мисоли феъли шунидан, яъне маънои шунидан бо феълҳои шунидан, шунуфтан, ниюшидан, гӯш кардан, гӯш ниҳодан, гӯш будан, гӯш кушодан силсилаи муродифотро ба вуҷуд овардааст:



Шунав панду дониш ба он ёр кун,
Чу донистӣ, он гаҳ ба он кор кун [249].

Чу пир он чӣ гуфтанд бо ӯ, **шунуфт**,
Чу ғунча бихандиду чун гул шукуфт [340].

Худо як забонат бидоду ду гӯш,
Ки кам гӯй яънею афзун **ниюш** [292].

Хуш он шаҳ, ки нағмаро **гӯш кард**,
Навои ғаноро фаромӯш кард [351].

Биё, эй ҷигаргӯша фарзанди ман,
Бинеҳ гӯш бар гавҳари панди ман [249].

Саломат агар боядат, **гӯш бош**,
Зи гуфтори беҳуда хомӯш бош [309].

Забонро чӣ дорӣ ба гуфтан гарав,
Зи ҳар сӯ **кушо гӯш**и ҳикматшунав [292].
Силсиларо метавон чунин тасвир кард:

III. Ҳодисаи сермаъношавии феълҳо низ бисёр ҷолиб аст, зеро воҳиди сермаъно «ба ғайр аз маънои аслии худ дар натиҷаи дар ниҳодаш маънои зиёд доштан, кӯчидани маъно, хусусияти маҷозӣ пайдо кардан» метавонад маъноҳои зиёдро дар худ гирад [ниг.ба: 7,93].

Вижагии сермаъношавӣ дар он аст, ки паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳоро дар шакли як калима акс мекунад ва дар муҳити маъноӣ ҳамаи он маъноҳо як занҷираи маъноии воҳиди сермаъноро ташкил медиҳанд, ки байни худ робитаи маъноӣ доранд [ниг. ба: 9, 46]. Дар «Хирадномаи Искандарӣ» Абдурраҳмони Ҷомӣ бо истеъдоду маҳорати хеле воло феълҳои сермаъноро бисёр нуктасанҷона ва моҳирона бо маъноҳои зиёд ба кор бурдааст. Метавон ба ин гурӯҳ феълҳои рафтан, омадан, хондан, задан, гузаштан, сохтан ва чанде дигарро дохил кард. Чун намуна мо феъли «**гузаштан»-** ро, ки бо 12 маъно дар асар омадааст, дар ҷадвал нишон медиҳем:

маъно	дар матн
1. убур кардан, мурур кардан:	Ҳаме ронд лашкар ба ҳар кӯҳу дашт, Ба ҳар рӯз аз кишваре **мегузашт**[361].
2.гузар кардан:	Басо сарви гулрух, ки бар вай **гузашт,** Ки набзи вай аз ҷунбиши худ нагашт [298].
3.тай шудан, сипарӣ шудан:	Чу **бугзашт** соли вай аз ҳафту ҳашт В-аз ӯ фарри шоҳӣ фурӯзанда гашт [262].
4. рафтан	Бар эшон чу бугзашт якчанд рӯз, **Гузаштам** бар он ғор бо дарду сӯз [349].
5.мурдан, даргузаштан:	Вале бошад он гоҳ ҷони ту ганҷ, Ки чун **бугзарад** з-ин сарои сипанҷ [344].
6. ба сар омадан, поён ёфтан:	Дареғо, ки **бигзашт** умри шариф Ба ҷамъи қафовию фикри радиф [259].
7. нақл шудан, мазкур гардидан:	Бигуфтанд онҳо, ки **бигзашта** буд, Навобахши гӯшу забон гашта буд [340].
8. тавфиқ ёфтан, бартар шудан; боло шудан, беҳтар будан:	Ба наққодии фикри равшан, ки буд, **Гузашт** аз рафиқон бар ҳар фан, ки буд [264].
9. бар рӯз кардан, воқеъ шудан:	Басе дар миён шӯру ғавғо **гузашт**, Ки бо вай яке гардад, аммо нагашт [358].
10.тарк кардан, раҳо кардан:	**Гузаштам** ман аз суҳбати он каниз, Агарчи маро буд чун ҷон азиз [300].
11. даргузаштан, аз андозаи муқаррарӣ берун шудан:	Агар **бигзарад** мавҷи дарё зи фарқ, В-агар киштӣ афтад ба тӯфон ғарқ [345]. Барояд зи эҳсони ӯ коми ман, Зи боми фалак **бугзарад** номи ман [354].
12. расидан:	Зи меҳнат агар ғуборе **бигзарад**, Ба домони айшаш гиребон дарад [377]. Бад-он омадам, то бад-ӯ **бигзарам**, Ба чашми шамотат бад-ӯ бингарам [272].

Ҳамин тариқ Абдурраҳмони Ҷомӣ барои баёни матлабу мақсад тавассути феълҳо дар «Хирадномаи Искандарӣ» аз имконияту хусусияти ин ҳиссаи нутқ бо нерӯю қудрати тавонои зеҳнии худ истифода намудааст. Барои созгор омадани лафзу маънӣ аз феълҳои хеле хушоянди чун ниюшидан, оҳехтан, пасудан, шигофтан, навохтан, ғунудан, зудудан, шунуфтан истифода кардааст. Ҷомӣ силсилаи пурнақшу нигори муродифоти луғавии феълҳоро, занҷираи зарини феълҳои сермаъноро ба гуфти худи шоир «зевари» асараш намудааст, «то ба чашми хостгоронаш фазояд зебу зайн».

Ин бесабаб нест, зеро ҳар воҳиди забон вижагии онро вобаста ба имконияти худ нишон медиҳад. Аслан табиат ва маҷрои зиндагиро бе феъл тасвир кардан мумкин нест. Вобаста ба ин маврид феъл имконияти бештаре дорад, чунки феъл таҳкурсии бинои забон аст ва бояд ҳаматарафа омӯхта шавад.

АДАБИЁТ

1. Алӣ Акбар Деҳхудо. Луғатнома.Ҷ.12 / Алӣ Акбар Деҳхудо. – Теҳрон, 1338. –403с.
2. Алӣ Акбар Деҳхудо. Луғатнома.Ҷ.13 / Алӣ Акбар Деҳхудо. – Теҳрон, 1338. –С555.
3. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ / Камолиддинов Б.– Душанбе: Ирфон, 1983. – 116 с.
4. Камолиддинов Б. Ҳусни баён / Камолиддинов Б. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 120 с.
5. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Камолиддинов Б. – Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
6. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / Қосимова М. Н.– Душанбе, 2003. – С.93.
7. Қосимова М. Н. Ганҷи сухан (маҷмуаи мақолаҳо) / Қосимова М. Н.– Душанбе, 2013. – С. 479-486.
8. Мансурӣ Ядуллоҳ. Баррасии решашинохти афъол дар забони форсӣ / Мансурӣ Ядуллоҳ ва Ҷамила Ҳасанзода. – Теҳрон: Интишороти Фарҳангистон, 1387 ҳ. – 367 с.
9. Маҷидов Ҳ. Сермаъноии луғавӣ \\ Маърифат, 1997, № 9-12. –С. 7-9.
10. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1 / Маҷидов Ҳ. Луғатшиносӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 241 с.
11. Муин М.Фарҳанги форсӣ.Ҷ.1. / Муин М.-Теҳрон, 1374. - 992 с.
12. Муин М.Фарҳанги форсӣ.Ҷ.2. / Муин М. -Теҳрон, 1374. – С.1360.
13. Муин М.Фарҳанги форсӣ.Ҷ.3. / Муин М.-Теҳрон, 1374. – 2889 с.
14. Муин М.Фарҳанги форсӣ. Ҷ.4. / Муин М.-Теҳрон, 1374. - 3881 с.
15. Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ.Ҷ.1. / Нуров А. - Душанбе: ЭСТ, 1983.- 536 с.
16. Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ. Ҷ.2. / Нуров А. - Душанбе: ЭСТ, 1984.- 608 с.
17. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ / Саймиддинов Д. – Душанбе: Дониш, 1992. – 71 с.
18. Ҳалимиён С. Феъл (Куниш) / Ҳалимиён С. – Душанбе, 2013. –126с.
19. Шодиев Р. Феъл дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ (сохтор ва маъно) / Шодиев Р. – Душанбе: Зиннат, 2012. – 152с.

СЕМАНТИКА И УПОТРЕБЛЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ГЛАГОЛОВ В «КНИГЕ МУДРОСТИ ИСКАНДАРА» АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ

В данной статье анализируются семантические особенности и употребление некоторых глаголов (ниюшидан, пасудан, зудудан, оҳехтан…), синонимический ряд глагола «шунидан» и полисемии глагола «гузаштан» в «Книге мудрости Искандара» Абдуррахмана Джами.

Ключевые слова: глагол, «Книге мудрости Искандара», значения, полисемия, синонимия.

USE AND MEANING OF SOME VERBS IN THE “ALEXANDER’S BOOK OF WISDOM” BY ABDURRAHMAN JAMI

This article presents the analysis of the specific use and meanings of some of the verbs (niyushidam, pasudan, zududan, etc.) occurring in the “Alexander’s Book of Wisdom” by Adburrahman Jami. It also presents the synonymic row of the verb “shunidan” (hear) and the polysemy of the verb “guzashtan” in the above mentioned book.

Key words: verb, “Alexander’s Book of Wisdom”, meaning, polysemy, synonyms.

Сведения об авторе: ***Ж. Гулназарова*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-68-19-70**

ТАЪСИРИ АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ БА ДАСТУРИ «САРФУ НАҲВ ВА ИМЛО»-И ҲОҶӢ КАРИМХОНИ КИРМОНӢ

Н.Ф. Қурбонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки дастури забони форсии тоҷикӣ то «Ал-муъҷам фил маъойири ашъорул аҷам» ба сурати алоҳида ва мустақим таълифу тадвин нашудааст. Пас саволе пеш меояд, ки агар форсизабонон то қарни XIII дастуре аз забони худ надоштанд, чи тавр аз нимаи дуюми қарни IX то қарни XIII он ҳама шоҳкориҳо дар назму наср таълиф шуданд? Дар муқаддимаи «Луғатномаи Деҳхудо» оварда мешавад: «Қавоиди аҳли забон барои аҳли забон фитрӣ ва табиӣ аст, чун аз ҳангоми фарогирии забон дар домани модар қавоид ва завобитро ҳам меомӯзанд, чи басо, ки миллате садҳо дуруст сухан гуфта ва шеър сохта ва хитоба рондааст, бидуни ин ки дар фикри татбиқи суханони худ бо қавоиди сарф ва наҳви забони худ афтода ва ё аслан китобе дар ин бора таълифу тадвин шуда бошад» [5, 11].

Воқеан, аҳли назар, ашхоси соҳибистеъдоду дорои ақлу заковати фитрӣ бе омӯзиши махсуси асосҳои дастури забон низ эҷод мекунанд ва аз худ эҷодкориҳои ҳайратоваре ҳам пеш мегузоранд.

Дар мавриди фарогирии асосҳои қавонини забон ҳам ин чиз истисно нест.

Илова бар ин то аҳди ислом дар мардуми эронитабор донишҳои мантиқӣ мақому манзалати хосе дошт ва байни қонунҳои мантиқу қонунҳои забон иртиботи қавие аст. Аз ин рӯ, донишмандони пешин то аҳди ислом аз тамаддуни Юнони бостон огоҳии комиле доштанд ва суханварону суханшиносон, шоиру нависандагони форсизабон аз он донишҳо баҳра мебурданд. Ва аксар қонунҳои забонро дар заминаи қонунҳои мантиқ татбиқу баррасӣ намудаанд.

Аз ин ҷост, ки аввалин қайду тавзеҳи қавонини асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ дар осори фалсафии донишмандони форсизабон пайдо шудааст. Ин равишу анъанаро мо дар осори илмие ба мисли «Эҳсоъ-ул-улум»-и Абӯнасри Форобӣ, «Донишнома»-и Абӯалӣ Сино, «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав, «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ ва дигарон дида метавонем. Ғайр аз ин дар таърихи илму фарҳанги форсу тоҷик кӯшише дар тадвини асосҳои қавонини забони форсии тоҷикӣ карда шудааст, ки намунаи он ду луғати кӯчаке аз давраи Сосониён бо исми «Frahang-i oim-ēwak» ва «Фарҳанги паҳлавик» мебошад. Дигар ин ки дар низоми таҳсили мадрасагӣ асосан ба низоми дастури забони арабӣ такя карда мешуд. Албатта, ин бе асос набуд. Низоми грамматикаи арабро асосан донишмандони эронитабор эҷод карданд ва дар равиши анҷоми ин амал баъзе вижагиҳои дастури забони форсии тоҷикиро ворид сохтаанд, ки дар натиҷа фарогири асосҳои дастури забони арабӣ ва дар ин замина тадбиқи асосҳои қавоиди забони форсии тоҷикӣ имконпазир аст.

Дар ҳар сурат оғози дастурнависӣ дар забони форсии тоҷикӣ ба исми Шамси Қайси Розӣ ва асари муътабари ӯ «Ал-муъҷам» вобаста мебошад. Дар воқеъ, Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам», ки тахминан дар соли 623 ҳиҷрӣ навишта шудааст, нахустин бор дар бораи зарурияти тадвини дастур аз асосҳои қавонини забони форсии тоҷикӣ сухан ронда, худ як боби асарашро вобаста ба қофиясозӣ ба ин мавзӯъ бахшидааст. Алалхусус, зимни ҳарфҳои қофиясоз аксар пасвандҳои шаклсозу калимасозро шарҳ додааст, ки аз диди вожасозӣ хеле судманданд. Албатта, шарҳу тавзеҳоти муаллиф хеле сода ва мухтасаранд, вале аз он ҷо ки нахустин иқдом дар ин роҳ аст, шоистаи қадрдонӣ ва пазироӣ мебошад. Маҳз ҳамин тавзеҳоти мухтасари ӯ

буд, ки барои дастурнависону фарҳангнигорон ангезаи хубе шуд ва чун раҳнамо барои донишмандони баъдин хизмат кард.

Қайду тавзеҳи дастурии Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» ба кори дастурнависони пас аз вай чунон таъсир гузошт, ки ҳар кадоме дар осори худ аз ӯ бо некӣ ёд кардааст.

Мо бештари андешаҳои Шамси Қайси Розиро дар боби асосҳои дастури забони форсии тоҷикӣ дар нахустин дастури ихтисосӣ "Сарфу наҳв ва имло"-и Хоҷӣ Каримхони Кирмонӣ мебинем. Донишманди эронӣ Маҳинбону Санеъ дар китоби "Сайре дар дастури забони форсӣ" мегӯяд: "Гарчи Шамси Қайси Розӣ, Ҷаҳонгирӣ ва ду се тан аз шогирдони мактаби онҳо дар бинои дастури забони форсӣ пояҳое ниҳодаанд ва бархе аз матолиби дастуриро ба муносибатҳое ба риштаи таҳрир кашидаанд, вале қасдашон таҳияи дастури забон набудааст. Пас, метавон гуфт, гӯйи сабқатро дар ин майдон Хоҷӣ Муҳаммад Каримхон рабурдааст ва нишони ифтихори таҳияи дастури забон шоистаи шаъни ӯст" [6, 32].

Ин мулоҳизаи донишманди эронӣ Маҳинбону Санеъ то андозае баҳснок буда, тавзеҳталаб аст, чаро ки то Хоҷӣ Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ ҳанӯз дар асри XVI донишманди фарзонаи улуми адабӣ, мактабдору мударриси маъруф Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бо рисолаи таълимии "Чаҳор гулзор" появу бунёди асосҳои дастури забони форсии тоҷикиро гузошта буд. Ҳамчунон ки муҳаққиқи афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои миёна профессор Д. Хоҷаев таъкид мекунад, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба таълифи рисолаи таълимии "Чаҳор гулзор" бунёди асосҳои дастури меъёрии забони форсии тоҷикиро гузоштааст. Мутаассифона, Маҳинбону Санеъ аз ин рисола ном намегирад. Шояд ин рисола дастраси ӯ нашудааст, ё умуман аз мавҷудияти чунин як асари таълимӣ огоҳ набошад. Дар ҳар сурат зарурат ба таъкид аст, ки пас аз маълумоти дастурие, ки Шамси Қайси Розӣ дар "Ал-муъҷам" овардааст, қадимтарин ва пурмуҳтавотарин дастуре, ки масоили асосҳои дастури забони форсии тоҷикиро фаро гирифтааст, асари таълимии "Чаҳор гулзор"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ маҳсуб меёбад. Ҳоло ин мавзӯи баҳсро мавқуф гузошта ба масъалаи таъсири андешаҳои Шамси Қайси Розӣ ба муаллифи "Сарфу наҳв ва имло"-и Хоҷӣ Муҳаммадкаримхони Кирмонӣ мепардозем.

Нахуст таъсире, ки муаллифи "Сарфу наҳв ва имло" аз Шамси Қайси Розӣ гирифтааст, дар шарҳи масдар аст. Чунончи, Хоҷӣ Каримхони Кирмонӣ мегӯяд: "Аз афъол ҳосиле ба даст биёяд, ки онро масдар гӯянд ва аломати он чи аст, ки дар охири калимаи он "**дол**" ва "**нун**" ва ё "**то**" ва "**нун**" бошад, мисли "**задан**", ки вақте гӯянд: Рустамро зад, **задан** ҳосил шуд ва ё монанди **куштан**" [6, 126].

Шамси Қайси Розӣ дар шарҳи масдар ин тавр мефармояд: "Ҳарфи масдар ва он "**алиф**" ва "**ро**" аст, дар авохири баъзе афъол маънии масдарӣ диҳад, чунонки "**рафтор**", "**гуфтор**" ва "**кирдор**". Дар ҷойи дигар "Ва он "**нун**"-е аст муфрад, ки дар авохири афъоли мозӣ маънои масдар орад, чунон ки "**омадан**", "**рафтан**" [190, 190]. Боз дар ҷойи дигар: "Ва он "**шин**"-и муфрад аст, ки дар авохири авомир маънии масдар диҳад, чунон ки "**равиш**"-у "**диҳиш**"-у "**парвариш**" [7, 184].

Чунон ки дида мешавад, шарҳи мавзӯи масдар дар ин ду асар тафовути зиёде надорад ва маълум ҳам аст, ки оид ба нишонаи дастурии масдар бори нахуст Шамси Қайси Розӣ ишора кардааст.

Дигар аз масоили дастурие, ки Хоҷӣ Муҳаммад Каримхони Кирмонӣ дар шарҳу тавзеҳоти онҳо аз "Ал- муъҷам"-и Шамси Қайси Розӣ таъсир бардоштааст, вазифаҳои дастурии пасвандҳо мебошад, чунончи: пасвандҳои -манд, -гор, -вар, -бор, -зор, -сор, -истон, - лох, - дон, -шан; **дарёбор**, **гулзор**, **шохсор**, **гулистон**, **санглох**, **рудлох**, **намакдон**, **гулшан**; бархе барои ташбеҳ: -осо, -сон, -вор, -каш, -фаш, -ваш, -

сор, -дес, -дас, -вон, -ван: **шеросо**, **палангсон, хоҷавор, шеркаш, шоҳфаш, моҳваш, хоксор, хомдес, тарандес, [**6, с. 13**].**

Ин пасвандҳое, ки Ҳоҷӣ Муҳаммадкаримхон таъкид намудааст аз ҷумлаи 35 адад пасвандҳое аст, ки Шамси Қайси Розӣ дар “Ал-муъҷам” шарҳу тавзеҳ додааст.

Чуноне ки маълум аст, қайду тавзеҳоти дастурие, ки Шамси Қайси Розӣ дар «Алмуъҷам» овардааст, ба дастурнависии минбаъдаи форсу тоҷик таъсири пурбаракате гузоштааст. Албатта ин таъсир дар дастурҳои то ибтидои асри ХХ, яъне то инқилоби октябр хеле зиёд ва густурда буд, ва баъдтар бо таъсирпазирии забоншиносии русу аврупо он то андозае суст шуд, ки таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Шайхурраис Абӯали Сино // Куллиёт: Ҷилди II. Китоби якум. /Айнӣ С. -Душанбе, 1963. - С.53-78.
2. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ. /Ализода С. – Душанбе, 2006. – 79 с.
3. Атобуллоев С. Қайдҳо роҷеъ ба нахустин грамматикаи забони тоҷикӣ //Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. /Атобуллоев С. -Душанбе, 1971, № 3[65]. - С.98-105.
4. Герценберг Л.Г., Лингвистическая мысль и языковедческая практика в Иране в домонгольское время // История лингвистических учений. Средневековый Восток. / Саймиддинов Д. -М., 1981. - С.69-115.
5. Деҳҳудо Алиакбар. Луғатнома. / Деҳҳудо Алиакбар – Теҳрон, 1385 ш. Ҷ. 2. - с.
6. Розӣ Шамси .ص سیری در دستور زبان فارسی. – تهران ، .سنیع مهنبانو *1371*68 .
7. Қайс. Ал-муъҷам. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. / Розӣ Шамси Қайс - Душанбе: Адиб, 1991. - 463с.
8. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ. / Хоҷаев Д. –Душанбе, 2004. -108с.
9. Хоҷаев Д. Шамси Қайси Розӣ ва асосҳои дастури забони тоҷикӣ // Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо» [28-29 майи соли 2008. Хуҷанд]. / Хоҷаев Д. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. -С. 332-339.

ВЛИЯНИЕ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ВЗГЛЯДОВ ШАМСА КАЙСА РАЗИ НА РАБОТУ ХОДЖИ КАРИМХОНИ КИРМОНИ ПОД НАЗВАНИЕМ «ГРАММАТИКА, СИНТАКСИС И ПРАВОПИСАНИЕ»

В статье сделана попытка показать влияние лингвистических взглядов Шамса Кайса Рази на работу Ходжи Каримхона Кирмони под названием «Грамматика, синтаксис и правописание» на основе изучения таджикского языка.

Ключевые слова: мысль, грамматика, фонетика, синтаксис, исследования, термин, суффикс, лингвистическя мысль, средневековый, инфинитив.

INFLUENCE OF LINGUISTIC VIEWS OF SHAMS KAISA RAZI TO WORK KHOJA KARKHANA KIRMANI CALLED "GRAMMAR, SYNTAX AND SPELLING"

The article attempts to show the influence of linguistic views of Shams Kaisa Razi to work Khoja Karimkhani Kirmani called "Grammar, syntax and spelling based on the study of the Tajik language.

Key words: thought, grammar, phonetics, syntax, research, term, suffix, linguistic thought, the medieval, the infinitive.

Сведения об авторе: ***Н. Курбонов*** - ассистент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-85-79-92**

ҚОЛИБҲОИ ИҚТИБОСИИ ФЕЪЛҲОИ МАЗИДИ АРАБӢ ДАР ТАРКИБИ ФЕЪЛҲОИ ТОҶИКӢ

Б.Н. Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ нақши калимаҳои иқтибосии арабӣ ва муарработ басо ҷолиби диққат аст, зеро ин гурӯҳ калимаҳо дар муддати беш аз даҳ аср аст, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ тадриҷан ворид гардида, натанҳо ба меъёрҳои сарфиву наҳвии ин забон мутобиқ гардиданд, балки дар баъзе ҳолот сабабгори ба

вуҷуд омадани қаволиб ва меъёрҳои луғавӣ-сохтории муштарак низ гардидаанд, ки назари иҷмолие ба роҳу воситаҳои ифодаи мақулаҳои дастурии ҷинсият, ҷамъ ва амсоли он тасдиққунандаи ин андешаҳоанд ва имрӯз беш аз 50%-и калимаҳои таркиби луғавии забони форсӣ-тоҷикиро иқтибосоти арабӣ ва муарработ ташкил менамоянд. Иллати ба таври фаровон дохил гардидани калимаҳои арабӣ натанҳо дар истилои Хуросону Мовароуннаҳр (дар асри VIII) аз тарафи аъроб, балки дар пазириши дини мубини ислом аз тарафи форсизабонон ва чун забони давлатӣ ва забони илм, санъат, адаб, муносиботи байналмилалӣ (дипломатия) ва ғайра амал кардани забони арабӣ мебошад. Калимаҳои иқтибосии арабӣ сарфи назар аз он ки дар арабӣ мансуби кадом ҳиссаи нутқанд, ба забони форсӣ-тоҷикӣ бештар чун исм ва сифат ворид гардидаанд. Калимаҳои арабиасл дар байни зарфҳо, ҷонишинҳо, шумораҳо, феълҳо ва ҳиссаҳои номустақили нутқ низ мушоҳида мешаванд, аммо дар қиёс ба исму сифат онҳо ҳеҷанд. Тибқи шаҳодати профессор Ҳомид Маҷидов “дар забони муосири тоҷик зиёда аз 30 қолиби ҳамқолиби калимаҳои арабӣ ворид шудаанд, ки беш аз 20 навъи онҳо сермаҳсуланд” [6, 104].

Теъдоди бештаре аз масдарҳо ва анвоъи мухталифи исмҳои арабӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ ба кор мераванд, ки огоҳии мухтасар аз қаволиб (сиға) ва наҳваи сохтмон ва эъроби онҳо барои дуруст ба кор бурдан бар аҳли забони тоҷикӣ зарурӣ аст. Дар инҷо мо бо асос гирифтани ду далел дар мавриди масдарҳои иқтибосӣ андаке таваққуф менамоем. Аввалан, аксари он адабиёте, ки аз онҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ феъл сохта шудааст аз масдарҳои арабӣ мебошанд. Дуввум, аксари ин гурӯҳи феълҳо дар фарҳангҳои аз тарафи мутааххирин нашр гардида, бидуни феъли ёвар, ки тавассути он феълияти ин гурӯҳ маълум мегардад, оварда ва бо маънои феълии онҳо низ тавзеҳ дода мешаванд. Инчунин бояд дар назар гирифт, ки феълҳои аз назари сохт таркибӣ аз серистеъмолтарини феълҳо мебошад, ки то ҳол ба таври пурра мавриди таҳқиқи забоншиносӣ қарор нагирифтааст. Аз ин ҷиҳат шинохти сохтории онҳо дар забоншиносӣ муҳим хоҳад буд. Агарчи калимаҳои чун феъл мустаъмали арабӣ дар муқоиса ба исм, сифат ва зарф бисёр зиёде нестанд, вале теъдоди онҳо кам ҳам нест. Бино бар ин бо асос қарор додани қаволиби сохтории калимаҳои (масдарҳои) чун ҷузъи соҳибмаънои феълҳои таркибии мустаъмали “Таърихи Бухоро”-и Абубакри Наршахӣ ба масъала иктифо хоҳем кард.

Аз сабаби он ки шикасти реша хусусияти умдатарини калимоти арабӣ аст, барои он ки ҳарфҳои аслии калима аз ҳарфҳои зоид ҷудо карда шавад, забоншиносони арабҳо ҳуруфи ФЪЛ-ро ба унвони мизон (тарозу) ба ҷои ҳарфҳои аслӣ мегузоранд, ки барои шинохт ва муайян кардани анвои сохторҳо, маъноҳои луғавию грамматикии калимаҳои ин забон кумак мерасонанд.

Дар забони форсӣ-тоҷикӣ аз калимоти арабиасл дар ду шакли сохторӣ сода ва таркибӣ феъл сохта шудааст, мисли: фаҳмидан, талабидан (сода), даъват кардан (таркибӣ) ва ғайра. Масдарҳои мавҷуд ва мустаъмали арабӣ дар “Таърихи Бухоро”-ро метавон дар ду қисмат зикр кард:

А) Масдари феълҳое, ки дар истилоҳи сарфии араб сулосии муҷаррад номида мешаванд ва масдари ин феълҳо қиёсӣ нестанд; яъне қоидаи умумӣ, сиға ва қолиби муайяне надоранд ва аз онҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ бо иловаи афъоли ёвар ва ё бандакҳои феълӣ феъл сохта шудааст, бояд бо муроҷиъа ба кутуби луғат ба наҳваи талаффуз ва корбурди саҳеҳи онҳо пай бурд [16, 36] ба унвони мисол чанд навъ аз ин масодирро, ки дар асар зикр гардидаанд зикр менамоем: талабидан, бино кардан ва ғ.

Дар нигоҳи аввал сохти зоҳирии ин масдарҳо аз калимоти аслии тоҷикӣ фарқе надоранд. Инҳоро фақат бо ин роҳ метавон шинохт, ки оё аз ин решаҳо, яъне ҳарфҳои аслии онҳо калимоти дигар иштиқоқ шудааст ё на.

Б) Масдари феълҳое, ки дар сарфи арабӣ **сулосии мазид фиҳи** ва ё **рубоъӣ** номида мешаванд, ки ин масдарҳо ва афъоли муштақ аз онҳо беш аз се ҳарф доранд. Ин масдарҳо ҳар як дар қолиби махсусе талаффуз шуда ва дар арабӣ "**боб**" номида мешаванд. Ба назари мо дар тоҷикӣ инҳоро "**қолибҳои қиёсӣ"** номем, беҳтар аст. Ошноии дуруст ба ин қолибҳо моро аз ҳайси дуруст талаффуз кардан ва ба ҷои худ ба кор бурдан ва шинохтани онҳо ёрӣ хоҳад кард, аз ин навъ масдарҳо калимоти фаровон вориди забони муҳовара ва мукотибаи мо шуда ва мавриди истеъмол ҳастанд [16, 36]. Муҳимтарин қолиби ин масдарҳо ба қарори зайланд:

1. боби **ифъол**: яъне масдарҳое, ки бар вазни "ифъол" ҳастанд, монанди идғом, ибҳом.

Дар ин қолиб агар ҳарфи васати феъли сеҳарфӣ аз ҳуруфи иллат (ВОЙ) бошад масдари он бар вазни "ифола" ё "ифолат", мисли: идора, иродат.

Аҳли Бухоро бештар аҳли зимма буданд ва ҷизя медоданд, қавме **иҷобат** карданд ва мусалмон шуданд [1, 96]. Туғшодаҳ бар дасти Қутайба **имон** оварда буд ва мулки Бухоро медошт, то Қутайба зинда буд [1, 17].

Масдари "иқомат ва иқома" дар арабӣ як масдар ва дар як мафҳум ба кор меравад, зеро охири ин гуна калимот бо "ة" навишта мешавад, вале дар забони форсӣ бо ба кор бурдани он дар ду сурат ду маънӣ аз он гирифтаанд: яке **иқомат** дар мафҳуми сокин шудан ва қоим шудан; дигаре **иқома** ба маънии барпо доштан [16, 37].

2. боби **тафаъъул**: Масдарҳои бар ин қолиб дар забони тоҷикӣ фаровон ҳастанд, мисли: такаббур, ташаккур. Ва ба ҳар соле мардумони Бухоро ва ҷои дигар ба зиёрати онҷо раванд ва аҳли Бухоро дар ин кор **такаллуф** кунанд [1, 21]. Мардумон аз шаҳр онҷо раванд ва **табаррук** кунанд [1, 31]. ... ба **тааҷҷуб** монд ва манҷаниқҳо низ бад-он ҷониб боист бурдан [1, 160].

Масдарҳои **таманно, тавалло, тасалло, табарро, таҳаддо** ва назоири инҳо низ аз ин боб ҳастанд, чун ҳарфи охири решаи сеҳарфии онҳо ҳарфи иллат будааст, ба ин сурат даромадаанд. Дар забони форсӣ-тоҷикӣ "йот"-и охири баъзе аз ин масодир ба "алиф", яъне овози "о" табдил мешавад, махсусан дар ҳолати изофа: тасаллои хотир, таваллои дӯст [16, 37].

3. боби **тафъил**: масодири ин қолиб ҳам дар форсӣ-тоҷикӣ зиёд ба кор мераванд, мисли: такрим, таъзим, таҳрим.

Дар ин қолиб баъзе масдарҳо бар вазни **тафъила** ё **тафъилат** медароянд, монанди: **тавсия**, **тарбият** [16, 38]. Ӯро бар уламои Бухоро **тақдим** карданд [1, 5]. Ва гирд ба гирди ин шаҳрҳо фариштагон бисёр бошанд **тасбеҳ** ва **таҳмид** ва **такбир** меоранд [1, 43].

4. боби **ифтиъол**: Масодире аз ин қолиб ҳам ба таври фаровон мавриди истеъмол ҳастанд, мисли: иштиғол, ифтитоҳ.

Агар ҳарфи аввали решаи сеҳарфии масдари ифтиъол яке аз се ҳуруфи "дол, зол, зе" бошад, "те"-и **ифтиъол** ба "дол" ё "зол" бадал мегардад, монанди: **иддаъо** "аз се ҳарфи дуъо", **иддихор**, **иззихор** (аз се ҳарфи захира), **издиҳом** (аз се ҳарфи заҳм).

Агар ҳарфи аввали решаи сеҳарфии масдари ин боб яке аз ҳуруфи "ВОЙ" бошад, ҳамон ҳарф ба "те" табдил гардида ва бо "те"-и ифтиъол идғом мешавад, монанди: **иттисол** (аз васл), **иттисор** (аз йаср), **иттиҳод** (аз ваҳд), **иттисоъ** [аз вусъ] [16, 38]. Мисолҳои ин қолиб дар "Таърихи Бухоро":

Агар қазо накунӣ касеро **ихтиёр** кун, ки ба вай диҳем ҳам қабул накард [1, 3]. Кишоварзони Бухоро ҳисобро аз он нигаҳ доранд ва бар он **эътибор** кунанд, ва

наврӯзи муғон баъд аз он ба панҷ рӯз бошад [1, 35]. ...**эътимод** кунӣ ва бо мо аҳд кунӣ то миёни мо дӯстӣ устувор гадад [1, 155].

5. боби **муфоъила**: Масдарҳои бар ин қолиб омада, дар забони форсӣ-тоҷикӣ фаровон ба кор мераванд, мисли: мукотиба, муҷоҳидат.

Масдарҳои боби муфоъила дар форсӣ гоҳе бо "ت" ва гоҳе бо "ه"-и охир истеъмол мешаванд ва ҳар ду сурати он дар арабӣ яксон буда ва ҳамон "ة" мебошад, вале дар форсӣ аз ин дугунагии зоҳирӣ гоҳо аз як масдар ду мафҳум мегиранд; масалан, масдари "муроҷиат"-ро ба маънии бозгашт аз сафар ва аз маҳалле ба маҳалли аввалия ба кор мебаранд ва "муроҷиа"-ро дар мафҳуми сар задан ва руҷуъ кардан ба маҳалле ё касе барои дархости мавзеъе истеъмол мекунанд; масалан, Алӣ дирӯз аз сафар муроҷиъат кард, Алӣ дирӯз барои гуфтани матлабе ба ман муроҷиъа кард [16, 38].

Намунаҳои асар:

Ва Рофеъро ба он доштанд, то бо Ҳарсама сулҳ кард ва миёни эшон **мусоҳарат** карданд ва дили Ҳорун аз он кор фориғ гашт [1, 132].

Дар масдарҳои ин боб агар ҳарфи охири решаи сеҳарфии он яке аз ҳуруфи иллат бошад, масдари он дар ин қолиб бар вазни **"муфолот, муфоло"** медарояд, мисли: муноҷот, мусовот, мунодо, муҳоко, мудоро.

Баъзе аз масдарҳои ин боб бар қолиби **фиъол** низ омадааст: қитол – муқотила, ҷиҳод – муҷоҳида.

Аввал дар хайма ва хиргоҳ бошидандӣ ва ба рӯзгор мардум гирд омаданд ва **иморатҳо** карданд [1, 8]. Бо лашкаре азим Афросиёб ин деҳи Ромитанро **ҳисор** кард [1, 32].

6. боби **тафоъул** масдарҳои ин боб низ дар забони муосир фаровон ҳастанд, вале намунаи он дар асар ба назар нарасид. Калимаҳои тадорук, тадохул, таносуб аз ин қолиб ҳастанд.

7. боби **истифъол**: Масодири ин боб иборатанд аз: истирҳом, истихдом, истеҳзо, истиғно, истеъмол.

Дар ин боб низ агар ҳарфи дувуми решаи сеҳарфии калима ҳарфи иллат бошад, масдари ин боб бар қолиби **"истифола, истифолат"** медарояд, монанди: **истихора** (аз хайр), **истиҳола** (аз ҳавл), **истишора** (аз шӯр), **истиқомат** (аз қавм) [16, 39].

Фармуд то ӯро **истиқбол** карданд, лекин худ берун наёмад ва ҳеч икром накард ва фармуд то ӯро ба ҳисори Самарқанд фуруд оварданд [1, 140].

8. боби **фаълала**: масдарҳои каме бар ин қолиб дар форсӣ-тоҷикӣ мавриди истеъмол қарор доранд, монанди: замзама, залзала, васваса, ҳамҳама, шаъшаъа баъзе аз масдарҳои ин боб бар қолиби фиълол ҳам меоянд, монанди: зилзол, висвос.

Дӯстон аз ман дархост карданд, ки "ин китобро ба порсӣ **тарҷума** кун" [1, 2].

Калимаи "тарҷума" ё "тарҷима" дар асл "тарҷама" будааст, ки дар форсӣ дар ду шакли аз асл мутафовит истеъмол мегардад, ва метавон онро аз ҷумлаи тасарруфоти форсизабонон номид.

Хуллас, дар "Таърихи Бухоро" аз ҳафт боби феълҳои мазид, дар нӯҳ қолиб масдари феълҳои мазиди иқтибосӣ ворид шудаанд, ки дар сохти чандин феъли таркибӣ иштирок намудаанд, ки надонистани сохти ин қолибҳо шахси хонандаро ба хондани ғалат ва хондани ғалат бошад ба фаҳмиши ғалат роҳнамоӣ мекунад, аз ин ҷиҳат фарогирии ин мавзӯъ ва дар умум сохти калимоти иқтибосии арабиасл, ки бахши аъзаме аз калимоти таркиби забони тоҷикиро ташкил менамоянд, амри табиӣ ва зарурист.

АДАБИЁТ

1. Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро / Абубакри Наршахӣ. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2012. – 179с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. Душанбе, 1991. – 128с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 356с.
4. Гурезов Ҷамшед. Забони арабӣ / Ҷ. Гурезов. Душанбе: Илм, 2010. – 431с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе: Ирфон, 1973.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Девиштич, 2007. – 242с.
7. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1Х-Х). Ҷилди 1 / Н. М. Қосимова. – Душанбе, 2012. – 566с.
8. Сулаймонӣ С. Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ / С. Сулаймонӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1562с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – 950с.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 / зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – 1095с.
11. آزرنوش آزرتاش. فرهنگ معاصر عربی – فارسی بر اساس فرهنگ عربی – اگلیسی هانسور / آزرتاش آزرنوش. – تهران، 1481. – 803 ص.
12. أحمد مختار عمر، مصطفى النحاس زهران، محمد حماسة عبداللطيف. النحو الاساسي / أحمد مختار عمر، مصطفى النحاس زهران، محمد حماسة عبداللطيف. – الكويت، 1414 ه. ق./1994 م.
13. استروشنی سید یونس. بداية المبتدئ. جلد اول / سید یونس استروشنی. – دشنبه: کمیته فرهنگی نهضت اسلامی تاجیکستان، 1997. – 219 ص.
14. جرجی شاهین عطیة. سلم اللسان في الصرف و النحو و البيان / عطية شاهين جرجی. – بيروت، 29.11.2005 [الكترانی].
15. الحسيني ابوالحسن علی بن محمد. صرف مير / ابوالحسن علی بن محمد الحسينی. – زاهدان: خيابان عمر خيّام جنب مسجد مكّي، 1385.
16. حسن انزلی. دستور زبان فارسی / انزلی حسن. – تهران: خیابان امام، 1370. – 422 ص.
17. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید. جلد 1 / حسن عمید. – تهران، 1373. – 848 ص.
18. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید. جلد 1 / حسن عمید. – تهران، 1373. – 848-1688 ص.
19. عمید حسن. فرهنگ فارسی عمید. جلد 1 / حسن عمید. – تهران، 1373. –1689-2539 ص.
20. قاسم بوستانی. فرهنگ مبیّین عربی – فارسی / بوستانی قاسم. – تهران، 1373.
21. قیّم عبدالنبی. فرهنگ معاصر [عربی – فارسی] / عبدالنبی قیّم. – تهران، 1381.
22. معلوف لوئنس. المنجد عربی – فارسی. در 2 جلد / لوئنس معلوف. – تهران، 1386.

ЗАИМСТВОВАННЫЕ МОДЕЛИ АРАБСКОГО ГЛАГОЛА В СОСТАВНЫХ ГЛАГОЛАХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА
(на примере “Та'рихи Бухара” Наршахи)

В статье указывается, что в образовании новых составных глаголов определенную роль сыграли заимствованные слова, которые употреблялись в качестве основного (смыслового) компонента. Так, в более 80% от общего количества составных глаголах в качестве смыслового компонента выступают арабские заимствованные лексемы. По привычке, в дериватологическом плане одним из недостатков составных глаголов является то, что они по своей природе не могут участвовать в образовании новых слов.

Ключевые слова: глагол, простые глаголы, составные глаголы, основной глагол, вспомогательный глагол, смысловой компонент, вспомогательный компонент, морфологическое совпадение.

UNORIGINAL ARABIC VERB MODELS IN COMPOSITE VERBS “TA’RIKH-I BUKHARA” NARSHAKHI

Comprehends from the article that create new compound verbs unoriginal words played function loanword, which are used in the capacity of, as builder semantic component. Therefore approximately 80% meaning part compound verbs from unoriginal words are especially Arabic. Habitually**,** one from shortage compound verbs consequently it not gives birth from oneself another word.

Key words: verb, simple verb, composite verb, meaning verb, auxiliary verb, semantic component, auxiliary component, morphological relation.

Сведания об авторе: ***Рахмонов Б.Н.*** – соискатель Таджикского национального университета.
Телефон**: 93 870 17 20**

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ АШЪОРИ ШАВКАТИ БУХОРОӢ
(маълумоти умумӣ)

С. Ш. Ҳалимова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммад Исҳоқ Шавкати Бухороӣ яке аз шоирони машҳур ва бориксанҷи асри XVII буда, дар ривоҷу равнақи адабиёт ва инкишофи забони адабӣ саҳми босазо дорад. Дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX» дар бораи Шавкати Бухороӣ маълумоти кӯтоҳ оварда шудааст. Муаллифон Шавкатро аз устодони сабки ҳиндӣ ҳисобида қайд кардаанд, ки шуҳрати ӯ на танҳо дар Эрон, балки дар Мовароуннаҳр низ паҳн гардида, мавриди пайравӣ қарор гардидааст [ниг.: 7, 139-140].

«Ашъори мунтахаб»-и Шавкати Бухороӣ соли 1968 аз ҷониби адабиётшинос М. Аҳмадов таҳия гардидааст. Маълумоти каме бештарро дар бораи ҳаёту фаъолияти ин шоири машҳур дар дебочаи ин китоб пайдо кардан мумкин аст.

Нашри интиқодии девони Шавкат мураттаб нашудааст. Ҳамчунин тадқиқотҳои забоншиносӣ доир ба осори ин шоири машҳури асри XVII ба вуҷуд наомадааст.

Ашъори ӯ асосан аз ғазал, қасида ва рубоиёт иборат буда, забони шеърҳояш содаву равон аст. Якчанд вижагиҳои забони ашъори Шавкати Бухороиро қайд кардан бамаврид аст.

1.Дар ашъори Шавкат чунин ибораҳои маҷозӣ ва тавсифҳое дучор мешаванд, ки хоси сабки ҳиндӣ мебошад ва дар осори дигар намояндагони ин сабк низ тимсоли инҳо зиёданд. Ин ибораҳо тавлиди хаёлоти шоир буда, дорои эҳсосоти баланд ва истеъдоди фитрии шоир мебошанд ва аз маҳорати баланди шоирии ӯ дарак медиҳанд: бӯйи нигоҳ, барқи таҷаллӣ, шуълаи идрок, чароғи нутқ, боди домони замон, ранги нигаҳ, парвози надоматҳо, авҷи гумномӣ, мижгони дидаи таъсир, оби чашмаи ойина, нохуни тадбир, барқи нигоҳ, нигини ҳастиҳо, шаҳодатгаҳи ноз, ҳарири нигоҳ, кафи афсӯс, риштаи оҳ, субҳи сӯз, дили мижгонгазида, майхонаи андеша, заъфарони хандаи барқ, чароғи барқ, фонуси гиёҳи ман, гиребони сияҳбахтӣ, барқи фитрат, даргаҳи чаманорои гулшани тақдир, чашми тӯфонзо, барқи нигоҳ, килки маънизо, навбаҳорафшонии килки таҷаллизо, шамъи сабукрӯҳӣ, вайронаи димоғ, барқи таҷаллӣ, тарозуи нигаҳсанҷӣ, вусъатободи хаёл, барқи калом, мавҷи набз ва монанди инҳо.

Дӯш ба тарфи чаман **ранги нигаҳ** рехтӣ,
Сабзаи алмосгун аз лаби ҷӯяш дамид.

Уқдаам аз **нохуни тадбир** гардад сахттар,
Мешавад аз оби сӯзан сабз хори пойи ман [44].

Аз **ҳарири нигаҳи** мост қабое, ки турост,
Тугмаи пираҳанат мардумаки дидаи мост [76].

Аз **шаҳодатгаҳи нози** ту нишонам ин бас,
Ки дами теғи туам тори кафан гардидаст [71].

2. Шоирони ин давр дар **калимасозӣ** низ маҳорати беандоза нишон дода, калимаҳои зиёди мураккабе сохтаанд, ки назири онҳо дар дигар марҳилаҳои инкишофи забони адабӣ кам ба назар мерасанд. Шавкат низ ҳамчун як шоири боистеъдоди ин давр дар калимасозӣ маҳорати баланд дошта, калимаҳои мураккаби

зиёде сохтааст, ки хеле шоиронаанд ва хоси калимасозии намояндагони сабки ҳиндӣ мебошад. Ин калимаҳо аз ду, се ва чор ҷузъ иборатанд: барқтаъсир, нигаҳолуда, камсуханафтода, мусибатнавбаҳор, шафақнигор, таҷаллизор, рангинкарашма, оҳунасаб, ганҷинаафрӯз, парешоннағма, шаккархобӣ, меҳнатписанд, ҳамворвазъ, ҳиҷлатолуд, мушкинхома, чеҳрасабз, ошуфтааҳвол, тамошофиреб, ситорасӯхта, гулдастабанд, сабукпарвоз, гаронҷон, нигаҳолуд, сабукпарвоз, андалебоҳанг, таҷаллинигор, гулгунқабо, оташолуд, гулгунсавор, пираҳангулгун, гулпираҳан, пайгумкардароҳ, мижгонгазида.

То оҳувона шӯхии чашми ту дидаам,
Доми ғизол шуд дили **мижгонгазида**ам [119].

Рангинкарашма наргиси чашмат ба боғи ҳусн,
Бӯйи нигоҳ ранги ҳино ошкор кард [39].

Зи бас гарми шитоб аз ҷӯши шавқи **барқтаъсирам**,
Ба мағзи лола ранги доғ резад гарди шабгирам [123].

Гаштаам **ҳамворвазъ** аз пирии иқболи хеш,
Чин намебинад касе аз абрӯи пушти дуто [34].

Хонаи ман баски пур буд аз ғизолони Хито,
Аз **парешоннағмаҳо**и мутрибони базми ман [35].

3. Шоир баъзе калимаҳои дӯстдошта дорад: **раг, ранг, барқ, шиша**. Шавкат махсусан калимаи «**раг**»-ро дар ашъораш бисёр кор мефармояд. Вай аз ин калима ибораҳои зиёде сохта ба маъноҳои гуногун корбаст намудааст: раги гардан, раги санг, раги дуо, раги ман, раги гул, раги бӯйи гул, раги шароб, раги Кӯҳкан, раги ток, раги нигоҳ, раги ёқути тар, раги хоб, раги номдорон, раги саргаштагӣ, раги санги хора, раги шукуфа, раги андеша, раги оташ, рагҳои ҷода, раги абр, раги талх, рагҳои ток, раги лаъл, раги наззора, раги лолазор, раги ҳуш, раги ҳаво, раги хоб, раги минқори боғ, раги санги мазор, раги абри баҳор.

Лабаш зи ханда суханпеша мешавад охир,
Нигоҳи ӯ **раги андеша** мешавад охир [111].

Кушо забони дилу арзи ҳол кун, Шавкат,
Раги дуои ту мижгони дидаи таъсир [41].

Шавкат, касе мабод чу ман гарми изтироб,
Ҳамчу шарорам, аз **раги оташ** чакидаам [119].

Бо вожаи **ранг** низ шоир ибораҳои зиёд сохтааст: ранги табассум, ранги нағмарез, ранги маънии рангин, ранги орзуи халқ, ранги ватан, ранги чаман, ранги оина, ранги ҷунун, ранги шиква, ранги ҷилва, ранги латофат, ранги нишот, ранги хонаи ойина.

Ба ҳар узвам чунон **ранги табассум** рехт шамшераш,
Ки захм аз устухонҳо хандаи дандоннамо дорад [93].

Аз ишқ **ранги шиква** надидам ҳаргиз,
Дардест ин ки ҷамъ шуд мешавад даво [32].

Ва баръакс: паридани ранг, шикастани ранг, гардиши ранг. Инчунин ибораҳои чун: ҷойи ранги ман, симои ранги ман, садои пойи ранги ман, шикастанҳои ранги ман ва монанди инҳо дучор меоянд, ки аз хаёлоти рангину баланд ва борикбинии ин шоир шаҳодат медиҳанд:

Ба бӯйи гул насими заъфи ман ҳаққи намак дорад,
Бувад холӣ ба боғ аз хандаи гул **ҷойи ранги ман** [131].
Ба чашми ман гароиҳо чунон аз заъф ҷо дорад,
Ки меояд ба гӯши ман **садои пойи ранги ман** [131].

Аз ибораҳои боло маълум мешавад, ки Шавкат диди шоиронаи бисёр нозук ва нотакрор дорад. Ӯ маъниву ҷилоҳои нозуконаи калимаҳоро ба кор медарорад ва ҳамчунин маъниҳои нав меофарад, ки омӯхтани он кори оянда аст.

4. Овардани номи шоирони давр. Шавкат аз осори шоирони классики форсу тоҷик, махсусан намояндагони сабки ҳиндӣ хуб огаҳӣ доштааст. Ӯ дар ғазалиёти худ бо онҳо мисли он ки дар робита ва сухан гуфтан бошад, дар бораи онҳо фикр мекунад, бо онҳо гуфтугӯ менамояд, пайрави онҳо будани худро таъкид менамояд, аз ашъори онҳо истифода кардани худро қайд менамояд, аз осори онҳо тазмин мекунад.

Нозиму Носиралӣ, Соиб надоранд ин намак,
Шавкати нозуксухан мӯ аз дили мӯ мекашад [28].

Чароғи куштаи худро бидеҳ, **Калим,** ба ман,
Ки оташе бикунам аз барқи наъли Дулдул қарз [118].

Хост то равшан кунад, Шавкат чароғи табъро,
Равғане аз мағз-мағзи **Толиби Омул** кашид [81].

Номи шоирони машҳури ин давра: Соиб, Толиби Омул, Осаф, Калим, Назирӣ, Нозими Ҳиротӣ, Носиралӣ ва дигарон дар ашъори ӯ омадааст.

5. Номҳои ҷуғрофӣ. Шавкат ба кадом шаҳре, ки сафар кардааст, дар ҷойҳое, ки зиндагӣ намудааст ва ё медонад, номи ин шаҳру кишварҳоро дар осораш зикр кардааст ва вобаста ба онҳо андешаҳои худро баён намудааст: Эрон, Ҳинд, Ҳиндустон, Миср, Канъон, Сифоҳон, Ҳирот, Нишопур, Машҳад, Кобул, Шероз, Кашмир, Бадахшон, Фаранг, Хито.

Эрон чу ришта баски маро печутоб дод,
Худро ба **Ҳинд**и сояи гавҳар кашидаем [119].

Чунон қумоши миҳор аст хоки **Машҳад**ро,
Ки шолпӯш биёяд ба тавфи ӯ **Кашмир** [40].

Шаҳру саҳрояш бувад як сабзазори ҳусни сабз,
Баҳри сайри **Ҳинд** чун Шавкат зи **Кобул** бигзарад [15].

6. Номи шахсиятҳои машҳури таърихӣ ва ё қаҳрамонони машҳури адабиёт: Монӣ, Ҳаллоҷ (Мансури Ҳаллоҷ), Афлотун, Юсуф, Яъқуб, Масеҳо, Қорун, Ширин, Фарҳод, Кӯҳкан, Лайлӣ, Маҷнун, Сулаймон, Одам, Тӯр, Зулайхо.

Баста **Монӣ** хома аз мижгони оҳуи хаёл,
То кашад тасвири шӯхат аз ғизолон шӯхтар [112].

Каъба сангест зи девори санамхонаи ишқ,
Пунбаи шишаи мо мағзи сари **Ҳаллоҷ** аст [118].

7. Калимаҳои хоси лаҳҷаи Мовароуннаҳр, ё забони тоҷикӣ дар ашъори ӯ дучор меоянд: нағз, пӯшиш, сероб, чапон, тар, фалохун, расотар, ба кор наомадан, ба чашм гул афтодан, вақт хуш будан.

Соқиё, то бода камтар додаӣ, **нағзем** мо,
Об кам резӣ ба хоки мо, ки мелағжем мо [135].

Ҳимматбаланди оҳам, **н-омад ба кор** толеъ,

Шамъи ман аз баландӣ равшан накард шабро [136].

Вақти он кас хуш, ки худро дар хами кокул кашид,
Бодаи ошуфтагӣ дар сояи сунбул кашид [81].

8. Бархӯрди лаҳҷаҳо. Маълум аст, ки баъди ҷангҳои Исмоили Сафавӣ ва Убайдуллохони Шайбонӣ марзҳои Эрон ва Мовароуннаҳр аз ҳам ҷудо шуданд. Баъди канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, маданӣ тафовутҳои забонӣ низ ба миён омаданд. Таъсири лаҳҷаи форсии Эрон дар забони ғазалиёти Шавкат эҳсос мегардад: балад будан [шудан], нон дуруст кардан [нон пухтан], гули шаббӯ, ҳарфофарин, пунба.

Шӯри савдо **балад**и кӯчаи таҳқиқам **шуд**,
То дари дил зи раҳи чоки гиребон рафтам [41].

Чунон гӯшам тиҳӣ гардидааст аз **пунба**и ғафлат,
Ки меояд ба гӯш овози пойи ахтарам имшаб [63].

Мешавад маҳбус чун гул маънии рангин зи ман,
Ҳамчу ман, Шавкат, куҷо **ҳарфофарин** пайдо шавад [102].

9. Истифодаи зиёди вожаю истилоҳоти пешаварӣ. Маълум аст, ки асри XVII аз давраҳои инкишофи ҳунармандӣ буд. Шоирони ин давра худ ҳунарманд буданд. Шавкат низ сарроф буд ва аз зиндагӣ ва касбу кори аҳли меҳнат огаҳии хуб дошт. Бинобар ин дар ашъори ӯ вожаю истилоҳоти зиёди пешаварӣ инъикос ёфтааст: меъмор, машшота, боғбон, дуконча, бино, равшангар, нигиндон, сурмадон, намакдон, хамирмоя.

Ҳаргиз надида санъати **машшота**ро ба хоб,
Аз ранги сурма сурати чашмат кашидаанд [94].

Қадаҳро ном пайдо мешавад аз бодаи гулгун,
Майи лаълӣ **нигиндон** мекунад ҷоми мурассаъро [62].

10. Сабки Шавкати Бухороӣ низ чун шоирони дигари ин давр сабки ҳиндӣ мебошад. Аммо азбаски ӯ дар Мовароуннаҳр ва Эрон умр ба сар бурдааст, сабку услуби ӯ мисли шоирони дигари ин доираҳои адабӣ нисбатан сода ва дастраси аҳли фаҳм аст.

Шавкат дар ин сабк маҳорати баланд доштани худро нишон додааст. Шавкати Бухороӣ дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардида буд ва дар ташаккулу такоммули ин сабк саҳми сазовор дорад. Ӯ қабл аз шуҳратёр гардидани Мирзо Абдулқодири Бедил маъруфият пайдо карда буд ва бе гумон яке аз устодони ин равия ба ҳисоб меравад.

Яке аз хусусиятҳои сабки ҳиндӣ ин истифодаи санъати иҳом аст. Шоир ин санъатро истифода мебарад ва ҷилоҳои гуногуни калимаю ибораҳоро ба кор медарорад, як калимаро ба чандин маъно кор мефармояд. Ӯ монанди дигар намояндагони Мовароуннаҳру Хуросон сабки ҳиндиро дар шакли сода пешкаши мардум менамояд:

Ҷодаи хоки Нишопур раҳи масрур аст,
Баски, Шавкат, ба раҳи хоки **Назирӣ** рафтем [125].

Вожаи **хок** дар ин байт ба 3 маъност. Дар байти аввал ба маънии хок, замин. Дар байти дуюм ба 2 маънӣ. Маънии аввал гӯр, қабр ва маънии дуюм сабку услуб. Яъне истифодаи санъати иҳом, ки хоси сабки ҳиндӣ аст. Шоир қайд менамояд, ки дар Нишопур мазори Назириро зиёрат намудааст ва ин маъниест, ки сараввал ба зеҳни хонанда меояд. Вале мақсади шоир маънии дуюми он аст. Шоир нозукона ишора

менамояд, ки ӯ дар ҷодаи шеъру шоирӣ пайрави сабку услуби Назирӣ аст. Ва ҳам ба ҷодаи бузург будани сабку услуби ҳиндӣ ишора кардааст.

11. Истифодаи иқтибосоти арабии ҳазмшуда. Дар ашъори Шавкати Бухороӣ чун дар дигар намояндагони ин равия калимаю ибораҳои номафҳуми арабӣ дучор намеоянд. Иқтибосоти арабие, ки шоир корбаст намудааст, иқтибосоти арабии дар забон ҳазмгардида мебошанд: ҷунун, заъф, зоҳир, тааллуқ, мутриб, субҳ, табассум, мунтаҳаб, ватан, ҷамъ, ҷунун, масрур, мурассаъ, наъл, табъ.

12. Шоир вожаю ибораҳои халқии тоҷикиро корбаст менамояд. Забони ашъори ӯ содаву равон буда, маводи онро асосан калимаҳои умумиистеъмолии забон ташкил медиҳанд:

Доғи маро саводи ватан мушки суда аст,
Ё раб, касе мабод ба ин дард мубтало.
Рӯям ба сӯйи ғурбату дил ҷониби ватан,
Афтода коҳи ман ба миёни ду каҳрабо.
Халқе фитодаанд ба таънам, ки аз ватан,
Берун чу омадиву мусофир шудӣ чаро? [31]

Шавкати Бухороӣ меъёрҳои забони адабиёти классикӣ ва махсусан меъёрҳои забони адабии даврашро риоя менамояд. Забони ашъори ӯ ифодагари забони адабии асри XVII тоҷик буда, сарватманду ғанӣ аст.

АДАБИЁТ

1. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ. ҷ.1.) /Маҷидов Ҳ. – Душанбе, 2007. -242с.
2. Ноҷӣ М. Сабки ҳиндӣ //Адаб. -1993, №11-12. С. 16-22.
3. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (IX-X). қ.1./ Қосимова М.Н. - Душанбе, 2003. -490с.
4. Ризаев З.Г. Индийский стиль в поэзии на форси конца XVI-XVII вв/ Ризаев З.Г. - Ташкент: Фан, 1971. -215 с.
5. Саъдиев С. Таърихи адабиёти тоҷик дар асри XVII/ Саъдиев С. - Душанбе: Дониш, 1985. -259 с
6. Ҳалимов С.Ҳ. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X) / Ҳалимов С.Ҳ. – Душанбе, 1979. -96 с.
7. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI / Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. - XIX ва ибтидои асри XX. - Душанбе: Маориф, 1988. -414 с.
8.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1 - М.: Сов.Энцикл., 1969. -951с.
9.Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. - М.: Сов.Энцикл., 1969. - 947 с.

НЕКОТОРЫЕ ЯЗЫКОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ПОЭЗИИ ШАВКАТА БУХОРОИ

В статье выявлены некоторые языковые особенности творчества великого таджикского поэта XVII века Шавката Бухороі.В статье отмечается, что язык поэта богат и в нем отражены различные слои лексики таджикского языка, в том числе многозначные слова, метафорические выражения, профессиональная лексика, сложные словосочетания подобно индийского стиля.

Ключевые слова: языковые особенности, стиль, полисемия, метафорические выражения, словосочетания, профессонализм

SOME OF TNE LINGHISTICCHARACTERSTICS OF POETRY SHAVKAT BUHOROI

The article revealed some language features works of the great Tajik poet of the 17th century Shavkat Bukhoroi. In the article notes that the language of poet rich and it includes the various layers of the vocabulary of the Tajik language, including polysemantic words, metaphorical expressions, professional vocabulary, of complex phrases like Indian style.

Key words: language features, style, polysemy, metaphorical expressions, phrases, professionalism.


Сведения об авторе: ***С. Халимова*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **985 61 90 77**

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕИ СЕРТАРКИБ ДАР «ДАСТУРУЛМУЛУК»-И ХОҶА САМАНДАРИ ТИРМИЗӢ

Д. Хоҷаев, Х.Сафарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони адабии тоҷикӣ таърихи чандинасра дошта, дар тӯли мавҷудияти худ инкишофёфта сохти наҳвӣ ва таркиби луғавиашро хуб нигоҳ ҳам доштааст. Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ давоми забони адабии классикӣ буда, махсусан аз нигоҳи сохтори наҳвӣ кам ба тағйирот дучор шудааст. Инро таҳқиқу таҳлили осори классикӣ бахубӣ собит менамояд. Дар сохти наҳвиёти «Дастур-ул-мулук»-и адиби маъруфу ҳунарманд Хоҷа Самандари Тирмизӣ мавқеву нақши ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб хеле назаррасу барҷастааст. Адиб дар баёни нақлу ривоятҳо, панду ҳикматҳо ва тасвиру тавсифи шахсҳои таърихӣ, ҳодисаҳои гуногун аз ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ба таври хеле фаровон истифода кардааст. Дар баёни адиб ҳамаи хели ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ки дар забони тоҷикӣ мустаъмал аст, ба чашм расид. Дар ин мақола кӯшиш шудааст, ки дар бораи қолабҳои аслӣ ва баъзе қолабҳои фаръии ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби «Дастур-ул-мулук»-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ изҳори назар шавад. Баррасии ин навъи ҷумлаи мураккаби тобеъ аз он ҷиҳат таваҷҷуҳи моро ба худ кашидааст, ки ҳамаи он қолабҳои аслию фаръиеро, ки дар тозатарин таҳқиқоти боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забоншиносии муосири тоҷикӣ нишон медиҳанд, дар ин асар ба чашм расиданд. Муҳаққиқи барҷастаи наҳви забони тоҷикӣ профессор Д. Т. Тоҷиев дар иртибот бо ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб чунин таъкид кардааст: «Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо якчанд ҷумлаи пайрав муносибати гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав байни ҳамдигар ва роҳҳои алоқаи онҳо бо сарҷумла ё ҷумлаи дигари тобеъкунанда ҳодисаи алоҳидаи синтаксисӣ мебошад» [9, 436]. Дар воқеъ, ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб дар сохтори наҳвии забони адабии тоҷик нақши муҳим дошта, диққати бисёр муҳаққиқони наҳви забони тоҷикиро ҷалб намудааст [3, 5, 6, 8, 9, 11].


Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои ҳампайрави чида, яъне ҷумлаҳои пайрави якхела, дар асар барои баёни якрангию ҳамрангии мазмуни мавриди назар истифода шудаанд. Чунончи: Овардаанд, дузде донорӯйи ҷуръат дар хазинаи подшоҳи вақт овард. Дид, ки подшоҳ бар тахти зарин хобида, аснофи кумоши шоҳию анвои ҷавоҳири подшоҳӣ бар рӯйи бисот рехта ва шамъи кофурӣ чун рӯйи тавонгарон афрӯхта ва парвонаи мискин мисли дили дарвешон паёпай сӯхта [с. 431]. Дар мисоли боло нависанда ҳолати феълии подшоҳро ба воситаи ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи чида нишон додааст ва хабарҳои ҷумлаҳои пайрави пуркунандаро барои сохтани санъати саҷъ дар шакли сифати феълӣ овардааст, ки ҳамоҳангию таносуби суханро таъмин ва таъсири баёнашро гуворо ва тасвирро таъсирбахш намудааст. Ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки сарҷумла танҳо бо як феъли «дидан» ифода ёфта чаҳор ҷумлаи пайрави пуркунандаи бевоситаи чидаро ба худ тобеъ кардааст. Тасвири ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб чунин аст:



Ин усули баён яке аз қолабҳои дӯстдоштатарини адиб буда, хусусан дар тасвири ягон хислату хусусият ё амалу пешаи ашхоси тасвиршаванда воситаи муассири каломи муаллиф маҳсуб меёбад. Чунончи, дар ҷумлаи зерин панҷ ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба як сарҷумла тобеъ гардида, чида шудаанд: Охир адолаташ ба ҷое расид, ки бара аз пистони шер шир мехӯрд ва меш бо шир лаби шерро мешуст, юз бо буз бо назари тез намедид, мурғи даштӣ ба фарқи баҳрӣ ошён мекард ва мурғи обӣ бо боз ҳамроҳ мешуд [с. 421]. Дар шакли нақша ин ҷумла чунин аст:


Бояд таъкид кард, ки ҷумлаҳои пайрави чидаи муайянкунанда тавассути таркиби «ба ҷое» тобиши иловагии миқдору дараҷа ва натиҷа низ доранд.

А. Ду ҷумлаи пайрави пуркунандаи бавосита ба як сарҷумла тобеъ шуда, ба айни як савол ҷавоб шуда, чида гаштанд ва ин қолаби ифода дар «Дастур-ул-мулук» серистеъмол аст. Чунончи: Умед аст, баъдалявм ки дасти таъаддии ҳеҷ золиме ҳалқаи ташвиш бар дари хонаи ҳеҷ мазлуме назанад ва пойи ҳеҷ ситампешае бар дари тавилаи фақире нарасад [с. 420].




Ду ҷумлаи пайрави пуркунандаи бавосита ба як сарҷумла тобеъ шуда, чида гардидаанд.

Б. Бисёр наҷиб аст, ки Хоҷа Самандари Тирмизӣ ҳамин қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибро, ки дар он ду ҷумлаи пайрави пуркунанда як сарҷумларо пурра мекунанд, боз ҳар яке аз ҷумлаҳои пайравро бо ҷумлаи пайрави дигар, ки сабабанд, эзоҳ дода, бо ҳамин усул ҷумлаи мураккаби сертаркибаи дараҷае созмон додааст, ки дараҷаи аввал чида шудааст. Чунончи: Намебинӣ, ки осмон, ки пайваста дар сафар аст, аз ҳама болотар аст ва замин, ки пайваста дар сукут аст, лаганкӯби ҳар дун аст [с. 435]. Ба як сарҷумла ду ҷумлаи пайрави пуркунанда объекти гуфторанду яке сифати осмонро, дигаре сифати заминро фаҳмондааст ва ҷумлаҳои пайрави дараҷаи дуюм иллати сифати дараҷаи дуюмро баён кардааст. Ба сурати нақша агар ин ҷумларо тасвир намоем, чунин аст:




В. Қолаби дуюми аслии ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб, ки аз сарҷумлаю ҷумлаҳои пайрави ҳархела ташкил меёбад, дар «Дастур-ул-мулук» нисбатан камтар вохӯрд, вале дар корбурди он низ хусусиятҳои муҳим ба чашм расид. Масалан, ба як сарҷумла як ҷумлаи пайрави макон ва як ҷумлаи пайрави шарт тобеъ шуда омаадааст, вале ҷумлаи пайрави шарт тобиши хилоф ҳам дорад: Ҳар ҷо ки аҳли ақл дар муҳиме шурӯъ намоянд, агар шар бувад, ба хайр анҷомад [с. 423]. Дар шакли нақша ин ҷумла ин тавр аст:



Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Хоҷа Самандари Тирмизӣ дар созмондиҳии ин қолаб низ баъзе вижагиҳои хоси услуби нигориш доштааст. Масалан, ӯ ба як сарҷумла як ҷумлаи пайрави замонро ва ду ҷумлаи пайрави пуркунандаи чидаро дар қолаби ҷумлаҳои ҳампайрави ғайричида оварда, яке аз ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи чидаро бо ҷумлаи пайрави натиҷа шарҳ дода қолаби дараҷа сохтааст. Чунончи: Имрӯз, ки дар шикор будам, дидам, ки саге пойи рубоҳеро шикаст ва пиёдае санге биандохт ба пои саг расид, ӯ низ шикаста шуд [с. 421]. Қолаби ин ҷумла чунин аст:


Г] Дар «Дастур-ул-мулук» қолаби сеюми аслии ҷумлаи мураккаби сертаркиба, яъне ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои ҳампайрави дараҷа хеле серистеъмоланд. Таркиббандии ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа ниҳоят гуногун аст. 1) Дар «Дастур-ул-мулук» қолаби муқаррарии ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷае, ки аз як сарҷумла ва ду ҷумлаи пайрави паёпай иборат аст, бештар корбаст шудааст. Мисол: Азизи ман, саъйкун, ки санги тафриқа дар маҷмаи душман афтад, чаро ки ихтилофи хасмон муҷиби фароғи дили дӯстон аст [с. 215].

Дар мисоли фавқ ба як сарҷумла ду ҷумлаи пайрав – яке ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки дараҷаи якум аст ва дигаре ҷумлаи пайрави сабаб, ки дараҷаи дуюм мебошад, тобеъ шудаанд, ки ба ин тариқа ба қолаб даромадаанд.




Ба ҳамин низом ҷумлаҳои пайрави дигар, масалан, ҷумлаи пайрави пуркунандаю хилоф ба як сарҷумла тобеъ шудаанд: Азизи ман, бисёр бошад, ки дарвеши комил ва суфии софдил аз худ хилват созад, бо вуҷуди ин ҳол куҷо бо дигаре пардозад [с. 432].

2) Ҷумлаи пайрави пуркунанда ва муайянкунанда ба тариқи дараҷа омада, ҷумлаи пайрави замон ба сурати пайрави ғайричида воқеъ гаштааст, ки дар натиҷа ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи ғайричидаю дараҷа ташкил шудааст: Чун аз шикор боз омад, мунодӣ фармуд, ки дасти ман, ки бар рӯи мазлумони меҳнат расида буд ва теғи ситам кашида буд, кӯтоҳ кардам ва дар мақоми раъиятпарварӣ собитқадам шудам [с. 420]. Ба сурати нақша ин ҷумла чунин аст:



3) Бисёр наҷиб аст, ки адиб ба як сарҷумла ҷумлаи пайрави хабареро тобеъ месозад, ки хабараш чида шуда, чун ҷумлаҳои пайрави хабари чида ба назар мерасанд ва дараҷаи аввалро ташкил медиҳад ва ба ин ҷумлаи пайрави дараҷаи аввал ду ҷумлаи пайрави гуногун (яке шарт дигаре мақсад) тобеъ шуда, дараҷаи дуюмро ташкил додаанд: Азизи ман, исмат он аст, ки чун шаҳват ғолиб гардад, ту синаи нафс бозdорӣ ва домани исмат аз либоси ҳаром пок созӣ ва ҷузъ тариқи шаръ дар ин раҳ иқдом нанамоӣ, назар аз амали ношоиста бардорӣ, то дари хайру салоҳ бар рӯи ту кушода гардад [с. 435]. Қолаби ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи дараҷа чунин аст(дар боло).

4) Қолаби ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷае корбаст шудааст, ки дараҷаи аввал чида шуда, ҳар кадоме аз ҷумлаҳои пайрави дараҷаи аввал ба худ ҷумлаи пайрави сабаб гирифтаанд. Чунончи: Намебинӣ, ки осмон пайваста дар сафар аст, аз ҳама болотар аст ва замин, ки ҳамеша дар сукут аст, лагадкӯби ҳар дун аст [с. 435]. Ба сурати нақша ҷумлаи фавқ чунин аст:



Хулоса, дар сохтори наҳвии «Дастур-ул-мулук» ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб нақши муҳим дорад. Умуман дар сохтори наҳвии ин асар ҷумлаҳои мураккаб бартарии зиёд дорад. Аз 720 ҷумлае, ки дар асар истифода шудааст, 600 ададро ҷумлаи мураккаб ташкил додааст, ки 80 % аст, аммо бояд таъкид кард, ки бартарии ҷумлаи мураккаб ба сохтори наҳвии асар гаронӣ наовардааст. Муаллиф сохтори ҷумлаҳои мураккабро ба чунон низоме созмон додааст, ки дар баёни матлаб созгор афтода, мазмуни онҳо ба фаҳми хонанда наздик аст.

АДАБИЁТ

1. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик. / Атобуллоев С. – Душанбе, 1975.- 215 с.
2. Белошапкова В. А. Современный русский язык. Синтаксис. Учеб.пособие для. филол. Специальностей ун-тов. / Белошапкова В. А. М. – 1977.-247с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 3. Нашри академӣ. – Душанбе, 1989.- 225 с.
4. Зикриёев Ф. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. /Зикриёев Ф. – Душанбе, 1977. – 121с.
5. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. / Маъсумӣ Н. - Сталинобод, 1959. - 294 с.
6. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Рустамов Ш. – Душанбе, 1968.- 124 с.
7. Ғаффоров Р. З. Нависанда ва забон. / Ғаффоров Р. З. – Душанбе, 1977. –208 с.
8. Қосимова М. Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик. /Қосимова М. Н. – Сталинобод, 1961.-88 с.
9. Тоҷиев Д. Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. /Тоҷиев Д. Т. – Душанбе, 1981.- 218 с.
10. Федоров А. К. Трудные вопроси синтаксиса. / Федоров А. К. – М., 1972.- 218 с.
11. Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ҳусейнов Х. – Сталинобод, 1960.- 121с.

ОБ ОСОБЕННОСТЯХ УПОТРЕБЛЕНИЯ СЛОЖНОПОДЧИНЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С НЕСКОЛЬКИМИ ПРИДАТОЧНЫМИ ПРЕДЛОЖЕНИЯМИ В «ДАСТУРУЛМУЛУК» ХОДЖА САМАНДАРА ТИРМИЗИ

В статье рассматриваются некоторые особенности употребления усложненного типа сложных предложений в «Дастурулмулук» писателя XVII века Ходжа Самандара Тирмизи. На основе достаточного количества примеров показана степень употребления усложненного типа сложных предложений в данном

историческом произведении. Исследования показали, что сложные предложения усложненного типа в «Дастурулмулук» состоят из некоторых особенностей расположения их частей, в особенности группировки простых предложений внутри сложного.

Ключевые слова: сложноподчиненные, усложненного типа, придаточный, конструкция, синтаксис, способы связи, исследование, определение, дополнение.

ABOUT THE FEATURES OF THE COMPLEX SENTENCES WITH MULTIPLE SUBORDINATE CLAUSES «DASTURULMULUK» KHOJA SAMANDAR TIRMIZI

The article describes some of the feature the use of sophisticated type of complex sentence «Dasturulmuluk» in 17th centre writer Khodja Samandar Tirmizi.Based on a sufficient number of examples show the power consumption of a complicated type of complex sentences in this historic work. Studies have shown that the complex offers sophisticated lodging in «Dasturulmuluk» consist of some features of which is placed their parts, especially grouping simple sentences within a complex.

Key words: complexes, sophisticated type, subordinate, construction, syntaxes, methods communication, research, definition, addition.

Сведения об автор: ***Давлатбек Ходжаев*** – доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **985-55-84-38**
Хиромон Сафарова – соискатель кафедры языка и типологии Таджикского национального университета

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАИ «МАЙ» ВА ИФОДАИ МАҶОЗИИ ОН ДАР ЗАБОНИ ШЕЪР

М. Саломов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маҷоз яке аз мафҳумҳои муҳимест, ки дар системаи илмҳои гуногун мавриди истифода қарор мегирад. Ҳадафи асосии маҷоз барои ифодаи маъно равона шудааст. Яъне он воситаест, ки тавассути он аз калимаҳое, ки маънои луғавӣ доранд, маънои дигаре тавлид меёбад. Ин мафҳум аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст. Ҳанӯз аз даврони қадим олимони соҳаи суханшиносӣ барои муайян кардани маънои калима ва хусусиятҳои гуногуну серпаҳлуи он баҳсҳо карда, тадқиқотҳои зиёди илмӣ ба анҷом расонидаанд. Зеро ташаккули таърихии ҷамъият ба инсоният шароит фароҳам месохт, ки барои ғанӣ гардонидани маънавиёти худ ба эҷодкорӣ даст бизанад ва дар ин раванд образу тасвирҳо ва фантазия (ё муболиға)-ҳои зиёдеро тавассути забон баён кунад. Пеш аз ҳама ифода ва ё баёнҳои ғайривоқеӣ боиси он мегардид, ки калимаҳо дорои тобиш ё ҷилоҳои нави маъноӣ гарданд.

Маҳз ҳамин масъала дар рисолаҳои гуногуни илмӣ мавриди баҳсу талош қарор мегирифт. Пеш аз ҳама таваҷҷуҳи аҳли илм ба он равона шуда буд, ки чаро баъзе калимаҳо дар баробари ифодаи маънои аслии худ боз барои ифодаи маънои дигар низ меоянд? Чунин гузориши масъала ду проблемаро ба вуҷуд оварад:

1) Як гурӯҳи калимаҳо шаклан якхелаанд ва маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Ин гурӯҳ калимаҳо минбаъд омоним номида шудаанд, ки байни маъноҳои онҳо робитае вуҷуд надорад;

2) Гурӯҳи калимаҳое, ки мисли омонимҳо як хел навишта мешаванд, вале байни маъноҳои онҳо робита ва алоқамандӣ аз ягон ҷиҳат вуҷуд дорад ва онҳоро калимаҳои сермаъно меноманд.

Дар ин маврид ду масъалаи хеле муҳим пеш меояд, ки чаро байни гурӯҳи калимаҳои ҳамшакл чунин муносибат вуҷуд дорад.

Масъалаи мазкур ҳалли худро дар он ёфт, ки чунин хусусияти гуногунпаҳлуи калима аз зарурати иқтисодӣ ва эстетикӣ ба вуҷуд омадааст.

Яъне кам будани миқдори калимаҳо нисбат ба ашёҳо ва мафҳумҳои олам боиси он гардид, ки калимаҳои шаклан якхелталаффузшаванда (омоним) дар забон пайдо шаванд, ки ин зарурати иқтисодӣ ё иҷтимоии забон аст. Яъне дар раванди инкишофи забон калимаҳои алоҳида тасодуфан бо ҳам аз ҷиҳати шаклу талаффуз монанд

мешаванд, ки онҳо байни худ ягон гуна робитаи маъноӣ надоранд ва дар майдони семантикӣ онҳо калимаҳои гуногун ба шумор мераванд. Ҳамчунин агар ба этимологияи онҳо низ назар кунем, дармеёбем, ки онҳо калимаҳоеанд, ки аз решаҳои гуногун пайдо шудаанд. Дар мавриди дигар маҷоз бо таносуби сухан сару кор дорад, дар омоним ин масъала мушоҳида намешавад. Ҳамчунин маҷоз дар ташакули сермаъноии калимаҳо нақши муҳим дорад, вале омоним аз ин хусусият орӣ аст.

Дар баробари ин зарурати эстетикӣ ва ҳунарӣ боиси он гардидааст, ки калимаҳо барои ифодаи ҷаззобу дилкаш ба маънои ғайриаслӣ оянд ва суханро муассир намоянд. Пас байни ду мафҳум робита ва фарқияти ҷиддие мушоҳида мешавад. Дар ин мавриди маҷоз дар ифодаи маънои дуюм мавқеи муҳим дорад.

Пас суоле пеш меояд, ки маҷоз чист ва он дар забон ва гуфтор чӣ мавқеъ дорад?

Шамс Қайси Розӣ ба ин суол чунин посух гуфтааст: «Маҷоз зидди ҳақиқат аст. Маҷоз он аст, ки аз ҳақиқат даргузаранд ва лафзро бар маънии дигаре итлоқ кунанд, ки дар асли вазъ на барои он ниҳода бошанд. Лекин бо ҳақиқати он лафз ваҷҳи алоқате дорад, ки бад-он муносибат муроди мутакаллим аз он итлоқ фаҳм тавон кард» [4, 23].

Дар ин асар ҳамчунин зикр мешавад, ки батадриҷ баҳс дар бораи маҷоз ба нуктаи каломӣ ва фалсафӣ мубаддал ва ба масъалаи «ҳақиқат» дар баробари «маҷоз» бозгашт. Зеро агар қарор буд, ки маҷоз истеъмоли лафз дар маънои ғайриҳақиқӣ бошад, бояд мушаххас мешуд, ки маънои ҳақиқӣ чист) [ниг. 4, 23]?

Ҳамин тариқ, байни олимони улуми балоғат ин ду мафҳум баҳсҳои зиёдеро барангехтааст.

Аз оғози пайдоишаш истилоҳи маҷоз бо калимаи ҳақиқат тавъам гардид ва дар аксари маврид онҳо дар таносуб ва тазоди якдигар ифода меёбанд. Яъне агар маҷоз овардани калима ба маънои ғайри аслӣ бошад, ҳақиқат ифодаи маънои аслии калимаҳост. Дар осори манзум ин ду мафҳум хеле зиёд истифода гардидаанд. Мо намунаи онро аз устод Рӯдакӣ сар карда, дар ашъори аксари шуарои адабиёти классикӣ мушоҳида карда метавонем.

Масалан:

Ишқи маҷоз дар роҳи маънӣ ҳақиқат аст,

К-он чиз, ки ҷуз ишқ бувад, айни маҷоз аст. (Хоҷу).

Маҷоз бар рӯи меҳвари ҳамнишинӣ ва ба далели афзоиши маъноӣ падид меояд. Яъне, низоми савтии калимаҳо ва ифодаи семантикии онҳо барои бунёди маҷоз заминаи муҳиме бунёд менамоянд. Ҳамнишинӣ барои ифодаи маънои муассир он гоҳ хусусияти худро зоҳир менамояд, ки байни калимаҳое, ки ба маънои маҷозӣ омадаанд, робитаи семантикӣ вуҷуд дошта бошад. Як калима дар алоҳидагӣ наметавонад маънои маҷозиро ифода намояд. Ҳамнишинии он бо калимаҳои дигари ба ҳам марбут боиси бунёди маънои маҷозӣ мегардад, ки чунин тарзи ифода барои забони шеър хеле муҳим ба ҳисоб меравад.

Дар забони шеър корбаст шудани маҷоз пеш аз ҳама ба услуби шоир, ҷаҳонбинӣ, тарзи баён барин унсурҳои муҳими шоирӣ вобастагӣ дорад. Яъне овардан ва ё баёни маҷоз ба услуби баёни адиб робитаи наздик дорад. Именно художественная метафора, отражающая необъективные логические связи между предметами и явлениями, а субъективное, авторское видение мира, привносить в текст алогичность, непредсказуемость. Скляревская Г.Н. выделяя в лексическом значении семантических единиц денотативное ядро и коннотативную часть, указывает, что «в процессе метафоризации может актуализироваться любая коннотативная сема, как бы далеко она ни отстояла от денотативного ядра» [3, 17].

Ҳамчунин дар нутқи шоирона баъзан тавассути маҷоз андешаҳое баён мегарданд, ки дарку фаҳмидани онҳо гоҳо душвор аст. Дар ин маврид ҳанӯз Арасту чунин таъкид карда буд: «Если речь не ясна, она не выполнит своей задачи. Стиль не должен быть неизменным, но соотствующим предмету речи; и поэтический стиль, конечно, неизменный, но не соответствует ораторской речи» [1, 115].

Нужно употреблять в речи подходящие эпитеты и метафоры, что достигается благодаря аналогии, в противном случае метафора и эпитет покажутся неподходящими, вследствие того что противоположность двух понятий наиболее ясна в том случае, когда эти понятии стоять рядом [1, 116].

Пас бармеояд, ки дар шеър маҷоз мавқеи муҳим дошта, воситаи муҳими муайян кардани услуб ва ҳунару истеъдоди эҷодии шоир аст. Агар аз як тараф дар услуб дараҷаи истифода шудани санъатҳои бадеӣ баррасӣ шавад, аз ҷониби дигар муассирии сухани ӯ ва тарзи ифодаи суханвар бо истифода аз маҷозу васоити забонӣ аст.

Калима дар забони гуфтугӯӣ як аломат аст, вале дар забони назм калима маъно аст. Бинобар ин калимаҳо дар забони шеър бо ҳам он қадар ҳамнишин мегарданд, ки иваз кардани ҷойҳои он дар мисраъҳо гоҳо ғайриимкон мегардад. Ҳамчунин дар ифодаи маъно шоирон дар баробари ҳамнишинӣ монандӣ, алоқамандӣ ва марбутияти онҳоро низ ба инобат мегиранд, ки дар ин маврид нақши маҷоз хеле муҳим ба ҳисоб

Барои муайян кардани ин хусусияти калимаҳо вожаи «май»-ро, ки дар аксари осори шоирони ғазалсаро вожаи калидӣ маҳсуб меёбад, мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Калимаи «май» дар луғат ба маънои моеест, ки аз ангур омода мегардад ва нӯшандаро масту бехуд мегардонад. Ш. Исрофилниё дар асоси маълумоти фарҳангу луғатҳо шарҳҳо ва баъзе асарҳои илмию тадқиқотӣ шарҳи ин вож таври зайл овардааст: «Май, шароб, бода. Май дар маънии аввалӣ шароби ангурӣ ва ба маънии ишорӣ муҳаббати холис, ки ботини маҳбубро бо зоҳири ӯ якранг созад, то аъмолу афъоли ӯ аз лавси маъсият ва риё мубарро гашта, ранги қабул пазирад, ки муҳаббат амл кардан ба тоати маҳбуб аст» [ниг. 2, 157]. Дар тасаввуф он ҳолати бехудии суфиро дар ҷустуҷӯи ҳақ ифода мекунад. Бинобар ин дар ғазалиёти шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик ин мафҳум бо тобишҳои гуногуни маъноӣ омадааст. Доир ба ин мафҳум шурӯъ аз устод Рӯдакӣ ҳамаи шоирон тавоҷҷуҳ зоҳир карда, онро бо вожаю таъбирҳои гуногуне ифода кардаанд. Масалан, устод Рӯдакӣ ангурро модари май номида, «бачаи ӯ»-ро май номидааст

Модари майро бикард бояд қурбон ,
Бачаи ӯро гирифту кард ба зиндон. (Рӯдакӣ)

Ба ҷом **хуни бачаи ток**ам фирист аз он-к,
Ҳам бӯи мушк дораду ҳам гунаи ақиқ.
То мо ба ёди хоҷа дигар бор пур кунем,
Аз **хуни хуша** ақҳалу қайфалу бослиқ.

Пеш аз ҳама дар робита бо моеъ буданаш май маҷозан бо калимаи об муносибати семантикӣ дорад.

Соқии симтан, чӣ хусбӣ, хез,
Оби шодӣ бар **оташи ғам** рез. (Саъдӣ)

Гар аз ин о**би тарабнок** на хушдил бошӣ,
Хуштар он аст, ба ҳар ҳол ки дар гил бошӣ (Ҳофиз)

Соқиё, як ҷуръае з-он **оби оташгун,** ки ман,
Дар миёни пухтагони ишқи ӯ хомам ҳанӯз (Ҳофиз)

Мастии ишқ нест дар сари ту,
Рав, ки ту масти **оби ангурӣ**. (Ҳофиз)

Дар ин байтҳо мафҳуми об дар муносибат бо вожаҳои **шодӣ, тарабнок, оташгун** ва **ангур** маънии шаробро ифода кардааст.

1.**Оби шодӣ** //Оби тарабнок - май, обе, ки шодӣ физояд ва ғамро коста гардонад ва мурод аз нӯшидани он хушдил ва хушҳол шудан аст.

2.**Оби оташгун** – май, обе, ки мисли оташ баданро гарм кунад. Яъне аз таъсири шароб маст гардидан.

3.**Оби ангурӣ** - шароб, дар ин маврид сифати нисбӣ аст. Яъне шаробе, ки аз ангур тайёр карда мешавад.

Дар баробари ин калимаи май дар осори баъзе шоирон бо калимаи калимаи "духтар" низ муносибати семантикӣ пайдо карда, мафҳуми майро ба таври маҷозӣ ифода намудааст. Масалан:

Ба ними шаб агарат офтоб мебояд,

Зи рӯи **духтари гулчеҳри раз** ниқоб андоз. (Ҳофиз)

Дар ин байт калимаҳое истифода шудаанд, ки онҳо бо калимаи духтар дар таносуб омадаанд. Аз ҷумла, калимаҳои **гулчеҳр** ва **ниқоб** марбут ба вожаи духтаранд. Танҳо калимаи «раз» ба калимаи духтар робита надорад, вале дар ибораи мазкур бо калимаҳои «духтар» ва «гулчеҳр» омада боиси маънои маҷозӣ гардидани ин ибора гардидааст. Дар байти зерин низ вожаи духтар бо якчанд калимаи дигар омада, маҷозан маънои «май»-ро ифода кардааст:

Духтари шабгарди тунди талхи гулранг асту маст,

Гар биёбедаш, ба сӯи хонаи хонаи Ҳофиз баред! (Ҳофиз)

Ин байт мисли чистон эҷод шудааст. Зеро калимаҳое, ки дар мисраи якум дар қолаби ибораи изофӣ ифода ёфтаанд, дар маҷмуъ ҳамааш тобеи калимаи «духтар»-анд, вале сифати ашёи дигарро ифода кардаанд. Агар ин ибораро таҳлил кунем, ба чунин натиҷа мерасем.

Духтари шабгард-ибораи озоди синтаксисӣ, хислати манфии духтар, яъне духтаре, ки шабҳо мегардад.

Духтари тунд-маҷозан, теззабон

Духтари талх-дар забони тоҷикӣ чунин тарзи баён роиҷ нест.

Духтари гулранг – духтаре, ки мисли гул аст.

Духтари маст-духтаре, ки маст аст.

Тавре ки аз таҳлил бармеояд, маҳз тавассути калимаи талх ин ибора ба маънои маҷозӣ омада, маънои калимаи шаробро ифода кардааст. Дар ин байт ҳадафи шоир тавсифи сифатҳои калимаи «духтар» нест, балки ба ин восита ӯ сифатҳои шаробро ифода намудааст. Дар ин маврид суоле пеш меояд, ки байни вожаҳои ин мисраъ ва ифодаи мафҳуми «май» чӣ муносибати семантикӣ вуҷуд дорад? Духтар дар забони тоҷикӣ ифодагари маънии нозукию бакорат аст. Дар ин маврид Ҳоҷа Ҳофиз дар байте чунин фармудааст:

Духтари фикри бикри ман маҳрами хилвати ту шуд,

Маҳз чунин арӯсро ҳам ба кафат ҳавола бод. (Ҳофиз)

Вожаи май май низ мисли духтар нозук аст ва он аз ҷиҳати аломат сурх буда, ба чеҳраи духтар шабоҳат дорад. Калимаҳои дигар – **шабгард, талху тунд** (мазаи шароб), **гулранг** (сифати шароб, яъне сурх) **маст** (таъсири шароб, яъне маст кардан) сифату аломат ва хусусияти таъсирбахшии шаробро ифода кардаанд. Яъне Ҳофизи Шерозӣ бо усули махсус мафҳуми шаробро ба таври муассир ифода кардааст. Ӯ дар мисраи аввал сифатҳои онро зикр карда, дар мисраи дуюм хоҳиш намудааст, ҳар кас ки бо чунин аломатҳо чунин духтареро пайдо кунад, ба хонаи ӯ биёрад, ки ҳадафи асосии шоир аз ин таъбир духтар набуда, балки шароб аст.

Боиси тавақҷуҳ аст, ки Ҳофиз дар ҳар мавриде ки мафҳуми майро ифода мекунад, яке аз хислатҳои духтарро бо он дар таносуб меорад. Масалан, дар байти зерин мафҳуми майро маҷозан бо ибораи **хуни хум** ифода карда, калимаи «ғамза»-ро, ки хоси духтарон аст, бо он дар таносуб овардааст.

Ё раб,чӣ **ғамза** кард суроҳӣ, ки **хуни хум**,

Бо наъраҳои қулқулаш андар гулӯ бибаст.

Дар байти дигар бо истифода аз вожаҳои "ниқоб" ва "парда", ки марбути духтар аст, ибораҳои "ниқоби зуҷоҷӣ" ва "пардаи инабӣ" сохтааст, ки ҳар ду вожа

дар муносибат бо май ифода шуда, **ниқобизуҷоҷӣ** маънияш зарфи шишагинест, ки дар он шароб мегиранд ва **“пардаи инабӣ”** пардаест, ки шарбати ангурро ҳифз мекунад ва он мисли шиша шаффоф аст. Яъне агар ҳамон парда бидарад, шарбати ангур мерезад.Шоир барои муассир гардидани суханаш дар мисраи аввал ибораи **духтари раз**-ро овардааст, ки маънии он шароб буда, бо вожаҳои ниқоб, зуҷоҷ, парда ва инаб (ангур) дар таносуб омадааст

Ҷамоли **духтари раз** нури чашми мост магар,
Ки дар **ниқоби зуҷоҷиву пардаи инабис**т.

Бояд зикр кард, ки дар осори аксари шоирон таъбири “духтари раз” барои ифодаи шароб омада, бо вожаҳои ифодакунандаи ин мафҳум дар таносуби маъноӣ меоянд. Масалан,

Арӯси бас хушӣ, эй **духтари раз**,
Вале гаҳ-гаҳ сазовори **талоқӣ**. (Ҳофиз)

Умуман ин мафҳум дар осори Ҳофизи Шерозӣ ва шоирони дигари ғазалсаро мафҳуми май бо ифодаҳои маҷозии **духтари раз, фалотуни хумнишин, хуни духтари раз, духтари шабгарди тунди талхи гулрангу маст, хуни хум, оби оташгун, офтоби қадаҳ, оби ангурӣ, оби тарабнок, боди ғурур, хуни раз, хуни бачаи ток, оби шодӣ, оташи ғам** ва монанди инҳо байни якдигар аз ҷиҳати семантикӣ муродиф буда, аз ҷиҳати доираи истеъмол аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар маҷмӯъ маҷоз дар забони шеър унсури хеле муҳим маҳсуб шуда, пояи асосии бунёди он аст. Зеро маҳз тавассути он сухани шоир муассир мегардад ва мафҳумҳо бо тарзу услуби хос ифода меёбанд. Дар баробари санъатҳои бадеӣ низ дар сохтани образҳо гуногун ва ифодаи ҷаззоб нақши муҳим бозида, аз маҳорату сухандонӣ ва ҳунару истеъдоди ҳар як эҷодкор дар офаридани асарҳои бадеӣ дарак медиҳад. Пеш аз ҳама дар шеър маҷоз бо таносуби сухан робитаи ногусастанӣ дорад, ки муайян кардани ин робитаҳо мавзӯи баҳси дигар аст.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Риторика. Поэтика./ Аристотель. – М.: Лабиринт, 2000.-224 с.
2. Исрофилниё Ш.Р.Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Ҳофиз. / Исрофилниё Ш.Р. – Душанбе: Адиб, 2003.- 179 с.
3. Скляревская Г.Н. Метафора в системе языка. / Скляревская Г.Н. - СПб, 1993
4. Шамс Кайс Рози. Ал-мӯъҷам. / Шамс Кайс Рози. - Душанбе: Адиб,1991-464.с.
5. Рӯдакӣ (шеърҳо). / Рӯдакӣ. -Душанбе - Ирфон, 2008, 176 с.
6. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт. /Саъдии Шерозӣ. -Қум: Интишороти Асва, 1385.-896 с.
7. Ҳофизи Шерозӣ. / Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт. -Душанбе: Ирфон, 1983.-680 с.
8. Хочуи Кирмони. Девони ашъор. / Хочуи Кирмони. - Теҳрон: Пожанг, 1384.-835 с.

СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОТТЕНКИ СЛОВА «МАЙ» (ВИНО) И СПОСОБЫ ИХ ВЫРАЖЕНИЯ В ЯЗЫКЕ ПОЭЗИИ

В поэтическом контексте метафора имеет особое и значимое место и можно сказать является основой поэтической выразительности. Метафора в поэзии часто становится стилистической и эстетической самоцелью поэта и в итоге вытесняет первоначальное основное значение данного слова. Отличительная особенность метафоры заключается в том, что беспрерывное ее участие в развитии языка и речи является условием выразительности и действенности слова.

Ключевые слова: язык поэзии, слова май, метафора, значение, стиль,

SEMANTIC NUANCES OF THE WORD "MAY" (WINE) AND HOW THEY ARE EXPRESSED IN THE LANGUAGE OF POETRY

In a poetic context, a metaphor has a special and important place and you can tell is the basis of poetic expressiveness. Metaphor in poetry is often a stylistic and aesthetic end in itself of the poet and eventually displace the original core meaning of that Word. A distinctive feature of the metaphors is that continued its participation in the development of speech and language is a prerequisite for expressiveness and effectiveness.

Key words: the language of poetry, the words «may», metaphor, mean, style.

Сведения об авторе: ***Саломов М.К.*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-80-84-67**

МАВҚЕИ МУБТАДО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Х.М. Камолов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳимтарин воҳиди забон, ки дар ифодаи фикр нақши бунёдӣ дорад, ҷумла аст. Дар мавриди назарияи ҷумла асарҳои зиёде дар соҳаи забоншиносӣ таълиф гаштаанд, аммо мавзӯи мазкур муҳим боқӣ мемонад. Дастури забон, дар маҷмӯъ, ва наҳв, махсусан, дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ нақши муҳим дорад, хоса наҳви ҷумлаҳои сода. Муҳаққиқон вобаста бо сохторашон ҷумлаҳоро ба сода ва мураккаб ҷуда кардаанд. Вақте сухан аз ҷумлаҳои сода меравад, доир ба аъзои ҷумла, нақш ва мавқеи онҳо баҳс меороянд. Ҳар яке аз аъзои ҷумла, албатта, мавқеъ ва нақши муайяне доранд. Дар ҷумлаҳои содаи дутаркиба сараъзо (мубтадову хабар) поя ё худ асоси ҷумла маҳсуб мешаванд. Муносибати ахборӣ маҳз дар байни мубтадову хабар ба вуҷуд меояд, ки ин аз мавқеи устувор доштани сараъзо дар ҷумла дарак медиҳад. Дар сурати ҳазф гардидани аъзои пайрав аз ҷумлаи *“Ҳунармандони театри лӯхтак дирӯз аз сафари эҷодӣ бо табъи болида баргаштанд”* шакли *“Ҳунармандон баргаштанд”* боқӣ мемонад, ки ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам аз ҷиҳати маъно ҷумлаи комил шуда метавонад. Бесабаб нест, ки ҳангоми таҳлили наҳвии ҷумла аввал сараъзо муайян карда мешавад.

Аз панҷ аъзои ҷумла мубтадо ба сифати яке аз сараъзои ҷумлаҳои содаи дутаркибаи забони тоҷикӣ нисбатан мустақил маҳсуб мешавад. «Мубтадо предмети сухан мебошад, ки амал, таъсиру ҳаракат, ҳолату вазъият, аломату хусусияте, ки хабари ҷумла ифода мекунад, ба он нигаронида шудааст» [2, 227]. Ҳамчунин, амалу ҳолат аз рӯйи шахсу шумора ба мубтадо нигаронида мешавад ва мубтадо ба саволҳои кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо? ҷавоб мешавад.

Ба сифати сараъзо «мубтадо дар забони тоҷикӣ баъзе хусусиятҳо ва аломатҳои грамматикӣ дорад, ки онҳо барои фарқ кардани он аз аъзоҳои дигари бо предмет ифодашудаи ҷумла ёрӣ мерасонад: 1) мубтадо баъди бандаки изофӣ намеояд, 2) пешоянду пасоянд намегирад, 3) ба ягон аъзо тобеъ нест, яъне вай шоҳи ҷумла аст» [3, 38].

Дар забони англисӣ низ, ки ба мисли забони тоҷикӣ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад, ба истилоҳи дигар бо забони тоҷикӣ “хеш” мебошад, албатта, мубтадо (Subject) хусусиятҳои хоси худро дорад. Мубтадо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дар сохтори ҷумла мавқеи муҳим дорад, ҳарчанд ки гоҳе ҳазф мегардад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бештар умумият ва баъзан тафовут дар корбурди мубтадо ба назар мерасад. Дар ҳар ду забон мухторияти мубтадо дар ҷумла ҳодисаи маъмулӣ аст. Агар ҳар аъзои дигари ҷумла маъмулан ба хабар вобаста бошанд, худи хабар ба мубтадо вобастагӣ дорад. Масалан, дар ҷумлаи *<u>Ман</u> дар кӯча мардеро мебин<u>ам</u>* ғайр аз калимаи “ман”, ки ба вазифаи мубтадои ҷумла омадааст, ҳар аъзои дигар ба хабари ҷумла – “мебинам” вобастаанд ва онро тавзеҳ медиҳанд. Худи хабар бошад, дар навбати худ, вобастаи мубтадост. Айнан ҳамин ҳолат дар забони англисӣ низ мушоҳида мегардад. Чунончи: *<u>I see</u> a man in the street.* Дар ин ҷумла, ки тарҷумаи айнии ҷумлаи “Ман дар кӯча мардеро мебинам*”* аст, ба ҷуз <u>I</u> (мубтадои ҷумла) ҳар аъзои дигар (ҳолшарҳкунанда ва пуркунанда)] вобастаи хабаранд, аммо <u>see</u>, ки хабари ҷумла аст, дар навбати худ, ба мубтадо, яъне <u>I</u> вобастагӣ дорад. Чунин вобастагии хабарро ба мубтадо дар сурати тағйир пазируфтани мубтадо метавон дақиқтар мушоҳида кард. Дар ҳар ду забон агар шахси мубтадо тағйир дода шавад, хабар низ ногузир тағйири шакл мепазирад: *<u>Ӯ</u> дар кӯча мардеро мебин<u>ад</u> – <u>He</u> see<u>s</u> a man in the street.*

Бо вуҷуди аъзои муҳимтарин, ё худ ба таъбири дигар “шоҳи ҷумла” буданаш, мубтадо метавонад дар ҷумла ҳузур надошта бошад. Чунин хусусият бештар хоси забони тоҷикист. Вобаста ба ин ҳолат як намуди ҷумлаҳои содаро дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои яктаркиба меноманд. Дар ҷумлаҳои содаи яктаркиба маъмулан мубтадо ҳузур надорад. Масалан:

Падарамро ба ҷаласа даъват карданд. Дар фасли баҳор бозгашти паррандаҳои гуногунро мушоҳида мекунем.

Дар ҷумлаҳои мазкур мубтадо (“онҳо” – барои ҷумлаи якум ва “мо” – барои ҷумлаи дуввум) зикр нагардидааст, аммо аз ин ҳолат сохт ва ё маънои ҷумла коста намегардад. Чунин хусусият, яъне адами мубтадо дар ҷумла, дар забони англисӣ низ мустаъмал аст. Чунончи:

Shut the door! (Дарро пӯшед!). Go back (Ба қафо баргард!).

Ин ҷо бе мавҷудияти мубтадо низ ҷумла фикри томро ифода карда метавонад. Дар ин сурат худи шакли хабар ба фоил ишора мекунад. Дар забони англисӣ адами мубтадо дар ҷумлаҳои амрӣ ҳодисаи маъмулӣ ба шумор меравад. Зикр нагаштани мубтадо дар ин навъ ҷумлаҳо як навъ нишонаи сиғаи амрӣ мегардад. Дар ин ҳолат оҳанги гуфтор, матн ва ҳолат ишора ба он мекунад, сухан ба шахси дуюм равона гардидааст, бинобар ин ба мавҷудияти мубтадо зарурат намемонад. Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ хабари чунин ҷумлаҳо дар шахси дуюми шумораи танҳо ва ҷамъ меояд.

Дар мавридҳои дигар сарфи назар гардидани мубтадо дар ҷумлаҳои нопурра, махсусан ҳангоми муколама, яъне посух ба савол ва ё дар забони гуфтугӯӣ дар забони англисӣ ба назар мерасад, аммо бояд гуфт, ки ин ҳодиса ба меъёри забони англисӣ хос нест:

Saw him yesterday? – Дирӯз ӯро дидӣ? (Шакли дурусташ – *Did you saw him yesterday*?); *Was there yesterday*. – Дирӯз он ҷо будам. (Шакли дурусташ: I was there yesterday).

Дар забони тоҷикӣ ҷумлаҳои бемубтадо серистеъмоланд. Корбасти зиёди ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс, бешахс далели ин гуфтаҳост. Шакли хабар, махсусан ҳузури бандакҳои феълию хабарӣ, нишон медиҳад, ки сухан дар бораи кӣ меравад, яъне мубтадои ҷумла аз хабари он аён аст. Аммо дар забони англисӣ ҳодисаи маъмул ин аст, ки мубтадо дар ҷумла зикр мегардад. Дар тарҷумаи ҷумлаҳои бемубтадои забони тоҷикӣ ба забони англисӣ одатан мубтадо оварда мешавад:

Мегӯянд... – <u>They</u> say...

Ба ӯ гуфтам – <u>I</u> told him.

Сабаби асосии ҳузури мубтадо дар ҷумлаҳои забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ дар он зоҳир мегардад, ки шакли феъли забони англисӣ на ҳамеша ба фоил ишора карда метавонад. Маълум аст, ки дар тасрифи феълҳои забони тоҷикӣ бандакҳо нақши муҳим доранд, аммо дар забони англисӣ ҳангоми тасриф шакли феъл тағйир намеёбад, ҷонишинҳо нақши калидӣ мебозанд:

Рафт<u>ам</u> – <u>I</u> went

Рафт<u>ӣ</u> – <u>You</u> went

Рафт – <u>He/She</u> went

Рафт<u>ем</u> – <u>We</u> went

Рафт<u>ед</u> – <u>You</u> went

Рафт<u>анд</u> – <u>They</u> went

Бинобар ин, ҷумлаҳои **яктаркибаи** муайяншахс ва бешахси забони тоҷикӣ ба забони англисӣ чун ҷумлаҳои **дутаркиба** тарҷума мегарданд:

*Фардо ба шаҳр мерав**ам** – <u>I</u> will go to the city tomorrow .*

Ин китобро хонд<u>ӣ</u>? – Did <u>you</u> read this book?

Ба хона рафтан даркор. - <u>It</u> is necessary to go home.

Пас, мавқудияти мубтадо дар ҷумла назар ба забони тоҷикӣ дар забони англисӣ бештар ҳатмист. Тамоил ба корбасти ҷумлаҳои дутаркиба бештар дар забони англисӣ хос аст. Хусусияти хоси забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ он аст, ки "дутаркибагӣ тамоми сохти наҳвии забони англисиро фаро мегирад: ба истиснои баъзе лаҳзаҳо, тамоми ҷумлаҳое, ки хабарашон бо шаклҳои шахсии феъл ифода ёфтааст, дутаркиба мебошанд. Мубтадо ҳатто дар ҷумлаҳои номуайяншахс ва бешахс, ки ба семантикаи онҳо мухолифат дорад, вуҷуд дорад. Дар ин маврид дар забони тоҷикӣ мутобиқати шакл ва мундариҷа бештар ба чашм мерасад" [5, 108].

Ҳолатҳои асосии ифодаи фоил дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ чунин аст:

- мақсади гӯянда муайян кардани ашё ё худ зикри номи он бошад, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ мубтадо зикр мегардад, он бо ҷонишини ишоратӣ ифода мегардад. Масалан:

This is a book – Ин китоб аст.

- дар сурати дақиқ набудани иҷрокунандаи амал дар забонҳои мавриди қиёс ҷумлаҳои номуайяншахс корбаст мегарданд, аммо вобаста ба ширкати аъзои ҷумла дар забонҳои тоҷикиву англисӣ даъват умумият ба назар намерасад. Чунин ҷумлаҳо дар забони тоҷикӣ бо ду роҳ ифода мегарданд: 1) ҷумла дутаркиба мешавад, яъне дар он мубтадо зикр мегардад: *Онҳо моро даъват мекунанд*; 2) ҷумла яктаркиба мешавад, яъне мубтадо зикр намегардад: *Моро даъват мекунанд* (ҷумлаи содаи яктаркибаи номуайяншахс). Дар забони англисӣ бошад, дар ин гуна ҷумлаҳо зикри мубтадо ҳатмӣ аст, ҳарчанд ки фоил дақиқ нест ваба таври умум ба он ишора мегардад: *They will invite us.*

Хусусияти муҳим ва хоси забони англисӣ мавқудияти мубтадои ёридиҳанда аст, ки он бо ҷонишини "it" ифода меёбад:

It is very cold. It is dark. It is getting dark. It is necessary to stay home.

Чунин ҷумлаҳо дар забони англисӣ бешахс маҳсуб меёбанд. Мубтадое, ки дар ин қабил ҷумлаҳо корбурд дорад, мустақим ба фоил ишора намекунад ва чунин мубтадо дар алоҳидагӣ аз хабар баррасӣ намегардад. Мо наметавонем, ки ҷонишини «it»-ро дар шакли «ин» тарҷума кунем ва гӯем: *Ин хеле сард аст. Ин торик аст. Ин торик шуда истодааст. Ин дар хона мондан зарур аст*. Қолаби ду ҷумлаи аввал дар забони тоҷикӣ вуҷуд дорад, аммо маънои ин ҷумлаҳо аз муодили англисиашон, ки ин ҷо оварда шуд, фарқ мекунад. Агар мо ин ду ҷумларо ба забони англисӣ тарҷума кунем, чунин хоҳад шуд: *Ин хеле сард аст – This is very cold. Ин торик аст – This is dark.*

Тавре мушоҳида мегардад, вазифаи ҷонишинҳои «it» ва «this» дар ҷумлаҳои фавқуззикр гуногун аст ва наметавонанд якдигарро иваз намоянд. Пас, дар сурати тарҷумаи ҷумлаҳои мазкур ба забони тоҷикӣ чунин натиҷа ба даст меояд:

It is very cold – Хеле сард аст; (Ҳаво/об...) хеле сард аст.

It is dark – Торик аст; (Хона/шаб/дарун...) торик аст.

It is getting dark – Торик мешавад/шуда истодааст. (Ҳаво) торик мешавад/шуда истодааст.

It is necessary to stay home – Дар хона мондан зарур (аст).

Метавон гуфт, ки чунин ҷумлаҳои дутаркибаи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ маъмулан дар қолаби ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба тарҷума мегарданд.

Хулоса, мубтадо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳамчун сараъзои ҷумла дар ифодаи фикр нақши муҳим дорад. Ҳузури он дар забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ ҳатмист, ба истиснои ҷумлаҳои амрӣ ва услуби гуфтугӯӣ. Аксари ҷумлаҳои дутаркибаи забони англисиро ба забони тоҷикӣ дар қолаби ҷумлаҳои содаи яктаркиба тарҷума кардан мумкин ва дар баъзе ҳолатҳо ногузир аст.

АДАБИЁТ

1. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка. /Бархударов Л.С.–М.: Высшая школа, 1966.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.2. –Душанбе: Дониш, 1986.
3. Норматов М. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис./ Норматов М. –Душанбе: Матбуот, 2011.
4. Усмонов К. Грамматикаи назарии забони англисӣ. / Усмонов К. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2009.
5. Ҷамшедов П. ва диг. Очеркҳо оид ба типологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ./ Ҷамшедов П. –Душанбе, 1988.
6. Azar B.S. Understanding and using English Grammar./ Azar B.S.–USA: Prentice-Hall Regents, 1989/
7. Celce-Murcia M. The Grammar book. –USA: 2011.
8. Strumpf M., Douglas A. The Grammar Bible.-New York, 2004.

РОЛЬ ПОДЛЕЖАЩЕГО В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье кратко рассматривается подлежащее и ее роль в простых предложениях таджикского и английского языков. Подлежащее в сопоставляемых языках имеет некоторые общие признаки, в то же время в каждом из сопоставляемых языков наблюдаются особые признаки и роль подлежащего. Подлежащее в таджикском языке по сравнению с английским может не упоминаться в предложениях, и такие предложения называются односоставными, в переводе же на английский образуются двусоставные предложения, исключением являются восклицательные предложения.

Ключевые слова: подлежащее, роль подлежащего, простое предложение, односоставное предложение, двусоставное предложение.

THE ROLE OF SUBJECT IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article devoted to analyzing Subject in Tajik and English languages. In both languages the Subject has its common features; also Subject on each language has its own characters. The Subject can be absent in Tajik, but in English we can miss Subject only on exclamatory sentences.

Key words: subject, the role of subject, the simple sentences, one part sentence, two part sentence.

Сведения об авторе: ***Х. Камолов*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **90 772 47 06**

ШАРҲИ ЯКЧАНД МИФОНИМ (УСТУРА) ДАР ҚАСОИДИ МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ

Ҳ. А. Муслимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мифоним ё устура аз вожаи юнонии историо **(histāriya)** ба маънии **«ҷустуҷӯ, огоҳӣ ва достон»** гирифта шудааст. Барои баёни мафҳуми устура дар забонҳои аврупоӣ аз бозмондаи калимаи юнонии майтус (mythos) ба маънии «шарҳ, хабар ва қисса» истифода шудааст [13, 3].

Дар устураҳо нишонаҳои таърихиву кашфиёти бостоншиносӣ вуҷуд надошта, воқеаҳои таърих ва фарҳанги мардуми замони гузаштаро ба мо ошкор мекунанд ва парда аз асрори ҷаҳони бостон мебардоранд, афкори баланд ва мантиқи густурдаи мардумони ношинохта, вале андешамандро дастраси мо мегардонанд [20,7]. Бинобар он мо тасмим гирифтаем, ки дар доираи ин маърӯзаи илмӣ ҷиҳатҳои забонии устураҳои қасидаҳои Манучеҳриро мавриди баррасӣ қарор бидиҳем. Бояд гуфт, ки дар офаридани қасидаҳои пурмуҳтаво шоири вассофи табиат Манучеҳри Домғонӣ аз мифонимҳо фаровон истифода намудааст, ки он мифонимҳоро мо вобаста ба мазмуну мундариҷаашон ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем:

- мифонимҳои мусбат: Симурғ, парӣ;
- мифонимҳои манфӣ: Аҳриман//Оҳирман, аждаҳо, дев, Иблис, ғӯл.

-Мифонимҳои мусбат. Мифонимҳое мебошанд, ки барои ифодаи ормонҳои мардуми ориёӣ аз замони қадим инҷониб дар фолклор, дар расму оин мавриди истифода қарор гирифтаанд. Мо ҳоло ин мафҳумро дар асоси навиштаҳои муҳаққиқон шарҳу эзоҳ медиҳем:

Ало, то бонги дурроҷ асту қумрӣ,
Ало, то номи ***симурғ*** асту туғрил [67].

Дар ин байти Манучеҳрии Домғонӣ вожаи Симурғ корбаст гардидааст ва ин вожа дар девони Манучеҳрӣ ҳамагӣ як маротиба ба кор рафтааст.

Симурғ ҷонавари машҳури асотирӣ аст, Симурғ аз он сабаб мегӯянд, ки ҳар ранге, ки дар пари ҳар як мурғ мебошад, ҳама дар парҳои Симурғ мавҷуд аст ва баъзеҳо мегӯянд, ки ба ғайри ин исм фарзе вуҷуд дорад [5, 255-256].

Мурғи афсонавӣ ва хаёлӣ (дар асл **sin-morgh (**син-мурғ**)**, дар паҳлавӣ **sinmorgh**, дар ҳиндии бостон **chino (**чино**)**, дар забони арманӣ **chin** (чин) аст. Муҳаққиқон калимаи **saena (**саена**)**-ро дар «Авесто» шоҳин ва уқоб тарҷума кардаанд вабо **vargana (**варгана**)**-и авестоӣ як донистаанд, бешак, байни ду мафҳум –**saena (**саена**)**-и авестоӣ ва Симурғи тоҷикӣ, яъне байни мурғи машҳур ва номи ҳакими доно, робитае мавҷуд аст. Маълум аст, ки дар қадим рӯҳониён ва мӯбадон илова бар вазифаҳои динии худ пизишкӣ низ мекардаанд, бинобар ин тасаввур мешавад, ки яке аз ин хирадмандони рӯҳонии замони бостон, ки номи вай «**saena (**саена**)**» будааст, аз номи парандаи ёдшуда гирифта шудааст…» [3, 453].

Симурғ калимаест, ки аз ду ҷузъ сохта шудааст. Ҷузъи дувуми он **morgh** ба маънии парранда аст. Ин вожа дар авестоӣ **merika (**мерика**)** ва дар паҳлавӣ**mruwe (**мруве**)** будааст. Ҷузъи нахустини он **saena** (саена) дар авестоӣ, **sen (**сен) дар паҳлавӣ, **šyena (**шйена**)** дар санскрит аст. Маънои он дар «Авесто» ва санскрит «мурғи шикорӣ» будааст. Гумон бурда шудааст, ки «шоҳин» шакле аст, ки аз ин вожаи бостонӣ дар порсӣ боз мондааст. Шаклҳои дигаре аз «**saena**» (саена), ки ба шакли куҳани он наздиктар аст, **sin (**син) аст. Дар «Авесто» ва навиштаҳои паҳлавӣ куноми Симурғ бар фарози дарахте аст «гашанбех ва бисёршох», ки дар паҳлавӣ **harwisptoxmeg (**харвисптухмаг**)** ба маънии «ҳаматухм» ном гирифтааст, ки тамоми донаҳо ва гиёҳҳои доруӣ ва дармонбахш аз он сарчашма гирифтаанд. Ҳар сол Симурғ ин дарахти шигифтро меафшонад ва тухмҳо ба дарё меафтанд ва ҳамроҳ бо обу борон ба сарзаминҳои гетӣ фурӯ меборанд.

Аз фурӯғи гул агар аҳриман ояд бари ту,
Аз ***парӣ*** боз надонӣ, ду рухи аҳримано [1].

Парӣ. Ин вожа ба сурати **pari** (паҳлавӣ) **pairk (**пайрк**)** 1) ҷин; 2) ҷинси зани ҷин; 3) ба маънии зани зебо низ ба кор рафтааст.

Вожаи парӣ дар «Авесто» **pairika (**пайрика**)** ва дар форсии миёна (зардуштӣ) **parig (**париг**)** [9,120] ва дар паҳлавӣ (ашконӣ) ба сурати **parik**, дар форсии миёнаи турфонӣ **parig**, дар суғдӣ **parik**, дар арманӣ **parik** ва дар пашту ба сурати **perai (**перай**)** аст. Ин вожа дар забони ҳиндии бостон ҳамто надорад. Дар тарҷумаи матнҳои авестоӣ ва паҳлавӣ ба санскрит онро ба **raksasi (**раксаси**)** ва бо **mahararsasi** (маҳарарсаси) баргардондаанд. Реша ва иштиқоқи ин вожа ба таври қатъӣ маълум нест. Дар ин замина пешниҳодҳои фаровоне шудааст [17,161]. Бартоломе нахуст **pairika** (пайрикаро)-ро ба сурати ҷинси зан **paraka** (парака) гирифта бо муқоисаи он бо вожаи ҳиндии бостон **parakiya** (паракия) (вобаста ба дигарон, душман) маънии он «зани бегона, ғариба» фарз кард» [16, 2-3].

Дар дини Зардушт, ҳамчунин дар адабиёти маздаясноӣ, парӣ ба монанди яке аз мазоҳири шарр ва бадӣ аз домҳои Аҳриман шинохта шудааст ва париро аз ҷинси зани ҷоду ва аз пайравони Аҳриман муаррифӣ мекунад. Дар «Вандидод»-и «Авесто» париҳоро зидди замин, гиёҳ, об, оташ, сутурон медонанд ва ҳатто ба шакли ситораи думболадор бо Тештар **tistrya (**тистриа**)** [16, 7-8].

Парӣ аз мавҷудоти хаёлӣ ва афсонавии фарҳанги умумӣ ва хурофоти мардум аст. Парӣ дар «Авесто» мавҷуди аҳриманӣ аст ва аз он ба сурати зани бисёр зебо, фиребанда ёд шудааст, ки бо пинҳон ва ошкор шудани пайдарпай тағйири шаклҳои гуногуни мардумро мефиребад ва ба бероҳагӣ мекашонад, ё мӯҷиби девонагии онҳо мешавад.

Дар устураҳои эронӣ париҳо аз насли фариштагони рондашуда аз биҳишт ҳастанд, ки дар сурати тавба кардан ба биҳишт боз мегарданд. Номи сарзамини париён дар китобҳои устуравӣ Паристон ва кӯҳи Қоф аст. Аммо он чи аз адабиёти

форсу тоҷик бармеояд, парӣ танҳо мавҷуди зишт ва аҳриманӣ нест, балки мазҳари зебоӣ ва ба сурати зани асире ҷилвагар мешавад ва ҳатто гоҳе вақтҳо дар муқобили мавҷудоти аҳриманӣ қарор мегирад [18, 36].

«Аз сӯйи дигар, дар суннатҳои ҳамосии Эрон аз издиҳоҷи Сом бо духтари хоқони Чин сухан рафтааст ва ба таври қатъӣ тасодуфӣ нест, ки номи духтари Чин, ки зани Сом мешавад, Паридухт омадааст. Дар «Шоҳнома» аз Паридухт ном нарафта ва дар «Сомнома» мансуб ба Хоҷуи Кирмонӣ аз издиҳоҷи ӯ бо Сом бисёр сухан рафтааст. Ин ки номи зани Сом Паридухт ёд шудааст, худ бозмондаи суннатҳои куҳан аст, ки бинобар онҳо Гаршосп «Сом» бо парӣ даромехтааст. Чунон ки ин устура дар миёни сакоҳои эронӣ низ ривоҷ доштааст» [16, 13] .

- Мифонимҳои манфӣ. Чунон ки қайд шуда буд, ба қатори мифонимҳои мавриди таҳқиқ вожаҳои Аҳриман, Иблис, аждаҳо, дев ва ғӯлро дохил карда будем, ки инҳо аз ҷиҳати хислату муносибаташон ба атрофиён рамзи баду манфуранд ва бештар тобишҳои манфӣ доранд.

Аз фурӯғи гул агар ***Аҳриман*** ояд бари ту,
Аз парӣ боз надонӣ ду рухи **аҳримано** [2].

Аз табиш гашта ғадираш ҳамчу чашми аъмашон,
В-аз аташ гашта масилаш, чун гулӯи ***Аҳриман*** [83].

Аҳриман. Ин вожа дар «Авесто» ба сурати **anra (**анра**), mainyav (**майнйав**)** омадааст. Ин калима аз ду ҷузъ ташкил шудааст. Ҷузъи аввал **anara** (анара)- ба маънии палид ва хабис аст ва ҷузъи дувум **mainyav** (майнияв)– ба маънии рӯҳ [1,125], яъне палидрӯҳ, хиради нопок мебошад. Вожаи Аҳриман дар форсии миёнаи зардуштӣ ба **ahare (**аҳаре**) man** (ман) [9,45] бадал шудааст ва дар талаффузи забони тоҷикии имрӯз **Аҳриман** шудааст.

Anramainyav (Анрамайнияв) дар «Авесто» дар муқобили **spanta (**спанта**)-mainyav** (майнияв) [1,16-19], яъне ба маънои рӯҳи муқаддас омадааст. Аҳриман дар маънои аҳрман, Оҳирман, сиёҳӣ, тирагӣ, ҳамтарози он метавон шайтонро номид. Дар суратҳое монанди Аҳрима, ҳарима, роҳнамои бадӣ ва зулмат ба кор рафтааст [6,93].

Охирин шакли вожаи **Аҳриман** дар порсии дарӣ ба шакли **риман** истифода шудааст, ки дар маънии фиребкор ва найрангбоз мебошад. Аҳриман дар «Авесто» ангарамаино, ба маънии маниш, ниҳоди бад ва нопок будааст, дар баробари сапенто маино ё «сапанда мину» ба маънии ниҳод ва маниши нек ва пок. Дар қаламрави андеша ва ниҳоди одамӣ аст, ки ҳамвора дар миёнаи ин ду гавҳари ҳамзод ҳамовардӣ ва кашокаш ва ситез дармегирад. Ин ду гавҳари палид ва фирефтор дар паҳлавӣ **anaga (**анага**) ва gannagmenog** (ганнагменуг) хонда шудааст. Бо шаклҳое чун оҳирман, аҳриман, аҳрман, ҳариман ва саранҷом Риман ба порсии дарӣ расидааст [7, 239] .

Дар Минуи хирад (фасли 57,фақараи 13) барои биҳишт се табақа зикр шудааст, ки равони некӯкорон пас аз тайи ин се марҳила ба фазои фурӯғи бепоён мерасанд ва он ҷоро бо боргоҳи ҷалоли Аҳуромаздо ё Арши аъзам медонанд. Аз тарафе барои ҷойгоҳи равони гунаҳкорон низ се табақа зикр шудааст, ки равони гунаҳкорон пас аз гузар аз ин ҳалокгоҳҳо ба фазои тирагии бепоён анқара тамангаҳ **(anayra-tamanha** (анайра-таманҳа) дароянд ва «он ҷост маҳалли қарор гирифтани Аҳриман, ки манзилгоҳи дурӯғ мешавад. Дар он ҷост низ дужонгаҳ **(duz-anav (**дуз-анав**),** яъне ҷаҳони зишт, ки дар форсӣ дӯзах шудааст». Вожаи Аҳриман дар қасоиди Манучеҳрӣ дорои чунин маъноҳост: душманӣ ва рашк доштани Аҳриман нисбат ба инсонҳои хуб.

Гар ба пирӣ дониши бадгавҳарон афзун шудӣ,
Русияҳтар нестӣ ҳар рӯз **иблиси** лаъин [90].

Иблис. Ин вожа ба сурати иблис **(eblis),** дар асл вожаи арабӣ мебошад, **Diabolo's**, (диаболос) каззоб ва наммом: 1.шайтон, Аҳриман, падари девон; 2. ҳар як аз пайравони шайтон, ҷамъи он ба сурати аболис ва аболиса; мухаффафи балис. Решаи

ин калима маълум нест, ки ин вожа аз кадом забон ба забони тоҷикӣ омадааст. Ин луғат дар вожаи **heritage** (херитейҷ) ба сурати **diyabolic** (диябулик) омадааст ва асли онро аз решаи лотинӣ медонанд, на аз решаи юнонии **diyabolos (**диёбулес). Дар китоби «Вожанамои реша» ин вожаро ба сурати **diyabolic** [диябулик] зикр кардаанд [17, 69]. Иблис дар дини зардуштӣ Аҳриман хонда мешавад ва мазҳари зиштӣ ва нопокӣ ва бадӣ аст. Дар муқобили Аҳуромаздо рамзи торикӣ дар муқобили нур мебошад: Аҳриман, Оҳирман, Иблис [6,44]. Бояд қайд кард, ки амалу ҳаракати Иблис бо ёрии воситаҳои забони тоҷикӣ ифода ёфтааст. Дар шеър ба ҷойи Аҳриман Иблис ба кор рафтааст. Дар ин ҷо набояд фаромӯш кард, ки Аҳриман махлуқи Аҳуромаздо нест. Вале Иблис махлуқи Худованд ба шумор меравад. Дар адабиёти форсу тоҷик ин ду вожа ба ҷойи ҳам истифода шудаанд ва ҳамин тавр ба ҷойи Иблис ё Аҳриман шайтон низ ба кор рафтааст.

Зананд миқраъа ба пеши подшо,
Даволи мору неши аждаҳои ӯ [93].

Бо чунин камдушманон кай хоҷа оғозад ба ҷанг,
Аждаҳоро ҳарб нанг ояд, ки бо ҳирбо кунад [25].

Аждаҳо. Калимаи мазкуряке аз мавҷудоти афсонавӣ дар фарҳангҳоиҷаҳон аст. Аждаҳо дар асотириҷаҳон ҷойгоҳи вижае дорад. Решаи вожаи аждаҳо ва Заҳҳок яке аст ва шаклҳои дигар чун «аждар, аждарҳо ва аждаҳот» низ дорад. Ба маънии «море аст афсонавӣ ва бузург, бо даҳони фарох ва кушод» [14,15]. Аждаҳо ё аждар, ки дар забони авестоӣ aži «ажӣ», дар забони паҳлавии сосонӣ (форсии миёна) **az** («аз») ва дар забони санскрит **ahi** («аҳи») хонда мешавад. Ба маънии «мори афъии маҳиб ва саҳмгин» аст. Дар навиштаҳои куҳани эронӣ гоҳ ин вожа ба сурати умумӣ ба кор меравад. Аждаҳо дар паҳлавӣ **azdahag** (аздаҳог) будааст. Ин вожа дар авестоӣ аждаҳоко. Шаклҳои дигар аз он дар порсӣ «аждарҳо» ва «аждар» аст. Вожаи аждаҳо ба шакли **až-dahā (аждаҳо)** ва **(āzi-dahaka**) аст: 1) мори бузург; 2) ҷонвари афсонавӣ ба шакли сусмори азим, дорои ду бол, ки оташ аз даҳон меафканад ва нигаҳбони ганҷҳои зеризаминӣ будааст.

Ангуштарии Ҷам бирасидаст ба Ҷам боз,
В-аз **дев**и нагунахтар бурда шуда овор (44).

Арзонӣ бошад ба пеши ҳамлааш аржанги **дев**,
Пашшае бошад ба пеши гурзааш пури пашанг [62].

Дев. Ин вожа div (паҳлавӣdev) мебошад. 1. Мавҷуди мавҳум, ки ӯро ба сурати инсони баландқомат ва тануманд ва зишт ва ҳавлнок тасаввур кунанд, девонро аз насли шайтон пиндоранд ва ҷамъи он девон аст [12, 705]. Вожаи дев (исм) буда, навъе аз шаётин «Бурҳони қотеъ», шайтон ва иблис «Нозим-ул-атиббоъ», шайтон «Тарҷумон – ул - Қуръон», Оҳирман «Фарҳанг»-и Асадии Тусӣ аст.

Дар ойини зардуштӣ ҳар як аз парвардигорони ботил ё шаётин дар ҳақиқат шарру гуноҳ ба шумор мерафтаанд. Пеш аз зуҳури Зардушт ин лафз бар Парвардигори қадими ориёии муштарак байни аҷдоди қадими мардуми Эрон ва Ҳинд итлоқ мешуд. Аммо пас аз ҷудоии эрониён аз ҳиндувон парвардигорони муштараки қадим, яъне девҳо, ки мавриди парастиши ҳиндувон будаанд, назди эрониён гумроҳкунандагон ва шаётин хонда шуданд. Дар ойини Зардушт теъдоди девҳо бисёр аст - деви марг, деви хашм, деви торикӣ ва ғайра [6,514-515].

Эрониёни қадим мардони далер ва шуҷоён ва кадхудоро дев мехонданд ва дар мақоми мадҳу ситоиш мозандарониҳоро дев мегуфтанд ва мардумони дигар мамлакатҳои Эрон аз ин калима қасди накӯҳиш доштанд «Ат-тадвин». Киноя аз мардуми паҳлавон ва далеру шуҷоъ «Бурҳони қотеъ», далер ва диловар «Нозим-ул-атиббо» аст. Тафсири дев дар фарҳангу луғатҳо чунин аст: 1.шайтон, Иблис, Аҳриман, шаётин. 2. мавҷуди ваҳшӣ, ғӯл, мавҷуди афсонавӣ бо андоми дурушт ва тарснок ва ифрит [2, 111].

Дар «Авесто» вожаи daiva (дайва) ва дар форсии бостон вожаи daiva ва дар санскрит deva омадааст. Шакли бозсозишудаи ҳиндуаврупоии ин вожа deiuo (дейво) аст. Дар форсии миёна dev [9, 26] ба кор рафтааст. Ин калима дар форсии нав ба дев таҳаввул ёфтааст. Хидмат ва деринагии ин вожа ба замони ориёиҳо мерасад. Девон, дар воқеъ, гурӯҳе аз худоён ва парвардигорони ориёӣ буданд, ки бо омадани Зардушт ва омӯзишҳои он мавриди бемеҳрӣ қарор гирифтанд [17,79]. Ин вожа дар Ҳинди бостон ба маънии фурӯғ ва равшанӣ номи Худо аст ва дар қолаби забонҳои ҳозираи ҳиндуаврупоӣ низ ба ҳамон маънии Худо аст. Чунон ки дар юнонӣzeus (зеус) ва дар лотинӣ divos (дивос) ва дар фаронсавӣ dieu (дейу) ва дар англисӣ deity (дейти) баҳамин маъност [3, 522].

Ба сони мулки Ҷам хароб бодия,
Сипоҳи ғулу дев подшои ӯ [93].

Пул барниҳодани ту ба Ҷайҳун набуд пул,
Ғул буд, буд барниҳода ба Ҷайҳун бар устувор.

Ғул. Калимаи **ghul** (ғул) арабӣ буда, мавҷуди афсонавӣ аз навъи девон, ки ӯро бо қадди баланд ва ҳайкали тарснок тасаввур кунанд. Ҷамъи он ағвол ва ғило. Ҳар нафс ва мавҷуде, ки инсонро бифиребад ва ҳалок кунаду гоҳе дар маъниҳои шахси қадбаланд, бадтаркиб ва фитнаҷӯ низ омадааст [12,50].

Кристиансен муътақид аст, ки гурӯҳе аз мавҷудоту девони тозӣ вориди фарҳанг ва устураҳои эронӣ шудааст ва ғулро тақрибан муродифи «дев» ба кор мебарад ва онро аз дастаи ҷинҳо медонад. Вай ҳамчунин менависад: «Ғул зане аст, ки дар саҳро рӯзгор мегузаронад, вай ба суратҳои гуногун зоҳир мешавад ва мусофиронро гумроҳ сохта онҳоро мерабояд» [8,109].

«Луғатнома»-и Деҳхудо ва «Фарҳанг»-и Муин «ғул»-ро вожаи иқтибосӣ аз арабӣ дар забони тоҷикӣ донистаанд. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо ба нақл аз «Қомуси китоби муқаддас» чунин омадааст: «Ғул дар арабӣ ба маънии мӯйдор аст ва гоҳе онро ба буз тарҷума кардаанд, дар баъзе аз мавридҳо низ дев гуфтаанд. Ин калима ишора ба мақсад ва манозири бутпарастӣ аст, ки эҳтимол дорад, буз ё пайкара шакли бузҳо бошад, ки мисриён дар Мандис мепарастиданд. Дар тарҷумаи юнонии Китоби муқаддас, «ғул» ба девон тарҷума шудааст ва мурод рӯҳҳои палид аст, ки, ба гумони аҳли Машриқзамин, дар вайронаҳо сукунат доранд» [5, 445] Бинобар ин вожаи «ғӯл» бояд аз асли забони ибрӣ омада бошад. Мутарҷими «Фарҳанги паҳлавӣ» Макензи вожаи **mazandar**-[мазандар]-ро дар ин фарҳанг ба «деви бузург» ё «ғӯл» тарҷума кардааст. «Фарҳанги арабӣ-форсӣ»-и Лорус вожаи «ғул»-ро ба ин маъниҳо овардааст: «сахтӣ ва бало, ҳар он чи инсонро бифиребад ва ҳалок кунад, афсунгар, ҷине, ки ҳар соат ба ранге дарояд. Ҷонвари хаёлӣ, ки ними он инсон ва ними он ҷонвар аст» [21, 354].

Ин вожа ба маъноҳои гуногун омадааст, аз қабили ҷин, дев аст, ки дар саҳро ва кӯҳ бошанд ба ҳар шакл, ки хоҳанд, дароянд. Дар ҷойҳои ғайримаъмул ва вайрон бошанд. Ногаҳон бароянд мардумро аз роҳ бибаранд, то ҳалок созанд. Дигар он, ки мардумро дар биёбон ба ном хонанд, то аз роҳбадар шаванд ва гумроҳ, саргардон бимонанд. Маънии дигар ҷини нар, шайтони одамхор, шайтони гумроҳкунанда, ҷонваре ба шакли инсон, вале сахт маҳиб ва пӯсте бо мӯйи пӯшида, ки дар биёбон зиндагӣ кунад ва мардумро чун танҳо бошанд, фурӯ гирад ва ҳалок кунад [5,874].

Ғул мавҷуди маҳиб, тарснок, ки метавонад ҳар лаҳза худро ба шакли гуногун дароварад. Дар адабиёти форсу тоҷик мазҳари бадӣ ва палидӣ аст, ки маъмулан ҳайкал ва қомати бузург аз мавҷудоти дигари зӯрмандтар ва қавитар аст.

Хулоса, дар қасоиди Манучеҳрӣ мифонимҳо ҷойгоҳи мумтозе доранд ва камтар қасидаҳое дар бахши устуравӣ ва бахшҳои дигар вуҷуд дорад, ки таъсири мифонимҳоро дар онҳо набинем.

Ба ҳамин сабаб мо аз байни мифонимҳои қасоиди Манучеҳрӣ ҳафт мавҷуди афсонавӣ, ки бештар мавриди таваҷҷуҳи шоир буд, баррасӣ намудем, ки аз ин ду мифоними он нақши мусбат (парӣ, симурғ) ва панҷ мифоними дигар (Аҳриман, аждаҳо, дев, иблис, ғул) нақши манфӣ доранд.

АДАБИЁТ

1. Абулқосимӣ. Роҳнамои забонҳои бостонии Эрон. Ҷ. 2./ Абулқосимӣ. –Теҳрон: Интишроти Самт, 1376. – 316 с.
2. Атобаки Парвиз. Вожаномаи «Шоҳнома» (шарҳи вожагон, истилоҳот, номҳо ва ҷойҳои «Шоҳнома»)./ Атобаки Парвиз. –Теҳрон: Интишороти фарзон, 1386. – 367.
3. Афифи Раҳим. Асотир ва фарҳанги Эрон дар навиштаҳои паҳлавӣ. / Афифи Раҳим.–Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1375. – 523 с.
4. Бартолд В. Туркистоннома. Тарҷумаи Карими Кишоварз./ Бартолд В.–Теҳрон: Интишороти Теҳрон, 1352. – 353 с.
5. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома./ Деҳхудо Алиакбар.–Теҳрон: Интишороти Сирус, 1339. – 1200 с.
6. Занҷонӣ Маҳмуд. Фарҳанги ҷомеи «Шоҳнома»./ Занҷонӣ Маҳмуд.– Теҳрон: Интишороти Атоӣ, 1372. – 633 с.
7. Каззозӣ Мирҷалолуддин. Номаи бостон. (Вироиш ва гузориши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ). Ҷ.1. Аз оғози подшоҳии Манучеҳр. –Теҳрон: /Каззозӣ Мирҷалолуддин. Интишороти вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1379.–389 с.
8. Кристиансен. Офариниши зиёнкор.–/Кристиансен. Табрез: Донишгоҳи Табрез. 1353. –290 с.
9. Маккензӣ Д.Н. Фарҳанги паҳлавӣ. Тарҷумаи Маҳшиди Мирфахроӣ. / Маккензӣ Д.Н. Теҳрон: Интишороти Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ. 2002. –676 с.
10. Мискуб Шоҳрух. Субҳи Сиёвуш. – / Мискуб Шоҳрух. Теҳрон: Интишороти хоразмӣ, 1354. – С.31.
11. Муҳаммад Муин. Маздаясно ва адаби порсӣ.Ҷ.1.–Теҳрон:/ Муҳаммад Муин. Интиш. донишгоҳи Теҳрон.1384.
12. Муҳаммад Муин. Фарҳанги шашҷилдаи Муин. / Муҳаммад Муин.–Теҳрон: Интишороти сипеҳр, 1381. – 2454 с.
13. Омӯзгор Жола. Таърихи асотирии Эрон./ Омӯзгор Жола.–Теҳрон: Интишороти самт, 1381.–230 с.
14. Раҳмонов Абдуҷаббор. Пиндорҳои асотирӣ дар адабиёти тоҷикӣ./ Раҳмонов Абдуҷаббор. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 1388. – 173 с.
15. Сатторӣ Ҷалол. Румузи қисса аз дидгоҳи равоншиносӣ «аждаҳо, мор ва шох». / Сатторӣ Ҷалол.– Теҳрон: Интишороти Тӯс, 1379. – 290с.
16. Саркоротӣ Баҳман. Дар мақолаи парӣ. (Таҳқиқе дар ҳошияи устурашиносии таҳқиқӣ)./ Саркоротӣ Баҳман.–Табрез: Инти-шороти маҷаллаи донишгоҳ, 1350.–35 с.
17. Сафорӣ Настаран. Мавҷудоти аҳриманӣ дар «Шоҳнома»-Фирдавсӣ. / Сафорӣ Настаран.–Карач: Интишороти Ҷоми гул, 1383. – 387 с.
18. Девон. Бо эҳтимоми Саид Муҳаммади Сиёқӣ.–Теҳрон, 1390 – 421с.

АНАЛИЗ НЕКОТОРЫХ МИФОНИМОВ В КАСЫДАХ МАНУЧЕХРА ДОМГОНИ

В статье проводится анализ и интерпретация мифонимов в персидско-таджикской классической литературе. Проводится краткий обзор о значении мифонима и особенностях применения данного понятия в художественной литературе. На примере источников художественной литературы интерпретированы некоторые мифонимы, относящиеся к двум гуруппам: мифонимы с положительными значениями типа парӣ (пери, ангел), симурғ (вольшебная птица) и с отрицательными значениями как аждахо (дракон), дев (див, дявол), ғул (демон, бес).

Ключевые слова: язык, литература, миф, история, мифоним, значение, поэзия, семантика, лексика.

ANALYSIS OF SOME MITHONIMS IN QASIDAS OF MANUCHEHRI DOMQHONI

The article analyzes and interpretates some mithonims in Persian and Tajik classical literature. Also a brief review of the significance of mithonims and this concept in the literature. On an example of literature sources and qasidas of Manuchehri Domqhoni interpreted some mithonims relating into two groups: mithonims with positive means: «pari» (angel), «simurqh» (fabulous and magical bird) and negative means as «ajdaho» (dragon), «dev» (divas) «qhul» (daemon).

Key words: language, literature, myth, history, mithonim, meaning, poetry, semantics, words.

Сведения об авторе: ***Муслимов Х.*** - ассистент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **907-93-10-94**

ШАРҲИ ЯКЧАНД ВОЖАИ «ҚУРЪОНИ ҚУДС»
(дар асоси ҷилди якум)

У. Қ. Саъдуллоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Қуръони Қудс» яке аз нусхаҳои куҳани тарҷумаи форсӣ маҳсуб ёфта, дар «Китобхонаи Остони Қудси Разавӣ» маҳфуз аст ва бо ҳамин ном ёд мешавад. Донишманди Қуръон Алии Равоқӣ соли 1360 ш. [1981 м.] дар китобхонаи мазкур аз ҳамаи муҳаққиқон пештар бо ин нусха ошно мегардад. Муҳаққиқи зикргардида аз ин таърих барои тасҳеҳу таҳияи ин тарҷумаи нодир бо тамоми тавоноӣ бар талошу кӯшиш афтода, дар зарфи се сол матнро таҳия месозад [71]. Ҳосили ин кӯшиш, ки тасҳеҳу таҳияи матнро бо муқаддимае муфассал ба бор овард, соли 1364 ш. [1985 м.] аз сӯи «Муассисаи фарҳангии Шаҳиди Равоқӣ» бо номи «Қуръони Қудс – куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ» ба нашр расидааст.

Донишманди урупоӣ Жилберт Лазар дар таълифоти хеш роҷеъ ба ин асари таърихӣ ва динӣ ибрози андеша карда, аз ҷумла чунин қайд кардааст: «Гӯиши ҷануб дар матнҳое ба дасти мо расидааст, ки бо бархе аз онҳо аз беш аз як садаи пеш ба хубӣ ошноем, аммо далолати гӯишии ин мутун дер замоне ношинохта мондааст. Мурод матнҳои куҳани форсӣ-яҳудӣ аст, ки бештари онҳоро тарҷумаҳо ва тафсирҳои китоби муқаддас ташкил медиҳад. Ин санад, ки аз назари забоншиносӣ аҳамияте бемонанд дорад, тарҷумае аз Қуръон аст, ки Алии Равоқӣ нусхаи хаттии мунҳасир ба фард ва ноқиси онро дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ кашф карда ва сипас, дар ду ҷилди нафис бо унвони «Қуръони Қудс» ба чоп расондааст. Ин матн, ки вижагиҳои гӯишии фаровоне дорад, ба эҳтимоли қавӣ, дар Сиистон ё дар ноҳияе наздик ба он навишта шудааст ва имкон дорад мутааллиқ ба қарни панҷум ва шашуми ҳ.қ. бошад» [4, 222].

Иддае аз муҳаққиқон тарҷумаи мазкурро куҳантарин баргардони форсии Қуръон донистаанд. Аз ҷумла, Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ дар мақолаи «Навтарин ганҷ дар куҳантарин ганҷина (Қуръони Қудс)»-и худ аз ин нукта сухан намудааст. Аз баррасии муҳаққиқи номбурда пайдост, ки ӯ таърихи тарҷумаро дар ҳудуди асри дуюму сеюми ҳиҷрӣ донистааст [ниг:, 7, 139-140].

Устод Баҳор ва дуктур Киё асрҳои се ва чоруми ҳиҷриро бар он тахмин задаанд. Дар «Донишномаи Қуръон» фосилаи байни 250-350 ҳ. [846-961 м.] таърихи китобати он ёд шудааст [2, 558].

Зумраи муҳаққиқони дигар низ бар ин назар буда, ки дар маҷмӯъ, ҳама тарҷумаи мазкурро куҳантарин тарҷумаи форсии Қуръон ҳисобидаанд.

Мусаҳеҳ низ бо тардид ва эҳтимол дар яке аз гузоришоти хеш онро «куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ» номидааст [3, 23]**.**

Мавриди зикр аст, ки дар бахши дуюм матн бо забони форсии миёна муқоиса гардидиааст. Дар ин бахш масъалаи мазкур дар самтҳои ҳамсониҳои вожаӣ, ҳамгуниҳои овоӣ ва ҳаммонандиҳои сохторӣ баррасӣ ёфтааст. Дар маҷмӯъ, мусаҳҳеҳ кӯшида, то дар ин мабҳас забони тарҷумаро бо забони форсии миёна пайванд бидиҳад. Аз баррасиҳои мусаҳҳеҳ, агарчи бо эҳтиёт матолибро арза медорад, пайдост, ки ӯ бар муаррифии нусха чун куҳантарин матни мутарҷам тамоюл намудааст [8, 112].

Гузоришҳои дигари ӯ низ инро таъйид менамояд, ки забони тарҷумаро «яке аз наздиктарин гунаҳои забони форсии нав ба забони паҳлавии сосонӣ» ва ҳамчун «ҳалқае миёни забони паҳлавии сосонӣ ва забони форсии нав» хондааст [8, 112-113].

Муҳаққиқ Ф. Насриддинов дар мавриди баҳси куҳантарин баргардони Қуръон ба забони форсӣ чунин менигорад: «Дар маҷмуъ, назари аҳли таҳқиқ бар таърихи ҷадидтари тарҷума мустанадтар буда, тарафи дигарро низ таҳти таъсири худ қарор

додаст. Аз ҷумла мусаҳҳеҳ, ки дар муқова дар зери унвони «Қуръони Қудс» ҷумлаи «куҳантарин баргардони Қуръон ба форсӣ?»-ро сабт карда буд, онро пас аз чанд сол ба «Тарҷумаи куҳан аз Қуръон ба форсӣ» ислоҳ намудааст.

Пас бо такя бар ин аснод ва баҳсҳои дар пеш матраҳгардида «Қуръони Қудс»-ро тарҷумае аз асри панҷуми ҳиҷрӣ (баробари асри XI-и милодӣ) ба лаҳҷаи систонӣ ё наздик ба он, ки баҳраёб аз «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аст, донистан саҳеҳтар мебошад.

Тарҷумаи «Қуръони Қудс» аз нигоҳи вожаву таъбирҳои нобу куҳан, калимоти лаҳҷавиву гӯишӣ, хусусиятҳои овоиву наҳвӣ ва вижагиҳои дигар дар рушди донишҳои филологӣ аз сарчашмаҳои пурбори таҳқиқ маҳсуб мегардад» [8, 115-116].

Ҳадаф дар ин тарҷумаи куҳани Қуръон шарҳи якчанд калима аст, ки ба табодули ҳарфҳо дучор шудаанд. Аниқтараш дар асоси ҷилди якуми «Қуръони Қудс» вожаҳои **бад, барда, баробар, баҳона, бин, биҳишт, беҳ** ва **бештар** бо табдили овози «бо» ба «гоф» ба назар мерасанд.

Вожаи **бад** дар «Қурони Қудс» дар шакли **гад** корбурд дорад: «Бигӯй эшонро, ки кофар шуданд: …ануз ғалаба кардашед [зуд бошад, ки мағлуб шавед] ва ҳашар кардашед бе дӯзах. **Гад** аст ҷойгаҳ» [Оли Имрон, 12], [13]. Дар луғат нописанд, зишт, палид, нохуб маънидод шудааст. Дар форсии миёна дар шакли **vat** корбурд дошт [5, 478]. Дар ҷойи дигар бо пасванди «гар» корбаст гардидааст: …бал он **гатар (бадтар)** биҳад эшонро (Оли Имрон, 180), [26]. Ин вожа ҳоло дар забони русӣ ба ҳамин шакл ва ба ҳамин маънӣ корбаст мегардад.

Ҳамин табдили овозиро метавон дар вожаи «гул», ки таърихан дар шакли **varda** корбаст мегардид, нишон дод. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ вожаи **вард**ро ба маънои гули сурх аз забони порсӣ медонад [1, 5]. Ҳамчунин Ҳасани Анварӣ ин вожаро аз паҳлавӣ маънидод кардааст [9, 2553]. Муҳаммад Муин қайд мекунад, ки **вард** муарраби вожаи паҳлавии **varda** аз **vard** [6, 5000]. Мавриди зикр аст, ки дар форсии бостон вожаи ***varda - > *vard** (чун вожаи иқтибосии форсӣ дар забони арабӣ) вуҷуд дошт, ҳамчунин дар арманӣ **Vardiris** – номи занона (= тоҷикӣ «Гулрӯ»), ки низ вожаи иқтибосии форсӣ аст. Шакли форсии кадима ба сурати ***varda - > vard > gōl (گل)** инкишоф ёфтааст.

Вожаи дигар **барда** аст, ки дар луғат ғулом, каниз, зархарид ва асир ташреҳ ёфтааст. Дар забони форсии миёна дар шакли **vartak** истифода мегардид [5, 502]. Дар матн чунин омадааст: Ар биҳад аз қавме миёни шумо ва миёни эшон паймоне **хунгаҳое (хунба)** испарад, бе аҳли ӯ ва озод кардани **гардае (гварда)** муъмина… [Нисо, 92], [40].

Ба ҳамин монанд вожаи **баробар** мебошад, ки дар фарҳанг муқобил, ҳамсон маънидод шудааст [6, 490]. Дар матн чунин зикр шудааст: Нонад **гарогар** аз аҳли китоб гурӯҳе истодор (истода)…[Оли Имрон, 113], [19].

Чунин табдили овозӣ дар вожаи **баҳона** низ дида мешавад ва дар луғат сабаб, боис, узри нобаҷо шарҳ ёфта, дар забони форсии миёна дар шакли **vahon** корбурд дошт [5,609]. Мисол: …ар фармонбардоре кунанд шуморо, маталабед варешон **гаҳонае** Худой ҳаст вар давре бузург [Нисо, 34], [32-33].

Ҳамчунин, вожаи **бин, бино** дар луғат бинанда, басир маънидод шудааст ва дар забони форсии миёна дар шакли **venak** корбаст мегардид [5, 634]. Мисол: **Гинӣ (бинӣ)** фаровониро зи эшон ме ба вале гиранд эшонро ки кофар шуданд…[Моида, 80], [60].

Ба ҳамин монанд вожаи **Биҳишт** мебошад, ки дар фарҳанг фирдавс, ҷаннат ташреҳ ёфтааст. Ин вожа таърихан мураккаб буда, аз ду ҷузъ **وه** «ваҳ» ва **یشت** «ишт» таркиб ёфтааст. Дар забони форсии миёна **vahišt**, авестоӣ **vahišta**, ки пасванди **išt** дараҷаи олии сифатро ифода мекунад [5, 613]. Мавриди зикр аст, ки дар забони форсии миёна ин вожа ба ду маънӣ истифода шудааст: 1. Дар маънои нахуст ва ё бунёдӣ «беҳтарин»; 2. Ҳамчун истилоҳи динӣ **биҳишт** ҷойи беҳтарин. Дар матн чунин зикр гардидааст: Пиндоштед, ки дар шед (шавед) ки дар **Гиҳишт** наомад, ба шумо сифати эшон, ки ба гурувистанд аз пеши шумо [Бақара, 214], [1].

Вожаи **беҳ** ҳам ба чунин табдили овозӣ дучор шудааст. Дар забони паҳлавӣ дар шакли **vêh** корбаст мегардид ва дар фарҳанг ба маънии хуб, нек маънидод шудааст [5, 608]. Дар матн чунин зикр шудааст: Буданд **геҳ (беҳ, хайр, нек)** гурӯҳе, ки берун оварда шуд мардумонро…[Оли Имрон, 110], [18]. Бигӯ: Эй огаҳ кунам шуморо ба **геҳ (беҳ)** аз он?... [Оли Имрон, 15] [13].

Вожаи охирин **бештар** аст, ки дар фарҳанг афзунтар, зиёдтар шарҳ ёфтааст [5, 627]. Дар матн чунин омадааст: … Бе **гештари (гвештар, бештар)** мардумон шукр намегузоранд [Бақара, 243] [с.4].

Мавриди зикр аст, ки дар забони форсии миёна вожаҳои зикршуда бо овози «**v**» навишта мешуданд ва метавон бо чунин нақша нишон дод:

Забони порсии миёна	***Забони тоҷикӣ***
Vat	Бад
Vartak	Барда
	Баробар
Vahon	Баҳона
Venak	бин, бино
Vahišt	Биҳишт
Vêh	Беҳ
	бештар

Хулоса, таърихан табдили овозҳои **va (vi)->gu-ku > bi, ba, be** дида мешавад. Дар мисоли вожаи гунҷишк, ки дар шаклҳои ***vindiška > *gundišk > *bundišk, кундишк** корбаст мегардид. Сабаби табдили овозии ин вожаҳоро дар забонҳои эронӣ метавон чунин нишон дод: **b → v → g эронии шимолӣ-ғарбӣ; vi → bi → gu эронии ҷанубӣ-ғарбӣ.**

АДАБИЁТ

1. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Калимаҳои форсӣ дар Қуръони маҷид./ Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. // Чашмандоз. №1, 2000. – С 4-9.
2. Донишномаи Қуръон ва қуръон пажӯҳӣ/ Зери назари Б. Хуррамшоҳӣ. – Теҳрон: Дӯстон-Ноҳид, 1377, иборат аз ду ҷилд.
3. Имодӣ. Қуръони форсии куҳан. / Сайид Муҳаммад.– Теҳрон: Нашри мероси мактуб, 1378. – 224 с.
4. Лазар Ж. Шаклгирии забони форсӣ. Чопи саввум./Лазар Ж.– Теҳрон: Ҳирмис, 2005. - ?с.
5. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 1./Муҳаммад Муин.– Теҳрон, 1375.– 1472 с.
6. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 4. Муҳаммад Муин.– Теҳрон, 1381.– 5594 с.
7. Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ. Навтарин ганҷ дар куҳантарин ганҷина / Муҳаммадҳусайни Рӯҳонӣ. Баййинот. –Қум, 1373. - №4. – 139-140.
8. Насриддинов Ф. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ./Насриддинов Ф.– Хуҷанд: Ношир, 2012. – 576 с.
9. Ҳасани Анварӣ. Фарҳанги фишурдаи сухан. Ҷ.2./ Ҳасани Анварӣ. – Теҳрон: Сухан, 1386. – 6479 с.

МАНБАЪ

Қуръони Қудс. Бо кӯшиши Алии Равоқӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии Шаҳид Равоқӣ, 1364 (Дар ду ҷилд).

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ НЕКОТОРЫХ ЛЕКСЕМ В «КОРАН КУДСА»

(на материале 1-го тома)

Перевод Корана Кудса является одним из старейших переводов данного священного Корана. Цель настоящей статьи показать роль и место употребления таких слов как бад, барда, баробар, бахона, бин, бихишт, бех ва бештар, где в начале данных слов консонант «г» изменяется.

Ключевые слова: плохой, раб, равенство, причина, видеть, рай, хороший, больше.

INTERPRETATION OF SOME LEXEME IN THE QUR'AN QUDS

(on the material of the first volume)

The holy Kor'an «Quds» is one of the nescient of the translates. The point of the article describe the place of the several words as well as: bad, barda, barobar, bahona, bin, beh, beshtar that the consonants of the beginin

Key words: bad, slave, brother, cause, see, good, many.

Сведения об авторе: ***У. Саъдуллоев***– кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **918688055**

ГИДРОНИМҲОИ ЭРОНИАСЛИ ТУРКИШУДАИ МОВАРОУННАҲР

Д. Р. Ҳомидов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони адабии тоҷикӣ аз замони пайдоиш ва ташаккули худ то ҳол тараққиёти таърихиро аз сар гузаронида, торафт ғанӣ ва мукаммал шуда, барои ба ҷо овардани эҳтиёҷоти ҷомеа ҳамчун воситаи асосӣ хизмат кардааст ва хизмат дорад. Таҳқиқу баррасии таркиби луғавӣ ва қишрҳои мухталифи он дар забоншиносии тоҷикӣ таърихи қадима дорад. Ба ин кор ҳанӯз луғатнигорону тазкиранависони гузашта иқдом намуда буданд. Омӯзишу баррасии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва дар он муайян кардани нақши вожаҳои таърихӣ дар рушди таркиби луғавии забон имрӯз низ идома дорад. Мо тасмим гирифтаем, ки дар доираи ин гузориши илмӣ роҷеъ ба гидронимҳои аслан эроние, ки дар айни ҳол дорои шакли туркӣ-ӯзбекианд, маълумоте чанд бидиҳем. Дар асоси ҳамин гуфтаҳо мо рӯ ба таҳлили гидронимҳои аслан эроние, ки бо мурури замон тағйири шакл кардаанд ва зоҳиран туркӣ шудаанд, меоварем ва онҳоро аз нигоҳи лингвистӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Ҷиҳати муайян кардани шакли аслии вожаҳои тағйири шаклкарда ба мо усули таърихӣ–қиёсӣ, яъне таҳлили этимологӣ ёрӣ мерасонад.

Этимология ё решашиносӣ риштаи забоншиносӣ буда, таълимот дар бораи пайдоиш ва инкишофи таърихии шакл ва маънои калима маҳсуб меёбад. Ё ба таври дигар, муайян кардани маншаи калимаҳо ё этимология (**юн.etymon –ҳақиқат+logos-таълимот)-**и вожаҳои таркиби луғавии ин ё он забон маҳсуб ёфта, онҳо (вожаҳо) аз нигоҳи сарчашмаҳои пайдоишашон таҳқиқ карда мешаванд. Дар асоси талаботи ин риштаи забоншиносӣ калимаҳои таркиби луғавии забон, ки вожаҳои ифодагари мавзеъҳои обӣ низ ба ҳамин гурӯҳ шомиланд, ба гурӯҳҳои калимаҳои худӣ (аслан эронӣ ё тоҷикӣ) ва иқтибосӣ (аз забонҳои дигар воридгардида) ҷудо карда мешаванд. Гуфтан ба маврид аст, ки дар таҳқиқи этимологӣ, пеш аз ҳама, истифодаи дақиқи қонуниятҳои мувофиқати овоз ва муқаррар кардани истисноҳои аз ин қонуниятҳо берун ниҳоят заруранд, зеро ки истисноҳои муайян дар мувофиқати овозии давраҳои мухталифи як забон ва ё забонҳои ба ҳам хеш бо сабабҳои маълум ва мушаххаси воқеӣ ба вуҷуд меоянд. Танҳо дар сурати ба назар гирифтани ҳамаи ин сабабҳои объективӣ этимологияи ҳақиқии илмии калимаҳоро, аз ҷумла гидронимҳоро муқаррар кардан мумкин аст [ниг.: 2, 218 – 225].

Тавре зикраш рафт, аз нигоҳи сохту таркиб ва хусусиятҳои калимасозӣ маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳрро низ ба навъҳо ва қолибҳои гуногун ҷудо кард. Аз ҷумла, аз ҷиҳати пайдоиш ва баромади забонӣ (этимологӣ) маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳр аслан ба гурӯҳи забонҳои эронӣ (тоҷикӣ, форсии қадим, форсии миёна, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, яғнобӣ, помирӣ) тааллуқ дошта, ҳамчунин гидронимҳои туркиву арабӣ ва муғулӣ низ ба назар мерасанд. Бинобар ин маводи гидронимии сарзамини Мовароуннаҳрро аз нигоҳи таҳлили этимологӣ ва баромад ё басомад метавон ба чунин гурӯҳҳо: 1**) гидронимҳои тоҷикӣ, 2) гидронимҳои туркӣ, в) гидронимҳои арабӣ, г) гидронимҳои русӣ ва байналхалқӣ,ғ) гидронимҳои омехта** тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ ва манбаъҳои таърихӣ аён аст, ки дар сарзамини Варазрӯд (Мовароуннаҳр) ба ғайр аз халқҳои эронинажод, аз ҷумла тоҷикон, инчунин халқҳои туркнажод-ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва қазоқҳо низ дер боз сукунат доранд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва манбаъҳои боэътимод сукунати оммавии қабилаҳои туркӣ-муғулӣ аз ибтидои қарни XIII, яъне пас аз истилои муғулҳо шурӯъ гардида, то охири қарни XIX ва ибтидои асри XX идома ёфт. Дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ дар таркиби луғавии забонҳои ин халқҳо таъсири мутақобила ба назар

мерасад. Ин таъсир дар номгузорӣ низ инъикоси худро ёфтааст. Аз ҷумла, дар номгузории маҳалҳо ва гидронимҳои сарзамини Мовароуннаҳр низ номвожаҳои ҷуғрофиеро пайдо намудан мумкин аст, ки мутааллиқи гурӯҳи забонҳои туркӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки дар сарзамини Мовароуннаҳр нисбат ба гидронимҳои забонҳои дигар гидронимияи туркӣ миқдоран зиёданд. Сабаби беш будани гидронимияи туркӣ нахуст, дар қатори тоҷикон дар сарзамини Мовароуннаҳр зиндагӣ доштани қавмҳои туркӣ бошад, дувум, аз сабаби дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ба тариқи тарҷума нигоштани топонимияи тоҷикӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки бештарини гидронимияи туркӣ дар садсолаи охирин арзи вуҷуд намуданд. Чунончӣ: **Бошқудуқ, Бошбулоқ, Думалоқ, Оқсув, Қудуқчӣ, Қошиқтарош, Қумгузар, Қӯрғонтош** ва амсоли инҳо мебошанд. Бештари ин гидронимҳо ифодагари истилоҳи соҳаи чорводорӣ буда, аз нигоҳи сохт ҳарчанд сохтаву мураккаб бошанд ҳам, вале мо онҳоро ҳамчун калимаҳои содаи иқтибосии туркӣ-ӯзбекӣ дар забони тоҷикӣ қабул менамоем.

Бояд гуфт, ки гидронимҳои эрониасли туркишударо метавон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо намуд: ***гидронимҳои эрониасли якҷузъашон туркишуда, гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда, гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд.***

а) Гидронимҳои эронии якҷузъашон туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ як ҷузъашон тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Ёхсу (Yāγsu), калонтарин дарёи минтақаи Кӯлоб аст, ки минтақаро ба ду қисм ҷудо менамояд. Гидронимияи Ёхсуи минтақаи Кӯлоб бо якчанд шаклҳои овозии ****<Yāxsu, *< Āxsu, *<Āqsu ва *<Yāxsu*** вомехӯрад ва дар нутқи рӯзмарраи аҳолии маҳаллӣ ҳамаи ин шаклҳо мустаъмаланд. Шакли **Yāxsu** дар гуфтори мардум зиёдтар мушоҳида мешавад.Дар забони форсии миёна дарёи Панҷ ҳамчун **Бехрӯд (Behrud)**-«рӯди нек», «рӯди меҳрубон» зикр гаштааст, ки шояд бо гидронимҳои **Вахш (Vaxš), Йохсу (Yāxsu), Вахондарё (Vaxāndaryā), Баҳманрӯд (Bahmfnrud,** номи пешинаи дарёи **Сурхоб)** ва **Вахё (Vaxyā**) алоқаманд бошад. Дар солномаҳои чинӣ чанд гидрониме таҳти унвонҳои ***Уху (Uxu), Ху (Xu), Ху-шу (Xu-šu), Бу-ху (Bu-xu), Потсу (Pātsu), Фотсу (Fātsu)*** зикр гаштаанд, ки бо номҳои мазкур муқоисашавандаанд. Дар қисмати шарқии Ҷумҳурии халқии Чин ҳоло низ шаҳри калон ва дарёе бо номи ***Оқсу(Āqsu)// Ёхсу (Yāxsu)// Охсу (Āxsu)*** вуҷуд дорад. Ҳамаи номҳои зикршуда аз як решаи умумиэронӣ сарчашма гирифта, маънии «олиҳаи об» (худо, фариштаи обҳо)-ро дорад. Дар китоби «Авасто» Яшти 5 ба олиҳаи обҳо ***(Ardvisura Anāhina -Ардвисура Аноҳита***) бахшида шудааст ва «***Ardvisura (Ардвисура)– яшт (yašt)» ё «Обон (Ābān)-яшт (yašt)»*** ном дорад. Олиҳаи обҳо дар яшти мазкур ба ду сурат, бо шакли рӯди Бузурге, ки сарчашмаи ҳамаи обҳо ва баҳрҳои дунё аст ва сипас тасвири худи олиҳа (зани зебое) омадааст [ниг.: 1,109-110]. Ҳамин тариқ, Ёхсуи минтақаи Кӯлоб аввал таҳти таъсири юнониҳову бохтариҳо ***(Оксус (Āksus) // Окс (Āks) //Оксу (Āksu)//Охшу (Āxšu)*** ва баъзан ақвоми туркзабону туркнажод якчанд маротиба шакли овозии худро дигар кардааст ***(Ёхсу (Yāxsu), Оқсу (Āqsu), Оқсув (Āqsuv)***, вале ҳамон маънии «олиҳаи об»-ро ифода менамояд. Ҳудуди густариши ин ном бештар аз панҷ-шаш кишварро фаро мегирад. Бояд гуфт, ки дар ибтидо ба назар чунин мерасад, ин гидроним туркӣ аст, вале дар натиҷаи таҳлили этимологӣ аён мегардад, ки ин гидроним аслан умумиэронӣ буда, то андозае тағйири шакл кардааст, яъне шакли Осрӯд ба тадриҷ чунин шаклро соҳиб гардидааст.

Каризариқ (Karizariq), номи ҷӯй дар ҳудуди ноҳияҳои Китоб, Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **корез** ва **ариқ**; Ҷузъи **карез (karez) // корез (kārez)** дар ҳамин шакл дар айни замон сода аст ва номи маҳалла дар шаҳри Кеш мебошад. Аммо таърихан вожаи мазкур мураккаб буда, ба маънои чоҳ истифода мешуд [8, 505]. Дар ҳамин қолаб дар забони тоҷикӣ **вожаи полиз (pāliz)//полез (pālez)** мавҷуд аст, ки маънои **киштзор, боғ, бӯстон,**

гулистонро дорад [7, 83]. Пас маънои луғавии ин гидроним ҷӯйе, ки аз чоҳ сарчашма мегирад, мебошад. Тавре зикр гардид, дар таркиби вожаҳои **полиз ва корез** ҳамсадои **з** дида мешавад, ки ин ҳамсадо боқимондаи калимаи диз//диж буда, маънои луғавии ин калимаҳо далолат ба маънои дар назди **диз, диж, қалъа ё ҳисор** мавҷуд будани чоҳ ва замини корамро мекунад.

Каризбулоқ (Karizbuloq), номи чашма ва деҳа дар ҳудуди ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **корез** ва **булоқ**. Ҷузъи **карез//корез** дар ҳамин шакл дар айни замон сода аст ва маънояш қубури обгузари зеризаминӣ мебошад. Ҷузъи **булоқ** барои ифодаи чашма меояд ва дар маҷмӯъ маънои луғавии ин гидроним чашмае, ки аз чоҳ сарчашма мегирад, мебошад.

Карсанбулоқ (Karsanbuloq), номи чашма дар ҳудуди ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **карсан** ва **булоқ**; Ҷузъи **карсан** шакли тағйирёфтаи ибораи **гирди санг** ва **булоқ – чашма** мебошад, ки маънои луғавии ин гидроним аз мавзеи гирди санг ҷорӣ шудани чашмаро ифода мекунад. Шакли аслии ин гидроним гирди сангчашма мебошад [3, 90].

Карсончашма (Karsoncasma), номи чашма дар ҳудуди ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **карсан** ва **чашма;** Ҷузъи **карсан** шакли тағйирёфтаи ибораи **гирди сан**г буда, маънои луғавии ин гидроним аз мавзеи гирди санг ҷорӣ шудани чашмаро ифода мекунад. Шакли аслии ин гидроним гирдисангчашма мебошад [3, 91].

Каттақурғон (Kattaqurjon), номи обанбор дар ҳудуди вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз ҷиҳати сохт мураккаб: **катта** ва **қурғон**; маъно: **катта -** калон ва **қурғон** – қалъа; маъно: қалъаи калон.

Куювсув (Kuyuvsuv), номи дарё дар ҳудуди ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аслан мутааллиқи забони тоҷикӣ буда, дар шакли **кӯҳин+об** дар сарчашмаҳо зикр гардидааст ва куювсув шакли туркӣ – ӯзбекии кӯҳиноб мебошад, ки маъноаш аз кӯҳ ҷорӣ гардидани дарё аст.

Қизариқ (Qizariq), номи мавзеи обӣ дар ноҳияи Чироғчии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **қиз** – шакли туркишудаи диж // диз ва **ариқ**– ҷӯй; маъно: ҷӯйе, ки обаш аз баландӣ ва аз назди қалъа ҷорӣ шаванда [ниг.: 3, 244].

Қизбулоқ (Qizbuloq), номи чашмаи кӯҳӣ дар ҳудуди вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **қиз** – шакли туркишудаи диж // диз ва **булоқ**– чашма; маъно: чашмаи воқеъ дар баландӣ [ниг.: 3, 244].

Қорасув (Qorasuv), номи шохоб ва дарё дар ноҳияҳои Китоб ва Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **қора** - сиёҳ ва **сув -** об, дарё; маъно: чаш маҳои кӯҳии аз зери замин баромада, ки обаш сиёҳмонанд [ниг.: 3, 253].

Оқсув (Oqsuv), номи дарё дар вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, аз нигоҳи сохт мураккаб ва аз ҷузъҳои **оқ**- сафед ва **сув** – об; маъно: оби софу тоза ва аз ҷойи сахт омадани дарё [ниг.: 3, 144].

б) Гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ пурра дар натиҷаи калка ё тарҷума тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Арал (Aral), номи баҳр дар ҷанубӣ ғарбии қисми Осиёи ИДМ мебошад. Дарозӣ ё тӯлаш 428 км, бараш 235 км, масоҳати ҳавзааш 690 ҳазор км^2, ҳаҷми об қариб 1000 км^3, баландии аз сатҳи баҳр 53 м. воқеъ аст. Пастхамии баҳри Арал дар натиҷаи фурӯ хамидани қишри замин дар охири давраи неоген ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин ном

деҳаҳо дар ноҳияҳои Восеъ ва Ҷомии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд. Номи пешинаи баҳр Хоразм ном дошт ва пас аз омадани гурӯҳҳои этникии турку муғул аз ҷониби Оролу Муғулистон номи Хоразм ба шакли туркии Арал, ки маънояш ҷазираи беодам аст, ба тадриҷ иваз гардид. Деҳаҳои Арал низ ба ҳамин тоифа мансубанд ва заминҳои деҳаҳои Арал аз дарёи Сурхоб ва Вахш обёрӣ мешаванд.

Бошқудуқ (Bošquduq), калимаи туркӣ буда, маънои чоҳи калонро дорад, ки дар дашту адири беоб кофта шуда, дар он оби бисёр захира мегардад ва дар атрофи он оғили чорво бунёд мегардад [3, 43].

Қизилсу (Qizilsu), дарёест дар Ҷумҳурии Қирғизистон, номи болооби дарёи Сурхоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дарозиаш 250 км, масоҳати ҳавзааш 8380 км² аст. Аз нишебиҳои қаторкӯҳи паси Олой ибтидо ёфта, қад-қади водии Олой ҷорӣ мешавад. То ҳамроҳшавии дарёи Айлама Қаросу ном дорад. Бо дарёи Муғсу як шуда, дарёи Сурхоб (болооби дарёи Вахш)-ро ҳосил мекунад. Сарфи миёнаи об (86 км дуртар аз резишгоҳ), 40,6м³/сон.ташкил медиҳад.

Савуқсой // Савуқдара (Savuqdara), номи дарёест дар шимоли ғарбии Помир (ноҳияи Мурғоби ВМКБ - и Ҷумҳурии Тоҷикистон) воқеъ аст. Дарозии дарё 64 км, масоҳати ҳавзааш 1190 км² мебошад. **Савуқсой** аз дарёчаҳое ба ҳам омадааст, ки аз нишебии қаторкӯҳҳои Паси Олой, Зулумарт ва Беловлӣҷорӣ мешаванд. Манбаи асосии дарё пиряху барф аст. Савуқсой баъди гузаштани дараҳои танг бо дарёи Селдара як шуда, дарёи Муғсуро ба вуҷуд меорад.

Сасиқбулоқ (Sasiqbuloq) болооби Кӯлобдарё буда, номи дарё дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шохоби чапи дарёи Яхсу мебошад. Саргаҳаш дар нишебиҳои ғарбии қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ буда, тӯлаш 55 км, масоҳати ҳавзааш 796 км² аст. Ин дарё аз дараи кӯҳӣ гузашта ба ҷануб тоб мехӯрад ва қад-қади водии дарёи Яхсу ҷорӣ шуда, 17 км болотар аз резишгоҳи дарёи Яхсу ба он ҳамроҳ мешавад. Манбааш барфу борон буда, дар қисми кӯҳии ҳавзаи он обанбори Мӯъминобод воқеъ аст. Маънои луғавии ин дарё чашмаи бӯйдор ё бӯгин аст, яъне обе, ки ҷамъ шудааст, бӯй дорад. Ин навиштаҳо далели он аст, ки гидронимҳои туркӣ дар номгузории сарзамини Мовароуннаҳр ифодагари ҳаёти иҷтимоию маишии қавмҳои туркӣ буда, шуғли асосии эшонро нишон медиҳанд. Дар воқеъ, дар ҳудуди сарзамини Мовароуннаҳр, тавре дар боло зикраш рафт, анқариб намояндаи сад қабилаву қавмҳои туркӣ иқомат менамоянд, ки аксарияти ин мардум дашту адир ва талу теппаро, ки барои чорводорӣ мусоидат менамояд, макони зисти доимӣ интихоб намудаанд. Ҳамин интихоби мавзеи ҷуғрофӣ, ки асосан пас аз қарнҳои XV-XVI дар сарзамини Мовароуннаҳр оғоз гардида то охири асри XIX сурат гирифтааст, дар номгузории мавзеъҳои обӣ низ таъсири худро гузоштааст.

Бошбулоқ (Bobuloq), номи чашма дар ҳудуди ноҳияҳои Бойсун, Шерободи вилояти Сурхондарё ва Чироғчӣ, Деҳқонобод, Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб: **бош** (ӯзбекӣ)– асосӣ, сар ва **булоқ** (ӯзбекӣ)– чашма; маъно: чашмаи асосӣ ва ба чандин чашмаҳои хурд ҷудошаванда [ниг.:3, 48].

в) Гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд. Ба ин гурӯҳ гидронимҳоеро мансуб донистан мумкин аст, ки аслан эронӣ буда, бо мурури замон дар натиҷаи ҳамзистӣ ва мавҷуд будани робитаи иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ пурра дар натиҷаи калка ё тарҷума тағйири шакл ё намуд кардаанд, ки барои собити андеша чанд мисол меоварем:

Қундуздарё (Qunduzdaryo), номи дарё дар ҳудуди вилояти Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, аз нигоҳи сохт мураккаб мебошад ва аз ҷузъҳои **қундуз-** ба маънои кӯҳандиз ё қалъаи кӯҳна ва **дарё** ба маънои рӯд таркиб ёфта, дарёе, ки дар аз назди дизи кӯҳна ҷорӣ аст, мебошад.

Муғсу (Mujsu), номи яке аз шохобҳои дарёи Сурхоб буда, воқеъ дар ҳудуди ноҳияи Тоҷикободи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз нигоҳи сохт мураккаб: аз ҷузъҳои **мух** - шояд шакли сафед бошад ва **су**-дарё, об; мутааллиқи забони туркӣ-қирғизӣ; Яъне шакди тағйирёфтаи Сафеддарё ё Оқсу ба забони қирғизӣ. Ё маънои дигараш аз мавзеъи сабзазор ҷорӣ шудани дарё**.**

Обиғуноҷин (Obijunochin), номи шохоби дарёи Оқсув, ки дар ҳудуди ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Ин номвожаи ҷуғрофӣ аз нигоҳи сохт мураккаб буда, аз ҷузъҳои **об** ва ғуноҷин, ки аз нигоҳи зоҳирӣ ба маънои чорвои ҷавон. Ҷузъи **ғуноҷин,** ба андешаи мо, ҷузъи вайроншудаи вожаи таърихии **ғара (qara),** ки ба маънои кӯҳистон ва маънои луғавии ин гидроним дарёи кӯҳӣ; маъно: дарёи обаш аз доманаи кӯҳ меомада [ниг.:3, 67].

Оқдарё (Oqdaryo), шохоби дарёи Қашқадарё ва аз ҷузъҳои оқ//ос-сафедӣ ва дарё таркиб ёфта, шакли тағйирёфтаи вожаи Осруд//Асруд аст. Ин вожа дар натиҷаи таъсири забонҳои туркӣ шакли Оқдарёро гирифтааст.Маънои луғавии ин вожа аз назди осиё гузаштани дарёст [7, 48].

Каттаангар (Kattaangar), номи ҷӯй дар ҳудуди ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Номи ин ҷӯй аз сабаби аз дигар ҷӯйчаҳо ё ҷӯйбор нисбатан калон будан ба ҳамин шакл номгузорӣ гардидааст. Маънии ҷузъи **катта** - калон ва **ангар** – анҳор, наҳр аст, ки шакли вайроншудаи вожаи калони тоҷикӣ мебошад.

Каттадарё (Kattadaryo), номи шохобчаи дарёи Қашқадарё дар ҳудуди Ғузори вило яти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Номи ин дарё аз сабаби аз дигар дарёчаҳо ё ҷӯйбор нисбатан калон будан ба ҳамин шакл номгузорӣ гардидааст. Маънии ҷузъи **катта** - калон аст, ки шакли вайроншудаи вожаи калони тоҷикӣ мебошад.

Осдарё (Osdaryo), шохоби дарёи Кешруд ва ҳоло дар шакли Оқдарё шохоби дарёи Қашқадарё. Осдарё // Осруд вожаи тоҷикӣ буда, аз нигоҳи сохт мураккаб: **ос//ос ва рӯд//дарё**; Ин вожа чун гидроним хеле вожаи қадимаи забони тоҷикӣ ва дар қадим ба маънои «олиҳаи об» (Худо, фариштаи об)-ро дошт. Зеро ҷузъи **ос** бо калимаи **ёхсу//йохс** умумият доранд ва **рӯд** маънои об, дарёро дорад [7, 110];

Танхас//Танхос (Tanxas//Tanxos), номи шохоби дарёи Қашқадарё (Кешруд). Ин топоним аз ҷузъҳои **танг**-сифат ва **хос**-исм таркиб ёфта, маънои дарёи камбар, тангро дорад. Зеро ҷузъи хос тибқи нигоштаи А. Л. Хромов, вожаи суғдӣ, хоразмӣ буда, маънояш чашма, наҳр, дарёро дорад [7, 14].

Элок//Элак (Elok//Elak) номи дарё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва калонтарин шохоби чапи дарёи Кофарниҳон. Аз ҳудуди ноҳияҳои Файзободу Ваҳдат ва Рӯдакӣ ҷорӣ гардида, дарозиаш 97 км, масоҳати ҳавзааш 829 км² . Дарё аз чашмаи деҳаи Элок, ки воқеъ дар доманаи ҷанубии қаторкӯҳи Қаротегин аст, ибтидо ёфта, болооб ва ҷараёни миёнааш аз байни қаторкӯҳи Қаротегину Сурхкӯҳ ва поёнобаш аз водии Ҳисор мегузарад. Манбаи дарё обҳои зеризаминӣ ва барфу борон. Оби Элок барои обёрии заминҳо ва аз об таъмин кардани аҳолӣ истифода мешавад. Ин гидроним аз нигоҳи сохт мураккаб буда, таърихан шакли **айлоқ // айлох // яллохро** доро буд, ки маънои луғавии ин гидроним аз мавзеи кушод ё даштӣ омадани дарё ба шумор меравад.

Хулоса, гидронимҳои туркишудаи эрониасл дар ҳудуди Мовароуннаҳр миқдоран беш нестанд, вале аз нигоҳи забонӣ дорои вижагиҳои муайянанд. Яке аз ин вижагиҳо он аст, ки ин қабил гидронимҳо вобаста ба намуди зоҳириашон ба чунин зергурӯҳҳо ҷудо мешаванд: гидронимҳои эрониасли якҷузъашон туркишуда, гидронимҳои эрониасли пурра туркишуда ва гидронимҳои эрониасли ба назар туркимонанд. Вижагии дигари ин қабил гидронимҳо дар он аст, ки аз нигоҳи сохт бештарашон содаи рехтаанд: **Бошқудуқ, Каризбулоқ, Бошқудуқ, Бошбулоқ, Думалоқ, Оқсув, Элок...**

А Д А Б И Ё Т:

1. Алимӣ Ҷ. Ташаккул ва таҳаввули микротопонимияи минтақаи Кӯлоб: рисолаи илмӣ / Ҷ. Алимӣ - Душанбе, 1995. - С. 82-110.
2. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷикӣ. Луғатшиносӣ. Ҷ.1.: китоби дарсӣ / Маҷидов Ҳ. – Душанбе, 2007. – 240 с.
3. Нафасов Т. Ӯзбекистон топонимларнинг изоҳли луғати: луғати соҳавӣ / Нафасов Т.–Тошкент: Уқитувчи,1989.–288 с.
4. Олимҷони Муҳаммадҷон. Баррасиҳо дар номшиносии тоҷик: рисолаи илмӣ /О. Маҳмадҷонов – Душанбе, 2004.- С.19.
5. Офаридаев Н. Ойконимияи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон: рисолаи илмӣ/Н. Офаридаев – Душанбе, 2001. - С.125.
6. Хромов А. Л. Очерки по топонимике и микротопонимике Таджикистана: Сборник статье / А. Л. Хромов - Душанбе, 1978.- С. 39.
7. Ҳомидов Д. Топонимияи водии Кешрӯд: рисолаи илмӣ /Д. Ҳомидов -Душанбе, 2002.-104 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1:фарҳанги тафсирӣ / М. Шукуров - М., СЭ, 1969. - 950 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2: фарҳанги тафсирӣ / М. Шукуров - М., СЭ, 1969. - 950 с.
10. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома: фарҳанги филологӣ / Ализода М.– Душанбе: Адиб, 1992. - С.86-87.

ТЮРКИЗАЦИЯ ГИДРОНИМОВ ИРАНСКОГО ПРОИСХОЖДЕНИЯ МАВАРЕННАХРА

В данной статье рассматривается тюркизация гидронимов иранского происхождения Мавераннахра и степень их употребления. Автор статьи стремится показать именно эту особенность гидронимов Мавераннахра и повергать научному анализу географические названия.

Ключевые слова: гидронимы, топонимы, таджикский язык, суффиксы, форманты, тюркизация, происхождение, иранское происхождение, топофоманты, вода, река, ручей, бассейн, иранские языки, родник, колодец, структура, сложный, составной.

IRANIAN'S HYDRONIUMS THAT BECOME TURKISH FROM MOVAROUNNAHR

This article is devoted to the linguistic research of **Iranian's Hydroniums that become Turkish from Movarounnakhr** as an ancient toponyms of region. The author of the article tries to show particular this feature of hydroniums of **Movarounnakhr** and paralyze scientific analysis of geographical names with the taken Turkish meaning.

Key words. Hydronim, toponim, Tajik language, structure word, word expression, water, river, Iran language, spring, structure, compound..

Сведения об авторе*: Д. Хомидов* **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **918 - 19 - 23 - 8 0.**

САЙРИ ТАЪРИХИИ ҶОНИШИНҲОИ ЭНКЛИТИКӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Шарипова Фарангис
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ шакли энклитикии ҷонишинҳои шахсӣ - соҳибӣ мавҷуданд. Энклитика (фр.enclitique<юн.enklinā) калимаи безадаест, ки аз тарафи рост бо калимаҳои зададор дар шакли муттасил меояд [3.1]. Ҷонишинҳои энклитикӣ дар забони тоҷикӣ далолат бар ду шумора ва се шахс мекунанд:

Танҳо ҷамъ
ш.I -ам ш.I-амон
ш.II -ат ш.II-атон
ш.III –аш ш.III -ашон

Вазифаи ҷонишинҳои энклитикӣ дар раванди инкишофи таърихӣ тағйир ёфтааст.Ҷонишинҳои энклитикии забони тоҷикӣ бар мабнои ҷонишинҳои забони форсии бостон шакл гирифтаанд. Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки шаклҳои танҳои ҷонишинҳои энклитикии шахсӣ идомаи ҳолати генетив ва дативи забонҳои эронии қадим мебошанд [2.7;2.4]. Дар забони авестоӣ чунин шаклҳои ҷонишинҳои энклитикӣ мустаъмал бадаанд:

Ҳолат	Ҷинси мардона	Ҷинси занона	Ҷинси миёна
Accusative (винитель.)	īm	Hīm/ dim	It/ dit
Dative (дательный)		Sai/ hē, šē	

Accusative	I	hi/hī	
Accusative	diş/ diš	hiş/ hiš	di/dī

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар матнҳои Авесто дар таркиби ҷумла пас аз вожаи аввали ҷумла бо калимаҳои мустақилмаъно ва ёвар муттасил меоянд [2.3]. Нигаред ба намунаҳо:

Āat him jaiδyaţ- сипас ӯро пурсид

Na-it nah manah, **na**-it sanhah, **na**-it xratavan…На пиндорҳои мо, на гуфторҳои мо, на хирадӣ мо...

nas – ҷонишини энклитикӣ, шумораи ҷамъ ҳолати Acc.

Дар забони форсии бостон ба хатти мехӣ ҷонишинҳои энклитикии ši-/ di- ва ҳолатҳои Acc. шакли танҳои ҷинси мардона šim/dim, ҳолати Acc. шакли ҷамъ šiš/diš, ҳолати Abl. š/-šat, Gen. ш.танҳо -šiy, шакли ҷамъ -šam мустаъмал будаанд [2.3].Нигаред ба намунаҳо:

Haruvašim kāra avaina. Ҳама мардум **ӯро** диданд.

Imaiy sakā**hačāma**āiša. Ин сакоиҳо аз **ман** рафтанд.

Pasāvašim Arbairāyā uzmayāpatiy akunavam. Пас **ӯро** дар Арбил ба дор кардам.

Adamšim avāҫanam. Ман **ӯро** куштам.

Дар ҷумлаҳои боло ҷонишинҳои энклитикӣ бо ҷонишинҳои **haruva-**“ҳама”, **adam-** “ман”, пешояндҳои **hačā-** “аз”, **pasāva-** “пас”васл шудаанд.

Ҳамин тавр, ҷонишинҳои энклитикӣ вазифаҳои наҳвиро иҷро карда, дар баробари он маънои лексикӣ - ҷонишинии худ, яъне соҳибият ва объектро ифода мекунанд [2.1].

Чунонки медонем, ҳолатҳо (падеж) дар забони форсии миёна боқӣ намондаанд, бо вуҷуди ин, ҷонишинҳои энклитикӣ дар осори давраи миёна ҳолати фоилӣ, мафъулӣ ва вобастагиро ифода карда метавонистанд. Ҷонишинҳои энклитикии забони форсии миёна инҳоянд:

Танҳо ҷамъ

I.-ам –**m** I.-амон **-mān**

II. -ат –**t** II.-атон **-tān**

III. -аш –**š**III. -ашон **-šān**

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар забони форсии миёна низ маъмулан на бо калимаи ба он мансуббуда меоянд, балки бо калимаи аввали ҷумла васл шуда, мавридҳои корбурди мухталиф доштаанд. Ин ҷонишинҳо бо чунин калимаҳо меоянд:

1) бо пайвандакҳо: **U-š** pad sālārih be kasnēdahēd[2]. Ӯро ба солории касе надиҳад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,8).

Zan**kē-š**sālārih pad mard-ē. Зане, ки солориаш бо марде аст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 9).

Ēg-iš sālārīh pad kē. Он гоҳ солориаш бо кист (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,9).

2) бо ҷонишини нисбӣ: Nas-ēandar**ī-š**hambārd be bawēd. Насое андар анбошта шуда бошад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 7).

3) бо ҷонишин: **Har(w) čē-š** az āb ud ātaxš bīm be hišt. Ҳар чӣ аз бими об ва оташ бар ҷой ниҳод (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,13).

4) бо пешоянд: **Az-iš**ēk widerān bawēd. Яке аз он ду мегурезад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,17).

Abārīg ī**pad-iš**ān pahikōbišn. Дигар (чиз)ҳое, ки он бо онҳо бархурдор мекунад.

U-š xōn az-išāmad. Ва хун аз он омада бошад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,93).

5) бо феълҳо: **Nimūd-iš** xwadāy xwēš purqānā u-š pēš ramān. **Нишон дод** Худованд наҷоти хешро пеши пайравон (Забури паҳлавӣ,68).

Энклитикаи **-š** дар феъли замони гузаштаи тарзи гузарандаи **nimūd-iš** таъсири амалро ба мафъул ё шахси сеюм нишон дода, маънои “ба ӯ нишон дод”-ро ифода кардааст. Ҷонишинҳои энклитикӣ дар матнҳои осори форсии миёна вазифаҳои гуногуни грамматикӣ ва семантикиро иҷро мекарданд:

1) барои баёни фоили аслӣ (субъекти мантиқӣ) бо феълҳои сохти пассив (маҷҳул) ва замони гузашта гоҳе ба унвони фоили мантиқӣ ва грамматикӣ дар сохти феълҳои активи (маълум) монда дар ҳама замонҳо ва дар феълҳои гузаранда дар замонҳои ҳозира ва оянда меоянд [2.5]:

Čišī-šō frazand rāy paydāgēnīd. Чизеро ӯ барои фарзанд (хвеш) муайян кард (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,23).

U-**m** urwāzist ō-t andarz. **Ман** шодмон шудам ба андарзи ту (Забури паҳлавӣ,70)

Ҷонишини энклитикии шахси якум ҳам ба сурати энклитика ва ҳам ба сурати мустақил (дар ибораҳои изофӣ ва ҳам бо пешояндҳо) барои ифодаи фоил дар забони форсии миёна омадаанд: U-**m** nē hišt zyān ud wardag kardan… **Ман** нагузаштам аз зиён ва ғорат кардан (Катибаи Картир дар каъбаи Зардушт,192).

Ба вазифаи мубтадо ҷонишини энклитикии **m-** “ман”омадааст. Hišt асоси замони гузаштаи феъл ба маънии “гузаштан” буда, бе бандаки феълӣ омадааст. Гуфтан мумкин аст, ки ҷонишини энклитикии **m** барои ифодаи шахсу шумораи феъл низ омадааст. Дар забони форсии миёна ҷонишинҳои энклитикӣ ба ҷойи ҷонишинҳои шахсӣ ба унвони мубтадо ва пуркунанда ва муайянкунанда дар ҷумла меоянд. Дигар ҷонишинҳои энклитикӣ ба монанди -š, -t, -šān низ ба вазифаи мубтадо меоянд:

U-**šān** nē dānist rāh Ī man. **Онон** надонистанд роҳи маро (Забури паҳлавӣ, 67).

2) барои баёни мафъул:

Дар ҷумлаи зерин ҷонишини энклитикии шахси сеюми танҳо –š бо пайвандаки пайвасткунандаи **u- “**ва” муттасил омада, дар ҳолати мафъулӣ қарор дорад:

U-**š** was hast abāg purqānābōzād. Ва **ӯро** наҷоти фаровон ҳамроҳ аст (Забури паҳлавӣ,79).

Ҷонишини энклитикии **š** нисбат ба дигар ҷонишинҳо дар ифодаи мафъулӣ корбурди бештаре дорад. Чунончи дар китоби “Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон” ҷонишини энклитикии шахси сеюми танҳо –š тақрибан сад бор мавриди корбурд қарор гирифтааст ва аксаран энклитикаи -š бидуни пасоянд пуркунандаи “вайро”ифода кардааст.

U-š xwāstag-ē frāz dād. Ва ӯро хоста дод (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 22).

U-**š** zan-ē hast. Ӯро зане ҳаст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 20).

U-š zan ud frazand pad im dūdag. Ӯро зану фарзанд дар ин хонавода бошад (Озарфаранбағи Фаррухзодон,50).

Дар баъзе маврид ҷонишини **š** ба шахси ғоиб далолат мекунад ва танҳо барои нишон додани шахсу шумораи хабар омада, вазифаи грамматикиро дар ҷумла иҷро мекунад.Чунончи:

U-š pāya barnihēd. Пой бар он мениҳад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 97).

Ka-šān gumārd ēstād. Агар гуморида шуда буданд (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,18).

3) барои баёни соҳибият:

Ēg-**iš** pādixšāy zanīh xūb bawēd. Он гоҳ подшоҳзани **ӯ** хуб бувад (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,13).

Ҷонишини энклитикии –š бо ҷонишини нисбати ī дар шакли муттасил дар миёни муайяншаванда ва муайянкунанда барои ифодаи соҳибият меояд. Дар забони форсии нав маъмулан дар ин қолаб ҷонишин пас аз сифати **pākīh-** “пок” меояд. Мисол:

Namāz barēd ō xwadāy andar **srāward ī-š pākīh**. Намоз баред ба Худованд дар саропардаи поки **ӯ** (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 68).

Мавқеи ҷонишини энклитикӣ дар ҷумлаи осори забони форсии миёна гуногун аст. Чунончи дар ҷумлаи зерин энклитикаи -t барои ифодаи соҳибият дар байни ҷузъҳои хабари номӣ омада, дар ҳарду маврид бо муайяншавандаҳои **saxwan** “сухан” ва bandag- “банда” дар ҳолати препозитивӣ қарор гирифтаанд.

Wizīdag**-it** ast **saxwan** abēr u-**t**-iš **bandag** dōst būd. **Сухани ту** гузида аст ва **бандаи ту** ӯро дӯстдор будааст.

4) мансубияти чизеро ба шахсе далолат мекунанд:

U**-š** pad ruwān bawēd. Барои **равонаш** суд ҳаст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,107).

U-**š** wināh čand. **Гуноҳаш** чӣ қадар аст (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,112).

5) барои баёни тараф ва мухотаб (адресат), ки чизе равона шудааст:

Mard-ēfarzandī xvēšrāy gōwēd kū**čī-š**dahom. Марде фарзанди хешро гӯяд, ки чизе (**ба ту**) медиҳам (105).

Ā**-t** pad šōy nēdahom. Он гоҳ туро ба шавҳар надиҳам (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон, 9).

Вазифаи (объект) мафъул яке аз вижагиҳои ҷонишинҳои энклитикӣ дар забони форсии бостон ва форсии миёна мебошад. Ҷонишинҳои энклитикии забони форсии миёна бо пайвандакҳо, пешояндҳо, ҷонишини нисбӣ дар шакли муттасил омада, дар ҷумла ҷойи муайян надоштанд. Ҷонишинҳои энклитикии забони форсии миёна дар ҷумла ба вазифаи муайянкунанда, пуркунанда ва мубтадои мантиқӣ омадаанд.

Дар забони порсии дарӣ ҷонишини шахси сеюми танҳои **–аш** корбурди бештар доштааст.

а) барои ифодаи мафъул: Мо **шон** ҳалок кардем (Қуръони маҷид,ҷ.2,8). - Мо (онҳоро) ҳалокашон кардем.

Худой **шон** нигаҳ дорад (Таърихи Табарӣ,207). -Худо (онҳоро) нигаҳашон дорад.

Густохӣ **тот** надиҳанд, макун (Таърихи Табарӣ,207).- Густохӣ то надиҳандат (ба ту), макун.

б) Ин ҷонишинҳо дар шакли муттасил бо феълҳо омада, гузаштани амали мубтадоро ба шахси ғоиб ифода мекунад. Мисол:

Ба Арафот берун **фармудаш** (Таърихи Табарӣ,41).

Ва муҳр **бинамудашон** (Таърихи Табарӣ, 56).

Ва муғон Пешдод **хонандаш** (Таърихи Табарӣ,67).

Бандакҷонишини **-аш** ба сурати зоид барои ифодаи субъекти мантиқӣ ба кор рафтааст, ки онро муҳаққиқони эронӣ “**шини фоилӣ**” номидаанд.

Писаре **омадаш**. Тур ном **кардаш** (Таърихи Табарӣ,69).

Бародаре **будаш** Нарсӣ ном (Таърихи Табарӣ,494).

Дар забони форсии бостон ҷонишинҳои энклитикии ҳамаи шахсу шумора дар худ семантикаи дативро таҷассум мекунанд, вожаҳои мустақил бошанд, вазифаи генетивро иҷро мекунанд. Генетив ба исм мансуб аст ва датив ба феъл [2.3,37]. Ҷонишинҳои энклитикӣ, ки вазифаи дативро ифода мекунанд инҳоянд -maiy, -taiy, -šām. Дар таркибҳо бо ҷонишинҳои энклитикӣ дар вазифаи субъекти мантиқӣ бо таркиби сифати феълии ta- наздикшавии минбаъдаи энклитика бо феъл мушоҳида мешавад.

ф.б. Auramazdā **maiy** upastām abara. -Аҳурамазда маро ёрӣ дод [7,103].

ф.м. U-š xwāstag nēst.- Ӯро хоста нест (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,54).; Ka-tān nēkih rasad.-Ба шумо некӣ расад (Тафсири Табар, 372); U-š frazand az-iš nē zāyēd.- Ӯро аз ӯ фарзанд наояд (Ривояти Озарфаранбағи Фаррухзодон,19).

п.дарӣ. Даҳ писар **будаш**. Писаре **омадаш**. Тур ном **кардаш** (Таърихи Табарӣ, 69).

Чунонки аз мисолҳо бармеояд, ҷонишинҳои энклитикӣ дар конструксияҳои эргативӣ форсии бостон ба сифати субъекти мантиқӣ меоянд ва дар форсии миёна ва нав ин энклитикаҳо (бештар энклитикаи –аш ё шини фоилӣ) бо феълҳои маънои ҳузур ва дорӣ дошта омада дар ҷумла субъекти мантиқианд.

Дар забони муосир энклитикаи –аш нисбат ба исмҳои шахсу ғайришахс ва исмҳои хосу ҷинс баробар истеъмол мешавад, аммо дар забони порсии дарӣ ин энклитика танҳо нисбати шахс корбаст мешудааст.

Ҷонишинҳои энклитикӣ дар инкишофи таърихии худ таҳаввулоти ҷиддиеро аз сар гузарондааст. Дар гузашта майдони вазифаҳои ин ҷонишинҳо васеътар ва мавқеи онҳо дар ҷумла озодтар будааст, аммо бархе аз вижагиҳои он чун ифодаи маънои мафъул ва ба нудрат ифодаи маънои субъекти мантиқӣ дар онҳо боқӣ мондаанд.

АДАБИЁТ

1. **Сарчашмаҳо:**

1.1.Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ / Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ- Теҳрон, 2001. -Ҷ.1. -21632с.

1.2.گاهان زرتشت و متنهای نواوستایی. با کوشش ه.رایشیلت.-تهران؛ققنوس،1386.-738ص

1.3.زبور پهلوی.پژوهش سعید عریان.-تهران،1382.-133ص

1.4.کتیبه های ایرانی میانه.پژوهش سعید عریان.-تهران،1382.-241 ص

1.5.روایت آذرفرنبغ فرخزادان.- تهران،1384.-402ص

1.6.تفسیر قران مجید. نسخه محفوظ در کتابخانه دانشگاه کمبرج. به تصحیح ج.متینی.- تهران،1349.-295ص

2**. Адабиёти илмӣ:**

2.1.Баяндур А. Энклитические местоимения в среднеперсидском / А. Баяндур. Памяти В.С. Расторгуевой. -М.,2007. -С18-31.

2.2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе: Дониш, 1985. -Ҷ.1. – 356 с.

2.3. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки.- М.: Наука,1979. -386с.

2.4. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки.- М.: Наука,1981.-543с.

2.5. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык / В.С Расторгуева.-М: Наука, 1966. -159с.

2.6. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д.-Саймиддинов. -Душанбе: Пайванд, 2007. -190с.

2.7. Сиёев Б. Ташаккули ҷонишинҳо дар забони тоҷикӣ / Б.Сиёев -Душанбе: Ирфон, 2002. -494 с.

3. Адабиёти ёрирасон:

3.1. Крысин Л.П. Толковый словарь иноязычных слов / Л.П. Крысин. -М.:Эксмо, 2005. -939с.

ИСТОРИЯ СТАНОВЛЕНИЯ ЭНКЛИТИЧЕСКИХ МЕСТОИМЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье исследовано историческое становление энклитических местоимений в таджикском языке в период древности, а также в среднеперсидском и новоперсидском периодах. Исследована проблематика энклитических местоимений в составе предложения.

Ключевые слова: энклитические местоимения, личные местоимения, выражение лица и числа в энклитических местоимениях.

HISTORY OF FORMATION OF ENCLITICS PRONOUNS IN THE TAJIK LANGUAGE

In this article investigated historical formation of enclitic pronouns in the Tajiklanguage during the period of an antiquity, middle Persian and the new Persian. Also the investigation of a perspective of enclitic pronouns as a part of the sentence.

Key words: enclitic pronouns, personal pronouns and personal and numbers expression in enclitic pronouns.

Сведения об авторе: ***Шарипова Ф.Х.*** - доктор филологических наук, доцент кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета. Телефон: **918-62-46-54**

ШАРҲИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ ДАР ФАРҲАНГИ «ЧАРОҒИ ҲИДОЯТ»

Ф.Мирзоёров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Чароғи ҳидоят» яке аз асарҳои арзишманди Сироҷиддин Алихони Орзу аст, ки ҳаҷми хурд ҳам дошта бошад, чун асари лексикографии форсизабонон арзиши баланди худро то ҳол аз даст надодааст. Ба навиштаи муҳаққиқ Д. Баҳриддинов «Асари мазкур мувофиқи анъанаи луғатсозии пешина мураттаб шуда бошад ҳам, бисёр ҷиҳатҳои ба худ хос дорад, ки муҳимтарин хусусиятҳои он инҳо мебошанд:

1.Агар дар қадимтарин фарҳанги тоҷикӣ- «Луғати фурс» калимаҳо ба тартиби ҳарфи охир, дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (1608) бобҳо аз рӯйи ҳарфи дуввум ва фаслҳо аз рӯйи ҳарфи авали калимаҳо дода шуда бошад, дар «Чароғи ҳидоят» тартиби аз рӯйи ҳарфи аввал ва охир ҷо додани калимаву ибораҳо интихоб шудааст, ки ба низоми лексикаи фарҳангҳои «Шарафнома»-Аҳмади Мунярӣ (1473-1474) ва «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурӣ (1660) монанд аст.

2. Фарҳанги «Чароғи ҳидоят»-ро дар таърихи илми луғатшиносӣ дар баробари «Мусталаҳот-уш-шуаро»-и Вораста ва «Баҳори Аҷам» фарҳанги ибораҳои фразеологӣ мешуморанд, зеро дар он 1750 воҳиди фразеологӣ тавзеҳ ёфтааст.

3. «Чароғи ҳидоят» -и Орзу монанди «Луғати фурс», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ», «Бурҳони қотеъ» ва «Баҳори Аҷам» луғати умумии тафсирӣ набуда, фарҳанги калимаву ибораҳои рехтаи ашъори шоирони пешин ва ҳамзамони луғатсоз (ибтидои асри XVIII) мебошад» (1.5).

Ба навиштаи муҳаққиқон «Чароғи ҳидоят» ҳамчун қисмати (дафтари) дуюми фарҳанги «Сироҷ-ул-луғот»-и Орзу соли 1734 таълиф шудааст. Муаллиф лексикаву ибораҳои луғатро аз лиҳози доираи истеъмолиашон ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст. Ба гурӯҳи якум калимаву таъбироте ворид гаштаанд, ки маънои луғавии онҳо ба аксарияти мардуми форсизабони Ҳиндустон фаҳмо нестанд. Гурӯҳи дуюм шарҳи он калимаву ибораҳои фразеологии душворфаҳми форсиро дарбар мегирад, ки аксари аҳли ҳунару фарҳанг дар ашъори онрӯзаи шоирони форсизабони Ҳинд истеъмол шудани онҳоро шубҳанок меҳисобиданд(1.8)

Луғати мазкур 2075 воҳидҳои лексикиву фразеологиро дар бар мегирад.

Ҳадафи мо дар ин мақола таҳлилу баррасии баъзе истилоҳоти забоншиносӣ аз назари муаллифи «Чароғи ҳидоят» Сироҷиддин Алихони Орзу ва инъикоси мақоми ин луғат барои ташаккули асосҳои дастури забони тоҷикӣ мебошад. Аз рӯ ин истилоҳотро дар поён бо тартиб ва дар муқоиса ба дастуру луғатҳои забони адабии муосири тоҷикӣ меорем:

Оре-исми феъл аст,ба маънии қабул дорам; ва бидуни мад (яъне арӣ) (калимаи тасдиқ) калимаи нидост дар маҳалли таҳқир, чунончи дар ҳиндӣ. Пас аз тавофуқи лисонайн бошад. Шифоӣ гӯяд, байт:

Оре кундӣ, ту куҷо, дарк куҷо,шеър куҷо?

Лофи чизе ки надонӣ чи занӣ пеши касон (6.14)

Ин калима азбаски дар иборасозӣ ва таркибофарӣ фаъол нест дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» (8) зикр нашудааст.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (7) ин ҳиссачаи тасдиқӣ чунин шарҳ шудааст: **Оре-** калимаи ҷавобии тасдиқӣ (грамматикӣ) бале, хуш (7.32). Ҳамчунин дар китоби «Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик»(2) ин калима чунин шарҳ ёфтааст: «Ҳиссачаҳои тасдиқӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: а) аслӣ : ҳа //ҳо, бале.б) ғайриаслӣ, яъне ҳиссачаҳое ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ пайдо шудаанд: *хуб , хуш//хӯш, хайр.* Ҳиссачаҳо тасдиқии аслӣ маънои тасдиқи бевоситаро доранд, аммо ҳиссачаҳои ғайриаслӣ ин маъниро бо тобишҳои писандомез ва ризомандӣ ифода менамоянд. Дигар он, ки ҳиссачаҳои ғайриаслӣ як дараҷа дорои ҷилваи нутқи гуфтугӯӣ мебошанд (2.328)

Аз -ҳарфест ки ба маънии ибтидо ва иллат ва таҷрид ва дигар маонӣ ояд. Ва ҳар ҷо ки ду ҳарфи аз ҷамъ шаванд, ҳазфи яке аз он ҷоиз доштаанд. Мирсайдӣ гӯяд, байт:

Давлате хубтар аз хотири худ рафтан нест,

Сояи боли ҳумо бар сари дарвешон аст (6.14) .

Дар китоби «Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик» 8 вазифаи пешоянди ***аз*** ; барои ифодаи муносибати масоҳа; бо феълҳои харидан, ёфтан, гирифтан манбаъ ё ҷоеро фаҳмонидан, ки аз он ягон предмета ба даст дароварда шавад; барои нишон додани гузаргоҳи чизе ва ё гузаштан аз ҳудуди чизе; барои нишон додани макони предмет; замони сар шудани амал;нишон додани сабаби рӯй додани амал; ҷузь ё

қисми предметро нишон додан; ба материале ки предмет аз он сохта шудааст ва барои ифодаи тобиши соҳибият ба кор бурда шудани ин пешоянд қайд шудааст (2.288)

Балки- калимаи изроб (монандҳо, ҳамтоҳо) (овардани калимаи бал ё балки дар калом ба тавре ки ба зебоии он афзуда шавад) аст ва дар тараққӣ низ мустаъмал шавад. Ва мураккаб аст аз лафзи арабӣ ва форсӣ. Пас форсиюласл набошад. Ва мутааххирин ба маънии шояд низ оранд.Ашраф гӯяд:

Гар барояд хатат машав дилгир,
Балки хайриятат дар он бошад (6.44).

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (7) ва «Грамматикаи забони ҳозираи тоҷик»(2) ин истилоҳи забоншиносӣ чунин шарҳ дода шудааст:

Балки- 1.ҷузъи пасини пайвандаки ҷуфти хилофӣ: натанҳо…, балки; на фақат.. балки 2. Ҳиссачаи таъкидии ҳатто 3.баръакс (7.128).

Балки- пайвандаки балки аз қабили пайвандакҳои серистеъмол аст. Дар ҷумла ду вазифаро иҷро менамояд: а) чун пайвандаки хилофӣ таъинкунандаи алоқаи муқобилгузории ҷумлава ё аъзоҳои он мебошад; б) чун пайвандаки паиҳам тобиши маънои иловагӣ ва ҳамроҳиро ифода мекунад.Дар ҳарду ҳолат ҳам хабари якум дар шакли инкор меояд: *Он чиз хари даҷҷол набуд, балки трактор буд. Шумо хеҷ вақт ба мо суҳбати мо халал намерасонед, балки баръакс дар ҳалли баъзе муаммо ёриатон мерасад* (2.317).

То-ҳарфи шарт аст ва гоҳе барои фоида ва ғоят низ ояд. Ва ин ифодаи алайҳи кунад ва ба ҷойи он коф низ ояд, чунончи гӯянд: «Пеш омадам, то салом кунам» ва «Омадам, ки салом кунам». Ва гоҳе ҳар ду ҷамъ шавад. Ашраф гӯяд, байт:

Лаб ба лабам ниҳоду ризо дод бӯсае,
Ҷонам ба лаб расид, ки то дод бӯсае (6.59).

Пешоянди **то** ки дар калима ва иборасозӣ фаъол нест дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» (8) дида нашуд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» пешоянди **то** чунин шарҳ ёфтааст:

То- I.1. пешоянд. хадди масофа ва вақтро ифода мекунад: *аз кӯҳ то ба кӯҳе; аз дашт то ба дашт; аз аввал то охир; сар то сар; то дидан..*

То- II.1.пайвандак.*модоме ки, агар; вақте ки* 2. *ҳамин ки, ба маҳзи он ки, ба муҷҷарради он ки 3.ба қадре ки…; ба андозае ки 4. иллат, сабаб ва боисро мефаҳмонад; то ки барои он ки, ба хотири он ки ; то ҳол, то ба ҳол, то ин вақт.*

То- III. калимаи таъкид ва нидо:1. *ҳаргиз, асло; 2. Боэҳтиёт бош! Ҳазар кун!: зинҳор 3. Охир, ниҳоят(дар хитоб ва савол).4.ҳатто.*

То- IV// та пайвандаки нумератив *адад, дона* (7.345)

Забоншиноси тоҷик М.Н.Қосимова дар хусуси ин пайвандак чунин зикр кардааст: «*то»-и шарт – дар ҷумлаҳои пайрави шартӣ корбаст мешавад ва бо пайвандаки гар ҳамвазн аст*

То теғ ба каф ёбӣ, бар нафс дудастӣ зан,
То санг ба даст ояд бар шишаи ҳасти зан (Урфӣ) (4.78).

Туро-калимаи хитоб аст; ва гоҳе ба маънои музофунилайҳ(муайянкунанда) низ ояд. Дар ин сурат ҳарфи *ро* ба маънии барои хоҳад буд.Ва ин дар асл мураккаб аст аз калимаи ту вар о. Ва калимаи ту агар ба вови тамом хонда шавад ва он ҳукми замма дорад, ки дар тақтеъ воҷибулҳафз аст. Ва дар баъзе авқот ҳукми ҳои мухтафӣ ба ҳам расонад, ки малфуз нашавад. Ва ин вовро дар ҳолати таркиб ба лафзи ро бинвисанд, магар дар сурате, ки калимаи ро аз лафзи ту ҷудо воқеъ шавад.Назирӣ гӯяд, байт:

Зи домоне, ки фишонем мо тиҳидастон,
Ту меваи сари шохи умедро чи хабар?
Ҳазор дом тасаввур кунему пардозем,
Ту мурғи ваҳшию фориғ зи бандро чи хабар? (6.61)

М.Фозилов танҳо як мисол овардааст: «Ту дидӣ, ман надидам» (8.204).

Чунон//чинон-калимаест, ки дар мақоми ишорати баъид мустаъмал шавад ва маънии қадр ва миқдор аз он ҳосил гардад. Ва то коф баъд аз он наёранд, ба маънии

ташбеҳ мустафод нагардад,балки ба маънии ишорат бошад, танҳо агарчи ин маънии аслаш нест. Ва дар каломи аксари қудамо ва баъзе мутааххирин мисли Зуломӣ, чунон; ба вови маъруф ва дунон) дида шуда. Ва ин далолати сареҳ дорад, ки аввал мазмум аст, на максур. Лекин гоҳе тафовут дар лаҳҷа афтад, мисли чаро ки мувофиқ қиёс ва лаҳҷаи баъзе максур (яъне чиро) аст ва ба фатҳ лаҳҷаи дигарон аст. Бидон ки лафзи чунон дар каломи баъзе бидуни коф, ба маънии ташбеҳ омада ва ин холӣ аз ғаробат нест.Таъсир гӯяд, байт:

Гул чунон бесамариҳои чаман мепӯшад,
Ончунон айби туро халқи ҳасан мепӯшад (6.79)

Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта»-и М.Фозилов(8) ба сабаби дар калимасозӣ фаъол набудан ин истилоҳи забоншиносӣ зикр нашудааст, аммо *чун* бо мисолҳои зерин қайд шудааст: *чун гавҳараки чашм, чун дар кафи даст, чун дар рӯи каф, чун мурғи посӯхта* (8.415)

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад дар моддаи луғавии «чунон» маълумоти зерин оварда шудааст:

Чунон- 1. *он гуна, ҳамон тавр, он тавр 2. ба дараҷае, он қадар, ба ҳадде 3. тавре, ба тавре, ба ҳадде 4. пайваста, паёпай, бетанаффус, лоян қатъ; чунону чунин а) ону ин, фалону баҳмон, ину он; б) таҳқиру тазлил, дашноми қабеҳ* (7.567)

Худ ва хеш- мухаррар навишташуда, ки аввал замири марфуъ, яъне мубтадо воқеъ мешавад ба хилофи дуввум. Ва ин дар каломи қудамо ёфта нашуда; ва дар каломи баъзе аз мутааххирон аст, ки хеш низ замири марфуъ воқеъ гашта ва холӣ аз тозагӣ нест.Мулло Ҳотиф гӯяд:

Ман номаро зи боди сабо пеш мебарам,
Қосид агар ба ҳам нарасад, хеш мебарам (6.95).

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ҷонишини шахсии *худ* чунин эзоҳ гардида аст:

Худ – 1. *ҷонишини худ, хештан 2. Ба ҷойи ҷонишинҳои шахсӣ низ кор фармуда мешавад: агар худ ин ҷо бошӣ; агар ту ин ҷо бошӣ: а) ба майл ва иродаи худ, ба ихтиёри худ; б) бе ягон сабаб в)дар замири дили худ; аз худ кардан, соҳиб шудан* (7.455).

Ҷонишини худ, ки дар калимасозӣ ва иборасозӣ фаъол аст дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» мисолҳои зиёд шарҳ шудааст: *худро аз айб пок кардан, худро аз касе боло гирифтан,худро аз давра берун кашидан, худро ба ҳар кӯча задан*…(8.307*)*

Куҷо- харфи истифҳом (калимае ки эзоҳ ва маънидод кардани чизеро талаб мекунад, зарф ва ҷонишини саволӣ) аст; дар макони ҳақиқат ва дар маҳалли истифҳоми инкорӣ мустаъмал шавад ба маънии нафй. Ва ҳамроҳи калимаи «зо»,ки мухаффафи «аз» аст, низ ба ҳамин маънӣ ояд ва баъди лафзи он қадар ва чандон ба маънии нафй дида нашуд, илло дар ин шеър.Салим гӯяд, байт;

Ба рӯзи ҳашр туро додхоҳ чандон нест.
Ки хуни ман зи куҷо дар ҳисоб меояд (6.169).

Мураттибони «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» дар хусуси ин истилоҳи забоншиносӣ чунин маълумот овардаанд:

Куҷо -ҷонишини саволӣ: *дар куҷо? дар кадом ҷо,ба кадом ҷо; аз куҷо? аз кадом ҷо? аз чӣ ҷое, ҳар куҷо, куҷо шуд? (*7.638).

Лекин-истидрок (дарк кардан, дарёфтан, барои фаҳмидан ва дар ёфтан кӯшиш кардан) аст, имолаи локин-и арабӣ (ки бо алиф хонанд ва бо ё нависанд) ва баъд аз он ҷумла воқеъ шавад масдар ба коф, зеро ки коф барои баён аст ё баёни иллат. Ва дар ин мақом ҳар ду муносиб нест, лекин дар баъзе амокин омада. Рукнои Малеҳ гӯяд, байт:

Зи фарри соя гурезанд бедилон, лекин
Ки дар масоф зи Афросиёб нагрезанд.

Ва ин ниҳояти ғаробат дорад (6.189).

Дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» ин пайвандак зикр нагардидааст.

Мураттибони «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» дар хусуси ин пайвандак чунин маълумот додаанд:

Лекин *–пайвандаки хилофӣ 1. аммо, вале , лекин 2.бо ву ҷуди ин; дар баробари ин* (7.719).

Ҳар ки – ин калима ба маънии ҳарки воҳид ва ҳар шахс ки дар ҳарду кофи баёния бошад, меояд ва сувари куллияи шартия аст.Дар завилуқил ба маънии ҳама кас баромада ва ин бисёр нодир аст. Таъсир гӯяд, байт:

Бар камоли ҳар ки шоҳид бениёзиҳои ӯст,
Равнақи гулшан зи нози боғбон маълум шуд (6.216)

Ҳам-ба маънии низ омада; ва гоҳе бо лафзи низ ҷамъ шавад, чунончи дар ғазали Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ қуддис сирруҳ, ки низ ҳам радиф воқеъ шуда ва гоҳе зоида низ омада.Шоире гӯяд, байт:

Девор дар миёна чу барги гули дуруст,
Ҳамсояи ҳаманд хазону баҳор ҳам.

Дар ин сурат лафзи низ ҳам зоида бошад ё баръакс(с.217)

Бо ин пайвандак дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» бо 9 ибораву таркиб қайд гардидааст ба монанди: *касеро ҳам аз асп , ҳам аз узангу фаровардан, ҳам аз ош , ҳам аз мош дуздидан, ҳам бой шаваду ҳам бойбача* (8.574)

Оид ба ин пайвандак дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин маълумот қайд шудааст:

Ҳам- 1.пайвандаки *дигар, ҳамдигар, боз: низ, аз паҳлуи ҳам, аз ин ҷо ҳаммегузарем*. 2.ҷузъи пешини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии дар як кор ё чиз шарик будани ду кас ё ду чиз: *ҳамзабон, ҳамкор, ҳамнишин, ба ҳам, бо якдигар, дар як ҷо,ҳамроҳ* (7.484).

Ҳамчу-ҳарфест барои ташбеҳи муфрад (нисбат ба пешоянҳо истифода бурда мешавад); ва гоҳе дар ташбеҳи мураккаб низ мустаъмал шавад, чунончи дар баъзе расоил марқум сохтаам. Ва ба маънии ҳамчунин низ омада. Салим гӯяд, байт:

Лаззати дашноми ӯ дил мебарад аз каф Салим,
Ҳамчу ширинӣ надидам, к-ӯ ба талхӣ дил барад (6.217)

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин эзоҳи ***ҳамчу*** омадааст:

хамчу- монанди… мисли… чун (7.493).

Аз тамоми гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадем, ки

1.Ҳарчанд фарҳанги «Чароғи ҳидоят» дар таърихи луғатшиносии тоҷик ҳамчун фарҳанги фразеологӣ шинохта шудааст, аммо боз дар он калимаҳо низ шарҳу эзоҳ гардидаанд, ки инро тафсири баъзе истилоҳоти забоншиносӣ собит менамоянд.

2.Бештари истилоҳоти забоншиносии дар ин фарҳанг шарҳёфта пайвандак ва пешояндҳо мебошанд.

3. Аз таҳқиқи ин фарҳанги муътабар маълум гардид, аксари истилоҳоти забоншиносии пешин ҳамон вазифаеро ки дар таърихи забон ифода мекарданд дар забони муосир низ нигоҳ доштаанд.

АДАБИЁТ

1. Баҳриддинов Д. «Чароғи ҳидоят» - и Орзу ва забони тоҷикии форсӣ. - Душанбе: Дониш, 1992. – 108 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1985. –350 с.
3. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1987. – 236 с.
4. Қосимова М.Н. Мухтасар оид ба истилоҳоти забоншиносии пешини тоҷик. – Душанбе, 2003.– 113 с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ. I (луғатшиносӣ). –Душанбе: Девештич, 2007. – 243с.
6. Сироҷиддин Алихони Орзу. Чароғи Ҳидоят. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 288 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – 945 с.
8. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик.Ҷ I.-Душанбе.-1963. -952 с. Ҷилди II.-Душанбе.-802 с.
9. Хоҷаев Д. Илми наҳв аз назари донишмандони асри миёна. //Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1992. №1. – С.65-70.

ТОЛКОВАНИЕ НЕКОТОРЫХ ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В СЛОВАРЕ «ЧАРОГИ ХИДОЯТ»

В данной статье рассматривается проблема толкования лингвистических терминов и комментарий в толковом словаре XVIII века «Чароги хидоят». Особое внимание уделяется сравнению и сопоставлению лингвистических терминов данного словаря с языковыми терминами в современном таджикском литературном языке.

Ключевые слова: предлог, послелог, литературный язык, грамматика, местоимение, комментарии, обычае, союзы, словосочетание .

COMMENTARY OF SOME LINGUISTICS TERMINOLOGIES IN "CHAROQHI HIDOYAT"

In article author analyses problems of commentary of linguistics terminologies in "Charoqhi hidoyat" and compares these terminologies with terminologies in modern Tajik literatre language.

Key words: prepositions, postpositions, linguistics terminologies, literature language, Grammatik, traditions, connectors, combination words.

Сведения об авторе: ***Ф.Мирзоёров*** **–** кандидат филологических наук, ассистент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета. Телефон: **98- 558-47-10.**

ВОЖАҲОИ МУАДДАБ

М.М. Ҳайдаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар мундариҷаи қисмати калони калимаҳои забонамон ба ҷуз ифодаи маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, мансубияти услубӣ боз оҳангу ҷилваҳои мухталифи эҳсосотӣ, иродавӣ, модалӣ, ифоданокӣ ва баҳодиҳӣ маҳфузанд, ки роҷеъ ба ин масъалаҳо дар адабиёти имрӯзаи луғатшиносии тоҷик ҷо-ҷо маълумот оварда шудаанд, ки дар асоси он навиштаҳо чунин оҳангҳоро вобаста ба он ки мусбат мебошанд ва ё манфӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: ҷилваю тобишҳои мансуби услуби баланд ва ҷилваю тобишҳои услуби паст. Аз байни ин ду гурӯҳ дар забони адабии муосири тоҷик калимаҳои услуби баланд, ки дар онҳо оҳангу ҷилоҳои мусбати эҳсосиву иродавӣ бештар ифода мегардад, мақоми махсусро касб менамоянд. «Луғати услуби баланд маҷмӯи калимаҳои ифодагари эҳсосоти баланд аст, ки сатҳи зарурии муассирии мусбатро дар нигориш ва гуфтор таъмин менамояд»[3, 162].

Калимаҳои услуби баланди нигориш ё гуфтор оҳангҳои ҷолиби адабиву бадеӣ доранд. Онҳо дар ҳама мавридҳои нигориш ё гуфтори бадеӣ ба кор бурда мешаванд ва назар ба калимаҳои умумиистеъмол, гуфтугӯӣ ва гурӯҳҳои расмиву илмии луғати китобӣ дар онҳо ҷилваҳои бештари одоб, маданият, зеҳну фитрати инсонӣ ифодаи худро ёфтаанд.

Дар байни калимаҳои услуби баланд гурӯҳи калимаҳое мавҷуданд, ки таровату мубрамияти худро як андоза аз даст дода, доираи истеъмоли худро густариш додаанд, яъне онҳоро на фақат дар назм ва насри бадеӣ ҳамчунин дар услубҳои публитсистиву расмӣ, баромадҳои мухталифи шифоҳӣ низ ба кор мебаранд. Чунин калимаҳои услуби баландро вожаҳои муаддаб номидан мумкин аст. Масалан, калимаҳои **муҳтарам** *«соҳиби эҳтиром»*, **арса** «майдон», **ҷаноб** *«муроҷиат ба шахси соҳибэҳтиром»,* **таҳлил** *«эҳтиром кардан, бузург шумурдан»* дар матнҳои зайл муаддабиятро ба дараҷаи хеле баланд ифода намудаанд:

Имрӯз мардуми тоҷик, давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон таҳти сарварии **муҳтарам** Эмомалӣ Раҳмон нерӯгоҳи барқии обии Роғунро бунёд кард (К. Мирзо, Марги бегуноҳ, 517). Дар натиҷа фаҳмидан душвор буд, ӯ ки кадом зан дар ҳақиқат «пешқадам» ва «қаҳрамони **арсаи** меҳнат» асту кадомаш бардурӯғ! (Ю. Акобиров, Паёми Данғара, 32). –Бобохон,– **ҷаноби** Шеърдӯст лаҳзае сухани вазирро бурид: –мо ба хонаи оқои Карокатулло, ба деҳа меравем-а? (К. Мирзо, Марги бегуноҳ, 520). **Таҷлили** ҷашни 1100-солагии Одамушшуаро Рӯдакӣ (М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 206). Ба синни **мубораки** панҷоҳ расида буд ва ягона писарашро зан дода буд (Баҳманёр, Шоҳаншоҳ, 186).

Бо вуҷуди он ки калимаҳои муаддаб аз тару тозагии бадеӣ маҳрум ҳастанд, тамоюли ба калимаҳои умумиистеъмоли забон наздикшавиро доранд ва бисёре аз онҳо бо мурури вақт ба гурӯҳи калимаҳои умумиистеъмол мегузаранд, ҳанӯз ҳам дар онҳо оҳангҳои собиқаи худ – эҳтиром, хоксорӣ, лутфу марҳамат, одоби баланд ва ғайраҳоро нигаҳ доштаанд ва мавридҳои зарурӣ ин оҳангҳо рӯйи об мебароянд, зинда мешаванд ва ба нигориш ё гуфтор бадеиёти заруриро фароҳам месозанд: Мисол, вожаҳои **мебахшед** ва **устод** калимаҳои умумиистеъмоланд, аммо истифодаи онҳо дар нигориш ва ё гуфтор оҳанги баланди эҳтиромро ба вуҷуд овардаанд:

Мебахшед, вақти қимати Шуморо гирифтанӣ набудам, вале маҷбур шудам, ки як гапи муҳимро ба Шумо расонам(М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 190). Маърака, сухангӯӣ дар ҳаққи **устод** Қутби Киром давом меёфт (К. Мирзо, Марги бегуноҳ, 490).

Оҳанги эҳтиром ва хоксорӣ дар якҷоягӣ дар баъзе калимаҳои умумиистеъмол ҳангоми муроҷиат ба ашхоси соҳибэҳтиром, махсусан, аз забони муллоҳо мушоҳида мешавад. Масалан, **пирам** «муроҷиат ба пешвои авлод», **тақсир** «муроҷиат ба соҳибмансабон ва муллоҳо», **устод** «муаллим ё омӯзгори бузург»аз ҳамин қабил калимаҳои муаддабанд:

– Меҳмонхона дароед, **пирам**, монда шудед (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 21). – Ҳа, **тақсир**, мункир намеоям, алҳамдулиллоҳ мусулмонам. (К. Мирзо, Марги бегуноҳ, 43). –Ҳазл кард Лоиқ ва фармуд: – **устод**, арде Сорбон ош пазем (Сорбон. Лоиқнома, 36).

Дар вожаҳои муаддаби ба монанди **соҳибдил, шарафманд, бузургдошт, бузургвор, барӯманд, олиқадр** оҳангҳои шукуҳу шаҳомот бараъло мушоҳида мешавад. Дар ин мавриди гӯянда ва ё нависанда бо як шукӯҳ ва ифтихори хоса сухан мегӯяд:

Мо дар оилаи **соҳибдилон** ба дунё омадаем (М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 237). Ба зиёрати хонаи Каъба **шарафманд гашта** (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 18). Шояд ба шарафи садсолагии ҷашни **бузургдошти** шоир ин роҳ обод гардад (Сорбон. Лоиқнома, 26). Аҳли хонаводаи Ҳоҷимаҳмуд, модари **бузургвораш** Моҳи Мулло ҳам ҳамон шаб лаҳзае хуфта натавонистанд (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 55). Ба шарафи мавлуди 60-солагии фарзанди **барӯманд** қиблагоҳи Аълохон тӯй ва дастурхон ороста буданд (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 462). –Ман аслу насаби шуморо намедонам, лекин шумо хоҳ авлоди шоҳ бошеду аз гадо ман ҳар дуи шуморо ба худ бародар мехонам ва илтиҷо дорам, ки чанд рӯзи дигар меҳмони **олиқадри** ман бошед! (Ю. Акобиров, Паёми Данғара, 47).

Оҳанги шукӯҳу шаҳомот дар қисми зиёди калимаҳои муаддаб ҳангоми доир ба сифати ягон шахс, предмет сухан кардан зоҳир мегардад. Дар ин мавриди гӯянда ё нависанда мехоҳад, ки доир ба шайъи мавриди таърифу тавсиф қароргирифтааш бо ифтихор ва шаҳомоти хоса сухан гӯяд. Дар матни зерин калимаҳои **баландмақом** «соҳиби мартабаи баланд»**, саховатманд** «соҳиби хайру эҳсон»**, боҳашамат** «бузург»**, соҳибфарҳанг, сипосгузорӣ, бузургдоштӣ** «эҳтиром»**, бофазл** бо ҳамин мақсад кор фармуда шудаанд:

–Қурбон, –фалониро баҳо дода метавонед? –мепурсад роҳбари **баландмақоме** аз Қурбон Зардак (М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 248). Ин марди **саховатманд**, савобҷӯйро ҳамаи мо медонем (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 6). Роҳбари дурандешу **соҳибфарҳанг** ва олами номусу нанг Эмомалӣ Раҳмон пеш аз ҳама фаромӯшшудагонро ёд овард ва арде **сипосгузориву бузургдоштӣ** бунёд кард. (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 402). Ба бинои **боҳашамате**, ки кулбаи эшон дар ошёнаи чоруми он ҷойгир аст ва борҳо меҳмонашон будам, расидам (К. Мирзо, Ситораҳои паси абр, 517).

Дар вожаҳои муаддаб оҳанги лутфу марҳамат ва шафқатро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Калимаҳои **зиндаёд** ва **дидорбинӣ** дар матни зерин хусусиятҳои зикршударо ба худ касб кардааст:

Зинда бод шоири **зиндаёд** Мирзои Турсунзода, ки бахилӣ надошт, ҳунару ҳунармандро қадр мекард (Сорбон. Лоиқнома, 28).

Калимаҳои муаддаб дар ифодаи дараҷаи эҳсосот ба калимаҳои нарму гӯшнавоз то андозае монанданд. Дар назар чунин мерасад, ки онҳо аз ҳамдигар фарқе надорад. Аслан миёни ин ду гурӯҳи калимаҳои услуби баланд фарқи муҳиме дида мешавад. Калимаҳои нарму гӯшнавоз дар сурати калимаҳои умумиистеъмол, гоҳе китобӣ муродиф доранд, аммо дар вожаҳои муаддаб ин ҳодисаи лингвистӣ ниҳоят кам ба назар мерасад. Мисол, **сарфароз, ҳазрат, домулло, сипосгузорам** барин калимаҳо дар сурати вожаҳои умумистеъмол ё китобӣ синоним надоранд Вожаи **сарфароз** агар оҳанги ифтихорро ифода намояд, калимаҳои **ҳазрат** ва **домулло** оҳанги эҳтиромро ва **сипосгузорам** бошад, миннатдории хоксоронаро дар шакли хеле олӣ ифода намудаанд, ки ин ҳолат низ яке аз нишонаҳои асосии калимаҳои услуби баланд маҳсуб меёбад.

Онҳо хушбахту **сарфарозанд**, бо зебоиҳову дигаргуниҳои диёри худ менозанд(М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 244). **Ҳазрати домулло**, эшони Саидҷалолхонро куштӣ, боз имрӯз ба сари духтараш даст мебардорӣ? (К. Мирзо, Марги бегуноҳ, 26). **Сипосгузорам**, ки бори нахуст Шумо ба қисмати эҷодии банда таваҷҷуҳ кардед ва ба чӣ кор машғул буданамро пурсидед (М. Ғоиб, Поси ошноӣ, 240).

Дар насри бадеии муосир калимаҳои муаддаби услуби баланд одатан барои тасвири нақшҳои мусбат истифода мешаванд. Табиист, ки дар ҳангом дар ҳамнишинии калимаҳо низ қонунҳои ҳамнишинии калимаҳо бояд риоя шаванд, яъне бояд калимаҳои ифодакунандаи маънои мусбат бо вожаҳои ифодакунандаи маънои мусбат ва ё баръакс калимаҳои ифодакунандаи маъноҳои манфӣ бо вожаҳои дигари ифодакунандаи маъноҳои манфӣ ҳамнишин бошанд. Баъзан дар нигоштаҳои баъзе аз адибон қасдан ҳамин қоидаи одӣ риоя намешаванд. Масалан, вожаи муқаддас, ки баъзан оҳанги ифтихорро ба худ мегирад, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маъноҳои мусбати «1. Поку муназзаҳ, соф, тоза. 2. Азиз, гиромӣ, моҳиятан азиз ва муаззам донисташуда; вазифаи муқаддас, даргоҳи муқаддас, хоки муқаддас. 3.*д.* пок ва олӣ донисташуда»[6, 871] оварда шудааст. Аммо нависанда Ю. Акобиров калимаи ҷангро, ки маънои манфӣ дорад, бо вожаи муаддаби муқаддас ҳамнишин кардааст, дар натиҷа фасоҳати сухан вайрон гардидааст, яъне ҳеҷ гоҳ ва дар ягон давру замон ҷанг муқаддас нашудааст ва намешавад. Дуруст аст, ки дар забони русӣ ибораи «свяшенный война» мавҷуд аст, аммо ин қоида ба забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад.

Писари калонии онҳо, ки Рамазон ном дошт, то ҷанг мудири шуъбаи маорифи райони Кангурт шуда кор мекард ва чун фидоӣ ба фронт рафта, дар **ҷанги муқаддас** ба муқобили фашизм қаҳрамонона ҳалок гаштааст (Ю. Акобиров, Паёми Данғара, 49).

Хулоса, вожаҳои муаддаб низ баробари гурӯҳҳои дигари калимаҳои услуби баланд оҳангу ҷилоҳои мусбати эҳсосотии ба монандаи эҳтиром, хоксорӣ, шукӯҳу шаҳомотро ифода намуда, барои муассирии сухани гӯянда ва ё нависанда шароит фароҳам меоварад.

АДАБИЁТ

1. Гвоздев А. Н. Очерки по стилистике русского языка. –М. 1965. –408 с.
2. Забони ҳозираи тоҷик. Лексика. –Душанбе, 1981. –102 с.
3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1.-Луғатшиносӣ. –Душанбе, 2007.–243 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фасоҳати сухан ва санъати интихоби маънои дақиқ // Садои шарқ. – 2012. –№10. – С. 104-115.
5. Саломиён М. Муассирии сухан // Адаб. –1996, –№1-6. – С. 24-15.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – Душанбе, 2008. – 950 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – Душанбе, 2008. – 945 с.

БЛАГОПРИСТОЙНЫЕ СЛОВА

В данной статье определена роль слов высокого стиля, их семантика и эмоционально- экспрессивные оттенки.

Ключевые слова: лексика высокого стиля, благопристойные слова, семантика, эмоциональность, смысловые оттенки.

DECOROUS WORDS

In this article the role of words of high style, their semantics and emotional-expressive shade is defined.

Key words: the high style vocabulary, decent words, expressive – emotional shady of meaning.

Сведения об авторе: ***Мухаммадёр Хайдаров*** **–** ассистент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета. Телефон **904- 02-20-06**

ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ОМЕХТА ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ

М.Норматов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумлаи мураккаби омехта як намуди нисбатан серистеъмоли ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб буда, бо аломатҳои дастуриву маъноии худ аз дигар ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб фарқ мекунад. Умумияташон бо ҷумлаҳои дигари сертаркиб он аст, ки онҳо ҳам камаш аз се ва зиёда ҷумлаҳо таркиб меёбанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби омехта камаш ду ҷумлаи мустақили баробарҳуқуқ мушоҳида мешавад, ки ин дар навъҳои дигари ҷумлаҳои мураккаби сертаркиб мушоҳида намешавад. Пас, дар ҷумлаҳои мураккаби омехта ду навъи алоқаи синтаксисӣ – пайваст ва тобеъ, мушоҳида мешавад. Бо алоқаи пайваст ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқи таркиби ҷумлаи мураккаби омехта алоқаманд гардида, бо алоқаи тобеъ яке ва ё ҳар ду ҷумлаи мустақил ҷумлаи пайравро ба худ тобеъ мекунад. Ин ҷумлаҳо дар «Ёддоштҳо» хеле серистеъмоланд. Бо қолабҳои хеле гуногун сохта мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида ҳам ду навъи алоқаи синтаксисӣ – тобеъ ва пайваст мушоҳида мешавад. Фарқ дар он аст, ки ба гуфтаи шодравон, проф. Тоҷиев Д.Т. алоқаи тобеъ барои ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби чида «… асосӣ аст, зеро онҳоро дар доираи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ нигоҳ медорад. Алоқаи пайваст танҳо дар ифодаи муносибати синтаксисии ҷумлаҳои ҳампайрави чида кор фармуда мешавад» [11,180].

Дар ҷумлаҳои мураккаби омехта бошад, ҳар ду алоқа ҳам асосӣ мебошад, зеро онҳо аз қолабҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ сохта мешаванд, яке аз он алоқаҳо набошад, ин ҷумлаҳо ба амал намеоянд.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба ҷумлаҳои мураккаби омехта қайду ишораҳо ҷой дорад. Ҳамаи муаллифон қайд кардаанд, ки ҷумлаи мураккаби омехта аз ду ҷумла содаи мустақилу ҷумла ва ё ҷмлаҳои пайрав таркиб меёбад. Дар китобҳои мактабӣ доир ба ду намуди ҷумлаи мураккаби омехта, яъне ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҷумлаи мустақили якум ва ё ҷумлаи мустақили дуюм ҷумлаи пайрав гирифтааст, маълумот дода мешавад [4,195]. Дар китоби аввалин барои донишҷӯён ҷумлаи мураккаби омехтае оварда шудааст, ки як ҷумлаи пайрав дар як вақт ба ҳар ду ҷумлаи мустақил тобеъ шудааст [2, 155]. Дар нашри соли 1995 ин китоб панҷ намуди ҷумлаи мураккаби омехта [саҳ.329-331]. оварда мешавад. Ҳамин маълумот айнан дар китоби Б.Ниёзмуҳаммадов низ оварда шудааст(10).

Маълумоти нисбатан муфассал дар кори проф. Ш.Рустамов [10,160-196]. мушоҳида мешавад. Вай қайд мекунад, ки дар аввали ҷумлаи мураккаби омехта омадани ҷумлаҳои пайрави (замон, шарт, сабаб) аломати ба ҳар ду ҷумлаи мустақил тобеъ будани онро намефаҳмонад. Ҷумлаҳое ҳастанд, ки ҷумлаи пайрав ба яке аз ҷумлаҳои мустақил тобеъ мебошад. Ғайр аз ин доир ба муносибатҳои замонӣ, хилофӣ, ҷудоӣ ва субъектӣ дар байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби омехта фикр баён кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки дар таркиби ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби омехта ҷумлаҳои ҳампайрави чида, ғайричида, дараҷа омаданашон мумкин аст. Ш.Рустамов истилоҳи ҳиссаро вобаста ба ҷумлаҳои мустақили ҷумлаҳои мураккаби омехта истифода кардааст, яъне агар дар таркиби ҷумлаи мураккаби омехта се ҷумлаи

мустақил бошад, новобаста ба миқдори ҷумлаи пайраваш ба се ҳисса ҷудо намудааст. Мо дар ин ҳолат истилоҳи ҷузъро кор фармудем.

Ҷумлаҳои мураккаби омехта қолабҳои ниҳоят гуногун доранд.

Қолаби маъмултарин аз ду ҷумлаи мустакил ва як ҷумлаи пайрав сохта мешавад.

Ҷумлаи мураккаби омехтаи сеҷузъа, ки ҷумлаи мустақили дуюм ба худ эзоҳдиҳанда, яъне ҷумлаи пайрав гирифтааст.

Ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки ҷумлаи мустақили дуюм ҷумлаи пайрав қабул кардааст, дар асари мавриди тадқиқ хеле зиёд дучор шуд. Муносибату алоқаи ҷумлаҳои мустақил ба мисли ҷумлаҳои мураккаби пайваст буда, бо ёрии пайвандакҳои пайвасткунанда ва ё интонатсияи пайваст алоқаманд мешаванд. Ба сифати ҷумлаи пайрав ҳамаи намудҳои ҷумлаҳои пайрав омада метавонанд, вале аз ҷиҳати басомад як хел нестанд. Масалан, ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар ин гурӯҳ ҷумлаҳо 24 бор омада бошад, ҷумлаи пайрави натиҷа як бор омадааст: Мо меҳнат карда ҳосили заминро сол то сол зиёд карда истодаем, аммо Бекбобо аз мо зиёд талаб намекунад ва ҳар чизе, ки худамон бурда диҳем, бо хурсандӣ мегирад [Ёддоштҳо,189].

Дар шаклгирии ин ҷумлаҳо ҷумлаҳои пайрави пуркунанда, сабаб ва замон низ зиёд иштирок кардаанд: Акаам бо Мулло Туроб ошно буд, падарам ба ӯ таъин кард, ки минбаъд ба вай рафтуомад накунад [230]. Ӯ имшаб хобида тавонист ё не, ман хабар надоштам, чунки хобам рабуда буд [154]. Писарам, ту дилтангӣ накун ва ҳар касро дар миён наандоз, ман пасу пеши худро дида асбоби тӯйро тайёр кунам, амри хайри шумоёнро пеш мегирам [49].

Ҷумлаҳои мураккаби сеҷузъа, яъне ҷумлаҳои мураккаби омехтаи аз ду ҷумлаи мустақилу як ҷумлаи пайрав таркибёфта ба туфайли бар эзоҳи ҷумлаи пайрав омадани ҷумла ва ё ҷумлаҳои пайрави дигар таркиби худро васеъ карда метавонанд. Аз ин қолаби умумӣ тағйир намеёбад, чунки дар ин ҳолат ҳам ду ҷумлаи мустақилу як ҷумлаи пайрав асоси ҷумларо ташкил медиҳанд ва танҳо ҷумлаи пайрав ба худ эзоҳдиҳанда мегирад. Ин эзоҳдиҳандаҳо дар шакли оддӣ, яъне ба ҷумлаи пайрав ягон намуди ҷумлаи пайрав тобеъ мешавад: Бо ҳамин сайри як шабонарӯзии Дарвешобод тамом шуд ва ман аҳд кардам, ки дигар ба сайри Дарвешобод наравам, чунки дар он ҷо ягон тамошои дилхушкунанда набуд[137].

Ҷумлаи мустақили дуюмро ду ҷумлаи пайрави якхела ва ё гуногун ҳам шарҳу эзоҳ дода метавонад. Дар ин ҳолат ҳам қолаби умумӣ, ки яке аз талаботҳояш мавҷудияти ду ҷумлаи содаи мустақил аст, тағйир намеёбад: -Инҳо кӯкнорӣ будаанд, он чизе, ки дар коса салоя мекунанд (молиш медиҳанд), ғӯзаи кӯкнор аст, ки вайро пахш карда, обашро нӯшида кайф мекунанд,- гуфт[120].

Баъзан ҷумлаи мустақили дуюмро се ҷумлаи пайрави гуногун шарҳу эзоҳ медиҳад: Ҳайфо ки, ман таъбир ва тасвирҳои он кампирро аз ёд баровардаам ва дар ин вақт, ки аз замони шуниданам ин ҳикояро шасту чанд сол гузаштааст, маҷбур шудам, ки бо забони худ нависам, лекин ба қадри имкон кӯшиш намудам, ки умуман сода шавад[53].

Дар ин мисол ҳоли замони (дар ин вақт) таркиби ҷумлаи мустақили дуюм ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва хабарҳои чида (маҷбур шудам ва кӯшиш намудам) ҷумлаҳои пайрави пуркунандаи маънои иловагии сабабдошта (ки бо забони худ нависам) ва пайрави мақсад (ки умуман сода шавад) қабул намудааст. Аз ҳамаи ин сохтори умумии ҷумла тағйир намеёбад, яъне ҷумлаи мураккаби омехтаи сеҷузъа шуморида мешавад.

Дар баъзе мисолҳо ҷумлаи мустақили дуюмро ҷумлаҳои пайрави чида шарҳу эзоҳ додаанд: 1. Аз нодонии онҳо дар дили ман як ҳисси рашк пайдо шуд: Ман гумон кардам, ки «онҳо маро партофта, худҳошон бо созандагон рафтаанд»[20].

Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки ҷумлаи мустақили якум ҷумлаи пайрав қабул кардааст. Ин ҷумлаҳо назар ба гурӯҳи якум камтар мушоҳида мешаванд. Дар ин ҷо ҳам аксари ҷумлаҳои пайрав дар шаклгирии ҷумлаи мураккаби омехтаи сеҷузъа иштирок кардаанд. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда серистеъмол мебошад. Аз 39 ҷумлаи сеҷузъаи ин гурӯҳ дар 23 мисол ҷумлаи пайрави муайянкунанда саҳм гузоштааст. Аз ин дар 16 мисол ҷумлаи мураккаби омехта танҳо ба туфайли ҷумлаи пайрави муайянкунанда сохта шудааст. Ин ҷумлаҳо аз ду ҷумлаи мустақил ва ҷумлаи пайрави муайянкунанда иборатанд. Дар ин мисолҳо ҷумлаи пайрави муайянкунанда бар эзоҳи мубтадо, пуркунандаҳои бевоситаву бавосита, ҳоли макону ҳоли монандӣ, ҳоли замон ва хабари номии ҷумлаи мустақили якум омадааст: Аз калонҳо зани Иброҳимхоҷа, ки Султонпошшо ном дошт, ба шунидани ҳикояҳои деву парӣ бисёр шавқманд буд, хонаи ӯ бо хонаи Тӯтапошшо девор ба девор ва суфааш ба суфаи вай пайваста буд [56]. Қозӣ гоҳе суханҳое мегуфт, ки ман аз онҳо чизе намефаҳмидам ва онҳоро ба забони тоҷикӣ шарҳ медод, лекин аз он шарҳҳо ҳам ман чизе намефаҳмидам [87].

Дар як қисми мисолҳо ҷумлаи пайрави муайянкунанда бар эзоҳи калимаи ҳамнисбати таркиби мубтадо, ҳоли макон, пуркунанда омадааст. Ин калимаҳои ҳамнисбат муайянкунандаҳои беизофии таркиби он аъзоҳо мебошанд: Ӯ дар **ҳамон** ҷое, ки истода буд, нишаст ва ман ҳам ба ӯ пайравӣ карда дар рӯ ба рӯи ӯ ҷой гирифтам [374]. **Ҳамон** ҳалвое, ки дар даст дорӣ, равған ҳам дорад, боз чӣ гуна ҳалвои равғанӣ мехоҳӣ?(27).

Ҷумлаҳои пайрави сабаб, пуркунанда, шарт ва мақсад низ дар шаклгирии ин ҷумлаҳо ҳиссаи муайян доранд: 1. – Майлаш, ақл ва ҷасорат ки дорад, маро хурсанд карда метавонад ва худаш ҳам бисёр чизҳоро меомӯзад [85]. 2. Падарам ба модарам фармуд, ки табар, дасттеша ва дасткола (токбур)-ро тайёр кунад ва худаш ҷомаи кориашро пӯшида, миёнашро аз рӯй баста барои рафтан ба ёрии бобом тайёр шуд[37]. 3. Агар яке аз онҳо барои коре аз он ҷо хеста равад, фавран аз вай шикоят сар мешуд ва ҳол он ки дар вақти будани ӯ ӯро бисёр эҳтиром мекарданд[157]. 4. Имоми деҳаи мо дар як рӯзи бозори Ғиҷдувон аз ҳамин гуна чилимҳо сетоашро шикастааст, ки мардумро аз чилимкашӣ боздорад ва ӯ ин кори худро дар лаби ҷӯи деҳа ба мардум бо як мағрурии диндорона ҳикоят кард [145].

Дар ин мисоло ҷумлаи пайрави сабаб [1], пуркунанда [2], шарт[3] ва мақсад (4) дар шаклгирии ҷумлаи мураккаби омехта саҳм гирифтаанд.

Ҷумлаҳои пайрави мубтадо, монандӣ, хилоф, миқдор ва замон дар шаклгирии яктогӣ ҷумла иштирок кардаанд: Бинобар ин ба ман лозим буд, ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам, хешовандон ва ошноҳои соктарегиам бошанд, ба ҳамин ҷо меоянд ва омаданд [24].

Ин гурӯҳ ҷумлаҳои мураккаби омехта ҳам бе тағйири ҳолати асосӣ, яъне ҳатмӣ будани ду ҷумлаи мустақил, аз ҳисоби ҷумлаҳои пайрав тафсил ёфта, фикрҳои боз ҳам мураккабтарро ифода мекунанд. Ин бо се роҳ иҷро карда мешавад:

1.Ҷумлаи мустақили якумро ҷумлаи пайрав дар шакли чида шарҳу эзоҳ медиҳад: Қозикалон ва раиси Бухоро, ки онҳо расман ба корҳои адлия ва маъмурӣ машғул буда, дарсгӯӣ аз вазифаи онҳо берун буд, ба даромади ифтитоҳона чашм дӯхта, онҳо низ дарсгӯӣ мекарданд [214].

Дар ин мисол мубтадои чидаи ҷумлаи мустақили якумро (қозикалон ва раиси Бухоро) ду ҷумлаи пайрави чидаи муайянкунанда шарҳу эзоҳ додааст.

2. Ҷумлаи мустақили якумро ду ҷумлаи пайрави гуногун шарҳу эзоҳ медиҳад: 1. – Агар ту се рӯз рӯза дорӣ, ба ҳар рӯз яктангагӣ ба ту медиҳам, ки се танга мешавад, ба ин пул дар Дарвешобод рафта тамошо карда омада метавонӣ [118].

3. Ҷумлаи мустақили якумро танҳо як ҷумлаи пайрав шарҳу эзоҳ медиҳад. Он ҷумлаи пайравро ҷумлаи пайрави дигар шарҳ медиҳад. Ин тарзи алоқамандшавӣ дар

ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ ё ки паёпай ба мушоҳида мерасад: 1. Ба тарафи шимолии роҳи пеши сарҳавз талчае буд, ки ба болои вай мазори Хоҷа Дарвеш, ки ин сайр ҳар сол ба шарафи вай барпо мегардад, бино ёфта буд ва дар суфаи тарафи шарқии сарҳавз як чойхонаи болокушода барпо шуда буд [125]. 2.

Ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки ҳар ду ҷумлаи мустақил эзоҳдиҳанда қабул кардаанд, нисбат ба дигар қолабҳо зиёд корбаст шудаанд.

Аксари ҷумлаҳои пайрав ба сифати эзоҳдиҳандаи ҷумлаҳои мустақил омадаанд. Ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, пуркунанда, шарт, хабар ва хилоф дар як вақт ҳам ҷумлаи мустақили якум ва ҳам дуюмро шарҳу эзоҳ додаанд. Дар ин вазифа ҳам ҷумлаи пайрави муайянкунанда хеле зиёд истифода шудааст. Ин ба табиати худи муайянкунанда вобаста мебошад, зеро вай бар эзоҳи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад. Дигар аъзоҳои ҷумла чунин хусусият надоранд.

Дар як қисми мисолҳо ҷумлаҳои мустақилро ҷумлаҳои пайрави якхела шарҳу эзоҳ додаанд. Ин асосан ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда тааллуқ дорад. Ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда аъзоҳои гуногуни таркиби ҷумлаҳои мустақилро шарҳ додаанд: Пошшохони ман ҳақиқатан ҳам як меваи расидае буд, он шаб ба дасти ман афтода буд, ӯ монанди шафтолуи шалили обдор буд, ки аз сар то пои баданаш оби латофат ва тароват мечакид [374]. Дар ҳақиқат дар дақиқае, ки Аҳмади Дониш гуфта буд, моҳ ба кушода шудан сар карда, дар ҳамон дақиқае, ки ӯ муайян карда буд, дар моҳ асари гирифтагӣ намонд [277]. Он ҳавлие, ки дар боло тасвир ёфт, ҳавлие буд дар деҳаи Маҳаллаи Боло, ки бобои падариам барои истиқомати муваққатии худ ва авлоди худ сохта будааст [22].

Ҷумлаҳои пайрави шарт ва хилоф ҳам бо ҳамин роҳ ҷумлаи мураккаби омехта сохтаанд: Сухан ба болои «ёр», «дилдор», «маъшуқа» ё «шоҳид» равад, мисол карда духтари хатибро нишон медод, агар дар байт калимаи «ошиқ», «ошуфта», «дилдода» ё «дилшуда» дида шавад, худашро мисоли он калимаҳо мешуморид(93). Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад, хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест[143]. Ва ҳол он ки сипоҳигарӣ ҳарчанд хурд ва дараҷаи шогирдпешагӣ бошад ҳам, дар вай як навъ ҳокимият ҳаст, аммо эшон ва дуохон ҳарчанд калон бошад ҳам, кори ӯ маънан як навъ гадоӣ аст [137].

Дар шаклгирии 9 мисол ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо ҷумлахои пайрави мубтадо, замон, сабаб ва миқдору шарту хилоф дар шаклгирии ин намуди ҷумлаи мураккаби омехта ширкат намудааст: Дар рӯи хона се ҷогаҳ буд, ки дар дуи онҳо акаам ва Эргаш рӯ боло мехобиданд ва маълум буд, ки ҷойгоҳи сеюм «суфаи нақоранавозии ман» буд[21]. Зоғчабозон ва сагбозон паррандагони худро ришта дар по карда ба ҳаво дар мусобиқа сар медоданд, ки онҳо то дусад метр парвоз менамуданд ва ҳар гоҳ ки он паррандагон осори кӯфтагӣ ва сустӣ дар худ ҳис мекарданд, бозгашт фуруд омада ба сар ё дасти соҳиби худ менишастанд[252].

Дар 10 мисол ба сифати ҷумлаҳои пайрави ҷумлаҳои мустақил ҷумлаҳои пайрави монандӣ, тарз, дараҷа, шарт, пуркунанда, хилоф, замон ва мақсад омадаанд. Чанд мисол барои намуна: Ман пай бурдам, ки саг мурғро аз чанголи шағол раҳонидааст, аммо худ бардошта оварданро барои ҳаёти вай хавфнок мепиндорад ва бинобар ин маро таклиф мекунад, ки худ рафта мурғро гирифта оварам (62). Дар рӯзҳои барфу борон, вакте ки ба кӯча ё ба рӯи мадраса бароям, даруни кафшам пур аз барфу об мешуд ва аз кафидагиҳои поям, гӯё ки бо корд чок карда бошанд, хун шорида мерафт [219]

Гурӯҳи чоруми ҷумлаҳои мураккаби омехтаи сеҷузъа ҷумлаҳое мебошанд, ки як ҷумлаи пайрав ҳар ду ҷумлаи мустақилро баробар шарҳу эзоҳ медиҳад. Миқдори ин ҷумлаҳо зиёд нест. Ба сифати ҷумлаи пайрави ягона ҷумлаҳои пайрави замон, сабаб ва шарт омадаанд.

Ҷумлаҳои пайрави замон ва сабаб ба ин вазифа зиёдтар омадаанд. Ҷумлаи пайрави замон пеш аз ҷумлаҳои мустақил омадааст. Хусусияти хоси дигари ин ҷумлаҳо он аст, ки асосан бо пайвандакҳои «вақте ки», «дар вақте ки» ба

эзоҳшавандаҳои худ тобеъ шудаанд: Вақте ки ҳамашон ғун шуданд, ман ошро мекашидам ва ҳамаи мо дар як ҷо нишаста дар як табақ мехӯрдем [210].

Дар як мисол пайвандаки «чун» ҷумлаи пайравро ба ҷумлаҳои мустақил алоқаманд кардааст ва дар ин ҳол ҳам ҷумлаи пайрави замон пеш аз ҷумлаҳои мустақил ҷой гирифтааст: «Чун субҳ – баъд аз сафед шудани рӯз аз хоб хеста берун баромадам, ҳамаи он меҳмонон ба рафтан омодагӣ медиданд ва чеҳраи ҳамаашонро ғаму андӯҳ монанди як пардаи сиёҳ пӯшонда буд.Чунки ҳазрати бузургвор дар он ҷо будани онҳоро нахоста буданд, кӣ медонад «баъд аз он бар сари онҳо чӣ балоҳо меомада бошад»[362].

Шояд яке аз сабабҳои бо пайвандаки «чун» алоқаманд гардидани ҷумлаи пайрав бо ҷумлаҳои мустақил он бошад, ки бар эзоҳи ин ҷумлаи мураккаби омехта ҷумлаи пайрави чидаи сабаб бо пайвандаки «чунки» тобеъ гардидааст. Вале дар навишт онро бо нуқта ҷудо карда ҷумлаи ҷудогона кардаанд, ки аз рӯйи имло ғалат аст, барои он ки сарҷумлаи он ҷумлаи муракаби омехта мебошад. Бе эзоҳшавандаашон ин ҷумлаҳои пайрав фикрро пурра ифода карда наметавонанд. Дар ҳолати бо ҷумлаҳои пайрави сабаб якҷоя таҳлил намудан ҳам ҷумлаи таҳлилшаванда ба гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаби омехтаи сеҷузъа дохил мешавад, чунки бо ёрии ду ҷумлаи мустақил шакл гирифтаанд.

Ҷумлаи пайрави сабаб ҳам дар шакл гирифтани ин ҷумлаи мураккаби омехта саҳм гузоштааст. Хусусияти ба худ хоси ин ҷумлаҳо он аст, ки бо ёрии пайвандаки «азбаски» ба ҷумлаҳои мустақил тобеъ шуда, пеш аз онҳо ҷой гирифтаанд. Ҷумлаҳои пайрави сабаб дар забони тоҷикӣ бо зиёда аз 50 пайвандак ба сарҷумла тобеъ мешаванд. Бо як пайвандак тобеъ шудани ин ҷумлаҳо хусусияти ба худ хоси онҳо шуморида мешавад: Азбаски он сол ғӯзапоя хушк шуд меҳнати падарам абас рафт, ман танҳо ба болои кори кишти ҷуворӣ меистам [166].

Ҷумлаи пайрави шарт нисбатан камтар дар шакли чида омада ин гурӯҳ ҷумлаҳои мураккаби омехтаро ташкил кардааст: Агар ҷасорат намедошт, ақли ӯ дар ин ҷо ба вай фоида намерасонд ва дар пеши аминҳои худписанд омада ба ман маслиҳат дода наметавонист[84].

Дар як мисол ҷумлаи пайрав бо ду пайвандаки тобеъкунандаи гуногун, ки яке ба ҷумлаи пайрави шарт ва дигаре ба ҷумлаи пайрави хилоф хос аст, тобеъ гардидааст. Ҷумлаи пайрав ҳар ду маъноро ифода карда метавонад, яъне маънои духурагӣ дорад. Маънои шарт асосӣ аст, бинобар он ин ҷумларо ҷумлаи пайрави шарт шуморидем: Агар як коса гандум медоданд ҳам, ту ба зиёда талаб кардан ҳақ надоштӣ ва қасами ин кас бо ҳамон ба ҷояш меомад [52].

Бо истилоҳи ҷумлаҳои мураккаби омехтаи сеҷузъа ҷумлаҳое фаҳмида мешаванд, ки аз ду ҷумлаи мустақилмаъно ва як ё якчанд ҷумлаҳои пайрав таркиб ёфтаанд. Ин ҷумлаҳо аз ҳисоби ҷумлаҳои пайрав таркиби худро хеле васеъ карда метавонанд. Ҷумлаҳои пайрав дар шаклу сохтҳои гуногун ба ҳамдигар алоқаманд гардида, фикрҳои нисбатан пурра ва мураккабро ифода мекунанд. Мавҷудияти ду ҷумлаи мустақил асоси ин ҷумлаҳо мебошад.

Тарзу усули мураккабшавии онҳо мисли ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб аст, яъне ҷумлаҳои пайрав ба ҳамдигар дар шакли чида, ғайричида ва дараҷагӣ тобеъ шуда меоянд.

Ҷумлаҳои мураккаби омехтаи сеҷузъа, ки бо роҳи чида таркиб ёфтаанд, дар як қатор мисолҳо ҷумлаи мустақили дуюмро ҷумлаҳои пайрави чида ва ҷумлаи мустақили якумро як ҷумлаи пайрав шарҳу эзоҳ додааст. Албатта, аксари ҷумлаҳои пайрав ба ин вазифа омада метавонанд: 1. Бобоям чун ин фикрашро ба аҳли деҳаи Маҳаллаи Боло маълум мекунад, онҳо дарҳол арӯс меёбанд ва яке аз духтарони Ҳамроҳхонро, ки фарзанди сеюми ӯ буда, Зеварой ном доштааст, барои падарам муносиб дидаанд[14].

Дар гурӯҳи дуюми ҷумлаҳо яке аз ҷумлаҳои мустақилро ҷумлаҳои пайрави гуногун ва ҷумлаи мустақили дигарро як ҷумлаи пайрав шарҳу эзоҳ додааст: Шогирди Рӯзӣ ин ҳолро дида хуҷумкунон давид, ки ба устоди *х*уд ёрӣ расонад, чун ӯ наздик расид, Махдум ба як по рост истода ба пои дигараш ба зери нофи вай чунон сахт зад, ки ӯ монанди саги сангхӯрда ғурросзанон якчанд қадам пас рафта афтод [242].

Дар ин мисол ҷумлаи мустақили якумро ҷумлаи пайрави мақсад ва ҷумлаи мустақили дуюмро ҷумлаҳои пайрави замон ва миқдор шарҳу эзоҳ додаанд.

Ҷумлаи мутақили якумро ҳам ҷумлаҳои пайрави гуногун шарҳу эзоҳ додаанд: Агар одам шудан хоҳӣ, ба як порча нони қоқе, ки ман ёфта мефиристонам ва ба як коса обе, ки аз ҳар ҷо ёфтани вай мумкин аст, қаноат кун, агар хук шуданро хоҳӣ, дар миёни ману ту алоқаи падариву фарзандӣ намемонад[145].

Дар мисоли боло ҷумлаи мустақили якумро ҷумлаҳои пайрави шарт ва ҷумлаҳои пайрави ғайричидаи муайянкунанда ва ҷумлаи мустақили дуюмро ҷумлаи пайрави шарт эзоҳ додаанд.

Роҳи сеюми тафсил ёфтани ҷумлаҳои муракаби омехтаи сеҷузъа бо усули дараҷагӣ ба амал меояд, яъне ба ҳар ду ҷумлаи мустақил яктогӣ ҷумлаи пайрав тобеъ мешавад, вале ҷумлаи пайрави яке аз ҷумлаҳои мустақил ҷумлаи пайрави дигарро ба худ тобеъ намуда тафсил меёбад. Ҳар ду ҷумлаи мустақил ҳам бо ин роҳ тафил ёфта метавонад, вале ҷумлаи дуюм бештар бо ин роҳ тафсил ёфтааст: 1. Он пӯстмоле ҳам, ки бар рӯи вай расидааст, аз об нест, маълум мешавад, ки дар даруни чоҳ- дар лаби оби вай чӯб ё санги нӯгтезе будааст, ки қаламдон дар вақти дар чоҳ афтодан аввал ба вай бархӯрда зада шудааст [115].

Ҷумлаи мустақили якум ҳам бо ҳамин роҳ тафсил ёфта метавонад.

Дар «Ёддоштҳо» як гурӯҳ ҷумлаҳои мураккаби омехтае дучор шуданд, ки аз се ҷумлаи мустақилу як ва ё чанд ҷумлаҳои пайрав таркиб ёфтаанд.

Гурӯҳ нисбатан серистеъмоли онҳоро ҷумлаҳое ташкил додаанд, ки ҷумлаи мустақили сеюмро ҷумлаи пайрав шарҳу эзоҳ додааст. Ба сифати ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави муайянкунанда бештар ин вазифаро адо кардааст: 1. Зимистон бинокориҳои мардум хобида буд, Усто амак, яъне Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвонча дарсозӣ мекард, дарҳое, ки вай месохт, аз чӯби гуҷум буд[65]. 2. Фақат ҳозир дар он ҷо на ҳавз буд ва на рӯд, дар ҷои онҳо як хома рег буд, ки баландиаш қариб ба шохҳои он дарахт мерасид[39].

Дар се мисол ҷумлаи пайрави мубтадо ба ҷумлаи мустақили сеюм тобеъ шуда, ин намуди ҷумлаи мураккаби омехтаро ташкил додааст: Имшаб дар фалон соат моҳ мегирад, фалон дақиқа давом мекунад ва ҳар кас ки дар ҳамон вақт ба болои боми мадраса барояд, ин ҳодисаи табиатро тамошо мекунад, - гӯён гузашта рафт[265].

Ҷумлаҳои пайрави шарт ва дараҷа дар думисолӣ ва монандӣ дар як мисол дар шаклгирии ҷумлаи мураккаби омехта иштирок кардааст: Баъд аз он дар коғази ҷудогона мисли ҳамин сархат навишта фардо пеши ман биёр, ман мебинам, агар дуруст навишта бошӣ, ба ту сархати дигар медиҳам[116]. Ман ба хона расидам, падарм ҳанӯз ба кофтани сӯрохиҳои чархи осиё машғул буд, ки ҳатто аз ман «чиҳоро тамошо кардӣ, то куҷоҳо рафтӣ» гуфта напурсид[36]. Духтари рӯҳшинос хомӯш монд ва он хомсӯшии ӯ дароз кашид, аммо монанди он ки ба ман чизе гуфта аз ман нигаронии ҷавоб бошад, чашмони худро ба ман дӯхта меистод[383].

Дар баъзе мисолҳо ҷумлаи мустақили сеюмро ҷумлаҳои пайрави гуногун шарҳу эзоҳ додаанд. Ин ҷумлаҳоро ҳам ба қатори ҷумлаҳои чорҷузъа дохил намудем, зеро се ҷумлаи мустақил доранд: Кому забонам то лабонам карахш бастанд, дар меъдаам як нооромии ногуворе пайдо шуд, гӯё дар он ҷо як кирми оташини гуруснае бошад, ки обу нон мехоҳад ва агар талаби ӯро барҷо наёрам, гӯё сӯхта маҳв мекарда

бошад[118]. Дар ин мисол ҷумлаи мустақили сеюмро аз як тараф ҷумлаи пайрави майянкунанда ва аз тарафи дигар ҷумлаи пайрави шарт шарҳу эзоҳ додааст.

Дар мисоли дигар ҷумлаи пайравро ҷумлаи пайрави дигар шарҳу эзоҳ додааст ва дар шакли дараҷа ба ҷумлаи мустақили сеюм тобеъ гардидааст: Икромхоҷа давида ба тарафи ҳавлии дарун гурехт ва Устоамак ҳам ӯро пеш карда рафт, ман дар тарс афтодам, ки агар ӯ бо ҳамон чӯб писарашро занад, ягон ҷояшро маиб накарда намемонад[70].

Ҷумлаи пайрави пуркунанда ба ҷумлаи мустақили сеюм тобеъ шуда, дар навбати худ ҷумлаи пайрави шартро ба худ тобеъ намудааст.

Дар ҷумлаҳои мураккаби омехтаи чорҷузъа бар эзоҳи ҷумлаи мустақили дуюм ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда, пуркунанда, дараҷа ва хилоф омадаанд: Шаб шуд, дар соати муайян – дар соате, ки Аҳмад Махдум таъин карда буд, бештарини муллоҳо ва талабаҳо ба боми мадраса баромаданд, ман ҳам баромадам(266). Султонпошшо ба шунидани ҳикояҳои оддӣ майл надошт, ҳар вақт дид, ки Тӯтапошшо ҳикояи деву аҷинаро сар мекунад, ӯ аз ҷояш хеста омада ба пеши кампир менишаст ва ӯро ба гуфтани ҳикояҳои дев ташвиқ мекард[56]. Ин одам қомати баланд дошт, баландии қоматаш ба дараҷае ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони оддӣ ба замин мерасид[262].

Дар як мисол ҷумлаи мустақили дуюмро дар як вақт ҷумлаҳои пайрави чидаи замон ва муайянкунанда шарҳ додаанд: Хайбар одатан ҳар шаб то аз хона баромадани падарам намехобид, вақте ки рӯз сафед шуд ва падарам баромад, вай хотирҷамъ шуда ба боми дӯконхонаи падарам мебаромад, ки дар он ҷо хасбеда зер карда буданд ва ӯ дар он ҷо дар байни он хасҳо даромада мехобид[63].

Дар як қатор мисолҳо ҷумлаи якуми мустақили ҷумлаҳои мураккаби омехтаи чорҷузъа ба худ эзоҳдиҳанда гирифтааст. Ин вазифаро асосан ҷумлаи пайрави муайянкунанда адо намудааст: 1. Ӯ ду писар дошт, ки аз зани собиқаш таваллуд ёфта буданд, писари калонаш Сайидакбар ном дошта, бо акаи ман ҳамсол ва дар пеши хатиби деҳа дарс мехонд, писари дуюмаш Икромхоҷа ном дошта, кӯрсавод буд ва ба корҳои падараш ёрӣ медод[45].

Ҷумлаҳои мураккаби омехтаи чорҷузъа аз ҳисоби ҷумлаҳои пайрав таркиби худро васеъ карда, фикрҳои боз ҳам пурратару мураккабтарро ифода карда метавонанд. Инҳо аз мисолҳои таҳлилшуда бо он фарқ мекунанд, ки ҳар се ҷумлаи мустақил ҳам эзоҳдиҳанда дорад: - Устохоҷа, шумо Лутфуллоро дуое кардед, ки қабул шуданаш мумкин нест ва ба ӯ якпула фоида надорад, кист, ки дар дунё ҳазорсола шавад, кист, ки дар дунё намурад? [73].

Ин мисол аз се ҷумлаи мустақил ва чор ҷумлаи пайрав таркиб ёфтааст.

Дар мисоли зер бошад, ҷумлаҳои мустақили якум ва дуюмро як ҷумлаи пайрави сабаб эзоҳ додааст, ба ҷумлаи пайрави сабаб як ҷумлаи пайрави замон тобеъ шудааст. Ҷумлаи мустақили сеюмро ҷумлаи пайрави хилоф шарҳ додааст: Дили ман бошад дар печутоб ва синаам ба нафаскашӣ тангӣ мекард. Чунки дирӯз боз, аз бозе ки ба модаркалонам сӯҳбат кардам, чӣ будан ва аз кадом ваҷҳ будани он даъвои беасос дар дили ман як ғуддӣ (гирехи гӯштӣ) шуда монда буд ва ман дар бораи аз кадом ваҷҳ будани вай ҳарчанд фикр мекардам, ақлам ба ҷое намерасид(284). Ҷумлаи пайрави сабаб аз сарҷумлаҳои худ бо нуқта ҷудо карда шудааст, ки ин бар хилофи қонун ва меъёри имло мебошад, бинобар ин онҳоро яклухт, дар якҷоягӣ таҳлил кардан ба қоидаи забони адабӣ мувофиқат мекунад.

Ҷумлаи мураккаби омехтае, ки аз чор ҷумлаи мустақилу ҷумлаи пайрав иборатанд, хеле гуногунсохту гуногунранг мебошад. Дар «Ёддоштҳо» миқдори ин гуна ҷумлаҳо 16-то мебошад. Ҳеҷ кадоме аз онҳо аз ҷиҳати қабули ҷумлаҳои пайрав ба ҳамдигар мувофиқат намекунад. Дар як ҳолат ҳамаи ҷумлаҳои мустақил яктогӣ ҷумлаи пайрав гирад (Ҳар вақт ки боди сахт мехезад омада ба ин айвон мезанад,

азбаски роҳи дигар надорад, бо зӯрии худ ба даруни ғор медарояд, азбаски ғор ҳам пешбаста аст, бод дар он ҷо ҳам роҳ наёфта бо ҳамон зӯрӣ баргашта мебарояд ва он ғуррише, ки дар рӯзи шамол аз ин ғор мебарояд, садои даромад-баромади бод аст ба ҳамин ғор-саҳ.60), дар ҳолати дигар як ҷумлаи пайрав ба ҳамаи ҷумлаҳои мустақил баробар тааллуқ дорад (Вақте ки мо ба ин биёбон расидем, ғайр аз биёбони регзор дигар чизеро надидем, дар тарафи шимоли шарқии ин биёбон хомаҳои кало-калони реги равон пайдо шуда буданд ва дар тарафи ҷанубӣ ғарбиаш дараҷа ба дараҷа рег камтар шуда омада, дар охирҳои ин майдон то ба қади зонуи одам рег паҳн шуда мехобид- саҳ36).

Дар баъзе мисолҳо ҷумлаҳои мустақили дуюм, сеюм ва чорум яктогӣ ҷумлаҳои пайравро ба худ тобеъ намудаанд: 1. Авезхоҷа ду писари хурд дошт, калонаш Низомхоҷа ном дошт, ки ӯро ба хондан монда буд ва дигараш ҳамсоли ман буда, ҳанӯз аз дасташ кор намеомад[70]. 2. Эргаш чӯбдасти подабонии худро ба даст гирифт ва ҳар ду аз ду хомаи пастаки рег гузаштем, дар хомаи сеюм, ҳар гоҳ ӯ ҷои дамидагии регро медид, бо нӯги чӯбдасташ он ҷоро мекофт ва аз таги пардаи тунуки рег занбӯруғҳо намудор мешуданд[35]. 3. Дар реги рӯи ҳавлӣ ва замини боғча кафш то пошнааш меғӯтид, шукуфаҳои дарахтони зардолу монанди мурдаҳои занбӯрҳои асал ба назар менамуданд, сабза ва майсаҳо бошанд, дар зери рег тамоман нопадид гардида буданд, боғчае, ки дирӯз бо шукуфа ва сабзаҳои навхези худ шодӣ бар шодии кас меафзуд, имрӯз монанди хонаи мотамзадагон андӯҳовар ва ғамангез гардида буд [37].

Дар мисоли якум ҷумлаи мустақили дуюмро ҷумлаи пайрави муайянкунанда, дар мисоли дуюм ҷумлаи мустақили сеюмро ҷумлаи пайрави замон ва дар мисоли сеюм ҷумлаи мустақили чорумро ҷумлаи пайрави муайянкунанда шарҳу эзоҳ додааст.

Ба ҷумлаҳои мураккаби омехтае, ки аз панҷ ҷумлаи мустақилу ҷумлаи пайрав таркиб ёфтаанд, се мисол дучор шуд. Чун гап ба болои амиру қозикалон омад, суҳбат ранги дигар гирифт, шунавандагонро як гаронии номаълум зер кардагӣ барин шуд, лабҳо аз ханда бозистод, дар башараи калонон асари он ҳайҷони пурҷӯшу хурӯш намонд, хомӯшии умумӣ сар шуд [263].

Ва, ниҳоят, дар «Ёддоштҳо» мисоле дучор шуд, ки аз шаш ҷумлаи мустақил ва ду ҷумлаи пайрав таркиб ёфтааст. Ҷумлаҳои мустақили якум ва шашумро ҷумлаҳои пайрави замон (падар то вақте ки чашмаш кор мекард) ва хилоф (ҳарчанд дарҳои хонаро пӯшонда чароғро гиронда будем) шарҳу эзоҳ додаанд: Падар то вақте ки чашмаш кор мекард, ба болои чархи осиё кор кард, аммо он рӯз аз ҳаррӯза барвақттар рӯз торик шуд, бод шиддат карда, аз ҳавои гарду ғуборолуд регборон сар шуд, рег монанди борон борид, дар андак фурсат рӯи заминро регфарш кард, ҳарчанд дарҳои хонаро пӯшонда, чароғро гиронда будем, аз тарқишҳои дар рег ба хона ҳам медаромад[36].

Бо вуҷуди мураккабӣ сертаркибӣ ҷулаи мазкур аз ҷиҳати равонӣ, маъно ва услуб вазнинӣ надорад. Ҷумлаҳои соддаи он аз ҷиҳати ифодаи маъно ва равонӣ чунон ба ҳам мувофиқ афтодаанд, ки вазниниро дар он мушоҳида намекунед.

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис, китоби дарсӣ барои мактабҳои ҳафтсола вам иёна.- Сталинобод, 1955.
2. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе, 1963.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 3. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе: Дониш,1989.
4.Забони тоҷикӣ. Синтаксис барои синфҳои 7-8. Қисми 2.- Душанбе: Маориф,1982.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ.-Душанбе:Маориф,1984.
6. Забони адабии ҳозираи тоҷик.Синтаксис. Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. –Душанбе:Маориф,1995.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик.-Сталинобод,1959.

8. Набиев М. Забони адабии ҳозираи тоҷик.Наҳв.Қисми 2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои омӯзгории донишкадаҳои олӣ.-Душанбе:Маориф, 1992.
9. Ниёзмуҳаммадов Б. Забоншиносии тоҷик (Асарҳои мунтахаб).-Душанбе: Дониш,1970.
10. Ниёзмуҳаммадов Б., Рустамов Ш. Баъзе масъалаҳои синтасиси забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: И рфон,1968.
11.Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол). – Душанбе: Дониш,1981.
12. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба.-Душанбе: Ирфон,1966.

УСЛОЖНЕННЫЕ КОНСТРУКЦИИ (МНОГОСОСТАВНЫЕ СЛОЖНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ) В ПРОИЗВЕДЕНИИ С.АЙНИ «МЕМУАРЫ»

В статье исследованы усложненные конструкции (многосоставные сложные предложения) в произведении С.Айни - «Мемуары». Подчеркивается, что данные предложения состоят из трёх и более простых предложений, связанных между собой сочинительными и подчинительными грамматическими средствами. Выявлены структурно – семантические особенности вышеуказанных синтаксических конструкций.

Ключевые слова: самостоятельное простое предложение, придаточное предложение, сложное предложение.

COMPLEX MIXED SENTENCES IN AINI`S "MEMORIES»

The article is said about the complicated construction (complicated sentences) in Aini`s book "Memories». Complex mixed sentences are one of the types of complicated sentences consisting of many parts. Their specific peculiarity is that they consist of one independent of several subordinate clauses. They also made of two kinds of linking or subordinating. This trend can be seen in many variations in Ainy`s works.

Key words: independent simple sentence, additional suggestion, difficult suggestion.

Сведения об авторе: ***Норматов М.*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета. Телефон: **918- 29-08-70.**

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК

А.М.Абдураҳмонова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони адабии тоҷикӣ ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав яке аз масъалаҳои муҳимми наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба ҳисоб меравад. Гарчанде баъзе муҳаққиқон вобаста ба мавзӯъҳои тадқиқотии худ ба ин масъала дахл карда бошанд ҳам, ҳоло он мукаммал омӯхта нашудааст.

Ҷумлаҳои пайравро аз рӯи маъно тасниф кардан дуруст нест. Ҳарчанд ҷумлаҳои пайрав аз ҷиҳати сохти наҳвӣ ва ифода баъзан ба ҳамдигар зоҳиран монанд шаванд ҳам, вале аз рӯи тобишҳои зиёди маъноӣ фарқ мекунанд. Сермаъноии онҳо ба маъною вазифаҳои пайвандакҳои тобеъкунанда ва калимаҳои ҳамнисбат, ба ифодаи хабар ва мутобиқати шаклҳои гуногуни феъл, ва муносибатҳои маънои асосӣ ва иловагӣ, хусусиятҳои оҳанги гӯйиш ва ҷои ҷумлаҳои пайрав вобаста аст. Бинобар ин ҷумлаҳои пайрави гуногун бо ҳамдигар маъно ва тобишҳои маъноии умумӣ дошта бошанд ҳам, мо онҳоро танҳо аз рӯи маъно ба як навъи ҷумлаи пайрав дохил карда наметавонем. Дар ин ҳолат ҷиҳати сохт ва ифодаи онҳо муҳимтар аст.

Ҳангоми таснифоти ҷумлаҳои пайрави забони адабии тоҷикӣ маъно ва сохтори ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бояд ба эътибор гирифта шавад. Муносибатҳои грамматикӣ ва маъноии сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрав ба сохти ҷумлаҳои пайрав вобастагӣ доранд.

Дуруст аст, ки ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мувофиқи ҷумлаҳои пайрав ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд. Дар асари забоншинос Ш.Рустамов роҷеъ ба ин масъала маълумоти муфассалтар оварда шудааст.

Дар забоншиносии кунунӣ ҷумлаҳои мураккаби тобеъ мувофиқи ҷумлаҳои пайрав ба 14 гурӯҳ тақсим карда шудаанд. Муҳаққиқон хусусият ва аломатҳои ин ҷумлаҳои пайравро дар назар гирифта, кӯшиш намудаанд, ки ҳамаи ҷумлаҳои

мураккаби тобеъро ба ҳамин 14 гурӯҳ ҷудо намуда, таҳлил намоянд. Табиист, ки ҳамаи ҷумлаҳои мураккаби тобеи забон ба ин талабот мувофиқ намеоянд. Аксарияти олимон ҷумлаҳои мураккаберо, ки ба талаботу аломатҳои ин 14 гурӯҳ ҷавоб дода наметавонанд, сарфи назар кардаанд. Ин ҳолат дар таҳлилу тадқиқи ҷумлаҳои мураккаби китобҳои дарсӣ ба мушоҳида мерасанд. [8, 198].

Як зумра олимон ин тадбирро дар доираи тақсимоти анъанавӣ ба роҳ монда, ҳаракат кардаанд, ки доираи ҷумлаҳои пайравро васеътар намоянд. Аз ҷумла, профессор Д.Т. Тоҷиев ба забоншиносии умумӣ такя карда, масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайравро ба миён гузоштааст. Ин тадбир барои ба доираи таҳқиқ кашидани ҷумлаҳои мураккаби гуногунсохту гуногунмаъно сабаб гардидааст. Д.Тоҷиев чанд маъно доштани як ҷумлаи пайравро чунин муайян намудааст:

1. замону шарт, 2) сабабу шарт, 3) замону сабаб, 4) сабабу мақсад, 5) тарзи амалу мақсад, 6) тарзи амалу монандӣ, 7) миқдору дараҷа ва монандӣ, 8) миқдору дараҷа ва натиҷа, 9) тарзи амалу натиҷа, 10) муайянкунанда ва натиҷа, 11) миқдору дараҷа ва шарт, 12) муайянкунанда ва шарт, 13) хилоф ва миқдору дараҷа, 14) монандӣ ва муқоиса, 15) шарт ва муқоиса, 16) миқдору дараҷа ва муқоиса, 17) замону муқоиса, 18) хилоф ва муқоиса, 19) шарт ва хилоф, 20) мубтадо ва шарт, 21) пуркунанда ва монандӣ. Муҳаққиқ дар як ҷумла ифода ёфтани се маъноро нишон додаст: «Ҳатто як ҷумлаи пайрав ҳам маънои миқдору дараҷа, ҳам монандӣ ва ҳам натиҷаро ифода кардааст»[9, 309]

Табақро ҳамчунон покиза лесида, ба рӯи сандалӣ мондаанд, ки гӯё бо оби ҷӯш шуста, бо дастмоли сафеди тоза пок кардаанд [С.Айнӣ].

Азбаски таснифоти ҷумлаҳои пайрав мувофиқи анъана сурат гирифтааст, муҳаққиқ кӯшиш кардааст, ки яке аз онҳоро маънои асосӣ ва дигареро ҳамчун тобиши маънӣ ба назар гирад: «Аксари ҷумлаҳои пайрав, ғайр аз маънои асосии худашон, бо сабабҳои муайян боз маънои иловагӣ ё тобишҳои маъноии дигарро ифода менамоянд» [9, 310].

Албатта, муайян намудани маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаҳои пайрав кори душвор аст, лекин аксари наҳвшиносон дар ҳалли ин масъала ба воситаҳои гуногуни луғавию грамматикӣ, пеш аз ҳама пайвандакҳои махсус, калимаҳои ҳамнисбат, шаклҳои феълӣ ҳамчун асос такя кардаанд, инчунин дар муайян кардани маъно ва тобиши маънӣ муносибати синтаксисии ҷумлаи пайраву сарҷумла ва тарзу воситаҳои ифодаи онҳо ба назар гирифта шудааст.

Таснифоти ҷумлаҳои пайрав ба он далолат мекунад, ки ҳар як ҷумлаи пайрав сохт, маъно ва вазифаҳои муайяни наҳвӣ доранд ва бо ин вазифаҳои худ ба сарҷумла тобеъ мегарданд.

Таснифоти ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ нисбатан шартӣ буда, дар асоси ҷиҳатҳои умумии он ба амал омадааст ва ҳол он ки ҷумлаҳои пайрав маъно ва тобишҳои иловагии хеле гуногунро ифода мекунанд ва ҳамаи онро ба ҳисоб гирифта, ба таври қатъӣ тасниф кардан хеле душвор аст. Баъзан муносибатҳои маъноии чунин ҷумлаҳо ба дараҷае мураккаб мешавад, ки онҳоро ба ягон навъи ҷумлаи пайрав нисбат додан душвор мегардад.

Чунончи: Рафта-рафта дасти коргарон он қадар суст шуд, ки пунбадонаи тирхонаро бо ду-се пас гардондан ҳам гузаронида наметавонистанд (С.Айнӣ).

Он лӯлӣ он нақшро ба тарзе мегуфт, ки шунавандагонро ҳаяҷон ва кайфияти аҷибе рӯй медод (С.Айнӣ).

Ба сабаби он ки дар бозгашт шабона дар роҳ танҳо накашад … акаамро ҳамроҳ бурд (С.Айнӣ).

Дар мисоли якум ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо маънои иловагии шарт ва натиҷа ифода ёфтааст. Дар мисоли дуюм ҷумлаи пайрави тарзи амал бо маънои иловагии натиҷа омадааст. Дар мисоли сеюм ҷумлаи пайрави сабаб маънои иловагии мақсадро мефаҳмонад.

Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо маънои иловагии шарт ифода ёфтани ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа бештар ба назар мерасад, ки хусусан, пайвандакҳо ва мутобиқати шаклҳои феълӣ, хабари ҷумлаҳои пайрав барои ба маънои шарт омадани ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ёрӣ мерасонанд:

Одам ҳар қадар ки корашро васеъ кунад, хароҷоташ ҳам ҳамон қадар зиёд мешавад (С.Айнӣ).

Ҳар қадар ки Гулбибӣ аз Ибод нафрат дошта бошад, Ибодро ҳам ҳамон қадар ба Гулбибӣ бедилӣ буд (С.Айнӣ).

Умуман, сохти ҷумлаҳои пайрав, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ, ҷои онҳо, инчунин аъзоҳое, ки ҷумлаи пайрав бар эзоҳашон омадааст, талаб мекунанд, ки онҳоро ба хелҳои мухталафи ҷумлаҳои пайрав дохил намоем.

Профессор Д.Хоҷаев дар таснифи ҷумлаҳои пайрав хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии онҳоро ба асос мегузорад ва чунин андешаронӣ мекунад:

«Ҷумлаи пайрав вобаста ба нақшу вазифаашон дар ҳайати ҷумлаҳои мураккаби тобеъ воситаҳои грамматикию луғавии дар таркиби сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ифодаёбанда ба сермаъноӣ майл менамоянд. Баъзан тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрав барои муайян кардани типии ҷумлаи пайрав душворӣ пеш меоранд. Дар чунин ҳолат яке аз маъноҳои ҷумлаи пайрав дар ҷои аввал гузошта шуда, дигар маъноҳо чун тобишҳои иловагӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳангоми муайян кардани типии ҷумлаҳои пайрав онро дар алоқа бо сарҷумла ва бо ба назар гирифтани ҳам аломату нишонаҳои шаклӣ, ҳам хусусияти маъноӣ таҳлилу тадқиқ намудан даркор аст» [11, 139-144].

Дар забоншиносии рус дар таҳлилу таҳқиқи типҳои алоҳидаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ба хусусияти сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ишораҳо кардаанд.

Дар асари А.Ф.Федоров «Трудные вопросы синтаксиса» [11] масъалаи таснифоти ҷумлаҳои пайрав, ҳодисаи сермаъношавии онҳо андешаҳои ҷолибу мушаххас ба назар мерасад. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки назариячиёни грамматикаҳои асри XIX ҷумлаҳои пайравро ҳамчун аъзои тафсилёфтаи сарҷумла мешуморанд. Вобаста ба тарзу усулҳои грамматикӣ ба муносибати онҳо ба сарҷумла ҷумлаи пайравро ба панҷ намуди асосӣ ҷудо мекунанд.

Дар асари В.А.Белашапкова «Сложное предложение в современном русском языке» принсипҳои таснифоти ҷумлаҳои пайрав, хусусиятҳои сермаъношавии онҳо қайд шудааст. Вале ин мавзӯи душвор ва мураккаб ва аз ҷониби дигар ҷолиби диққат дар забоншиносии тоҷик омӯзишу тадқиқоти махсусро талаб мекунад. Муайян кардани ҳудуд ва типҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрави забони тоҷикӣ яке аз масалаҳои ҳалталаби забоншиносии тоҷик ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Атобуллоев С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик.– Душанбе, 1975.– 205с.
2. Асоев Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа бо маънои иловагии шарт.// Маҷмӯаи илмӣ (серияи филологӣ, ҷилди VI).– Кӯлоб, 1976.– С. 27-33
3. Белашапкова В.А. Сложное предложение в современном русском языке.– Москва, 1967.– 158 с.
4. Бозидов Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе, 1985.– С. 43-91
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе: Дониш, 1989.– 224 с.
6. Қосимова М. Ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик.– Сталинобод, 1961.– 88 с.
7. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик.– Душанбе, 1968.– 123 с.
8. Рустамов Ш. Мушкилоти синтаксис.– Душанбе: Маориф, 1988.– 344 с.
9. Тоҷиев Д.Т. Осори Мунтахаб.– Душанбе, Деваштич. 2005.– 484 с.
10. Тоҷиев Д.Т. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик.– Душанбе: Ирфон, 1971.– 50 с.
11. Федоров А.К. Трудные вопросы синтаксиса. Пособие для учителя.– М., Просвещение, 1972.– 239 с.
12. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад.– Душанбе, «Шуҷоиён», 2011.– 230с.

13. Ҳусейнов Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик.– Сталинобод, 1960.– 121 с.

НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ О ПОЛИСЕМИИ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассматривается полисемия придаточных предложений в современном таджикском литературном языке. В частности дополнительные смысловые значения придаточных обстоятельств мери и степени, образа действия. Выявлены причины полисемии этих придаточных предложений.

Ключевые слова: сложноподчиненные предложения, придаточное предложение, полисемия, смысловые оттенки, факторы полисемии

SOME CONSIDIRATION ABOUT POLISEMY OF SUBORDINATE CLAUSE IN TAJIK LANGUAGE

In article it is considered polysemy subordinate clauses in a modern Tajik literary language. In particular additional semantic meaning of subordinate clause of measure and degree, Manner and Attendant Circumstances. The reason of polysemy of these subordinate clauses is revealed.

Key words: Complex sentence, subordinate clause, shade of meaning, factors of polysemy

Сведения об авторе: ***М.Абдурахманова*** **–**кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета. Телефон: **988- 34-29-59**

ВОҲИДҲОИ ОККАЗИОНАЛӢ (МАВРИДӢ) ВА ВИЖАГИҲОИ ОНҲО

М.О.Музофиршоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Луғоти инфиродӣ, ки дар адабиёти забоншиносии тоҷик танҳо ишораҳо дар хусуси онҳо рафтааст, таҳти таҳқиқоти ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Дар забоншиносии муосири ҷаҳон, хосатан русӣ, ин падидаи луғавиро ҳатто ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: вожаҳои потенсиалӣ ва окказионалӣ.

Калимасозии окказионалӣ ҳодисаи муқаррарии забони зинда, пеш аз ҳама нутқи шифоҳию хаттии мо буда, нутқро зинат медиҳанд, агарчи доираи истеъмолашон хеле танг аст. Баъзе аз забоншиносон имрӯз ҳам онҳоро бо наввожаҳо махлут мекунанд. Барои фарқ кардани ин навъи воҳидҳои луғавӣ аз воҳидҳои ба онҳо наздики забон, зарур аст, ки вижагӣ ва аломатҳои хоси онҳо муайян гарданд. Лыков Алексей Георгиевич – забоншиноси рус дар ин бора чунин ақида арз намудааст: «…хосияти вожаи окказионалӣ ва таркиби гуногуну вижагие, ки натиҷаи окказионалии онро ба бор овардаанд, инчунин хусусияти сераломатиро низ дорад. Модом ки муассирии хоси калимаҳои окказионалӣ аз доираи вожаҳои маъмулӣ ва муқаррарии забон дур меравад, пас онҳо соҳиби вижагиҳои худ мегарданд, аммо онҳо аз рӯйи маъно, шакл ва сохти грамматикӣ боз ҳам ба «калимаҳои муқаррарӣ» наздиканд ва байнашон гӯё як бозии маъноии махлут бо обуранг вуҷуд дорад. Аз ин ҷо масъалаи нишон додани ин механизм ба вуҷуд меояд» [6, 10-11].

Муҳаққиқони забон воҳидҳои луғавии навпайдои услубиро омӯхта, окказионализмҳоро аз онҳо ҷудо намудаанд ва аз рӯйи нишондоди аксари онҳо нӯҳ аломати хоси ин вожаҳоро муқаррар кардем: *мансуби нутқ будан, инфиродӣ будан, тавлид аз рӯйи меъёри вожасозӣ, барои як бор истифода шудан, вобастагӣ ба матни муайян доштан, ҷаззобияти хоса доштан, ихтиёрӣ будан, ихтилоти (дифффузияи) синхронию диахронӣ доштан, ҳамеша нав будан, сунъӣ сохта шудани онҳо.*

1. Мансуби нутқ будани окказионализмҳо нишонаи муҳимтарини онҳо аст. Дар ин намуд воҳидҳои луғавӣ байни воқеияти нутқ ва меъёри забон мухолифат вуҷуд дорад, зеро дар вожаҳои окказионалӣ меъёри луғавӣ риоя намегардад. Онҳо моҳият ва мафҳуми воқеияти дар лаҳзаи нутқ бавуҷудомадаро вобаста ба вазъияти баамаломада дар доираи мушаххастар ифода мекунанд. Пайдоиш ва истеъмоли онҳо ин воқеияти нутқ аст. Дар забони тоҷикӣ чунин воҳидҳои луғавӣ асосан дар ашъори адибон дучор меоянд. Шоир дар мавзӯи мушаххасе мехоҳад шеър офарад, аммо воқеияте пешорӯяш меояд, ки ӯ мехоҳад онро бо воҳиди луғавии мушаххастар ва

фаҳмотар аз вожаи маъмули ифодагари он ба хонанда расонад. Бадоҳатан калимае месозад, ки ҳам ба вазни шеър мувофиқ аст ва ҳам ифодагари матлаби ӯст. Масалан, шоир ва адабиётшинос Рустами Ваҳҳоб дар як шеъраш, ки «Гавҳари имон» ном дорад, вожаи «маҳанмаҳ» сохта, дар ҳошия дар қиёси «шаҳаншаҳ» ШОҲАНШОҲ// ШОҲАНШАҲ شاهنشاه//шоҳи шоҳон, подшоҳи бузург, император [ФЗТ] сохта шудани онро қайд намудааст:

З-он **шаҳаншоҳ**он ҳамин як ёдгори родфар-

Сабз бодо осмонат, эй **маҳанмаҳ**, бо манӣ [10, 80].

2. Аз тарафи шахсе дар ягон ҳолату вазъияти муайяни нутқ офарида шудани калима (инфиродӣ будани он) низ хусусияти ин гурӯҳи вожаҳо аст. Баръакси ин ҳодиса, вожаҳои маъмул дар забон ба вуҷуд меоянд ва доираи истеъмолашон аз як матн ва ё вазъияти нутқ берун паҳн мешавад. Онҳо сермаъно мешаванд, мутазод ва муродиф пайдо мекунанд, аммо окказионализмҳо ин хусусиятро надоранд:

Дар ин замони **ҷунунҷилваи** ҳаливудӣ

Куҷо диле тапад аз нағмаҳои довудӣ? [10, 114]

3. Вожаҳои окказионалӣ аз ҷиҳати сохти грамматикӣ ҳам аз калимаҳои маъмули забон тафовут доранд. Онҳо асосан ё сохта ва ё мураккаб мешаванд. Масалан, аз «Шаҳри Хуршед» чанд вожаро мисол меорем: **раҳона** «роҳкиро», **гардона** «мотор», **ватанбон** «ҳомии ватан», **хоҳарсапедор**, **осмонитабобр**, **чашмобӣ** ва мисли инҳо. Дар эҷодиёти Рустами Ваҳҳоб ҳатто окказионализмҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки онҳо дар шакли ибора падид омадаанд: **яди хазро** «дасти сабз», **насими шукр, шарфаи пари ҷон** ва ғ.:

Шабе, ки ҷон бидиҷам дар фароҷболии ту,

Ту **шарфаи пари ҷон**и маро намешунавӣ [10, 94]

Ё худ:

Ҳазорон дасти сабз аз хок боло мешавад имрӯз,

Яди хазро ҳазорон аз пайи имдод меояд [10, 52].

4. **Истеъмоли яклаҳзагӣ** – дар нутқ ва забон танҳо як маротиба истифода шудан дар лаҳзаи зарурӣ аломати дигари ин навъ воҳидҳои луғавӣ аст. Азбаски онҳо барои як лаҳза ва шароити муайян офарида мешаванд, «тозагии мутлақ», навии ҳамешагӣ сифати асосии онҳо мебошад. Гоҳо берун аз матн ва лаҳзаи гуфторе, ки барои ифодаи маром ва матлаби хос ин навъ вожаҳо ба вуҷуд омадаанд, онҳо маънои мушаххасро дода наметавонанд. Масалан, шоир вожаи **нила** ба маънои «чашм, чашми рангаш осмонӣ» -ро офаридааст, ки берун аз матни шеър, бидуни тафсири муаллиф, кам касоне ба ин маънӣ корбурд шудани онро пайхас мекунанд:

Намезудояд тасвири рӯят аз хотир,

Агар ки мил кашад хасм бар ду **нила**и ман [10, 103].

Дар ФТЗТ калимаи зикргардида ба маънои “ҳар чизи кабудранг” омадааст [913].

5. Маълум аст, ки калимаҳои маъмули сермаънои забон дар матн барои ифодаи танҳо як маъно кор фармуда мешавад. Дар ин ҳолат он, албатта, ба матн вобастагӣ пайдо мекунад, аммо берун аз матн, дар алоҳидагӣ, он вожа як ё якчанд маънои асосии худро ҳамеша дода метавонад. Масалан, калимаи танга дар байти

Бар зарраи хоки мо сад чашми тамаъ боз аст,

Дар **тангаи** ин чашмон мову ту чу зиндонӣ [10, 19

ба маънои маҷозии «оз, ҳасад, чашмгуруснагӣ» далолат мекунад, берун аз матн ин маъноро дода натавонад ҳам, маъноҳои аслии худашро («пули фулузӣ»; «гулугоҳ») ифода карда метавонад. Аммо окказионализмҳо, чунон ки дар болотар низ қайд гардид, ин хусусиятро надоранд, онҳо барои як лаҳзаи нутқ дар шароити муайян пайдо гардида, танҳо ба ҳамон матн тааллуқ доранд. Пас, **вобастагӣ аз матн** хусусият ва нишонаи дигари окказионализмҳост.

6. Муассирӣ ва ҷаззобият ҳам яке аз аломатҳои асосии вожаҳои окказионалӣ ба шумор меравад. Калимаи окказионалӣ ба матн танҳо бо маънояш, бо маънои луғавияш вобаста мегардад, ҷаззобият, ки рангубор ва образнокро ба бор меоваранд,

ба он хусусияти мустақилиро мебахшанд. Окказионализмҳо ҳамчун василаи муассирӣ ба нутқ таъсироти амиқ бахшида, ба он вижагии такрорнашавандаро мебахшанд. Чунин хусусияти ин воҳидҳои лексикиро дар маҷмӯаи ашъори зери таҳлил қароргирифта мушоҳида кардан мумкин аст: *ашкфишор, орзусиришт, ситоранисор, ҷилвапописанд, ҷилвасавор, ҷунунҷилва, ситорамаоб, хунобёр, дарундида, рушаноб, хуршедёр, гаравгоҷ, равонкаҷ, атрифаронсабоз, маҷанмаҷ, осмонитабор, шохраҷ, оясаро; дашти ёҷуи ҷунун, маслахи номуси ишқ, гулшани доғи фироқ* ва ғ.

7. Окказионализмҳо хусусияти махлути ҳам синхронию ҳам диахронӣ доранд, ки ин нишонаи мураккаби онҳост. Синхронӣ будани онҳо дар муносибати онҳо бо вожаҳои муқаррари забон, монандии онҳо дар калимасозӣ, муносибатҳои дигари маъноию грамматикӣ доштанашон ва, инчунин, аз воҳидҳои лексикии маъмулӣ сохта шудани онҳо маънидод мешавад. Диахронӣ будани онҳо дар воҳиди нутқ будан, доираи истеъмоли маҳдуд доштан, камистеъмолии онҳо ва муҳимаш замони пайдоиш ва истифодаи онҳо қаламдод гардидааст. Ҳамин тавр, ҳолати тавлиди вожаҳои окказионалӣ хусусияти диахронӣ ва амалкарду муносибати онҳо бо ҳамдигар ва вожаҳои муқаррарии забон хосияти синхронии онҳост.

8. Тозагии ҳамешагӣ ё навигарии доимии окказионализмҳо низ ҳамчун аломати махсуси онҳо маънидод мешавад. Ин ба он маънӣ аст, ки наввожаҳо аз лаҳзаи пайдоиш то дар истеъмоли умум қарор гирифтанашон наввожаанд ва дер ё зуд ба қатори вожаҳои маъмул дохил мешаванд. Ин хусусияти наввожаҳоро мо дар фаслҳои гузаштаи асар қайд карда будем. Аммо окказионализмҳо воҳидҳои луғавиеанд, ки баръакси наввожаҳо хосияти кӯҳнашавиро надоранд, онҳо гӯё ҳамеша наванд.

9. Маълум аст, ки ҳар як воҳиди луғавӣ дар замони тавлидаш аз тарафи шахсе, фарде офарида шудааст, аммо дар тӯли таърих, баъди дар истеъмоли васеъ қарор гирифтанаш, он ташаккул ёфта, ба моли умум табдил ёфтааст. Калимаҳои окказионалӣ бошанд, хосатан онҳое, ки аз тарафи адибон сохта шудаанд, дар доираи як матн амал намуда, муаллифи онҳо ҳамеша маълум аст. Аз ин ҷиҳат онҳоро воҳидҳои худсохт ё сунъӣ низ ном мебаранд, гарчанде ки аксари онҳо аз лиҳози ифодаи маъно ва сохти грамматикиашон ба қонунҳои меъёри забон мувофиқанд:

Зи таъну уҷби **ситорамаобҷо** нарамидҷ,
Ту, **осмонитаборо**, чунин фиканда гирифтҷ [10, 88].

Мегҷ бар он **чашмобиён**, он селаи мурҷобиён.
Ин як паёми мухтасар - камтар зи дарё нестем [10, 90].

Ҳамин тавр, окказионализмҳо воҳидҳои луғавие мебошанд, ки аз тарафи афрод (адибон, шахсиятҳо ва ғ.) дар лаҳзаи мушаххаси нутқ офарида шуда, дар ҳамон муҳит ҳамеша мемонанд. Дар забоншиносии муосири тоҷик ин қабати луғавӣ ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқ дорад.

АДАБИЁТ

1. Бабенко Н. Окказиональное в художественном тексте. Структурно-семантический анализ: Учебное пособие Калининград, 1997. 211с.
2. Брагина А.А. Неологизмы в русском языке: пособие для студентов и учителей. – М., 1973.
3. В. В. Лопатин. Рождение слова. Наука. М., 1973. 98 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Ҷилди I. –Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 243 с.
5. Муҳаммадиев М. ва дигарон. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1997. – 189 с.
6. Ревизина О. Г. Поэтика окказионального слова//Язык как творчество. М.: ИРЛЯ РЛН, 1996.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ. /Мураттибон: Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. – Иборат аз ду ҷилд. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ.1. – 951с; Ҷ 2. – 948с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Мураттибон С. Назарзода, А. Сангинов, Р Ҳошим, Ҳ. Рауфзода. – Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950с; Ҷ.2. – 945с.
9. Ҷӯраев Ғ., Фатҳуллоев С. Луғати калима ва истилоҳоти нав. – Душанбе: Ирфон, 2003, 192с.
10. Рустами Ваҳҳоб. Шаҳри Хуршед, –Душанбе, 2008. 168 с.

ОККАЗИОНАЛЬНЫЕ ЕДИНИЦЫ (ИНДИВИДУАЛЬНО-АВТОРСКИЕ НОВООБРАЗОВАНИЯ) И ИХ ОСОБЕННОСТИ

В статье рассматриваются индивидуально-авторские новообразования, извлеченные из прозаических и поэтических текстов таджикского поэта и литературоведа Рустама Ваххоба. Подробно анализируются

окказиональные слова (окказионализмы, созданные с нарушением законов системной продуктивности словообразовательных типов; окказионализмы, созданные с нарушением законов эмпирической продуктивности словообразовательных типов; окказионализмы, созданные по конкретному образцу), также рассматриваются структурно-семантические и функциональные особенности окказионализмов.

Ключевые слова: окказионализмы, неологизмы, лексические единицы, индивидуальные единицы, индивидуальная речь.

OCCASIONAL UNITS (INDIVIDUAL- AUTHOR`S NEWBUILDING) FND THEIR PECULIARITY

This article deals with individual copyright neoplasms, extracted from the prosaic and poetic texts of the Tajik poet and literary critic Rustam Vahhob. Detailed analysis of occasional words (nonce words created in violation of the laws of the system productivity of Word-formative types; nonce words created in violation of the laws of the empirical efficiency of

Key word: formative types; nonce words, created for a specific model) as well as the structural and semantic features of nonce words.

Сведения об авторе: ***Музофиршоев М.***-кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры современного таджикского литературного языка ТНУ. Телефон: **93- 526-47-25**

РОҶЕЪ БА ТАМДИДИ САДОНОКҲОИ ТОҶИКӢ

Ш. Бобомуродов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Донишмандони пешин ба арзишу мақоми овозҳои нутқ эътибори махсус дода, саҳми онҳоро дар созмони калом муҳим донистаанд. Онҳо ҳарфҳо (овозҳо)-ро дар пайравӣ ба мактаби забоншиносии араб ба ***сомиту*** (ҳамсадоҳо) ***мусавват*** (садонокҳо) ва садонокҳоро ба ***мақсуру*** (кӯтоҳ): **а, и, у** ва ***мамдуд*** (дароз): **о, ӯ, э** ҷудо намудаанд. Чунин таснифотро Хоҷа Насриддини Тусӣ дар «Меъёр-ул-ашъор», Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-мӯъҷам», Абдураҳмони Ҷомӣ дар рисолаи «Арӯз ва қофия» пазируфтаанд. Аз назари Абӯалӣ ибни Сино **садонокҳои дарози ӯ,** о, э, **(мусаввати мамдуд)** нисбат ба садонокҳои кӯтоҳ (забар, пеш, замма ва ё хоҳараки мусавватҳои мамдуд) дар фосилаи ду баробар вақт ҳосил мешаванд.

Забоншиносони асрҳои Х-ХХ дар баррасии ин масъала ва нуктаҳои дигари савтиёт ба анъанаҳои дастурнигорони араб такя намудаанд. Дар дастурҳои арабӣ овозҳои нутқро ба **сокину мутаҳаррик** гурӯҳбандӣ кардаанд. Садонокҳои кӯтоҳро ҳамчун ҷузъи таркибии садонокҳои дароз ва лаҳзаи вақт (замон) медонистанд, ки барои талаффузи ҳамсадои минбаъда ё овози садонок зарур аст. Ибни Сино дар мавриди тасвири сифатии садонокҳои арабӣ менигорад: алиф (яъне а) ва хоҳараки он фатҳа **а** аз рӯйи мушоҳидаҳои мо ҳангоми хуруҷи овози ҳаво бидуни монеа ба вуҷуд меояд. Назар ба ишораи Насриддини Тусӣ, ҳарфҳо (овозҳо) унсурҳои нутқанд, ки мусаввату (садонок) сомит (ҳамсадо) мешаванд.

Категорияи фонологии миқдор, яъне дарозу кӯтоҳ талаффуз шудани садонокҳо аз замонҳои хеле қадим барои забонҳои эронӣ бегона набуд. Забоншиносон мавҷудияти садонокҳои дарозу кӯтоҳро дар забонҳои авастоию порсии қадим (Е. Д. Поливанов, К. И. Поляков, Бартоломе), порсии миёна (К. Залеман, Б. Я. Островский) ва дар баъзе забонҳои эронии нав (В. С. Соколова, Д. И. Эдельман) зикр намудаанд. Дар вокализми порсии нав 3 ҷуфти садонокҳоро аз рӯйи аломати тамдид, яъне ***дарозию кӯтоҳӣ*** аз ҳамдигар фарқ мекарданд: **и – и:, а – а:, у – у:** (Д. И. Эдельман, П. Ҳорн).

Ҳанӯз дар марҳалаи аввали ташаккули меъёрҳои талаффузи порсии нав тадриҷан заиф шудани тамдид ҳамчун аломати фонематикӣ ва тадриҷан барҳам хӯрдани ин аломат (дефонологизатсия) мушоҳида мешавад. Маҳз заиф шудани бору арзиши фонематикӣ ва инкишофи номавзуни аломати **миқдор (тамдид)** дар гуфтори шифоҳӣ сабаби мубоҳисаҳои 70 соли охир гардид: **баҳсҳо дар атрофи мақоми фонемагии садонокҳои и:, у:.**

И.И. Зарубин ба хулосае омадааст, ки дар шеваи Самарқанд аломати **тамдид (дарозӣ)** арзиши фонематикии худро аз даст дода, онро аломатҳои сифат: ***қатор,* бардошт** ва **дараҷаи *устуворӣ*** иваз кардааст. Дар натиҷа садонокҳои **и:, у:** -и порсии нав дар ин шева бо ҷуфтҳои кӯтоҳи худ омезиш ёфтаанд. В. С. Соколова низ дар бораи шеваи Варзоб ба чунин хулоса омада, зикр намудааст, ки сокинони Варзоб ин аломатро барои фарқ кардани садонокҳои **и-и:, у-у:** истифода намекунанд. Аз ин рӯ, садонокҳои шеваро ба дарозу кӯтоҳ не, балки ба устувору **(о, э, ӯ)** ноустувор **(а, и, у)** ҷудо намудааст.

Аз нигоҳи ҳифзу нигаҳдории садонокҳои дарози таърихии **и:, у:** чор навъи вокализми шевагии тоҷикиро фарқ мекунанд: **шимолӣ, ҷанубӣ, марказӣ, ҷанубушарқӣ.** Вокализми шеваҳои шимолӣ ба низоми садонокҳои ибтидоӣ (порсии нав) наздикӣ ва қаробат доранд. Аз ҷумла, зергурӯҳҳои шеваҳои шимолӣ – Хуҷанд, Конибодом, Истаравшан, Ашт (қисман), Чуст, Косонсой ба ин мисол шуда метавонанд. Дар ҳамаи ин шеваҳо аломати миқдорӣ, яъне тамдиди садонокҳо аз ҳолати ибтидоӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Дар ҳамаи ин шеваҳо садонокҳоро ба **дарозу кӯтоҳ не, балки ба устувору ноустувор ҷудо мекунанд.**

Ин ду гурӯҳи садонокҳо мисли забони адабӣ танҳо дар як ҳолату мавқеи фонетикӣ – ҳиҷои кушодаи безада аз ҳамдигар фарқ мекунанд: хи: ра – хирад. Ҳамин тавр, дар шеваҳои мазкур ба монанди забони адабӣ дарозию кӯтоҳии садонокҳо падидаи боқимонда маҳсуб мешавад ва арзиши фонематикӣ надорад.

Ду овоз танҳо дар ҳамон ҳолат ҳамчун фонемаҳои мустақил шинохта мешаванд, ки қобилияти калимафарққунӣ (воҳидшиносӣ) дошта, якдигарро бидуни тағйири маънои калима иваз карда натавонанд. Масалан, садонокҳои **у, ӯ** дар ҷуфти калимаҳои гӯл – гул, кӯш – куш. Яъне барои собит намудани ин ки садонокҳои **и-и:, у-у:** фонемаҳои мустақиланд, ақаллан як ҷуфт калимаеро пайдо намудан лозим аст, ки онҳо бидуни тағйири маънои калима якдигарро иваз карда натавонанд. Мутаассифона, то имрӯз ягон муҳаққиқ, аз ҷумла ҷонибдорони низоми 8-фонемагии вокализми тоҷикӣ чунин ҷуфти калимаеро пайдо накардаанд.

Ҳамин тавр, бинобар тадқиқотҳои баанҷомрасида тамдид, ки дар даврaҳои пешинаи инкишофи забони тоҷикӣ арзиши фонематикӣ дошта, барои фарқ кардани калима ва шаклҳои он истифода мешудааст, дар ҳолати имрӯзаи инкишофи забони адабии тоҷикӣ чунин саҳми худро аз даст додаст. Имрӯз тамдид барои фарқ кунонидани садонокҳои алоҳида не, балки барои ҷудо кадани як гурӯҳи садонокҳо аз гурӯҳи дигари онҳо истифода бурда мешавад: **э, ӯ, о** (садонокҳои устувор); и, а, у (садонокҳои ноустувор). Муқоиса кунед: **хира – хирад, хунин – хунук.** Ҳамин тариқ, садонокҳои забони адабии тоҷикиро дар система ду нишонаи тафриқӣ: бардошт (ҳаракати амудии забон) ва қатор (ҳаракати уфуқии забон) муттаҳид месозад. Хусусиятҳои дигари онҳо: тамдид ва иштироки лабҳоро метавон ҳамчун нишонаҳои иловагӣ ба эътибор гирифт ва ҳангоми тавсифу тасвири фонетики садонокҳо истифода кард.

қатор	бардошт	пеш	омехта	қафо
боло		и		у
миёна		э	ӯ	о
поён			а	

(Ниг. Т. Н. Хаскашев. Фонетикаи забони адабии тоҷик. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе : Маориф, 1989. – С. 67.)

Бо вуҷуди ихтилофи назари муҳаққиқону муаллифони асарҳои илмию таълимӣ, аксари овошиносон, аз ҷумла И. И. Зарубин, В. С. Соколова, В. С. Расторгуева, Р.

Убайдуллоев, М. Файзов, Т. Хаскашев, низоми шашфонемагии вокализми забони адабии тоҷикиро пазируфтаанд.

Моҳияти фонема ҳамчун хурдтарин воҳиди забон дар таърифи он ифода ёфтааст: **Овозҳое, ки дорои қобилияти калимафарққунӣ (воҳидшиносӣ) буда, бе тағйири маънои калима якдигарро иваз карда наметавонанд (масалан, овозҳои а, и дар калимаҳои тар-тир), фонема номида мешаванд.** Садонокҳои **и:, у:** қобилияти калимафарққунӣ надоранд, яъне ин садонокҳо бе тағйири маънои калима якдигарро иваз карда метавонанд.

Хусусияти шашфонемагии вокализми забони адабии тоҷикиро тазодҳои фонологии зерин собит менамояд: **и – э (шир - шер), и-а (сир - сар), и – ӯ (шир - шӯр), и – у (пир - пур), и – о (тир - тор), э – а (сер – сар), э- ӯ (рез – рӯз), э – у (хеш - хуш), э – о (бед – бод), а - ӯ (кар – кӯр), а – у (пар - пур), а – о (бад - бод), ӯ – у (бӯр - бур), ӯ – о (тӯр - тор), у – о (буз – боз).**

Алифбои имрӯзаи тоҷикӣ алифбои консонантию вокалӣ, яъне ҳамсадоию садонокист, ки дар асоси алифбои русӣ тартиб ёфта, аз соли 1940-ум ба расмият даромадааст. Дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи нави алифбо таҳиягарони он ба чанд нукта таваҷҷуҳ намудаанд;

а) инъикоси ҳамаи овозҳо – фонемаҳои тоҷикӣ дар алифбо;

б) ҳамгунсозии аксари онҳо бо алифбои русӣ;

в) ифодаи овозҳои махсуси тоҷикӣ бо ҳарфҳои наве, ки дар асоси аломатҳо ва унсурҳои алифбои русӣ сохта шудаанд;

г) ифодаи ҳар як овоз (фонема) бо як ҳарфи мустақилу алоҳида.

Аллома Муҳаммад Иқбол фармудааст:

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,

Лек гуфтори дарӣ ширинтар аст.

Ширинии гуфтору лафзи дарӣ (тоҷикӣ) на танҳо ба дарозу кӯтоҳ талаффуз шудани садонокҳо, балки ба чигунагии дастгоҳи овозсозии забони тоҷикӣ низ вобаста аст. Яке аз хусусиятҳои муҳими дастгоҳи овозсозии забони ноби тоҷикӣ ин аст, ки дар тавлиду сохтани овозҳо ду узви овозсоз: забон ва садопардаҳо саҳми зиёд доранд. Аз 30 фонемаи забони тоҷикӣ баръакси забонҳое, ки дар онҳо кори садопардаҳо маҳдуд аст, садопардаҳо дар талаффузи 6 фонемаи садонок ва 14 фонемаи ҳамсадо иштирок мекунанд. Чунин кору фаъолияти садопардаҳо хусусияти хоси сохти овозии забони ширину гуворои тоҷикӣ – хушовозию хушоҳангии онро таъмин менамояд. Нарм талаффуз шудани овозҳои тоҷикӣ ва лаҳнӣ будани задаи тоҷикӣ ба ин мусоидат мекунанд.

Зиндаёд Маҳрам Файзов тамдиди ҳамаи садонокҳои тоҷикиро тавассути дастгоҳҳои махсуси физикӣ дар ҳолату мавқеъҳои гуногуни фонетикӣ муайян намудааст. Ӯ зикр намудааст, ки **ҳадди баланди тамдиди** «у»-и **дарози таърихӣ 135 миллисония** ва **ҳадди поёниаш 20 миллисония, тамдиди ҳадди баланди** «и»-и **дарози таърихӣ** ба **159 миллисония** ва **ҳадди поёниаш** ба **38 миллисония** баробар аст. (Ниг.: Маҳрам Файзов. Гласные звуки таджикского литературного языка.- Душанбе, 1992. – С. 136, 147. Ӯ ба чунин хулоса омадааст: **дарозию кӯтоҳии садонокҳо барои овозҳои садоноки забони адабии тоҷикӣ арзиши фонологӣ надорад. Садонокҳои тоҷикӣ ба дарозу кӯтоҳ ҷудо намешаванд. Ҳар як садонок дар ҳолату мавқеъҳои муайяни фонетикӣ бидуни тағйири маънои калима дарозу кӯтоҳ буда метавонад.** Аммо аз нигоҳи орфоэпия (меъёри дурусти талаффуз) бетафовутӣ ба тамдиди садонокҳо вуҷуд надорад. Яъне осори дарозии садонокҳои **и:, у:** дар теъдоди муайяни калимаҳо маҳфуз мондааст: **би:но, ги:ро, ди:дор, ди:рӯз, ки:са, пи:рӣ, си:на, зи:ра, ти:р, ки:на** (ҳамагӣ 40 – 42 калима); **ду:рӣ, зу:дӣ, су:рат, ху:бӣ, ху:нин.** Калимаҳое, ки дар таркибашон **и: ва у: -и** дарози таърихӣ доранд, дар таркиби калимаҳои мураккаб ва ё дар сурати пайваст шудан бо дигар вожаҳо ин хусусияташонро аз даст медиҳанд. ***Муқоиса кунед:*** **пи:р – пиразан, ри:ш – ришдароз, си:м – симу зар, си:на – синагудоз, ти:ра – тирамоҳ, ху:н – хуншор, ду:р – дурнамо.**

Барои муайян намудани он ки соҳибони забон, аз ҷумла, донишҷӯёни ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ садонокҳои дарози таърихиро чӣ гуна дарк менамоянд, беш аз 20 сол аст, ки аз онҳо тафовути **и-**и калимаҳои **бино** [1] (бинои мактаб), **бино**[2] (одами бино)-ро пурсон мешавем. Бидуни истисно ҳамаи онҳо тафовутро танҳо дар қолаби заданокии ин калимаҳо медонанд: бино (бинои мактаб), бино (одами **би`но**). Ҳол он ки қолаби заданокии ҳар ду калима якест: - -`. Ин худ аз қобилияти маънофарқкунӣ маҳрум будани садонокҳои таърихии и:, у: далолат мекунад. Дар лоиҳаи «Қоидаи имлои забони тоҷикӣ» ҳарфи **й**-ро (**и** –и дароз) номидаанд. Ӣ –и интиҳои калима дароз нест. Ин ҳарф (графема) дар таркиби калимаҳои решагӣ (водӣ, шолӣ, гетӣ), исмҳои маънӣ (дӯстӣ, бародарӣ, ҳастӣ) ва сифатҳои нисбӣ (кӯҳӣ, даштӣ, хаттӣ) омада, дар таркиби ҳиҷои заданок талаффуз мешавад. Яъне ин **ӣ** дар қиёси ҳиҷоҳои дигари калимаҳои фавқ шунавотару баландтар талаффуз мешавад. (ба истисони бандаки хабарии -**ӣ**:)

Мардӣ` набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фидоае бигирӣ, мардӣ.

АДАБИЁТ

1. Расторгуева В.С.. Краткий очерк фонетики таджикского языка.–Душанбе, 1955.–80с.
2. Соколов В.С.. Фонетика таджикского языка.–М.-Л, 1949.– 168 с.
3. Хаскашев Т.Н.. Фонетикаи забони адабии тоҷик. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ.– Д., 1989

О ДЛИТЕЛЬНОСТИ ГЛАСНЫХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье речь идет о роли длительности гласных таджикского языка при описании системы вокализма. Это явление выявляется в составе таких слов, как: ти:р, ши:р, зо:ра, ми:р, ки:на, си:м, ху:н, ну:р, ду:р, су:р

Ключевые слова: длительность, гласные признаки фонемы

ABOUT THE LONGNESS OF TAJIK VOWELS

In this article the main focus is about the tajik vowels, while describing the system of vocalisafion. This phenomena can be noticed in the context of such words: ти:р, ши:р, зо:ра, ми:р, ки:на, си:м, ху:н, ну:р, ду:р, су:р

Keywords: duration, vowel signs of phoneme

Сведения об авторе: ***Шакар Бобомуродов*** - доцент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета. Телефон: **915- 47-20-24**

ИФОДАИ МАЪНО ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАШБЕҲӢ

Ҳ. Ҷ. Дӯстов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Захираи фразеологии забони тоҷикӣ бою рангин буда, мунтазам дар ҳоли инкишоф қарор дорад. Дар ин замина навъҳои гуногуни ифодаҳои рехта мавриди истифода қарор мегиранд, ки миёни онҳо воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ (ВФТ) мақоми намоён доранд. ВФТ қабати махсуси воҳидҳои фразеологиро ташкил дода, махсусан бо ифодаи маъно аз дигар воҳидҳои фразеологии забонамон фарқ мекунанд. Қабл аз оне, ки ба таҳлили маънои ВФТ оғоз кунем, лозим меояд мафҳуми маънои фразеологиро кушоем. Маънои фразеологӣ дар заминаи аз маънои луғавӣ дур ё канда шудани воҳиди марказии забон-калима ба вуҷуд меояд. Калима дар дохили ифодаи рехта ба маънои фразеологӣ соҳиб мегардад. Мувофиқи ақидаи забоншинос А. Кунин «Маънои фразеологӣ ба маънои луғавӣ алоқаманд аст, вале дар навбати худ як қатор махсусиятҳоро дорост. Он дар заминаи мундариҷаи воҳиди фразеологӣ ва маъноҳои ҷузъҳои таркибии он асос меёбад. Сохтори маъноии калимаҳо, ки ба ин ё он категорияи луғавӣ мансубанд, на ҳама вақт бо маънои фразеологӣ мувофиқат мекунад» [2,159]. Маънои фразеологие, ки дар заминаи ифодаҳои рехтаи забонамон хобидааст, маҳсули истеъмоли васеи калимаҳо буда, аз

ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибии ифода сар мезанад. Барои муқоиса: **сари касе ба осмон расидан** «аз ҳад зиёд хурсанд шудан», **дарди сар** «ҳар чизи нодаркор, зиёдатӣ», **дил додан** «ба касе ё чизе муҳаббат доштан» ва ғайра.

Дар ВФТ маънои фразеологӣ дар асоси ташбеҳ ва монандкунӣ ба вуҷуд меояд. Ба таври дигар, маънои фразеологии ташбеҳӣ дар асоси муқоиса ва монандкунии як шайъ бо дигаре, ё ягон хусусияти барҷастаи он арзи ҳастӣ мекунад. Дар пайдоиши он саҳми тамоми унсурҳои ташбеҳсоз калон аст. Ҷиҳати характерноки ВФТ-и забони тоҷикӣ дар он аст, ки онҳо тавассути ёридиҳандаҳои ташбеҳӣ шакл мегиранд. Ҳарчанд дар қисмате аз онҳо (ташбеҳҳои пӯшида) набудани адоти ташбеҳ боиси костагии маънои муқоисавӣ нагардад ҳам, вале ҳамчун воҳиди комили ташбеҳӣ иштироки пешоянду пасоянди ташбеҳӣ дар онҳо шарт ва ҳатмист. Маҳз иштироки ҳамин унсури ташбеҳсоз маънои ташбеҳиро қувват мебахшад. Масалан, **мисли тири сӯзон** «ҷонкоҳона, пурдард», **мисли хурӯси ҷангӣ** «дар ғазаб, дарқаҳр», **гурги гурусна барин** «ҳарисона, гурусначашмона»:

Аммо ин андешаҳои ҷонпарвар дар дилаш монданд ва ногоҳ ба гӯшаш гапе **мисли тири сӯзон** расиду ӯро такон дод (А. Самад, Паррончакҳо, 128). … дар рӯ ба рӯи Насим ҳозир шуд ва **мисли хурӯси ҷангӣ** боло-боло парида, гоҳ-гоҳ пайт ёфта ба пешонӣ ва бари рӯйҳои ӯ зарба мезаду доду ғиреви ҳангоматалабҳо мебаромад (А. Самад, Паррончакҳо, 109). Ӯ **гурги гурусна барин** бо чаққонӣ чанг андохту нонро кашида гирифт ва дулунҷа ба хӯрдан сар кард (Ҳоҷи Содиқ, Гардиш, 169).

Ба назар чунин мерасад, ки маънои ташбеҳие, ки дар ВФТ дида мешавад, аз қаробати маънои аслӣ ва луғавии калима сар задааст. Ин фарзия ба моҳияти аслии масъала созгор нест, зеро рехтагиву устувории ҷузъҳои таркибии ифода имкон намедиҳанд, ки мо онҳоро бо ифодаҳои озоди синтаксисӣ як шуморем. Ҳарчанд гурӯҳе аз онҳо бе ёридиҳандаи ташбеҳӣ ибораҳои озоди синтаксисиро ба хотир меоранд: ситораи дурахшон – **ситораи дурахшон барин** «равшанона, дурахшида», мурғи нимбисмил – **чун мурғи нимбисмил** «ҷонкоҳона, боазоб», мурғи посӯхта – **чун мурғи посӯхта** «беқаророна, имдодталабона» ва ғайра:

Аз дур **ситораи дурахшон барин** намудеду ақламро бурдед (Ҳоҷи Содиқ, Гардиш, 48). Зиёда аз он виҷдони хатиби ҷавон низ алҳол аз гуфтаҳои Қосим амак **чун мурғи нимбисмил** дар азоб буд (Ю. Акобиров, Дунё ба умед, 193). Он рӯзҳо дар ҳавлии хӯҷаин ҳама хурду калон дар ҳамин хусус байни худ миш-миш мекарданду Бадриддинхӯҷаи ошиқ **чун мурғи посӯхта** аниқи гапро аз ҳеҷ кас фаҳмида натавониста, хуни ҷигар шуда мегашт (Ю. Акобиров, Дунё ба умед, 115).

Дуруст аст, ки илова гардидани пасоянду пешояндҳои монандӣ аз ифодаҳои синтаксисӣ воҳиди фразеологии муқоисавӣ месозад, вале бояд ба инобат гирифт, ки на ҳама ифодаҳои озодӣ наҳвӣ ба худ ёридиҳандаи ташбеҳӣ қабул мекунанд. Маҳз ҳамоне рехтаву қобили истифода қарор мегирад, ки дар заминаи маънои рехтаи маҷозӣ дар сурати қолабҳои устувору барои ҳамагон фаҳмо ба вуҷуд меояд. Бештари ВФТ дар асоси қолабҳои маъмули синтаксисӣ маънои маҷозӣ гирифтаанд, ки миёни онҳо қолабҳои гуногуни ибораҳои изофӣ хеле зиёд истифода мешаванд. Масалан: **чун каламуши аз гурба гурехта** «тарсида, ҳаросон», **чун лахчаи танӯр** «тафсон, сӯзонанда», **ба монанди докаи обшуста** «фарсуда, коношоям»;

Пас **чун каламуши аз гурба гурехта** дар сӯрохиву торикиҳо ҷой гашта, хомаву давот меҷӯй, ки ин ҳодисаро бояд навишт (Сорбон, Кадевар, 81). Дарде вуҷудамро **чун лахчаи танӯр** месӯзонд, диламро бо чанголи гирояш мефишурду сар медод… (Б. Абдураҳмон, Биҳишти фиребо, 32). Аз пушти мавҷи **ба монанди докаи обшуста** тунуки шодмониву ханда ба атроф андешаманд ва қадре парешон менигаристанд (С. Турсун, Дарахти ҳазорсола, 44).

Дар қисмате аз ВФТ маъно ба дараҷае рехтаву устувор аст, ки ҳатто мавриди сарфи назар намудани адоти ташбеҳ маънои фразеологӣ канда намешавад. Танҳо маънои ташбеҳӣ аз байн мераваду халос. Сабаб дар он аст, ки ҷузъҳои боқимонда дар

заминаи қолабҳои муайяни наҳвӣ воҳиди фразеологиро ба хотир меоранд. Яъне адиб аз ифодаҳои рехтаи забон бо илова намудани ёридиҳандаи ташбеҳӣ воҳиди нав – ВФТ месозад. Ин навъи ВФТ аз ҷиҳати истеъмол низ нисбат ба гурӯҳҳои дигар устувортаранд. Барои муқоиса: **мусичаи бегуноҳ барин** «бегуноҳона», **каждуми таги бурё барин** «бехабарона, ноогоҳона», **гурги борондида барин** «ботаҷриба, кордонона»:

Тошхон, ки ба он одам худашро **мусичаи бегуноҳ барин** нишон медод ва ҳамсуҳбатӣ мекард, якбора тағйир ёфту бо дӯғу ҷазаба гуфт... (Ҷ. Икромӣ, Хатлон, 161). Ана ҳамин вуҷудҳо **каждуми таги бурё барин** бадбӯй паҳн мекарданд (Р. Ҷалил, Асарҳои мунтахаб, 44). Дар дасти мо фақат Аҳмадҷони машкоб мемонад, ки вай **гурги борондида барин** менамояд (Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ, 186).

Тавре аз мисолҳои дар боло зикршуда бармеояд, адоти ташбеҳ воситаи махсуси таъкидиест барои муайян намудани маънои воҳиди фразеологӣ. Бе ёридиҳандаи ташбеҳӣ низ ифодаҳои мазкур ҳамон маъноро ифода мекунанд, фақат дар сурати як андоза рехтатар. Чунончи, дар забони тоҷикӣ воҳиди фразеологии **гурги борондида** киноя аз «шахси ботаҷрибаву кордон» ва **мусичаи бегуноҳ** киноя аз «инсонест, ки гуноҳ кардааст, вале худро бегуноҳ вонамуд мекунад». Чунин истифодаи калима-образҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ дар забонамон ҳодисаи маъмулӣ буда, шаҳодат аз он аст, ки ҳатто дар гузаштаи дур низ ҳар яке аз онҳо бо хусусиятҳои хоси худ мавриди истифодаи умум қарор гирифтаанд.

Маънои фразеологие, ки дар заминаи ВФТ хобидааст, аз ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои таркибӣ сар мезанад. Ҳатто ёридиҳандаи ташбеҳӣ дар ин маврид нақши ҷузъи мустақил ва таъминкунандаи маънои ташбеҳиро бозида, дар возеҳу равшан ифода шудани маъно саҳм мегузорад. Он ҷузъҳои боқимондаро дар шакли воҳиди рехтаву устувор ба ҳам пайваст намуда, қолаби муайяни воҳиди фразеологиро ба вуҷуд меорад. Маҳз мавҷудияти унсури ёридиҳанда дар ВФТ боиси аз байн рафтани ҳама гуна алоқаи тобеъ дар онҳо мегардад. «Воҳидҳои фразеологӣ аз ду ва зиёда калимаҳои оддии забони тоҷикӣ, ки ба ҳам ба тариқи ноҷунбон пайваст шудаанд, ба вуҷуд омадаанд. Онҳо дар қолаби синтаксисии таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озод ба вуҷуд омада бошанд ҳам, аз онҳо фарқ мекунанд. Дар байни калимаҳои таркиби воҳидҳои фразеологӣ робитаи синтаксисӣ дида намешавад ва маънои яклухти онҳо аз ҷамъулҷамъи калимаҳои таркибиашон бармеояд» [1,100-104]. Метавон тахмин намуд, ки иштироки адоти ташбеҳ ба яклухтмаъноии ифода сабаб гашта, онро як андоза қолабӣ ва рехта мегардонад. Ин фарзияро дар маводи зайл ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст: **мисли одами роҳгумзада** «бесаранҷомона, саргардон», **чун барги гул** «нозукона», **хар барин кор фармудан** «бераҳмона, ҷабр карда»;

Назокат чанд ҳафта боз **мисли одами роҳгумзада** хиҷилу сархам мегашт, худро аз ҳама канор мегирифт (А. Самад, Паррончакҳо, 94). Духтар қоғази дасташро лӯлапеч карда, мепечонду лабони **чун барги гул** нафису нозуки ӯ пир-пир мепариданд (Ю. Акобиров, Дунё ба умед, 217). Ӯзбеку тоҷик мардуми бесавод, нодон, ба сари ҳокимият, ки баромаданд, онҳоро **хар барин кор мефармоему** халос (Р. Ҷалил, Шӯроб, 22).

Бояд қайд намуд, ки ба қатори ВФТ-и забонамон ҳамон ифодаҳое дохил мешаванд, ки кайҳо боз устувории ҷузъҳои таркибиашон таъмин карда шуда, мавриди истеъмоли умум қарор гирифтаанд. Устувории ҷузъҳои дохилии воҳиди фразеологӣ яке аз нишонаҳои асосии онҳо маҳсуб ёфта, ҳар яке аз онҳо задаи мустақил дошта, миёни онҳо оҳанги ист (пауза) мавҷуд аст, ки дар натиҷа оҳанги махсуси ифода таъмин мегардад [3,45-46]. Ҳар қадар ки ҷойи ҷузъҳо устувор бошад, маъно ҳамон қадар рехта аст. Яъне адиб метавонад мавриди ифодаи образ ташбеҳи дилхоҳ созад, вале на ҳамаи онҳо ҳамчун ВФТ қобили қабуланд. Вобаста ба ин, дар забонамон анбӯҳи зиёди ташбеҳҳои одиро дарёфт кардан мумкин аст, ки ба талаботҳои забонии ВФТ ҷавобгӯ нестанд. Маъноияшон низ маънои фразеологӣ нест.

Аз қабили, **мисли як порасанги аз кӯҳ афтода**, **хасҳои хушки оташрасида барин, мисли емхалтаи асп** ва ғайра;

Мисли як порасанги аз кӯҳ афтода, санге, ки қираҳояшро буридаю шикастаю тарошида суфта кардан даркор (Б. Абдураҳмон, Биҳишти фиребо, 18). Шубони шабу рӯз бехобӣ кашида ва аз аҳлу аёл дур ва ҳамчун Абдулҳамид ба меҳнат фидоӣ, **хасҳои хушки оташрасида барин** як вағғид, асои гурмдори чӯпониро сахттар фишурд (Сорбон, Кадевар, 32). Сонӣ он мард ҳам, ки **мисли емхалтаи асп** риши ғулии бадвоҳима дошт ва зоҳиран як шахси дағал менамуд, ба сӯи Бадриддинхӯҷа як нигоҳи дӯстона партофт (Ю. Акобиров, Дунё ба умед, 293).

Дар бештари ВФТ-и забонамон дар заминаи маънои фразеологии ташбеҳӣ боз тобишҳои маъноии зиёд, аз қабили киноя, нафрат, бадбинӣ, шодӣ, қаноатмандӣ, ғаму андӯҳ ва ғайра ниҳон аст. Албатта, онҳо хусусияти матнӣ доранд, вале дар мавриди муайян метавонанд маънои воҳиди фразеологиро аз ҷиҳати эҳсосот ва рангубори бадеӣ мукаммал гардонанд. Маҳз ҳамин тобишҳои маъноӣ характери баҳодиҳиро дар воҳиди фразеологӣ қувват мебахшанд. Ҳар яке аз онҳо бо маънои яклухти ифода тавъам гардида, дар маҷмӯъ маънои фразеологиро ба вуҷуд меоранд. Чунончи, **сагҳои бӯйгир барин** «дақиққорона», **монанди товуси ҷаннат хиромидан** «нозукона, диққатҷалбкунанда», **гадо барин тамаъкор** «талбандаворона», **мисли шамъ об шудан** «ҷонкоҳона, оҳиста-оҳиста»;

Мефаҳмӣ, вай бо хешу таборҳояш, бо милисаҳо ва аскарҳо хона ба хона ҳама ҷойро **сагҳои бӯйгир барин** кофта гаштааст (К. Мирзоев, Дар орзуи падар, 220). - Рафторашро бинед, - гуфт, - **монанди товуси ҷаннат мехиромад** (С. Айнӣ, Ғуломон, 88). - Ин лаънатӣ суфӣ, - гуфт дар ҷавоб вай, - **гадо барин тамаъкору** саг барин суллоб (Р.Ҷалил, Одамони ҷовид, 81). Фирӯза ба ҷои ошу нон ғам мехӯрад, **мисли шамъ об шуда истодааст** (Ҷ. Икромӣ, Духтари оташ, 421).

Ҳамин тариқ, ВФТ бо маънои дар заминаашон хобида аз дигар навъҳои фразеологизмҳои забони тоҷикӣ фарқ мекунанд. Системаи маънои фразеологӣ дар онҳо дар асоси ташбеҳ ва муқоиса шакл гирифта, ба ҷамъи маъноҳои ҷузъҳои дохилӣ баробар аст. Дар баробари ин ҳар як ВФТ боз дар худ тобишҳои маъноии зиёдеро меғунҷонад, ки ба таъсирбахшу пуробуранг гаштани ифода сабаб мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Зоғакова Г. Нишонаҳои муҳимтарини воҳидҳои фразеологӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши «Филология», қисми 1). – Душанбе, 2011. – С. 100-104.
2. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка. – Дубна: Феникс, 2005. – 488 с.
3. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
4. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1982. – 104 с.
5. Шанский Н. М. Фразеология современного русского языка. – М.: Высшая школа, 1985. – 160 с.
6. Эгамбердиев Р. Маънои фразеологӣ. // Труды Самаркандского гос. ун-та им. А. Навои. – Новая серия. – Вып. 325. – Самарканд, 1972. – С. 186-191.

СЕМАНТИКА В КОМПАРАТИВНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦАХ

Компаративные фразеологические единицы по своей сути и значимости отличаются от других видов фразеологизмов в таджикском языке. Система фразеологических значений в данной группе фразеологических единиц образована на основе сравнения и уподобления и в совокупности выражается значением составных компонентов. Наряду с этим каждая разновидность компаративных фразеологических единиц воплощают неповторимость значений и в контексте сыграют важную роль действенности и выразительности слова.

Ключевые слова: фразеологические единицы, компаратив, фразеологическая семантика, компаративные фразеологические единицы, внутренняя форма.

SEMANTICS IN COMPARATIVE PHRASEOLOGICAL UNITS

The comparative phraseology with this meaning, which lay in their base, different from other phraseological unites of Tajik language. The system of phraseology can be compared, it equals to all the structural meanings of it. In one side, all of these comparative phraseological unites have different meaning, which is affective for the expressing of the phraseological unite.

Key words: phraseological units, comparative, phraseological semantics, stability of structure and meaning, comparative phraseological units

Сведение об авторе: ***Дустов Х.Дж.*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета. Телефон: **904-41-84-80**

ВАЛЕНТНОСТЬ ГЛАГОЛОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

З.К. Холикова
Таджикский национальный университет

Языковеды позаимствовали у химиков термин – «валентность» (от *лат.*valentia – сила). Первым это понятие в лингвистику ввел С.Д. Кацнельсон (1948).

Валентность слова – это способность слова присоединять к себе зависимые слова в определенных формах; без этих зависимых слов употребление главного слова неполно. Например, у глагола *дает* 3 валентности; это значит, что, используя этот глагол, мы обязательно должны заполнить при нем 3 места: кто, что, кому – *Учитель дает книгу ученику.* У глагола *лежит* 2 валентности: кто (что) и где – *Книга лежит на столе (в шкафу)*. В русском языке валентности выражаются существительными в каком-либо падеже с предлогом или без предлога. В тех же языках, где существительные не изменяются по падежам, шире используются служебные слова и большее значение имеет порядок слов. Так, по-русски мы можем сказать *Ученику учитель дает книгу* или *Ученику книгу дает учитель.* Ситуация здесь обозначена одна и та же. В таджикском языке порядок следования слов, выражающих валентности, строго определен. *Муаллим ба хонанда китоб медиҳад*. Или другой вариант – *Китобро муаллим ба хонанда медиҳад*.

Валентности присущи не только глаголам, но и другим частям речи. Валентности могут быть у прилагательных: *интересный* (кому), *необходимый* (кому, для чего), *достойный* (чего). Валентностями могут обладать и существительные. Прежде всего, валентности, как правило, сохраняются у существительных, образованных от глагола: ***Нина*** *приехала в* ***Москву*** *—>Приезд* ***Нины в Москву.*** Кроме того, валентности обязательны и для некоторых других групп существительных.

Особого внимания все же заслуживают валентности глагола, и мы остановимся на них подробнее. Слова, которые заполняют валентности глагола, называют актантами. Этот термин принадлежит французскому лингвисту Люсьену Теньеру. Л.Теньер первым высказал представления, наиболее распространенные сейчас в современной лингвистике. В центре предложения – действие, обозначаемое обычно глаголом. От него прямо или косвенно зависят все остальные члены предложения. В непосредственной зависимости от глагола находятся актанты и сирконстанты. Актанты (дословно «действователи») соответствуют подлежащему и дополнениям в традиционной грамматике, сирконстанты – обстоятельствам. Например, в предложении *Вечером Татьяна встретила Аню.* – слова *Татьяна* и *Аню* – актанты, *вечером* – сирконстант. Актанты заполняют две валентности глагола *встретить,* сирконстант *вечером* не заполняет никакой валентности: выражение этого смысла не является обязательным при данном глаголе.

Основное отличие концепции Л.Теньера от традиционной грамматики в том, что в традиционной грамматике выделяются два главных члена предложения – подлежащее и сказуемое, а Теньер считает главным только обозначение действия. Подлежащее же относится к глагольным актантам наряду с дополнениями, т.е. и подлежащее, и дополнение являются в равной мере участниками действия. Сравним предложения: *Я слышу шум* и *Мне слышится шум, Я люблю народные танцы* и *Мне нравятся народные танцы.* В близких по смыслу предложениях русского языка подлежащее и дополнение как бы меняются местами. Обращаясь же к переводам русских предложений на другие языки, мы очень часто будем сталкиваться с тем, что подлежащее в русском языке будет передаваться дополнением в другом языке, и наоборот. Скажем, предложение *Мне нравятся народные танцы* мы скорее всего переведем на таджикский язык как – *Ба ман рақси мардумӣ бисёр маъқул (писанд) аст.*

Не зная валентности слова, нельзя правильно его употребить. Поэтому информация о валентностях очень важна при изучении языка, она обязательно должна присутствовать в хорошем словаре.

Валентности, о которых мы до сих пор говорили, называются синтаксическими, им соответствуют определенные формы выражения, т.е. синтаксические актанты. Помимо синтаксических, в современной лингвистике выделяются и семантические валентности, т.е. те глубинные, смысловые роли, которые имеются в каждой ситуации. О таких глубинных ролях впервые заговорил американский лингвист Чарльз Филлмор. Семантическая валентность – это свойство глагола присоединять к себе какой-либо семантический актант. Среди семантических актантов выделяются субъект *(**Зафар** читает),* объект *(читать **книгу**),* адресат *(подарить **другу**),* инструмент *(резать **ножом**)* и др. Семантические валентности не изменяются при изменении формы главного слова, если ситуация остается прежней. Рассмотрим три примера в обоих языках:

(1) *студент решил задачу – донишҷӯ масъаларо ҳал кард*

(2) *студентом решена задача – аз ҷониби донишҷӯ масъала ҳал карда шуд*

(3) *Решение студентом задачи* - ҳал шудани масъала аз ҷониби донишҷӯ

В русском языке во всех трех случаях описывается одна и та же ситуация. У главного слова *решил (решена, решение)* две семантические валентности: субъектная и объектная. Но выражаются они по-разному, т.е. синтаксические валентности будут разные: в активной конструкции (1) субъект в предложении является подлежащим, имеет форму именительного падежа, а объект является прямым дополнением, выражается формой винительного падежа. В пассивной конструкции (2) субъект выражен формой творительного падежа, а объект становится подлежащим. При отглагольном существительном со значением действия (3) субъект в творительном падеже, а объект – в родительном. Интересно, что, если при отглагольном существительном выражена лишь одна семантическая валентность (либо субъект, либо объект), мы используем форму родительного падежа: *ответ **студента*** (субъект), *проверка **сочинения*** (объект). Из-за этого может возникнуть неоднозначность: *преследование тигра (тигр преследует* или *тигра преследуют), критика писателя (писатель критикует* или *писателя критикуют)*. Но в таджикском языке картина несколько иная, более сложная. Падежные отношения выражаются предложными конструкциями в силу аналитичности таджикского языка: Аз хониби – предлог АЗ + Имя сущ. +Субъект+Объект.

Соотношение семантических и синтаксических валентностей называется моделью управления. Понятие модели управления предложено Ю.Д.Апресяном. В стандартном случае каждой семантической валентности соответствует определенная форма выражения, т.е. синтаксическая валентность. Так, для (уже упоминавшегося) глагола *дать* модель управления может выглядеть следующим образом:

Дать

Субъект	Объект	Адресат	семантические валентности
именит. падеж (подлежащее)	винит. падеж (прямое доп.)	дательн. падеж (косвенное доп.)	синтаксические валентности

Подобных случаев взаимно-однозначного соответствия семантических и синтаксических валентностей в русском языке достаточно, но немало и других, представляющих собой более сложное соответствие. Обратимся к некоторым из них.

Антон подшутил над братом. Лампа висит над столом.

На первый взгляд, синтаксические валентности глаголов *подшутить* и *висеть* могут показаться одинаковыми, но если присмотреться, мы увидим разницу: подшутить можно только **над кем-нибудь,** а висеть что-либо может и в чем-либо, и на чем-либо, и под чем-либо и т.п. Значит, и их модели управления будут выглядеть по-разному.

Подшутить

Субъект	Объект
именительный падеж	*над* + творительный падеж

Висеть

Субъект	Объект
именительный падеж	Формы со значением места: *в* + предложный падеж; *на* + предложный падеж; *под* + творительный падеж; *над* + творительный падеж; *у* + родительный падеж

Глаголы со значением прибытия (*приехать, прилететь, войти, положить, поставить* и многие другие) имеют валентность конечной точки действия, а глаголы со значением удаления *(уйти, улететь, выйти, убрать, снять)* – валентность исходной точки действия. Здесь дело обстоит так же, как и с глаголами месторасположения. Глаголы требуют обязательного указания на конечную или исходную точку, но формы могут быть различны: поставить коробку (куда?) – *на шкаф, в шкаф, за шкаф, под шкаф, у шкафа…*

Многие глаголы имеют валентность не на предмет, как в трех примерах, которые мы разбирали, а на целую ситуацию, например: *настаивать* ***на чем-либо*** *(на поездке в деревню), обрадоваться* ***чему-либо*** *(приходу друга), убеждать* ***в чем-либо*** *(в том, что надо поступить в университет).* Как правило, такие валентности имеют несколько способов выражения. Рассмотрим их на примере глагола *надеяться*. Здесь две семантические валентности: субъект и объект-ситуация. Вторая валентность выражается формой ***на* + винительный падеж,** при этом в форме винительного падежа выступает не существительное с конкретным значением, а обозначение ситуации. Это может быть отглагольное существительное: *Мой брат надеется на поступление в университет.* Может быть придаточное предложение: *Мой брат надеется на то, что (он) поступит в университет.* В случае придаточного предложения можно опустить предлог с указательным местоимением: *Мой брат надеется, что поступит в университет*. В русском языке может использоваться и инфинитив: *Мой брат надеется поступить в университет*.

Итак, если у глагола есть валентность на ситуацию, способов выразить ее гораздо больше, чем в случае с предметной валентностью. Даже когда мы используем, на первый взгляд, предметное обозначение: *Мой брат надеется на друга,* – по всей видимости, и здесь имеется в виду какая-то ситуация, которая должна быть ясна из контекста: мой брат надеется на какие-то действия друга, например, на то, что друг поможет или сделает то, что обещал.

Таким образом, мы видели, что одна и та же семантическая валентность может иметь различные способы выражения, то есть ей могут соответствовать разные синтаксические валентности. Область явлений, связанных с валентностями, весьма обширна и интересна. И еще далеко не все в этой области подробно исследовано лингвистами. Так что перед исследователями, заинтересовавшимися этой темой, открывается широкий простор для будущей научной деятельности.

ЛИТЕРАТУРА

1. Апресян Ю.Д. Теоретические проблемы русского синтаксиса: Взаимодействие грамматики и словаря. /Ю.Д. Апресян. – М, 2010: Языки славянских культур, -201 с.
2. Кацнельсон С.Д. О грамматической семантике //Общее и типологическое языкознание/ С.Д. Кацнельнельсон. - Л., 1986. - С. 145-152.
3. Теньер Л. Основы структурного синтаксиса/ Л. Теньер. - М.: Прогресс, 1988. – 656 с.
4. Фильмор Ч. Грамматика конструкций / Ч. Фильмор.- М.: Русский язык, 1984. – 486 с.
5. Русско-таджикский словарь. Под редакцией академика М.С. Асими. - Москва. Русский язык, 1985.- 1280 с.

ВАЛЕНТНОСТЬ ГЛАГОЛОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается валентность глаголов в русском и таджикском языках. Также анализируется соотношение семантических и синтаксических валентностей глаголов. Автор статьи отмечает, что в информация о валентностях очень важна при изучении языка, она обязательно должна присутствовать в хорошем словаре. Подчеркивается, что непосредственной зависимости от глагола находятся актанты и сирконстанты.

Ключевые слова: Валентность, глагол, русский язык, таджикский язык, лингвистика, актант, сирконстант, анализ, семантика,

VALENCY OF VERBS IN RUSSIAN AND TADJIK LANGUAGES

This article discusses the valence of verbs in Russian and Tajik languages. Also analyzed the ratio of semantic and syntactic valences of verbs. The author notes that the information about the valences is very important in learning a language, it must be present in a good dictionary. Stresses that directly depend on the verb are actants and sirkonstanty.

Key words: Valence, verb, Russian, Tajik language, linguistics, actant sirkonstant analysis, semantics

Сведения об авторе: ***Холикова З.К.*** - доцент кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 93 574 12 01**, email. **Zyhra_2012@mail.ru**

ПЕРЕВОД РУССКИХ РЕАЛИЙ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

Л.В.Ашмарина
Таджикский национальный университет

Особенности языка, обусловленные спецификой обслуживаемой им культуры, отчетливее всего проявляются на лексическом уровне, поскольку номинативные средства языка прямо связаны с неязыковой действительностью. В лексическом составе любого языка выделяется так называемая безэквивалентная лексика, в основном – это обозначения предметов и явлений, характерных для данной культуры и отсутствующих в культуре народа – носителя сопоставляемого языка.

Начиная с пятидесятых годов прошлого века, русская безэквивалентная лексика исследуется в сопоставлении с лексикой различных генетически отдаленно и близкородственных языков: английского, немецкого, французского, казахского и др. Безэквивалентные слова и словосочетания становятся предметом сопоставительного и типологического языкознания, психолингвистов, социологов, теоретиков перевода и лингвострановедов.

Однако, несмотря на достаточное количество работ, касающихся данной проблемы, она не изучена полностью. Единичны исследования, которые рассматривают безэквивалентную лексику в плане сопоставительной типологии. К числу неразработанных вопросов сопоставительной типологии относятся вопросы, связанные с проблемами семантизации и перевода безэквивалентной лексики.

Целью нашей статьи является описание реалий русского языка на материале художественных текстов, а также способов их передачи на таджикский язык.В статье осуществлен сопоставительный анализ с учетом значений элементов и способов их передачи на таджикский язык.

Материалом исследования послужили произведения М.Ю Лермонтова, А.П.Чехова и И.А.Бунина и их переводы на таджикский язык.

За исходное в исследовании было принято определение реалий, предложенное С.Влаховым и С. Флориным: реалии – «это слова, называющие объекты, характерные для жизни (быта, культуры, социального и исторического развития) одного народа и чуждые другому».

Можно утверждать, что реалии являются основным разрядом безэквивалентной лексики, поскольку именно они, не имея как формального, языкового эквивалента, так и реального, предметного являются абсолютно безэквивалентными, и именно в них наиболее ярко выражены национально-специфические особенности русского языка.

Существует несколько способов перевода реалий: 1) транскрипция; 2) перевод; замена реалий, 3)приблизительный перевод, 4)контекстуальный перевод.

В двуязычном словаре перевод русских реалий может сопровождаться толкованием, ср.:

Коробейник – уст. майдасавдогар, майдафуреш, чорбозоргард (бозочие, ки деҳ ба деҳ пиёда гашта газвору чарчинвориҳо мефурӯхт) – «мелкий торговец, ходящий из села в село и продающий ткани и галантерею».

Но есть случаи, когда перевод реалий в словаре неточный:

Калач – кулча, окрошка – обдеu, терем – болохона.

При переводе реалии калач – «кулча» теряется представление о форме хлеба, которая в этом слове особенно значима – «высокий, круглый хлеб».

Интересна внутренняя форма словосочетания самбӯсаи хандон «расстегай». Если перевести дословно с таджикского языка это словосочетание, то получится «смеющийся пирожок».

Наиболее частотной группой является группа бытовых реалий . Данная группа включает 7 подгрупп.

При сопоставлении художественных параллельных текстов русского и таджикского языков установлено, что основными способами перевода безэквивалентной лексики являются приблизительный перевод и транскрипция.

Например, реалию ставень переводчик передает словом чорчуба («рама, рамка») или словом тиреза, применяя прием генерализации: ставнем стукнет (с.14) – Barte ки тирезаро бо ангушт мезаданд… (с.13).

Здесь произошла замена безличной конструкции в русском тексте («ставнем стукнет») неопределенно-личным предложением в переводе (ср. …тирезаро бо ангушт мезаданд).

Переводя реалию, стаканчик функциональным аналогом пиёла и, заменяя одну реалию другой, переводчик не стремился к сохранению бытового колорита подлинника: Между тем чай поспел, я вытащил из чемодана два походных стаканчика, налил и поставил перед ним. – Дар миён чой ҳам ҷушид, ман аз хомадон ду пиёлаи сафарӣ бароварда, чой рехтам ва якеро пеши ӯ ниҳодам.

В группу бытовых реалий включаются подгруппы наименований пищи, национальных блюд; названия одежды; слова обозначающие жильё, посуду; средства передвижения, национальные меры, денежные единицы и т.д.

Перевод лексем исходного языка(ИЯ) повозка, воз, телега, тарантас и бричка лексемой ароба, т.е. при включении в текст перевода лексемы, приблизительно отражающей сущность реалии, возможны случаи, когда несколько реалий переводится одним словом.

Например: когда приезжие пошли к повозке… (с.133) – вақте ки ба тарафи аробаашон рафтанд… (с.341); Но вот, слава богу, навстречу едет воз со снопами (с.436) – Хайрият, аз пеш ароба меояд. Пури алаф. Я починил телеги (с.577) – Араба{ои вайронаро соз мекардам… (с.368).

Трансформация контекстов может включать в себя и нулевой перевод, т.е. пропуск реалии.

Вышли на крыльцо (с.230) – Ба берун баромаданд (с.60).

Переводчик не смог перевести и никак не проанализировал реалию бурсак (см. бурсак – воспитанник бурсы. Бурса – общежитие для учащихся духовных учебных заведений в начале 19 вв.) заменив её более общего значения – «хавонмард» (молодой чевловек) …конюхи бурсака бьют (с.228) …саисҳо он хавонмардро мезаданд (с.57).

Помимо приблизительного перевода и неверного перевода встречаются калькированные реалии: тайный советник - мушовири махфӣ; титулярный советник – рутбаи мушовири (дарахадор); действительный статский советник – мушовири хатиги корҳои граждани.

Несколько бытовых реалий, встретившихся в рассказах А.П.Чехова, мы отнесли к примерам освоения реалий. Это самовар – самовор, стакан-истакон и др.

Около самовара наш разговор, слава богу, меняется (с.81) – Дар назди самовор худоро шукур, ки се{бати мо ранги дигар мегирад. (с.286).

В повести И.А.Бунина «Деревня», как отмечали критики, много бытописи, она даже чересчур густа. «Густоту бытописи» создают многочисленные национально-специфические реалии повести, играющие важную роль в изображении быта, национальной культуры.

Нами установлены и классифицированы различные группы и подгруппы реалий по признаку принадлежности к той или иной сфере материального быта, духовной жизни и т.п.

Передача реалий русского дореволюционного быта в переводе повести «Деревня», выполненном Шамси Собиром, в основном осуществляется через приблизительный перевод (93 примера).

Например, реалия валенки передана как «музаи намадин», т.е. «войлочные сапоги». При этом во внутренней форме слова семантический компонент способ изготовления «путем валяния» заменен «материалом» (войлочные-из войлока).

После приблизительного перевода наиболее частотным способом передачи русских реалий в переводе повести является транскрипция (4) пример: печка-печка, мещане-мещане, помещик-помещик, уезд-уезд.

Иногда при транскрибировании реалия утрачивает свою коннотативную окраску.

Посторонитесь–ка, господа купцы, позвольте самоварчик взять…. (с.141) – Ро{ диҳед ханобони тохир: ман самоварро бигирам (с.95).

Изучение русских реалий на материале произведений М.Ю.Лермонтова, А.П.Чехова и И.А.Бунина позволило уточнить некоторые особенности передачи реалий в словаре и в художественном тексте. В большинстве своем эти лексические единицы относятся к общеупотребительным элементам лексики русского языка.

Большинство анализируемых в работе реалий являются элементами активного словаря русского языка Х1Х в., относятся к пассивному словарному запасу современного русского языка.

Бояд ёдовар шуд, ки феълҳои забони фаронсавӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд. Дар шакли сиғаи амрӣ феълҳои гурӯҳи I дар шахси дуюми танҳо бо бандакҷонишини *–e*, гурӯҳи II бо бандакҷонишини – *is* ва дар шахси дуюми ҷамъ ҳар ду гурӯҳ бо бандакҷонишини *–ez* ба охир мерасанд. Гурӯҳи III феълҳои нодурустро дар бар мегирад. Шакли сиғаи амрии ин феълҳо дар шахси дуюми танҳо бандакҷонишинҳои – *s* (lis! fais!) ва – *x* (veux ! peux !)) ва дар шахси дуюми ҷамъ бо – *ez* (*laissez*), – *es* (*dites*) мегиранд.

Сиғаи амрӣ яке аз воситаҳои хеле маъмули ифодаи хабарҳои ҷумлаи яктаркибаи муайяншахси амрӣ мебошад, чунки ин сиға танҳо шакли шахси дуюми танҳо ва ҷамъ дорад. Ҷумлаҳое, ки хабарашон бо сиғаи амрӣ ифода меёбанд, аксар яктаркиба мешаванд. Одатан, мубтадо зикр намеёбад, вале аз бандакҳои феълӣ иҷрокунандаи амрро ба осонӣ нишон додан мумкин аст. Дар ин гуна ҷумлаҳо мақсади асосии гӯянда ба воситаи хабар ва таркиби он ифода мегардад .

Дар забони фаронсавӣ ҳам сиғаи амрӣ яке аз воситаҳои хеле маъмули ифодаи хабарҳои ҷумлаи яктаркибаи муайяншахси амрӣ мебошад, ғайр аз шакли шахси дуюми танҳо ва ҷамъ сиғаи амрӣ инчунин шакли шахси якуми ҷамъро дорост:

– Allons, *finissons – en* [2].

–*Soyons* justes, Maillard, les jeux étaient faits [II. 2].

Хоҳиш ё фармон ҳангоми дар охири ҷумла илова шудани феъли vouloir дар шакли саволӣ услубан нарм мешаванд:

- *Passons* à table, *voulez – vous* ? [II. 2].

- *Sortons, veux – tu ?* L'air le fera du bien... [II. 2].

- *Sonne, veux – tu* ? dit Antoine [II. 2].

Вале ҳамин феъл матавонад дар ифодаи талаби қатъӣ ё фармон хизмат кунад:

– *Veux – tu* bien te taire ! [II. 2].

Чунон ки дар ин мисол мебинем, феъли vouloir дар шахси дуюми танҳо (*veux – tu*) бо масдари феъли дигар истифода шуда талаби қатъиро (Даматро мегирӣ ё не!) ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахс ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони фаронсавӣ навъи маъмули ҷумлаҳои содаи яктаркиба би ҳисоб мераванд. Агарчи дар онҳо иҷрокунандаи амал зикр намеёбад, вале онро аз рӯйи

бандакҷонишинҳои феълӣ ба осонӣ муайян кардан мумкин аст. Дар ифодаи амр чунин намуди ҷумлаҳо серистеъмол буда, бештар дар муколама ба назар мерасанд.

АДАБИЁТ

I. Илмӣ

1. Абдураҳмонова М. Ҷумлаи амрӣ дар забони адабии тоҷикӣ. Душанбе: 2010. – 144с.
2. Гак В. Г. Теоретическая грамматика французского языка//Мофология. – М.: Высшая школа, 1979. - 304с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. – Душанбе: Маориф, 1995. – 342с.
4. Илия Л.И. Синтаксис современного французского языка. М., 1962. – 384с.
5. Мирзоев А. Мавқеи нидо дар адабиёти бадеӣ// Масъалаҳои забоншиносӣ. Душанбе: Дониш, 1983.
6. Норматов М. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии хозираи тоҷик. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 184с.
7. Норматов М., Рашидов Ш. Омӯзиши ҷумлаҳои содаи яктаркиба. – Душанбе: Маориф, 1988. – 152с.

II. Мавод

1. Айнӣ С. Марги судхӯр. – Душанбе: Адиб, 2010. – 220с.
2. Aīni S. La mort de l'usurier. Traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot. Paris, 1957.
3. Aymé M. La tête des autres . Grasset, P., 1952.

ВЫРАЖЕНИЕ ПОБУЖДЕНИЯ В ОДНОСОСТАВНЫХ ИМЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЯХ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И СПОСОБЫ ЕГО ПЕРЕДАЧИ ВО ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье рассмотрены выражения побуждения в односоставном определённо-личном предложении таджикского языка и способы их передачи во французском языке, на основании произведения С. Айни «Смерть ростовщика». Автор анализирует возможности и ограничения применения выражения побуждения на примере произведения С. Айни «Смерть ростовщика» и их передачи на французском языке.

Ключевые слова: выражение, побуждение, таджикский язык.

EXPRESSION OF IMPULSES IN THE SIMPLE CLAUSE SENTENCES IN THE TAJIK LANGUAGE AND THE WAYS OF ITS TRANSMISSION IN THE FRENCH LANGUAGE

In this article the author considers the expression of impulses in the simple clause sentences in the Tajik language and the ways of its transmission in the French language.

The author analyzes the opportunities and restrictions of submission the expression encouraging the example works with. Ayni "death of Uncle and their transfer in French. Inducement.

Key words: expression, impulses, tajik language.

Сведение об авторе: ***Д.Махмудов*** -ассистент кафедры иностранных языков ТНУ. Телефон: **93 448 84 39.**

ҶАМЪИ ШИКАСТАИ ЗАБОНИ АРАБӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР МАТБУОТИ ИМРӮЗАИ ТОҶИК

И.Қурбонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони ҳар як қавму миллат дар баробари дигар рукнҳои давлатдорӣ ҳамчун рукни асосӣ ва рамзи пойдории соҳибони он ба шумор меравад. Ҳамин аст, ки равшанфикрони ҳар як миллат дар ҳама давру замонҳо барои поку беолоиш нигоҳ доштани забони модарии хеш ҷаҳду талош намуда, кӯшиш ба харҷ медоданд, то ки калимаҳои бегона дар забони модариашон омехта ва истифода карда нашаванд[1.1].

Аз ҷумла сардафтари адабиёти классикии тоҷик устод А. Рудакӣ ва ҳаким А. Фирдавсӣ эҷодиёти гаронбаҳои худро, ки аз асри 10 то ба имрӯз ба мо ба мерос мондааст, бо забони ноби форисии тоҷикӣ навиштаанд, ки имрӯз ҳам барои ҳар як шаҳрванди тоҷик аз хурд то бузургаш фаҳмо мебошад.

Таърихи гузаштаи миллати тоҷик ва таърихи бисёре аз миллатҳои дигар борҳо собит менамоянд, ки дар натиҷаи ҷангҳо, ғасб гардидани як кишвар аз тарафи кишварҳои дигар ва ё зери таъсири фарҳангу дини дигар кишварҳо мондан, забон, маданият ва фарҳанги миллати худро бо забонҳои дигар махлут намуда, ҳатто забон ва фарҳанги худро аз даст додаанд.

Миллати тоҷик дар тулии мавҷудияти чандинҳазорсолаи хеш бо таъсир ва фишорҳои кишварҳои абарқудрати замон шаклҳои гуногуни хатҳоро иваз намуда бошад ҳам, забонашро аз даст надодааст.

Гарчанде соҳибони забон дар замони зуҳур ва паҳн гардидани дини ислом зери таъсири хилофати арабҳо монда бошад ҳам худи забон то як давра хилофати арабҳоро соҳибӣ кардааст. Зеро, ки дар замони ҳукмронии халифаҳои араб вазирии хилофатро хонадони Бармакиён ба ӯҳда доштанд ва онро бо забони форсӣ –тоҷикӣ идора мекарданд. Вале арабҳо давра ба давра тарзи идораи давлат тартибу низоми нигоҳдории онро аз миллати форсу тоҷик омӯхта, сипас доираи истифодаи забони форсӣ –тоҷикиро дар тамоми хилофаташон танг карда дар баробари тарғиби дин дигар миллатҳо хусусан форсизабононро маҷбур сохтанд, ки забони арабиро омӯхта ва бо ин забон асарҳо эҷод кунад. Ҳамзамон қисме аз олимони форсзабон низ барои ҳарчӣ тезтар машҳур гаштан ва соҳиби молу зиндагии хуб гардидан, ихтиёран бо забони арабӣ асар эҷод карданашон аз эҳтимол дур нест.

Зеро дар замони Шуравӣ низ айнан ҳамин тарзи кор сурат гирифта буд. Ҳатто сиёсати давр ончунон таъсир карда буд, ки баъзе аз олимони тоҷик тамоми эҷодиёташонро бо забони русӣ навишта, як асар он тараф истад, мақолаеро ҳам дар матбуоти замони худ бо забони тоҷикӣ нанавиштаанд. Чунки 80%-и забони матбуот ва адабиёти тоҷик дар замони ҳукумати Шуравӣ зери таъсири ғоя ва забони русӣ монда буд.

Чунончӣ забоншинос Сайфиддин Назарзода дар мақолаи хеш бо номи «Забони модарӣ ва матбуот» [2.6]. оиди ду санади меъёрӣ –«**Установкаи терминалогияи забони тоҷикӣ»** (1936) ва Фармони №1 коммисариати халқии маорифи Ҷумҳуриии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ» (1939), ки аз ҷониби ҳукумати давр қабул шуда буд, зикр намуда, ин ду санадро фишори махсуси сиёсӣ дар сатҳи давлатӣ аз болои меъёрҳои забони тоҷикӣ ва забони матбуотӣ он давра шуморидааст.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки таҳягарони ин ду санад аз ҷониби ҳукумати давр ба айби он, ки калимаҳои хусусияти миллӣ-тоҷикӣ доштаро истифода бурдан дар санадҳои мазкур ба ҳабси абадӣ маҳкум гардидаанд. Барои намуна якчанд аз вожаҳои онро, ки бо таври сунъӣ сохта шудаанд ба монанди вожаи иштирокиюн ба маънои «коммунист», моддият- «материализм», сарнишин-«пассажир», худҷуш - «самовар», ҷаҳонгирӣ - «империализм», донишкада - «институт», донишгоҳ-«унвериститет», донишҷӯ - «студент» сарборӣ - «нагрузка», пешоҳанг-«пионер», кимиё - «химия» ва чандин калимаҳои дигар оварда шудааст. (Матни комили **«Установкаи терминалогияи забони тоҷикӣ»** дар шумораи №2 соли 2010 маҷ. «Забоншиносӣ», ки баъди се шумора **чопи минбаъдаи** он ҳам ба таъхир афтодааст, чоп шудааст).

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло қайд гардида гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки чӣ дар замони хилофати арабҳо ва чӣ дар замони Ҳукумати Шуравӣ забони форсӣ –тоҷикӣ зери фишор ва таъсири бениҳояти вазнин қарор гирифта, шакли хат, фарҳанг, раванди адабиёт, дин, идҳо ва баъе аз урфу одатҳои мардумӣ низ манъ дигаргун карда шудаанд.

Бо вуҷуди ин ҳама фишорҳо бузургони миллати мо агар барои тоза нигоҳ доштани забон, фарҳанг, адабиёт ва давлати миллии хеш асрҳои аср мубориза ва ҷонфидоӣ карда бошанд, аммо дар замон истиқлол дар баробари ба вуҷуд омадани рӯзномаҳо, ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳо ва пахш гардидани шабакаҳои радиёиву телевизонӣ, инчунин шабакаҳои интернетӣ, дар умум ҳамаи воситаҳои ахбори омма, ки яке аз асоситарин таранумкунандагон ва муҳофизаткунандагони забони ноби тоҷикӣ ба ҳисоб мераванд, мутассифона ин рисолати худро дар чунин замони оромӣ, озодӣ ва соҳибистиқлолӣ пурра ба анҷом намерасонанд.

Чунончӣ вақтҳои охир бисёр ба мушоҳида мерасад, ки дар рӯзномаҳо ва ҳафтаномаҳои даврӣ инчунин шабакаҳои радиоиву телевизонӣ рӯзноманигорон ва барандагон бештар аз калимаҳои арабӣ истифода менамоянд, ки онҳоро на танҳо мардум, балки аксарияти омӯзгорону олимони кишварамон низ дар фаҳмидани онҳо

душворӣ мекашанд. Ин падидаро дар китобҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳуриамон метавон низ зикр кард. Зеро аксари омӯзгорони мактабҳои миёна аз нафаҳмидани истифодаи калимаҳои арабӣ, ки дар китобҳои дарсӣ оварда шудаанд, шикоят мекунанд.

Барои қувват бахшидани гуфтаҳои дар боло қайд гардида дар зер қисме аз калимаҳои иқтибосии арабиро, ки дар шакли танҳо ва ҷамъи шикастаи (таксир) забони арабӣ дар матбуоти имрӯзаи тоҷик васеъ истифода карда мешаванд, бо ҷумлаҳои мушаххас аз рӯзнома, ҳафтанома ва шабакаҳои интернетии ҶТ, ки ВАО-и Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, шарҳу тавзеҳ медиҳем [1.2].

Бар асоси ин санад, тартиби таҳсилоти динии шаҳрвандони Тоҷикистон дар мамолики хориҷӣ аз тарафи давлат муайян карда мешавад.

Бахши аъзами ин афрод аз роҳҳои мухталиф дубора ба донишгоҳҳо ва мадориси динии кишварҳои хориҷӣ рафтаанд.

Ӯ за қавли Э. Раҳмон гуфт, ки дар бархе аз манотиқи Тоҷикистон теъдоди масҷидҳо дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтааи исломӣ ду баробар зиёд аст.

Ба мардум аз ҳаво не, балки дар заминаи арқому далоили илмию назариявии қотеъона ва дар амал санҷидашуда маълумоту ахбори муфассал бояд пешниҳод кард. Вале ҳоло ин афкори як нафаресту халос, -мегуяд ҳамсуҳбати мо.

Мавзӯи мазкур ба сари худ нав нест ва солиёни дароз мавриди баҳсу муҳокимаронихои зиёди ашқори мухталифи ҷомеа қарор гирифтааст.

Иқтисодшиноси маҳаллӣ аз ноҳияи Рӯдақӣ Аъзам Раҷабов дар ин андеша аст, ки ҷавонони замони муосир аз насли даврони Шӯравӣ, хусусан, авохири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90 –ум тафовути бузурге доранд[2.6]. Мардуми Афғонистон, ки аз ақвому милали мухталиф таркиб ёфтааст, новобаста аз он қи, дар ин кишвар солҳои тулонӣ силоҳ ҳукумат меронад ва оромиву субот вуҷуд надорад, ба ҳеҷ ваҷҳ намегузорад, ки ҳақ ва ҳуқуқи ӯро касеву гурӯҳе поймол кунад ва нодида бигирад[2.6].

Ҳамчунин дар ин авохир Баҳриддин Мӯъминов, сокини ноҳияи Восеъ барои ширкат ва Давлат Чолов, бародари қумандони маъруфи даврони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон барои ҷалби ҷавонон ба ҷангҳои Сурия боздошт шуда буданд.

Ин гуна алфози қабеҳро, ки феълан аз такрораш худдорӣ мекунам ва ин гуна айбдоркуниро дар тулии таърих ёд надорам…. . Ислом дар ин мавзӯъ аҳкоми катъӣ дорад. Инсонҳоро бо роҳи фаҳмонидани зиёни ин сифатҳо аз иртикоби онҳо бояд нигоҳ дошт[2.8]. Ҳанӯз аҷдодони (бобоён-гузаштагон) мо меъёри ҳаёту фаъолиятро дар давраҳои худ муайян намуданд, ки ин маҷмӯъ силсилаи қонунҳоест, ки ҳаду ҳудуди (марз, доира) фаъолиятро мушаххас муайян менамояд[2.9]. Ман ҳамчун қаламкаши ҷавон кӯшиш менамоям, ки баҳри бедор намудани худшиносӣ ва ҳувияти миллии наврасон маводу матолиби (модда –мавод; матлаб- матолиб;) беғаразу ҳадафнок омода созам[2.10]. Умуман чопи маҷмуъаи «Тавофи ватан» иқдоми хубест дар дастрас гардониии намунаҳои ашъори Абдурауфи Фитрат ба хонанда, хоса ҷавонон, объекти таҳқиқ барои пажӯҳишгарон ва ҷустуҷӯву ҷамъоварии ашъори боқимондаи шоир. Аммо вақти он расидааст, ки натанҳо сари маҷмуъаи шеърҳо , балки паси масъалаи мураттаб ва чопи тамоми осори Фитрат ба шакли куллиёт биандешем[2.4]. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоили (масъалаҳои) экологӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода, сиёсати экологии он ба тамоми зуҳуроти муосири ҷаҳони экологӣ мутобиқ мебошад. [2.5]. Бино ба иттилоъи дафтари матбуоти Вазорати хориҷаи Тоҷикистон, қарор аст, оқои Аслов бо Сергей Лавров, ҳамтои руси худ дидор ва масоили марбут ба равобити дуҷониба, ҳамкориҳо дар чорчӯби созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва амнияти минтақаро баррасӣ кунад.

Сарчашма - bbc.co.uk/tajik/news. Баҳсҳое, ки бинобар норозигии тарафайн, яъне нашрия ва объекти танқидшаванда ба миён меоянд ва аз тариқи судҳо ҳаллу фасл

карда мешаванд, маънои монеа эҷодкунии ҳукуматро надорад. Ин як таҷрибаи оддиест, ки дар тамоми давлатҳои демократӣ роиҷ мебошад.”

Сарчашма – Озодагон. Ёвари президенти Тоҷикистон оид ба масоили амнияти миллӣ Шералӣ Хайруллоев имрӯз дар шаҳри Исфара бо аҳолии деҳаи Хоҷаи Аъло ва ҷамоати Ворухи ҳаммарз бо Қирғизистон мулоқот кард.

Сарчашма - news.tj. Тоқон Маметов, муовини аввали нахуствазири Қирғизистон рӯзи 11 март гуфтааст, сокинони навоҳии вилояти Бодканд, ҳаммарзи вилояти Суғд аз мақомоти кишварашон хостаанд, гузаргоҳҳои марзӣ бо Тоҷикистонро боз кунанд.

“Як гурӯҳи тоҷирони қирғиз аз мо хоҳиш доранд, то гузаргоҳҳои марзиро боз кунем, чун онҳо аз бонкҳо қарз гирифтаанду бояд миқдори муайяни ангишту маҳсулоти кишоварзӣ ва масолеҳи сохтмониро ба Тоҷикистон интиқол диҳанд.”- афзудааст, Маметов.

Инчунин муовини аввали нахуствазири Қирғизистон мегӯяд, гӯиё қирғизтаборони муқими Тоҷикистон низ расман ба таври хаттӣ кушодани гузаргоҳҳои марзиро аз онҳо хостор шудаанд, то фарзандонашон дубора таҳсили худ дар макотиби миёнаи вилояти Ӯшро аз сар гиранд.

Манобеи Озодӣ дар ҳукумати Тоҷикистон мегуфтанд, музокироти тарҳи ин созишнома байни Душанбеву Пекин чандин муддат дар як шароити хеле махфӣ идома дошт, то Ӯзбекистон чун ҳамеша монеъи имзои он нашавад.

Бо вуҷуди манофеъи иқтисодии тарҳи мазкур барои Тоҷикистон, мушкили норасоии гази табиӣ дар кишвар боқӣ мемонад, зеро бар асоси қарордод, Тоҷикистон аз лӯла газ нахоҳад гирифт.

Эълони оғози сохтмони шохаи лӯлаи газ дар ҳолест, ки Тоҷикистон баъди қатъи воридоти газ аз Ӯзбекистон, ба захираҳои дохилӣ рӯ оварду дар пайи манобеъи дигари сӯхт шуд.

Бархе аз сокинон навоҳии тобеи марказ мегӯянд, чанд рӯз аст, ки нерӯи баркро бо реҷаи хеле маҳдуд мегиранд. “То моҳи март субҳ аз соати 5:00 то 8:00 ва шабона аз соати 17:30 то 21:00 нерӯи барқ мегирифтем, ҳоло субҳ аз 6:00 то 8:00 ва шабона аз 18:00 ва аз ин ҳам дертар то 21:00 барқ медиҳанд”,-гуфт як нафар дар суҳбати телефонӣ, ки худро Бахтиёр муаррифӣ кард.

Ӯ бо Зайд Саидов, соҳибкори шинохтаи тоҷик, ки соли гузашта боздошт ва ба 26 соли зиндон маҳкум шуд, равобити хеле наздик дошт ва аз ҷумла идораи умури корхонаи "Гулистон"-ро дар солҳои охир ба Саидов супурда буд.

Сарчашма – Озодӣ. Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон аз боздошти як шаҳрванди Афғонистон ба занни қочоқи маводди мухаддир дар ҷануби ин кишвар хабар додааст.

Сарчашма - bbc.co.uk/tajik/news. Урмат Саралаев дар авоили моҳи март ба Душанбе баргашт, вале марзи Тоҷикистону Қирғизистон ҳамчунон баста боқӣ мемонад ва гоҳе дар ин нуқтаву гоҳе дар дигар нуқтаи марзи Исфараву Бодканд ҳар сари чанд вақт муноқишае нав сар мезанад, ки ҳар дафъа боиси таҷаммӯъи сокинон аз ду тарафи марз ва бастани роҳи Оқсой аз тарафи тоҷикҳо ва роҳи Ворух аз сӯи қирғизҳо мешавад.

Сарчашма-Озодӣ. Сайти «Рӯзгор» яке аз аввалин торномаҳои мустақили Тоҷикистон аст, ки бо усули чандрасонаӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет матолиби хешро ба нашр мерасонад.

Баъзе аз шуарои гузашта калимаи рӯзгорро ба маънои олам ва шуғлу пеша низ истифода кардаанд.

Дар маҳофили кишвар баъзан ба бозгашти устод Бозор Собир тобиши сиёсӣ ҳам доданд [2.6]. Пас аз эъломи натоиҷи аввалия, масъулони Комиссияи мустақили интихоботи Афғонистон тамоми овозҳои додаи мардумро баррасӣ карда, дар сурате, ки як номзади президентӣ битавонад 50+1 дар сади райъи мардумро биорад, вайро пирӯзи интихобот ва раиси чумҳури мунтахаби мардум эълон мекунад.

Вале дар афкори шайтонӣ ва хандаовари ҷудоии Калисо аз Давлатро талқин мекунанд, ки баробар ба ҷудосозии сар аз бадан аст.

Нависанда ҳамаи ҷамоҳири бавуҷудомада баъди пошхӯрии СССР-ро ғайри қонунӣ медонад…

Русия дар ин амвоҷи бегонагон ғарқа мегардад. Одами рус дар ватани худ бегона мешавад [2.5].

Вобаста ба мавзӯи мазкур дар байни забоншиносони тоҷик аз давраи устод С. Айнӣ баҳсҳои гуногун вуҷуд дошт ва ин баҳс то ҳоло ҳам идома дошта, ба як мақсади муайян низ сари ин мазӯъ наомадаанд. Як қисм аз забонишиносон такя ба гуфтаҳои устод С. Айнӣ карда, истифодаи ҷамъи шикастаи забони арабиро дар адабиёт ва воситаҳои ахбори омма (мардум) норавою нодуруст хонда, таъкид месозанд, ки истифодаи ҷамъи мазкур ва дигар калимаҳои душворфаҳми забони арабӣ дар ҳафтаномаҳо, радио ва телевизиону интернет боиси нофаҳмо гардидани хонандагон, гӯшкунандагон ва тамошобинон мегардад.

Аммо гурӯҳи дигари забоншиносон таъкид месозанд, ки истифодаи ҷамъи таксири забони арабӣ дар адабиёти тоҷик тули ҳазорсолаҳо вуҷуд дошт ва ҳатто истифодаи он забон ва адабиёти тоҷикро бойю ғанӣ гардонидааст. Ҳатто забоншиносони мазкур қайд мекунанд, ки нофаҳмо будани калимаҳои мазкур ин як раванди маъмулӣ буда, хоси як гурӯҳ ва ё насли замони Шӯравӣ буда, дар солҳои наздик он аз байн хоҳад рафт.

Ҳамзамон онҳо илова менамоянд, ки миллати тоҷик дар давоми мавҷудияти хеш дар зери таъсири абарқудратҳо борҳо хатти хешро иваз карда, аммо забони худро гум накардааст. Онҳо инчунин иброз медоранд, ки истифодаи ҷамъи такири арабӣ аз як тараф гуфтори забони моро зебою ғанӣ гардонида, аз тарафи дигар барои фаҳмидани осори гузаштагонамон, ки дар давоми 1100 сол асарҳои ҷаҳонгир ва оламшумул эҷод кардаанд, мусоидат мекунад.

Дар зер калимаҳои арабиаслро, ки дар солҳои гуногуни таърихӣ ба забон ва адабиёти мо ворид гардида, дар айни замон шакли танҳои онҳо дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо серистеъмол буда, истифодаи ҷамъи шикастаи онҳо дар матбуот ва адабиёти тоҷик боиси норизоӣ ва нофаҳмо гардидани хонандагонро ба миён овардааст, пешниҳод менамоем.

Чуночи калимаҳои: Хабар-ахбор; Тараф- атроф; Васф- авсоф; Шакл-ашкол; Ҷисм –аҷсом; Руҳ-авроҳ; Тифл-атфол; Ҳол-аҳвол; Исм-асмо; Сифат-авсоф; Явм -айём; Шоб-шубоб; Сирр-асрор; Ноҳия- навоҳӣ; Мактаб-макотиб; Мадраса- мадорис; Китоб-кутуб; Олим- уламо; Вақт-авқот; Фикр-афкор; Натиҷа-натоиҷ; Ҷарида –ҷароид; Сабаб-асбоб; Ҷад-аҷдод; Валад-авлод; Илм-улум; Куфр-куффор; Дин-адён; Ҷаҳд-ҷиҳод; Фард-афрод; Шахс-ашхос; Ҳукм-аҳком; Ҳодиса-ҳаводис; Қишр – ашқор; Нодир- наводир; Фан-фунун; Олат-олот; Давот-адавот давр –адвор; Масҷид-масоҷид; Мақсад- мақосид; Ҳақ-ҳукуқ; Савт-асвот; Вазъ-авзоъ; Амр-умур; Масъала-масоил; Талаб-матолиб; Мушкил-машокил; Шеър –ашъор; Мариз-амроз; Дор-диёр; Мавҷ –амвоҷ; Ҷумҳур- ҷамоҳир.

АДАБИЁТ

1. Ализода С. С. Сарфу наҳви тоҷикӣ. Душанбе, Маориф ва фарҳанг 2010. 186 с.
2. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб.–Ҷилди 2.–Забоншиносӣ.–Душанбе: Ирфон, 1980.–С. 176-287.

МАВОД:

1. Фараж, №15 (384) 09.04.14с.).
2. Самак, №33 аз14. 08. 13с.).
3. Минбари Ҳукуқшинос, №1 (8) 19.03.2014с.)
4. Ба қуллаҳои дониш, №4 (1351) 22.02.14с.).
5. Нигоҳ, №3 (385) 09.04.2014с.).
6. Рӯзгор, №01(001) 05.07.2013с).
7. Сарчашма-Озодӣ.
8. Сарчашма - bbc.co.uk/tajik/news.
9. Сарчашма - news.tj.

10. Сарчашма - bbc.co.uk/tajik/news

ЛОМАННОЕ МНОЖЕСТВЕННОЕ ЧИСЛО АРАБСКОГО ЯЗЫКА И ЕГО ПРИМЕНЕНИЕ В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПЕЧАТИ

В статье рассмотрено ломанное множественного число арабского языка и его применение в современной таджикской печати. Автор рассматривает и анализирует применение ломанного множественного числа арабского языка на примере газетных статей.

Ключевые слова: рассмотрено, ломанное множественное число арабского языка, значительные проблемы в лингвистике, современная таджикская печать, материал, иностранная пресса, газетные статьи.

THE SLOPING PLURAL OF THE ARABIC LANGUAGE AND ITS APPLICATION IN MODERN TAJIK PRESS

The article considers the influence of sloping plural of the Arabic language and its application in modern Tajik media. The author examines and analyzes the use of sloping plural of the Arabic language on the example of newspaper articles.

Key words: plural of the Arabic language, significant problems in Linguistics, modern Tajik press material, the foreign press, newspaper articles.

Сведения об авторе: ***Курбонов И.***- ассистент кафедры иностранных языков ТНУ**.** Телефон: **987 46 54 55.**

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ МАВОДИ ПУБЛИСИСТӢ

Б. Наврузшоев
Донишгоҳи милли Тоҷикистон

Матбуот аслиҳаи тавонои муборизаи идеологии ҷамъият ба шумор меравад. Забони софу беғубор, суфтаву равон, буррову оташин ва рӯҳияи шӯрангезу инқилобии вай мардумро ба амалиёти фаъол, муборизаи оташнопазир ҳидоят мекунад. Услуби публистика тақозо мекунад, ки матлаб кушоду равшан, бо суханони маъмул баён карда шавад. Ба тарзи фаврӣ расондани иттилооти гуногун рӯзнома имконияти ҳақиқӣ дорад, ки ба доираи васеӣ хонандагон, ба нутқи ҳаррӯзаи онҳо таъсир расонда, махсусиятҳои онро инъикос намояд[1.1].

Дар ин бахш мо дар бораи роҳ ва усулҳои тарҷумаи маводи публисистиро аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, дар асоси маводи матбуоти муосири тоҷик маълумот медиҳем. Инкишофи босуръати илму техника ва ногузирии табодули афкор боиси афзоиши ҳаҷми нисбии тарҷумаи илмию техникӣ, вусъатёбии нақши тарҷумаи иттилоотӣ гардиданд.

Дар натиҷаи ин тағйирот дар ҳаёти байналхалқӣ нақши тарҷума ва тарҷумонҳо дар ҳама соҳаҳо: сиёсат, иқтисодиёт, илм, техника, фарҳанг, адабиёти бадеӣ ва амсоли инҳо афзуд. Ҳоло ҳамарӯза маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои зиёде дар як вақт ба чанд забон интишор мегарданд.

Матнҳои ҷамъиятии сиёсӣ ҷиҳатҳои хос доранд. Дар онҳо вожаҳои сиёсӣ, реалияҳои хусусияти ҷамъиятӣ дошта, фразаҳои стереотипӣ ва калкаҳои бегона зиёд мушоҳида мешаванд. Дар баъзе нашрияҳо калима ва ибораҳои сохта ва ё таҳтуллафзӣ тарҷумакардаи худи муаллифон истифода мешаванд.

Дар чунин ҳолатҳо тарҷумон кӯшиш мекунад, ки онҳоро бо раванди ҷамъиятӣ баргардонад, чунки онҳо хусусияти ҷамъиятию сиёсӣ доранд. Барои ин ба тарҷумон лозим меояд, ки ба услуби аслии он тағйирот ворид кунад, яъне дар тарҷума аз услуби публисистӣ истифода барад [1.24].

Аз ин ҷо зарур аст, ки хабар дар рӯзнома бо кӯтоҳбаёнӣ, оҷилӣ мухтасар ифода намудани маъно хонандаро муассир гардонад. Муҳтавои навиштаҳо бояд ба хонанда фаҳмо бошанд ва тайёрии пешакиро талаб нанамоянд.

Маводҳои публисистӣ метавонанд ба мақолаҳои илмӣ ва ё матнҳои бадеӣ монанд бошанд ва ба худ як қатор махсусиятҳо дорад: тарзи навишт, сарлавҳаҳо бояд диққати хонандаро аз дур ба худ ҷалб намояд[1.24].

Барои фаъолияти амалии тарҷумон аз ҳама асосӣ хусусиятҳои зерини матбуоти англисӣ ба шумор мераванд:

• хусусияти гуфтӯгӯйи - бетакаллуфона доштани баъзе мавод;

• «рангубордиҳӣ» услуби истифодаи жаргонизмҳо, суханҳои шарҳу эзоҳёфта (перифраз) и т.п.

• расмияти унвонҳо ва муроҷиат;

• хусусиятҳои хоси сарлавҳаҳои рӯзнома;

• усулҳои махсуси ҷудо намудани сарсатрҳо;

• хусусиятҳои луғавии маводи иттилоотӣ;

• истифодаи саҳеҳи вожаҳо;

Дар маводи иттилоотии матбуоти англисӣ ва амрикоӣ истифодаи ибораҳои хусусияти гуфтӯгӯйидошта бештар ба назар мерасанд, ҳатто дар матнҳои ҷиддӣ.

Мисол, рӯзномаи англисии «Daily Worker» аз 10 ноябри 1962 дар дар бораи вазири дифоӣ Бонӣ Штраус дар ҷаласаи бундестаг, чунин менависад:

One admission by Herr Strauss was accidental. Pressed into a corner about whether it wasn't time to have a new de-nazification in his Ministry? He ran round the question. Instead of answering he took the line of "you're another", that other West German Ministers and the police had still more ex-Nazis in them then his own Ministry[2.1].

Дар забони матбуоти англисӣ ва амрикоӣ, ҳатто дар матнҳои иттилоотӣ тахаллус ва ному насаби кӯтоҳкардашудаи мансабдорони давлатӣ ба назар мерасанд: Tricky Dicky (Никсон), peanut president (Картер), Teddy (Теодор Рузвельт).

Хонандаи хориҷӣ алакай бо ин навъ беаҳамиятии хабарнигорон одат кардаанд.

Агар, ин махсусиятро дар матни тарҷума нигоҳ дорем, қувваи таъсири он ба хонандаи матни тарҷумашуда дар муқоиса бо матни асл фарқкунанда аст, бо мафҳуми тарҷумаи комил номувофиқ аст. Барои ҳамин ному насаби кӯтоҳкардашударо бояд пурра ифода кунем, тахаллусро бо тафсираш овардан лозим ва ё тамоман истифода набурдан беҳтар аст.

Махсусияти дигари жанри мазкур он аст, ки муаллифони англису амрикоӣ доимо кӯшиш мекунанд хабари беобу рангро бо истифода аз жаргонҳо алоҳида, суханҳои шарҳу эзоҳ ёфта (перифраз) рангу бор диҳанд. Аз ин чунин бармеояд, ки дар тарҷума нигоҳ доштани маъноҳои услубии жанр ба забони тоҷикӣ мушкил аст:

In another "Let's get cracking" Note, the Soviet Union today proposed next Thursday the starting date as for Ambassador's Talks in Moscow to prepare a summit conference.(Daily Worker, London, April 1958) [2.1].

Дар баробари тобиши гуфтӯгӯйи - бетакаллуфона доштани бисёри маводҳо, баъзе тамоюлҳои бевоситаи мухталифро қайд намудан мумкин аст.

Дар маводҳои иттилоотиву тавсифӣ рӯзномаҳои англисиву амрикоӣ нишон додани унвонҳои ходимони сиёсӣ қабул шудааст.

Агар номи ходими сиёсӣ бе унвон зикр шуда бошад, пеш аз он ҳамавақт шакли кӯтоҳшудаи Mr. (Mister) - ҷаноб ё Mrs. (Mistress)- хонум истифода бурда мешавад.

Mr. Yanukovych is missing, stripped of his office by a parliamentary vote.

Russia's Vladimir Putin promises to work with Merkel and keep crisis-hit country 'intact' [2.3].

Ukraine that wants to integrate more closely with Europe. This need not be mutually exclusive," Ms. Rice said.

Mr. Putin has previously been one of the missing Ukrainian president Viktor Yanukovych's staunchest allies, but he pledged in a phone call with Germany's chancellor Angela Merkel that the country must be allowed to appoint a new, functional government [2.3].

She also has a good rapport with Putin, so he would obviously prefer having her as a working-partner to consult with in solving the Ukraine crisis [2.3].

Ҳамаи ин унвонҳо дар матнҳои англисии мавод танҳо маънои зоҳирӣ доранд, бинобар ин, онҳо аз матни тарҷума партофта мешаванд. Бо истиснои матнҳои

махсусан расмӣ, ки дар онҳо вожаҳои Mr. ва Mrs. ҷаноб ва хонум баргардонда мешаванд, на бо калимаҳои мистер ё мисис.

Хусусияти пахши якҷояи иттилоот, имконияти хонандаро дар интихоби мавзӯи дилхоҳ аз рӯзномаҳо осон мегардонад.

Сарлавҳа дар матни хабар мавқеи хос дорад. Дар забони матбуот истифодаи сарлавҳаи аз панҷ калима иборат буда, маъмул аст. Калимаи ифодакунандаи маънои асосии матни додашуда дар аввали сарлавҳа гузошта мешавад.

Мисол, *Defense Secretary Travels To Shipyard to View Cold War Submarine's Destruction.*

Ҳамин тариқ, хонанда аз рӯйи сарлавҳа доир ба хабарҳои асосии рӯз маълумоти умумӣ гирифта, танҳо ҷойҳои асосии матнро мехонад. Ба даст овардани қобилияти дарк кардан ва фавран тарҷума намудани сарлавҳои матбуоти англисиву амрикоӣ, махсусан, дар тарҷумаи шифоҳии маводи матбуот, аз рӯйи варақ ва дар баёни хулоса барои тарҷумон аҳамияти асосӣ дорад.

Дар ҳолати мушкил будани сарлавҳа тарҷумони хаттӣ имконият дорад бо матни хабар шинос шавад, тарҷумони шифоҳӣ бошад, ин имкониятро надорад. Барои тарҷумони шифоҳӣ баргардонидани матни иттилоотӣ аз тарҷумаи сарлавҳаи он шурӯъ мешавад, дар ҳолати баёни хулоса ҳолат мушкилтар мешавад, чунки ӯ аз сарлавҳаи матн бояд муайян намояд, ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст.

NATO = North Atlantic Treaty Organization etc.

What's wrong with Scotland choosing independence - why abuse power and authority to blackmail them into staying part of the UK?

The parallels are by no means exact, as Assad's enemies claim them to be when they suggest that he and Yanukovych are "blood brothers".

But the real question for Syria is this: will Putin be able to support Yanukovych if US and EU pressure continues to build? [2.3].

Former director of public prosecutions Lord Macdonald, who was involved with Mr Yazdi's case, told the BBC he had requested a meeting with Home Secretary Theresa May and stressed the danger the businessman was not granted an appointment [2.2].

Қисми зиёди ихтисораҳои англисиву амрикоӣ муодили тоҷикии худро доранд, ки дар тарҷумаи сарлавҳа бояд истифода бурда шаванд. Дар ҳолати мавҷуд набудани муодили тоҷикии он тарҷумон бояд тарҷумаи таҳтуллафзии онро истифода барад. Мисол, NLRB = national Labor Relations Board. Инчунин тарҷумон ҳуқуқ дорад тарҷумаи пурраи онҳоро бе ихтисора истифода намояд. Тарҷумон бояд дар хотир дошта бошад, ки баъзе ихтисораҳо ду ва зиёда маъниҳоро ифода мекунад.

Мисол: OAS = Organization of American States Ташкилоти давлатҳои амрикоӣ ТДА ё Ташкилоти террористии ултра франсузҳо ТТУФ.

Дар чунин мавридҳо тарҷумон беҳтараш аз фарҳанги ихтисораҳо фоида барад. Дар тамоми луғатҳо саҳифаи ихтисораҳои серистеъмоли аҳамияти байналмилалӣ дошта мавҷуда аст. Ҳатто луғати махсуси ихтисораҳо бо номи Webster's International Dictionary, вуҷуддошта, низ на ҳама вақт ба кумаки тарҷумон мерасад.

Аз ин, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

- тарҷумаи маводи матбуот аз тарҷумаи дигар мавод фарқ мекунад, аммо мувозинати таркиби луғативӣ пурра дида намешавад;
- тарҷумаи маводи иттилоотӣ бо истифода аз сохтори наҳвӣ дар тарҷума, дар муқоисаи аз сохтори аслии матн фарқ мекунад, ки дар таъмини маъниҳои сохторҳои навҳӣ дар тарҷума кумак мерасонад;
- муродифот дар тарҷумаи мақолаҳои ҷамъиятӣ - сиёсӣ бештар ва дар тарҷумаи луғавиёти гуфтугӯӣ нисбатан камтар истифода мешаванд.

Барои бештар ба даст овардани меёри муродифот тарҷумон бояд:

- ✓ агар матни англисии мақола дар сабки иттило-тасвирӣ бошад, матни тарҷума низ дорои ҳаммаи нишонаҳои боло бошад, инчунин ба забони тарҷумашаванда мувофиқ бошад;

✓ дар тарҷума унвонҳо инъикос намеёбанд, ба истиснои матнҳои расмӣ;

✓ пеш аз тарҷумаи сарлавҳа, бояд ба муҳтавоӣ матн ва ё мақолаи асл бохабар шуда, аз маънии он номи сарлавҳаро тарҷума кунад;

✓ тарҷумон дар назар дошта бошад, ки дар забони матбуоти англисӣ дар баробари калимаҳои хушобуранги китобӣ, ибораҳои пурэҳсосу баландтабъ ва хусусияти гуфтугӯ дошта, серистеъмоланд;

✓ тарҷумон бояд бо реалияҳои забони матни асл шинос бошад.

АДАБИЁТ

1. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад. – Душанбе: Ирфон, 2005.– 400 с.
2. Oxford Russian-English, English – Russian Dictionary. – New York. Oxford University Press, 2000. – 1293 p.
3. Information Programs, U.S. Department of State. http://usinfo.state. Gov.

МАВОД:

1. Daily Worker. 10. 11. 2012.
2. The Independent. 24.02.2014.
3. Ukraine News. 23.03. 2014.

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕКСТОВ

Настоящая статья посвящена одной из значительных проблем в лингвистике; специфике перевода информационных текстов. Автор, в данной статье выделяет возможные альтернативные способы перевода информационных текстов. Кроме того, исследуются методы использования официальных титулов в иностранных документах. В своем резюме автор рекомендует некоторые наиболее эффективные способы перевода информационных статей.

Ключевые слова: посвящена, значительных проблем в лингвистике, специфике перевода информационных текстов, материал, иностранной прессы, эффективные способы.

SPECIAL FEATURES OF TRANSFORMING INFORMATION TEXTS

The Present article devotes to one significant problem in linguistics special features of translating information editions. The author also noted the reasonable, possible alternative ways of translating information texts. Also, he researches the methods of using official titles in foreign papers. At result he noted some useful way of translating information articles.

Key words: devotes to, significant problem in linguistics, special features of interpreting information texts, materials, foreign newspapers, useful way.

Сведения об авторе: ***Б. Х. Наврузшоев*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков факультета журналистики ТНУ. Телефон: **(92) 935283399.** E-mai: **bakhakhush@mail.ru**

ТАКМИЛИ ЗАБОН ВА УСЛУБИ НИГОРИШИ МУТЕУЛЛО НАҶМИДДИНОВ ДАР ҶАРАЁНИ ТАҲРИРИ МАТНИ ОЧЕРКУ ҚИССАҲО

Шодиев Баҳодур
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як шоиру нависанда дар ҷараёни эҷоди бадеӣ зина ба зина маҳорат ва малака ҳосил менамояд ва дар ҳар як марҳилаи фаъолияти эҷодӣ онҳо қатъитар, ботаҷрибатар мегарданд. Ин аст, ки М. Наҷмиддинов низ очерку қиссаҳои таълифкардаашро ҷиддӣ таҳрир менамуд. Баъзан аз як тарзи ифода даст мекашиду дигарашро кор мефармуд. Аз як нашр то нашри дигар офаридаҳояшро такмил медод. Дар эҷодиёти нависанда очерк ва ё қиссаеро дучор гардидан душвор аст, ки аз як нашр ба нашри дигар бетағйир гузошта шуда бошад. Бештари ин тағйироту дигаргуниҳо барои содаю мӯҷаз гардидани ибораю ҷумлаҳо ва саҳеҳ ифода кардани фикр аст. Мо кӯшиш кардем, ки дар тадқиқоти илмӣ тағйироти унсурҳои луғавӣ, ғалат ё бемавқеъ кор фармудани калимаҳо, тағйирот дар воҳидҳои фразеологӣ, таркибҳои ҷуфт, тағйирот дар истифодаи санъатҳои суханро дар очерку қиссаҳои нависанда аз нашри аввал то охир ба таври қиёс мавриди таҳлил қарор диҳем. Дар ин маърӯза танҳо дар хусуси тағйиротҳо дар воҳидҳои фразеологӣ дар ҷараёни таҳрири матни очерку қиссаҳо сухан меравад.

Тағйирот дар воҳидҳои фразеологӣ. Аз таҳлилу баррасии нашрҳои гуногуни очерку қиссаҳо маълум гардид, ки М. Наҷмиддинов дар ҳар як нашр тағйирот даровардааст. Воҳидҳои фразеологии нашрҳои гуногуни очерку қиссаҳои нависандаро ба чанд гурӯҳ ҷудо намудем:

1. **Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар нашрҳои аввал.** Қисме аз воҳидҳои фразеологӣ ҳангоми таҳриру такмили матнҳо аз ҷониби нависанда партофта ва ё бо воҳиди озод иваз карда шудаанд. Бояд зикр намуд, ки ҳангоми истифода нашудани воҳидҳои фразеологӣ дар нашрҳои минбаъда маъно халалдор нагардидааст. Чунончи:

Акаам *ба сарам об рехт*, қалин гирифта, мана ба ин *мардак фурӯхту* бо ҳамон қалин *ба писараш зан дод*, –гуфт ***аз тақдираш нолида*** (Ш., 12, 32).

–Акаам *ба сарам об рехт*, қалин гирифта, ба ин *мардак дод*у бар ивази қалини ман *писараш зан гирифт* (Ш., 13, 223).

Акаам *ба сарам об рехт*. Қалин гирифта, ба ин *мардак дод*у ба ивази қалини ман *ба писараш зан кард* (Ш.,14, 297).

Воҳиди фразеологии *аз тақдир нолидан* ба маънои *аз зиндагӣ норизо будан, аз касе шикоят кардан* омадааст. Нависанда дар нашрҳои минбаъда гарчанде ки ин воҳиди фразеологиро партофта бошад ҳам, маъно ба пуррагӣ ифода ёфтааст, аммо бо воҳиди фразеологӣ мақсади гӯянда равшантар ифода мегардид.

Инчунин дар матнҳои боло баъзе нуқсонҳои ҷумлабандӣ мушоҳида мегардад. Дар нашри аввал ифодаи *ба ин мардак фурӯхт*, дар нашри дувум, сеюм бо ифодаи *ба ин мардак дод* иваз гардидааст. Инчунин дар нашри дувум ифодаи *зан гирифтан* дар нашри сеюм бо ифодаи*ба писараш зан кард* иваз шудааст, ки маъно то андозае халалдор гардидааст. Бояд, ки матлаб дар шакли *зан гирифта дод* ифода мегардид.

Воҳиди фразеологии ***дил додан*** дар шеваи шимол маънои *тасаллӣ додан, рӯҳбаланд намудан*ро ифода мекунад. Воҳиди фразеологӣ тобиши нави маъноӣ гирифтааст. Аслан ба маънои боло воҳиди фразеогии ***дили касеро бардоштан*** ва ё таркиби феълӣ ***дилбардорӣ кардан*** дар байни мардум маъмул аст.

Аммо нависанда дар нашри минбаъда воҳиди фразеологиро ихтисор кардааст:

–Ҳар рӯз се-чор тухмро нимпаз карда, ба рӯйи пахта гирифта ба пояшон бандед, регро тасфонда бандед, варамаш гардад, дуруст шуда меравад,–***дил додам*** (Ш., 12, 153).

–Ҳар рӯз се-чор тухмро нимпаз карда, ба рӯйи пахта гирифта ба пояшон бандед, регро тасфонда бандед, варамаш гардад, дуруст шуда меравад (Ш., 13, 252).

Воҳиди фразеологии ***ба обу арақ ғӯтидан*** ба маънои *меҳнат кардан, заҳмат кашидан* омадааст. М. Наҷмиддинов ҳақиқати воқеии воҳиди фразеологиро дар нашри дувум бо тасвири бадеӣ иваз кардааст:

Муқим то овардани харбузаҳо ***ба обу арақ ғӯтида буд*** (П.ш., 8, 77).

Аз ҳар тори мӯяш, аз пешонааш арақ мешорид (П.ш., 9, 541).

Воҳиди фразеологии ***ғӯш ба карӣ андохтан*** ба маънои *нисбат ба сухани касе худро ба нофаҳмӣ задан, ба сухани касе эътибор надодан* омадааст:

…«туро ҳам қатӣ мепаронданд, нағз буд, акнун ба ту зӯри Бозор -гурба ҳам намерасад», гӯён ба кори худ овора мешуд ва ***ғӯш ба карӣ меандохт*** (П.ш., 8, 29).

«*Бо ин забон ва бо ин феълу атвор барои чӣ* туро ҳам қатӣ *напаронда будаанд?* Акнун ба ту зӯри Бозор-гурба ҳам намерасад» –***ба гапҳои занак эътибор надода,*** *машғули кори худ мешуд* (П.ш., 9, 449).

Дар нашри дувум нависанда воҳиди фразеологиро ихтисор намуда, мақсади худро бо воҳиди озод наҳвӣ ифода намудааст, ки нисбат ба воҳиди фразеологӣ маъно дар он равшантар ифода гардидааст.

Воҳиди фразеологии ***аз хурсандӣ ба шиондан ҷой наёфтан*** ба маънои *аз ҳад зиёд шод шудан, хушҳол гардидан* омадааст. Воҳиди фразеологӣ дар нашри аввал бо шумораи ҷамъ ва дар нашри дувум бо шумораи танҳо омадааст. Инчунин дар нашри аввал ифода номукаммал аст, онро муаллиф дар нашри дувум пурра кардааст:

«Аз *деҳа* кайҳо боз ҳеҷ кас наомада буд, хайрият, ки шумо омадед», –гуфта чӯпонҳо хурсандӣ мекарданд ва ***ба шинондан ҷой намеёфтанд*** (П.ш., 8, 64).

«Аз *мардуми қишлоқ* кайҳо боз *ягон* кас *меҳмон шуда* наомада буд, *хуб кори нағз кардед» –мегуфт амаки қирғиз* ва ***аз хурсандиаш намедонист, ки онҳоро ба куҷо шинонад*** (П.ш., 9, 516).

2. **Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар таҳриру такмили нашрҳои минбаъда.** Дар ҳар як нашри очерку қиссаҳо нависанда кӯшидааст, ки фикр, мақсад ва матлаб барҷаставу равшан ва образнок ифода гардад, аз ин рӯ дар нашрҳои минбаъда аз воҳидҳои фразеологӣ фаровон истифода кардааст:

Воҳиди фразеологии ***бо шамшер дарав кардан*** *–дар фурсати кӯтоҳ ба анҷом расондани амалеро* бо обуранги ҳиссии манфӣ ифода мекунад:

Агар ин *душманҳо душманҳои* синфӣ мебуданд, бо онҳо мубориза бурдани Бободӯстов осон буд. Аз як сар ё мепарронд, ё ***бо шамшер сар мебурид*** (Д.м., 2, 15).

Агар ин душманҳои синфӣ мебуданд, бо онҳо мубориза бурдани Бободӯстов осон буд. Аз як сар ё мепарронд, ё ***бо шамшер дарав мекард*** (Д.м., 3, 15).

Дар нашри аввал калимаи душман ду маротиба паси ҳам бемавқеъ кор фармуда шудааст ва ин нуқсон дар нашри дувум аз ҷониби муаллиф ислоҳ гардидааст. Воҳиди озоди ***бо шамшер*** *сар буридан* ва ифодаи маҷозии ***бо шамшер*** *дарав кардан* дар натиҷаи иваз кардани ифодаи *сар буридан* бо *дарав кардан* маъно нармтар ифода гардидааст. Воҳиди фразеологии *бо шамшер дарав кардан* дар нашри дувум киноя аз *бераҳмона куштан* аст.

Дар нашри аввал мақсад номукаммал аст, онро муаллиф дар нашри дувум бо воҳиди фразеологӣ хеле барҷаста ифода намудааст.

Воҳиди фразеологии ***ҷилави касеро кашидан*** ба маънои *касеро аз коре боздоштан, адаби касеро додан* омадааст:

Аз афти кор, вақте расидааст, ки *душманони табиат ба таври ҷиддӣ маҳкум карда шаванд* (О.об., 4, 0).

Аз афти кор, вақти *он* расидааст, ки ***ҷилави сайёдҳои худсар сахтакак кашида*** шавад (О.об., 5, 99).

Дар нашри аввал ифода мӯътадил аст, вале дар нашри дувум фикр ба тариқи таъкид муассир ифода гардидааст.

Воҳиди фразеологии ***ҷулу пӯстакро гундоштан*** ба маънои *кӯч бастан* ва дар асл *аз мансаб ё кор сабукдӯш шудан*ро бо оҳанги тамасхуромези фода менамояд:

Ҳамин ки бекорӣ ба дилат зад, аз совхоз баромада меравӣ, –гуфт ба ман Бободӯстов (Д.м., 2, 37).

Ҳамин ки бекорӣ ба дилат зад, ***ҷулу пӯстакатро гундошта,*** аз совхоз баромада меравӣ, –гуфт ба ман Бободӯстов (Д.м., 3, 44).

Нависанда ҳангоми таҳриру такмили очерку қиссаҳо ҳама вақт кӯшидааст, ки матлабро боз ҳам саҳеҳтару муассиртар ифода намояд.

Воҳиди фразеологии ***ботабъи хира*** ба маънои *зиқ, хафа, озурда* омадааст. Нависанда барои воқеаро дақиқ, мукаммал тасвир намудан воҳиди фразеологиро дар нашри дувум корбаст кардааст.

Ду-се нафаре, ки дар диван нишаста буданд, ҳис карданд, ки имрӯз кори онҳо барор намегирад, баромада рафтанд (Д.м., 2, 91).

Ду-се нафаре, ки дар диван нишаста буданд, ҳис карданд, ки имрӯз кори онҳо барор намегирад, ***бо табъи хира*** *паси ҳам* баромада рафтанд (Д.м., 3, 115).

Воҳиди фразеологии ***бо дили озурда*** ҳам ба маънои *озурда, хафа, ғамгин* омадааст. Нависанда барои тасвир намудани ҳолати рӯҳии шахс аз воҳиди фразеологӣ истифода кардааст:

Ҳамзаалиев аз кабинети ӯ баромад (Д.м., 2, 94).

Ҳамзаалиев аз кабинети ӯ ***бодили озурда*** берун баромад (Д.м., 3, 119).

Воҳиди фразеологии ***ба тақдир тан додан*** ба маънои *таслим шудан, тобеъ шудан; мағлуб шудан* омадааст:

–Ҳамин хел занҳои *наѓз* ҳастанд, дунёро ба пешашон оварда монед ҳам, боз ба назарашон шавҳарашон менамояд, *–гуфт Карима* (Д.м., 1, 107; 2, 118).

–Ҳамин хел занҳои ***ба тақдирашон тан дода*** *мегаштагӣ* ҳастанд, дунёро ба пешашон оварда *паҳн карда* монӣ ҳам, боз ба назарашон шавҳарашон менамояд (Д.м., 3, 149).

Нависанада дар нашри дувум калимаи *наѓз*ро бо воҳиди фразеологии *ба тақдир тан додан* хеле моҳирона иваз намудааст, ки дар натиҷа маъно халалдор нагардида, муассир ифода гардидааст. Инчунин дар матни боло воҳиди фразеологии *ба тақдир тан додан*ро нависада барои барҷаста гардидани маъно ва мушаххас ифода кардани хислати зан ба кор бурдааст.

3. Нуқсонҳо дар истифодаи воҳидҳои фразеологӣ. Як қатор нуқсонҳои воҳидҳои фразеологие, ки дар нашрҳои аввал истифода гардидаанд, дар нашрҳои минбаъда аз ҷониби муаллиф ислоҳ шудаанд.

Воҳиди фразеологии ***ҳаббаи кори касе баромад, занги касе баромад*** дар матни поён ба маънои *фош шудани асроре* омадаанд:

Не, ман худро ба ҳеҷкадоми онҳо нишон намедиҳам, вагарна ***ҳаббаи корбаромада***, онҳо дар бораи ман баҳаргуна гумону тахминҳо мераванд (Ш., 13, 253).

Не, ман худро ба ҳеҷ кадоми онҳо нишон намедиҳам, вагарна ***занги миси ман баромада***, онҳо дар бораи ман *наинки* ба ҳар гуна гумону тахминҳо мераванд, *балки оину ошкор мегӯянд, ки манн аз паси Ширмоҳ поида омадаам* (Ш.,14, 347).

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ***ҳабба // ҳаббат*** калимаи арабӣ буда, бамаънои*1. якдоначаиғалла; 2. маҷ. миқдорибисёркамазчизе* [18, 710] омадааст.

Агар ***ҳаббае*** зар зи дандони ғоз,
Биуфтад, ба шамъаш биҷӯяд боз. *Саъдӣ.*

Гар канандаш зи панҷа панҷ ангушт,
Надиҳад ***ҳаббае*** берун аз мушт. *Ҷомӣ.*

Ман зимистон ***ҳаббае*** надоштам ва сармои азим буд. «*Нафаҳот-ул-унс*».

Чи тавре ки аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва намунаҳои эҷодиёти бузургонамон маълум гардид, ифодаи ***ҳаббаи кори касе баромад*** дар нашри аввал ғалат кор фармуда шудааст. Нависанда ин нозукии маъноро пай бурда, онро дар нашри дувум бо воҳиди фразеологии ***занги миси касе баромад*** иваз намудааст.

Воҳидҳои фразеологии ***ҳар рӯз сад бор мемурему боз намемурем, ҳар рӯз сад бор ҷон додану намурдан*** ба маънои *азобу машаққати зиёд кашидан, хаставу бемадор гардидан* омадаанд.

Дар забони мардумӣ воҳидҳои фразеологии ***сад бор мурда зинда шудан, ҳар рӯз сад бор ҷон кандану намурдан*** маъмул аст.

Ба хаёлам, ба ман мегӯянд: «Шавҳарат раис, дар *пешат*, муҳтоҷиро намедонӣ, ғафс-ғафс нон пухта хӯрда нишастаӣ. Мо бошем, аз гуруснагӣ *азоб мекашем, аз орду нон ягон чиз бароварда деҳ»* (Д.м., 1, 97).

Ба хаёлам, ба ман мегӯянд: «Шавҳарат раис, *вай* дар *назари чашмат*, *азоби* муҳтоҷиро намедонӣ, ғафс-ғафс нон пухта хӯрда мешинӣ, мо бошем, аз гуруснагӣ ***ҳар рӯз сад бор мемурему боз намемурем*** (Д.м., 2, 98).

Ба хаёлам, ба ман мегӯянд: «Шавҳарат раис, вай дар *пеши* чашмат, азоби муҳтоҷиро намедонӣ, ғафс-ғафс нон пухта хӯрда мешинӣ, мо бошем, аз гуруснагӣ ***ҳар рӯз сад бор ҷон медиҳему боз намемурем*** (Д.м., 3, 124).

Ҳангоми таҳриру такмил нависанда хостааст, ки матлабро саҳеҳу таъсирбахш ифода намояд, вале дар натиҷаи ғалат кор фармудани воҳиди фразеологӣ, хонанда мақсади муаллифро ба осонӣ пай бурда наметавонад. Муаллиф дар нашри сеюм ин нозукии маъноро пай бурда, онро як дараҷа ба ифодаи мардумӣ наздик ислоҳ намудааст.

4. Муродифҳои воҳидҳои фразеологӣ. М. Наҷмиддинов дар нашрҳои мухталифи очерку қиссаҳо кӯшидааст, ки тавассути муродифҳои фразеологӣ андешаву эҳсосоти худро равшан ва барҷаста ифода намояд.

Муродифҳои фразеологии ***худро ба нодонӣ задан, гӯш ба карӣ задан*** ба маънои *сухани касеро ношунида гирифтан, ба сухани касе эътибор нододан* [20, 264] омадааст. Рӯзҳои охир ман оҳанги гапамро бо ӯ дигар кардам, саволе диҳад, ҷавоб *медиҳам*, баъзан гапашро шунида бошам ҳам, ***худро ба нодонӣ мезанам*** (Ш., 12, 237).

Рӯзҳои охир ман оҳанги гапамро бо ӯ дигар кардам. Саволе диҳад, ҷавоб *мегӯям*, баъзан гапашро шунида бошам ҳам, ***гӯшамро ба карию худро ба нодонӣ мезанам*** (Ш., 14, 319).

Нависанда ба хотири таъкиди матлаб, дар нашри дувум ду муродифи фразеологиро пайдарҳам овардааст, ки ин тарзи ифода имкон медиҳад, ки маъно барҷастатар ифода гардад.

Ҳангоми таҳлилу такмили очерку қиссаҳо нависанда, баъзан воҳидҳои фразеологиро бо муродифашон иваз намудааст:

Муродифоти фразеологии ***дили касе сард гардид, дили касе монд*** ба маънои *аз касе озурда, хафа шудан, ранҷидан аз касе дилмонда, дилхунук шудан* омадаанд:

Дили одам сард гардад, *ба гарм кардан кам чиз мадору мададгор* мешавад (Д.м., 2, 94).

Дили одам аз одам монад, *аз нав гарм кардани он дил душвор* мешавад (Д.м., 3, 118).

Дар нашри аввал фикр номукаммал буда, он дар нашри дувум саҳетар баён гардидааст. Инчунин нависанда тавассути воҳиди фразеологии антонимӣ мақсади худро боз ҳам муассиртар ифода кардааст.

5. Як ҷузъи воҳидҳои фразеологие, ки дар нашрҳои аввал истифода шудаанд, калимаи шевагӣ ва ё гуфтугӯйианд. М. Наҷмиддинов дар нашрҳои аввали очерку қиссаҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ калимаҳои шевагӣ ва гуфтугӯйиро кор фармудааст, ки маъно то андозае халалдор гардида, хонанда ба осонӣ мақсади муаллифро пай бурда наметавонад. Бинобар ин ҳангоми таҳриру такмили нашрҳои минбаъда, нависанда чунин калимаҳоро бо муродифашон иваз намудааст:

Воҳиди фразеологии ***ду пойро ба як мӯза*** *қаба* ***кардан***, ***ду пойро ба як мӯза*** *тиққонидан* ба маънои *якравӣ кардан* омадааст:

*–**Ду пойи** маро **ба як мӯза тиқонида*** мегӯяд, ки ҷавоб диҳам, *–ба Ҳамзаалиев рӯ гардонда гуфт ӯ –хайр, ариза навис, ҷавоб хоҳӣ, ҷавоб-дия, –гуфтам.* (Д.м., 1, 79).

*–**Ду пойи манро ба як мӯза** қаба* ***карда*** мегӯяд, ки ҷавоб диҳам, тухми зоотехник анқо нашудааст,… (Д.м., 2, 92).*–**Ду пойи манро ба як мӯза** тиққонида* мегӯяд, ки ҷавоб диҳам, *ба аризааш даст монам, меравад. Хайр, ихтиёраш,* тухми зоотехник анқо нашудааст,… (Д.м., 3, 115).

Аз нашрҳои гуногуни очерку қиссаҳо маълум мегардад, ки матлаб аз як нашр то нашри дигар суфтаву равон гардидааст.

Инчунин воҳиди фразеологии ***гапи касеро ба як*** *ҳабба* ***нагирифтан***, ***гапи касеро ба як*** *пули пучак* ***нагирифтан*** ба маънои *касеро писанд накардан* омадааст:

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ***ҳабба // ҳаббат*** калимаи арабӣ буда, маънои *1. як доначаи ғалла; 2. маҷ. миқдори бисёр кам аз чизе* [18, 710] аст.

Ба ҳаббае наарзидан, ҳеҷ қадру қимат надоштан.

Дар хотири ман, ки ишқ варзад,

Олам ҳама ***ҳаббае*** наарзад. *Низомӣ.*

Ба ҳаббае наарзидан дар забони адабии ҳозираи тоҷик маъмул нест, он хоси адабиёти классикист. Дар забони адабии муосири тоҷик ***ба як пули пучак нагирифтан (наарзидан)*** дар истифода аст:

Ба *Карима* илтимосу илтиҷо, зориву тавалло карда, волаву шайдо *будани худро гуфта* нишастан *фоида надорад. Ҳоло вақти ин гапҳо нест* (Д.м., 1, 109)

Ба ин зан илтимосу илтиҷо, зориву тавалло карда *волаву шайдо шуда нишастан* кор намеояд. ***Гапи ӯро ба як*** *ҳабба* ***намегирад*** (Д.м., 2, 122).

Вай кайҳо боз дар интизори ҳамин рӯз мегашт, ҳоло хуб фаҳмида буд, ки ба ин зан илтимосу илтиҷо, зориву тавалло *ба* кор намеояд. Занак ***гапи ӯро ба як*** *пули пучак* ***намегирад*** (Д.м., 3, 154).

Чи тавре ки аз ҷумлаҳои боло маълум гардид, нависанда ҳангоми таҳриру такмили очерку қиссаҳо кӯшидааст, ки вариантҳои маъмули воҳидҳои фразеологиро кор фармояд, то ин ки хонанда ба осонӣ маънои онҳоро дарк намояд. Ифодаи *волаву шайдо шудан* дар матнҳои аввал бемавқеъ кор фармуда шудааст.

6. Воҳидҳои фразеологие, ки дар натиҷаи ихтисор ҷузъе аз онҳо афтидааст. Ҳангоми афтидани ҷузъе аз воҳидҳои фразеологӣ маъно халалдор гардида, мақсади нависанда пурра ва барҷаста ифода намегардад.

Ҳамин ҳолат дар матнҳои поён мушоҳида мегардад:

Воҳиди фразеологии ***ҳақиқат ба рӯ хоҳад баромад***, ***ҳақиқат ба рӯйи*** *об* ***хоҳад баромад*** ба маънои *ошкор шудани ҳақиқат* омадааст. Дар натиҷаи ихтисор ҷузъи асосӣ «*об*» аз дохили воҳиди фразеологӣ афтида, маъно халалдор гардидааст:

Аммо ин корҳоро имрӯз мекунанд, ягон рӯз *пинҳон* ошкор шуда, ***ҳақиқат ба рӯ хоҳад баромад*** (Д.м., 2, 27).

Аммо ин корҳоро имрӯз мекунанд, ягон рӯз *сирашон* ошкор шуда, ***ҳақиқат ба рӯйи*** *об* ***хоҳад баромад*** (Д.м., 3, 31).

Ифодаи *пинҳони касе ошкор шуд*, аслан шакли дурусташ *сирри касе ошкор шуд* аст, калимаи *пинҳон* дар нашри аввал бемавқеъ кор фармуда шудааст ва он дар нашри дувум аз ҷониби муаллиф бо калимаи *сир* ислоҳ гардидааст.

Аз воҳидҳои фразеологии ***дилро холӣ кардан,*** *алам ё буғси* ***дилро холӣ кардан, зангашон баромад, занги*** *мисашон* ***баромад*** дар натиҷаи ихтисор ҷузъи «*алам*, *буғс*» ва «*мис*» афтидааст:

Ҳамин ки Роҳат - хола Лоларо ба боғча гуселонида, *ба* хонааш мерафту *вай* танҳо мемонд, *мегирист,* сарашро *ба* болишт печонда *гирифта* ***дилашро холӣ мекард*** (Д.м., 2, 87).

Он чанд рӯз, ҳамин ки Роҳат -хола Лоларо ба боғча гуселонида, *хонаашро хабаргирӣ* мерафту *Карима* танҳо мемонд, сарашро *бо* болишт печонда, *буғси* ***дилашро*** бо гиря ***холӣ мекард*** (Д.м., 3, 108).

Зангашон баромада, аслашон маълум мегардад (П.ш., 8, 54).

Занги *мисашон* ***баромада***, аслашон, *тинаташон* маълум мегардад (П.ш., 9, 495). Аз матнҳои боло аён аст, ки нависанда ҳангоми таҳриру такмил дар болои ҳар як калима ҳар як воҳиди фразеологӣ кор кардааст, то матлаб дақиқ, саҳеҳу муассир ифода гардад.

7. Воҳидҳои фразеологие, ки унсурҳои луғавиашон дигар шудаанд. Барои дигар кардани унсурҳои луғавии воҳидҳои фразеологӣ нависанда бояд аз нозукиҳои забон бохабар бошад, то ки маъно халалдор нагардад.

Воҳидҳои фразеологии *аз алами* ***дили касе бехабар будан,*** *аз даруни* ***дили касе бехабар будан,*** *аз доғҳои* ***дилу дарду алами касе бехабар будан*** ба маънои *огоҳ набудан аз ҳолати кас, воқиф набудан* омадаанд.

Тағйироти луғавӣ: *алами дил // даруни дил // доғҳои дил.*

Вай бо ташвишу тараддудҳои худ, ***аз алами дили хоҳараш бехабар*** гузашта *мерафт* (Ш., 12, 87).

Вай бо ташвишу тараддудҳои худ ***аз даруни дили хоҳараш бехабар*** гузашта *мерафт* (Ш., 13, 40).

Вай бо *зиндагӣ,* ташвишу тараддудҳои худ ***аз доғҳои дилу дарду алами хоҳараш бехабар*** гузашта *меравад* (Ш., 14, 25).

Аз ҷумлаҳои боло аён аст, ки матлаб аз як нашр то нашри дигар саҳеҳтар ифода гардидааст. Нависанда унсурҳои луғавӣ воҳиди фразеологиро тағйир дода, вариантҳои фразеологиро ба вуҷуд овардааст. Воҳиди фразеологии нашри аввал

хоси гуфтугӯ ва забони адабӣ буда, воҳиди фразеологии нашри дувум танҳо хоси гуфтугӯ аст. Воҳиди фразеологии нашри охирон нисбатан беҳтар, яъне калимаҳои *доғ, дард, алам* пайиҳам омада матлабро муассир ифода кардаанд. Инчунин дар нашри сеюм барои қувват додани *доғҳои дил* шакли феъл дигар шудааст.

Ин хусусиятро дар воҳидҳои фразеологии *вақти* ***касеро хуш кардан,*** *дили* ***касеро хуш кардан,*** *ба даст* ***афтонда натавонистан,*** *ба дом* ***афтонда натавонистан*** низ дидан мумкин аст:

…фикр накарда будем, ки дар магазини бародари Ширмоҳ чизи гулӯро *тар кардан*ӣ ҳаст *ва* ками он *вақти* ***касро хуш мекунад*** (Ш., 12, 98).

…вай ҳеҷ нагуфта буд, ки дар магазини бародари Ширмоҳ чизи гулӯро *таркунанда* ҳаст, ками он *ғамро дур*, *дилро* ***хуш мекунад*** (Ш., 13, 247).

Ин занакро вай ҳеҷ ***ба*** *даст* ***афтонда натавонист***, моҳӣ барин лағжида меравад (Д.м., 2, 15)

Ин занакро ҳеҷ ***ба*** *домаш* ***афтонда наметавонад***, моҳӣ барин лағжида *аз даст* меравад (Д.м., 3, 15).

8. Дар нашрҳои гуногун ба ҷойи як воҳиди фразеологӣ воҳиди фразеологии дигар кор фармуда шудааст. Баъзан дар нашрҳои аввал воҳидҳои фразеологие кор фармуда шудаанд, ки маъно ва мақсади нависанда ба хубӣ ифода нагардидааст, аз ин рӯ муаллиф дар нашрҳои минбаъда онҳоро бо воҳидҳои фразеологии дигар иваз кардааст:

Воҳидҳои фразеологии ***ба ноӯҳдабарӣ шаҳодатнома нагирифтан, ба пешона мӯҳри ноӯҳдабарӣ назадан*** ба маънои *танбалӣ, нишони ноӯҳдабароиро аён накардан* омадаанд:

Дилаш пур шуда омада, хост ки дар худи ҳамин ҷо «аз гуноҳи ту ман гузаштаам, лекин ман ҷойи гармам ва корамро партофта

намеравам»–гуфта чанд сатр мактубе бинависад (Д.м., 1, 11).

Корам барор надорад. *Ман* совхозро тарк карда, ***ба ноуҳдабарӣ шаҳодатнома гирифта*** рафтанӣ нестам (Д.м., 2, 11).

Корам барор надорад. *Аммо* совхозро тарк карда, ***ба пешона муҳри ноуҳдабарӣ зада*** рафтанӣ нестам (Д.м., 3, 10).

М. Наҷмиддинов барои равшан, дақиқ, ва барҷаста гардидани матлаб аз як нашр то нашри дигар нигоштаҳояшро гаштаву баргашта таҳриру такмил додааст. Дар матни сеюм мақсади муаллиф бо воҳиди фразеологӣ нисбатан саҳеҳтар ифода гардидааст ва дар қолаби воҳиди фразеологии *муҳри хомӯшӣ ба даҳон задан* сохта шудааст. Дар нашри аввал мақсади муаллиф бе тасвири бадеӣ ифода гардидааст. Нависанда дар нашри дувум воҳиди фразеологиро ба тариқи расмӣ ва дар нашри сеюм хеле табиӣ истифода бурдааст. Воҳидҳои фразеологии *чорто* ***нафас рост кардан***, *чорто* ***дами беғам задан*** ба маънои *аз ғаму ғусса, нохушӣ фориғ шудан* омадаанд:

–Чизи таъин кардаатро овардам, *пагоҳ ман қатӣ* Варзи Боло меравӣ! –гуфт Туробов ба Сангак. –***Чорто нафас рост кунем!*** (Ш., 12, 93).

–Чизи таъин кардаатро овардам. *Пагоҳ қатӣ ман* Варзи Боло меравӣ, –гуфт Туробов ба Сангак. –***Чорто дами беғам занем*** (Ш., 13, 243).

–Чизи таъин кардаатро овардам. *Пагоҳӣ қатӣ бо манба* Варзи Боло меравӣ, –*қатъӣ* гуфт Туробов ба Сангак. –***Чорто дами беғам занем*** (Ш., 14, 330).

Фарқи воҳиди фразеологии *дами беғам задан* аз *нафас рост кардан* бо вуҷуди маънои умумии мафҳумии онҳо истироҳат кардан ҳамин аст, ки оҳангу ҷилваи фориғболонаю маҳрамона дорад, бетакаллуфӣ ҳам дар он таҷассум ёфтааст. Чунин иловаҳои маъноӣ қариб дар ҳамаи навъҳои маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ таҷассуми худро ёфтаанд. Воҳиди фразеологии *чорто нафас рост кардан* навоварӣ ва эҷоди худи нависанда аст ва воҳиди фразеологии *чорто дами беғам задан* ифодаи машҳури мардумист. Воҳиди фразеологии ***кайфи касе***

парид ба маънои *таъби касе хира, ғамгин шуд* ва воҳиди фразеологии ***табъи касе хира шуд*** ба маънои *ошуфтаҳол гашт* омадааст:

Дили ҳама торик *шуда*, ***кайфи ҳама парид***. Аз чунин сурат гирифтани воқеа Бободӯстов ҳам *хафа шуда буд* (Д.м., 2, 25).

Дили ҳама торик, ***табъи ҳама хира шуда буд***. Аз чунин сурат гирифтани воқеа Бободӯстов ҳам *хурсанд набуд* (Д.м., 3, 28). Тавассути воҳиди фразеологии ***табъи касе хира шуд*** дар нашри дувум ҳолати рӯҳии шахс нисбат ба нашри аввал саҳеҳтар ва мақсади нависанда муассиртар ифода гардидааст. Дар нашри аввал оҳанги «*фориғболона*», вале дар нашри дувум оҳанги ифодагари «*зиқӣ, малулӣ*» мушоҳида мешавад.

Воҳидҳои фразеологии ***дили касеро хунук кардан, дар дили касе ғубор гузоштан*** ба маънои *касеро хафа, дилмонда, дилгир кардан, касеро дилмонда дилхунук кардан* [19, 399], ***дили касеро каҷ кардан*** ба маънои *касеро нисбат ба касе дилмонда, дилхунук кардан* омадааст. *Аз ин рафтораш пай бурдам,* ки *ё* Сангак ё Зардак дар бораи ман *ягон гапи носазо гуфта,* ***дили ин марди*** ҳанӯз бо ман ноошноро ***хунук кардаанд*** (Ш., 12, 97).

Пас, маълум, ки Сангак *ё* Зардак дар бораи ман ба ӯ бад *гуфтаанд.*Агар *ақидаи* ӯро дар бораи ман *вайрон* карда, ***дар дилаш ғуборе гузошта*** бошанд, *тоза кардани он душвор аст* (Ш., 13, 246).

Пас, маълум, ки Сангаку Зардак дар бораи ман ба ӯ бад *гуфта,* ***дилашро каҷ кардаанд***. Агар *фикри* ӯро дар *хусуси* ман *дигар* карда, ***дар дилаш ғубор гузошта*** бошанд, *ин кори онҳо, ман чӣ ҳам мегуфтам* (Ш., 14, 334).

Аз нашрҳои гуногуни як матн аён аст, ки нависанда барои мӯҷазу саҳеҳ гардидани матлаб гаштаву баргашта онро таҳриру такмил додааст. Таъбири «*дили касеро каҷ кардан*» дар забон маъмул нест. Як далели чунин андеша ин аст, ки аз воҳидҳои фразеологии «*дили касеро гарм ё хунук кардан*», калимаҳои «*дилгарм*» ва «*дилхунук*» пайдо шудааст. Аммо дар забони тоҷикӣ калимаи «*дилкаҷ*» вуҷуд надорад. Дар нашрҳои аввал ва дувум воҳидҳои фразеологӣ табиӣ ифода гардидаанд, вале дар нашри сеюм бошад, воҳиди фразеологӣ сунъӣ баромадааст.

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъ маълум гардид, ки нависанда дар нашрҳои минбаъдаи очерку қиссаҳояш кӯшидааст, ки воҳидҳои фразеологиеро истифода кунад, ки матлабро дақиқу саҳеҳ ва образнок ифода намоянд. Маълум мешавад, ки ин кор осон муяссар нагардидааст.

АДАБИЁТ

1. Абдуқодиров А. Забон ва услуби назми Мирзо Турсунзода.–Душанбе: Дониш, 1988. –124 с.
2. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил.–Душанбе : Дониш, 1966. – 225 с.
3. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим.–Душанбе, 1967. – 185 с.
5. Камолиддинов Б. Ҳусни баён.–Душанбе: Маориф, 1989.–118 с.
7. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.
8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ. –Душанбе: Деваштич, 2007. –Ҷ.1. –242 с.
9. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик.–Душанбе, 1982–104 с.
13.Шакурӣ М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.–Душанбе: Ирфон, 2005.– 400 с
17.Фарҳанги забони тоҷикӣ.–М.: Советская энциклопедия, 1969. –Ҷ.1. –952 с.
18. Фарҳанги забони тоҷикӣ.–М.: Советская энциклопедия, 1969. –Ҷ.2.–949 с.
19. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта.–Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. –Ҷ.1. –952 с.
20. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта.–Душанбе: Ирфон, 1964. –Ҷ.2. –802 с.

Манбаъҳо

1. Д.м.– «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», нашри 1968.
2. Д.м. – «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», нашри 1979.
3. Д.м. – «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», нашри 1986.
4. О. об. – «Обу ободӣ», нашри 1974.
5. О. об. – «Обу ободӣ», нашри 1982.
6. О. об. – «Обу ободӣ», нашри 1989.
7. О.з.б. – «Одамони замини барӯманд», нашри 1982.
8. П.ш. – «Пайраҳаи шинос», нашри 1977.

9. П.ш. – «Пайраҳаи шинос», нашри 1986.
10. П.ш. – «Пайраҳаи шинос», нашри 1988.
11. Р.о. – «Раззоқи олам», нашри 1989.
12. Ш. – «Ширмоҳ», нашри 1974.
13. Ш. – «Ширмоҳ», нашри 1979.
14. Ш. – «Ширмоҳ», нашри 1986.
15. Ш. – «Ширмоҳ», нашри 2002.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЯЗЫКА И СТИЛЯ М.НАДЖМИДДИНОВА В ПРОЦЕССЕ РЕДАКТИРОВАНИЯ ОЧЕРКОВ И РАССКАЗОВ

В данной научной статье рассмотрены изменения фразеологических единиц очерков и рассказов М. Наджмиддинова в различных публикациях. Изменения, которые произошли в фразеологических единицах очерков и рассказов, рассмотрены в семи пунктах и указана цель писателя.

Ключевые слова: изменения, разные публикации, фразеологические единицы, синтаксические единицы, редактирование и совершенствование, влиятельность, характерность, образность, достоверность, точность, компактность, умеренность, лексические элементы, художественный образ, прямой и переносный.

IMPROVEMENT OF LANGUAGE AND M. NAJMIDDINOV'S STYLE IN THE COURSE OF EDITING OF SKETCHES AND STORIES

In this scientific article changes of phraseological units of sketches and M. Nadzhmiddinov's stories in various publications are considered. Changes which happened in phraseological units of sketches and stories, are considered in seven points and the purpose of the writer is specified.

Key words: changes, different publications, phraseological units, syntactic units, editing and improvement, consequence, typicalness, figurativeness, reliability, accuracy, compactness, moderation, lexical elements, artistic image, direct and figurative.

Сведения об авторе: ***Баходур Шодиев*** - кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры стилистики и литературного редактирования ТНУ. Телефон: **985 88 99 18.**

ПРОБЛЕМЫ ЭКВИВАЛЕНТОВ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЗАИМСТВОВАНИЙ

И.И.Исмаилов
Таджикский национальный университет

Научно – технические термины интернациональны и во многом схожи практически во всех языках мира. В связи с этим возникает вопрос, нужно ли интернациональные термины заменять национальными? Есть ли смысл в замене таких слов, как: тест, оператор, е-мэйл, факс, каталог и т. п., притом, что они используются в большинстве языков. Хотя, сегодня существуют языки, в которых они заменены т.н. исконными. Например, в современном арабском языке некоторые заимствования в области технологий соседствуют с исконной лексикой: ихтибар - тест, амил - оператор, барид електрони - е-мэйл, фихрист - каталог.

Акцент внимания на терминологии современных технологий обусловлено, прежде всего, повсеместной терминологизацей современных национальных языков, что связано с развитием новых технологий, которые оказывают огромное влияние на языковую картину мира. Именно поэтому упорядочение специальной терминологии имеет такое принципиальное значение, т.к. «удачные термины способствуют развитию науки, а неудачные - тормозят ее».

В современном таджикском обществе, как и других подобных национальных этносах, например, компьютер становится одной из социальных ценностей и базовых реалий. Национальная специфика например, концепта «компьютер» как частички таджикской национальной языковой картины мира отчасти определяется тем, что он относится к группе заимствованных или импортируемых концептов из англо-американской языковой культуры. С точки зрения когнитивной лингвистики, анализ концепта «компьютер» показывает, что он является сложным многослойным образованием, характеризующим его технический, биологический, психологический и интеллектуальный аспекты.

Нам важно понять: имеют ли подобные концепты свои национально - специфичные особенности, если - да, то какие основные факторы способны оказывать влияние на содержание и структуру подобных концептов в процессе их вербализации посредством национального языка. Поэтому особое значение приобретает «история термина» и его «ценность», связанная с внутренней формой

понятия, которая меняется «в связи с перегруппировкой понятий в науке, в связи с развитием самой науки, с развитием новых представлений, взглядов» [1, 78].

Для современного состояния таджикского литературного языка налицо попытки использования для номинации подобных явлений современных заимствованных слов из персидского языка, например в современной прессе налицо попытки замены таджикской номинативной доминанты концепта «комьпютер» также заимствованным из фарси термином «роёна»: «Роёнаи китобӣ, роёнаи шахсии кӯчак, сабук ва қобили ҳамл, ки маъмулан ба андозаи як китоб бошад» [2, 11]. На современном этапе развития таджикского языка можно говорить о возрастающей динамике роста проникновения персидской лексики в язык таджикской прессы. Однако, по результатам опроса, проведенного нами среди студентов и преподавателей факультета журналистики ТНУ: из 30 студентов 29 использовали термин «комьпютер» и примерно тот же процент был отмечен у преподавательского состава, причем само значение заимствованного термина «роёна» было понятным лишь единицам из числа опрошенных. Именно филологи, а не специалисты лучше определяют значение слов подобных «роёна». Поэтому здесь важно точно определить основные признаки, на которые опираются национальные носители языка, определяя происхождение исконной и заимствованной лексики.

Любое слово имеет свою мотивацию к использованию в национальном языке. На объяснение мотивации использования того или иного слова обывателем влияет, относится ли оно к исконной или заимствованной лексике. Слово компьютер для простых людей имеет одно, а для специалиста – несколько иное, либо множество значений. Сходство процесса идентификации технической терминологии, как у специалиста, так и у обывателя вполне очевидна. У специалистов отмечается детализация профессиональных знаний. К примеру: компьютер - системный блок (тадж. блоки системавӣ), видеокарта (тадж. адаптери графики ранга), процессор ЦПУ (тадж. ВПМ воҳиди пардозандаи марказӣ). Пользователь в большей мере опирается на свои энциклопедические знания, например: компьютер – клавиатура (тадж. саҳфаи калид, тапишгоҳ), информатика, монитор, машина.

Помимо того, исследование национальной таджикской публицистики последних лет показывает, что отдельные, вновь появившиеся термины, варьируют с другими лексемами, преимущественно заимствованными из русского и на современном этапе, - английского и арабского языков. Следует констатировать, что, на сегодняшний день замена иноязычных заимствований исконными терминами, либо образованными на основе корней и аффиксов древнеперсидского, среднеперсидского или современного персидского языка, не приносит ожидаемого результата.

В идеале все новые образования, независимо от их принадлежности к каким-либо группам слов, должны составляться в соответствии со словообразовательной системой национальных языков. Поэтому, целесообразным представляется учет активности в этом вопросе самой общественности: как профессионалов, так и просто обывателя.

Причины появления и проникновения технической терминологии в литературный таджикский язык следует искать не в самом языке и не в речи, а в экстралингвистической реальности. Следует уходить от рассмотрения национальной терминологии в замкнутой системе и попытаться определить, что стоит за термином в индивидуальном сознании индивидуума. Традиционно считается, что научные знания универсальны для любых национальных языковых сообществ, так как не зависят от специфики языка того или иного народа, его ментальности, традиций и национальной культуры. Здесь присутствует противопоставление языковой картины мира - научной картине мира. Однако существует предположение о размытости границ между ними: «граница между научной картиной мира и языковой, скорее всего, менее отчетлива, чем это принято считать» [3, 10].

ЛИТЕРАТУРА

1. Л.А. Капанадзе, 1965
2. Ба куллаҳои дониш, 2012
3. Е.С.Яковлева, 1994

ПРОБЛЕМЫ ЭКВИВАЛЕНТОВ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЗАИМСТВОВАНИЙ

Данная статья является попыткой постановки вопроса о целесообразности использования различных видов современных терминологических заимствований в национальные языки.

Ключевые слова: термины заимствования, терминологии, компьютера, новые технологии, национальные термины.

EQUIVALENT DIFFICULTIES OF THE NATIONAL BORROWING

This article is an attempt to raise the question of whether to use modern terminology of various types of loans in the national languages.

Key words: terms of the borrowing, terminology,computer,new technologies, national term

Сведения об авторе: ***Исмаилов И.И*** - старший преподаватель кафедры иностранных языков (арабский язык), факультета журналистики ТНУ. Телефон: **919023945.**

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ МАТНИ ПУБЛИСИСТӢ

Л.Назарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯзнома, тавре ки ба ҳамагон маълум аст, яке аз дастрастарин манбаи ахбор мебошад, ки ҳамеша аз навигариҳои ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсии ҷомеа ба мардум хабар пешниҳод менамояд.

Матни рӯзнома – ин натиҷаи фаъолияти махсуси хабарнигор мебошад, ки тавассути ҷамъ овардани маводи далелнок ва боварибахш, асоснок ва бо истифода аз маҳорат ва малакаҳои зарурии касбӣ тартиб дода мешавад. Маводҳои жанри хабарии рӯзнома мазмуни асосии матнҳои рӯзномаро ташкил медиҳанд. Ба тарҷумони адабиёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ҳангоми тарҷумаи мақола ва хабарҳо аз рӯзномаҳои англисзабон зарур меояд, ки хусусиятҳои услубӣ, лексикӣ, грамматикии чунин маводҳоро ба хубӣ омӯзад. Захираи луғавии забони модарӣ ва инчунин забони хориҷӣ тавассути тағйиротҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангии дар ҷомеа ҷойдошта, мунтазам бо калима, истилоҳҳои гуногун ғанӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ҳодисаи пайдоиши неологизмҳо, калима ва таркибҳои нав, истилоҳоти нав ва бештари вақт ба хонанда душворфаҳм ба назар мерасад. Ин гуна ҳолатро чӣ дар рӯзномаи англисзабон ва чӣ дар рӯзномаи ба забони тоҷикӣ интишоргардида дидан мумкин аст. Пас, ҳар гуна тағйироти фарҳангӣ, сиёсӣ, ҷамъиятие ки мегузарад, дар воситаҳои ахбор василаи истифодаи усулҳои гуногуни услубӣ таҷассум меёбад.

Забони воситаҳои ахбори омма метавонад манбаи маводҳои таҳлилии нутқ бо забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ гардад. Тахавуллот, тағйиротҳое, ки айни замон дар забони англисӣ ҷараён доранд, хеле фаъол мебошанд. Чунончи, мафҳумҳои нав дар забон зуд пайдо шуда инкишоф меёбанд. Яке аз навовариҳо дар забони воситаҳои ахбори омма истифода намудан аз усулҳои гуногуни услубӣ мебошад. Дар айни ҳол ин масъалаи на танҳо бахши забоншиносӣ, балки ҷамъиятӣ –фарҳангӣ мебошад, ки ҳодиса, ҳолатҳои дар ҷомеа ҷойдоштаро инъикос менамояд.

Забони рӯзнома бешубҳа дорои махсусиятҳо ҷудогона мебошад, ки тавассути онҳо аз забони адабиёти илмӣ, бадеӣ фарқ мекунад. Забони матнҳои хабарии рӯзномаи англисӣ хусусиятҳои умумӣ низ дорад, ки вобаста ба давру замон тағйир меёбад. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳои гузаронидаи олимон ҷиҳати лексикии забон муайян гардид, ки дар рӯзнома истифодаи теъдоди зиёди исмҳои шахсӣ: топонимҳо, антропонимҳо, номҳои идораҳо, ташкилотҳо ба назар мерасад. Беш аз ҳама шумораҳо, калимаҳои ифодакунандаи шумора ва санаҳо, рӯзҳо, солҳо моҳҳо дар истифода мебошанд. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони рӯзнома ин истифодаи ҳама гуна таркиб, ибора, истилоҳоти махсуси ҷамъиятӣ-сиёсӣ мебошад. Аз ин лиҳоз барои тарҷумон баҳри баргардониши матн аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ зарур меояд, ки чунин махсусиятҳои забонии рӯзномаро ба хубӣ донад, то ки

матнро дуруст ва саҳеҳ тарҷума намояд. Дар рӯзнома истифодаи калимаҳои байналхалқӣ, неологизмҳо хеле зиёд ба чашм мерасад. Тарҷумаи маҳз неологизмҳо барои тарҷумон мушкилиҳои зиёде ба пеш меорад, зеро душворфаҳм мебошанд.

Чунончи, калимаи дисплей маънои зеринро дорад: воситаи техникии инъикоси хабари матнӣ ё графикӣ- монитор; экран.

Чаро ин калима нав аст? Зеро то пайдоиши компутор он вуҷуд надошт ва он аз забони англисӣ иқтибос шудааст. Ин қабил калимаҳо аз ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун номбари мафҳумҳои нав, маводи нав, реалияҳои нав ба забони матбуот ворид шуда, бо пайдо кардани маъниҳои нав мавриди истифодаи умум қарор мегиранд.

Мисол, калимаҳои коммерческий-(тиҷоратӣ), маркетинг (фаъолияти ба нақшагирӣ), менеджер (шахси идоракунандаи фаъолият), диҷитал (рақамӣ), онлайн (маводи компуторӣ дар режими воқеӣ), рэкит (бо роҳи зӯрӣ соҳиб шудан ба мол, чизе), рейтинг (нишондиҳандаи нуфуз ва серхаридории маҳсулот, дар сиёсат-нишондиҳандаи нуфузи сиёсатмадор, дар соҳаи маориф-санҷиши дониш), имиҷ (тарзу услуб), кастинг (мусобиқа ва интихоби ҳунарҳо - бештар дар бахши радио, телевизион), ток шоу(барномаи оммавӣ оид ба баҳс дар мавзӯҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ), офис (идора, корхона), инноватсия, (навгонӣ), глобализатсия,(ҷаҳонишавӣ), вип (одамони хеле муҳим, ё предметҳо), смс (хабари кӯтоҳ, паёмак тавассути телефон), ммс (хабар бо тасвир), пиар,(робита бо ҷомеа), инвестор (саҳмгузор), реелтор,(миёнарав дар хариду фурӯши хонаҳо) фрилансер (журналисте, ки маводҳои фармоишӣ менависад), копирайтер (нафаре, ки шиор ва овезаҳо эҷод мекунад. Мисол: Амонатбонк-бонки масъулиятшинос аст), продюссер (дар соҳаи ба роҳ мондани иртибот бо шахсони зарурӣ).

Мисол: There are **commercial** TV stations [I.4]

The World Food Program **office** in Islamabad [I.13]

Ин қабил калимаҳо хеле зиёд буда, тарҷумон онҳоро танҳо василаи истифода аз маҳорат ва малакаи хуби донишҳои забонӣ метавонад баргардониш намояд. Тавре ки аз суханронии Президенти кишвар Э. Раҳмон бо зиёиёни кишвар бармеояд, матни публисистӣ бояд бо забони содда, оммафаҳм ба хонанда пешкаш карда шавад.

Тарҷумаи баъзе аз хусусиятҳои услубии жанри иттиллоотӣ-хабарии рӯзномаро дида мебароем:

Барои матнҳои чунин намуд истифодаи таркибҳои нутқи гуфтугӯйӣ ҳатто дар матнҳои хеле ҷиддии сиёсӣ хос аст. Чунончи:

What is the meaning of the North Korean Foreign Ministry’s strange statement on Thursday that it now had **«nukes»** [I.12]

Вазири корҳои хориҷии ҷумҳурии халқии Чинро чӣ маҷбур кард, ки рӯзи панҷшанбе дар кишвар мавҷудияти яроқи ядроиро эълон намояд?

Дар забони асл калимаи Nuke – аз нутқи гуфтугӯйӣ гирифта шудааст.

Nuke – калимаи гуфтугӯйӣ буда, маънии яроқи ядроиро дорад (аз луғати Мюллер). Дар ин мисол тарҷумон калимаи гуфтугӯии **Nuke**-ро ба калимаи умумӣ иваз намудааст.

He says his job as a Moscow **gumshoe** is right out of the movie…

Ӯ фикр мекунад, ки кори (частный детектив) муфаттиши хусусӣ дар Маскав он чунон аст, ки дар филмҳо мебинем

gumshoe – (сленг), нутқи гуфтугӯии озодонаи англисӣ, Калимаи гуфтугӯйӣ – муфаттиш, полис.

Дар забони тарҷума услуби аз калимаи оммафаҳми (частного детектива) муфаттиши хусусӣ истифода шудааст. Таркибҳои нави (неологизмҳо) бо ҷузъиёти- in дар матбуот пайдо шуда: sit - in, teach - in

Ин таркибҳо дар матбуоти амрикоӣ замони агрессияи Амрико дар Вьетнам пайдо шуданд.

Калимаҳои таркибӣ:

Stay – in –изҳори норозигӣ тавассути рост истодан

Ride – in — норозигӣ бар зидди нажодпарастӣ
Sit - in — корпартоӣ дар шакли нишастан
Калима исмҳо бо таркиби OVER:
Take-over —ба даст гирифтани ҳокимият
Switch-over —гузариш ба мавзӯи дигар
Push-over —монеаи зудгузар
Калима исмҳо бо таркиби OUT:
Drop-out —ҷавоне, ки аз хондан даст кашидааст.
Lay-out —шахси аз кор рондашуда, бекор
Калимасозӣ бо аффиксация (бо ёрии пешванд ва пасвандҳо)
Калимаҳои нав пайдо мешаванд:
Бо пасванди -ship. brinkmanship, craffmanship, oneumanship, showmanship.
–don, bangdom, bogdom, suckerdom.
Пасванди феъли –ise (-ize),
factionalize –аз худ бофтан
itemize – ба тадриҷ дида баромадан leonize -ба фазои кайҳон баромадан, (бо номи кайҳоннавард А. А. Леонов)
Institutionalize – қонунигардонӣ
Мисол: Their march from Hyde Park to Trafalgar Square gave a sample of the massive strength, which the movement can mobilize to crush an evil (race discrimination) which had become almost **institutionalized** in Britain.
Westernize –аврупоикунонӣ
18 000 pairs of eyes were recently westernized in Japan.
Сухан дар бораи ҷароҳии косметикӣ намудани чашмҳои 18 000 ҷопондухтарон бо мақсади монандшавӣ ба аврупоиҳо меравад
Пешвандҳои калимасоз:
Anti, -pre-; anti-apartheid, anti-fascist, pre-capitalist, pre-election.
Кӯтоҳкунӣ - аббревиатура, ки дар матбуот хеле назаррас аст:
BBC- British Broadcasting Corporation;
The **BBC** channels are one of the best information's channels. (I.4)
HO – Home Office; идораи кор дар минтақаи зист,
UNESCO – United Nations Educational, Scientific and Cultural
Organization;
Созмони байналмилалии маориф, илм ва фарҳанг.
WHO – World Health Organization;
Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ
NASA – National Aeronautics and Space Administration.
Идораи миллии аэронавтика ва кайҳон.
PR -Public Relations- робита бо ҷомеа
Бояд қайд намуд, ки ин шаклҳои кӯтоҳро, бештари вақт тарҷума намекунанд, зеро онҳо оммафаҳм мебошанд.
Қолабҳои рӯзномавӣ дар рӯзномаҳо дорои аҳамияти калон буда, хеле фаровон ба чашм мерасанд, зеро ифодагари амиқи мазмун мебошанд ва ба духӯрагии мазмун роҳ намедиҳанд. Қолабҳои рӯзномавӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:
1. қолабҳое, ки доим дар як намуд, таркиб истифода меёбанд;
2. қолабҳое, ки таркибашон иваз мешаванд;
Гурӯҳи якум аз сохтори гуногуни морфологӣ таркиб меёбад;
(сифат + исм):
Joint research – тадқиқоти дастаҷамъона
Big business – бизнеси калон
legitimate interests – манфиатҳои қонунӣ
international relations – муносибатҳои байналхалқӣ
(феъл + исм):
To have priority – бартарӣ доштан
(феъл + пешванд + исм):

To be in effect – амалӣ будан
(исм + исм + исм):
Space exp1oration program – барномаи тадқиқоти кайҳонӣ
(сифат + исм + исм):
Manned space flight – парвози кайҳонӣ (бо идоракунии кайҳоннавард).

Гурӯҳи дуюм дорои калима- такягоҳ мебошад, ки аз он вариантҳои гуногун сохта мешаванд. Ин навъи таркиб, ибораҳо дар забони рӯзнома хеле зиёд истифода меёбанд. Мисол:

Clinton has been perhaps forging **key partnership** with Obama's two Defense secretaries. [I.12]

It was a **key question** of the day.[I.13]

Key question- масъалаи калидӣ

Key partnership- ҳамкории асосӣ

World Community – ҷомеаи ҷаҳонӣ

national community – гурӯҳи миллӣ,

On-line shop-харидорӣ тавассути барномаи компуторӣ

Global computer net-шабакаи ҷаҳонии компуторӣ

to lodge a complaint – изҳори норозигӣ

vital – issue, interest-масоили ҳаётӣ, манфиатҳои ҳаётан муҳим

racial – policy, сиёсати нажодпарастӣ

Хонанда маънии умумии матнҳоро аз сарлавҳаи рӯзнома пайдо мекунад. Сарлавҳа дар рӯзномаи англисӣ метавонад аз 3-6 калима таркиб ёбад. Барои тарҷумон ҳангоми кор бо матнҳои маводи рӯзнома қобилияти фаҳмидан ва зуд тарҷума кардани сарлавҳаҳо зарур аст. Ин қобилият бахусус дар тарҷумаи шифоҳӣ, аз рӯйи варақ, тарҷумаи хаттӣ судманд аст. Тарҷумони хаттӣ метавонад ба тарҷумаи сарлавҳа пас аз хонда баромадани тамоми матн шурӯъ намояд. Тарҷумони шифоҳӣ ин гуна шароитро надорад. Дар сарлавҳаҳо бештар мо ғайр аз кӯтоҳ овардани номҳои ташкилот, иттиҳодияҳои дохилидавлатӣ, боз номҳои кӯтоҳи ташкилотҳои ҷаҳониро вомехӯрем.Чунончи, UN =United Nations; ECM =European Common Market; NATO =North Atlantic Treaty Organization ва ғайра Агар дар забони тарҷума муодили онҳо ёфт нашавад, тарҷумон метавонад шакли ҳарфии кӯтоҳшударо баён созад. Ин аст, ки тарҷумаи сарлавҳа барои тарҷумон мушкилиҳои зиёдеро пеш меорад. OAS= Organization of American States -Ташкилоти давлатҳои Амрико ТДО - Организация американских государств ОАГ. Хусусиятҳои тарҷумаи матни публисистиро ба таври зайл овардан мумкин аст:

1. Тарҷумаи маводи рӯзнома аз маводҳои бадеӣ бо истифодаи теъдоди зиёди воҳидҳои лексикии монанд фарқ мекунад.

2. Дар тарҷумаи маводи хабарӣ истифода аз сохтори монанди синтаксисӣ дида мешавад.

3. Муродифоти бештар дар тарҷумаи матнҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ дида мешавад.

Баҳри ба даст овардани муодилнокӣ ҳангоми баргардониши матн тарҷумон бояд:

1. Хусусиятҳои жанрии матни аслро дар тарҷума нигоҳ дорад.

2.Дар тарҷумаи сарлавҳа аввал аз тарҷумаи худи матн оғоз намояд.

3. Тарҷумон бояд донад, ки дар матни публисистӣ ғайр аз теъдоди зиёди истилоҳоти махсус, қолабҳо боз таркиб ва ибораҳои дигарро низ мушоҳида кардан мумкин аст.

4. Переводчику следует учитывать, что в английских газетах, наряду с книжной лексикой широко используются разговорные и поэтические слова и сочетания;

5. Тарҷумон бояд реалияҳои забони тарҷумашавандаро ба хубӣ донад.

І АДАБИЁТ

1. Левицкая Т. Р., Фитерман А. М. Теория и практика перевода с английского языка на русский. М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1963.
2. Кухаренко В. А. Интерпретация текста. – Л.: Просвещение, 1979.

3. Гальперин И. Р. Текст как объект лингвистического исследования.
– М.: Наука, 1981.
4. Дададжанова И.Б. Пособие для самостоятельной работы по английскому языку. Душанбе. 2012
5. Паршин А. Теория и практика перевода.- М.: Русский язык, 2000.
6. Арнольд И. В. Стилистика. Современный английский язык. Учебник для вузов. –4-е изд., испр. и доп.-М.: Флинта: Наука, 2002.
7. Комисаров В.Н., Лингвистика перевода. -М.: 2000.
8. Телень Э.Ф. Английский язык для журналистов: пособие для вузов.-М.; ТЕИС, 2000.
9. Бархударов Л.С. Язык и перевод.- М.: Высшая школа, 1975.
10. Комисаров В. Н., Рецкер Я. И., Тархов В. И. Пособие по переводу с английского языка на русский. – М.: Высшая школа,1965.
11. Федоров А. В. Основы общей теории перевода. – М.: Высшая школа, 1983.
12. USA TODAY. MAY 25-27, 2012.
13. THE TAJIK TIMES. January 6, 2010.

II ЛУҒАТ

1. Лингвистический энциклопедический словарь. / Под ред. Ярцевой В.Н. – М.: Советская энциклопедия, 1990.
2. Мюллер В.К. Англо-русский словарь. – М.: Русский язык, 1985.
3. Oxford Advanced Learner's Dictionary.–Oxford University press, 1994.
4. Longman Dictionary of English Language and Culture. – Oxford University press, 1997.
5. Бобров В.Б. Англо-русский словарь по рекламе и маркетингу. – М. 1999
6. Иванова К.А. Англо-русский словарь по рекламе и PR. – Спб.: Политехника, 1998.
7. Англо-Русский словарь Американского сленга.- М.: Иносерв, 1994.

ОСОБЕННОСТИ ПЕРЕВОДА ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ СТАТЕЙ

Данная работа посвящена некоторым особенностям перевода публицистических статей. В частности, приведя примеры использования новых слов, терминов, фраз в различных печатных статьях автор подчёркивает необходимость использования лингвистических знаний, навыков и умений для достижения правильного перевода.

Ключевые слова: маркетинг, менеджер, рейтинг, имидж, офис, инновация, смс, инвестор, фрилансер, продюссер.

PECULIARITIES OF TRANSLATING PUBLICIST ARTICLES

The given work covers the specifics of translating articles published in papers. The author pays special attention to new words used in paper articles and defines the ways of translating them. For achieving an adequate translation it is mentioned the usage of linguistic know ledges.

Key words: marketing, manager, rating, immidg, office, innovation, SMS, investor, freelancer, producer.

Сведения об авторе: ***Латофат Назарова*** - старший преподаватель кафедры английского языка кафедры иностранных языков ТНУ. Телефон: **987 10 97 82.**

МАВҚЕИ МУҚОБИЛГУЗОРИҲО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТӢ

Ҳукмиддин Сафаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот, умуман, воситаҳои ахбори омма, дар замони имрӯза дар ҳаёти ҷомеа, дар барқарорӣ ва устувории робитаи одамон, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, болотар аз он дар шароити гуфтугӯйи тамаддунҳо ва тамоюли пуртуғёни ҷаҳонишавӣ нақши ниҳоят бориз дорад. Ҳар як сухане, ки дар матбуот гуфта мешавад, метавонад, ки боиси дигаргунӣ, пешравӣ, пайдоиши андешаву назарҳои нав дар муносибати байни одамон гардад. Аз ин нуктаи назар сарлавҳа дар матбуот нақши асосӣ мебозад. Ороиши сарлавҳа на танҳо ба мазмун ва маънои бевоситаи калимаҳо, инчунин аз истифодаи санъатҳои бадеӣ вобастагии калон дорад.

Яке аз воситаҳои муассири луғавию услубӣ антонимҳо ба шумор мераванд. Бо таъсири муҳити беруна ва дар натиҷаи таҷрибаи ҳаётӣ одамон аз қадимулайём барои возеҳ ва муассир ифода намудани фикри худ мафҳум ва маъниҳои ба ҳам зидро ба тариқи қиёс истифода кардаанд. Дар бисёр ёдгориҳои хаттии қадим, афсонаву ривоятҳои мардумӣ муқобилгузориҳо зиёд мушоҳида мешаванд: Бой ва хизматгор, Хайр ва Шарр. Аксар мақолу зарбулмасалҳои тоҷикӣ бо роҳи муқобилгузорӣ сохта шуданд, ки ин далели гуфтаҳои болост. Ба монанди: Поёни шаби **сиёҳ сафед** аст; Ҷорӯб **нав,** рӯфтанаш **кӯҳна.**

Муқобилгузории ҳодиса, воқеа, ҳолатҳои рӯҳии инсон дар тасвири бадеӣ санъати тазод (контраст) аст, вале муносибати антонимии калимаҳо ҳодисаи забонист. Дар маъноҳои ба ҳам муқобили калимаҳо аломату хусусиятҳои мухталифи шайъҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни воқеӣ акс ёфтаанд. Дар илми забоншиносии тоҷик масъалаи антонимҳо (мутазод) мавриди таҳқиқи алоҳида қарор нагирифтааст. Дар баъзе асару мақолаҳои олимон М. Муҳаммадиев, Р. Ғаффоров, Ҳ. Маҷидов ва тадқиқоти ба масъалаҳои услубиёти адибони ҷудогона бахшидаи Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, А. Абдуқодиров ва дигарон баъзе паҳлӯҳои ин масъалаи муҳими забони тоҷикӣ як дараҷа тадқиқ шудаанд.

Антонимҳо ҳамчун воситаи муассири баён барои равшан ифода кардани фикр ва таъмини балоғату фасоҳати сухан нақши калон доранд. Онҳо дар ҳолатҳои гуногуни нутқ зиёд истифода шуда, бештар дар як матни алоқаманд (одатан дар як ҷумла) дучор мешаванд ва ба аломату хосият, амал ва ҳолатҳои мухталифи объекти муҳокимашаванда далолат мекунанд. Бо истифода аз калимаҳои зидмаъно эҷодкор аломату хосият ва ҳаракати инкоршавандаро баён карда муносибати худро нисбат ба он нишон медиҳад.

Дар баробари дигар унсурҳои забон антонимҳо низ дар матбуот зиёд истифода мешаванд. Муҳаққиқон сабаби серистеъмол будан ва дар гуфтору муносибати одамон дучор гардидани антонимҳоро ба табиати ҳастии олам вобаста медонанд [1,17]. Муҳаққиқи рус Л.А. Новиков дар ин маврид чунин гуфтааст: *«Шарҳи илмии муқобилгузориҳо аз асоси фалсафӣ ва мантиқии онҳо бармеояд»* [2,38].

Аз ин воситаи муассири тарзи баён, яъне антонимҳо нигоранда бо мақсадҳои гуногун истифода мебарад. Ҳарчанд муқобилгузорӣ дар назм зиёд истифода гардида, боиси таъсирбахш ва пуробурангу ҷолиб ифода ёфтани фикр мешавад, вале наср низ аз ин истисно нест, зеро зиндагӣ худ аз тазодҳо иборат аст ва тасвири ҳамин тазодҳо нависандаро водор менамояд, ки аз калимаҳои муқобилмаъно истифода барад.

«Зидмаъноӣ бештар хоси калимаҳои ифодакунандаи аломату хусусият мебошад, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки танҳо сифату зарфҳо антоним мешуда бошанд, зеро калимаҳои ифодакунандаи амал ва ҳолатҳои мухталифи объект низ муносибати зидмаъноиро ифода карда метавонанд» [3,20].

Баррасии антонимҳо дар матбуот аз манфиат холӣ нахоҳад буд, зеро воситаҳои хабарӣ вазъи имрӯзаи забонро инъикос кунанд ҳам, дар осори ҳар эҷодкор нишонаҳои фардиро соҳиб мешаванд. Ҳар нигоранда ё эҷодкор вобаста ба сатҳи ғунҷоиши тахайюли образофаринии худ ин ё он аломат ва хусусияту мафҳумро ба ҳам зид мегузорад. Аз ҷониби дигар, мафҳумҳое, ки ба ҳам зид гузошта мешаванд, бо объекти тасвир ва мавзӯю мундариҷаи ҳар мақола вобастагии устувор доранд.

«Ҷуфтҳои антонимӣ дар адабиёти бадеӣ ва навиштаҳои публисистӣ ба сифати номи асар ва мақолаҳо низ зиёд истифода шудаанд. Адибон ва хабарнигорон ба ин восита мароми эҷодии худро ба сурати рехта ба қалам дода, тамоми мазмуну муҳтавои асар ва мақоларо барои ошкор сохтани зиддияти байни чиз ва аломатҳое, ки сарлавҳа фаро гирифтаанд, равона мекунанд. Достони Низомии Ганҷавӣ «Хайр ва Шарр», романи Л.Н. Толстой «Ҷанг ва сулҳ», як мақолаи публисистии устод Айнӣ «Аз зулмот ба нур» мувофиқи ҳамин қоида ном гирифтаанд» [4,61].

Антонимҳо дар матбуот бо шаклҳои мухталиф ва тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир мешаванд. Онҳо аксаран барои ифодаи тазоди бадеӣ хизмат карда, моҳияти тасвири предметро ба назари хонанда равшантар баён мекунанд. Масалан, калимаҳои антонимии **сиёҳу сафед**, **зану шавҳар, марду зан, некбахту бадбахт, наву кӯҳна** ва ғайраҳоро дар сарлавҳаҳо дидан мумкин аст.

Тавре гуфта гузаштем, ҷавҳари баъзе зарбулмасалу мақолҳоро антоним ташкил медиҳад. Масалан, дар мақоли машҳури «*Поёни шаби **сиёҳ сафед** аст*» калимаҳои *сиёҳ* ва *сафед*, ки ифодагари аломату хусусияти рангҳо мебошанд, мафҳумҳои ба ҳам зидро ифода мекунанд. Ин мақол аз тарафи хурду бузург истеъмол мешавад. Дар шумораи 21.03.2003-и ҳафтаномаи «Чархи гардун» он ҳамчун сарлавҳа истифода шудааст. Ин мақолро одатан мардум дар мавриди барор нагирифтани кор, ба

мушкили рӯ ба рӯ шудан, ба умеди ояндаи нек ба кор мебаранд. Дар «Фарҳанги зарбулмасал мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ» муаллиф ин зарбулмасалро дар муқоиса ба зарбулмасали *«Аз пайи ҳар гиря охир хандаест»* меорад, ки маънояш чунин аст: *Рӯзи сахт рӯзи беҳӣ, гиря хурсандӣ, ва ғам шодӣ дорад.* [5,70].

Дар сарлавҳаи *«Ҷорӯб* ***нав*** *– рӯфтанаш* ***кӯҳна****»* (Чархи гардун, 16.02.2001) сифатҳои наву кӯҳна антоним шудаанд. Сарлавҳа дар шакли мақол ифода ёфта, дар он ақидаҳои фалсафии ҳунарпешаи театр ва синамо Ҳошим Гадо оварда шудааст.

Сарлавҳаи *«****Девонаи*** *ба кори худ* ***ҳушёр****»* (Чархи гардун, 2.03.2001) низ мақол буда, ба тариқи шӯхӣ ба касе, ки дар суҳбат ва ё ҳалли масъалае худро ба нодонӣ мезанад ва ё ба касе, ки ба хилофи чашмдошти дигарон кореро хуб ба анҷом мерасонад, гуфта мешавад. Дар ин ҷо калимаҳои *девона* ва *ҳушёр* ба ҳам зид буда, хислати одамиро мефаҳмонад.

Бо ҷуфти антонимҳои сиёҳ ва сафед дар забони матбуот инчунин сарлавҳаҳои *«Пӯсти хирси* ***сафед сиёҳ*** *аст»* (Чархи гардун, 28.04.2000); *«Соҳиби* ***сиёҳи*** *кохи* ***сафед»*** (Миллат, 22.01.2009); *«Доғҳои* ***сиёҳи*** *пахтаи* ***сафед»*** (Тоҷикистон, 27.10.2005) омадааст.

Зери сарлавҳаи *«Пӯсти хирси* ***сафед сиёҳ*** *аст»* сухан дар бораи хирсҳои сафед меравад, ки дар қутби шимол зиндагӣ мекунанд. Чунон ки ҳамагон медонанд, пашми хирсҳои Қутби шимолӣ сафед аст, мақоларо мутолиа карда, мефаҳмем, ки пӯсташон сиёҳ будааст. Муаллиф сарлавҳаи ҷолиб ва ба матн мувофиқро интихоб кардааст. Сарлавҳа диққатҷалбкунанда аст, зеро кас гумон мекунад, он шояд ба сифати ягон мақол ба кор рафта бошад, аммо мақола ба маънии аслӣ кор фармуда шудани сарлавҳаро нишон медиҳад.

Сарлавҳаи *«Соҳиби* ***сиёҳи*** *кохи* ***сафед»*** бошад, дар хусуси президент интихоб шудани Барак Обама баҳс мекунад. Дар таърихи давлатдории беш аз дусадсолаи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико бори аввал аз қабилаи сиёҳпӯстони амрикоӣ, ки аҳолии бумии ин сарзамин мебошанд, роҳбари ин давлати абарқудрат интихоб шудааст. Кохи сафед қароргоҳи президенти Амрико мебошад. Соҳиби сиёҳи он бошад, киноя аз Барак Обама аст. Муаллиф бо ин сарлавҳа нахустин маротиба аз қабилаи сиёҳпӯстони Амрико интихоб шудани роҳбари ин давлатро таъкид кардааст. Азбаски калимаи *сиёҳ* ба маънои маҷозии *нопок* бисёр ба кор меравад, хонанда аввал гумон мекунад, шояд мақола дар хусуси ягон ҷиноят, кирдори ношоиста бошад, аммо чунин нест. Сарлавҳа бо матн мувофиқ аст ва хеле ҷолиб баромадааст.

Аммо дар сарлавҳаи *«Доғҳои* ***сиёҳи*** *пахтаи* ***сафед»*** сухан дар бораи ранҷу заҳмати деҳқонон меравад, ки дар офтоби сӯзони тобистон кор карда, ҳангоми ғундоштани ҳосили пахта маоши ночиз мегиранд. Ин сарлавҳа низ ба мақсад мувофиқ буда, муаллиф онро дуруст ба кор бурдааст.

Чунон ки дар боло дидем, антонимҳо одатан аз калимаҳои гуногунреша ташкил меёбанд. Дар баробари ин ҳолати аз як реша сурат гирифтани онҳо низ мушоҳида мегардад. Дар ин маврид ҳиссаҳои мухталифи калимасоз истифода мешаванд. Префиксҳои **бе-** ва **но-** аз он ҷумлаанд: *Ӯзбакистон* ***чора*** *ме ҷӯяд, Тоҷикистон* ***бечоратар*** *мешавад* (Миллат, 8.07.2010), *Зани ту* ***безеб****, зани ман* ***зебо*** (Оила, 1.09.2000). Зери сарлавҳаи *Ӯзбакистон* ***чора*** *ме ҷӯяд, Тоҷикистон* ***бечоратар*** *мешавад* сухан дар бораи сохтани НБО-и «Роғун», бастани роҳи оҳан дар ҳудуди Ӯзбакистон ва монеаҳо эҷод кардан меравад. Муаллиф бо истифода кардани префикси **бе** аз калимаи чора ҷуфти антонимӣ сохтааст, ки сарлавҳа хеле ҷолиб ва мақола хонданибоб баромадааст. Сарлавҳаи *Зани ту безеб, зани ман зебо* низ дар чунин қолаб сохта шудааст ва баҳси ду рафиқ аст, ки яке ба дигаре ҳазл карда мегӯяд. Дар натиҷа рафиқи зудбовар зани дуюм мегирад. Дар ин сарлавҳа на ҳамаи калимаҳо хоси забони адабӣ мебошанд, аз ҷумла калимаи *безеб*, ки дар забони гуфтугӯйи корбаст мешавад. Шояд муаллифи мақола барои табиӣ зоҳир шудани матн аз забони персонаж ин калимаро овардааст.

Ташкили ҷуфтҳои антонимӣ бо префикси **но-**: ***Шод*** *бояд зистан,* ***ношод*** *бояд зистан* (Чархи гардун, 14.02.2003), *Ман* ***нодон****,* ***доно*** *ва хирадмандам* (Тоҷикистон, 7.09.2005), ***Ошнои ноошно*** (Чархи гардун, 28.01.2000) Дар ин сарлавҳаҳо ихтилофи

мантиқ дида мешвад ва хусусияти аксюморонӣ доранд. Сарлавҳаи аввал мисраи байти пандомӯз аст. Мақола аз саргузашти зане, ки се фарзандашро аз даст додааст, баҳс мекунад. Сарлавҳаи дуюм суханони намояндаи Созмони Милали Муттаҳид Вилям Пейтон аст, ки хабарнигори ҳафтаномаи «Тоҷикистон» бо ӯ мусоҳиба кардааст. Одатан дар мақолаҳои мусоҳибавӣ сарлавҳаро дар қолаби ҷавоб ба саволи хабарнигор мегузоранд ва чунин тарзи сарлавҳагузорӣ дар ҳафтаномаҳо маъмул аст. Сарлавҳаи *Ошнои ноошно* бошад, аксюморон аст, яъне маънои калимаҳои антонимӣ аз як реша бармеоянд. Сарлавҳа номи тарона буда, муаллифаш шоира бо тахаллуси Ишқия аст. Ба ин монанд сарлавҳаҳои ***Шавҳардори бешавҳар*** (Чархи гардун, 4.02.2000), ***Мурад зиндагӣ*** (Адабиёт ва санъат, 30.01.2004), ***Душманони дӯстрӯ*** (СССР, 9.04.2009), ***Гунаҳкори бегуноҳ*** (Чархи гардун, 10.02.2006), *Туӣ* ***тафсири бетафсир*** ё саҳифаҳо аз китоби нав (Чархи гардун, 17.02.2006), ***«Шӯдорҳои бева»*** (Чархи гардун, 24.02.2006), ***Кампири ҷавон*** ё худ шавҳар рафт, эҳтирому давлат рафт…(Чархи гардун, 5.05.2006) ва ғайраҳоро дар матбуот дидан мумкин аст.

Кӯлоб ***мотам*** *дошт, мо –* ***ҷашн*** (Озодагон, 12.05.2010). Дар ин ҷо калимаҳои *мотам* ва *ҷашн* антониманд. Мақола дар бораи офати табиии моҳи майи соли 2010, ки бо сокинони шаҳри Кӯлоб рух дода буд ва ҳамон рӯз дар Душанбе ҷашни Рӯзи ғалабаро ид мекарданд, баҳс мекунад.

Хирадмандро ***сулҳ*** *беҳтар зи* ***ҷанг*** (Зиндагӣ, 10.11.2005) дар бораи конференсия, ки дар ҷумҳурии Қирғизистон гузаштааст, баҳс мекунад. Конференсия бо ташаббуси созмони ҷамъиятии Олмон баргузор гардидааст ва дар он аз таҷрибаи сулҳи тоҷикон маърӯзаҳо карданд. Конференсия дар рӯзҳое баргузор мегардид, ки дар Қирғизистон мардум дар ду майдон ҷамъ омада буданду бар хилофи талаботи якдигар суханронӣ мекарданд.

Ёдҳои ***талху ширин*** (Зиндагӣ, 26.05.2005). Мақола дар бораи зиндагӣ ва кушта шудани Сайф Раҳимзоди Афардӣ баҳс мекунад.

Некбахт *кисту* ***бадбахт*** *кист?* (Чархи гардун, 28.01.2000). Дар мақола сухан аз ҳадису пандҳо меравад ва аз китоби «Танбеҳ-ул-ғофилин» 11 аломати некбахтӣ ва 11 аломати бадбахтӣ оварда мешавад.

Хулоса, антонимҳо ва муқобилгузорӣ дар сарлавҳаҳои матбуот яке аз воситаҳои муассиртарин ба шумор рафта, бар акси воситаҳои дигари таъсирбахши луғавию грамматикӣ дар истифода хеле осон ва дар муқоиса бо воситаҳои дигар аз ҷониби рӯзноманигорон самарабахштар корбаст гардидаанд. Агар дар мавриди истифодаи воситаҳои дигари муассири луғавӣ муаллифон бештар ба ғалат роҳ дода бошанд, аз истифодаи муқобилгузорӣ онҳо тавонистаанд бештар ҳадафро нишонрас баён намоянд.

АДАБИЁТ

1. Маҷидов Ҳ. Антонимҳои луғавӣ // Маърифат, 1999, №1 – 2.
2. Новиков Л. А. Семантика русского языка, - М.: Высш. школа, 1982. – 150 с.
3. Талбакова Ҳ. Луғати антонимҳои забони адабии тоҷик. – Душанбе, 2000. – 129 с.
4. Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б.Услубшиносӣ (Китоби дарсӣ барои синфҳои 10-11). – Душанбе: Маориф, 1995. – 192 с.
5. Удовик С.Л. Глобализация: семиотические подходы. М.: «Рефлбук», «Ваклер», 2002. 480 с.
6. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ. 1. С. 70.
7. Федотова Л.Н. Паблик Рилейшинз и общественное мнение.- СПБ: Питер, 2003. 325 с.

ПОЛОЖЕНИЕ АНТОНИМОВ В ЗАГОЛОВКАХ ПРЕССЫ

На сегодняшний день печать играет большую роль в восстановлении и укреплении связей между людьми различных социальных групп, и в современной ситуации диалога цивилизаций. Наряду с другими лексическими категориями антонимы широко употребляются в языке печати и как выразительные средства выражения играют большую роль.

Антонимы в языке печати встречаются в различных смысловых оттенках. Они служат для яркости выражения художественных противопоставлений и сущности описания предметов.

Ключевые слова: печать, антоним, язык, выразительные средства.

THE PROVISION OF ANTONYMS IN PRESS HEADLINES

Today the press plays large role in restoration and communication strengthening between people, various social groups, and in a modern situation of dialogue of a civilization. Along with other lexical categories antonyms are widely used in language of the press and as means of expression of expression play large role. Antonyms in language of the press meet in various semantic shades. They serve for brightness of expression of art oppositions and essence the description of subjects.

Key words: press, antonym, language, means of expression

Сведения об авторе: ***Сафаров Х.О.*** – ассистент кафедры стилистики и литературного редактирования ТНУ. Телефон: **907512121**. E-mail: **french78@mail.ru.**

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ АРЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГИ «АНҶУМАНОРОИ НОСИРӢ»

Ш.Одинаева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳарчанд забоншиносии форсу тоҷик дар даврањои пеш аз Ислом ба сифати як соҳаи илми алоҳида шакл нагирифта бошад ҳам, вале дар осори илмию адабии донишмандони форсу тоҷик ба таърихи он ишораҳо дида мешавад. Хусусан дар асрҳои IX-X луғат ё асаре, ки тамоми масоили илми забоншиносиро фаро гирад, дида намешавад, аммо шоирону нависандагони бузурги мо аз асри IX сар карда, тавонистаанд ба ин забони фасеҳу ширин асарҳо эҷод кунанд ва таълифоту таснифоти онҳо баёнгари таърихи қадима доштани забоншиносии форсу тоҷик аст. Тамоми осори забоншиносии мардуми форсу тоҷик аз луғатномаҳою тазкираҳо ва осори адабие иборат мебошанд, ки доир ба пайдоиши забоншиносии онҳо шаҳодат дода, арзиши баланди забоншиносӣ низ доранд.

Тавре ки аз сарчашмаҳои таърихӣ аён аст, аз асри X сар карда таълифи луғатномаҳо ба назар мерасад ва то имрӯз давом ёфта, хеле рушд кардааст. Мутаассифона, баъзе аз луғатномаҳо танҳо ҳодисаҳои лексикиро дар бар мегиранд. Аз охирҳои асри XVI то нимаи дуюми асри XX як даста фарҳангҳо иншо шудаанд, ки натанҳо ҳодисаҳои лексикӣ, балки масъалаҳои муҳими грамматикиро ба таври мушаххас фарогиранд.Ба ин гуна фарҳангномаҳо метавон «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу, «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ, «Бурҳони Қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон, «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин ва «Анҷуманороии Носирӣ»-и Ризоқулихони Ҳидоятро дохил кард.

Мақсади асосии мо бозгӯии андешаҳои забоншиносии Ризоқулихони Ҳидоят дар фарҳанги «Анҷуманороии Носирӣ» аст.

Фарҳанги «Анҷуманороии Носирӣ» дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX аз тарафи донишманди бузурги мардуми форсу тоҷик Ризоқулихони Ҳидоят навишта шудааст.Ӯ дар давраи шоҳ Насируддиншоҳи Қочор умр ба сар бурда, ҳафтод соли умри шарифи хешро дар навиштани чунин як фарҳанги муътабар сарф кардааст.Ин фарҳанг охирин таснифоти муаллиф буда, тибқи нишондоди сарчашмаҳои таърихӣ дар соли 1288қ мутобиқ ба 1870-1872м ба табъ расидааст. Дар ин фарҳанг зиёда аз 16 ҳазор калимаю ибора ба риояи тартиби ҳуруфи алифбо ҷой гирифтааст.Муқаддимаи фарҳанги мазкур аз дувоздаҳ «ороиш» иборат буда, ҳар як «ороиш» ба мавзӯи махсуси лексикӣ-грамматикӣ бахшида шудааст. Ба назари мо, ин фарҳанг дар пайравӣ ба «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони Қотеъ» навишта шуда, ба пуррагӣ аз ин фарҳангҳо истифода карда, саҳву хаттоҳои онҳоро ислоҳ намудааст. Қайд кардан зарур аст, ки Ризоқулихони Ҳидоят ба масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ эътибори махсус дода, назари забоншиносии худро дар муқаддимаи ин фарҳанг ба пуррагӣ дарҷ кардааст.

Ризоқулихони Ҳидоят дар ороиши якуми фарҳанги «Анҷуманороии Носирӣ» дар бораи таҳқиқи луғоти муарраба, муваллада ва мутафарриқа сухан ронда, барои

пурратар шудани мафҳуми ин луғот аз китобҳои «Ас-сиҳоҳ»-и Ал-Ҷавҳарӣ, «Музҳиру луға»-и Ас-Суютӣ ва «Шарҳуттаҳлил»-и Абӯҳаёнбаъзе мисолҳо овардааст. Масалан, ӯ аз китоби «Иртишоф» ва «Шарҳ-ут-таҳлил»-и Абӯҳаён дар бораи ин луғот мисол оварда мегӯяд: «Асмои аҷамӣ бар се қисм аст: қисме аз онҳоро арабҳо тағйир дода ва ба каломи худашон дохил кардаанд. Баёни он асморо маҳкум намуда, бо буняи асмои арабӣ муваззаъ сохтаанд, чун дирҳамун ва баҳраҷун. Қисми дигари он асмоъро тағйир дода, аммо бо буняи каломи худ дохил накардаанд. Қисми сеюми он асмоъ бошад, бе тағйир монда, бо буняи каломи аъроб мулҳақ шинохта мешавад, чун вожаи Хуросон. Берун кардани баъзе калимаҳо аз авзони асмои арабӣ мисли ибрисим (ابرسيم), ки дар забони арабӣ чунин биноҳои асмоъ бо ин вазн ёфта намешавад, дида мешавад. Дигар калима, ки аввали он «нун» ва дуюми он «ро»,чун нарҷис (نرجس), дар каломи араб чунин калимаҳо дида намешавад. Вожаи дигар ин аст, ки охири он «зо» баъд аз «дол», чун қундуз (قندز), ин калима низ дар каломи араб дида намешавад...» (4,16).

Ороиши дуюми фарҳангро бошад, Ризоқулихони Ҳидоятдар тавзеҳи баъзе луғоти порсӣ-арабӣ ва табдилоти онҳо дониста, мегӯяд: «Мо дар ин фасл баъзе аз луғоти аҷамиро меоварем, ки арабҳо аз алфози форсия биноҳҳои арабия бунёд карда, онҳоро тасрифу таъриб намуданд, чун алкуза (куза), алҷарра (сунбӯ), алибриқ (кӯза ё офтоба), алхвон (хон ва суфра), аттибқ (банк), алқасъа (коса), алфирузаҷ (фируза), алҷулнор (гулнор), алёсамин (гул) ва алқарнафул ин гуле аст, ки асли он паҳлавӣ ва ҳиндист, бо забони румӣ алфирдус ба маънои албустон, яъне боғ аст...» (4, 18).

Ба ҳамин тариқ, муаллиф ороиши сеюму чаҳоруми фарҳангро дар баёни баъзе аз луғоте, ки соҳибони «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Бурҳони Қотеъ» дар он иштибоҳ ва саҳв кардаанд, донистааст. Ороиши панҷум дар таҳқиқи забони порсӣ ва тағйироти он, сифати калима, каломи наср ва назм, ороиши шашум дар баёни ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва таҳқиқоти онҳо, ороиши ҳафтум дар бораи табдили ҳар як ҳуруфи бистучаҳоргона, ороиши ҳаштум дар бораи баъзе фавоиде, ки дар зимни чанд гуфтор марқум мешавад, ороиши нӯҳум дар баёни оини шинохти масдару аломати он, ороиши даҳум дар баёни мусталаҳоти зарурии илми сарф ва наҳв, ороиши ёздаҳум дар баёни феъл ва ороиши дувоздаҳумро дар бораи исм донистааст.

Ҳамин тавр, Ризоқулихони Ҳидоят ба масъалаҳои гуногуни илми забоншиносӣ таваҷҷуҳи бештаре дода, ба қадри имкон тавонистааст масъалаҳои муҳими ин илмро шарҳу тавзеҳ диҳад.Масалан, ӯ дар бораи алифбои арабиасоси забони форсии тоҷикӣ мегӯяд: «Донистан зарур аст, ки алифбои забони форсӣ аз алифбои забони арабӣ бо роҳи илова кардани чаҳор ҳарф پ،چ،ژ،گ, ки аслан дар алифбои арабӣ вонамехӯранд, сохта шудааст.Ӯ дар ин ҷо қайд мекунад, ки забоншиносони форсу тоҷик аз 28 ҳарфи алифбои арабӣ 8 ҳарфи сақилутталаффуз (талаффузашон вазнин), яъне-ث،ح،ص،ض،ط،ظ،غ،ق-ро ҳангоми талаффуз тарк кардаанд. Агар калимае бо ин 8 ҳарф таркиб ёфта бошад, пас онро арабӣ ё туркӣ мегӯянд ва форсӣ донистани он калима хатост. Ба ақидаи ӯ, забошиносон «تا»-ро «تا»-и фавқонӣ ё «تا»-и қаршат, «ثا»-ро «ثا»-и мусалласа ё «ثا»-и саххад ва «یا»-ро «یا»-и таҳтонӣ ё «یا»-и таҳтия меноманд. Инчунин -ع،ی،س،ص،ط،ح-ро ба маҳмала ё ба ғайри манқута мегардонанд, -ع،غ،ظ،ط،ض،ص،ح،ث-ва ق-ро муъҷамид ё манқута медонанд, -ح-и маҳмаларо -ح-ҳуттӣ низ мегӯянд, -ه-и мудаввараро -ه-и ҳавваз ё -ه-и ҳидоят мехонанд, -ب،ج،ز،ک-ро ба арабӣ ё ба тозӣ ва-پ،چ،ژ،گ-ро ба форсӣ ё ба аҷамӣ мавсуф месозанд» (4, 47).

Дар ороиши даҳуми фарҳанг Ризоқулихони Ҳидоят дар бораи илми сарф (морфология) ва наҳв (синтаксис) чунин гуфтааст: «Илми сарф дар луғат (забон) дигаргун кардани калима аст ва дар истилоҳи илмӣ қоидаест, ки аз он бино кардани калима, иштиқоқи калимот ва тағйиру табдили онҳо ҳосил мегардад. Мавзӯи ин илм фақат калима аст ва мақсади асосии он нигаҳ доштани зеҳн аз хатои лафзист. Илми наҳв бошад, дар луғат ба маънои қасд кардан аст ва дар истилоҳи илмӣ қойдаест, ки ба воситаи он аҳволи калимаҳо аз рӯйи муфрад ва таркибашон дониста мешаванд ва

мақсади ин илм дуруст сухан кардан аст. Мавзӯи асосии ин илм аз калима сохтани ибораю ҷумлаҳо мебошад» (4, 46).

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Ризоқулихони Ҳидоят ба мисли донишмандони дигар тавонистааст масъалаҳои гуногуни илми забоншиносиро шарҳ дода, аввалан ӯ ҳодисаҳои лексикиро баён карда, сипас ба шарҳи масъалаҳои грамматикии забони форсии тоҷикӣ пардохтааст. Ногуфта намонад, ки дар фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ» ҷои асосиро ҳодисаҳои лексикӣ мегиранд.

Қайдҳои грамматикии Ризоқулихони Ҳидоят дар баробари омӯхтани муқаддимаи ин фарҳанг мушоҳида мешавад.Ӯ низ ба мисли донишмандони юнону араб ҳиссаҳои нуткро ба се гурӯҳ: исм, феъл ва ҳарф ҷудо карда, мегӯяд: «Агар калима ба ном ё ашёе далолат кунад, пас ба исм мавсум мегардад, мисли *Зайд* ва *дарахт*. Дар сурати дигар, агар ба яке аз се замон: мозӣ, ҳол ва мустақбал (гузашта, ҳозира ва оянда) далолат кунад, мисли *омад*, *ояд* ва *хоҳад омад* феъл номида мешавад. Ва агар ба монанди *бо*, *то* бошаду дар танҳоӣ ба ҳеҷ маъние далолат карда натавонад, пас онро ҳарф мегӯянд» (4, 46).

Ризоқулихони Ҳидоят монанди Шамси Қайси Розӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон ба шарҳи масъалаҳои овошиносӣ даст зада, вазифаҳои баъзе аз ҳуруфоти забони форсии тоҷикиро нишон додааст.Масалан, барои ҳарфи «алиф» нӯҳ вазифа, барои «бо» шонздаҳ вазифа, барои «мим» ду вазифа, барои «нун» ду вазифа ва якчанд вазифаҳои дигарро барои ҳарфҳои «шин», «коф», «ҳо»-и ҳавваз ва «ё» қайд кардааст.

Тавре ки дар боло зикр кардем, фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ», ки ҳам ҳодисаҳои лексикӣ ва ҳам ҳодисаҳои грамматикиро дар бар мегирад, қариб тамоми ҷанбаҳои илми забоншиносии форсу тоҷикро дар худ ҷой дода, дар миёни фарҳангҳои дигари ҳамасраш арзиши баланди забоншиносӣ низ дорад.

АДАБИЁТ

1.Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷ.1.-Нашри академӣ.-Душанбе, «Дониш». 1985.-350с
2.Муҳаммад Ғиёсуддин.Ғиёс-ул-луғот.Ҷ.1.-Душанбе, 1987.-480с.
3.Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон.Бурҳони қотеъ.Ҷ.1.-Душанбе,1993.-416с.
4.Ризоқулихони Ҳидоят.Фарҳанги «Анҷуманорои Носирӣ».-Теҳрон, 1870.-756с.
5.Хаскашев Т.Н.Фонетикаизабониадабиитоҷик.-Душанбе, «Маориф»,1989.-200с.
6.Хоҷаев Д.Гуфторинакӯкуҳаннагардад.-Душанбе, «Шуҷоиён», 2011.-230с.
7.Хоҷаев Д.ХоҷаҲасаниНисорӣваафкоризабоншиносии ӯ.-Душанбе, 2004.-108с
8.Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам.-Душанбе: «Адиб», 1991.- 464с.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ ОБ ЛИНГВИСТИЧЕСКОЙ ЗНАЧИМОСТИ СЛОВАРЯ «АНДЖУМАНОРО НОСИРИ»

В данной статье исследуется лингвистическая зничимость словаря «Анджуманорои Носири». Этот словарь написан в конце XIX и начале XX вв. и её содержание состоит из 12 "ороиш". Автор данного словаря Ризокулихон Хидоят написал лингвистические, морфологические и синтаксические заметки в этом 12 "ороиш".

Ключевые слова: словарь, языкознание, вопросы, буква, морфология, синтаксис.

SOME THE REFLECTION ABOUT LINGUISTIC TO MEANINGFULNESS OF DICTIONARY OF «ANJUMANOROI NOCIRY»

In this article has given information about linguistic to meaningfulness of dictionary of «Anjumanoroi Nociry». This dictionary is written in the end XIX of willows beginning of XX ages and it’s maintenance consists of 12 "oroish".Author of this dictionary Rizoqulikhoni Hidoyat wrote linguistic, morphological and syntactic notes in this 12 "ороиш".

Key words: dictionary, linguistics, questions, letter, morphology, sintax.

Сведения об авторах: ***Одинаева Ш.***– аспирантка кафедры арабской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **987 31 54 13**

ИФОДАИ СИҒАИ АМРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

С.Х.Ҳуҷамқулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз категорияҳои грамматикии феъл сиға мебошад, ки бо роҳҳои ифодашавиаш феълро аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунонад.

Сиға яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи феъл аст. Гӯянда вуқӯъ, ҷараён ва анҷоми амалро баён карда, муносибати нисбат ба воқеият доштаи онро муайян менамояд. Муносибати амал ба воқеият сиға номида мешавад [3;204].

Дар забони ҳозираи тоҷикӣ 4 навъи сиғаро забоншиносон қайд намудаанд: **сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи амрӣ** ва **сиғаи эҳтимолӣ**.

Сиғаи амрӣ як навъи маъмули категорияи сиға ба шумор рафта, дар ҷумлаҳои водоркунанда барои иҷрои ягон амал, ки нисбат ба шахси дуюм равона гардидааст, истифода бурда мешавад. Ин навъи сиға бештар дар муколамаҳо ифода карда мешавад, зеро дар муколама шахси гӯянда бо шахси дуюм, яъне шунаванда гуфтугӯ намуда, амру фармоиш ва ё дархосту илтимоси хешро нисбат ба ӯ иброз медорад.

Сиғаи амрӣ изҳори хоҳишу супориш, фармону таъкид ва водор кардан ба амалеро, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад [3;208].

Ин сиға дорои як шахс, шахси дуюм дар шаклҳои танҳо ва ҷамъ мебошад ва амали сиғаи амрӣ ба воситаи феъли фармоишбаён карда мешавад,ки бо шакли ифодашавиаш ба гурӯҳи феълҳои замони ҳозира-оянда дохил мешавад.

Тарзи сохтори феъли фармоиш дар шахси дуюми танҳо баробар аст, ба асоси замони ҳозираи феъл. Масалан, аз феъли **гирифтан-гир, рафтан-рав, гуфтан-гӯй** ва монанди инҳо шаклҳои феълӣ ба вуҷуд меояд.

*– Писарам! Ҳар чи зудтар як-ду нафар **пайдо кун**, ин салмаро ба хонаи модаркалонаш **кӯчон**!* [1; 22].

*– Ту **дониста бош**, ки баъд аз мурданат аз дасти ман халос хоҳӣ шуд, боз ту аз таги қарзи ман раҳоӣ намеёбӣ. **Рав** додатро ба Худо **гӯй**!...* [1; 6].

Барои сохтани феъли фармоишии шахси дуюми ҷамъ ба охири асоси замони ҳозираи феъл ё феъли фармоиши шахси дуюми танҳо пасванди **-ед** ва баъзан **–етон** илова карда мешавад.

*- Домулло, дар ҳаққи Одинаи ман **дуо кунед** ва дуои шумо дар ҳаққи вай, албатта, қабул аст, гуфт* [1;74].

*… бо шиори «Пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо **якшавед**!» ҳамаи мардикоронро ба бародарӣ ҷеғ заданд*[1; 51].

Пасванди **-етон** дар феъли фармоишии шахси дуюми ҷамъ бештар дар назм ва дар осори классикон ба чашм мерасад. Дар эҷодиёти нависандагони муосир ин тарзи феъл камистеъмол буда, аҳён-аҳён истифода бурда мешавад.

*Агар мехоҳӣ, ту имшаб ба хонаи падарат **рав** ё модаратро ин ҷо оварда бо ҳам **хобетон***[1; 163].

Дар забони фаронсавӣ сиғаи амриро **impératif** мегӯянд, ки дорои ду шахс мебошад, шахси дуюм дар шаклҳои танҳо ва ҷамъ (**tu, vous**) ва шахси якуми ҷамъ (**nous**), ки дар натиҷа се шакли феълӣ ба вуҷуд меояд: **parle!, parlez!, parlons!.**

Барои хубтару фаҳмотар нишон додани умумиятҳо ва тафовутҳо миёни ин навъи сиға дар забонҳои муқоисашаванда, ин ҷо ҷумлаҳое, ки дар забони тоҷикӣ овардем дар тарҷума ба забони фаронсавӣ таҳлил мекунем.

*– Mon fils, dit-il à son fils Ibode, **va** vite chercher quelques hommes. **Porton** ce propre à rien dans la maison de sa grande-mère* [5;225].

*– **Sache** que seulement après ta morte tes os recoureront la liberté. Tu peux te plaindre au seigneur Dieu lui-même...* [5;222].

Тавре мебинем дар ҷумлаи аввалӣ хабари ҷумла ба воситаи феълҳои фармоишии шахси дуюми танҳо ***пайдо кун*** ва ***кӯчон*** ифода шудааст ва дар забони

фаронсавӣ бошад бо ду ҷумлаи сода баён гардида, дар ҷумлаи якум феъли **aller** (рафтан) дар шахси дуюми танҳо дар шакли фармоиш ***va*** (рав) навишта шудааст ва дар ҷумлаи баъдӣ феъли **porter** (овардан) ба шахси якуми ҷамъ тааллуқ дорад, ки дар шакли фармоиш **portons** (оварем) кор фармуда шудааст. Дар варианти забони тоҷикӣ амал танҳо ба шахси дуюми танҳо равона мегардад, аммо дар тарҷумаи фаронсавӣ қисми якуми амалро шахси дуюми танҳо ва иҷрои амали дигар ба шахси якуми ҷамъ тааллуқ дорад.

Дар мисоли дуюм сифати феълии феъли **донистан** дар якҷоягӣ бо феъли **будан** дар шакли фармоиш ***бош***, ки ба шахси дуюми танҳо равона гардидааст, ифода карда шудааст, дар тарҷума бошад ин ҳолат ба воситаи феъли **savoir** (донистан) дар шакли фармоишӣ ***sache*** (дон) баён шудааст, вале давоми ҷумла, ки дар забони тоҷикӣ дар сиғаи амрӣ аст, дар тарҷума дар сиғаи хабарӣ ифода шудааст.

*«**Priez** pour mon Odina. Vos prières l'aideront»* [5;248].

*...au-dessus d'aux l'appel éblouissant: «Prolétaires de tous les pays, **unissez**-vous!»* [5;239].

Иҷрои амал дар ин ҷумлаҳо ба шахси дуюми ҷамъ нигаронида шудааст ***дуо кунед, як шавед*** ва дар тарҷума низ айнан ҳамин гуна аст: ***priez*** (дуо кунед) ва ***unissez*** (якҷоя шавед).

Дар забони фаронсавӣ феъли фармоишӣ ҳамеша дар як шакл истифода мешавад, мисли забони тоҷикии мо пасвандҳои дигар нестанд, ки водоркунанда ба иҷрои амал бошанд.

*Si tu veux, **va** passer la nuit chez ton père. Ou alors, **appelle** ta mère: vous dormirez ensemble* [5;304].

Тавре мебинем дар варианти тоҷикии ҷумла хабар дар шакли фармоишии сиғаи амрӣ ба шахси дуюми танҳо ва ҷамъ вобаста аст: ***рав*** ва ***хобетон***, дар тарҷума бошад танҳо ба шахси дуюми танҳо: ***va***(рав) ва ***appelle*** (даъват кун), яъне ягон пасванди махсус барои ифодаи пасванди *-етон* кор фармуда нашуд.

Шакли дигари сохтори феъли фармоишии сиғаи амрӣ бо иловаи пешванди **би-(бу-)** сурат мегирад, ки аслан ин шаклро ба шакли аористи феъл мансуб донистаанд, вале чунин пешванду пасвандҳо дар забони фаронсавӣ дида намешавад: ***бирав-бираведбираветон, бибӯс-бибӯсед-бибӯсетон, бубар-бубаред-бубаретон***.

*– **Бирав**, аз хонаи Одина **хабар гир**!* [1; 26].

*Акнун чораи ин корро худи шумоён, калоншавандагони деҳа ҳастед, **бубинед**…*[1;13].

*– **Va**à la maison d'Odina, et **informe**-toi de ce qu'il en est* [5;229].

*Maintenant, vieillards honorés, **desidez** ce qu'il y a à faire* [5;219].

Дар шакли аввалӣ иҷрои амал бо ҷиддият ва бо оҳанги амр супориш дода мешавад ва ба воситаи пешванди **би-** бошад, иҷрои амал бо оҳанги нарму навозиш садо медиҳад ва дар ин шакл бештар хоҳишу илтимос баён карда мешавад.

Феълҳои таркибии исмию масдарӣ ва ҳолӣ дар шакли фармоишии сиғаи амрӣ ба воситаи феъли ёридиҳандаашон тасриф ё сохта мешаванд.

*– Аз чӣ метарсӣ? Дарро **кушодан гир**!* [1;110].

*Бинобар ин, чунин хаёлҳоро аз сари худ **дур кун** ва **ҳозир бош**, ки имрӯз ба пеши духтур ҳамроҳ меравем* [1;101].

*– Dequoias-tupeur? **Ouvre** la porte, puisqu'on te le dit!* [5;270].

*Je te mènerai chez le médécin aujourd'hui même. **Sois prêt***[5;265].

Дар ҷумлаи якум феъли таркибии масдарии **кушодан гирифтан** дар сиғаи амрии шахси дуюми танҳо ***кушодан гир*** навишта шудааст, вале дар тарҷумаи фаронсавӣ на бо феъли таркибӣ, балки бо феъли одии ***ouvre*** (кушо) ифода шудааст. Аммо дар баъзе ҷумлаҳо баръакс, дар забони тоҷикӣ бо феъли одӣ ва дар тарҷума бо феъли таркибӣ ифода шудааст, ки ин хоси тарҷума мебошад. Дар ҷумлаи дувум феъли таркибии **дур кардан**, ки дар шакли фармоиш ***дур кун*** омадааст, дар тарҷума вуҷуд надорад, аммо шакли фармоишии ***ҳозир бош*** ба маънои *тайёр будан*, дар тарҷума низ айнан бо

феъли таркибии **être prêt** (омода будан) бо сиғаи амрӣ ифода шудааст: ***sois prêt*** (омода бош).

Баъзе феълҳо дар сиғаи амрӣ шаклҳои махсуси ифодашавиро доранд. Аз ҷумлаи феълҳои **овардан** ва **омадан** дар сиғаи амрӣ ифодаи махсусро дошта, дар шаклҳои ***о-оед-оетон*** ва ***ор-оред-оретон*** истифода бурда мешаванд. Ин шаклҳо дар забон камистеъмол буда, бештар ба воситаи пешванди **би-** дар шаклҳои ***биё-биёед-биёетон*** ва ***биёр-биёред-биёретон*** истифода бурда мешаванд.

Ба ҳоли мо раҳм ***ored****!* [1;65].


– *Ne nous* ***reunez*** *pas!* [5;243].

– *Аз дари партав* ***биё****!* [1;109].

– ***Passe*** *par la porte de service*[5;270].


Чи тавре мебинем ҷумлаи аввалӣ дар забони тоҷикӣ дар шакли тасдиқии амрӣ омадааст, аммо дар тарҷума ба таври инкорӣ ифода шудааст, ки маънои *«Моро бо ҳам напайвандед»*-ро ифода мекунад. Дар ин ҷумла феъли таркибии **раҳм овардан** дар шахси дуюми ҷамъи сиғаи амрӣ омадааст: ***раҳм ored***, дар забони фаронсавӣ бошад дар шакли инкорӣ феъли **reunir** (пайвастан) ба таври фармоиш ***reunez*** (пайвандед) ба кор бурда шудааст. Дар ҷумлаи дигарӣ феъли **омадан** дар шакли ***биё*** омадааст, дар тарҷума ба воситаи феъли **passer** (гузаштан) ба таври амрӣ ***passe*** (гузар) ифода шудааст. Дар забони фаронсавӣ ҳам ҳастанд феълҳое, ки дар **impératif** шакли махсуси ифодашавиро доранд. Ин гуна феълҳо якчандтоанд:

être – будан




Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu es que tu sois tu serais sois!
Vous etes que vous soyez vous seriez soyez!
Nous sommes que nous soyons nous serions soyons!

avoir – доштан




Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu as que tu aies tu aurais aie!
Vous avez que vous ayez vous auriez ayez!
Nous avons que nous ayons nous aurions ayons!

savoir – донистан



Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu sais que tu saches tu saurais sache!
Vous savez que vous sachiez vous sauriez sachez!
Nous savons que nous sachions nous saurions sachons!

vouloir – хостан



Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu veux que tu veuilles tu voudrais veuille!
Vous voulez que vous vouliez vous voudriez veuillez!
Nous voulons que nous voulions nous voudrions veuillons!

Феъли **будан**, ки дар забон ба гурӯҳи феълҳои серистеъмол ва ёридиҳанда дохил мешавад, дар сиғаи амрӣ дар шаклҳои ***бош-бошед-бошетон*** ба кор бурда мешавад ва ин шаклҳоро дар забон аорист низ меноманд. Дар забони фаронсавӣ ин феъл **(être)** дар шаклҳои ***sois*** (бош), ***soyez*** (бошед), ***soyons*** (бошем) истифода мешавад.

Хизматгор ***бошед****, лекин хизматгори содиқ* ***бошед****!* [1;50].

Soyez *zélés et sincères*[5;233].

Дар ҷумла ҳам дар варианти тоҷикӣ ва ҳам фаронсавӣ шаклҳои феъли **будан** ба таври фармоишӣ дар шахси дуюми ҷамъ ифода ёфтааст: ***бошед – soyez*** (бошед).

Дар назм баъзан барои пайдо намудани маънии баланд ва обу ранги шеър ва мувофиқ кунонидани вазну қофия феъли фармоишии шахси дуюми танҳо ба воситаи пешванди **ме-**, ки асосан дар замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ истифода мешавад, сохта мешавад: **мебош, мерав, мегӯй, мебин** ва ғайра.

Инчунин, дар адабиёти классикӣ пешванди дигаре низ барои сохтани феъли фармоиш ба кор бурда шудааст, ки ин пешванди **ҳаме-** мебошад. Бо истифода аз ин пешванд иҷрои амал ба таври таъкид ва хоҳиш гуфта мешавад: **ҳамерав, ҳамебош, ҳамекун**. Ин навъи феъли фармоиш хоси назм мебошад.

Ҷумлаҳои сиғаи амрӣ аслан бе мубтадо, яъне бе ҷонишинҳои шахсӣ ифода карда мешаванд ва дар матн онҳоро аз рӯйи мазмун ва оҳанги гуфтор фаҳмидан мумкин аст, ки ин ҳолат дар забони фаронсавӣ низ дида мешавад.

– Ин кӯрнамаки модарсеталоқро ***бубинед*** *чӣ кардааст*[1;13].

– Ce fils du peché, trois taliaks, à sa mère! ***Voyez*** *ce qu'il a fait*[5;219].

Ҳамон тавре маълум аст, дар ин ҷумлаҳо, ки хабар ба шахси дуюми ҷамъ тааллуқ дорад, мубтадо наомадааст.

Дар ҷумлаҳои сиғаи амрӣ калимаҳои модалии[1] **мабодо, албатта, ҳаргиз** низ истифода бурда мешаванд, ки барои ифодаи таъкиди махсус меоянд.

*– **Албатта**, ҳар чизеро, ки ман дар ҳаққи ин бемор гуфтам, ба худаш изҳор* ***накун*** *ва «духтур ба саломатӣ ёфтанат ҳукм кард» гуфта* ***тасалло дех****, вагарна ба кӯтоҳ шудани умри ӯ сабаб хоҳӣ шуд* [1;104].

– Ne ***répète*** *pas au malade tout ce que je t'ai dit.* ***Dis****-lui seulement: «Le médecin a bien compris ta maladie et il te guérira bientôt». Des paroles imprudentes peuvent hâter sa mort*[5;266].

– Шумо аз ғайри миллати худу аз ғайри дини худ бо эҳтиёт ***бошед****.* ***Ғофил нашавед****, ки* ***мабодо*** *шуморо аз роҳ бароваранд ва ба дини худ дароваранд, дар роҳи дини худ* ***садақа диҳед*** *ва ба Худои худ* ***ибодат кунед*** [1;49].

– Oh, vous ne ***devez*** *connaître rien en dehors de votre foi et de votre patrie!* ***Soyez*** *prudents, autrement – à Dieu ne plaise! – d'habile coqins vous détourneront de la voie, de la vérité et ils vous entraîneront dans les rets de la religion ennemie. N'****aidez*** *que votre foi, ne* ***priez*** *que votre Dieu*[5;238].

Чи хеле дар ин ҷумлаҳо мебинем феълҳои фармоишие, ки истифода шудааст дар тарҷумаи фаронсавӣ дида мешавад, аммо калимаҳои модалии **албатта**, **мабодо** ифода нашудаанд.

Ба ғайр аз ин шаклҳои фармоишии феълҳои ***омадан*** **(биё, биёед)**, ***мондан*** **(мон, монед)**, ***гузоштан*** **(бигзор//бигузор)**, ***хестан*** **(хез, хезед)** ҳамчун ифодаи модалият низ кор фармуда мешаванд, ки иҷрои амалро ба таври фармон инъикос мекунанд.

*– **Биё мон**! Гап задан**гир**! – гуфт Одина*[1;106].

*– **Parle**! Que s'est-il passé?* [5;268].

Ифодаи шаклҳои модалии феълҳо дар тарҷума баён нагардидааст. Аслан ифодаи модалият дар сиғаи амрии забони фаронсавӣ ба назар намерасад.

Шакли инкории феъли фармоишии сиғаи амрӣ ба воситаи пешванди **на-** сохта мешавад**: нарав, нагӯед, намонетон**.

Ту гумон ***набар****, ман роҳи ҳокиму қозиро намедонам*[1;29].

– Биби ҷон! Беҳуда худро ба андӯҳу алам ***наандоз****!* [1;22].

---

[1]**. Модалият –** муносибати шахс нисбат ба амали иҷрошаванда.

– ***Натарсетон****! Ин ошнои деринаи ман аст, одами бад нест, – гуфта Шоҳмирзо ба онҳо тасаллӣ дод*[1;110].

Дар назм ва дар забони асарҳои классикӣ шакли инкории феъли фармоиш бештар бо пешванди **ма-** истифода бурда шудааст, ки дар забони муосири тоҷикӣ камистеъмол буда, дар шеърҳо баъзан истифода бурда мешавад: **мабош, маҷӯ(й), машин** ва ғайра.

Бинобар ин, ту паси хаёлҳои фосид ***магард****, ба сухани дӯсту душман фирефта* ***машав****, ба иғвоҳои модаркалонат, ки зани ноқисулақл аст,* ***гӯш мадеҳ*** *ва ҷони ҷавони худро дар таҳлука* ***наандоз****!* [1;19].

Дар забони фаронсавӣ бошад шакли инкории **impératif** чун дигар ҷумлаҳои инкорӣ ба воситаи ҳиссачаи **ne...pas** сохта мешавад. Дар ин ҳолат шакли фармоишии феъл дар миёнаи ин ҳиссача гузошта мешавад, ки ҷумлаи сиғаи амрӣ шакли инкориро мегирад. Ҳоло ҷумлаҳои дар боло овардашударо дар тарҷумаи фаронсавӣ дида мебароем.

Ne crois pas *que je ne connais pas le chemin du juge et du khakim* [5;232].

– Grande-mère, ***ne te désole pas****...* [5;226].

*– **N'ayez pas peur**! cria Cho-Mirza. C'est une vieille connaissance à moi. C'est un homme bien. Il ne vous fera pas de mal*[5;271].

Чуноне маълум аст, феъли фармоишӣ дар шакли инкории ҷумлаҳои якуму дуюм ба шахси дуюми танҳо нигаронида шудааст, дар тарҷума ҳам айнан ҳамин гуна аст. Дар ҷумлаи якум шакли инкории ***гумон набар*** бо феъли **croir** (фикр кардан) дар шакли инкорӣ ифода шудааст: ***ne crois pas*** (фикр накун). Дар ҷумлаи дувумӣ шакли инкории ***ба андӯҳу алам наандоз*** ба воситаи феъли ҷонишиндори **se désoler** (ғамгин шудан) ба таври инкор баён гардидааст: ***ne te désole pas*** (ғамгин нашав). Дар ҷумлаи севумӣ шакли фармоишии инкории ***натарсетон*** дар тарҷума бо феъли таркибии **avoir peur** (тарсидан) дар шакли инкории **impératif*n'ayez pas peur*** (натарсед) ифода шудааст.

Вале дар забони фаронсавӣ мисли забони тоҷикӣ дигар навъи инкорӣ ба воситаи пешванд ва ё дигар тарзҳо дида намешавад. Барои мисол ҳамон ҷумлаи дар боло овардашударо дар тарҷума мебинем.

Ne t'abandonne pas*, Odina, à de vaines pensée,* ***ne te leurre pas*** *avec des paroles vides et* ***n'ecoute pas*** *ton imbécile de grande-mère.* ***Ne fais pas*** *périr ta jeune âme*[5;223].

Шакли инкории ***магард*** дар тарҷума ба воситаи феъли ҷонишиндори **s'abandonner** (дода шудан) дар шакли инкорӣ ***ne t'abandonne pas*** (дода нашав), шакли инкории ***фирефта машав*** айнан бо феъли **se leurrer** (фирефта шудан) ба таври инкор ***ne te leurre pas*** (фирефта нашав), шакли инкории ***гӯш мадеҳ*** бо феъли **ecouter** (гӯш кардан) ҳамчун инкор ***n'ecoute pas*** (гӯш накун) ва хели инкории ***дар таҳлука наандоз*** бо феъли таркибии **faire périr** (нобуд кардан) дар инкорӣ ***ne fais pas périr*** (нобуд накун) ифода карда шудааст.

Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки амали сиғаи амрӣ дар ҳар ду забон асосан ба шахси дуюм вобаста карда мешавад, вале дар забони фаронсавӣ баъзе амалҳоро шахси якуми ҷамъ дар сиғаи амрӣ бояд иҷро намояд, ки ин ҳолат дар забони тоҷикӣ ба назар намерасад.

АДАБИЁТ

1) Айнӣ С. Одина (повест). / С.Айнӣ. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – 176 с.
2) Гак В. Г. Теоретическая грамматика французского языка. / В.Г.Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 832 с.
3) Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
4) Riegel Martin. Grammaire méthodique du français. / M.Riegel, J.C.Pellet, R.Rioul. – Presses Universitaires de France: «Quadrige», 2009. – 1107 page.
5) AiniS.. La morte de l'usurier (nouvelles). /S.Aini.Traduites du tadjik et du russe par S.Borodine et V.Voinot. Les éditeurs français réunis . – 320 page.
6) Наклонение во французском языке [Электронный ресурс]. –Прил.: Справочник пользователя [Текст] / сост. Валентина, 2012. – 8 стр.

ВЫРАЖЕНИЕ ПОВЕЛИТЕЛЬНОГО НАКЛОНЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

Наклонение играет важную роль в предложении, потому что он показывает отношение действия к реальности. А повелительное наклонение выражается в предложениях, которые показывают приказ, поручение, желание, просьба и т.д. В данной статье также рассматривается повелительное наклонение в сравнении на таджикском и французском языках в основных предложениях.

Ключевые слова: категория наклонение, повелительное наклонение, приказ, просьба, второй лицо.

EXPRESSION IMPERATIVE MOOD IN TADJIK AND FRENCH LANGUAGES

The mood plays important role in sentence s structure, because it shows the attitude of action to a reality. And the imperative mood is expressed in sentences which show the order, the commission, desire, the request etc. In given article too the imperative mood in comparison in Tadjik and French languages in the bases sentences is considered.

Key words: category of mood, imperative mood, order, request, second person.

Сведения об авторе: ***Худжамкулов С.Х.*** – аспирант общеуниверситетской кафедры французского и немецкого языков ТНУ. Телефон:(+**992) 918-45-96-67**. E-mail: **khuroson-tj@mail.ru**

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ ГРАММАТИЧЕСКИХ ФОРМ СЛОВ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

З.И.Замонов
Таджикский национальный университет

В немецком языке, также как и в таджикском, грамматические формы слова образуются путем прибавления к основе слова формообразующих аффиксов и окончаний; путем чередования звуков в корне слова (то есть путем внутренней флексии); путем содержания в одной парадигме слова нескольких разных корней (суплетивные формы); путем сочетания форм слов .

Грамматические формы слова, образованные путем внешней и внутренней флексии, носят название простых или синтаксических. Грамматические формы, образованные путем сочетания форм слова типа werdelesen, называются сложными или аналитическими. Несмотря на наличие в таджикском и немецком языках сходных способов образования грамматических форм слов, эти языки обнаруживают существенные различия как в конкретных типах внешней и внутренней флексии и типах сложных форм слов, так и в удельном все отдельных способов образования грамматических форм. В немецком языке в отличие от таджикского внешняя флексия бывает развита неравномерно у различных частей речи. Так, имена существительные имеют развитую систему суффиксов множественного числа, но почти не имеют падежных окончаний, например, имена существительные женского рода не имеют в формах единственного числа ни одной падежной флексии: Nominativ: dieFrau; Genetiv: derFrau; Dativ: derFrau; Akkusativ: dieFrau. Во множественном числе из четырех падежей только дательный имеет падежное окончание.

Nominativ: die Kinder
Genitiv: der Kinder
Dativ: den Kindern
Akkusativ: die Kinder.

Не склоняются большинство количественных числительных. Но наряду с этим другие изменяемые части речи имеют развитую систему окончаний (имена прилагательные, большинство местоимений, глаголы). Характерной особенностью немецкого языка является то, что при относительно большом количестве форм слов, образованных при помощи формообразующих суффиксов и флексий, эти последние весьма однообразны по всей звуковой форме. Это–e, (-e), s –(e) n, -er, -em, -(e) st, (-e)t, (e)nd.

Следствием этого является многократная омонимия суффиксов и флексий. Так – е в 1 –м лице единственного числа настоящего времени индикатива (ichgebe) является личным окончанием глагола, а в 1 –м лице единственного числа настоящего времени конъюнктива (ichgebe) –суффиксом конъюнктива.

Это же –е у имен существительных в дательном падеже единственного числа является падежным окончанием (demTag –e), а в формах множественного числа – суффиксом множественного числа (dieTag –e); оно же является окончанием

именительного и винительного падежей единственного и множественного числа у местоимений (dies –e, jen –e, mein –e, и т.д.), окончанием именительного падежей единственного числа именного склонения прилагательных (dieschön –eBlume, derhoh –eBaum)и окончанием именительного и винительного падежей множественного числа местоименного склонения прилагательных (schöneBlumen).

Подобное явление в родном языке учащихся –таджиков почти не встречается. Поэтому таджикские школьники при изучении немецких падежей и их употреблении ощущают большие затруднения. Кроме того, не следует забывать, что в таджикском языке нет падежей а в немецком четыре. В немецком языке существует три типа чередования гласных: аблаут, умлаут и преломление. Аблаутприсущ всем индоевропейским языкам. Умлаут и преломление –типы чередования, присущие только германским языкам. Аблаут как вид внутренней флексии служит в современном немецком языке для образования основных форм сильных глаголов, например: schreiben –schrieb –geschrieben, helfen –half –geholfen, geben –gab –gegeben.

Умлаут представляет собой чередование гласных в корне a –ä, o –ö, u –ü и дифтонга au –äu. Умлаут получил особенно широкое распространение в немецком языке как вид внутренней флексии. Он служит для образования: формы множественного числа имен существительных (dieStadt –dieStädte; derHof –dieHöfe; dasBuch –dieBücher; derBaum –dieBäume; dasTuch –dieTücher); форм степеней сравнения имен прилагательных и наречий (alt –älter –amältesten, nah –näheramnächsten, jung –junger –amjungsten); претерита конъюнктива сильных глаголов (ichkam, ichkäme; ichflog –ichflöge); формы 2 –го и 3 –го лица единственного числа настоящего времени сильных глаголов; ichfahre, dufährst, erfährt, ichlaufe, duläufst, erläuft.

Преломление (повышение тона) –чередование e –i. Как внутренняя флексия это чередование используется только при образовании 2 –го и 3 –го лица единственного числа настоящего времени сильных глаголов (ichsehe –dusiehst –ersieht; ichspreche –dusprichst –erspricht). Чередования согласных было довольно широко распространено в древневерхненемецком языке в системе сильных глаголов. В современном языке оно сохранилось лишь как остаточное явление в нескольких глаголах (d –t; leiden –litt –gelitten; schneiden –schnitt –geschnitten; sieden –sott –gesotten; s –r; erkiesen –erkor –erkoren; sien –war –gewesen).

В таджикском языке позиционно необусловленных чередований звуков (особенно согласных) почти не наблюдается. По этому таджикские школьники при изменение гласных (ä,ö,ü) или согласных «d» на «t» употребляют их функций с аффиксальными формообразующими морфемами ни в коем случае не следует отождествлять с последними. Несмотря на свою грамматическую функцию они сохраняют следующие признаки слова: они раздельно оформлены по отношению к знаменательному слову (dasBuch –desBuches; habegeschrieben –hastgeschrieben и т.д.). и сами состоят из двух морфем ; de –r, de –s, de –m, de –n, ha –be, ha –st, ha –t и т.д; они не только произошли от самостоятельных знаменательных слов, но и в современном языке имеют одинаковую сними форму. Таджикскому языку такое явление чуждо. По этому таджикские школьники при употреблении этих вспомогательных глаголов делают очень много грамматических ошибок. Они часто употребляют вместо haben –sein или наоборот, ставят их в предложении рядом со смысловым глаголам в таджикском языке любой основной глагол может выполнять роль вспомогательного и пишется рядом в конце предложения. Например, Ман ба бародарам китоб хондам; Модарам ба ман гул чида дод.

В зависимости от преобладания синтаксических или аналитических форм в грамматическом строе одни языки носят название языков синтаксического строя, а другие –аналитического. Немецкий язык представляет собой промежуточный синтетико –аналитический тип языка. Количество сложных форм слов в немецком языке значительно больше, чем в русском или таджикском и это роднит его с языками аналитического строя. Однако, хотя флексия и развита в немецком языке менее, чем в русском и таджикском удельный вес ее все же очень значителен. Немецкий язык отличается от языков аналитического строя также тем, что сочетание слов в предложении осуществляется главным образом, посредством согласования и управления, как в языках синтетического строя.

Большие трудности представляет усвоение приставок, вернее, слов с приставками. Как при осмыслении значения слова, так и при необходимости образования новых слов с приставками, учащиеся не связывают значения корня со значением, вносимым приставкой, т.е. с тем новым значением или оттенком значения, которое получается в результате при соединения к данному известному корню той или иной приставки, например, bereiten –**vor**bereiten; denken–**nach**denken; lassen –**ver**lassen usw.

Так, при изучении сложных слов можно идти двумя путями.

а) исходя из особенностей родного языка, сначала познакомить со сложными словами без соединительного гласного; Tischlampe, Rotkäpchen, Grundlehre.

б) учитывая наличие в словарном запасе учащихся таких слов, как Tagestlicht, Blumenvase usw, можно начинать со слов с соединительными глаголами. Первый путь является более прямым и легким для учащихся. Проводить систематическую словообразовательную работу на притяжении всего курса изучения немецкого языка с тем, чтобы способствовать лучшему осознанию учащимися значения слов, расширению их лексического запаса по каждой части речи и укреплению орфографических навыков.

При этом очень важно с самого начала обращать внимание на то, чтобы словообразовательный анализ слова не был механическим членением слова на части, а воспитывал у учащихся сознательное отношение к структуре слова. Большое значение имеет практическая работа по построению слова к иносистемном языке, разнообразные словообразовательные упражнения, проводимые на постепенно усложняющемся языковом материале.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ардова В.В. Учебник немецкого языка / В.В.Ардова, Т.В. Борисова. -Москва «Высшая школа », 1978 г.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ). – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
3. Дмитриев Н.К. Род и согласование. / Н.К.Дмитриев, В.М.Чистиков -Москва; 1952 г.
4. Маскальская О.И. Грамматика немецкого языка. / О.И.Маскальская -Теоретический курс. Москва; 1956 г.
5. Неменова Р.Л. Таджикско-русский словарь. / Р.Л.Неменова, А.К.Писарчик. - Москва, 1954 г.
6. Шендельс Е.И. Грамматика немецкого языка. / Е.И.Шендельс. - Москва; 1952 г.

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ ГРАММАТИЧЕСКИХ ФОРМ СЛОВА В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматриваются способы образования грамматических форм слова в немецком и таджикском языках. Основной способ словообразования - при помощи прибавления суффиксов, префиксов и флексии к основе слова.

Ключевые слова: прибавление, способы, нормы, различные, суффиксы, префиксы, грамматические формы, флексия, сильный глагол.

THE WAYS OF FORMING OF THE GRAMMATICAL STRUCTURES OF WORD IN GERMAN AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to the ways of forming of the grammatical structure of word in German and Tajik languages. The main way of forming is adding the suffix, prefix to the root of word.

Key words: adding, ways, roots, different, suffix, prefix, form, grammatical forms.

Сведения об авторе: ***Замонов З.И.*** – доцент общеуниверситетской кафедры немецкого и французского языков ТНУ.Телефон: **(+992) 919-55-86-80**

РОЛЬ МЕТАФОРЫ В ЯЗЫКОЗНАНИИ

Д. Джураева
Таджикский национальный университет

Метафора (от греческого metaphor - перенос) – троп или механизм речи, состоящий в употреблении слова, обозначающей класс предметов, явлений и т.д. Для характеристики, или наименования объекта входящего в другой класс, либо наименования другого класса объектов, аналогичного данному в каком – либо оснащении.

В расишеренном смысле термен Метафора применяется к любым видам употребления слов в непрямом значении. Ассоциируя две различные категории объектов, Метафора – семантически двойственна.

Двуплановость, составляющая наиболее существенный признак Метафоры, не позволяет рассматривать её в изоляции от определяемого. В образовании и соответственно анализе Метафоре участвуют четыре компонента: основные и вспомогательные субъекты Метафоры, к которым применяются парные термины и соотносимые свойства каждого объекта или класса объектов. Эти компоненты не полностью предоставлены в структуре Метафоры, в частности, остаются необозначенными свойства основного субъекта Метафоры, составляющие её семантику. Вследствие этого Метафора допускает разные основания. Когда говорят «Собакевич» был настающий медведь то «Медведь» сохраняет отнесённость к классу медведей, характеризует индивида входящего в другой составной род. Сходство Собакевича с медведем охватывает диффузный комплекс признаков (косолапость, крепость, цвет сюртука u т.д.) создающих образ индивида. Значение Метафоры формируется признаками именуемого класса объектов или их аналогами, совместимого существенного признака, класс при этом устраняется.

Если Метафора максимилизуется, то есть расширяет сферу своей сочетаемости от индивида до категории, происходит дальнейшее зачеркивание признаков: значение Метафора сводится к немногим конвенционально закреплённым за ней компонентов. Характерный для класса объектов признак «специфический атрибут» используется при этом для выделения некоторой разновидности в рулеках другого класса и часто сопровождается оценочнымы коннотациями.

Содержащий в языковой Метафоре, образ обычно не приобретает семантичной функции, то есть не может стать означающим некоторого смысла. Это, в частности, Метафора от символа. В метафоре устойчивое значение. Оно прямо ассоциируется со словом, как ко своим означающим. В символе устойчив образ, выполняющий функцию означающего.

Символ может быть не только назван, но и изображён. Значение символа не имеет четких контуров. Метафора объединяется с символом и отличается от знаков и сигналов, отсуствие регулятивной функции, а следовательно, и прямой адресации.

Метафора является не только ресурсом образной (поэтической) речи, но и источником новых значений слов, которые наряду с характеризующей способны выполнять классифицирующую функцию, закрепляясь за индивидом в качестве его наименования, либо становясь языковой номинацией некоторого класса объектов «анютины глазки», «роза ветров». В этом случае метафоризация приводит к замещению одного значения другим.

Вопрос о первичной функции Метафоры решается по – разному. В риторике и сексологии Метафора рассматривалась прежде всего как средство наминации. Однако, есть основания считать исходной для Метафоры функцию, характеризации связывающую её с позицией предмета. Семантическая двуплановость Метафоры заменяет её предметную отнесённость. Референция Метафоры осуществляется обычно через установление её анафоричную связь с прямой номинацией предмета.

Будучи многоаспектным явлением Метафора составляет предмет изучения ряда отраслей, значения и разделов лингвистики. Как определитель вида тропов Метафора изучается в поэтике (стилистике, риторике, эстетике), как источник новых значений слов – в лексикологии, как особый вид речевого употребления в грамматике, как ассоциативный механизм и объект интерпретации и восприятия речи – в психолингвистике и психологии, как способ мышлеления и незнания действительности – в логике, философии, в когнитивной психологии. Наиболее полно Метафора изучена в лексикологии.

Оба основных типа полнозначных Селов – или на предметов и обозначения признаков способны к метафоризации значения. Чем более многопризнаковым , информативно богатым и нерасчлененным является значения слова, тем мягче оно метафоризуется.

Среди имён -это прежде всего конкретные существительные имена естественных родов реалий и их частей а также имена реляционного значения создающей метафорические перифразы –«баловень судьбы», «питомец брани». Среди признаковых слов это прилагательные обозначающие физические качества (колючий ответ), описательные глаголы (совесть грызёт, мысли текут) и другие. Иногда выделяемая семантическая Метафора порождена аналогией между целыми ситуациями – «Не бросай

слов на ветер». По способу воздействие на адресата Метафоры делятся на эпиформы и диафоны.

Для первых основой является экспрессивная функция (апелляциях к вообранежею), для вторых суггестивная (аппеляция к воображению), для вторых (аппеляция к интуиции). По когнитивной функции Метафоры делятся на второстепенные (побочные) и базисные (ключевые). Первые определяют представление о конкретном объекте или частной категории объектов (о «когтистом звере»), вторые – это всегда диафоны определяют способ мышления о мире или о его фундаменте, - «Весь мир театр, и мы его актёры».

Метафоризация – значения может приходить в пределах одной функциональной категории слов, либо сопроваждаеться семантическим сдвигом. Метафора не выходящая за пределы конкретной лексики, используется для целей номинации. Вторичная для Метафоры функция служит техническим приёмом образования имён предметов- «белок глаза», «ножка стола». Номинативная Метафора часто порождает омонимию. Метафоризация значения признаковых слов заключается в выделении в объекте признаков, употребляемых признаком присущим другому классу предметов, справите: «тупой нож» и «тупая боль», «тупое шило» и «тупой ученик». Закономерности разрешения сочетаемости признаков слов сводятся к движению от конкретных к абстрактным и к действию принципов антропо и зооморфизма. Метафоризация значения может сопровождаться приходом существительного из именной позиции в предикатную. Метафора этого типа имеет своей целью индивидуализацию объекта. Образная Метафора вводит в язык синонимы, сравните: «пугливый» и «заяц». Обратный описанному процесс перехода признакового значения в категорию конкретной лексики не типичен для Метафоры, то есть могут быть выделены следующие типы языковой Метафоры: 1) номинативная, 2) когнитивная, 3) образная. Во всех случаях Метафора в конечном счёте стирается. Семантическая двойственность Метафоры, не отвечает основным коммуникативным назначениям главных элементов предложения- его субъекта и предиката. Для идентификации предмета речи Метафора слишком субъективна, для предиката неоднозначна.

Естественное место Метафора находит в политической и художественной речи, в которой она служит эстетичной (а не собственно информативной) функции языка. Это проявляется в том что к Метафоре нет стандартного вопроса. В поэзии, не придерживающейся принципа, Метафора употребляется по преимуществу во вторичной для неё номинативной функции, внося в именные позиции атрибутивные и оценочные значения .

Для выяснения природы Метафоры важно определить её синтаксические свойства. Предложения с метафоричным сказуемым синтаксически сходно с утверждением тоджества по следующим чертам: 1) оно выражает актуальное суждение. 2) указывает на неградуированный признак. 3) даёт константную характеристику предмета. 4) не допускает синтаксических распространений признаковыми словами, указывающими на меру, сходства. Оно отличается от предложений тождества по следующим признакам: 1) истинность метафорически выраженного суждения не всегда может быть логически установлена., 2) предикатная, то есть образная Метафора, не может быть кореферентна своему субъекту, 3) Метафоричное предложение ассиметрично то есть не донуснает инверсии своих членов.

Эти свойства сближают метафоричные предложения с утверждениями сходства, подобия. Синтезируя концепты тоджества и подобия предложения субстантивным метафоричным предикатом наиболее близки к предложениям классифицирующего типа, сравните.

«Вы роза» и «Этот цветок –роза». Метафоричный предикат принимает отрицание только в контексте прямого возражения.

Прагматичный подход к Метафоре, получивший распространение с начало 70 х годов противопоставляется семантичному анализу Метафоры. Метафоричные высказывания рассматриваются как такой способ употребление языка, при котором буквальные значения слов используются для выражения других смыслов. Применение и понимание Метафоры согласно этой точне зрения, определяются правилами пользования языком, а не знанием его семантичной структуры.

Существует ряд концепций Метафоры. Наиболее распространено восходящее к идеям Аристотеля понимание Метафоры как сокращенного сравнения из которого исключено указание на общий признак сравниваемых объектов. В ходе своего развития эта теория притерпела ряд модификаций; было уточнено, что Метафора возникает только на базе образных сравнений, термином которых является класс объектов а основание сравнения указывает на постоянное свойство субъекта Метафоры и не ограничено одним чётко выделенным признаком.

Теория Метафоры как замещения порадигматично вытесненная, опирается на использование Метафоры и метафоричных перифраз вместо прямых наименований соответственно объектов и исходит тем самым из неверного. Представления о том, что значение Метафоры равно буквальному значению существующих в языке слов и словосочетаний. Концепция Метафоры как взаимодействия, выдвинутая. А. Ригардсон и разработанная М. Блейком представляет Метафору как пересечение двух концептуальных систем в целях применения к основному субъекту Метафоры, свойств и ассоциативных импликации связываемых с её вспомогательным субъектом.

ЛИТЕРАТУРА

1. Абрамова Г. А. Метафора в тексте/ Г. А. Абрамова - М. 2000. – 210 с.
2. Дэвидсон Д. Что означают метафора/ Д.Дэвидсон 1990. – 370 с.
3. Метафора в языке аспекте. М.1988. – 190 с.
4. Харченко В. К. Функции метафора/ В. К. Харченко.– М.1992. - 455 с.

РОЛЬ МЕТАФОРЫ В ЯЗЫКОЗНАНИИ

Метафора- (от греческого metaphor - - перенос) – троп или механизм речи, состоящий в употреблении слова, обозначающего некоторый класс предметов, явлений и тому подобное. Для характеристики , или наименования объекта входящего в другой класс, либо наименования другого класса объектов, аналогичного данному в каком – либо оснащении.

Ключевые слова: метафора, речь, характеристика, аналогичный объект; наименования

THE ROLE OF METAPHOR IN LINGUISTICS

The metaphors (Greek word) means path or a mechanism of speech used in words, and expresses some items, occurrences and so on. For the characteristics, or the nomination ,of the object concerning other classes or the analogical items given to it.

Key words: metaphors, speech, the characteristics, analogical, items, nomination.

10. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехта (фарҳанги фразеологӣ)/ М.Фозилов. –Душанбе: Ирфон, 1964. –Ҷ. 2.

АНАЛИЗ АНТОНИМИЧНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ, НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье говорится о важности фразеологических единиц, которые являются неотъемлемой частью любого языка. И здесь мы приводим примеры на основе таджикской и английской фразеологии.

Ключевые слова: антоним, народность, важность, фразеологические единицы, масштаб фразеологий, подчеркнуть, значение, выразительный, (образный) многообразие, исследование, распространение.

ANALYSE OF ANTONYM - PHRASEOLOGISMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The present article is about the importance of phraseological units, which are the essential part of any language and there we brought some examples from Tajik and English phraseologisms.

Key words: antonym, folk, importance, phraselogical units the scale of phraseology, to stress, meaning, impressive, variety, research, to spread.

Сведения об авторе: ***Зубайдова С.Ш.*** - старший преподаватель общеуниверситетской кафедры английского языка Таджикского национального университета. Телефон: **918-80-30-11**

ҲАМГУНИИ АВЗОНИ МАСНАВИҲОИ САНОӢ ВА САБАБҲОИ ОН

М.О.Солеҳов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ таърихи шеъри форсиро муштамил бар ду бахш медонад, яъне «шеъри қабл аз Саноӣ ва шеъри баъд аз Саноӣ».[1]

Ӯ ҳатто саҳми бузургтарин симоҳои адабии баъдиро бо Саноӣ қиёснопазир медонад ва менависад, ки: «Ҳеҷ кадом аз қуллаҳои шеъри форсӣ ҳатто Саъдию Ҳофиз ва Мавлавӣ чунин мақтаеро дар таърихи шеъри форсӣ эҷод накардаанд, бо ин ки сарояндагони барҷастатарини осори адабии форсӣ будаанд».[2]

Саноӣ на танҳо дарунмояи ғазалу қасидаро комилан нав кард, беш аз он шакли нави маснавиро эҷод кард, ки баъдан танҳо ба «Ҳадиқа»-и ӯ бо чанд роҳ назирапардозон ҷавоб гуфтаанд. Чунончи, аввалан осоре, ки бевосита дар пайравии «Ҳадиқа» таълиф шудаанд: «Мантиқ-ут-тайр», «Маснавии маънавӣ», ҳатто андешаест, ки «Маснавӣ» шарҳи комилтарини «Ҳадиқа» аст, «Анис-ул-орифин» ва ғайра. Дигар шакли назирапардозӣ- нахустасари ҳамаи хамсаҳо (55 хамса) ва баъдан асарҳои чаҳоруми таркиби хамсаҳо (инҳо бештар дар вазн) пайравӣ ба ин асари Саноӣ кардаанд ва ғайра.

Яке аз рисолатҳои таърихии Ҳаким Саноӣ тибқи қазовати Ян Рипка, «ин аст, ки зуҳду ирфонро ба шакле муассиру таъинкунанда ба манзалаи як фалсафаи зиндагӣ вориди маснавиҳои кӯтоҳу баланд кард».[3]

Саноӣ ҳамчун шоири ҳирфаӣ ғолибан шеъри мазҳабӣ, андарзӣ ва таълимӣ эҷод кардааст ва ӯ ҳатто шадидтарин ҳиҷою интиқодро низ таълим медонад:

Ҳазли ман ҳазл нест, таълим аст,
Байти ман байт нест, иқлим аст.

Воқеан, «яке аз вижагиҳои шеъри форсӣ аз ҳамон оғоз гироиши шадид ба таълим будааст. Ин гироиш аз бисёре ҷанбаҳо мероси пеш аз ислом аст. Адабиёти ҳакимӣ, ки ба вижа дар навъи андарз таҷаллӣ ёфта буд, дар осори паҳлавӣ бар ҷой монда».[4]

Вазн ҳамчун унсури сохторӣ барои коргирӣ дар эҷоди маснавӣ низ маҳдуд нест. Ибтикороти Саноӣ саҳеҳии қавли фавқуззикрро тасдиқ мекунад. Вале ин падида таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро камтар ҷалб кардааст, зеро беш аз чаҳорсад асару мақола ба рӯзгору осори Саноӣ рӯйи кор омада бошад ҳам, бисёр ба нудрат ва танҳо бо зикри вазни ягона доштани маснавиҳо иктифо шудаасту бас. Ҳатто Мударриси Разавӣ, Муҷоҳир Мустафо, Муҷтабо Минавӣ, Забеҳуллоҳ Сафо, Заҳро Дуррӣ, Марями Ҳусайнӣ, Саид Нафисӣ, Шафеии Кадканӣ, Моили Ҳиравӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Е.Э. Бертелс, Э. Браун, Шиблии Нуъмонӣ, Ризозода Шафақ, Марк Смужанский, Блошет, Р. Николсон ва бисёр дигарон оид ба мухтассоти шаклӣ ва мундариҷавии маснавиҳои Саноӣ баҳсҳои ҷолиб сомон додаанд, вале бо авзони маснавиҳо кам дахл кардаанд. Аз миёни аҳли таҳқиқ танҳо ду тан муҳаққиқони Ғарб: Ян Рипка ва Томас Бровин [5] доир ба истифодаи арӯз дар маснавиҳои Саноӣ таваҷҷуҳи бештар кардаанд. Ҳатто Т. Бровин дар таҳқиқи хеш зерфаслеро ба коргирии баҳри Хафиф ихтисос додааст, ки хеле ҷолиб ва муҳим аст.

Муҳаққиқони ашъори Саноӣ ғолибан вазнро барои барҷастагии баёни мавзӯъ аввалиндараҷа донистаанд, вале тибқи қазовати Элвелстон «вазн дар эҷоди бадеъ нақши муҳим дошта бошад ҳам, наметавон онро дар ҷойи аввал гузошт» [6]. Қавли мазкур ба назари мо, саҳеҳ аст, зеро «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Бӯстон»-и Саъдӣ, ки яке комилан ҳамосӣ ва дигаре сирф андарзиву таълимист ва дар як вазн эҷод шудаанд ва ё раванди баръакси падидаи фавқуззикр «Ҳадиқа»-и Саноӣ ва «Маснавӣ»-и

Мавлоно, ки ҳар ду ирфонӣ-андарзӣ ва фалсафианд, дар баҳрҳои гуногун эҷод шудаанд, қазовати Элвелстонро тасдиқ менамоянд.

Зиёда аз ин, транспозитсияи достонҳои «Шоҳнома» дар назирапардозии хамсасароён, ки эҷодкорон дар асрҳо гуногун вазни достони Искандарро нигоҳ дошта, достонҳои «Хусрав» ва «Баҳром»-ро тағйир додаанд ва дар эҷоди ин достонҳо аз баҳрҳои Ҳазаҷу Хафиф кор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, Т. Бровин ҷонибдори муқтазои мавзӯъ будани авзон буда, менависад, ки «баҳри Мутақориби «Шоҳнома» занҷираи кӯтоҳе аз анвои адабиро падид овард, ки вижагии муштараки онҳо муҳтавои таърихӣ ва қолаби арӯзӣ буд».[7] Зиёда аз ин, Т. Бровин эҷоди соқиномаҳои таркиб ва мустақилро далел меорад, ки яке тобеъи вазни умумии достон (соқиномаҳои таркиб) ва дигаре маҳз бо манзури мазмуну муҳтаво тақозои баҳри Мутақориб дорад, зеро муҳтавои ин навъи достонҳои кӯчак андарзномаи таърих аст ва таърих тақозои оҳанги ҳамосӣ дорад.[8]

Яке аз ҷиддитарин тозакориҳои Саноӣ он аст, ки ӯ тавонистааст аҳкоми шаръӣ, орои сӯфиёна, андарзу мавъизат, таълим ва ҳиҷову интиқодро дар маснавиҳои хеш танҳо дар баҳри Хафиф эҷод кунад.

Ба назари мо, вижагии муштараки мавзӯъҳои фавқуззикр бунёди тамҳидӣ гирифтани онҳост, на чизи дигар. Аз тарафи дигар, Т. Бровин вазни маснавиҳои Саноиро танҳо аз як вазни баҳри Хафиф дақиқан баҳри Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф, ки шакли афоъилии он -V- - / V – V -/ VV – аст, иборат медонад. Вале амалан қазовати фавқуззикр тавзеҳ мехоҳад, зеро дар маснавиҳои Саноӣ бидуни истисно, ба ҷуз рукни аслии баҳри Рамал (-V- -) панҷ зиҳоф иштирок мекунад ва дар маҷмӯъ он ҳамчун чаҳор навъи як вазн ба кор гирифта шудааст, ки басо ҳадафнок аст, ҳатто дар осори илмӣ-пажуҳишӣ ҷузъитарин ишора дар ин бора нашудааст. Чунончи, шакли афоъилии авзони маснавиҳои шоир чунинанд:

1. - V- - / V – V -/ - - фоъилотун, мафоъилун, фаълун
2. - V- - / V – V -/ - ~ фоъилотун, мафоъилун, фаълон
3. - V- - / V – V -/ VV –фоъилотун, мафоъилун, фаъилун
4. - V- - / V – V -/ VV ~фоъилотун, мафоъилун, фаъилон

Агар то Ҳаким Саноӣ мо танҳо эҷод гардидани достони «Шодбаҳру Айнулҳаёт»-и Унсуриро дар ҳамин баҳр мушоҳида намоем, танҳо дар замони шоир ду маснавӣ дар ин баҳр таълиф шудааст, ки яке бидуни унвон буда, аз Масъуди Саъди Салмон ва дигаре «Ҳунарнома»-и Усмон Мухтории Ғазнавӣ аст.

Дигар аз рисолатҳои таърихии баҷоовардаи Ҳаким Саноӣ аз он иборат аст, ки ӯ тавассути эҷоди маснавии сутурги хеш – «Ҳадиқа» ба баҳри Хафиф иштиҳор бахшид. Дар мантиқи оддии ифода дар таърихи адабиёти форс-тоҷик чунин зуҳурот манзур намегардад, ки эҷоди бадеъ ба унсури шаклӣ (ҳадаф вазн) шуҳрати ҷовидон эҳдо карда бошад. Ин буд, ки минбаъд ин баҳр мавриди коргирии бештаре қарор гирифт, ки қаблан ба он ишора карда будем.

Ба назари мо, Ҳаким Саноӣ тавъам бо коргирӣ аз баҳри Хафиф ду мушкили хешро низ рафъ намуд ва дар андак муддате маснавиҳои зиёд рӯйи кор оварад. Дарёфти падидаи мазкур нодиртарин ибтикороти Ҳаким Саноӣ дар маснависароист, ки то кунун аз назари аҳли таҳқиқ пинҳон монда буд. Ин ҷилои ҳунарии Саноӣ аз чанд ҷиҳат арзишманд низ ҳаст.

Аввалан, чунонки баъзан дар «Ҳадиқа» баъзе абёт дар бобҳои гуногуни он такрор шудаанд ва ин ҳолат дар эҷоди достону маснавӣ дар таърихи адабиёт хеле зиёд ба мушоҳида мерасад ва метавон гуфт, ки дар ин ҷода эҷоди нафаре аз достонсароён истисно нест. Такрори бисёр ба нудрати байтҳо дар як маснавӣ ва баъдан дар эҷодиёти як шоир, ки ду ё зиёда аз он маснавӣ (достон) дорад, дар маснавиҳои дигари худи шоир абёти такрор манзур мегардад. Дар маснавии «Бехрӯзу Баҳром» маҳз ба хотири ин байтҳо, ки аз «Ҳадиқа» -анд, асарро (“Бехрӯзу Баҳромро”) ҳатто эҷоди Саноӣ донистаанд:

Бо бадон кам кун ошноиро,

Гӯш кун гуфтаи Саноиро:

«Бо бадон кам нишин, ки дармонӣ,

Хӯпазир аст нафси инсонӣ».

Дар ин ҷо байти аввал аз Камолуддини Биноӣ буда, байти сонӣ аз «Ҳадиқа»-и Ҳаким Саноӣ аст, ки дар нохунак гирифта шудаанд.

Ё ин ки:

Илм бо кор судманд бувад,

Илм бе кор пойбанд бувад.

Ё худ:

Ғами дин хӯр ғам ғами дин аст,

Ҳама ғамҳо фурӯтар аз ин аст.

Ғами дунё махӯр, ки беҳудаст,

Ҳеҷ кас дар ҷаҳон наёсудаст.

Абёти фавқуззикр дар «Ҳадиқа» ҳаст, вале дар маснавиҳои пешинаи шоир бидуни тағйирот низ манзур мегарданд ва ё баъзан бо андаке тағйирот оварда мешаванд. Чунончи, нахустбайти маснавии «Саноиобод»:

Ибтидо мекунам ба номи Худо,

Он ки ҳаст аз сифоту нуқс ҷудо.

Байти оғозини маснавии «Тариқат-ул-таҳқиқ» низ чунин аст:

Ибтидои сухан ба номи Худост,

Он ки бемис(л), шабеҳу беҳамтост.

ва ғайра.

Ё худ маснавии «Синдбоднома», ки дар он байте аз «Ҳадиқа» оварда шудааст ва дар он исми ихтисосии шоир-тахаллуси ӯ зикр шудааст, маҳз ба ҳамин хотир асари мазкур моли Саноӣ дониста шудааст:

Андар ин давлат аз пайи ёде,

Кардам афзун Саноиободе.

Дигар аз аҳдофи Саноӣ суҳулати мушкилоти эҷод будааст, ки баҳри Хафиф чандон хушилҳон набошад ҳам, барои дарёфти қавофӣ имконоти бештаре медиҳад ва шоир маҳз ана ҳамин нозукиро хеле хуб кор гирифтааст. Муҳим он аст, ки таносуби зиҳофҳои таркиби авзони маснавиҳои шоир дар ин баҳр агар дар садру ибтидо ва ҳашвҳо мусовӣ бошанд ҳам, дар арӯзу зарб баъзан мутафарриқанд. Чунончи:

Ҳар кӣ дар роҳи ишқ гардад мот,

Дар ҷаҳони камол ёфт наҷот

Дар ин байт афоъили садру ибтидо ва ҳашвҳо мисли кулли абёти маснавӣ бетағйир буда, тафовут дар арӯзу зарб аст, зеро арӯзи байт – фаълон - ~(аслами мусаббағ) ва зарби он – фаъилон VV ~(махбуни мақсур) мебошад.

Ё ин ки:

Котиби ваҳйи Кирдугор туӣ,

Маркаби ақлро савор туӣ.

(Таҳримат-ул-қалам).

Дар байти мазкур азоҳиф мусовот ба кор гирифта шудааст:

- V- - / V – V -/ VV –

- V- - / V – V -/ VV –

Ва ё:

Аз забони ту, эй сухангустар,

Эй нагун карда сар зи бори ҳунар.

(Таҳримат-ул-қалам).

Дар байти мазкур тавофут ҳамоно дар арӯзу зарб буда, арӯз-фаълун (- -) ва зарб – фаъулун (VV –) аст.

Умуман, Ҳаким Саноӣ арӯзу зарби қавофии ҳамаи абёти маснавиҳои хешро шомили чаҳор зиҳофи баҳри Хафиф баргузидааст, ки дар 711 вазни роиҷи арӯзӣ маҳз аз ҳамин ҷиҳат афзалият дорад.

АДАБИЁТ

1. Тозёнаҳои сулук. Нақлу таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ. М. Шафеии Кадканӣ. Теҳрон. Огоҳ. – 1383, саҳ. 9.
2. Ҳамон ҷо.
3. Томас Бровин. Ҳакими иқлими ишқ. Мутарҷимон: Моҳёри Алавӣ ва Муҳаммад Ҷаввод. – Теҳрон. 1378, саҳ. 417.
4. Ҳакими иқлими ишқ. Саҳ. 418.
5. Ҳамон ҷосаҳ. 417.
6. Ҳакими иқлим ишқ. Саҳ. 430.
7. Ҳамон ҷо.
8. Ҳамон ҷо.
9. Маснавиҳои Ҳаким Саноӣ. Бо инзимому тасҳеҳ ва муқаддимаи Сайидмуҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ. – Теҳрон: Бобак, 1360. – 381 саҳ.
10. Ҳадиқат-ул-ҳақиқат ва шариъат-ул-тариқат. Асари Абулмаҷд Маҷдуд ибни Одам Саноии Ғазнавӣ. Тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ. – Теҳрон, 1374. – 875 саҳ.

ОСОРИ ИЛМӢ

1. Абулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла. Маҷмӯаи нақди адабӣ. Таҳия ва тавзеҳи Ш. Шокирзодаи Нуъмонпур, Р. Соҳибназар. – Душанбе: Пайванд, 2004. – 332 саҳ.
2. Бровин Т. Ҳакими иқлими ишқ. Таъсири мутақобилаи дину адабиёт дар зиндагӣ ва осори Ҳаким Саноии Ғазнавӣ. Тарҷумаи Маҳёри Алавии Муқаддам, Муҳаммад Ҷавводи Маҳдавӣ. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1378. – 576 саҳ.
3. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ. Ҷилди дуюм. Аз миёнаи қарни панҷум то оғози қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ. Таълифи Забеҳуллоҳ Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1388. – 1128 саҳ.
4. Тасаввуф ва адабиёти тасаввуфӣ. Таълифи Е.Э. Бертелс. Тарҷумаи Сируси Яздӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1382.- 723 саҳ.
5. Тозиёнаҳои сулук. Нақду таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ. Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1383. – 544 саҳ.
6. Шарҳи душвориҳое аз «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и Саноӣ. Дуктур Заҳро Дуррӣ. – Теҳрон: Заввор, 1386. – 856 саҳ.
7. Санои Саноӣ. Маҷмӯаи мақолоти ҳамоиши байналмилалии Ҳаким Саноӣ. Бо эҳтимоми дуктур Марями Ҳусайнӣ. – Теҳрон, 1388. – 888 саҳ.
8. Ян Рипка. История персидской и таджикской литературы. – Москва: Прогресс, 1970.

СХОДСТВО РИТМОВ В ПОЭМАХ САНАИ И ЕГО ПРИЧИНЫ

Одной из наиболее важных особенностей стилистической системы поэм средневековия является его ритмы. В этом статье рассмотривается структура «Хадикатулхакикат», тема, стиль повествования маснави, особенно его ритмы, что свидетельствуют о том, что Санои Газнави стал первооткрывателем в одном из уникальных направлений персидско-таджикской литературы - суфийской литературы.

Ключевые слова: маснави, ритма, стиль, Санаи, суфийская литература, структура, Хадикатулхакикат.

SIMILARITY OF RHYTHMS IN POEMS INDUSTRY AND ITS CAUSES

One of the most important stylistic features of medieval poems is his rhythm. This article considered carefully structure "Hadikatulhakikat" theme, narrative style mathnawis, especially his rhythm and another that suggests Sano Ghaznavi is a pioneer in one of the unique destinations Parsi literature, what is the Sufi literature.

Keywords: mathnawis, rhythm, style, Sanai, Sufi literature, structure, Hadikatulhakikat.

Сведения об авторе: ***Солехов Мирзо Одинаевич*** - кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой истории таджикской литературы ТНУ. Телефон: **(+992) 981 06 78 75**

ТАТАБӮОТИ МИРЗО СОДИҚИ МУНШӢ БА АМИР ХУСРАВ

А. Абдусатторов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мирзо Содиқи Муншӣ яке аз он шоирони нимаи дуюми асри XVIII ва ибтидои асри XIX аст, ки дар эҷодиёти онҳо таъсири сабку равиши шоирии Амир Хусрави Деҳлавӣ ва намояндагони сабки ҳиндӣ хеле возеҳ мушоҳида мешавад. Чунин ҳолат бесабаб нест, зеро робитаҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию адабӣ байни мардуми Осиёи Миёна ва Ҳинд аз даврaҳои қадим вуҷуд дошта, истикрори давлати Маҳмуди

Ғазнавӣ дар Ҳинд нуфузи забону адаби форсӣ-тоҷикиро дар он кишвар афзун кард ва «дар навбати худ урфу одат, воқеият ва тарзи тафаккуроти мардуми Ҳинд низ ба ин адабиёт бетаъсир набуд».[1] Далели равшани чунин равобити эҷодиёти Амир Хусрав аст, ки ӯ аз мавзӯъҳои суннатии достонҳои адабиёти форсу тоҷик берун рафта, дар мавзӯъҳои маҳаллии Ҳинд маснавиҳои «Қирону-с-саъдайн», «Нӯҳ сипеҳр», «Дувалронӣ ва Хизрхон»-ро таълиф намуда, бо ҳамин дар маснависароии форсу тоҷик низ таъсир расонд.

Ба қавли донишманди эронӣ Ризозода Шафақ, «Амир Хусрав монанди шуарои дигари Ҳинд лаҳн ва латофати хосе дошт ва дар истеъмоли баъзе луғот ва таркибҳо то ҳадде аз истилоҳи маъмулии шуарои Эрон дур шуд»[2]. Дар натиҷаи фаъолияти адабии Амир Хусрави Деҳлавӣ назми ҳинду форс аҳамияти бузург касб намуд ва дар Осиёи Миёна дар замони Темуриён ба ашъори ин шоир баҳои баланд медоданд.

Дар асри XV бо пуштибонии подшоҳони темурӣ таъсис ёфтани мактаби адабии Ҳирот ва фаъолияти намояндагони он бо сарварии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, ки доираҳои адабии Ҳинд робитаи эҷодӣ доштанд, нишонаи идомаи равобити адабии Ҳинд бо мардуми форсизабон ҳисоб меёфт. Ин падида мулоҳизаҳои Е.Э. Бертелсро дар бораи мақоми баланд доштани Амир Хусрав ва асарҳои ӯ дар аҳди Темуриён бори дигар тасдиқ менамояд.

Таъсири эҷодиёти Амир Хусрав, чун яке аз бузургтарин суханварони Ҳинд дар адабиёти асрҳои XVI- XIX-и тоҷик низ идома дошт. Аз асри XVII ба вуҷуд омадани сабки ҳиндӣ ва вусъат ёфтани ҳиҷрати шоирони Моваруннаҳр ба сарзамини Ҳинд боиси боз ҳам густариш ёфтани робитаҳои адабии адабиёти ҳинд ва тоҷик мегардад. Алалхусус, дар асрҳои XVIII -XIX дар ашъори шоирони тоҷик ду навъ таъсирпазирӣ ва татаббӯъро мушоҳида менамоем:

1. Татаббӯъ бар ашъори суханварони бузург чун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ ва амсоли онҳо
2. Татаббӯъ ба осори намояндагони сабки ҳиндӣ аз қабили Урфии Шерозӣ, Толиби Омулӣ, Соиб, Носиралии Сарҳиндӣ ва алалхусус ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил.

Аз ҷумлаи шоирони нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX Мирзо Содиқи Муншӣ мебошад, ки дар ашъори ӯ таъсири Амир Хусрав, Ҳофиз ва сабки ҳиндӣ мушоҳида мешавад. Вуҷуди ин таъсирро дар эҷодиёти Мирзо Содиқ ҳанӯз муосири ӯ Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ мушоҳида карда, дар «Тӯҳфату-л-аҳбоб»-и худ «бедилхаёлу соибмисол»[3] будани ӯро тасдиқ намудааст.

Ба таваҷҷуҳ ба эҷоди намояндагони сабки ҳиндӣ худи Мирзо Содиқ низ дар ашъораш борҳо ишора намудааст. Аз ҷумла, дар байти зайл худро дар баробари яке аз бузургони сабки ҳиндӣ-Толиби Омулӣ гузошта, мегӯяд:

Дар иқлими сухан рӯзе, ки будам Толиби маънӣ,
Зимоми ихтиёри мулки Омул буд дар дастам.[4]

Аз таҳлили мазмун ва муҳтавои девони Мирзо Содиқи Муншӣ, ки таҳти рақами 1047 дар захираи дастнависҳои Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Тоҷикистон маҳфуз аст, маълум мегардад, ки шоир қисме аз ғазалиёти худро дар пайравии ғазалсароёни бузурги асрҳои XIII-XIV Амир Хусрав, Камоли Хуҷандӣ ва Ҳофизи Шерозӣ эҷод намудааст. Баъзе қаринаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки Мирзо Содиқро ҳанӯз дар замони зиндагиаш муосирони ӯ чун «Хусрави замон» ё «Хусрави мулки сухан» мешинохтаанд. Чунончи, яке аз муосирони Мирзо Содиқ – Ҳумулии Ургутӣ дар қитъаи таърихи вафоти вай мегӯяд:

Содиқ ба сухан, Ҳумулӣ, он Хусрав буд,
К-аз ҳиндсипоҳӣ фатҳи Руму Рай кард.[5]

Аз ин ҷост, ки дар девони Мирзо Содиқ ғазалҳои зиёде дар татаббӯъи Амир Хусрав ба назар мерасад. Ба хотири он, ки таъсири сухани Амир Хусравро дар

ғазалиёти Мирзо Содиқ нишон дода бошем, ду ғазалро аз девонҳои ҳар ду шоир иқтибос менамоем.

Дар девони Амир Хусрав бо ғазале мувоҷеҳ мешавем, ки матни мухтасари он чунин аст:

Ту, ки рӯзат ба нишоти дилу ҷон мегузарад,
Шаб чӣ донӣ, ки маро бе ту чӣ сон мегузарад.
Қоматаш рост чу тир асту аҷоиб тирест,
Ки зи ман дуру маро дар дилу ҷон мегузарад…
Оби нӯш мебихурад халқ зи сели чашмам,
Балки дилсӯхта з-он оби равон мегузарад…
Дили гумкарда ҳаме ҷӯяд халқе дар хок,
Андар он роҳ гаҳ он сарви равон мегузарад…[6]

Дар девони Мирзо Содиқ ғазалеро меёбем, ки матни он мухтасаран ин аст:

Ҳамеша васли ту андар хаёл мегузарад,
Биё, ки умр ба фикри муҳол мегузарад.
Ба пеши қоматаш, эй боғбон, зи сари дигар,
Сухан магӯ, ки сухан зи эътидол мегузард.
Агарчи ташналабам мекушад, вале теғаш
Зи ҳалқи ташна чу оби зулол мегузарад.
Зи хок нофасифат бӯи мушк меояд,
Ба ҳар замин, ки даме он ғизол мегузарад.[7]

Чунонки мебинем, дар ғазалҳои мазкури Амир Хусрав ва Мирзо Содиқ умумияти зоҳирӣ дар радиф мушоҳида мешавад. Дар натиҷаи қиёси мазмун ва сабку равиши ғазалҳо метавон гуфт, ки ғазали Мирзо Содиқ дар татаббӯи Амир Хусрав гуфта шуда, ҳар ду шоир ҳам дар як мавзӯъ ишқи маъшуқа ва сифати ҳусну ҷамоли ӯ сухан мегӯянд, аз бепарвоии маъшуқа ва ҳоли зори ошиқ хабар медиҳанд.

Бо вуҷуди ин ғазали Мирзо Содиқ аз ғазали Амир Хусрав на танҳо аз лиҳози вазну қофия, балки аз назари ҳалли мавзӯъ, офариниши образҳои шеърӣ ҳам аз якдигар тафовут доранд. Аз ҷумла, дар байти якуми Амир Хусрав агар маъшуқа дар ҳолати шодиву нишот бошад, дар Мирзо Содиқ ошиқ дар банди ғаму ғусса аст. Дар байти дуюм Амир Хусрав қомати маъшуқаро бо «тири аҷоиб» қиёс мекунад, вале дар байти Мирзо Содиқ «ҳамон қомати маъшуқа ба василаи ба боғбон муроҷиат намудани қаҳрамони лирикӣ ба сарв қиёс мегардад, аммо аз сарв вай боло шуморида мешавад».[8]

Байтҳои сеюм ва чаҳоруми ғазали мазкури Амир Хусрав ва Мирзо Содиқ низ аз назари мазмуну мундариҷа ба ҳам наздиканд, вале дорои хусусиятҳои хоси худ низ мебошанд.

Масалан, дар байти чаҳорум Амир Хусрав мегӯяд:

Дили гумкарда ҳаме ҷӯяд халқе дар хок,
Андар он роҳ гаҳе сарви равон мегузарад.

Мирзо Содиқ образи «сарви равонро» ба «ғизол» табдил додааст:

Зи хок нофасифат бӯи мушк меояд,
Ба ҳар замин, ки даме он ғизол мегузарад.

Намунаи ғазалҳоеро, ки дар татаббӯи Амир Хусрав гуфта шудаанд, дар девони Мирзо Содиқ бисёр метавон пайдо намуд. Аз ҷумла, дар ҷилди чаҳоруми «Осори мунтахаб»-и Амир Хусрав бо ғазале мувоҷеҳ мегардем, ки абёти нахустини он чунин аст:

Хуррам он рӯзе, ки ман бо дӯст коре доштам,
Бо висоли ӯ ба шодӣ рӯзгоре доштам.
Доштам боре, з-ин андеша к-ояд ҷон бурун,

Бар забон рондан намеорам, ки ёре доштам.
Тан чу гул садпора шуд азбаски ғалтидам ба хок,
Аз фусуси он, ки хуррам навбаҳоре доштам…[9]

Мирзо Содиқ низ ғазале дорад, ки бо абёти зерин оғоз мешавад:

Дарди ишқе, к-аз ту пинҳон дар дилу ҷон доштам,
Шуд аён аз чеҳраам, ҳарчанд пинҳон доштам.
Оқибат чун гул ба расвоӣ даридам пираҳан,
Гарчи умре ғунчасон сар дар гиребон доштам.
То саги кӯят ба фарёди мани мискин расид,
Шаб ҳама шаб бар сари кӯи ту афғон доштам.[10]

Умумияти миёни ғазалҳои Амир Хусрав ва Мирзо Содиқ қабл аз ҳама дар радиф ва вазни онҳо зоҳир мегардад, ҳарчанд ки дар қофияи онҳо тафовуту ягонагии мавзӯъ, яъне баёни дарди ишқ ва сӯзу гудози он низ умумияти миёни ғазалҳои ҳар ду шоирро таъмин кардааст. Бояд гуфт, ки татаббӯоти Мирзо Содиқ ба Амир Хусрав асосан дар қолаби ғазал сурат гирифтааст ва таъсиреро, ки Амир Хусрав дар маснависароӣ ва «Хамса»-сароӣ ба шоирони мутааххир гузоштааст, дар достонсароии Мирзо Содиқ мушоҳида намешавад.

Нуктаи муҳимми дигар он аст, ки татаббӯъ ба сабки ҳиндӣ ва ғазалҳои Мирзо Абдулқодири Бедил дар теъдоди зиёди ғазалҳои ӯ дида мешавад, вале таҳлилу баррасии он як мақоларо надорад. Дар ин ҷо ин нуктаро зикр кардан мехоҳем, ки ба эҳтимоли қавӣ Мирзо Содиқ ва муассирони ӯ дар даврaҳои аввали эҷодиёти худ ба сабки ҳиндӣ ва услуби бедилӣ татаббӯъ намуда, дар марҳалаи дуюми умрашон ба Амир Хусрав, Ҳофиз, Камол ва дигар шоирони асрҳои XIII-XIV пайравӣ кардаанд ва ба ин васила забон ва услуби ашъорашонро ба рӯҳияи умумии замони хеш мувофиқ гардонидаанд.

АДАБИЁТ

1.Усмон Каримов. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX. – Душанбе, 1974. – С. 112.
2. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1327. – С. 311.
3. Бертельс Е.Э. Избранные труды. Наваи и Джами. – М., 1965. – С. 181.
4. Возеҳ Қорӣ Раҳматуллоҳ. Тӯҳфату-л-аҳбоб. – Ташкент, 1914. – С. 162.
5. Девони Мирзо Содиқ. Нусхаи хаттии 1047 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АИ Тоҷикистон. – Вар. 65[а]
6. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри X1X. – С. 136.
7.Мунтахаби Хусрави Деҳлавӣ. Тартибдиҳанда М. Бақоев. - Сталинобод, 1960. – С. 163.
8. Мирзо Содиқ. Девон. – В. 32
9. Адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX. – С. 138.
10. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. Ҷ.4. – Душанбе, 1975. – С. 615.
11. Шоирони Моваруннаҳр. Таҳияи матн, муқаддима ва луғату тавзеҳоти Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе, 2006. – С. 273.

ПОДРАЖАНИЯ МИРЗО СОДИКА МУНШИ АМИРУ ХОСРОВУ

Подражание литературное является видом литературного влияния. В отличие от собственно влияния подражание литературное всегда считается сознательным следованием другому литературному творчеству. Таким образом, на каждом этапе литературы в отличие от заимствования наблюдается подражание литературное. В данной статье рассматривается подражание Мирзо Содика Мунши Амиру Хосрову, которые жили в разные века.

Ключевые слова: подражание, влияние, век, Мирзо Содик Мунши, газель, Амир Хосров.

EMULATING OF МИРЗО СОДИКА МУНШИ FROM АМИРА ХОСРОВ

Imitation literary, is the type of literary influence. Unlike actually influences imitation the literary always is considered the conscious following other literary work. Thus in each the stage of literature unlike borrowing is an imitation literary. And emulating of Мирзо Содика Мунши is herein examined the article from Амира of Хосрова, that lived in different eyelids.

Keywords: imitation, influences, century, Мирзо of Содика of Мунши, газел, Амир Хосров.

Сведения об авторе: ***Абдусатторов Абдушукур*** **-** доктор филологических наук, профессор кафедры истории литературы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 904 11 48 40**

НУСХАИ ДАСТНАВИСИ НАВЁФТАИ ДЕВОНИ АЛИШЕРИ НАВОӢ

Б.Мақсудов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бидуни тардид Мир Алишери Навоӣ (1441-1501милодӣ) аз нухбагони тирози аввали арсаи сиёсат, иҷтимоиёт, фарҳанг ва адабиёти мардумони Хуросону Мовароуннаҳр дар давраи ҳукмравоии Темуриён, яъне қарни 9 ҳичрӣ баробар бо қарни 15 милодӣ мебошад. Ӯ шоири бузурги нозукадо, нависандаи чирадасти башардӯст ва донишманди мутафаккирест, ки бо маслиҳату ҳидоятҳои устодаш Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ аксари осори гаронбаҳои хешро ба забони модариаш, яъне ӯзбекӣ таълиф намуда, шолудаи адабиёти мактуби ӯзбекиро устувор гардонидааст. Аз ин рӯ, халқи бародари ӯзбек барҳақ ин нобиғаи давронро поягузори адабиёти классикии худ ва асосгузори забони адабии ӯзбекӣ меҳисобанд.

Алишери Навоӣ бағоят адиби пурмаҳсул будааст ва офаридаҳояш гуногунжанру гуногунмавзӯянд. Ӯ бо нерӯи фавқулодда халлоқи худ дар фаъолияти адабӣ бо муҳаббату ихлоси бузург ба истиқболи адабиёти оламшумули классикии форсу тоҷик рафтааст. Ба иборати дигар, ӯ дар мактаби шоирии Низомӣ, Саъдӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ ва соири ситорагони пурҷилои шеъри форсӣ ташаккул ёфтаву нуму карда, ҳамчун адиби бағоят тавоно ва пешгоми замони худ ҷилав рафтааст. Ин нуктаро адабпажуҳи маъруфи ӯзбек Эргаш Рустамов дар пешгуфторе, ки ба китоби Евгений Бертелс «Наваи и Джами» мулҳақ намуда, босароҳат баён доштааст (Рустамов, 1965, стр.7). Бино бар ин воқеият Алишери Навоӣ дар адабиёти ақвоми туркизабон нахустин шоирест, ки ба «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ мукаммал ҷавоб гуфта, дар адабиёти туркӣ хамсасароиро асос гузошт. Ӯ дар тайи умри начандон тӯлонии худ ашъори бисёр зиёди ғиноӣ ба туркӣ офарид ва дар авохири ҳаёти худ тибқи тартиби замони зиндагиаш онҳоро ба чаҳор девон тақсим кард(«Ғароиб-ус-сиғар», «Наводир-уш-шубоб», «Бадоеъ-ул-васат», «Фавоид-ул-кибар») ки таҳти унвони «Хазоин-ул-маонӣ» шуҳрат ёфтааст. Назар ба таҳқиқи навоишиноси маъруфи ӯзбек оқои Ҳамид Сулаймон он куллиёти ашъори ғиноии Навоӣ буда, ҳовии 3132 шеър дар 16 навъ мебошад. Аз ҷумла 2600 ғазал дорад (Сулаймон, 1959, 6 бет). Дар миёни ашъори ин шоири тавонманд соири анвои шеърӣ аз қабили мустазод, тарҷеъбанд, мухаммас, мусаддас, қитъа, рубоӣ, муаммо, луғз, фардбайт, туюқ ва ғайра низ бисёр аст.

Баҷо аст ин ҷо арз шавад, ки дар адабиёти классикӣ қонунмандие ҷорӣ буда, ба унвони суннатгароӣ ва ҳеч шоири қурунивустоӣ дар амри халлоқияти адабӣ аз он наметавонист берун бошад. Тибқи он ҳамаи шоирон хоҳу нохоҳ мутифҳо ё маъниҳои дар шеъри шуарои салаф мавҷудбударо ба навъе такрор кардаанд. Албатта, Навоӣ низ аз ин суннатгароӣ мустасно набудааст. Масалан, дар байни удабо бисёр маълуму машҳур аст, ки Навоӣ байти зайли Камоли Хуҷандиро ба туркӣ гуфтааст:

То рух напӯшӣ кай шавад аз дида ашки мо равон,
Пинҳон нагашта офтоб ахтар намеояд бурун
(Камол, 1375, саҳ. 332).

Байти Навоӣ ин аст:

Оразинг ёпғач кӯзимдан тӯкулур ҳар лаҳза ёш,
Ўйлаким пайдо булур юлдуз ниҳон булғач қуёш
(Навоий, 1983, 237 бет.).

Чунин ба назар мерасад, ки Навоӣ байти мазбури Камоли Хуҷандиро ба туркӣ баргардон кардааст. Аммо дар шеъри форсӣ ин байти Камол шоҳбайт ба ҳисоб намеояд. Вале байти фавқуззикри Навоӣ дар забони туркӣ бисёр хаёлангез, барҷаста ва ҳаловатбахш буда, ҳамчун маънии тоза садо медиҳад. Аз ин қабил мисолҳоро зиёд овардан мумкин аст. Аз ҷумла, қасидаи «Ҳилолия»-и Навоӣ дар мадҳи Султон

Ҳусайни Бойқаро бо бадеияти баланди худ ва аз ҷиҳати шинохти шоиронаи шахсияти мамдуҳ дар назми туркӣ беназир аст.

Бад-ин минвол Навоӣ, сарфи назар аз доштани 12 ҳазор байт шеъри форсӣ (бо тахаллуси Фонӣ) қабл аз ҳама барои адабиёт ва забони туркӣ хидматҳои бисёр баарзиш анҷом додааст. Албатта, бо сипарӣ шудани замонаҳо чеҳраи дурахшони ин марди бузург боз ҳам тобноктар мегардад ва мақоми шомихи ӯ дар рушду тавсиаи адабиёт, ҳунар ва соири арзишҳои маънавии башарӣ бештар аз пештар дорад, намоён мешавад. Дар Тоҷикистон низ ба ин адиб арҷу эҳтиром зиёд аст. Осори туркиашро ба тоҷикӣ баргардон мекунанд. Овозхонҳои тоҷик ғазалҳои рӯҳнавози ӯро дар пардаҳои мусиқии «Шашмақом» ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба ӯзбекӣ месароянд.

Аммо дар ин мақола бандаро бо бизоати андаки туркидонӣ маҷоле нест, ки нубуғи адабии Навоиро дар адабиёти туркизабон ба субут бирасонам. Албатта, дар ин раванд корҳои бисёр бузургро кайҳост, ки навоишиносони маъруфи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз қабили устод Садриддин Айнӣ, Евгений Бертелс, Абдулғанӣ Мирзоев, Ҳамид Сулаймон, Воҳид Зоҳидов, Олим Шарофуддинов, Абдуқодир Ҳаитметов, Азиз Қайюмов, Порсо Шамсиев, Иброҳим Ҳаққул ва даҳҳо олимони дигар анҷом додаанд ва пайравони эшон анҷом хоҳанд дод.

Масъалаи асосие, ки мехоҳем таваҷҷуҳи хонандагони азизро ба он ҷалб намоем марбут бо нусахи дастнависи девонҳои туркии Навоист. Суоле матраҳ аст, ки оё нусхаи дастнависи то ба имрӯз муаррифиношудаи девони Навоӣ вуҷуд дорад? Ва агар ҳаст дар куҷо маҳфуз аст? Оё ин нусха дарвоқеъ қадимӣ аст? Аз тарафи кӣ, кай ва дар куҷо истинсох шудааст? Он кадом нусхаи девони Навоӣ аст? Мавҷудияти ин нусха дар навоишиносӣ чӣ аҳамият дорад?...

Ҳадафи мо дар ин мақола муаррифии як нусхаи хаттии девони туркии Алишери Навоист, ки то ба имрӯз аз назари ҳамаи навоишиносон пинҳон мондааст. Аммо рӯнамоии ин дастнавис то куҷо ба дарди навоишиносон мехурадро низ арзёбӣ карданамон душвор аст, зеро ба таҳқиқи осори қаламии Навоӣ донишмандон шурӯъ аз нимаи дувуми қарни 19 (Борис Дорн, Николай Хаников, Владимир Бартолд ва дигарон) то замони мо (Андрей Семенов, Александр Болдирев, Ҳамид Сулаймон, Қавомуддин Муниров, Абдулло Носиров, Абдулмаҷид Мадраимов ва даҳҳо нусхашиносону феҳристнигорон) машғул шуда, қадимтарин ва беҳтарин нусхаҳои хаттии девонҳои Навоиро ба аҳли илм маълум намудаанд. Барои ба мавзӯъ ворид намудани хонандагони арҷманд натиҷаи он ковишҳоро, ки ба мавзӯи кори мо дахл дорад, мехоҳем гӯшзад намоем. Инак, қадимтарин нусхаи дастнависи девони Навоӣ дар соли 870/1465-66 аз тарафи ихлосмандони шоир таҳия шудааст ва як нусхаи онро хаттоти маъруф Султон Алии Машҳадӣ дар Ҳирот дар ҳамин санаи зикршуда китобат кардааст. Алҳол он дар Китобхонаи оммавии Салтиков-Шедрини шаҳри Санкт-Петербурх ба шумораи 564 маҳфуз аст ва ҳамин нусхаро дар соли 1968 Ҳамид Сулаймон дар Тошканд аз тариқи нашароти «Фан» чопи аксӣ намудааст. Девони мазкур ба унвони «Илк девон» шуҳрат дорад.

Девони дуюми Навоиро, ки ҳамчунин мухлисони Навоӣ дар дарбори туркони сулолаи Оққуюнлиҳо омода кардаанд ва як нусхаи онро дар соли 876/1471 Абдурраҳими Хоразмӣ дар Шероз рӯнавис намудааст. Ин нусхаро дар соли 2011 адабиётшиноси ӯзбек Афтандил Эркинов аз китобхонаи Қоҳира ба даст оварда, аҳли илму адабро аз вижагиҳои он огоҳӣ дод (Эркинов, 2012, 8-15 бетлар).

Девони аввалини Навоӣ, ки худи шоир онро, ба тахмини оқои Ҳамид Сулаймон, дар байни солҳои 1470-1476 таҳия намудааст, «Бадоеъ-ул-бидоя» унвон доштааст ва қадимтарин нусхаи мавҷуди он китобатшуда дар соли 885/1480-81 буда, он ба нишонии шумораи 746 дар китобхонаи миллии Порис маҳфуз аст. Ду нусхаи дигари он яке китобатшуда дар соли 887/1482-83 буда, таҳти шумораи 401 дар китобхонаи Музейи Британия ва дигаре китобатшуда дар соли 891/1486 ба шумораи 216 дар китобхонаи Институти шарқшиносии АУ Ӯзбекистон маҳфуз мебошад. Девони дигаре, ки он низ тадвиншуда аз ҷониби худи Навоист, «Наводир-ун-ниҳоя»

унвон дорад ва ба қавли оқои Ҳамид Сулаймон шоир онро дар соли 891/1486 таҳия намудааст (Сулаймон, 1959, 9 бет). Чанд нусха аз ин девон низ, тавре ки поёнтар арз хоҳем кард, то замони мо расидаанд.

Инак, он нусхае, ки банда мехоҳам онро муаррифӣ намоям таҳти шумораи 736 дар захираи дастнависҳои китобхонаи донишкадаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (алъон ба унвони Маркази фарҳангии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ёд мешавад) нигаҳдорӣ мешавад. Беаҳамият нест бигӯям, ки осори дастнависи китобхонаи мазкурро адабпажуҳ ва устоди маъруфи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ зиндаёд Шарифҷон Ҳусейнзода (1907-1988) тайи замони мудирияташ бар кафедраи таърихи адабиёти тоҷик (1962-1985) аз байни аҳолӣ ва қисман аз дасти китобфурӯшон ҷамъоварӣ кардааст. Миқдори кутуби дастнависи ин китобхона болиғ аз 300 адад буда, мутаассифона, феҳристи онро дар замони шӯравӣ касе таҳия ва ба чоп нарасонида буд. Иллати аслии анҷом нагирифтани чунин кор дар он буд, ки агар он ганҷина муаррифӣ мешуд, хатаре таҳдид мекард, ки ҳамаи он кутубро ба китобхонаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносӣ ва осори хаттии АУ Тоҷикистон интиқол бидиҳанд ва донишгоҳ аз он китобҳо маҳрум бимонад. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва истиқлол ёфтани Ҷумҳурии Тоҷикистон низ феҳристи дастнависҳои китобхонаи мазкур фароҳам оварда нашуд. Аммо соли 2007 таҷлили ҷашни 100-солагии равоншод профессор Шарифҷон Ҳусейнзода пеш омад. Ва бо файсалаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики донишкадаи мазкур банда маъмур шудам то чунин феҳристро ба вуҷуд оварам. Ҳини таҳия намудани ин феҳрист бо нусхаи мавриди назари девони Алишери Навоӣ мувоҷеҳ шудам ва онро бори аввал дар радифи соири осори дастхат мухтасаран тавсиф намудам ва он феҳрист дар соли 2007 чоп шуд [Мақсудов, 2007, саҳ. 81].

Инҷониб, ки муддате пеш, аз баргузории қарибулвуқӯи ҳамоиши байналмилалии бузургдошти Мир Алишери Навоӣ дар Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад огаҳ шудам, хостам ба ин мавзӯъ руҷӯъ намуда дар кори ин ҳамоиш бо гузорише ширкат намоям. Ба ин муносибат ба тавсифи ин нусхаи дастнависи девони Навоӣ ҳадафмандона машғул шудам.

Ҷойи гуфтан аст, ки кор бо нусхаи дастнавис монанди ҳафриёти бостоншиносист. Баробари боз намудани он намедонӣ, ки дар авроқи баъдӣ чӣ пеш меояд. Мисле ки замони ҳозира дар хилоли ҳуруфи он мутаваққиф мешавад ва рӯ ба ақиб меравӣ. Бахусус агар бо нусхаи девони шоири воломақоме чун Навоӣ рӯбарӯ бошӣ, касро эҳсосоти пурҳаяҷоне фаро мегирад, зеро ҳар нусхаи дастнавис дар навъи худ ягона буда, асрори бисёре дар худ ниҳон дорад ва гоҳо шахс наметавонад ҳамаи муаммоҳои онро ба танҳоӣ ҳаллуфасл намояд. Дар иртибот бо нусхаи дастнависи нав дарёфтшудаи Навоӣ, ки зери дасти мост, низ гуфтаҳои боло сидқ дорад. Барои то андозае боз намудани асрори ин нусха аз мушаххасоти зоҳирии нусха тадриҷан ба дохилаш меравем.

Дар баргадони китобхона ва дар дафтари сабти осори дастнавис унвони нусхаи мазкур «Чаҳор девони Навоӣ» сабт шудааст. Пас аз муоинаи бештари нусха маълумам шуд, ки он «Чаҳор девон», яъне «Махозин-ул-маонӣ» набуда, нусхаи девони дигари куҳани шоири мазкур аст. Ҷилди нусха чарми сахти тимочдори мушкини тира ва бисёр куҳна, вале кам дастхӯрда ба назар мерасад. Рӯйи ҷилд резакорона мунаққаш ва бо ранги қирмизӣ гулкорӣ ҳам шудааст. Паҳлуи ҷилд аз чарми нозуки сурх буда, қисмати поини он кандашуда ва каме дарида аст. Дохили лавзҳои фавқонӣ ва таҳтонӣ ибораи «Амали Тӯра Хоҷаи Саҳҳоф» ҳак шудааст. Андозаи нусха 26 х 16,5 аст. Захоматаш 4 сонтиметр.

Коғазаш обҷувозии нозуки тира ва наботранг аст. Варақи аввал комилан холӣ аз навиштаҷот мебошад. Баргаи дувуми он аз қисмати поин бисёр боназокат тармимшуда аст. Дар рӯйи сафҳаи аввали варақи сонӣ ба дасти котиби ғайре ба шакли уреб дар ду сутун ба форсӣ моддаи таърихи вафоти Мавлавӣ Анбар ном шахсе

дар 18 байт оварда шудааст. Дар паҳлуи ҳамин шеър боз ба дасти ҳамон котиб ба забони туркӣ низ 11 байт моддаи таърих навишта шудааст.

Аҷаб ин аст, ки нусха дебочаи муфассали насрии омехта ба назми худи Навоиро дар ҳаҷми 34 варақ дорад. Дар оғози он лавҳи музаҳҳабу музайян бо рангҳои обӣ, сабзи тира ва лоҷувардию зард дида мешавад. Дар ду ҷойи лавҳи мазкур дар васат бо ҳуруфи захимтар «*Бисмиллоҳир-раҳмонирраҳим*» ва «*Фасоҳат девонининг ғазалсаройларӣ*» навишта шудааст. Дар ҳошияи лавҳ ду муҳри мудаввар ҳаст, ки бисёр тира ва нохонанд. Матни дебоча дар дохили ҷадвали зарҳалӣ ва обии мураббаъ омадааст. Шояд дар натиҷаи варақгардониҳои зиёд ва нозукии коғаз бошад, ки қариб ҳамаи авроқи дебоча аз рӯйи рахи ҷадвал аз қисмати дохил бурида гардидаанд. Сафаҳоти дебоча ҳамагӣ 13 сатрӣ буда, хаташ настаълиқи зебо ва равшану хонос Авроқи дебоча аз ҷониби касе дар замони нав бо арқоми русӣ бо қалами пенсил шуморагузорӣ шудааст (68 сафҳа). Китобати номи касон дар матни дебоча ба шингрифт мебошад. Дебоча бо ҷумлаи «*Табъ мизонидин шӯридаҳол ошиқлар хирмани ҷонига ўт солғудек бир оташин лаъл назм силкига торта олмағийлар ағар сўз дебочасин ул сонеъ ҷавоҳири ҳамди била мурассаъ қилмағийларким…*» оғоз мешавад. Дар сафҳаи ҳашти дебоча бузургони адабиёти форсӣ Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ва устодони назми туркӣ Мавлоно Саккокӣ, Мавлоно Лутфӣ ва Суҳайлӣ ба некӣ ёд шудаанд. Дар сафҳаи 11 дар бораи ба тахт нишастани Султон Ҳусайни Бойқаро мухлисона сухан баён шудааст. Ҳамчунин дар мавриди дорои табъи салими адабӣ будани султони мазкур бисёр сухан рафтааст.

Азбаски ин ҷо сухан аз номи худи Навоӣ рафтааст, назди банда суоле пайдо шуд, ки кадом девони Навоӣ дорои чунин дебоча аст? Барои ба ин суол посух ёфтан навиштаҳои оқои Ҳамид Сулаймон ба ман кумак намуданд. Эшон дар матни илмӣ-интиқодии «Хазоин-ул-маонӣ»-и Навоӣ, ки худашон дар чаҳор муҷаллад дар солҳои 1959-1960 таҳия ва дар Тошканд нашр кардаанд, муқаддимае афзуда дар он мутазаккир шудаанд, ки девони «Бадоеъ-ул-бидоя»-и Навоӣ дорои дебоча мебошад ва гузашта аз ин, аз қисмати аввали он параҳо иқтибос овардаанд (Сулаймон, 1959, 21 бет). Вақте он параҳоро бо матни дебочаи нусхаи мавриди омӯзиш қарор додаамон муқоиса кардем, тавофуқи онҳо маълум шуд. Дар дебочаи нусхаи мо суханҳое оварда шудаанд, ки мазмунаш чунин аст:

«Ман аз аълоҳазрати султон (Султон Ҳусайни Бойқаро дар назар аст – Б.М.) дар соли ҳаштсаду ҳаштоду як аз қисми шимоли Ҳирот назди кӯҳи Козургоҳ қитъаи калони замин гирифтам. Он замини обӣ буда, аз рӯди Инҷил сероб мешавад. Он ҷо боғу роғ ва корҳои хайрия ва омулманфиаи бисёр анҷом додам. Аз ҷумла, масҷиду мадраса ба унвони Ихлосия бино ниҳодам. Дорулҳуффоз ҳам сохтам. Дар тарафи ҷанубии мадраса хонақоҳ сохтам, ки ҳамарӯза он ҷо ба бенавоён хӯрок медиҳанд…».

Ин суханҳо бо матни иқтибосоте, ки аз забони Алишери Навоӣ мусташриқи рус Эвгений Бертелс дар тарҷумаи русӣ дар китобаш таҳти унвони «Наваи и Джами» нақл кардааст, мутобиқат дорад (Бертелс, 1965, стр. 106). Аз ин ҷо ба чунин натиҷаи фарзӣ расидан мумкин аст, ки ин нусхаи мо метавонад нусхаи дастнависи «Бадоеъ-ул-бидоя»-и Навоӣ бошад.

Алҳол тавсифи нусхаро идома медиҳем. Пас аз дебочаи мазкур матни девон бо ғазалиёт оғоз шудааст. Он низ бо лавҳи музаҳҳаб ва музайян бо рангҳои лоҷувардию обии равшан ва обии тираву зарду сафед аст. Дар васати лавҳ ба таври анъанавӣ бо ҳарфҳои нисбатан бузургтар «*Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим*» навишта шудааст. Ҳамаи ашъор комилан мунҳасир дар ҷадвали мунаққаш бо рангҳои зарду обӣ дар ду сутун оварда шудаанд. Авроқи нусха аз тарафи котиб ё каси дигаре шуморагузорӣ нашудааст. Котиб дар ҳошияи зери ҳар сафҳаи дувуми варақ калима ё таркиби дар баргаи баъдӣ омадаро батакрор овардааст. Санҷиши мо нишон дод, ки то охир ҳамин усул ҷиддан риоят шудааст ва дар ин равиш костагие ба назар намерасад. Аз

ин рӯ метавон гуфт, ки нусха комил аст ва афтодагӣ надорад. Панҷ варақи оғозини асли девонро чунон моҳирона тармим кардаанд, ки матни он ҳеч халал надидааст. Чунин тармимҳо дар баъзе авроқи васати нусха низ ба мушоҳида мерасанд. Шурӯъ аз варақи дувум 17 варақи аввал ва даҳҳо варақи қисмати ниҳоии нусха мисли авроқи дебоча аз рӯйи рахи ҷадвал аз қисмати дохил бурида гардидаанд. Аксари сафаҳоти ғазалиёт 12 сатрӣ буда, банудрат 11 сатр ва гоҳе 13 сатр ҳам дорад. Баъзан мақтаъи ғазалҳо дар васат оварда шудаанд ва аксаран пас аз итмоми китобати ҳар ғазал як сатр ҷойи холӣ гузошта шудааст. Шоёни зикри махсус аст, ки матни девон бо хатти бисёр зебо ва хонои настаълиқ китобат шудааст. Фақат ҳаминро бояд арз кард, ки котиб ду навъи найқалам- яке нозук ва дигар захимтарро истифода кардааст. Дар баъзе ҳошияи авроқ аз тарафи котиби дигаре мутобиқи қофия иловатан ғазалҳои дигари Навоӣ ба шакли уреб навишта шудаанд. Миқдори умумии чунин ғазалҳо тахминан 15-20 адад мебошанд.

Бояд гуфт, ки хатти сафҳаи ниҳоии баргаи охирини матни нусха аз хатти соири авроқ фарқи ошкор дорад. Дар он як ғазали Навоӣ бо матлаъи зер, ки радифи «топтим» дорад, бо хатти начандон зебои шахси дигаре китобат шудааст:

Соқиё, кечаги май нашъасидан ҷон топтим,
Зулмат ичра масалан чашмаи ҳайвон топтим.

Пас аз мақтаъи ғазали мазкур санаи 882 ҳиҷрӣ (1477-78 милодӣ) бо рақам сабт шудааст.

Дар ҳошияи он боз ба қалами каси дигаре як ғазали Фузулӣ китобат шудааст.

Дар ҳамон сафҳа дар васат дар ҷойи боқимонда боз ба дасти котиби дигар се байт шеър ба форсӣ чунин сабт шудааст:

Қор Бобур ман, макун қаҳру итоб,
Гар хатое рафта бошад дар китоб.
Ҳар хатои рафтаро тасҳеҳ кун,
Алкарам валлоҳу аълам биссавоб.
Қалам сусту сиёҳӣ ҳамчу об аст,
Дили котиб аз ин маънӣ хароб аст.

Дар паси варақи охирии нусха аз боло навиштае ҳаст, ки обрасида буда, аз ин рӯ хеле тира гаштааст ва бадушворӣ чунин хонда мешавад:

«*Самарқанд шаҳрида Юсуфбой маҳалласиға Мулло Муҳаммад Ошур Нурмуҳаммадға…*»

Фикр мекунам ин навиштаҷот ба он далолат мекунад, ки касе ин нусхаро замоне дар шаҳри Самарқанд ба Мулло Муҳаммади Ошӯри Нурмуҳаммад ном шахсе тақдим кардааст.

Зери он бо сиёҳии равшан бо ҳуруф «*Ҳашт саду ҳаштоду ду*» сабт шудааст. Бояд арз кунам, ки санаи мазкур дар варақи паси дебоча низ рақам зада шудааст. Пас аз муоина ва мулоҳизаи бисёр назди банда ба таърихи дақиқи китобат будани ин сана шубҳаи зиёд пайдо шуд. Мутмаъинам, ки навиштаҳои ду варақи ахири нусха бо кори котиби аслии он рабте надоранд. Тавре ки пештар мутазаккир шудам, матни асили он бисёр зебо ва беғалат навишта шудааст. Аммо аз чӣ бошад, ки номи котиби аслӣ зикр нашудааст.

Ба ҳар сурат суоле пеш меояд, ки ин кадом нусхаи девони Навоӣ аст? Барои посухи ин суол аз профессор Абдусалом Абдуқодиров, ки дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд адабиёти классикии ӯзбекиро дарс мегӯянд, кӯмак хостам. Эшон ба ман маслиҳат доданд, ки дар ду ҷилди аввали нашри замонавии куллиёти осори бистҷилдаи Навоӣ девонҳои «Бадоеъ-ул-бидоя» ва «Наводир-ул-ниҳоя» чоп шудааст ва ба онҳо назар кунам. Банда дар китобхонаҳои шаҳри Душанбе он нашрро пайдо карда натавонистам ва ба дӯстам доктор Афтондил Эркинов, ки дар Тошканд будубош дорад, мурочиат кардам. Ӯ тавассути пӯстаи электронӣ он ду ҷилди лозимро бароям ирсол кард ва кори ман осон шуд.

Дидам, ки дар ҷилди аввал бори нахуст девони «Бадоеъ-ул-бидоя» чоп шудааст. Он дорои дебоча аст ва бо дебочаи нусхаи мо шабоҳати зиёд дорад. Ба муқоисаи он ду нишастам. Дебочаи чопӣ бо байти зер ба итмом расидааст:

Лутф айла бақои ҷовидоний, ё раб!

Ул дам сен бил, не қилсанг они, ё раб! (Навоӣ, 1983, 20 бет).

Матни он бо нусхаи мо то байти зикршуда тавофуқи комил дорад, аммо он матн дар дебочаи 34 варақии нусхаи мо то варақи 13 (саҳ.26) аст.Яъне, матни дебочаи дастнависи мавриди назари мо идома дорад ва 21 баргаи дигари он дар нусхаи чопӣ наёмадааст. Ҷумлаи ниҳоии дебочаи нусхаи дастнависи мо чунин аст: *«…Агар булъа ҷаб ҳолимдин шаммае изҳор қилсам ул ҳазратнинг нозук мизоҷиға мӯҷиб ғам ва муборак хотириға боис ъалам булғой, валлоҳу аълам биссавоб*».

«Бадоеъ-ул-бидоя» бо ғазале оғоз мешавад, ки матлаъаш чунин аст: *Ашрақат мин акси шамсил-каъси анворул-худо,*

Ёр аксин майда кӯр, деб жондин чиқти садо.(Навоий,1983, с.21).

Аммо ғазали оғозини нусхаи дастнависи мо чунин матлаъ дорад:

Зиҳӣ зуҳури ҷамолинг қуёш киби пайдо,

Юзинг қуёшиға зарроти кавн улуб шайдо

Ба ҷилди дувуми куллиёти чопӣ нигаристам ва дидам, ки девони «Наводир-ун-ниҳоя» бо ҳамин байт шурӯъ шудааст. Пас, алъон маълум шуд, ки дастнависи мавриди назари мо нусхаи «Наводир-ун-ниҳоя» бо дебочаи «Бадоеъ-ул-бидоя» мебошад. Чунин вақеъ шудани қазия ҷои эъҷоб надорад. Дар гузашта хаттотон ҳамчунин корро кардаанд. Масалан, нусхашиноси ӯзбек оқои Муҳаммадҷон Ҳакимов навишта, ки «*Юсуф ибни Мулло Муҳаммад ном хаттот «Наводир-ул-ниҳоя»-и Навоиро бо дебочаи «Бадоеъ-ул-бидоя» дар соли 1042/1632-33 китобат намудааст ва он нусха (172 варақ) дар китобхонаи Институти дастхатҳои АУ Озарбойҷон (Боку) таҳти шумораи 301 нигаҳдорӣ мешавад*» (Хакимов, 1991, 20 бет). Ногуфта нагузорам, тибқи нишондоди оқоён Қавомуддин Муниров ва Абдулло Носиров. ки феҳристи ҳамаи нусахи дастнависи осори Навоӣ маҳфуз дар Пажуҳишгоҳи шарқшиносии АУ Узбекистонро таҳия намудаанд, як нусхаи қадими «Наводир-ун-ниҳоя» мустансах ба қалами Султон Алии Машҳадӣ буда (204 варақ), вале бидуни санаи китобат аст ва алъон дар китобхонаи пажӯҳишгоҳи мазкур таҳти шумораи 1995 нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи қадими дигари «Наводир-ун-ниҳоя», ки дар соли 893/1487 ба қалами хушнависи дигар ба исми Абдуҷамил дар Ҳирот истинсох шудааст (149 варақ), ва он низ таҳти шумораи 11675 дар китобхонаи зикршуда маҳфуз мебошад. (Муниров; Носиров, 1970, 11 бет).

Ба назари банда нусхаи шумораи 736 низ аз ҷумлаи чунин нусхаҳои муътабар аст. Дар атрофи аксари авроқ лаккаҳои обрасидагӣ мушоҳида мешавад. Пас аз дебоча 189 баргаи он ғазалиёт (598 адад) аст. Баъдан, як таркиббанд оварда шудааст, ки мазмуни маросӣ дорад. Дар 5 варақи баъдӣ як тарҷеъе омада, ки 10 банд дорад ва байти тарҷеъбанди он «*Яна муғ дайриға кирдим сармаст,- Май тут, эй муғбачаи бодапараст*» аст. Баъдан, дар 17 варақ «Соқинома» ва баъди он 1 мустазод китобат шудааст. Баъди инҳо дар 17 варақи ахир қитъаву рубоию фардбайтҳо омадаанд, ки барои шумор кардани онҳо таваҷҷуҳи бештаре ба кор аст. Ҳамин тартиб, нусха дар маҷмӯъ 266 барга дорад.

Лозим ба гуфтан аст, ки дар «Наводир-ун-ниҳоя»-и чопӣ 862 ғазал оварда шудааст ва анвоъи дигари шеърӣ дар он нест. Аммо ба шаҳодати оқои Ҳамид Сулаймон девони «Наводир-ун-ниҳоя» ғайр аз 65 шеъри мухталифуннавъ 628 ғазал дорад. (Сулаймон, 1959, 22 бет). Агар ғазалҳои дар ҳошияи нусха китобатшударо ба эътибор гирем, миқдори ғазалҳои нусхаи мавриди назари мо низ ҳамин қадар мешавад. Пас, мумкин аст дар замони гузашта касе ғазалҳои ин нусхаро бо ғазалҳои нусхаи «Наводир-ун-ниҳоя»-и Султон Алии Машҳадӣ муқоиса намуда, ба такмили он кӯшидааст.

Муқоисаи чанд ғазали аввали он бо нусхаи чопи Тошканд нишон дод, ки дар нусхаи чопӣ сарфи назар аз содир гардидани иштибоҳоти зиёди имлоӣ вожаҳои алоҳида ва ҳатто мисраъҳо пасу пеш ё ҳазф шудаанд. Ин ҷо овардани ҳамаи онҳо суханро ба дарозо мекашад. Дар поёни мақола аҳамияти ин нусхаи дастнависро ба таври зайл баён кардан мумкин аст:

1. Нусхаи шумораи 736, ки дар китобхонаи донишкадаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳфуз аст, нусхаест, истинсохшуда аз рӯйи қадимитарин нусхаи «Наводир-ун-ниҳоя»-и Аришери Навоӣ, ки дар соли 882 ҳиҷрӣ мутобиқ бо соли 1477-78 милодӣ анҷом шудааст. Замони нусхабардории онро аз рӯйи кайфияти коғаз ва шакли китобат қарни 11 ҳиҷрӣ (17 милодӣ) тахмин задан мумкин аст. Миқдори ғазалиёти он бо миқдори ғазалҳои ду нусхаи қадимии Тошканд, ки зикри онҳо дар ин мақола фавқан рафт, тавофуқ дорад, аммо 30 ғазал камтар дорад. Тавре дар боло ишора рафт, дар ҳавошии нусха ҷо-ҷо ғазалҳои дигар ба дасти котиби ғайр оварда шудаанд. Ба тахмини мо ин қазия чунин маънӣ дорад, ки баъдан нусхаи мавриди назари моро касе бо нусхаи комилтари «Наводир-ун-ниҳоя» муқоиса намуда, онро такмил намудааст. Аз ин мушоҳидаву мулоҳизот натиҷаи дигаре ба даст меояд ва он ин аст, ки нусхаи аввалини «Наводир-ун-ниҳоя» якчанд сол пештар аз санаи то ин замон маълумбуда (1480-1487) яъне, дар соли 882 (1477-78) таҳия шудааст. Аммо ин нусха, яъне нусхаи тоҷикистонӣ ниёз ба таҳқиқи боз ҳам ҷиддитар бо ҷалби таваҷҷуҳи нусхашиносони навоишиносро дорад, то он ҳамчун манбаъи муҳими ашъори ғиноии Мир Алишери Навоӣ ҳамаҷониба омӯхта шавад.

2. Дебочаи ин нусха, ки 34 барга дорад, мукаммалтарин дебоча буда, аз он ки муҳтавояш суханони худи Навоист, аҳамияти муҳими таърихӣ, адабӣ, мардумшиносӣ ва фарҳангӣ дорад.

3. Ин нусха аҳамияти муҳими матншиносиро низ соҳиб аст ва матни он метавонад дар рафъи иштибоҳоту навоқиси зиёди мавҷуд дар нашрҳои чопии феълӣ хидмат намояд.

АДАБИЁТ

1. Бертельс Е.Э. Наваи и Джами.- М.: Наука, 1965.
2. Камоли Хуҷандӣ. Девон. Ба тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. Бо муқаддимаи Алиасғари Шеърдӯст. Ношир: Маҷмаъаи бузургдошти Шайх Камоли Хуҷандӣ. Чопи аввал.-Табриз, 1375.
3. Мақсудов Б. Феҳристи нусахи хаттии Маркази фарҳангии профессор Шарифҷон Ҳусейнзода.- Душанбе: Сино, 2007.
4. Муниров Қ., Носиров А. Алишер Навоий кӯлёзма асарлари каталогӣ.-Тошкент: Фан нашриёти, 1970.
5. Наваи, Алишер. Ранный диван факсимальной издания рукописи 1466 г. Подготовил к печати Х.Сулаймон.- Ташкент: Фан, 1968.
6. Навоий, Алишер. Бадойиъ ул-бидоя // Мукаммал асарлар туплами (20- томлик).- Т. 1.-Тошкент: Фан нашриёти, 1983.
7. Рустамов Э.Р. От состовителя//Бертельс Е.Э. Наваи и Джами.- М.: Наука, 1965. (С.3-15)..
8. Сулаймон Х. Хазоин ул- маоний текстларини урганиш ва нашрга тайёрлашган асосий масалалари // Хазоин ул-маоний. Илмий-танкидий текст асосида нашрга тайёрлувчи Хамид Сулаймон. Узбекистон фанлар Академияси нашриёти.- 4 томлик.- Том 1.- Тошкент.-Фан нашриёти, 1959, I-XXVII бетлар.
9. Ҳакимов М. Алишер Навоий асарларини кўчарган хаттотлар.-Тошкент: Фан нашриёти, 1991.
10. Эркинов А. «Навоий мухлислари тамонидан тузулган яна бир девон». Узбек тили ва адабиёти.- Тошкент: Фан, 1992.- № 1, 8-15 бетлар.

ВНОВЬ НАЙДЕННЫЙ СПИСОК ДИВАНА АЛИШЕРА НАВАИ

В данной статье подробно описан один из древних списков тюркского дивана Наваи, который хранится в рукописном фонде библиотеки факультета таджикской филологии Таджикского национального университета под № 736. Этот список в инвентарной книге и в каталоге библиотеки ошибочно зафиксирован как «*Чахор диван Наваи*» (Четыре дивана Наваи). В четырёх местах списка цифрами а также буквами датирован 882 год хиджры (1477-78 гг). В это время Наваи было 36 лет. Изучение и исследование особенности данного списка показывают, что этот список является диваном «Навадир ун-нихая» Наваи, который переписан в пределах 11века хиджры (17 век) по древнейшему списку, выполненному 882 года хиджры. Список имеет введения в 34 листах. Листья не имеют нумерации. Однако список хорошо сохранен в полном объеме и не имеет упущенных листов. Начало введения дивана открываются позолоченными и разукрашенными заставками. Данный список имеет 598 газелей и прочие стихотворения. Этот список как

важнейший источник изучения лирических стихотворений Наваи имеет огромное кодикологическое и текстологическое значения. Естественно, что по тексту данного списка можно скорректировать многих газелей печатного издания поэта.
Ключевые слова: Наваи, древний список, 882 год, введение, газели, кодикология, текстология.

NEWLY FOUND COPY OF DIVAN BY ALISHER NAVAI

This article describes in details one of the oldest Turkish divan of Navai which is preserved in the manuscript foundation at the department of Tajik Philology of Tajik National University numbered as 736.

This copy has been fixed mistakenly as "Chahor Devoni Navai" (Four Divans of Navai). In four places of the copy it has been dated in numbers and letters as 882 year of hijri (1477-78). At that time Navoi was 36 years old. Studies and researches of particularities of this copy show that this was a divan "Navodir un-Nikhaya", which was copied sometimes like 11 century hijri (17 century) according to the oldest copy dated as 882 year of hijri. The copy has introduction to 34 copies. The copies do not have numbers. However the copy is preserved well in complete volume and do not have any missed copies. The divan's beginning of introduction opened with golden and coloured headpieces. The current copy has 598 composed lyrics and other kind of poems. This copy is an important source of studies of lyrical poems. Navai has great codicological and textological meanings. Obviously, according to the current copy it is possible to correct many of the published lyrics of the poet.
Key words: Navai, oldest copy, 882 year, codicology, textology

Сведение об авторе: ***Максудов Бадриддин*** **-** доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета.Телефон: **(+992) 919 13 98 19.**

ТАМСИЛИ ҲАЙВОНОТ ДАР «СИНДБОДНОМА»-И ЗАҲИРИИ САМАРҚАНДӢ

Г.С. Нозимова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо шеваи тамсилӣ баён намудани орову ақоиди ахлоқӣ аз суннатҳои қадими мардуми форсу тоҷик сарчашма мегирад ва низоми муайяни эҷоди осори тамсилиро замина мегузорад. Шоирону нависандагон кӯшиш намекарданд, ки дар асарҳои худ шакли наву ғайримуқаррарӣ биофаранд, зеро дар адабиёти тамсилӣ таҷрибаҳои суннатии бисёрсолаи худро ҳифз карда меомаданд. Аз ин ҷост, ки асарҳои офаридаи онҳо дар тӯли асрҳо арзиши маънавии худро аз даст надода, баръакс боз ҳам аҳамияти иҷмолӣ касб намудаанд. Маҳз арзиши маънавии «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ онро дар қатори шоҳкориҳои ҷаҳон қарор додааст,ки аз намунаи беҳтарини ин осор «Калила ва Димна», «Марзбоннома», «Тӯтинома», «Бахтиёрнома» ба шумор меравад ва «ҳамаи онҳо маҷмӯаи достонҳое дар чорчӯби як андешаи муайяни «ахлоқӣ» аст…» [3, 3370]. Дигар вижагиҳои фарқкунандаи «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ забони он мебошад, ки ҳарчанд «забони Заҳирӣ бо мураккабаёнии моҳирона ба забони «Анвори Суҳайлӣ» расида наметавонад, аммо бо табъу тақозои он замон, бағоят писандидаву мукаммал ҳисобида мешуд» [1, 487]. Дар баробари таълифу таҳрир Заҳирии Самарқандӣ ба «Синдбоднома» ҳадису ояҳои қуръониро низ ворид намудааст, ки арзиши ахлоқии онро боз ҳам афзун менамояд. Аз лиҳози сохтор ««Синдбоднома» як ҳикояти аслӣ дорад ва дар миёни ин қиссаи аслӣ, достонҳои фаръии дигаре гунҷонида шудааст ва аз ин назар шабеҳ ба «Калила ва Димна» аст» (6, 300).

«Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, ки шомили 34 достон аст, зиёда аз 20 намуди ҳайвон дар он ҷой дорад ва бо овардани тамсили ҳайвонот, аз қабили Ҳамдуна, Рӯбоҳ, Моҳӣ, Гург, Шутур, Фил, Гӯсфанд, Тӯтӣ, Хар, Кабк, Гурба, Мор, Хирс, Саг, Росу, Шеър, Лаклак, Худҳуд, Мӯрча ва Занбур вобаста ба хислату хусусиятҳои ба онҳо хос ҷанбаҳои ахлоқиро дар характери инсонҳо мавриди омӯзиш қарор додааст. Худи баёни матлаби гӯянда, ки аз ибтидо барои пойдории адолат равона гардидааст, дар зери ҳар як достони овардашуда шебу фарозҳои ҷаҳонро бо нишондоди амалҳои хубу зишт дар либоси ҳайвонот қаламдод кардааст ва теъдоди достонҳое, ки ба василаи ҳайвонот дар «Синдбоднома» офарида шудаанд, ба 15-то мерасад.

Аввалин достони «Синдбоднома» бо унвони «Достони ҳамдуна бо рӯбоҳу моҳӣ» ёд мешавад, ки аз ҷумлаи чунин қиссаҳост. Ин достон аз забони Ҳаким Синдбод гуфта шуда, маҳкуми амалҳои сабукандешонаи инсонист, яъне нодонии ҳамдуна ба хотири ҳирсу тамаъ ва ҷоҳу чиз буд, ки ӯро побанди дом кард. Ғояи асосии ин достон ба ду самт равона гаштааст. Яке рафтори ҳамдуна, ки аз рӯйи беандешагӣ побанди дом мешавад ва дигар рӯбоҳе, ки ба хотири амалӣ кардани мақсади нопоки худ қодир аст, ба ҳар кор даст занад ва ҳадафашро ба ком созгор созад ва пурсиши ҳамдуна дар натиҷаи кор «Он чист, ки ту мехӯрӣ ва ин чист, ки маро сахт гирифтааст?» [2, 36] як навъ содалаҳии мардуми авомро низ ошкор месозад, аммо нуктаи ниҳоии ин достон бо посухи рӯбоҳ, ки: «Подшоҳонро аз банду зиндон чора набувад ва раоёро аз луқмаву тӯъма гурез набошад» [2, 37] тақозо бар он менамояд, ки ба он аз назари зеҳнӣ бингарем.

Ин тамсил – мегӯяд Бертелс, - дар он замон бисёр тезу тунд ва боҷасоратона буд. Бе он ки аз лаҳни мароқангезу тамасхӯромези рӯбоҳ, дар ҷавоб ба таҳайюри содалавҳонаи ҳамдуна иброз гардидааст, ин ҷо андешаи нисбат ба сарнагунсозии шоҳ, аз рӯйи зулму истибдоди беандозаи ӯ баён ёфтааст. Ин ибора чунон сохта шудааст, ки ба ду маънӣ метавон онро таъбир намуд: 1) подшоҳон бояд дар ихтиёри худ занҷиру зиндон дошта бошанд ва 2) подшоҳон бояд худашон онро имтиҳон карда бошанд [1, 488]. Аз ин рӯ, тамсилро бештар барои баёни андешаҳои сиёсӣ низ ба кор мебурданд.

Дар достони дигар низ бо овардани ҳайвоноте чун, гургу рӯбоҳ ва шутур мавзӯи зиракию ҳушёрӣ баррасӣ мегардад. Яъне баҳсеро, ки сари тушароҳи ин се ҳамсафар буд, ба ҳилладонии рӯбоҳ нигоҳ накарда бо ғалабаи шутур ба анҷом мерасонад. Дар ин достон бо рағми зиракию ҳушёрии бесобиқаи ин се ҳайвон, инчунин ҳозирҷавобии онҳо, ки пайгири донишу хиради воло мебошад, ба мушоҳида мерасад ва ҳар як посух арзандаву муносиб ба назар мерасад, ба мисли ҷавоби гург: «Пеш аз он, ки Худой Таъоло ин ҷаҳон биофарид, маро ба ҳафт рӯз пештар модарам бизод» [2, 37]. Ҷавоби рӯбоҳ: «Рост мегӯйи, ман он шаб дар он мавзеъ ҳозир будам ва шуморо чароғ фаро медоштам ва модаратро ионат мекардам» [2, 38]. Ҷавоби шутур: «Ҳар ки маро бинад, ба ҳақиқат донад, ки бад-ин ҷусса аз модар дӯш назодаам, аз шумо бисёр калонтараму ҷаҳон аз шумо бештар дидаам ва бор аз шумо бештар кашидаам» [2, 38].

Иддаои ин достон аз он иборат аст, ки фазилату хирадпешагии инсонҳои комил ҳеҷ гоҳ намегузорад, парчами музаффарият аз даст бозниҳанд ва достони «Шоҳи Кашмир бо пилбон» метавонад давоми мантиқии ин достон бошад. Аз он ки меҳтари пилбонон натавонист, хостаи шоҳро дар риёзату таълими фили ваҳшӣ бароварда созад, ин қисса ба он меанҷомад, ки пилбон бо далели исбот ба ранҷи сесола дар тарбияти фил худро аз марг мераҳонад. Таъбири пилбон аз он ки «Ман ин пилро он тавонистам омӯхт, ки ба сару гардан ва дасту пой ва хартум тавонад кард. Аммо он чи ба дилу табъи ӯ тааллуқ дошт, натавонистам омӯхт чи он аз ман пӯшида аст ва маро бар он вуқуф нест…» (2, 45) дар он зоҳир мегардад, ки ба зоҳир наметавон эътимод кард ва он чи ботини инсонҳоро зевар мебахшад, ин нури маърифат аст, ки бахшандаи он фақат Худованд аст.

Достони «Зану гӯсфанд ва пилону ҳамдунагон» бо масоилу ҳикмати пандомӯзи худ, таҷассумгари ғояи баланди тарбияи инсонӣ мебошад, зеро дар ин достон пазируфтани суханони бузургон аз ҷузъиёти муҳимми он ба шумор рафта, амали ҳамдунагон, ки ба суханони пири худ гӯш накарда, ниҳоят ба доми бало меафтанд маҳкум мегардад ва суханони ҳамдунагон, ки « - Мо сазовори зиёдат аз ин балоем, чун сухани пиру меҳтари худ нашунидаем» (2, 61) муҳтавои ин ақоиди ахлоқист, ки «Бе пир марав, ки дарнамонӣ».

Аз ҷумлаи достонҳои дигаре, ки дар худ рафтори инсонҳои зудбовару шитобкорро маҳкум мекунад, «Достони Кадхудой бо зану тӯтӣ» ва «Достони марди лашкарӣ ва кӯдаку гурбаву мор» мебошад, ки бо вуҷуди якхела будани хати сужа ва

доштани идеяҳои мухталиф ду рафтори нописандидаро мазаммат мекунад. Агар дар достони якум тӯтӣ ҳарчанд қурбони фитнаи зан шуда, беадолатона бо дасти дӯсти боэътимоди худ бо сабаби нохудогоҳӣ кушта шуда бошад, дар достони дуюм дар куштани гурба, шитоби бармаҳали мард сабаби аз даст рафтани дӯсти мушфиқ ва муҳофиз гардидааст.

Бо овардани «Достони хирсу бӯзина ва дарахти анҷир» рафтори ду гурӯҳи инсонҳо ба зери тозиёнаи танқид кашида шудааст. Дар образи бӯзинаи зоҳид инсонҳои поксиришту қаноатпеша ва дар образи хирс бошад, баръакс рафтори ҳарисонаи инсонҳои мункиру мардумозор маҳкум карда шудааст. Дар баробари ин, мисоли «Мазаллату муҷоат, ки қосими зуҳури шерон ва шиканандаи дили далерон аст (Гуруснагӣ шеронро ба лоша хӯрдан розӣ мекунад)» [2, 120, 158; 4, 372, 425] дар рафтори мушоҳидакоронаи бӯзина оварда мешавад, ки дар «Достони саълук ва шеру бӯзина» низ ба назар мерасад. Агар достони хирсу бӯзинаи зоҳид бештар ба мавзӯи қаноатпешагӣ ва фурӯ нишондани ангезаи оташи ҳасад ба монанди:

Касе, ки иззати узлат наёфт, ҳеҷ наёфт,
Касе, ки рӯйи қаноат надид, ҳеҷ надид [2, 119].
Ё ин ки:
Ҳасад он ҷо, ки оташ афрӯзад,
Хирмани ақлу офият сӯзад [2, 121].

ба баҳс кашида шавад, дар достони саълук ва шеру бӯзина бошад, ҳушёрии марди ҳақир дар баробари шер ва бӯзинае, ки дар қасди вай мекӯшид, аъмоли нописандидаро аз ҷониби инсонҳои пасттинат маҳкум мекунад ва ҳатто дар нисбати шоҳон мисоли «Ҳамсуҳбати аҳмақ бадномӣ меораду ҳамнишинии ҷоҳил - бадбахтӣ» [2, 161] дӯсти нодонеро чун бӯзина дар нисбати шер, ки рамзи одамони пешво аст зери савол мегузорад ва шер низ бо мароми ягонаи сарварӣ мисоли «Гурехтани сари вақт зафар аст»-ро [2, 160] дар нисбати худ бамаврид зикр мекунад.

Дар «Достони Сайёду саг ва ангубину марди баққол», бархостани шарри азиме, ҳушдор аз як рафтори кӯчаку нодиданӣ, ки сабаби марги ҳазорҳо мегардад, мебошад. Дар ин достон бархурди муносибатҳои байни инсонҳо аз сари кибру ғурур ва кинаву адоват ба бахс кашида мешавад ва мисоли «Расидӣ – бигир ва ёфтӣ – ғанимат дон!»-ро [2, 146], ки ба бозёфти сайёд нигаронида шуда, бо шарри авом ба поён меанҷомад, бо чунин мисол таъкид мекунад «Садсола ҷавру зулми мулук беҳ аз дурӯза шарри авом ва фитнаи ғавғост» [2, 147] ва дар ишора бо байти зайл:

Чу поён набинӣ сари фитнаро,
Ба поён зи пой андарояд сарат [2, 147]

таъкид менамояд, ки «Сиёсату танбеҳ асоси сарварию меҳтарист».

Дар муқоиса бо инсонҳои боистеъдод ва борою дин, ки ҳамеша бо шукргузорӣ аз ин неъмати додаи Кирдигор муваффақ ҳастанд, инсонҳое низ оварда шудаанд, ки бо вуҷуди доштани ин ҳама неъмати Худо фориғанду дар ғафлат. Дар мисоли «Достони ҳудҳуд ва порсомард», ки чӣ гуна ҳудҳуди зираку рӯшанрой аз ғофилӣ ба доми андухтаи кӯдакон дармемонад ва ё монанди занбӯре, ки бо худситоӣ меҳнати мӯрчаро қадр накарда, бо фахрфурӯшӣ ӯро ба макони сайди худ мебарад ва дар пеши чашми мӯрча аз корди қассоб дуним мешавад ва дар ниҳояти кор худ туъмаи мӯрча мегардад. Дар ин достон ҳикмати бузурги ниёконамон нуҳуфтааст, ки инсонҳоро ба дурандешиву амиқназарӣ ҳидоят мекунад.

Агар дар маҷмӯъ, мо ба ин асари пурбор аз ороёҳои ахлоқӣ аз нигоҳи оини мулкдориву сиёсат бингарем, метавонем заминаи дигареро барои таҳлилу баррасии ҳар як достони он ба алоҳидагӣ эҷод намоем, чунки меъмори ин китоби нодир тавонистааст бо баёну жарфандешии худ бинои муҳташамеро бо дарҳои баста ва зиёде дар пешорӯйи мо вогузор намояд ва аз ҳар дари он вориди ин бино шудан аз фазилати нигоҳи ҷӯянда дарак медиҳад.

Асли матлаб аз тамсилоти «Синдбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ баёни аҳодису ривоёти таҷрубиест, ки тӯли қарнҳо бинои ақлу ҳуши инсон бар он мубтанӣ шуда, дар фарозу нишеби рӯзгор онҳоро ба кор гирифтаанд. То ҷаҳон боқист, ин мисолҳо ба монанди нури рӯҳбахши хуршед, ки бар зулмоту тирагӣ ҳамеша зафар дорад, зиндагии инсониро равшанӣ мебахшад.

АДАБИЁТ

1. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – М.: Издательство восточной литературы, 1960. – 556 стр.
2. Муҳаммад бинни Алии Заҳирии Самарқандӣ. Синдбоднома. – Теҳрон: Бунёди андешаи исломӣ, 1381. – 316 саҳ.
3. Рипко, Ян ва дигарон. Таърихи адабиёти Эрон (аз даврони бостон то қоҷория). – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1371. – 646 саҳ.
4. Синдбоднома. Таълифи Заҳирии Самарқандӣ. Тадқиқот, тасҳеҳи матн ва таълиқот ба қалами Ҷумъабой Азизқулов. – Душанбе: Пайванд, 2012. – 715 саҳ.
5. Синдбад-наме. Перевод М.Н.Османова, под редакцией А.Н.Старькова. – М: Издательство восточной литературы, 1960.
6. Тафаззулӣ, Аҳмад. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом. – Теҳрон: Сухан, 1378. – 452 саҳ.

ПРИТЧА ЖИВОТНЫХ В «СИНДБАД-НАМЕ» ЗАХИРИ САМАРКАНДИ

В данной статье рассматривается одно из наиболее известных повествовательных произведений средневековья «Синдбад-наме», который обладает назидательным характером, содержит моральные поучения в иносказательной форме. Притчи о животных в «Синдбад-наме» Захира Самарканди имеют важное значение, и в притче проявляется сама жизнь.

Ключевые слова: притча, Синдбад-наме, Захири Самарканди, мораль, животные, мысль, характерно, взгляд.

PARABLE OF ANIMALS IN "SINBAD NAME" ZAHIRI SAMARKANDI

This article discusses one of the most famous works of medieval narrative "Sinbad-name", which has a didactic character, contains moral teachings in allegorical form. Parable of the animals in "Sinbad name" Zahir Samarkandi are important, and the clergy manifested life itself.

Keywords: parable, Sindbad-Nameh, Zahiri Samarkandi, morality, animals, thought characteristic look.

Сведения об авторе: ***Нозимова Г.С.*** - кандидат филологических наук, ассистент кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета.Телефон: **(+992) 907 32 66 11**

ШАРҲИ АҲВОЛИ АМИР ҲУСАЙНИИ ҲИРАВӢ

А.Т.Ҳакимов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ, ки гоҳе ӯро ба номи Амир Ҳусайнии Содот ҳам ёд кардаанд, яке аз шоирону нависандагони сӯфимашраби қуруни 7-8 ҳ. мутобиқ ба асрҳои 13-14 мелодӣ мебошад. Дар Тоҷикистон ин адибро онҳое, ки бо тасаввуф сари коре доранд, ба туфайли «Гулшани роз»-и Шайх Маҳмуди Шабистарӣ мешиносанд. Зеро маҳз Амир Ҳусайнӣ ба орифи номдори Озарбойҷони он аҳд, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ 17 суол дар масоили гуногуни тасаввуф ва ирфон ирсол карда буд, ва Шайхи номбурда дар ҷавоби он саволҳо маснавии машҳури худаш «Гулшани роз»-ро навиштааст.

Гарчанде Амир Ҳусайнӣ асарҳои зиёди мондагор ба назму наср офаридааст, вале дар кишвари мо аз аҳволаш камтар хабар доранд. Вазъи марбута дар иртиботи ин мавзӯъ ба ҳаддест, ки ҳатто дар «Энциклопедияи советии тоҷик» (8-ҷилда) ва ҳамчунин дар «Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дар бораш иттилое дарҷ нест. Дар таърихҳои адабиёте, ки роҷеъ ба адабиёти форсу тоҷик буда, аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Ш.Ҳусейнзода [21], Х.Мирзозода [13], Р. Ҳодизода [20], ва дигарон навишта шудаанд, аз ӯ ё фақат ном гирифта шудааст, ё ҳатто зикре аз номаш ҳам нарафтааст. Гузашта аз ин, метавон ёдовар шуд, ки танҳо ду муҳаққиқи тоҷик аз Амир Ҳусайнӣ сухан ба миён овардаанд. Яке Саломи Нуриёни Баравнӣ дар

мақолае зери унвони «Амир Ҳусайни Хиравӣ ва «Нузҳат-ул-арвоҳ»-и ӯ» [5] ва дигаре Шарифҷон Тоҷибоев дар мақолае бо номи «Нигоҳе ба маснавиҳои Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ» [18]

Агар соҳати таҳқиқро васеътар гирему ба гузаштаи дуртар назар андозем, мебинем, ки шарқшиносони ғарб Э. Броун [7, 159], Я. Рипка [15, 246], А. Кримский [10], Е.Э. Бертелс [6, 110] ва дигарон ҳангоми баррасиҳои адабиёти сӯфияи асрҳои 13-14 аз Амир Ҳусайнӣ ба ҳайси шоири сӯфимашраб ёд кардаанд ва баъзе аз онҳо дар бораи аҳволи Амир Ҳусайнӣ низ ба таври хеле мухтасар таваққуф намудаанд.

Дар мавриди аҳволи Амир Ҳусайнӣ дар навиштаҳои муҳаққиқони эронӣ чизҳои назаррасе ҳаст. Аз ҷумла, Забеҳуллоҳи Сафо дар таърихи адабиёташ роҷеъ ба аҳволи Амир Ҳусайнӣ мухтасаран мулоҳизаҳои худро овардааст [17, 59]. Ҳамчунин муҳаққиқони дигари он сомон аз қабили Фуруғи Ҳикмат [3], Муҳаммади Туробӣ [3], Ҷалили Масгарнажод [4] ва дигарон, ки баъзе осори Амир Ҳусайниро ба табъ расонидаанд, дар пешгуфторҳои худ, ки бар он асарҳо навиштаанд, роҷеъ ба рӯзгори шоир баъзе нуктаҳоро баён кардаанд, ки аксари онҳо бозгӯйи ахбори муаллифони тазкираҳои аримиёнагӣ мебошанд. Аз омӯзиши таърихчаи мавзӯъ маълум мугардад, ки ҳеҷ кадоме аз пажуҳишгарон тарҷумаи ҳоли Амир Ҳусайниро ҳадафмандона ба таври илмӣ ва муназзаму мукаммал таҳқиқ накардаанд. Бинобар ин, мо дар ин мақола назди худ мақсад гузоштем, ки шарҳи ҳоли илмии Амир Ҳусайниро бо назардошти мулоҳизаҳои муаллифони сарчашмаҳо ва ҳамчунин таҷзияву тафҳими гуфтаҳои худи шоир дар осораш баррасӣ намуда ҳатталимкон барқарор намоем.

Дар масъалаи аҳволи шоир аввалин масъалае, ки пеш меояд, барқарор намудани номи комили ӯ мебошад. Ҷустуҷӯи мо дар ин замина нишон дод, ки ҳеҷ кадом аз муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқони имрӯзӣ номи адибро дар шакли пурра зикр накардаанд.

Исми мукаммали шоирро мо ба таври зайл муқаррар намудем: Амир Фахруссодот Саид Рукнуддин Ҳусайн ибни Олим Ҳусайнии Ғурии Ҳиравӣ. Чаҳор мафҳуми аввал аз ин ном марбути лақабҳои ифтихории динии адиб мебошанд. Омадани калимаи «Саид» аз он дарак медиҳад. ки ӯ аз табақаи баланди иҷтимоӣ будааст. «Ибни Олим» ишора бар он мекунад, ки исми қиблагоҳаш Олим будааст. Нисбии шоирро гоҳе Ғурӣ ва гоҳе Ҳиравӣ навиштаанд. «Ғур» номи ноҳияест зодгоҳи шоир, ки тобеи Ҳирот будааст. Зикри шахсиятҳои адабӣ ба ду нисбаро мо дар гузаштаи фарҳанги худ дорем, амсоли Қубодиёнии Балхӣ (Носири Хусрав), Фарохонии Ҳамадонӣ (Ироқӣ) ва ғайра. Баъзе муаллифони сарчашмаҳо зодгоҳи шоирро дақиқтар намуда деҳаи Ғазивро таъйин кардаанд, ки тобеи ноҳияи Ғур будааст. Аз ҷумла, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» навиштааст, ки: «дар асл аз Казив аст, ки деҳаест, аз навоҳии Ғур». [24,402] Давлатщоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» чунин мегӯяд: «Асли Саид аз Ғур аст, аз Ғазив, аммо аксар авқот саёҳат карда ва маскани Саид шаҳри Ҳирот буд». [8, 246]. Хондамир низ дар «Ҳабиб-ус-сияр» Ғазивро макони валодати Амир Ҳусайнӣ дониста чунин менигорад: «Амир Ҳусайнӣ дар асл аз Ғазив буд» [23, 352]. Ғайр аз инҳо дар аксари тазкираҳо ва осори таърихӣ низ макони володати Амир Ҳусайниро Ғазив ба қалам додаанд.

Роҷеъ ба санаи валодати Амир Ҳусайнӣ дар сарчашмаҳо иттифоқи назар вуҷуд надорад. Дар миёни донишмандони муосир ва касоне, ки дар бораи Амир Ҳусайнӣ корҳое анҷом додаанд устод Забеҳуллоҳи Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» соли таваллуди ӯро 671 ҳ. зикр кардааст [17, 59]. Аммо Албири Боботоҳир дар китоби «Доират-ул- маорифи бузурги исломӣ» чунин менигорад: «Соли валодати Амир Ҳусайнӣ ба равшанӣ дониста нест, аммо аз баъзе ишороти вай дар «Нузҳат-ул-арвоҳ» бармеояд, ки ба ҳангоми таълифи ин китоб (с.711 / 1312) по аз 40 солагӣ фаротар ниҳода будааст. Бинобар ин таваллуди ӯ ба пеш аз 671 / 1273 боз мегардад».[1,256]

Доктор хонум Фуруғи Ҳикмат ҳадс мезанад, ки шоир миёни солҳои 641-646 / 1244-1251 ба дунё омадааст (3,204) ин фикри муаллифро Ҳусайни Содоти Носирӣ

(14,204) ва Саид Муҳаммади Туробӣ [3,354] дасгирӣ кардаанд. Бояд чунин назар ба ҳақиқат наздиктар бошад, зеро Амир Ҳусайнӣ дар ибтидои маснавии «Канз-ур-румуз»- и худ, ки ба эҳтимоли қавӣ онро дар поёни аҳди ҷавонии хеш ва оғози сулукаш дар тариқати сӯфия суруда «Муҳаммад» ном шахсеро мадҳ кардааст, ки ба эҳтимоли зиёд Малик Шамсуддини Муҳаммад фарзанди малик Рукнуддин ибни Тоҷуддини Ғурӣ аст, ки байни солҳои 643 то 676 бар қисмати бузурге аз машриқи Хуросон ва тамоми Ғуру Систон ва Кобул то соҳили Синд ҳукумат дошт. Ин фармонраво ахиран мағзуби Элхони муғул (Абоқо) гардида дар соли 676 дар Табрез даргузаштааст [17, 60].

Агар ин фарз дуруст бошад, бояд Амир Ҳусайнӣ дар соли 671, ки тақрибан ба солҳои охири ҳукумати Малик Шамсуддини Муҳаммад рост меояд таваллуд ёфта бошад. Нуктаи дигар ин, ки Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ, ки муршиду мураббии Амир Ҳусайнӣ ва Фахруддини Ироқӣ будааст, худ дар соли 578 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1183 мелодӣ таваллуд ва дар соли 666 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1268 мелодӣ вафот ёфтааст. Бино бар ин агар валодати Амир Ҳусайниро соли 671 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1273 мелодӣ қабул кунем ва таърихи вафоти Шайх Баҳоуддинро, ки 1268 аст, пас, чунин натиҷа ба даст меояд, ки ҳангоми даргузашти Шайх Баҳоуддин Закариё шоири мо ҳанӯз ба дунё наомадааст. Агар назари Фуруғи Ҳикматро ба эътибор гирем дар замони даргузашти Шайх Баҳоуддин Закариё шоир 18-20 сола бадааст. Ҳақиқати мусаллам ин аст, ки Амир Ҳусайнӣ муриди Шайхи мазкур буд, зеро чунин муридию муродӣ дар ҳамаи маъхазҳои адабию таърихӣ, ки сухан аз Амир Ҳусайнӣ кушодаанд, ба сароҳат зикраш рафтааст. Ғайр аз ин номи Амир Ҳусайнӣ дар шаҷараи фирқаи Шайх Закариёи Мултонӣ омадааст

Амир Ҳусайнӣ таҳсили ибтидоии худро дар назди падари бузургвораш, ки аз хонаводаҳои асил ва аҳли фазл будааст омӯхтааст. Доир ба падари худ ӯ дар маснавии «Зод-ул-мусофирин» сухан ронда ва аз мазмуни сухан пайдост, ки парастори писари худ будааст:

Рӯзе падар ин ҳикоятам кард,
К-аз ҷамъи муҳаққиқон яке мард.
Аз дарди фироқи худ барошуфт,
Дар ҳолати шукр бо Худо гуфт.
К-эй дар дилу дида нурам аз ту,
Охир ба чи ҷурм дурам аз ту?
Гуфтанд туӣ ҳиҷобу кас нест,
Ин зистанат гуноҳи бас нест.
Ҳай-ҳай ба Худо, ки ҳамчунин аст,
Ин ҷо гунаҳи кабира ин аст.
Ин турфа касе надида ҳаргиз?
В-ин қисса касе шунида ҳаргиз?
Девона шавад ҳазор оқил,
Осуда касе, ки ҳаст ғофил. [3, 113]

Амир Ҳусайнӣ дар овонӣ ҷавонӣ барои тиҷорат ба кишварҳои бисёре сафар кардааст. Бино бар ақидаи сарчашманигорон ӯ бо падари худ ба Мултон рафта ва дар он ҷо ба дидори Баҳоудин Закариёи Мултонӣ мушарраф гаштааст, вале дар ҳамин дидори аввал муриди ӯ нашудааст. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки падари ӯ шахси фозилу донишманд будааст, ки бо бузургоне чун Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ робита доштааст. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки пас аз дидори аввал ӯ бо падараш ба ватан баргаштааст. Пас аз гузаштани муддати кӯтоҳе назди Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ шитофтааст.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» чунин зикр кардааст: «Муддате он ҷо (Мултон-А. Ҳ.) машғули риёзат буд ва аз баракати суҳбати эшон (Шайх Закариёи Мултонӣ-А.Ҳ.) соҳиби каромат гардид» (24, 405).

Дар «Нафаҳот-ул-унс» [24, 405], «Ҳабибуссияр» [23,352] ва баъзе сарчашмаҳои дигар сабаби тавбаи Амир Ҳусайнӣ ва рафтани ӯро ба Мултон чунин зикр карданд, ки бештар ба афсона монанд аст: «Гӯянд сабаби тавбаи вай он буда, ки рӯзе ба шикор берун рафта буд, оҳуе пеш расид, хост то тире бар вай афканад, оҳу бар вай нигариста гуфт: «Ҳусайн! Тир бар мо мезанӣ? Худои таоллоҳ туро аз баҳри маърифат ва бандагӣ офаридааст, на аз баҳри ин » ва ғоиб шуд. Оташи талаб ӯро ниҳод, вай шӯъла баровард, аз ҳар чи дошт берун омад ва ба ҷомеаи ҷавлақиён ҳамроҳ ба Мултон рафт. Шайх Рукнуддин он ҷамоатро зиёфат кард. Чун шаб шуд, ҳазрати Рисолат салаллоҳу алайҳи васалламро ба хоб дид, ки гуфт: «Фарзанди маро аз миёни ин ҷамоат бурун ор ва ба коре машғул кун!». Рӯзи дигар Шайх Рукнуддин ба эшон гуфт, ки «дар миёни шумо Саид кист!» ишора ба Амир Ҳусайнӣ карданд. Вайро аз миёни эшон берун овард ва тарбият кард, то ба мақомоти олия расид» [24,405]. Шайх Рукнуддини мазкур набераи Закариёи Мултонӣ, яъне писари Шайх Садруддини Ориф аст. (А.Ҳ.)

Ин гуфтаҳо то куҷо ҳақиқат доранд, чизе гуфтан душвор аст. Чунин воқеъаҳои фасонамонанд роҷеъ ба аҳволи аксарияти шуарои сӯфимашраби салаф дар сарчашмаҳо баён шудаанд. Муаллифони гузашта ба ин васила хостаанд шахсияти мавриди назарашонро аз будашон бузургтар ҷилва диҳанд. Сабаби дигари чунин рафтор дар бархӯрди мухлисонаи эшон бо чеҳраҳои фарҳангии гузашта мебошад ва мазмуни онҳоро ҳамчун ҳақиқати мутлақ пазируфтан нашояд.

Амир Ҳусайнӣ бо бисёре аз шоирон ва орифони рӯзгори хеш робита доштааст, аз ҷумла, бо Ҳисомии Ҳиравӣ, Ҳасани Санҷарӣ, Шайх Авҳадии Мароғаӣ, Шайх Фахруддини Ироқӣ, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ва дигарон. Доир ба робитаи Амир Ҳусайнӣ, Шайх Ироқӣ ва Шайх Авҳадӣ Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин менигорад: «солҳо ба сулук машғул буда ва бо бисёре аз акобир суҳбат дошта. Ҳикоят кунанд, ки Шайхи ориф Фахруддини Ироқӣ ва Шайх Авҳадӣ ва Шайх Саид Ҳусайнӣ ҳар се фозил муридони Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ будаанд ва соле чунин иттифоқ афтода, ки дар Кирмон ба хонақоҳи Авҳадуддин ҳарсе ба хилват нишастанд ва дар аснои арбаин ҳар кадоме аз сафари олами малакут савғоте ба хидмати Шайх расониданд. Шайх Ироқӣ «Ламаот», Шайх Авҳадӣ «Тарҷеъ»-е ро, ки бағоят машҳур аст ва Саид Ҳусайнӣ китоби «Зод-ул-мусофирин». Баъде ки Шайх ҳар се нусхаро мутолиа кард, фармуд: «Ҳақ таоллоҳ вуҷуди шарифи ин ҳарсе дар дарёи яқинро ҳамвора аз офат маҳфуз дорад, ки аҷаб се гавҳар аз кони ҳақоиқ берун оварданд. Чун ин фирқа мусофирони масолики яқинанд. Он ки «Зод-ул-мусофирин» овард, сайёҳи манозири ирфонист ба тақрибу васф «Зод-ул-мусофирин» сабт шуд» [8,246].

Аз ин қавли Давлатшоҳ ҳақиқаташ он аст, ки адибони орифи зикршуда воқеан соҳибони китобҳои мазкур ҳастанд. Аммо дар Кирмон дар хонақоҳи Авҳадии Кирмонӣ ба ҳам омадани онҳо ва пас аз таълифи он осор онҳоро ба Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ ҳадя карданашон ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро на танҳо пеш аз таълифи «Зод-ул-мусофирин» балки қабл аз валодати Амир Ҳусайнӣ Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ ин дунёро тарк карда буд. Соли вафоти Шайхи махкур 1235 аст. Ҳақиқат ин аст, ки ҳарсе адиби зикршуда асарҳои худро дар ҷойҳои гуногун ва дар шароиту фазои маънавии гуногун эҷод кардаанд.

Амир Ҳусайнӣ бо Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ низ дорои иртиботи маънавӣ будааст ва ин иртибот аз ҳайси хирқа аз тариқи Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ пир ва муршиди Амир Ҳусайнӣ сарчашма мегирад. Ва шояд ин иртибот сабаб будааст то Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дар сафаре, ки ба соли 790 ба Ҳирот доштааст, бо яке аз набераҳои Амир Ҳусайнӣ васл кунад ва Шоҳ Халилуллоҳ фарзанд ва ҷонишини ӯ аз ин васл ҳосил ояд [4,13]

Давлатшоҳи Самарқандӣ нисбати таълим ва иршоди Амир Ҳусайниро мустақиман ба Шайх Шоҳобиддини Умари Суҳравардӣ расонида ӯро аз муосирони он шайху орифи бузург баршумурдааст. (8,244) . Аммо ин интисоб саҳеҳ нест, зеро

вай таълимоти сӯфиёнаи худро дар хидмати Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ ва писараш Садриддини Ориф омӯхт ва сулукашро назди Рукнуддин Абулфатҳ ба итмом расонид. Гап дар ҷойи дигар аст ва ва он аз ин қарор аст, ки Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ яке аз тарбиятёфтагон ва муридони Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ буд, бино бар ин нисбати таълими вай бо як восита ба пир ва раиси маслаки Суҳравардӣ яъне Шайх Шаҳобуддин Абуҳафс Умар ибни Муҳаммади Суҳравардӣ мерасад. Вай дар ибтидои маснавии «Канз-ур-румуз»-и худ пас аз ситоиши паёмбар (с) ва ёрони ӯ ба мадҳи Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ пардохта ва он Шайхро «Қутбулаъзам» ва «Шайхулшуюх» хондааст ва сипас Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултониро мадҳ гуфта, ӯро бо лақабҳои «Пир», «Қутбулавлиё» ёд карда, пас аз он ба мадҳи фарзанди Баҳоуддин, яъне Садруддини Ориф даст ёзидааст. Аз ин аснод ба таври қотеъ хулоса кардан мумкин аст, ки Амир Ҳусайнӣ дар тариқати суҳравардия қарор дошт:

Пири ҳафт иқлим, қутбулавлиё,
Восили ҳазрат надими кибриё.
Нӯшдоруи дили ҳар дардманд,
Қадри ӯ чун ҳиммати ӯ бас баланд…
Аз вуҷуди ӯ ба назди дӯстон
Ҷаннатулмаъво шуда Ҳиндустон.
Ман ки рӯй аз неку бад бартофтам,
Ин саодат аз қабулаш ёфтам…(4, 41)

Чунон ки зикр шуд, Амир Ҳусайнӣ дар хонақоҳи Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ ва халафи ӯ тарбияи ботинӣ ёфт, мароҳили сулукро паймуд ва баъд аз дарёфти хирқа дар силсилаи тариқати суҳравардия ба ҳукми пири равшанзамир ба ҷониби ватанаш Ҳирот равон гардид ва дар он ҷо бисоти иршод густурд ва ба тарбияи муридон пардохт.

Силсилаи тариқат ва шаҷараи интисобии хирқаи Амир Ҳусайнӣ ба тариқи зайл аст: Амир Ҳусайнӣ мурид шайх Рукниддин Абдулфатҳ - ӯ мурид падари худ Садриддини Ориф- ӯ мурид падари худ шайх Буҳоуддин Закариёи Мӯлтонӣ- ӯ мурид шайх Шаҳобиддин Умари Суҳравардӣ- ӯ мурид амаки худ шайх Зиёуддин Абунаҷиби Суҳравардӣ- ӯ мурид амаки худ Қозӣ Возеҳуддини Суҳравардӣ- ӯ мурид падари худ Муҳаммад Амуяи Суҳравардӣ- ӯ мурид Аҳмад Асвади Динурӣ- ӯ мурид Саид Ҷунайди Боғдодӣ- ӯ мурид Довуди Тойӣ- ӯ мурид Хоҷа Ҳабиби Аҷамӣ- ӯ мурид Хоҷа Ҳасани Басрӣ- ӯ мурид сарҳалқаи авлиё ҳазрати Али ибни Абетолиб ва ӯ мурид ҳазрати Муҳаммади Мустафо (с). (4, 15)

Доир ба издивоҷи шоир Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёзулорифин» чунин менигорад: «аз баъзе мардуми Мултон чунон истимоъ афтод, ки ҳазрати Амир Ҳусайниро низ ҳазрати Баҳоуддин Закариё як духтари худро ба ақди никоҳ даровардаанд» (19,631). Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Шайх Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ духтари худ, ки Нурбону ё Нурбиби ном дошт, дар ҷавонии Шайх Ироқӣ ба никоҳи ӯ оварад. Пас аз муддате ин зан вафот мекунад ва Шайхи мазкур хостааст духтари дигари худро ба издивоҷи ӯ орад, вале дар ин амр писари ӯ Садриддини Ориф мухолифат кардааст. Гумони ғолиб бар ин аст, ки ҳамин духтари дуюмро Закариёи Мултонӣ, баъдан, ба Амир Ҳусайнӣ додааст. Аз ин ҷо бармеояд, ки Шайх Ироқӣ ва Амир Ҳусайнӣ ба ҳам боҷа мебошанд вале дар осори Ироқӣ роҷеъ ба Амир Ҳусайнӣ ва дар осори Амир Ҳусайнӣ роҷеъ ба Ироқӣ ҳарфе нест.

Вафоти Амир Ҳусайниро ба ихтилоф байни солҳои 717 то 719- и ҳиҷрӣ мутобиқ ба солҳои 1318-1319 навиштаанд. Абдурраҳмони Ҷомӣ дар бораи соли вафоти Амир Ҳусайнӣ гуфтааст: «Дар содис ушри шаввол санаи самони ашара ва сабъамиъа аз дунё бирифт» (24, 402) ки маънои шонздаҳуми шавволи 718-и ҳиҷрӣ мутобиқ ба 11 декадри соли 1318-и мелодиро дорад. Ин таърихро Фасехи Хофӣ низ дар асари худ зикр кардааст: «Вафоти Шайхи бузурги ислом ва яке аз пешвоёни ирфону тасаввуф

Саид Олими Ҳусайнӣ (Разиаллоҳу анҳум) ба таърихӣ 16-шавволи соли 718- ҳиҷрист» (22,47) Таърихи вафоти Амир Ҳусайнӣ дар қитъае, ки бар санги мақбараи вай ҳак шудааст ва аксари тазкиранигороновардаанд чунин омадааст:

Даҳу шаш аз моҳи шавволу ҳафсаду ҳаҷдаҳ,
Намуд воқеаи ифтихори оли Муҳаммад (с).
Равон Саиди Содоти аср, Мир Ҳусайнӣ,
Шуд аз сарочаи дунё ба дори мулк мухаллад. (ҷовид, доими…)

Ва низ аз байти аввали ин қитъа бармеояд, ки Амир Ҳусайнӣ шонздаҳуми шавволи соли 718-и ҳиҷрӣ мутобиқ ба 11-декабри соли 1318-и мелодӣ вафот кардааст. Мазори вай дар гӯристони Ҳирот дар назди оромгоҳи Абдуллоҳ ибни Муовия ибни Абдуллоҳ ибни Ҷаъфари Тайёр воқеъ гардидааст.

Дар мавриди мақом ва манзилати Амир Ҳусайнӣ дар ирфону тасаввуфи исломӣ ва шеъру адаб сарчашманигорон ӯро ба унвони як шоири латифгутор ва орифи комил ба қалам дадаанд:

Ҷомӣ менависад:«…Олим буда ба улуми зоҳирӣ ва ботинӣ…вайро мусаннифоти бисёре аст баъзе манзум ва баъзе мансур…ва ӯро девоне аст бағоят латиф». (24, 402). Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин менависад: «…солики масолики дин ва орифи асрори яқин аст ва дар кашфи румузи ҳақоиқ ва дақоиқ канзулмаъонӣ буда ва дар фазилати улум Ҷунайди сонӣ, хотири пурнури ӯ гулшани роз ва тутии нутқи ӯ андалеби хушовоз».(8,246). Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» мегӯяд: «… рӯй ба риёзат оварда ба мақомоти баланду мадориҷи арҷманд вусул ёфт ва бо Баҳоуддин Закариёи Мултонӣ иродат дошт, рисолаҳои некӯ ва маснавиҳои дилҷӯ дар олам ба ёдгор гузошт…» (19, 24.)

Аз ин иқтибосот бар меояд, ки Амир Ҳусайнӣ дар замони зиндагиаш ба ҳайси орифи бузург ва шоири ширинмақол аз мақому манзалати арҷманде бархӯрдор будааст.

Аз Амир Ҳусайнӣ осори гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки қисме аз онҳо ба табъ расидаанд ва бархе ҳанӯз дар шакли нусхаҳои хаттӣ дар китобхонаҳои дунё маҳфузанд, ки баррасии онҳо вақти дигар ва таҳқиқи дигарро металабад.

АДАБИЁТ

1. Албирӣ, Боботоҳир. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ. Иборат аз 10 ҷилд.-Ҷилди 10/ Албирӣ, Боботоҳир. - Теҳрон, 1380.-1675 саҳ.
2. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Бо кӯшиши Саид Муҳаммади Ризотоҳирӣ. Дар се муҷаллад.- Ҷ-2-юм Амин Аҳмади Розӣ. -Теҳрон, 1368.
3. Амир Ҳусайнӣ. Маснавиҳои ирфонӣ. Бо кӯшиши Саид Муҳаммади Туробӣ/ Амир Ҳусайнӣ.- Теҳрон, 1371-354 саҳ.
4. Амир Ҳусайнӣ. Маснавии «Канз-ур-румуз». Бо кӯшиши Ҷалили Мисгарнажод/ Амир Ҳусайнӣ. - Теҳрон, 1367-72 саҳ.
5. Баравнӣ, Салом Нуриён. Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ ва «Нузҳат-ул-арвоҳ»-и ӯ/Салом Нуриён Баравнӣ// Ахбороти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, 2005, № 4, Саҳ.53-61
6. Бертельс Е.Э. суфизм и суфийская литература // Избр.труды.-М.: Наука, 1965-522с.
7. Броун Эд. Таърихи адабии Эрон.-Ҷ.3. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Тарҷума ва ҳавошии Алиасғари Ҳикмат.- Теҳрон: Амири кабир, 1351.- 876 с.
8. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Аз рӯйи чопи Браун ба муқобилаи нусхаи муътабари хаттии қадим. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббосӣ. -Теҳрон 1337-649 саҳ.
9. Зарринкӯб А. Дунболаи ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон.-Теҳрон: Амири кабир, 1371.-312саҳ
10. Крымский А. История Персии, ее литературы и дервешской теософии.-Т.З.-М.: Лазаревский Инст.-Восточных языков, 1914.-504 саҳ.
11. Лоҳиҷӣ, Шамсиддин Муҳаммад. Мафотеҳ-ул-эъҷоз фӣ шарҳи «Гулшани роз». Бо муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқоти Муҳаммадризо Барзгари Холиқӣ ва Иффати Карбосӣ.- Чопи аввал -Теҳрон: Заввор 1371-818 саҳ.
12. Мақсудов, Бадриддин. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ. -Душанбе: Пайванд, 2009-555 саҳ.
13. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Иборат аз 2-ҷилд. Душанбе: Маориф, 1977
14. Озарии Бекдилӣ. Оташкада. Бо кӯшиши Ҳасани Содоти Носирӣ. -Теҳрон: Амири кабир, 1337-914саҳ.

15. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. Пер. с чешск. ред и авт. пред. И.С. Брагинский.-М.: Проргресс, 1970.-440 саҳ.
16. Саъид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар эрон ва дар забони форсӣ. Иборат аз 2-ҷилд. Ҷилдҳои 1-2. Теҳрон 1344.
17. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ.- Ҷилди 3-юм. - Теҳрон, 1371.
18. Тоҷибоев Ш. Нигоҳе ба маснавиҳои Амир Ҳусайнии Ҳиравӣ.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- Душанбе.: Сино, 2010 №11 Саҳ-135.
19. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин. Бо кӯшиши Меҳралии Гургонӣ.-Теҳрон :Зӯҳро, 1344-631 саҳ.
20. Ҳодизода Р. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои13-14. Душанбе: Дониш, 1976
21. Ҳусейнзода Ш. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи-8. Сталинобод-1953.- 229 саҳ.
22. Хавафи Фасех Аҳмад ибн Джалаладдин Муҳаммад. Муджмал Фасихи. Перевод, предисловия, примичания и указател Д.Ю.Юсуповой. Ташкент: Фан 1980- 345ст.
23. Хондамир. Ҳабиб-ус-сияр. Дар чаҳор ҷилд. Зери назари Муҳаммад Дабири Саёқӣ.-Ҷ. 3-Теҳрон: 1362-759саҳ.
24. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс. Бо кӯшиши Муҳаммади Обидӣ. -Теҳрон : Иттилоот 1370 - 1214 саҳ.

БИОГРАФИЯ АМИРА ХУСАЙНА ХИРАВИ

В данной статье рассматривается жизнь и биография поэта X IV века Амира Хусайна Хирави. Автор статьи на основе многочисленных фактов утверждает, что мистические поэмы Амира Хусайни «Зод-ул-мусофирин», «Канз-ур-румуз» и «Си нома» как по форме, так и по стилю изложения были написаны под влиянием поэм Дж. Руми и Низами Ганджави.

Ключевые слова: мистические поэмы суфийского поэта X IV века Амира Хусайна Хирави, структура, содержание и стилистические особенности мистических поэм Хирави, форма и стиль изложения мистических поэм.

BIOGRAPHI AMIR HUSAIN KHIRAVI

In the present article structures, contents and stylistic peculiarities of the XIV century Sufi poet Amir Husain Khiravi are reviewed. Based upon the numerous facts the author of the article states that Amir Husain's mystic poems such as "Zad-ul-Musafitin", "Kanz-ur-Rumuz" and "Se Nameh" both by form and narration exposition style were created under the influence of Jalelluddin Rumi and NizamiGhanjevi poems.

Key words: mystical poems Sufism the poet of X IV century Amir HusayniHiravi, structure, the maintenance and stylistic features of mystical poems of Hiravi, the form and style of a statement of mystical poems.

Сведения об авторе: ***Хакимов А.Т.***– аспирант кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 919 588658**

ВАСФИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ ҒАФФОР МИРЗО

Н. С. Сафарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шоири халқии Тоҷикистон Ғаффор Мирзо (1929-2006) дар деҳаи Даҳани Шоли ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон чашм ба олами ҳастӣ кушода, баъди таҳсил дар Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Кӯлоб (1942-1945), Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе (1945-1949) ва курси олии адабиёти ба номи Горкийи шаҳри Москва (1954-1956), дар идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин дар муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ ифои вазифа намудааст.

Ғаффор Мирзо яке аз суханварони тавоно, навҷӯйю навовар ва сермаҳсули адабиёти давраи нави тоҷик буда, муаллифи панҷох маҷмӯаи ашъор аст ва осори адабияш дар пояи баланди фарҳанги миллӣ қарор дорад. Шеъру достонҳои шоир дар маҷмӯаҳои «Аз самими дил», «Ҳазор раҳмат» (1956), «Дил дар кафи даст» (1962), «Рӯи сурх» (1971), «Нору Нур» (1976), «Ҳангомаи дидор» (1984), «Фарзанди ҳукумат» (1985), «Чилу чор чароғ» (1988), «Бо изтироби фарзандӣ» (1999) … фароҳам омадаанд. Беҳтарин намунаи ашъораш бо фарогирии масоили мубрами давру замонҳои мухталиф дар «Маҷмӯаи ашъор» (ҷ.1, 1979; ҷ.2, 1980) гирд оварда шудаанд.

Шоир зода ва парвардаи замони шӯравист ва яқин аст, ки рӯзгор ба ақлу завқи ӯ нақши худро гузоштааст. Дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо ашъори сиёсиву иҷтимоӣ ва

инсонӣ бештар мавқеъ дошта, оҳангҳои иҷтимоӣ пуркувват аст. Домани мавзӯъҳои ашъори шоир фароху густурда ва рангину муассир аст. Дар ашъори Ғаффор Мирзо масъалаҳои вазъи замона, мубориза дар роҳи тантанаи сулҳу адолат дар рӯи замин, ҳамовозии гарму ҷӯшон ба рӯйдодҳои зиндагӣ, тасвири саъйю талошҳои ҷомеа дар роҳи бунёди ҷамъияти адолатпарвар, инъикоси руҳияи баланди сиёсиву ҳисси ватандӯстонаи халқ бо ҷанбаи миллию байналмиллалӣ мавқеи намоён дорад.
Ғаффор Мирзо асосан шоири мушаххасгӯ ва мазмунсаро буда, аксари ашъораш маърифатию таълимист, шеърҳояш мушаххас, ҳадафнок, аз такаллуфҳои сохта озод, табиӣ ва самимӣ ҳастанд. Бештар ӯ ба дарунмояи шеър таваҷҷуҳи хоса дорад. Дар шеърҳои ӯ ҷанбаи реалистӣ, оҳанги ҳаётдӯстона, ифтихор аз халқу миллат ва Ватани бузургу зодгоҳ қавию устувор аст. Ғаффор Мирзо охири солҳои 50 – 60 асри XX тавассути ашъораш тарзу усули воқеъбинию ҳақиқатнигориро дар шеъри шӯравии тоҷик тақвияту густариш дода, дигар адибонро низ ба ин роҳ ҳидоят мекард. Умуман, Ғаффор Мирзо дар ҷодаи мушаххасгӯиву воқеъбинӣ аз суханварони пешгом дар адабиёти нави тоҷик маҳсуб меёбад.

Васфи Ватани бузургу паҳновар – Иттиҳоди Шӯравӣ ва зодгоҳи шоир – диёри офтобии Тоҷикистон дар ашъори Ғаффор Мирзо беканор ва беҳудуд аст. Ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ мафҳуми наву ҳаминрӯза набуда, таърихи дуру дароз дорад. Он мавзуест, ки садсолаҳо боз диққати инсониятро ба худ ҷалб намудааст. «Ватан – ҷойи бош ва ҷойи иқомат, замини аслӣ ва макону маъво, меҳан ва нишеман, ҷое, ки шахс зоида шуда, нашъунамо ва парвариш ёфтааст, мақому мартаба пайдо намудааст», - оварда шудааст дар «Фарҳанги нафисӣ»-и Алиакбари Нафисӣ.

Меҳру муҳаббат, самимияту садоқат ба Ватан, эҳсоси ватандӯстию ватанхоҳӣ дар қалби шоир аз овони кӯдакию наврасӣ, аз он рӯзе, ки қадру қимати инсонии худу дигаронро шинохту дарк кард, огоз ёфтааст. Шоир дар муҳите тарбия гирифта, ба камол расидааст, ки ватанпарастӣ ва ифтихори ватандорӣ дар зинаҳои гуногуни ҳаёти бачагон дуруст талқин шудааст. Дар шарҳи ҳоли шоири ватандӯст оварда шудааст: «Ман аз падару модар хеле хурд сағир монда будам. Ҳокимияти Советӣ маро дар қатори ҳазорон ятимони дигар аз марг раҳонид ва бинобар ин нахустин ҳиссиёте, ки дар дили кӯдаконаи ман пайдо шуд, нашъунамо кард, ҳиссиёти беканори ташаккур ва миннатдорӣ ба наҷотбахши ман аст. Ин ҳиссиёт баъд аз қаламдаст шуданам мавзуи асосии эҷодиётам гардид».

Аз ин ҷост, ки ашъори ватандӯстонаи шоир аз меҳру муҳаббати саршори ӯ нисбат ба Ватани шӯроҳо гувоҳӣ медиҳад. Қаҳрамони лирикии шеъри «Ман накунам, ки мекунад?» (1965) тамоми хислатҳои ҳамидаи инсони комил – садоқат ба кори халқу ватан, ҳимояи манфиатҳои ҷомеа, ҳисси баланди байналмилалӣ доштан, меҳнатдӯстӣ ва матинородагиро доро мебошад. Ӯ тайёр аст, ки дар ғами ободии Ватан дилро фигор, дар роҳи озодии он ҷонро нисор ва ҳифзу вафои онро шиори ҳамешагии рӯзгори худ бисозад:

Дил ба ғами Ватан фигор
Ман накунам, ки мекунад?
Ҷон ба раҳи Ватан нисор
Ман накунам, ки мекунад?
Дар баду неки ӯ шарик
Ман нашавам, ки мешавад?
Ҳифзу вафои ӯ шиор
Ман накунам, ки мекунад?

Шукуфоӣ ва пешрафту тараққиёти Ватани бузургу паҳновар – Иттиҳоди Шӯравӣ барои шоир манбаи «силсилаи тоза ба тоза ва нав ба нави эҷодҳост». Дар ин Ватан халқ бо заҳмату талошҳои диловаронаю дастаҷамъона дар дарёҳои Волгаю Дон нерӯгоҳҳои барқи обӣ сохта мулкро чароғон ва бо оби дарёи Ому даштҳои ташналаби мамлакатро шодоб кардаанд ва ба боғу бӯстон табдил додаанд:

Силсилаи тозаи эҷодҳо
Боиси фирӯзии фардои мо
… Ин Ватани ман, ки надорад назир
Ҳаст ҷасоратгаҳи насли далер.

Бо азму талоши халқ «Силсилаи эҷодҳо» беинтиҳост ва он боиси сарбаландии ҳар як фарди ватандор аст. Ҳар як эҷод барои эҷодҳои дигар роҳ мекушояд. Чунончи, дар Ватани номвари тоҷикон – дар шафати корхонаву заводҳои бешумор ифтитоҳ ёфтани Академияи улум (1951) давоми мантиқии силсилаи эҷодҳост, ки ин воқеа аз ҳаёти осоиштаи халқ башорат медиҳад. Шоири маърифатпарвар аз он шоду масрур аст, ки:

Боз ба дарёи ҳаёти Ватан
Ҳамҷараён гашт дигар рӯди фан!

Дар шеъри «Инъикоси офтоб» (1971) эҳсосоти баланди ватандӯсти ва ифтихор аз Ватани адолатоин бо сабку услуби хоси шоир ифода ёфтааст. Шоир бо тасвири романтикӣ ва тахайюлоти рангин хонандаро ба донистани қадри ин Ватани бузург талқин намудааст.

Ҳеҷ медонед, тахмин кардаед,
Аз чӣ тобон аст ҳар рӯз офтоб?
Дар гулистон аз чӣ садранг аст гул?
Аз чӣ ҷонбахш аст овози рубоб?
Ҳеҷ медонед, дилро осмон
Аз чӣ бо парвоз моил мекунад?
Аз чӣ барги сабз мефорад ба чашм,
Духтар аз чӣ гул ба кокул мезанад? …

Дар тасвири шоир дар кишвари орому осоишта ҳатто офтоб таҷаллии дигар дорад, гулистон садрангу овози рӯбоб руҳафзост. Ва меафзояд, ки мурғи бахту шоҳини иқбол баландпарвоз ва шодиву сурур нопайдоканор аст.

Шоири ватандӯст бо як ҳарорату самимияти тасвир касро бовар мекунонад, ки ҳамин «офтобу осмон», «гулу булбул», «духтару кокул» дар ҳама рӯи олам мавҷуд аст, вале инъкоси офтоб дар ҳама ҷо яксон нест: дар як аҳд гӯё офтоб «тобаи зарди бенуру карахт» аст; аҳли аҳди дигареро на «савти булбул» хуш асту на «завқи гул», рӯзу шаб якранг радду бадал мегардад, яъне офтоб дар чунин кишварҳо рӯзҳову рӯзгорро на мунаввар мекунад, на ҳарорат мебахшад:

Мисли он, дар кишваре, ки бахт нест,
Беҳуқуқӣ худсари фармонравост.
Чун фазои ҳолии беҷисм он,
Офтоберо насозад инъикос.

Ватан азизтарин ва нодиртарин давлат ва сарвати инсон аст. Ҳар қадаре, ки кас аз Ватан дур гардад, мафҳуми Ватан дар тасаввури ӯ фарохтар, муҳаббати Ватан дар қалби ӯ бештару қавитар мегардад ва ин табиист. Зеро меҳру муҳаббат ба Ватан ва наздикону пайвандон дар муҳоҷирату мусофират бештару хубтар эҳсос мегардад. Ин маъниро дар шеъри «Ватан» (1969)-и Ғаффор Мирзо хеле амиқ метавон дарк кард: Дар мулки ғарибӣ, яъне дур аз Ватани маҳбуб барои қаҳрамони лирикӣ тамоми шароиту имкониятҳои фароғату маишат муҳайё карда шудааст; ӯ дохили қасри бошукуҳ дар маҳфили шоҳона бо мардуми босалобат сари хони пурнозу неъмат нишаста бо суҳбати ашрофона ва айшу нуш машғул аст, вале ба ёди Ватани азиз, хонаву дари хоксорона, чақ - чақи дӯстони чойхона, ба ёди нони гармеву нугулоб ва ба ёди ёри гандумгуни чашмintизор дилаш гум мезанад:

«Ватан!» Вақте ки дар мулки ғарибӣ
Даруни қаср, ё шоҳона маҳфил,
Ба ёди кулбае ё чойлобе
Панаҳ аз расм бозӣ мекунад дил;
«Ватан!» Вақте ки дар мулки ғарибӣ

Сари хоне, ки шири мурғ ҳосил,
Ба ёди нони гармею нугулоб
Хаёли ҷонгудози мекунад дил; …

Дар ин шеър хусусиятҳои миллии тасвир бо тамоми барҷастагӣ ифода ёфтааст. Барои шахси ватандӯст як пора хок ва як бурида нони Ватан аз тамоми сарвату шӯҳрати мулки бегона авлотар аст. Маълум, ки нони гарму нугулоб ва чақ-чақи дар чойхона ба халқи тоҷик ва Ватани азизи ӯ – Тоҷикистон хос мебошад. Аз ин мебарояд, ки мафҳуми Ватан дар шеъри Ғаффор Мирзо ҷанбаи амиқи миллӣ касб карда, минбаъд дар назми тоҷик боз ҳам такмил ёфтааст.

Ин ҳолатро дар дигар шеърҳои ватанхоҳонаи шоир, аз ҷумла дар шеъри «Ёди диёри меҳрубон» (1960) низ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар тасвири шоир қаҳрамони лирикӣ дар канори дарёҳои азим – Волгаю Дону Дунай сайру гашт ва фароғат дорад, аммо диёри аҷдодии худро, рӯдҳои пуртуғёни Вахшу Кофарниҳонро ҳамчун фарзанди кӯҳистон пазмон гаштааст. Шоир рӯдҳои мамлакатҳои Ғарбро ба «паҳлавони пиру пурдида» ва рӯдҳои кӯҳии диёри хешро ба «ҷавони шуху тойи носанҷида» ташбеҳ дода, бо ҳамин майлнокии қаҳрамони лирикиро ба диёру зодгоҳ таъкид кардааст. Ана ҳамин бартарияту афзалият донистани обу хок, рӯду кӯҳ ва дашту саҳрои диёр худ ҳисси ватандӯстонаи шоирро дар ашъораш бараъло муайян мекунад:

Дар канори Волгаву Дону Дунай
Вахш ёдам ояду Кофарниҳон,
Ман надонам: Ин ду дарё бартаранд,
Ё ба ёдам зад диёри меҳрубон.

Дар шеъри «Бо ифтихори фарзандӣ» (1974), ки ба ҷашни нимасраи Ватани азиз – Тоҷикистон бахшида шудааст, муҳаббату садоқат ва ҳисси ифтихормандиву сарфарозӣ барин арзишҳои бузурги инсонӣ басо муассир ва ибратбахш ифода ёфтаанд. Қаҳрамони лирикӣ мафҳумҳои Ватан ва Модарро дар як радиф гузошта аз заҳмати суботкоронаи худ дар роҳи бунёду обод кардани Ватани аҷдоди хушнуд аст ва онро қарзи фарзанди медонад:

Тоҷикистонам, чу фарзандат калонам кардаӣ,
Ҳаққи ширу хизмататро қарзи ҷонам кардаӣ.
Ҳамчу фарзанде, ки бахти хонадон бар зимма аст,
Пойбанди ин хаёли ҷовидонам кардаӣ.

Мухторӣ К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Рӯзноманигор – муҳаққиқи амрикоӣ Дебора Поттер таъкид мекунад: «Ахлоқ (этика) – низоми аслҳоест, ки ҳамчун роҳнамо барои амал хидмат мекунад. Қонун муқаррар месозад, ки дар ин ё он ҳолат чӣ мумкин ва чӣ номумкин аст, аммо меъёрҳои ахлоқӣ муайян мекунанд, ки чӣ бояд кард» [8, 122].

Аз қабул гардидани «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» аллакай чанд сол сипарӣ гардид (30 октябри соли 2009), аммо саҳифаҳои матбуоти даврии Тоҷикистон аз нуқтаи назари ахлоқӣ ҳеҷ тағйироти назаррасе надиданд, ба ҷуз ин, ки аз оғози соли 2013 Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон охири ҳар ҳафта мониторинги риояи меъёрҳои ахлоқи журналистиро дар матбуоти умумиҷумҳуриявӣ анҷом медиҳад. Он рӯзномаҳои минтақавӣ – вилоятиву ноҳивиро фаро намегирад. Албатта ҳанӯз рейтинги расмии ҳафтаномаҳои «пешсаф» дар вайронкунии меъёрҳои ахлоқӣ бароварда нашудааст. Аммо аз гузориши ҳарҳафтаинаи сомонаи «Одоб» [ниг.: www/odob.tj] муайян намудан мушкил нест, ки кадоме аз ҳафтаномаҳо дар сафи аввал меистанд. Бо ин мақсад мо тасмим гирифтем, ки забони ҳафтаномаеро, ки дар сомонаи мазкур ҳамчун ҳафтаномаи аз ҳама бештар риоякунанда арзёбӣ мешавад, баррасӣ намоем. Рӯзномаҳои ин меъёрҳоро вайронкунанда бе ин ҳам маълуманд, яъне дар рӯйхати сомонаи «Одоб» зикр мешаванд ва меъёри вайронкардашуда низ зикр карда мешавад. Мувофиқи маълумоти мониторинги соли 2013 ҳафтаномаи «Фараж» ягон маротиба ба рӯйхати «сиёҳ» ворид нашудааст, яъне меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистиро риоя мекунад. Бинобар ин мо тасмим гирифтем, маҳз ҳамин рӯзномаи «хушодобтарин»-ро мавриди омӯзиш қарор диҳем, то бубинем, ки то чӣ андоза рӯзноманигорони касбӣ «Меъёрҳои ахлоқӣ»-ро сармашқи кори хеш қарор додаанд.

Таҳлили силсилаи шумораҳои ҳафтаномаи «Фараж» аз соли 2013 нишон медиҳад, рӯзноманигорон бештар бандҳои 5 ва 6-уми «Меъёрҳои ахлоқи…»-ро риоя намекунанд [ниг.: 9, банди 5 ва 6].

1.Сӯйиистифода аз калимаҳои шевагӣ, ки оҳанги таҳқир дар онҳо нисбат ба мардуми як маҳал аст:

Ҷон Тоҷикистон, куҷо меравӣ? ***Чум****!!!* [Фараж.-16.01.2013], *Назарпурсиҳо: С. Мизроб :* ***Исломако*** *гуфтанист, ки* ***Ким*** *инро ба ту фармон дод?* [Фараж.-16.01.2013].

Дар мисолҳои боло бандҳои 5 ва 6-уми меъёрҳои ахлоқӣ риоя намешаванд. Калимаҳои ***чум – чӣ медонам*** дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва дар калимаҳои ***Исломако*** (президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар назар аст) – унсури ***ако***, ***ким*** - ***кӣ*** дар шеваи шимолии забони тоҷикӣ истеъмол мешаванд, ки ин тарзи корбасти калимаҳо ба андешаи мо вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи рӯзноманигорианд.

2. Дар баробари ин, дар саҳифаҳои рӯзнома ҳамчунин меъёрҳои одоби муошират, ки дар «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти рӯзноманигорӣ» зикр нашудаанд, ба назар мерасанд. Аз ҷумла дар мусоҳиба бо Умаралӣ Қувватов [Фараж.-16.01.2013] тарзи муроҷиати рӯзноманигор дуруст нест. Ӯ якбора, се саволи пайиҳамро чунин оғоз мекнад: - *Ассалому алайкум* ***Ҳоҷӣ****, иншоаллоҳ, ки хуб ҳастед?;* - ***Ҳоҷӣ****, чанд пурсише ҳаст, ки мехостам посухи онҳоро аз забони худатон бишнаем.;* - ***Ҳоҷӣ****, дар оғоз мехостам дар бораи чигунагии боздошт шуданатон бигӯед.*

Ба назари мо ҳеҷ зарурате ба «хоҷӣ» гуфта муроҷиат кардани рӯзноманигор нест, зеро ин калима муносибати хонандаро ба мусоҳиб ба ҷониби мусбат дигар карда наметавонад, баръакс, зеро худи зиндагии мардум нишон додааст, ки имрӯз

мавқеи иҷтимоӣ симои ҳақиқии шахс нест, ин гуна зуҳурот хоси замони шӯравӣ буд, ки *коммунист, муаллим, мураббӣ* нишондиҳандаи зоҳиру ботини шахс буданд.

Дар ин мусоҳиба рӯзноманигор ба хатои дигаре низ роҳ додааст, дар ҳаҷми як саҳифа мусоҳиба анҷом дода, дар охир мегӯяд: *«Бубахшед, дигар музоҳиматон намешавам»*, ки ин ба мисли узри бадтар аз гуноҳ аст. Ин ҷумла гӯё миннатдории рӯзноманигорро ба мусоҳиб ифода мекарда бошад.

3. Изҳори муносибати манфӣ. Мутаассифона, дар матбуот ва воситаҳои дигари ахбори оммаи кишварҳои зиёди дунё, аз ҷумла Русия, Тоҷикистон, баҳо ва мунсибати манфии эҳсосӣ зиёд ба назар мерасанд. Аслан ифодаи эҳсоси манфӣ ва таҳқир нишонаи нотавонии рӯзноманигор, оҷиз будани ӯ дар тасвири факту далел ё дар даст надоштани онҳо аст. Ин зуҳурот асосан ба воситаҳои ахбори оммаи даврои истиқлолият, бахусус матбуоти он хос аст : «красавчик»-и Белайдуз, фаришtаи амрикоӣ, любимчик ва душмани рақами 1-и Раҳмон барин ифодаҳо ба рӯзнома ва рӯзноманигор эътибор намеоранд, яъне бо ин роҳ ба истилоҳи нави соҳаи журналистика танҳо PR-и сиёҳ барои худ ва ғайриихтиёр обрӯ (PR-и сафед) [дар бораи PR ниг. ба : 1; 2; 8] ба танқидшавандагон овардан мумкин асту бас.

4. Дар саҳифаи рӯзномаи «Фараж» аз 23.01.2013 таҳти рубрикаи «Тавсияҳои Шӯрои ВАО ба рӯзномаи «Тоҷикистон»» баррасии муҳтавои мақолаеро бо номи «Секс дар ҳоҷатхона», ки дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ба нашр расида будааст, зикр мекунад. Шӯрои ВАО таъкид мекунад, ки дар ин мақола масъалагузорӣ арзишҳои миллии тоҷикиро халадор месозад. Аммо дар ин гузориш дар мавриди истифодаи хеле бемавриди калимаи «секс» чизе гуфта намешавад, ҳол он ки корбасти чунин калимаҳо дар дар фарҳанги мардуми тоҷик аз рӯйи одоб нест. Аслан дар меъёрҳои ахлоқи касбӣ шояд таъкид кардан зарур буд, ки рӯзноманигорон аз корбасти чӣ гуна калимаҳо бояд худдорӣ намоянд.

ВАО-и Тоҷикистон бояд аз ВАО-и дигари минтақа, аз ҷумла Русия бо ҳамин бояд фарқ кунад, ки мо миллати бофарҳанг, дорои адабиёти ахлоқии ҳазорсола ҳастем. Ин афсона нест, имрӯз дар дунё кишварҳое ҳастанд, ки ба рағми фаҳшгароӣ, бепардагӯйии дунё асолати худро дар ВАО нигоҳ медоранд. Роҳ ба сӯйи нигоҳдории арзишҳои миллӣ бояд устуворона бошад. Сарҳад миёни бепардагӯйӣ ва ошкорбаёнӣ вуҷуд дошта бошад. Ҳол он ки рӯзноманигорон дар бисёр мавридҳо байни ин ду чиз фарқ намегузоранд.

АДАБИЁТ

1. Алишина, И. В. Паблик рилейшнз для менеджеров и маркетеров. - М., 1997. - 123 с.
2. Блэк, С. Паблик рилейшнз. Что эта такое? - М. : Новости, 1990. – 239 с.
3. Камолиддинов, Б. Сухан гуфтию дур суфтӣ ё рӯ ба рӯ бо микрофон / Камолиддинов, Б. – Душанбе, 2007. – 87 с.
4. Камолиддинов, Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Камолиддинов, Б. – Душанбе, 2001. – 271 с.
5. Камолиддинов, Б. Меъёри забони адабӣ ва забони матбуот / Камолиддинов, Б. - Душанбе, 2007. – 76 с.
6. Кузнецов, Г. В. ТВ-журналистика. Критерии профессионализма / Кузнецов, Г. В. - М. : Прогресс, 2004. – 216 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма». Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон. Мураттибон Шарифзода Қ., Боқизода М. – Душанбе : Кайҳон, 2013. – 88 с.
8. Поттер, Д. Рӯзноманигории мустақил / Поттер, Д. – Душанбе, 2010. – 148 с.

Захираҳои интернетӣ

9. www. Wikiped.ru
10. www/odob.tj

О НЕКОТОРЫХ ПРИНЦИПАХ ЭТИКИ В ЖУРНАЛИСТСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ (НА ПРИМЕРАХ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ 2013г.)

В статье анализируется степень соблюдения принципов этических норм журналистской деятельности в таджикской периодической печати после принятия «Принципов этической нормы журналистской деятельности в Таджикистане». По мнению автора, несмотря на то, что Совет Таджикских СМИ, начиная с 2013 г., еженедельно проводит мониторинг таджикской печати, в данный период ничего заметного в плане соблюдения этических норм в таджикской прессе не произошло. К тому имеются некоторые стилистические

нормы, касательно этических норм, не включенные в данный документ, соблюдение которых для журналистов является важным.
Ключевые слова: нормы литературного языка, этические нормы, мониторинг, свобода слова.

ON SOME PRINCIPLES OF ETHICS IN JOURNALISM (EXAMPLES TAJIK PRESS 2013)
The article analyzes the degree of compliance with the principles of ethical journalism in the Tajik periodicals when the "principles of ethical standards of journalism in Tajikistan." According to the author, despite the fact that the Council of the Tajik media since 2013. Weekly monitors Tajik press, in this period nothing significant in terms of the ethics of the Tajik press did not happen. In addition, there are some stylistic rules concerning ethics, are not included in this document, the observance of which are important for journalists.
Key words: norms of the literary language, ethics, monitoring, freedom of speech.

Сведения об авторе: ***Мухтори К.***- кандидат филологических наук, заведующий кафедрой печати Таджикского национального университета. Телефон**: 93-502-04-91**;E-mail: **mkutb@mail.ru**

ЗАРУРАТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ «МУҚАДДИМАИ ЖУРНАЛИСТИКА»

Меҳроб Ҷумъаев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фанни «Муқаддимаи ихтисос» дар системаи фанҳои таълимии макотиби олӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки донишҷуён баъди қадам ниҳодан ба остонаи мактаби олӣ, бори аввал маҳз ҳангоми омӯзиши ин фан дар бораи касби интихобкардаашон тасаввуроти умумӣ пайдо мекунанд. Ба ибораи дигар, «Муқаддимаи ихтисос» аввалин фанни илмии тахассусие мебошад, ки шахсро ба касби интихобкардааш раҳнамун месозад. Чунонки таълим дар синфҳои ибтидоӣ аз «Алифбо» шурӯъ мешавад, «Муқаддимаи ихтисос»-ро низ метавон «Алифбо»-и касб номид, зеро бо ёрии он мутахассисони оянда ба касби интихобкардаашон шинос шуда, дар бораи он тасаввуроти умумӣ пайдо карда метавонанд. Ин фан дар ихтисосҳои факултаи журналистика дар нимсолаи якуми соли аввали таҳсил таълим дода мешавад ва барои таълими он дар системаи низоми таҳсилоти кредитӣ 32 соат (2 кредит) пешбинӣ гардидааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки зарурати таълими ин фанни «Муқаддимаи журналистика» ба донишҷӯёни соли аввали факулта ва шуъбаҳои журналистикаи донишгоҳу донишкадаҳо аз аҳамият холӣ нест, зеро баъзе донишҷуёни соли якум фаъолияти журналистиро тамоман рӯякӣ ва баъзан нодуруст тасаввур мекунанд. Зарурати ба нақшаи таълимӣ ворид гардидани фанни мазкурро маҳз ҳамин чиз пеш овардааст. Маҳз ба шарофати фанни «Муқаддимаи журналистика» асосҳои методологии касби журналистиро омӯхтан мумкин аст. Муносибати донишҷӯён ба касби интихобкардаашон ва омӯзиши самарабахши он аз бисёр ҷиҳат ба ин вобаста мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши курси таълимии «Муқаддимаи журналистика» як қатор вазифаҳои муҳимро пеш мегузорад:

1) шинос намудани донишҷӯён ба васоити мухталифи ахбори умум *(матбуот, радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ)* ва ихтисосҳои журналистӣ *(хабарнигор, муҳаррир, воқеанигор, шореҳ, сенариянавис ё муаллифи сенария, муаллифи шоубарномаҳо ё шоумен ва ғайра)*;

2) тасаввуроти аввалин пайдокунондан дар бораи методология ва методикаи омӯзиши журналистика, кушодани мафҳуми дастгоҳ ва нишон додани мазмун ва мундариҷаи назарияи журналистика;

3) шинос намудани донишҷӯён ба навъҳои мухталифи фаъолияти журналистӣ ва жанрҳои асарҳои журналистӣ;

4) маълумот додан дар бораи асосҳои таърихӣ, пайдоиш ва ташаккули журналистика ҳамчун намуди фаъолияти инсон ва васоити инъикоси ҳаёти ҷомеа, ба вуҷуд овардани шуури ҷамъиятӣ;

ва ниҳоят

5) шинос намудани донишҷӯён ба асосҳои қонунгузории муосир дар соҳаи ВАО ва меъёрҳои ахлоқии касби журналистӣ.

Омӯхтани ин фан ба журналистони оянда имкон медиҳад, ки забони касби худро аз бар намоянд, махсусиятҳои ҷустуҷӯ, эҷод, ҳифз ва паҳн намудани иттилоъро дониста бошанд ва дарк намоянд, ки силоҳи идеологие, ки дар оянда ба даст хоҳанд гирифт, чӣ қадар пуриқтидор аст.

Ҳангоми омӯхтани ин фан журналистони оянда моҳияти касби интихобкардаашонро дарк намуда, дар бораи заминаҳои пайдоиши журналистика, вазифаҳои ҷамъиятии васоити ахбори омма, ҷинс, навъ ва жанрҳои журналистика, мазмун ва шакли асарҳои журналистӣ, касбҳои журналистӣ, тарзи ташкили кор дар матбуот, радио ва телевизион, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии фаъолияти журналистӣ, заминаҳои пайдоиш ва ташаккули журналистикаи тоҷик тасаввуроти умумӣ ҳосил хоҳанд кард.

Фанни «Муқаддимаи журналистика» бояд мундариҷаи зеринро дар бар гирад: пеш аз ҳама дар дарси муқаддимавӣ ба донишҷӯён дар бораи журналистика ҳамчун яке аз беҳтарин, шавқовартарин, пурмасъулияттарин ва хатарноктарин касб, сухан ҳамчун олат ё силоҳи маънавии журналист, фарқи сухани журналист аз сухани нависанда, мавқеи журналист дар ҷомеа, мақому мартабаи журналист дар ҷаҳони муосир, вазифаҳои муҳиме, ки ҳангоми омӯхтани курси таълимии «Муқаддимаи журналистика» пеш меоянд, маълумот додан мумкин аст.

Зимни баёни мавзӯи аввали ин фан – «Журналистика чист?» мафҳумҳои журналистика ҳамчун муҳимтарин падидаи иҷтимоии ҳаёти муосир ва навъи фаъолияти ахбори умум,ҷараёни фаъолияти журналистӣ – ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва саривақт интишор намудани иттилои муҳиму мубрами барои ҷамъият манфиатовар,васоити коммуникатсияи оммавӣ (ВКО) ва васоити ахбори омма (ВАО)ҳамчун муродифи калимаи журналистика,фаъолияти журналистҳамчун амали муносибати ғайримустақим бо аудитоия, истилоҳи ахбор, иттилоъ ё информатсия,хусусиятҳои иттилои журналистӣ,сенсатсия ё ҳангома,журналист ва ношир,журналист ва аудитория, асари журналистӣ, ВАО ва аудитория ва муҳимтарин ҷанбаҳои зуҳуроте, ки журналистика аз онҳо иборат мебошад,журналистика – инъикоскунандаи шуури ҷамъиятӣ ва журналистика – ҳокимияти чорум бояд шарҳ дода шаванд.

Мавзӯи дигарро метавон ба сайри таърихии журналистика бахшид, ки он ҷараёнҳои аввалини мубодилаи иттилоъ дар байни одамон,роҳу воситаҳои мухталифи додани иттилои муҳиму мубрам ва барои ҷомеа фоиданокро, ки дар замонҳои қадим истифода мешуд, ҳамчун зуҳуроти журналистикаи ибтидоӣ дар бар гирифта, роҷеъ ба системаи оддитарини ба воситаи аломатҳо паҳн намудани иттилоъ,нақши сухан ҳамчун муҳимтарин воситаи паҳн кардани иттилоъ,паҳнкунандагони иттилои сиёсӣ дар асрҳои миёна – ҷорчиён, қосидону мунодиён, чопарон, хабарчиёну пайкбарону муждарасонон маълумот медиҳад. Намунаҳои қадимтарини осори хаттии башарият,ихтирои қоғаз,аввалин рӯзномаҳои дастнавис,ихтирои дастгоҳи чоп аз тарафи Гуттенберги олмонӣ, муҳимтарин омилҳои пайдоиши рӯзномаҳои ҳақиқӣ,пайдоиши маҷаллаҳо ва газетаҳои ҳаррӯза дар Аврупо, «Ведомости»– нахустин рӯзномаи чопӣ дар Русия аз муҳмитарин маълумоте мебошанд, ки бояд зимни баёни мавзӯи «Сайри таърихии журналистика» пешниҳод карда шаванд.Дар ин мавзӯъ инчунин доир ба пешрафти ҷиддии техникаи табъу нашр ва дар Аврупои асри XIXмақоми пешоҳанг пайдо кардани матбуоти даврӣ, ихтирои телеграф, такмил ёфтани техникаи гравюрӣ *(ҳаккокӣ)* барои бо суратҳо оро додан, ба вуҷуд омадани наворҳои фотографӣ *(синкографӣ)*, ихтирои машинаи ҳуруфчинӣ ё сартрез *(линотип)*, машинаи ротатсионӣ *(машинаи махсус барои тез чоп кардани теъдоди зиёди китоб ё рӯзнома)*, ки дар маҷмӯъ барои пешрафти матбуот мусоидат кардаанд, сухан рондан мумкин аст.Кашфиётҳои

инқилобии техникӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX –заминаҳои ихтирои радио ва телевизион, ихтирои радио,кинематограф ва телевизион,пайдоиши телевизиони «механикӣ» дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ,оғози намоишҳои муназзами телевизионӣ дар шаҳрҳои Маскаву Ленинград, рушди соҳаи телевизион пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси телевизион дар ҷумҳуриҳои тобеи Иттиҳоди Шӯравӣ,ташаккули феълӣ ва дурнамои соҳаи журналистикароиз дар мавзӯи «Сайри таърихии журналистика» баён карда, дар ин замина пайдоиши аввалин рӯзномаи тоҷикӣ дар Осиёи Миёна («Бухорои Шариф»), ба фаъолият сар кардани радио ва телевизиони тоҷикро ҳамчун падидаҳои муҳими журналистикаи ватанӣ зикр кардан мумкин аст.

Муҳимтарин вазифаи ВАО таъмини ҷомеа бо иттилои тозаву боэътимод ва санҷидашуда мебошад. Ин нуқта бояд ҳангоми баёни вазифаҳои ҷамъиятии ВАО дар навбати аввал ёдраст гардад ва бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шавад. Ҳамчунин вазифаҳои тарғиботӣ, иҷтимоию педагогӣ (тарбиявӣ),вазифаи идоракунии ҷамъиятии ВАО,вазифаҳои ташкилотчигӣ,рекреативӣ (фароғатию хурсандибахшӣ) фарҳангию маърифатӣ вавазифаи ҳамгироии ВАО дар ин мавзӯъ баён гардида, дар бораи ҳар кадом вазифаи ҷамъиятии ВАО мисолҳои мушаххс оварда мешавад.

Як мавзӯъро баҷинс, навъ ва жанрҳои журналистика бахшидан лозим аст. Дар ин мавзӯъ роҷеъ ба ҷинсҳои журналистика – матбуот, радио, телевизион ва хусусияти ҳар кадоми онҳо дар паҳн намудани иттилоъ: матбуот ва қалам, радио ва сухан, телевизион ва шаклҳои овозию тасвирӣ *(аудиовизуалӣ)*, Агентиҳои иттилоотӣ – ҷинси махсуси журналистика ё инфрасохтори махсуси ахбори омма сухан рафта, фарқи киносозӣ, фаъолияти интишори китоб, баровардани қартаҳои граммофонӣ ва дискҳои ихчам аз ҷараёни ташкили селаи иттилоъ баёндошта мешавад. Мӯҳтавои ҷинсҳои фаъолияти ахбори омма: навъҳои иттилои публисистӣ, бадеӣ ва илмӣ,публисистика– ҳамчун ҷинси асарҳое, ки ба проблемаҳои мубрам ва зуҳуроти ҳаёти ҷорӣ бахшида мешаванд шарҳ дода шуда, ба мафҳумипублисистика – ҳамчун муродифи калимаи журналистикарӯшанӣ андохта мешавад. Дар бораи шаклҳои забонӣ *(шифоҳию хаттӣ)*, тасвирҳои графикӣ *(плакат, карикатура – тасвирҳои ҳаҷвӣ)*, сурат, кинематографӣ *(суратгузориш ё фоторепортаж, филмҳои мустанад)*, театрию драматикӣ ва забонию мусиқавии публисистика,ҳамчунин роҷеъ ба публисистикаи иттилоотӣ, публисистикаи таҳлилӣ ва публисистикаи бедеӣ, жанрҳои публисистикаи иттилоотӣ, жанрҳои публисиистикаи таҳлилӣ, жанрҳои публисистикаи бадеӣ маълумоти мухтасар дода мешавад.

Унсурҳои шаклу мазмун, воситаҳои мухталифи тасвиру баёни асарҳои журналистӣ,заминаи адабӣ ҳамчун ҷузъи зарурӣ ва ниҳоят муҳими матбуоти даврироо метавон дар мавзӯи «Мазмун ва шакли асарҳои журналистӣ» баён намуд. Бо суратҳо ё дигар маводи тасвирию графикӣ оро ёфтани баъзе маводи рӯзномаю маҷаллаҳо, нақши маводи тасвирию графикӣ ҳамчун унсурҳои ёрирасон, таҷассуми овозӣ пайдо кардани заминаи адабӣ дар радио,ба таҷассуми овозӣ илова шудани тасвир дар телевизион,ҳаёт ҳамчун асос ё заминаи ҷузъи адабии асари журналистӣ аз масъалаҳои асосие мебошанд, ки зимни баёни ин мавзӯъ бояд ба самъи донишҷӯён расонда шаванд.Дар ҳамин замина бапроблемаи интихоби воқеа, қаҳрамон, ҷузъиёти воқеа, суханони муайян ҳамчун асоси касби журналистӣниз тавоҷҷӯҳ намудан лозим аст.Дар ин дарс ҳамчунин дар бараи мавзӯи асарҳои журналистӣ, идея *(ғоя)*, композитсия *(бандубаст)*, фабула *(мундариҷа)*, сюжет, драматургияи асари журналистӣ, таъмини пайдарҳамии воқеаҳо дар асари журналистӣ, қисмҳои таркибии сюжети асарҳои журналистӣ: экспозитсия *(дебочаи махсус)*, гиреҳбанди воқеа *(завязка)*, инкишофи воқеа, иртифоъ ё авҷи воқеа*(кулминатсия)*, душвориҳо *(перипетии)*, гиреҳкушои воқеа *(развязка)*, мақтаъ *(хотима ё эпилог),* мақсаду мароми муаллиф дар асари журналистӣ ва тағйир ёфтани пайдарҳамии қисмҳои

таркибии сюжети асар бояд маълумот дода шавад.Ба обуранги оҳангнокӣ, ҳиссӣ ва маъноии маводи асари журналистӣ,навъҳои маҷози бадеӣ – маҷоз, ташбеҳ, тавсиф, метонимия, синекдоха, литота, муболиға, истиорадар асарҳои журналистӣ,мавқеи эвфемизмҳо дар асарҳои сиёсии журналистӣ,забони асарҳои журналистӣ,мавқеи «лид»дар асари журналистӣ,фарқи байни нутқи қаҳрамонҳо ва сухани муаллиф дар асари журналистӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, мавқеи садо *(сухан, мусиқӣ ва мағалҳои гуногун)* дар радио, ҳолати бесадоӣ *(пауза)*ҳамчун воситаи пуртаъсиртарини баён, се ҷузъи таркибии тасвири телевизионӣ –рӯшноӣ, ранг, пластика *(ҳаракати мавзуни тасвирҳо)*-ро баёнкардан лозим аст. Дар зимни ин роҷеъ бакадри телевизионӣ, моҳияти план*(андоза ё сохти тасвир),* ракурс*(нуқтаи навор, ҳолати дастгоҳи наворбардорӣ нисбат ба предмете, ки дар навор меояд ё объекти навор)* ва ҳаракати дастгоҳи наворбардорӣ*(камера)* дар телевизион,дигар усулҳои забони экрани телевизион – таҳшин, тирашавӣ, экспозитсия *(низоми намоиш)*-и дугона, расфокусировка,навъҳои монтажи ё бандубасти телевизионӣ –монтаж ё бандубасти дохиликадрӣ, монтаж ё бандубасти байникадрӣ, монтаж ё бандубасти механикӣ, монтаж ё бандубасти асоснок*(конструктивӣ)*, бандубаст ё монтажи параллелӣ, бандубаст ё монтажи чапу чиллик *(якбора чандтарафа)*, бандубаст ё монтажи ассостсиативӣ бояд маълумод дода шавад.

Касбҳои журналистӣ ниҳоят гуногун мебошанд. Аз ин рӯ ба гуногунии касбҳои журналистӣ бахшидани яке аз мавзӯъҳои фанни «Муқаддимаи журналистика» ба мақсад мувофиқ аст. Мавзӯи мазкурро аз талаботҳое, ки ба журналистон пешниҳод мегарданд шурӯъ намуда,дар бораиҷаҳонбинии илмии журналист,муҳим будани таҳсилоти олии журналистӣ – таҳсилоти олӣ ва бозомӯзии журналистӣ маълумот додан зарур аст.Ба таснифоти касбҳои журналистӣ вобаста ба ҷинсҳои журналистика – корманди рӯзномаву маҷаллаҳо *(ходимони нашрияҳои мухталиф ва агентиҳои иттилоотӣ)*, журналисти радио ва телевизион *(ходимони матбуоти электронӣ)*; таснифоти касбҳои журналистӣ аз рӯйи навъҳои журналистика – журналистони байналхалқӣ, журналистони сиёсӣ, аграрӣ, журналистони соҳаи фарҳанг, экология, шореҳони варзиш, журналистони соҳаи иқтисоду молия, соҳибкорӣ, сохтмон, нақлиёт, санъат, маънавиёт ва зебоӣ, журналистони тадқиқгар;таснифоти касбҳои журналистӣ аз рӯйи жанрҳои муайяни журнадистӣ – очеркнавис, фелетоннавис, мусоҳибанигор, шоумен;таснифоти касбҳои журналистӣ аз рӯйи амалиёти технологии матбуоти коммуникативӣ – репортёр, ходими адабӣ, муҳаррир, наттоқ, хабарнигор таваҷҷӯҳ зоҳир бояд кард. Дар бораи фотожурналистика ҳамчун навъи махсуси фаъолияти касбии журналистӣ маълумот дода,умумият ва тафовути касбҳои журналистиро баён кардан зарур аст.

Ҳар як ҷинси журналистика хусусиятҳоиба худ хос дорад. Аз ин рӯ тарзи ташкили кор дар матбуот, радио ва телевизион гуногун мебошад. Мазӯи «Ташкили кор дар матбуот, радио ва телевизион» аз мавзӯъҳои дигари фанни «Муқаддимаи журналистика» мебошад, ки дар он дар бораи коллективи истеҳсолию эҷодӣ дар ВАО, идора *(редаксия)*-и матбуоти даврӣ сохтори комилҳуқуқ,идора *(редаксия)* ҳамчун қисми таркибии ВАО-и электронӣ,заминаҳои моддию техникии дар ВАО – марказҳои табъу нашр *(дар матбуот)* ва техникӣ *(дар радио ва телевизион)*бояд маълумот дода шавад. Зимни баёни мавзӯъ дар бораи сармуҳаррир ва вазифаю масъулиятҳо ӯ, муассис ё ношир ва нақши он дар ташкили ВАО,ҳайати таҳририя, шӯрои мушовара ва вазифаҳои онҳо,таъминоти моддию техникӣ ВАО,ба роҳ мондани сиёсати дарозмуддати ғоявию сиёсии нашрия,муовинони сармуҳаррир, вазифа ва масъулияти онҳо,вазифаю ӯҳдадориҳои котиби масъул,мудирони шӯъбаҳо, вазифа ва масъулияти онҳо маълумот ироа кардан зарур аст.Тайёр кардани логатип ҳамчун иқдоми аввалин барои таъсиси рӯзнома ё маҷаллаи нав бояд зикр карда шавад. Дар бораи саҳифабандӣ ва ороиши рӯзномаю маҷалла, нашри реклама

ҳамчун омили муҳими пӯшондани хароҷоти чоп, забони нашрия ҳамчун омили муҳими ҷалб намудани таваҷҷӯҳи хонанда, шиори нашрия ва самти фаъолияти он,даврӣ будани нашрия ҳамчун муҳимтарин хусусияти миқдорӣ; навъҳои нашрия – асосӣ, иловагӣ, замимаи пагоҳирӯзӣ, бегоҳирӯзӣ, замимаи рӯзи шанбе ё якшанбе;андозаи нашрия,миқдори саҳифаҳои нашрия,адади нашр,паҳн намудани нашрия ё маводи ВАО низ сухан маълумот додан мумкин аст. Махсусияти ташкили кори радио ва телевизион,кумитаҳои радио ва телевизион ҳамчун мероси замони шӯравӣ,ҳайати роҳбарикунандаи кумита ва ширкатҳои радио ва телевизион,офаридани матнҳои бадеӣ дар ВАО-и электронӣ ҳамчун вазифаи муҳими журналист,хадамоти сабти овоз дар радио, наттоқӣ ҳамчун муҳимтарин касби журналисти радио,саридора ва идораҳои радио ва телевизион, хадамоти иттилоотӣ ва мавқеи он дар радио ва телевизион, хадамоти таъмини тасвир дар телевизион,масъулияти муҳаррир ва коргардон дар таъмини таносуби мазмун ва шакли барномаҳои телевизионӣ, фаъолияти продюсерӣ дар телевизион, барномасозӣ ва барномарезӣ дар радио ва телевизион, сервазифагии парда *(экран)*-и телевизион дар замони имрӯза, телевизионҳои кабелӣ ва моҳворагӣ, намоишдиҳии барномаҳои телевизионӣ тавассути комютер *(компютеровидение)*, графикаи копютерӣ дар барномаҳои телевизион, дурнамои рушди телевизион аз ҷумлаи маълумотҳое мебошанд, ки зимни баёни мавзӯи «Ташкили кор дар матбуот, радио ва телевизион» бояд ба самъи донишҷӯён расонда шаванд.

Мавзӯи «Меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии фаъолияти журналистӣ»-ро метавон аз сензура дар замони ҳокимияти шӯравӣ, нақши **«Главлит»***(Сарраёсати муҳофизати сирри давлатӣ дар матбуоти назди Шӯрои вазирони ИҶШС)* дар ҷори намудани сензура аз болои ВАО шурӯъ намуд. Баъдан дар бораи қабули аввалин Қонуни «Матбуот ва дигар васоити ахбори омма» аз ҷониби Шӯрои Олии ИҶШС, ки як навъ роҳ ба сӯйи озодии ВАО буд, маълумот додан мумкин аст. Ҳамчунин муқаррароти Конститутсияи ҶТ ҳамчун кафили озодии сухан ва матбуот бояд зикр карда шаванд. Баъдан дар бораи дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки озодии сухан ва матбуотро кафолат медиҳанд, аз ҷумла дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ва меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон изҳори ақида бояд кард.

Мавзӯи охирро метавон батаърихи мухтасари ташакули журналистикаи тоҷик бахшид. Дар ин мавзӯъ аввалан замина ва омилҳои пайдоиши журналистикаи тоҷик,пайдоиши матбуоти умумифорсӣ, таъсиси матбааҳои мусалмонӣ дар қаламрави Русия ва Осиёи Миёна,матбуоти сиёсии Осиёи Миёна,адабиёт ва матбуоти халқу кишварҳои дигар дар Бухоро,пайдоиши нашрияҳои ҷадид дар Осиёи Миёна,«Бухорои Шариф»ҳамчун нахустрӯзномаи тоҷикии Осиёи Миёна,нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, нашрияҳои дузабонаи Осиёи Миёнарозикр намуда, баъдан роҷеъ ба Инқилоби Октябр ва матбуоти даврони нав, «Шӯълаи инқилоб» – нахустин ҳафтаномаи тоҷикии даврони нав,матбуоти Бухоро ва Бухорои Шарқӣ дар солҳои 20-уми садаи XX, «Овози тоҷик» ҳамчун нахустрӯзномаи оммавии тоҷикӣ дар Самарқанд, «Бедории тоҷик» ҳамчун нахустин рӯзномаи ҳукуматӣ дар Тоҷикистон, таъсиси нашриёт дар Тоҷикистон,таъсиси маркази иттилоотӣ дар Тоҷикистон,нахустмаҷаллаҳои даврони шӯравии тоҷик, таъсиси матбуоти ҷавонон ва бачагон дар Тоҷикистон,таъсиси радио дар Тоҷикистон, таъсиси телевизион дар Тоҷикистон, журналистикаи тоҷик дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX важурналистикаи замони истиқлол маълумот пешниҳод кардан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Бобохонов М. Из истории периодической печати Туркестана. – Душанбе, 1987.
2. Горохов В. Основы журналистского мастерства. – М., 1989.
3. Егоров В.В. Терминологический словарь телевидения. – М., 1997

4. Ёрмуҳаммадов А. Аввалин нашрияҳои кишвари Туркистон // Гули мурод. – Душанбе, 2000, № 9. – с. 91 – 97.
5. Карим Ф. Фурӯғи сухан. – Душанбе: Адиб, 2007. – 152 с.
6. Прохоров Е.П. Введение в теорию журналистики: Учебное пособие. – М.: Изд-во МГУ, 1995.
7. Телевизионная журналистика: Учебник //Ред. коллегия Г.В. Кузнецов, В.Л. Цвик, А.Я. Юровский. – М.: Изд-во МГУ, 1994.
8. Усмонов И., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик. – Душанбе, 2008.
9. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – Қ. 1. – 144 с.
10. Хоҷазод С. Таърихи радиои Тоҷикистон. – Душанбе, 2006. – Қ. 2. – 2204 с.
11. Хоҷазод С. Таърихи телевизиони Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. – 288 с.
12. Цвик В. Введение в журналистику. – М.: МНЭПУ, 2000. – 129 с.

О НЕОБХОДИМОСТИ ОБУЧЕНИЯ ПРЕДМЕТА «ВВЕДЕНИЕ В ЖУРНАЛИСТИКУ»

Данная статья имеет учебно-методический характер. В ней идёт речь о необходимости обучения предмета «Введение в журналистику» студентам первого курса факультета журналистики, место данного предмета в системе обучаемых предметов в высших учебных заведениях и проблемы исходящие в период обучения предмета.

Ключевые слова: журналистика, необходимость, творение, средства массовой информации, предмет, обучение, пресса, радио, телевидение, информационное агентство, издание, издатель.

SUMMARY: ABOUT NEED OF TRAINING OF THE SUBJECT "INTRODUCTION IN JOURNALISM"

This article has educational and methodical character. In it there is a speech about need of training of the subject "Introductions in Journalism" to first-year students of faculty of journalism, a place of this subject in system of trained subjects in higher educational institutions and problems proceeding during subject training.

Key words: journalism, need, creation, Means mass information, subject, training, press, radio, television, information agency, edition, publisher.

Сведения об авторе: ***Джумаев М.О.-*** доцент кафедры стилистики и литературного редактирования ТНУ. Телефон: **93-589-64-08**

НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ МУҲАММАДҶОНИ ШАКУРИИ БУХОРОӢ

Таҳмина Каримова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Устод Муҳаммадҷон Шукуров моҳи феврали соли 1925 дар оилаи зиёӣ дар шаҳри Бухоро ба дунё омадааст ва 16 сентябри соли 2012 бо бемории сактаи дил аз олам даргузашт. Падараш - Шарифҷон Махдуми Садри Зиё охирин қозикалони аморати Бухоро ва модараш - Мусаббиҳа Шукурова ном зане, ки баъди бо шавҳараш зиндонӣ шудан ба бемории сил гирифтор шуда, дар сини 37-солагӣ аз олам чашм мепӯшад.

Дар тӯли ҳаёт ва фаъолияти эҷодияш аз ӯ 45 китобу 500 мақолаи таълифшуда боқӣ мондааст. Якчанд аз китобҳои машҳури Муҳаммадҷон Шакурӣ ин «Хуросон аст ин ҷо» (соли 1997), «Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ» (соли 1999), «Фитнаи инқилоб дар Бухоро. Аббос Алиев» (соли 2010) ва ба мисли инҳо дигар асарҳои намоёне аз ин шумуранд, ки дар дохили ҳар як асари офаридаи адабиётшинос ва муҳаққиқи забон мазмуну мантиқи худшиносии миллӣ ба куллӣ эҳсос мешавад. Ҳамаи инро мо ба инобат гирифта, барои исбот намудани инъикоси ҳисси худшиносии миллӣ ва тарзи чӣ гуна баррасӣ намудани ин масъалаҳо назаре афкандем ва ба яке аз асари эшон, бубинем то куҷо ин мавзуот дар осори эшон инъикос шудааст:

Китоби «Фитнаи инқилоб дар Бухоро. Аббос Алиев» - ин асар қариб, ки сартопо инъикосгари вожаи (худшиносии миллӣ)-ст. Зеро дар он оид ба фарҳангу оини қадимаи мардуми тоҷик ва мушаххас будани давлати тоҷикон - Бухоро, инқилоби нобаҳангоме, ки сар зад ва аз он аксарияти мардуми табақаи поёнии Бухоро бехабар буданд, бо мисолҳо оварда шуда исбот гардидааст, ки ин инқилоб ба қавли академик М. Шукуров «…мардуми тоҷикро аз зулми манғит озод кард, вале гирифтории нав овард. Инқилоб тоҷикро аз дасти манғит гирифту ба дасти

пантуркист супурд. Ва зуд ошкор гардид, ки пантуркист бадтар аз манғит будааст. Манғит моро ҷисман нест мекард ва рӯҳан азоб медод, пантуркист маҳви маънавии моро пеш гирифт. Маҳви маънавӣ бадтар аз маҳви ҷисмонист. Осеби маънавӣ инсонро аз ёди таърихӣ, аз мансубияти нажодӣ, аз ифтихори миллӣ, аз бархе хислатҳои муҳими инсонӣ маҳрум мекунад, ба ғуломи ҳалқабаргӯш табдил медиҳад» [1, 86-87]. Воқеан, ҳам чунин фишорҳо болои фарҳангу миллат ва тамаддуни мардуми тоҷик шуда гузашт. Зеро пантуркистҳову панӯзбекистҳо мардуми бесарпаноҳи тоҷикро зери тасарруфи худ қарор дода ва бо кӯмаки якчанд тан аз нажоду миллатфурӯшони дохилӣ, ба монанди Файзулло Хоҷаев, Абдулло Раҳимбоев, Мӯъминҷон Аминов ва чанде дигарон манфиати шахсии худро болотар аз манфиатҳои миллат гузошта, роҳ сӯйи худфурӯшӣ ва худғаразӣ бар зарари миллат кор карданд ва маҷбуран миллати тоҷики худро ва худро ӯзбекхондан талқин мекарданд, ки месазад ин ҷо як байти Лоиқ Шералиро биоварем:

Оташ ба ду дасти хеш бар хирмани хеш,
Ман худ задам, чӣ нолам аз душмани хеш!? [5,13]

Ҳамчунин бар зидди беадолатию миллатфурӯшии инҳо шахсоне низ чун устод Садриддин Айнӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Нусратуллоҳ Махсум, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншоҳ Шоҳтемур ва баъдтар Бобоҷон Ғафуров барин буданд миллатхоҳоне, ки то қадри имкон кӯшиданд, то дар саҳифаи таърихи башар номи миллати тоҷикро зинда нигоҳ доштан, зиёд заҳматҳо кашидаанд, то имрӯзу фардо номашонро мардум ба некӣ ёд меоваранд ва инчунин номи пуршарафи эшон бо унвони фахрӣ дар таърих сабт гардидааст.

Аз тадқиқи асари мазкур маълум гардид, ки Сталин роҳбари ҳамонвақтаи Иттиҳоди Шӯравӣ лоиҳа ва фармон додааст, ки мамлакатҳои мутеи Осиёи Миёна тақсим карда шавад. Вале ӯ ҳеҷ намехостаст, ки Бухорову Самарқанд ва Хуҷанд ба Тоҷикистон дода шавад. Аз ин рӯ, ӯ соли 1924 Тоҷикистонро танҳо бо Бухорои шарқӣ маҳдуд кардаасту тамом. Аммо аз таҳлилҳо ошкор шуд, ки Бухоро дар ҷаҳони исломӣ пас аз Маккаву Мадина савумин маркази мазҳабӣ будааст. Бинобар ин унвони (қуббатулислом)-ро дошт, ки онро (Бухорои Шариф) низ хондаанд. Аз ин лиҳоз, Сталин сиёсати зиддиисломиро пеш гирифта буд, барои ин намехост ҳангоми тақсими ҳудуд Самарқанду Бухороро ба Тоҷикистон диҳад. Зеро сабаб он буд, ки домуллоёне, ки дар Ислом машҳур буданд, ҳамааш тоҷикон буданд, яъне аз илму фан бохабар буданд. Хуллас, ин ки ба таъбири худи муҳаққиқ М. Шукуров «пешравии халқи тоҷикро намехост ӯ» [1, 83]. Бинед, ки барои несту нобуд сохтани миллати тоҷик то куҷо сарварони шӯравӣ тохтутозҳо намудаанд, ки ин корашонро таърих, халқ ва миллати тоҷик асло намебахшад.

Ҷойе М. Шакурӣ қайд мекунад, ки «Он чӣ инқилоби Бухоро номида шуд, амали қатъии Русияи шӯравӣ барои решакании исломияту эроният, аз ҷумла маҳви маънавии тоҷикон дар Осиёи Миёна буд. Инқилоби Бухоро фарзанди ҳароми таърих буд, ки дар натиҷаи як силсила хиёнатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, хиёнат ба рисолати таърихии маорифпарварӣ ва ормонҳои волои башардӯстӣ, хиёнат ба Миллат ва Модар-Ватан ба ҷаҳон омадааст» [1,84-85]. Ин ҷо маълум аст, ки ҳангоми навиштани ин гуна сатрҳои нангин ҳисси худшиносии миллии адиб баланд гардидааст. Яъне аз аввал мардуми тоҷик ҳам дар ҷодаи илму фан, маданият, маърифатнокӣ, хулқу атфол ва дигар паҳлӯҳои ахлоқӣ яке аз мардуми пешқадам ба ҳисоб мерафтанд, зеро фарҳанги бойю қадимаи миллии худро доро буданд. Аз ин рӯ, ба қавле бо чунин инқилоби ободкунанда, мардуми рус, яъне болшевикон, тамоми ҳастии ватани қадимаи мо - Бухороро ғорат карданд ва занҳоро зери фаҳшу фуҷур қарор доданд. Пас аз ин рӯ, ҳисси худшиносию ватанхоҳии муаллиф боло шуда ба хулосае омад, ки ин асарро иншо намояд. Чизи асосие, ки мо дар таълифоти мазкур зиёд мушоҳида намудем ин масъалаи худшиносии миллати тоҷикон баррасӣ шуда инъикос гардидааст. Ба ин ана ҳамон кирдорҳое, ки аз ҷониби ғараздорон содир карда шуд,

яъне миллати тоҷикро ӯзбек номиданд, расму русуми тоҷиконаро аз они худ карданд ва тиллову тангаҳои аморатро соҳиб шуданд, қасрҳои муҳташами шоҳнишинро сӯхта валангор намуданд, ки ҳама он нақшу нигорҳо, кандакориҳои устоҳои забардаст сӯхта хокистар шуданд мисол шуда метавонад, ки аз ин низ зиёд бераҳмие нисбати халқи тоҷик дида намешавад. Инчунин дар китоб ҳар сухане, ки муаллиф мегӯяду ёдовар мешавад, ҳатман дар баробараш факту рақамҳои мушаххас бо сарчашмаҳояшон ишора гардидааст. Сабаби чунин ном гирифтани ин асарро муаллиф дар он мебинад, ки ҳар таърихшиносе ва шахсоне, ки шоҳиди аслии ин воқеа буданд, хуб медонанд, ки он чӣ **инқилоби Бухоро** хондаанд, дар воқеъ як истилои болшевикии пантуркистӣ буд. Имрӯз онро набояд, инқилоб биномем, номи дигаре барои он бояд пайдо кард, ки муносиб бошад. Аз ин рӯ, ба пиндори нигорандаи асари мазкур **«фитнаи инқилоб»** таъбири хубе барои фаҳмондани маънои рӯйдодҳои инқилобӣ дар Бухоро аст. Бинобар ин ҷо «Фитна» ба маънои балво, ошӯб, шӯру шар, ҷангу ҷӯш омадааст. Инқилоби Бухоро як фитнаи инқилобнамо буду бас» [1,88]. Аз ин рӯ, сарлавҳаи ин китоб «Фитнаи инқилоб» унвон гирифтааст.

Инчунин мавзӯи дигари ин китоб фарогири як жанри очерки портретӣ бо номи «Аббос Алиев» буда, ки дар ин бора муҳаққиқи таърихи журналистикаи тоҷик, дотсент Пайванди Гулмуродзода чунин менависад: «Очерки «Аббос Алиев»-и академик Муҳаммадҷон Шакурӣ намунаи олии муҳаббату садоқати шогирд ба устод мебошад» [1,12]. Воқеан, ҳам ин ҷо муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси маводи бойгонӣ ва хотираҳои давраи ҷавонӣ чеҳраи муаллими ҳақталошу муборизашро дар назари хонанда пурратар ҷилвагар созад.

Аббос Алиев соли «1899 тавлид ёфта ва аз фарзандони арҷманди Бухорои Шариф мебошад. Ва 15 январи соли 1958 дар шаҳри Алма-Атои Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷаҳон чашм пӯшидааст» [1,138]. Аббос Алиев дар тӯли таърихи тоҷик нақши босазоеро бозидааст. Ӯ байни халқ чун як шахси талошгару ҳақҷӯ, далеру нотарс ва собитқадам шинохта мешавад. Пас аз инқилоби Бухоро тоҷиконро (майдамиллат) ном мебурданд ва бо ӯзбекҳо баробарҳуқуқ намеҳисобиданд. Аз ин рӯ, баъзе тоҷикон аз бадномии (майдамиллат) шармида, худро ӯзбак менавистанд. Вале дар ин кор А. Алиев барои дифоъи чунин ҳолати нангин бисёр мубориза бурдааст ва ҳатто ба қавли донишманд Ҷалол Икромӣ бо чунин паст намудани шаъни тоҷикон Аббос Алиев чандин маротиба бо Файзулло Хоҷа дастбагиребон низ шудааст. А. Алиев хатмкардаи Донишкадаи шарқшиносии шаҳри Маскав буда ва яке аз донандагони 10 забони дунё мебошад. Илова бар ин М. Шукуров қайд мекунад, ки «Аббос Алиев аз тоҷикон якумин донишманде буд, ки ба унвони профессорӣ расидааст» [1,126]. Ин худ дар ҷодаи илм як шарафмандии фарзанди тоҷикро нишон медиҳад. Ҳамчунин ихтисоси фарогири илми таърих буд. Дар баробари таърихшинос ва донишманди хуб буданаш, инчунин устоди хушкалому ширинсухан байни шогирдон ном ниҳодааст ва дар қироати шеър низ беҳамто будааст. Ӯ аввалин вазири маорифи Тоҷикистон ба шумор мерафта ва инчунин баъдтар Аббос Алиев сардори якумин ятимхона (интернат)-и Тоҷикистон дар Душанбе низ будааст. Илова бар ин барои таъсиси якумин маҷаллаи Тоҷикистон «Дониш ва омӯзгор» бисёр давутоз карда ва соли 1926 сармуҳаррири он буд, мегӯяд академик М. Шукуров. Дар баробари ин Аббос Алиев чун рӯзноманигори оташсухан бо мақолаҳои рӯзмарааш дар ҷумҳурӣ машҳур буда ва мақолае барои дифои тоҷик будани миллати тоҷик бо унвони «Масъалаи миллӣ дар Бухоро ва атрофии он» чоп намудааст. Дар ин мақола сартопо ифодагари қадима ва номдор будани миллати тоҷик ва чанд паҳлӯи он оварда шудааст.

Хуллас, «рӯзгори пурошӯби Аббос Алиев як бахши муҳимми таърихи мардуми тоҷик дар садаи бист аст. Мо ин бахши таърихи худро бояд бидонем. А. Алиев чун як қаҳрамони муборизаи зидди пантуркизм, муборизаи миллии озодихоҳии мардуми тоҷик намоён шудааст» [1,139]. Яъне якчанд зиёиёни тоҷик ба монанди Абдулвоҳид

Мунзим, Абдурауфи Фитрат дар зарурӣ худро ӯзбек хонданду навиштаанд, вале Аббос Аллиев аз аввал ба як гап истод ва то абад худро дар ҳама ҷойю санадҳо тоҷик навишту ишора кард, ки ин шарафманд ва садоқати воло доштани қаҳрамонро нишон медиҳад. Дар ин ҷо нигоранда, академик М.Шукуров ифтихори миллат будани як шахсият ва абармарди тавонои тоҷикро бо лутфи нозукона хеле олӣ тасвир кардааст. Очерк таҷассумгари ҳуввияту худшиносии милист. Зеро дар он хусуси меҳру муҳаббати содиқ доштан нисбати ватан ва миллат инъикос шудааст. Бигзор сафи чунин шахсиятҳои барӯманди миллатдӯсту башардӯст афзун гардад.

Дар маҷмӯъ, таълифоти муҳаққиқ М. Шукуров оид ба шинохти худшиносии миллӣ, фарогири масъалаҳои зиёде мебошад. Яке аз ин масъалаҳо фаъол ва боло бурдани соҳаи маорифи кишвар, зиёд кардани сафи зиёиёну равшанфикрон, омӯхтани илми одамият, огаҳии пурра доштан аз таърихи қадима, дар соҳаҳои иқтисоду сиёсат нақши асос гузоштани маънавиёт, ягонагии шуури миллӣ, робитаҳои дину давлат хуллас, дар публитсистикаи мавсуф бештар масъалаҳои аҳамияти иҷтимоиву маънавидошта инъикос шуда маълумоти пурра хусуси беадолатиҳои давраи аморати Бухоро ва дигар паҳлӯҳои ин масъала баррасӣ мешавад.

АДАБИЁТ

1. Шакурӣ М. Фитнаи инқилоб дар Бухоро. – Душанбе, 2010, - 140 с.
2. Шакурӣ М. Истиқлол ва худшиносии иҷтимоъиву маънавӣ. – Душанбе, 1999. - 160 с.
3. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе, 1997. - 290 с.
4. Шакурӣ М. Душанбе бояд шаҳри ашрофӣ бошад // Истиқбол, 2011. - №04-06, 160 с.

ВЗГЛЯД НА ВОПРОСЫ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ В ПУБЛИЦИСТИКЕ ШАКУРИ БУХОРОИ

Статья анализирует вопрос национального самосознания с точки зрения М. Шакури. На примере его произведения «Революционная интрига в Бухаре» автор рассуждает об актуальности данного вопроса с точки зрения идеологии, культуры и вопросов национального самосознания.

Ключевые слова: публицистика, анализ, предательство, самосознание, проблема, исследование, культура, национализм, язык, религия, история, государства.

OPINION ON QUESTIONS OF NATIONAL SELF-KNOWLEDQE IN JOUMALISM SHAKURI BUHOROI

The Articles analyses the question of the national consciousness with standpoint M. SHakuri. On example of his (its) product " Revolutionary intrigue in Buhare " author reasons about urgency given question with standpoint of the ideologies, cultures and questions national consciousnesses.

Key words: publisistika, analysis, treachery,consciousness, problem, study, culture, nationism, language, religion, history, state.

Сведения об авторе: ***Тахмина Каримова*** - соискатель кафедры печати Таджикского национального университета. Телефон: **93 807 78 90.**

НИГОҲЕ БА НАҚШИ МАТБУОТИ ТОҶИК ДАР САФАРБАРКУНИИ МАРДУМ БА ФРОНТ (1941-1945)

Майсара Маҳмадова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот аслиҳаи пуркудрат ва буррост. Он дар ҳама давру замон ҳақиқатро бояд инъикос кунад, ба матбуот боварии зиёд доранд, зеро вай ҳаётро ҳаматарафа инъикос карда ба инсоният фаҳмонда метавонад.

Давраи ҷанги бузурги Ватании солҳои 1941-1945 низ дар таърихи халқи мо ва халқҳои дигари Иттиҳоди Шӯравии собиқ барои аҳли қалам давраи муҳим ва эҳёгарии рисолати созандагии қалам буд.

Оғози ҷанги бузурги Ватанӣ дар ВАО дар давраи Шӯравӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал овард ва ин дигаргуниҳо ба ду чиз вобаста буданд: сарфакорӣ ва ҳушёрӣ. Сарфакорӣ ба муттаҳид ва муваффақ бастани нашрияҳо алоқамандӣ дошт. Танҳо он нашрияҳо фаъолияти худро давом доданд, ки хусусияти умумисиёсиву

умумичумҳуриявӣ доштанд. Нашрияҳои соҳавӣ ва маҳаллӣ фаъолияти худро асосан қатъ карданд. Матбуоти фронтӣ ба вуҷуд омаданд. Дар масъалаи ҳушёр будан муҳим он буд, ки мақолаҳои ватанпарварӣ асоси мавзӯи матбуотро ташкил медод.

Таърихро дар ин давраи тақдирсоз аҳли қалам ба хидмати замон кашиданд. Дар аввалин рӯзҳои ҷанг диққати аҳли қалам ба таърихи гузашта нигаронида шуд. Ба қавли нависандаи рус А.Толстой «гӯё солҳои дури аз ёд рафта аз тумани асрҳо берун омада, муборизаи қаҳрамононаи рӯзҳои мо бо он рӯз ва бисёр чизҳое, ки ба назар номуайян менамуд, равшан ва муҳим гардид» [1, 541]. Аҳли қалам ва мудофеони Ватан роҳи таърихии халқро ба озодӣ, саодати умумӣ ва мустақилияти мамлакат вобаста диданд.

Рӯзномаи «Ҳақиқати аскари сурх» аз тирамоҳи соли 1942 то охири соли 1944 ба шакли ҳафтанома интишор мегардид.

Аввалин маротиба аз корнамоии аскарони тоҷикистонӣ ҳамин рӯзнома дарак дода буд, аввалин медал, ордени ҳамдиёрони худро аз қаҳрамониҳои ҳамдигар хабардор мешуданд.

Ягона нашрияи тоҷикӣ «Ҳақиқати аскари сурх» набуд, ки ба мавзӯи ҷанг рӯй меовард, монанди ин рӯзномаи «Фрунзечӣ» дар он вақт ба табъ мерасид.

Саҳми С. Улуғзода ва Ф. Ниёзӣ дар кори ин ду рӯзнома хеле калон мебошад**.** Масалан, дар лавҳае, ки дар бораи агитатор-тоҷикписар Ҳамдамов навишта шудааст, мақолаҳои «Қасами ҳарбӣ –қонуни оҳанини ҳаёт», Маҳмадалӣ Қурбонов –раиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон, мактуб ба Точикистон – «Аз ғамхорӣ миннатдорем», шеърҳои Фотеҳ Ниёзӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, Ҷ. Суҳайлӣ, очерки С. Улуғзода «Аз гузаштаи қаҳрамононаи халқи тоҷик», мақолаи Ш. Ҳусейнзода – «Ҷавонпаҳлавони хуҷандӣ» (дар бораи Исмоил Ҳамзаалиев), «Ҳақиқати аскари сурх» забони тоҷикии хати пеши фронт буд, [2].

Ханӯз ду моҳ пештар аз оғози ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германия ба хоки Шӯравӣ рӯзномаи «Правда» навишта буд: «Тоҷикон аз замони А. Фирдавсӣ, Ҳ. Шерозӣ ва С. Шерозӣ анъанаи мадании худашонро давом дода истодаанд. Тоҷикон маданияти махсус доштаи худашон ва ҳаётии худашонро аз ҳазорҳо машаққатноктарин санҷишҳо, аз оташи ҷангҳо ва ҳуҷумҳои хонавайронкунанда, аз зулм гузаронданд. Ин халқи ифтихорманд ва озодихоҳ азобу кулфати сахтро дида, сарашро хам накард, дар байни бегонагони гуногунтоифа маҳв шуда нарафт, балки, баръакс руҳан худро мустаҳкам намуд ва характери миллии оҳанинро пухта карда парворонд. Дар шароити советии мо «тоҷикон, ки бо гузаштаи худашон шаъну шарафноканд, ояндаи бузург доранд».

Дар нахустин рӯзҳои ҷанг, яъне 24-уми июли соли 1941, дар намоиши зиддиҷангии сокинони пойтахти кишвар шаҳри Сталинобод (Душанбеи имрӯза) А. Лоҳутӣ суханронӣ карда, пеш аз ҳама, ба ҳувияти миллӣ ва собиқаи «бемислу монанди» тоҷикон ишора ва андешаҳои публитсистиашро оид ба ахлоқи ғайриинсонии «сагони девонаи фашистӣ» ва тавоноии маънавии мардуми шӯравӣ баён дошт.

Дар солҳои ҷанги бузурги Ватанӣ «Тоҷикистони Сурх» чун дигар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ–«Коммунист Таджикистана», «Қизил Тожикистон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Комсомолец Таджикистана» дар бобати сафарбар кардани тамоми қувваю воситаҳои моддӣ ва маънавии халқи тоҷик барои мудофиаи мамлакат, хизматҳои басо шоиста нишон доданд. Ҳанӯз аз солҳои аввалини ҷанг бисёр ходимони рӯзнома қаламро бо яроқ иваз карда, ба дифои Ватан рафтанд. Аз ҷумла, Абдушукур Пирмуҳаммадзода Аббос Иброҳимов, Дилмурод Элмуродов мухбирони «Тоҷикистони Сурх» қаҳрамонона ҳалок шуданд.

Воқеан, ҳам дар навиштаҳои публитсистии С. Айнӣ воқеаҳои таърихӣ афсонаву ривоятҳо, хулоса ҳофизаи таърихии миллат ва моҳияти ахлоқии он ба миён гузоштаанд. Таълифи очеркҳои таърихии «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи

тоҷик – Темурмалик» дар тақвияти чунин нияти эҷодии нависанда нақши муҳим бозидаанд.

Ҳадафи аслии С. Айнӣ аз таълифи ин асарҳо таърихро ба хидмати имрӯз кашидан ва ба ин васила ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии афроди миллатро тақвият бахшидан буд. Устод С. Айнӣ дар мисоли сарнавишти таърихии Муқаннаъ ва Темурмалик на фақат масъалаи асолат будани Ватанро ба миён гузошт, балки дар ин замина тавонист зиндагии таърихии миллат, ифтихорот ва суннатҳои неки ахлоқии онро ҳамчун дарси таърих ба муосиронаш бинамояд. Як нигоҳи иҷтимоӣ ба рӯзномаву маҷаллоти солҳои 1941-1945 собит мекунад, ки дар қатори осори фаврии аз рӯзгори ҷанговарон ва воқеияти замони ҷанг навишташуда, осори дар бораи қаҳрамониҳои гузаштагон эҷодгардида низ мавқеи муҳим дорад. Ин ҳолат равиши асосии фаъолияти матбуоти шӯравии он рӯзгор ва Тоҷикистонро равшан таҷассум мекунад.

Устод Садриддин Айнӣ дар ин давра на танҳо очерку мақолаҳои публитсистӣ менавишт, балки шеъру сурудҳои зиёде эҷод карда, дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп менамуд, ки вирди забонҳо буд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин дар Тоҷикистон шумораи зиёди рӯзномаю маҷаллаҳо нашр мешуд. Масалан, моҳи сентябри соли 1942 дар Тоҷикистон 3 рӯзномаи ҷумҳуриявӣ, 5 вилоятӣ, 52 ноҳиявӣ ба табъ расидааст. Ҳар яке аз онҳо аз ҳаёти ҷанговарон, корнамоии онҳо, меҳнати фидокоронаи мардуми ақибгоҳ хабару мақола, лавҳаю очерк ва шеъру достонҳо чоп карда, одамонро ба ғалаба ҳам дар фронт ва ҳам ақибгоҳ даъват менамуданд [3].

Ҳамчунон ки И. Бехер мегӯяд «жанрҳо ба по мехезанд ва сухан гуфтан мехоҳанд[4,365].

Ба ин далел жанрҳо аз аввалин рӯзҳои ҷанг сар карда, ба тақозои талаботи зиндагӣ ба вуҷуд омаданд. Шояд дар он рӯзҳои имтиҳони бузург кам касе дар бораи қонуниятҳои собити жанрҳои адабӣ, рӯзноманигорӣ, ба хусус публитсистӣ фикр мекард.

Дар ин давра фаъолияти идораҳои рӯзномаҳои «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тожикистон», борҳо мавриди омӯзиш ва муҳокимаи ҳукумат ва давлат қарор ёфтааст. «Ҳақиқати аскари сурх» ягона нашрияи тоҷикӣ набуд, ки ба мавзӯи ҷанг рӯй меовард.

Дар рӯзномаи «Ҳақиқати аскари Сурх» аз қаҳрамонию диловарии ҷанговарони советӣ, умуман, тоҷикон, хабару мақолаву очерк ва шеърҳои нав ба нав чоп мекард, Матбуоти Тоҷикистон дар солҳои ҷанги бузурги Ватанӣ дар саҳифаҳои худ дар бобати мардонагӣ, диловарӣ ва ҷасурии ҷанговарони советӣ хабару мақолаҳо, очерку лавҳаҳо чоп намуда, рӯҳи ҷанговаронро мебардошт, боварии онҳоро бо ғалаба мустаҳкам намуда, ба диловарӣ даъват менамуд. Дар баланд гардидани рӯҳияи ҷанговарони тоҷик мактуби халқи тоҷик, ки он ба ҷанговарони дар фронт буда фиристода шуда буд, махсусан, аҳамияти калон дошт. Ин мактуб, ки аввал 20 марти соли 1943 дар рӯзномаи «Правда», баъдтар дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони Сурх», «Коммунист Таджикистана» ва «Қизил Тожикистон» (28 марти соли 1943) чоп гардид.

Мардуми Тоҷикистон аскаронро на танҳо бо хӯрокворӣ, балки бо сару либос, пойафзол, таъмин менамуданд.

Ва ин ҳама корнамоии мардуми ақибгоҳ дар саҳифаҳои таърих бо хатти заррин сабт ёфтаанд.

Чунонки мебинем андешаҳои қадршиносии таърихӣ, эҳтирофи ҳувияти миллӣ ва фарҳангии халқҳои ҷудогона, аз ҷумла тоҷикон дар сатҳи олии мамлакат ба шаклгирии ормони созандаи худшиносии миллӣ ва башардӯстӣ ва таносуби он бо воқеияти рӯзмаро мусоидат карда, яке аз омилҳои такондиҳандаи таваҷҷуҳи аҳли қалам ба масъалаи худшиносии миллӣ гардид.

Хулоса, осори публитсистии ин давра садои рӯҳи қаҳрамонони таърих ифодагари ҷанбаҳои созандаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ буда, дар ҷомеаи

ҷангзадаи он рӯзгор ва имрӯзу оянда низ арзиши маърифатбахшӣ ва нақши созандагӣ доштанду доранд. Осори публитсистии ин давра бо бозҷустҳои таърихӣ барои эҳё ва амиқбурди худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ заминагузор буданд.

АДАБИЁТ

1. Толстой Алексей. Четверть века советской литературы. Соч. в десяти томах,т.10.-М.: Тослитиздат, 1961.- 650 с.
2. И. Усмонов //Тарихи журналистикаи тоҷик
3. И. Усмонов //Тарихи журналистикаи тоҷик
4. Топер П. Иқтибос баргирифта аз китоби:. Ради жизни на земле.-Москва: Советский писатель, 1985. – 450 с.

ВЗГЛЯД НА РОЛЬ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ В ПРИЗЫВНОЙ КОМПАНИИ В ГОДЫ ВЕЛИКОЙ ОТЧЕСТВЕННОЙ ВОЙНЫ (1941 – 1945годы)

В данной статье автором рассмотрена роль таджикской прессы в призывной компании в годы Великой Отечественной войны. Также даются некоторые сведения о причинах разрыва и объединения журналов в годы Великой Отечественной войны.

Ключевые слова: пресса, газета, письмо, пропаганда, патриотизм, статья, очерк, публицистика.

LOOK AT THE ROLE OF THE TAJIK PRESS IN THE DRAFTING OF THE COMPANY IN THE YEARS OF THE GREAT PATRIOTIC WAR (1941 - HTY)

In this article the author considers the role of the Tajik press in the drafting of the company in the years of the great Patriotic war. Also provides some information about the causes of gap and Association magazines in the years of the great Patriotic war.

Key words: media, newspaper, letter, propaganda, patriotism, article, essay, journalism..

Сведения об авторе.*Махмадова Майсара* - соискатель кафедры печати ТНУ. Телефон: **918 62 18 18.**

ҶАНГИ РАСОНАӢ ДАР ВВС-И ФОРСӢ

Муҳсин Ризоӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷанги расонаӣ ҷанги бидуни хунрезӣ, ором, беҳдоштӣ ва тамиз талаққӣ мешавад. Ҷанге, ки бар сафҳоти рӯзномаҳо ва микрофони радиоҳо, сафҳоти телевизионҳо ва линзаҳои дурбинҳо ҷараён дорад.

Бунёдитарин таъриф аз ҷанги расонаӣ истифода аз рисонаҳо барои тазъифи кишвари ҳадаф ва баҳрагирӣ аз тавону зарфияти расонаҳо (аъам аз матбуот, хабаргузориҳо, радио, телевизион, интернет ва усули таблиғот) ба манзури дифоъ аз манофеъи миллӣ аст. Ҷанги расонаӣ яке аз барҷастатарин ҷанбаҳои «ҷанги нарм» ва «ҷангҳои байналмилалӣ» аст. Агарчи ҷанги расонаӣ умдатан ба ҳангоми ҷангҳои низомӣ корбурди бештар пайдо мекунад, аммо ба мафҳуми он нест, ки дар соири мавоқеъ ҷанги расонаӣ дар ҷараён набуда ё мавриди истифода қарор намегирад. Ҷанги расонаӣ танҳо ҷангест, ки ҳатто дар шароити сулҳ низ байни кишварҳо ба сурати ғайрирасмӣ идома дошта ва ҳар кишваре аз ҳаддиаксари тавон худ барои пешбурди аҳдофи сиёсии хеш, бо истифода аз расонаҳо, баҳрагирӣ мекунад. Ҷанги расонаӣ зоҳиран миён радио ва телевизионҳо, муфассирони матбуотӣ, хабарнигорони хабаргузориҳо, шабакаҳои хабарӣ ва сайтҳои интернетӣ ҷараён дорад, аммо воқеият он аст, ки дар пушти ин ҷадвали журналистӣ чизе ба номи «сиёсати расонаии як кишвар» нуҳуфта аст, ки мустақиман тавассути будҷаҳои расмии масавваби парлумонҳо ё будҷаҳои махфии созмонҳои иттилоотӣ ва амниятӣ ва сервисҳои ҷосусӣ тағзия мешавад. Сарбозони ҷанги расонаӣ, мутахассисони таблиғот, стратегистҳои таблиғотии байналмилалӣ ва коргузорони расонаҳо ҳастанд. Тарроҳони ҷанги расонаӣ на лузуман генералҳои подгоннишин, балки мумкин аст профессорҳои академияҳо ва донишгоҳҳои расонаии муътабари ҳар кишвар бошанд, мардуме, ки таҳти бумбборони ҷанги расонаӣ қарор доранд, ҳатто мумкин аст худ аз вуҷуди ҷанги сангине, ки дар фазои танаффусии онҳо ҷараён дорад, беиттилоъ

бошанд. Агарчӣ ҳадафи ҷанги расонаӣ дар ниҳоят тағйири коркарду амалкарди давлатҳо ҳаст, аммо ба тарзи қобили ламсе ба ҷои ҳадаф қарор додани мустақими давлатҳо, миллатҳоро ҳадаф бумбборони худ қарор медиҳад.

Монандӣ: Ҷанги расонаии BBC дар буҳрони Украина 2014 ва инқилоби махмалӣ дар Гурҷистон соли 2008.

Ин ақида вуҷуд дорад, ки агар битавон ифкори умумиро нисбат ба мавзӯъ ё падидае қонеъ кард ва ё ба он самту сӯе хос бахишд, мусалламан давлатҳо низ таҳти фишори афкори умумӣ ба он самт кашида хоҳанд шуд.

Монандӣ: Дар буҳрони Украина 2001 BBC-и форсӣ бо таблиғоти фаровон ба мардуми он кишвар илқоъ намуд, ки пайвастан ба Иттиҳодияи Урупо беҳтар аз бастани паймонҳои иқтисод бо Русия аст ва бо ҳамин равиш ба ихтилофоти байни давлату мардум доман зад.

Аз ин рӯ, низомҳои сиёсӣ зимни касби иттилоот аз ин падидаи муҳим тавассути созмонҳои зерзаминӣ ва сервисҳои иттилоотӣ, аз тариқи муассисот афкорсанҷӣ низ ба ин муҳим мепардозанд ва бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи ин пажӯҳишҳои ба даст омада тасмимгирӣ ва иқдом мекунанд.

Ҷанги расонаӣ бар хилоф ҷангҳои низомӣ, ки умдатан миёни ду ё чанд кишвар ба унвони эътилоф бо як кишвар ҷараён меёбанд, метавон миёни як гурӯҳ аз кишварҳо бо гурӯҳи бузурги дигаре аз кишварҳо бо вежагиҳои мушаххас ҷараён ёбад.

Монандӣ: Ҷанги расонаии BBC-и форсӣ ва телевизионҳои урупоӣ дар масъалаи буҳрони Украина бар алайҳи телевизионҳои Русия ва Осиёи Миёна, ки ин телевизионҳо бо ҳимоят аз тазоҳуркунандагон украинӣ ва бузург кардани масоили иқтисодии он кишвар давлати қонунии ин кишварро сарнагун ва кишварро дучори ҳарҷу марҷ ва тақсими кишвар ба ду қисмат шуданд. Украини таҳти ҳимояти Урупо ва Амрико ва ҷазираи Қрими русиятаборҳо таҳти ҳимояти Русия.

Ҷанги расонаии Ғарб алайҳи кишварҳои ҷаҳони севум ва ҷанги расонаии алайҳи адён, ду намунаи бориз аз мавзуҳое ҳастанд, ки метавон онро ба ҷанги расонаӣ таъбир кунем.

Монандӣ: Ҷанги расонаии ғарбиҳо дар мавриди масъалаи кишвари Сербия ва алабниятаборҳо дар Урупо, ки дубора ҷанги расонаии Ғарб алайҳи Русия ва кишварҳои ҷаҳони севум. Адами надодани истиқлол ба Ирландия аз Англия, ки ҳеҷгуна расонае нидои мардуми Ирландро ба гӯши ҷаҳониён намерасонад ва чандин сол аст, ки Англия намегузорад, ки Ирландия мустақил бошад.

Эҳтимолан ҳар ҷанге ҳаддиақал дар ду замина рух медиҳад:

Майдони набард ва азҳони мардум аз тариқи таблиғот. Афроди хуб ва бад ағлаб метавонанд аз тариқи таҳрифи воқеиятҳо ва муболиғагӯиҳо, эҷоди зеҳният, хато ва ҳатто дуруғпардозӣ ба гумроҳ кардани мардум бипардозад, то ҳимояту машруият ёбад.

Аммо метавон аз ҷанги расонаӣ ё ҷанги равонӣ дар контроли буҳронҳое, ки баъзе мавоқеъ бар асоси амалиёти хасмонаи дигар кишварҳо эҷод мешавад, баҳра бурд. Дар фароянди тадбири як буҳрон ҷанги равонӣ метавонад аҳдофи зерро муҳаққақ созад:

1. Эҷоди тасири куллӣ бар ақоид, эҳсосот, одоб ва рафтори аносири буҳронсоз ба наҳве, ки мӯҷиби таҳдид ва муҳори буҳрон шавад;

Монандӣ: Матраҳ кардани ихтилоф байни татарҳо ва руситаборҳо дар Украина ва худмухтории ҷазираи Қрим тавассути BBC-и форсӣ ба сурати мудовим.

2. Эҷоди тардид дар бовар ба имкони дастиёбӣ ба аҳдоф аз тариқи эҷоди буҳрон аз тариқи тарҳи ҷойгузинҳои дигар.

Монандӣ: Эҷоди тардид тавассути BBC-и форсӣ дар мавриди пардохти воми Русия ба Украина ба маблағи 15 миллион доллар ва эҷоди итминон ба мардуми

Украина, ки Урупо ва Амрико бо додани ваъдаи 30 миллион доллар вом метавонанд мушкилоти иқтисодии ин кишварро беҳтар ҳал намоянд.

3. Эҷоди иншиқоқ ва истиҳлок дар суфуфи аносири бухронсоз;
4. Коҳиши кароири роҳбурдҳои таъмиқу густариши бухрон;
5. Тақлилу тахфифи ангезаҳо ва ангехтаҳои ҷараёнҳои бухронсоз;
6. Эътимодсозӣ ва эҷоди ҳусни мусоидат дар лояҳои бетараф бо ҳадафи мамониат аз пайвастани онҳо ба ҷараёни бухрон;
7. Машруиятзудоӣ ва тазъифи робитаи раҳбарии бухрон бо лояҳои миёнӣ ва ҳошияии он

Текникҳои таблиғотӣ. Имрӯза расонаҳо бо иттихози дипломасии расонаӣ, фунун ва равишҳои хос ба мутақоидсозӣ ва тарғиби мухотабон мепардозад. Дар ин баррасӣ ба бахше аз фунуни таблиғотии расонаҳо, ки мавриди истифода дар ин пажӯҳиш аст, мепардозем.

Монандӣ: Таҳдиди Русия ба ихроҷ аз гурӯҳи 8 кишвари санъатӣ тавассути Урупо ва Амрико ва таҳти фишор қарор додани Русия барои адами дахолати низомӣ дар Украина тавассути телевизиони BBC-и форсӣ.

1. Барчасп задан. Асҳоби расона мекӯшанд, ки бо алқоб ё барчасбҳои манфӣ ва мусбат бардошти аввалияи моро нисбат ба мавзӯоти мавриди назар таҳти таъсир қарор диҳанд. Баъзе аз барчасбҳо дар нақши мусбат (пойдорӣ, дифоъ, ҷонона, иқтисоди солим, раҳбарии қотеъ ва устувори Раиси Ҷумҳур, дифоъи қудратманд) ва баъзе ба сурати манфӣ (терористҳои исломӣ, назарияпардозони тавтеа ва ғайра) истифода мекунанд.

Барчасбҳо сохтори идеологиеро то ҳадди зиёде дар ихтиёри мо қарор медиҳад ва ҳокӣ аз нигариши онҳо нисбат ба мавзӯъ ё сиёсатҳои кишварҳои мавриди ҳадаф аст (Меҳрдод, 2001, с. 190).

2. Қолабсозӣ ё ҷиҳатдор кардан. Бештари таблиғоти муассир ба ҷои казбу дурӯғ ба ҷиҳатдиҳии ҳадафманди ахбору ҳаводис вобаста ҳастанд. Ба ин маъно, ки истифода аз таъкиду дигар абзорҳои кумакии баёни манзур, метавон бидуни такзиби ҳақиқат онро ба нафъи худ шакл дод ва таъсири мавриди назарро бар зеҳни мухотаб боқӣ гузошт. Ҷиҳатдор кардани ахбор метавонад бар асоси ин маврид анҷом гирад: «дафаоти ироаи мавзӯъ, лаҳни баёни хабар (ба сурати дилсӯзона, аз сари беэътиноӣ ва ё хоркунанда) истифода аз тасовир, аксҳо, гузришҳои вижаи савтӣ ва тавсирӣ.

Монанди: Ба тасвир кашидани сафари сарони Иттиҳодияи Урупо ба Украина тавассути BBC-и форсӣ барои ҳали бухрони ба вуҷуд омада дар мавриди тазоҳуроти мардум дар майдони «Истиқлол»-и Киев ва даъвати онҳо барои музокира бо давлат ва гирифтани тасвир аз рафту омади онҳо, ки ҳокӣ аз дилсӯзӣ барои мардуми он кишвар буд.

Онҳо маъмулан бо сохтор ва оҳанги мушаххасе сухан мегӯянд, ки навъи эҳсос, эътибор, итминон ва таҷоҳули олимонаро ба мухотаб илқо мекунанд. Гузораҳое монанди: «Сарнавишти Украина чӣ мешавад?» ва ё «Дар сурате, ки эътирозҳо ҳамчунон идома дорад, таниш ва даргирӣ миёни ду тараф шиддат хоҳад ёфт» (Ошно, 2008, с. 25)

3. Баёни равшан. Изҳороти қатъӣ ва мусалламе, ки ба унвони ҳақиқат баён мешаванд. Истифода аз изҳороти сареҳ, ки мумкин аст саҳеҳ ё нодуруст бошад ва ин далолати зеҳниро ба ҳамроҳ дошта бошад, ки изҳороти бидиҳӣ ва мубраҳан буда ва ниёзе ба исбот надорад». **Монанди:** «Хабари Конфернсияи хабарии раиси ҷумҳур Абама дар бораи Украина тавассути BBC-и форсӣ пушиш дода шуд (01.03.2014 айни хабари таблиғоти ҳамла ба Украина барои Русия ҳазинаи сангине дарбар дорад) ҳамонанд ҳастанд. Боздиди вилои тафриҳии Янукович, Раиси Ҷумҳури барканори Украина (Ошно, 2008, с. 75).

4. Мустанадсозӣ. Дар техники мустанадсозӣ маъмулан нақли қавлҳое барои рад ё ҳимоят аз як сиёсат, амалкард, барнома ё шахсияти хосе оварда мешавад. Истинод ба омор, арқом ва асноде, ки дар амал имкони сиҳат ва сақми онҳо вуҷуд надорад, аз

ҷумла равишҳое аст, ки дастгоҳи амалиёти равонии ВВС аз он баҳра мегирад. Тибқи пушиши хабарии ВВС дар тули як ҳафта мизони куштаҳои майдони «Истиқлол» байни 50 то 75 нафар зикр мешуд, ки мустанаде барои ин теъдод ҳаргиз ироа нашуд ва ҳамеша нерӯҳои амниятиро мусаббаби ин вақоеъ зикр мекард (Ошно, 2008, с. 50).

5. Номгузорӣ. Ин техник метавонад ба содагӣ ғаразварзиҳо ва таассуби мухотабонро таҳрик кунад. Ба ин шакл, ки мавзӯъ ё мафҳуми мавриди назар бо ановине муаррифӣ шавад, ки ҳисси ҳарос, танаффур ва нохурсандии онҳоро барангезад. **Монанди:** барҷаста кардани мавориди зер тавассути шабакаи ВВС-и форсӣ, барафрошта шудани парчами Русия дар шебҳаҷазираи Қрим тавассути руситаборҳо ва машқи низомии урдуи Русия дар марзи Украина ва эъломи худмухтории шебҳаҷазираи Қрим тавассути ақалияти татар ва руситабор.

6. Тазоҳур ба бетарафӣ. Бисёр аз расонаҳои хабарӣ барои илқои бетарафии худ ба мухотабон ва дар натиҷа ҷалби эътимоди онон аз техники тазоҳур ба бетарафӣ истифода мекунанд. Дар ин техник суханон ва дидгоҳҳои мухолифон ба ашколи мухталиф назири гузориш, мусоҳиба ва хабар мунъакис мешавад.

Расона ба далели иттихози як мавзеъи бетараф эътибори бештаре дар миёни мухотабони худ касб мекунад. Ҳамчунин расона бо ҳифзи пушиши бетарафӣ метавонад паёмҳои худро ба осонӣ ба мухотаб илқо кунад, аҳдофи мавриди назари худро таъмим созад. Дар ин асл зимни изҳори бетарафӣ ва ҳифзи эҳтироми мухотабон ақдом ба пахши суханону назароти мухотабон мекунанд ва ба дунболи он матолиби худро илқо мекунанд. Дарвоқеъ бо пӯшиши хабаре ба шакли бетарафона ва ба таври муаддабона саъй мешавад ҳимоятҳои лозим ё тахрибҳое дар ҷиҳати аҳдофи мавриди назар эъмол шавад (Султонифар, 2003, с. 46).

7. Эҷоди тафриқа ва таззод.Аз ҷумла умуре, ки дар фароянди ҷанги равонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, тазъифи душман бавежа ба лиҳози равонӣ аст. Душман бояд ба шикаст хурдан унс бигирад. Он чи дар ин замина метавонад муассир бошад, эҷод ва ё талқини тазодҳои мухталиф дар ҷабҳаи душман аст. Расона метавонад бо эҷод ё талқини даргирӣ миёни ақалиятҳо, қавмиятҳо, нухбагон ва ҳокимият ваҳдатро байни нерӯҳои душман муттазалзил созад (Лутфиён, 2004, с. 40). **Монанди:** эҷоди ихтилоф байни руситаборҳо, татарҳо ва украинатаборҳо бар сари масъалаи ҳокимият бар Украина (Телевизиони ВВС-и форсӣ, таърих 29.02.2014).

8. Терори шахсият. Дар шеваҳои ҷадид терори физикӣ ҷои худро ба терори шахсият додааст. Ҳангоме ки натавонад шахсиятҳои матраҳу муассир дар ҷиноҳи муқобилро терори физикӣ кунанд ё набояд терори физикӣ шаванд, саъй мекунанд, ки аз тариқи авомили таблиғотии ҷанги равонӣ ва бо истифода аз васоили иртиботи ҷамъии онон ба зери заррабин кашида ва бо бузургнамоии нуқоти заъфашон терори шахсият кунанд. Ҳадафи терори шахсиятҳои сиёсӣ ва муҳим аз тариқи ба тасвир кашидани нуқоти заъф ва ҳаракоти нодурусти онҳост. Ин авомил боис мешавад, раҳбарони зӣнуфуз назди мухотабон дучори беманзалатӣ ва тахриби чеҳра шаванд (Султонифар, 2002, с. 265). **Монанди:** нишон додани вилои шахсии Виктор Янукович дар Украина тавассути ВВС-и форсӣ ба манзури сарватманд нишон додани Раиси Ҷумҳур дар ҳоле, ки кишвар дучори фақри иқтисодӣ ба сар мебарад, барои терори шахсияти қонунии кишвар (Телевизиони ВВС-и форсӣ дар таърихи 04.03.2014).

9. Дурӯғ. Техники қадимии дурӯғ, ки ҳанӯз ҳам расонаҳо ба таври фаровон истифода мекунанд, умдатан барои маъруб кардани ҳариф ё ҳатто афкори умумӣ мавриди истифода қарор мегирад, яъне паёмеро, ки ба ҳеҷ ваҷҳа воқеият надорад, баён мекунанд. Маъруфтарин истифодаи ин техник дар замони Гитлер ва тавассути Гебелс будааст. Гебелс мегӯяд: “Ҳар чӣ дурӯғ бузургтар бошад, бовари он барои мардум роҳаттар аст” (Султонифар, 2002, с. 25). **Монанди:** Телевизиони ВВС-и форсӣ дар хабаре эълом намуд, Иттиҳодияи Урупо ҳозир аст маблағи 30 миллион доллар ба Украина бипардозад, то онҳо барои сохтани кишварашон ҳазина намоянд, дар ҳоле, ки то ба имрӯз аслан хабаре аз чунин кумаке тавассути Иттиҳодияи Урупо таъйид

нашуда ва фақат дар сатҳи як хабар боқӣ мондааст (Телевизиони BBC-и форсӣ, таърих 02.03.2014).

10. Куллигӯй. Муҳтавои воқеъии бисёр аз мафоҳиме, ки аз сӯи расонаҳои ғарбӣ содир ва дар ҷомеа мунташир мешавад, мавриди ҷустуҷӯ қарор намегирад. Тавлидоти расонаҳои ғарбӣ дар ду ҳавзаи сиёсат-дохилӣ ва хориҷӣ мамлу аз арзишҳо ва мафоҳиме монанди ҷаҳонӣ шудан, либерализм, иқтисоди боз, амнияти миллӣ, касратгароӣ, низоми навини ҷаҳонӣ, ҳуқуқи башар, демократия, тероризм ва ғайра аст. Инҳо мафоҳиме ҳастанд, ки бидуни таърифи мушаххас дар ҷиҳати иқноъи мухотабон дар заминаи мушаххас ба кор гирифта мешаванд (Муҳаммадӣ, Наҷм, 2004, с. 47).

Монанди: Хабаре, ки BBC-и форсӣ дар мавриди ин, ки ғарбиҳо ва Иттиҳодияи Урупо эълом карданд, ки Қрим ҷузъе аз Украина хоҳад буд ва ҳамапурсие, ки чанд рӯзи оянда қарор аст баргузор гардадро қабул надорад ва тавзеҳоти бештаре ҳам дода нашуд (Телевизиони BBC-и форсӣ, таърих 10.03.2014) ва ё хабари Ҷон Керрӣ мабнӣ бар ин, ки барои муқобала бо ҳаракати низомии Русия мумкин аст ин кишвар (Русия) аз гурӯҳи 8 ихроҷ ва амволу дороиҳояш масдуд шавад (Телевизиони BBC-и форсӣ, таърих 02.03.2014).

АДАБИЁТ

1. Тоҷик, Муҳаммадризо. Мудирияти буҳрон // Ҳамшаҳрӣ, 1379, шумораи 5990, сафҳаи 2.
2. Ошно, Ҳасомиддин. Ҷузваи дарсӣ (ҷомеашиносии таблиғот). – Теҳрон, 1387.
3. Султонифар, Муҳаммад ва Шаҳноз Ҳошимӣ. Пӯшиши хабарӣ. – Теҳрон, Симои шарқ, 1382.
4. Лутфиён, Иброҳим. Амалиёти равонӣ дар набарди султа // Фаслномаи амалиёти равонӣ. – Теҳрон, 1383, соли дувум, шумораи 7.
5. Муҳаммадинаҷм, Сайидҳусайн. Фаслномаи амалиёти равонӣ. – Теҳрон, 1384, соли севум, шумораи 9.
6. Меҳрдод, Ҳурмуз. Назариёт ва мафоҳими иртиботот. – Теҳрон, интишороти «Фороб», 1380.
7. Brown & Yule G. Dicourse analysis. – Cambridge university Press.

ИНФОРМАЦИОННАЯ ВОЙНА BBC (ОТДЕЛ ПЕРСИДСКОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ)

Персидское телевидение BBC информационной войной хочет вести неспокойствие в Средней Азии в пользу своего интереса, как это наблюдалось ранее в Грузии.

Ключевые слова: информационная война, Украина, Грузия.

INFORMATION WAR IN PERSIAN BBC

Persian TV BBC with information war wants restless in Middle Asian countries on behalf of its interests, as it was watched earlier in Georgia.

Key words: information war, Ukraine, Georgia.

Сведения об авторе: ***Мухсин Ризои*** - соискатель кафедры международной журналистики ТНУ

РОҲҲОИ ИНЪИКОСИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАМОИШҲОИ ТЕЛЕВИЗИОН

Барно Сохибова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбор вазифадор аст, ки сиёсати давлатро инъикос намояд ва тавре инъикос намояд, ки он бар тадбиқи манфиати миллӣ мусоидат намояд. Профессор Усмонов И. К мегӯяд, «дар ин масъала ҳатто рақобати сиёсии байни давлат ва азҳоби сиёсӣ аҳамияти худро гум мекунад. Зеро масъалаи миллӣ бар ҳама масоили дигар бартарӣ дорад. Инъикоси масъала аз нигоҳи арзиши миллӣ мутлақо маънои пайгириро аз ақоиди ҳукумат ва тобеъ шудани воситаи ахбори озодро ба идеалогияи ҳукумат ифода мекунад. Яъне дар чорчӯби сиёсати умумӣ ва сиёсати озодии ахбор ҳимояи манфиати миллӣ ба амал меояд» [1, 236].

Дар самти инъикоси сиёсати хориҷӣ Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон ва «Ҷаҳоннамо» асосан дар барномаҳои сиёсиашон чунин масоилро пӯшиш

медиҳанд: Сафарҳои роҳбари давлати Тоҷикистон ва ҳайатҳое аз кишвари мо ба хориҷ, сафари роҳбарон ва ҳайатҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон, иштирок, суханронӣ ва пешниходҳои роҳбари давлти мо дар ҷамъомадҳои байналмилалӣ, шарҳу тавзеҳи ташаббусҳои ҷаҳонии роҳбарияти кишвар, шарҳи стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳо ва созмонҳои минтақаиву ҷаҳонӣ, равобити байналмилалии Тоҷикистон, натиҷаҳои «Сиёсати бисёрсамта» ва «Сиёсати дарҳои боз»-и Тоҷикистон, ҷойгоҳи кишвари мо дар минтақа ва ҷаҳон, нақшофарӣ дар ҳалли масоили минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таъсиргузорӣ ва таъсирпазириҳо нисбат ба равандҳои байналмилалӣ, баррасии таҳаввулоти муҳими минтақаву ҷаҳон ва таъсири онҳо ба кишвар ва минтақаи мо, шарҳу тафсири мавзуъҳое чун геополитика (сиёсати минтақай), глобализатсия (ҷаҳонишавӣ), экстремизм (ифротгаройӣ), терроризм, дипломатияи созанда, фаъолияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, омилҳо ва паёмадҳои низоъҳо, нақши абаркудратҳо дар равандҳои ҷаҳонӣ, бархурди манфиатҳо ва амсоли он.

Дар мавриди барномаҳои сиёсӣ-байналмилали ин ду шабака шояд битавон гуфт, ки аз назари теъдод нақши телевизиони «Ҷаҳоннамо» бештар аст. Зеро бозгӯии ахбор ва рӯйдодҳои хориҷӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти ин шабака мебошад. Бинобар ин, ҳамарӯза дар чандин бахши барномаи «Ахбор» бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳаввулоти олам роҷеъ ба ҳодисаҳои олам ва низ равобити хориҷии Тоҷикистон иттилоъ дода мешавад. Ғайр аз ин барномаҳои алоҳидаи «Суҳбати рӯз», «Тафсири рӯз», «Тоҷикистон ва ҷаҳон» ба шарҳу тафсиру таҳлили хабарҳои муҳимтар дар арсаи минтава ҷаҳон мепардозанд. Барномаи «Тоҷикистон ва ҷаҳон» бошад, илова бар он равобити хориҷии Тоҷикистонро бо кишварҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ ба баҳс мекашад.

Дар шабакаи якум ҳам барнома «Ахбор», бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ, арабӣ ва англисӣ пахш мешавад (омори дақиқ пештар зикр шуд). Аммо дар ин шабака руйдодҳои дохилӣ дар дараҷаи аввали аҳамият меистанд. Дар Шабакаи якум барномаҳои алоҳидаи «Мо ва минтақа», «Тафсир» ва «Дидгоҳ» пахш мешаванд, ки дар суҳбат бо коршиносон ва ё ба сурати шарҳу тафсири худи муаллиф рӯйдодҳои минтақаву олам ва равобити хориҷии Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Вале, ба ҳар сурат, вақте мо ба барномаҳои ин ду шабака нигоҳ мекунем, ҳамкориҳои сиёсӣ-байналмилалии Тоҷикистонро дар он сатҳе, ки сазовораш аст, пайдо карда наметавонем.

Аввалин фарқи чашмрас дар барномаҳои сиёсии ҳар ду шабака миёни баррасии сиёсати дохилӣ ва байналмилалӣ он аст, ки шарҳи мавзуъҳои хориҷӣ дар телевизони тоҷик хеле бештар аз шарҳи мавзуҳои дохилӣ рушд ёфтаст. Зеро дар ин бахш озодии бештаре ва фазои бозтаре вуҷуд дорад. Ба назар мерасад, ки журналистону коршиносон ҳангоми баррасии мавзуъҳои хориҷӣ озодтаранд ва аз ин сабаб имкони таҳлили васеътар ва интихоби бештари мавзуъ барояшон фароҳам аст. Дар ин барномаҳо коршиносони масоили сиёсӣ даъват мешаванд ва ҳамроҳ бо журналистон дар бораи таҳаввулоти минтақа ва ҷаҳон суҳбат намуда, онҳоро шарҳ медиҳанд. Ҳамчунин, дар ин шабакаҳо рӯйдодҳои ҷаҳон ба сурати алоҳида ва бо истифода аз наворҳо мавриди шарҳу барасӣ қарор мегиранд.

Дар ин ҷо бояд ёдовар шуд, ки ҳангоми сафари Президенти мо ба хориҷ ва ё сафари ягон Президенти кишвари хориҷӣ ба Тоҷикистон вақти зиёди эфири ҳар ду шабака ба баррасии ин сафарҳо ихтисос меёбад ва дар ин гуна гузоришҳои муфассал тамоми ҷузъиёт, аз қабили кӣ ба гусел ё пешвоз баромадану ҳангоми пешвоз суруди миллии ҳарду кишвар навохта шудан махсус қайд мешавад, ки ба назар зиёдатист.

Ва дар ҳарду шабака ҳам барномаҳои ҷамъбастии ҳафтагиашонро боз ҳам асосан ба рӯйдодҳои расмӣ ихтисос медиҳанд. Яъне ҳамон гузоришҳои муфассал аз ҷараёни сафарҳо, ки дар тӯли ҳафта борҳо нашр шудаанд, дар барномаи ҷамъбастии ҳафта низ мавқеи аслиро ишғол мекунанд ва бо ҳамон ҷузъиёти кӣ ба гуселу пешвоз

ба фурудгоҳ баромадану суруди миллӣ навохта шудан…. Ба назар мерасад, ки ин бахши кор дар ҳарду телевизион ниёз ба бознигарӣ дорад. Зеро ҳадафи барномаи ҷамъбастии ҳафтагӣ он аст, ки азбаски дар худи ҳамон рӯзи ба вуқуъ пайвастани рӯйдод имкони шарҳу таҳлили дақиқи он набуд (ба далели фаврият), акнун дар поёни ҳафта бо фурсати беҳтар он баррасӣ ва таҳлил мешавад. Масалан агар дар тули ҳафта аз сафари Президент ба Чин ва диду боздидҳояш гузоришҳо пахш шаванд, дар барномаи ҷамъбастии охири ҳафта дигар на он гузоришҳо, балки тафсири ин мавзуъ бошад, ки ин сафар чи аҳамият дошт, чи натиҷа ба бор овард, дар расонаҳои он кишвар ва низ минтақаву ҷаҳон чи гуна бозтоб ёфт, чи уфуқҳое наве барои кишвари мо боз кард ва амсоли он.

Дар айни ҳол, ба гуфтаи масъулони телевизионҳо мушкили ин бахш, яъне баррасии масоили байналмилалӣ он аст, ки журналистоне, ки тавоноии шарҳи рӯйдодҳои сиёсии байналхалқиро дошта бошанд, кам ба назар мерасанд. Табиист, ки барои ин кор огоҳӣ аз равандҳои сиёсӣ ва донистани ақаллан як забони хориҷӣ шарти зарурӣ аст. Вале, мутаассифона, насли ҷавони журналситон, ки баъди хатми Донишгоҳ ба телевизион меоянд, забонҳои русӣ ва англисиро ба таври лозим намедонанд ва бо хати форсӣ ҳам ошно нестанд, то аз манбаъҳои форсӣ (ки на танҳо тавассути Эрон, балки тавассути эрониёни муқими Амрикову Аврупо хеле густариш ёфтаанд) истифода намоянд. Албатта, сайтҳо ва рузномаҳои тоҷикзабон на ҳама масоили сиёсиро ба сурати муфасал шарҳ медиҳанд. Барои таҳлилгар лозим аст, ки як қазияро аз чанд тараф нигоҳ кунад, фикри чандин кас ва нуқтаи назари чандин расонаро дарёбад, то тавонад, он мавзуъро ба сурати васеъ шарҳ диҳад ва барои ин донистани забонҳои хориҷӣ зарур аст.

Зоҳиран, бештари хабарҳоро журналистони ин ду шабака аз шабакаҳои русӣ ва эронӣ мегиранд (ба хотири осонфаҳм будан). Аммо дар ин ҷо ҳам бояд диққати ҷиддӣ дода шавад, ки мо аз он ду манбаъ фақат омор ва ҷузъиёти хабарро гирем, на хабари омодаро. Зеро ба минбари таблиғотии онҳо табдил мешавем. Мусаллам аст, ки ҳар шабака хабару таҳлилро аз диду манофеи худаш омода ва пахш мекунад. Ҳеҷ расонае комилан озоду мустақил нест ва посухгӯи ниёзҳои соҳиби худ аст. Хоҳ соҳибаш давлат бошад, хоҳ шахс ва хоҳ корпорация. Ва хабарро бо назардошти ҳамин ниёзҳо омода мекунад. Пас, бояд кӯшиш шавад, ки журналистони мо аз расонаҳои хориҷӣ фақат омор ва ҷузъиёти хабару тафсирро гирифта, хабару тафсири пахшшавандаро худашон бо риояи манофеи миллӣ ва аз диди худӣ иншо намоянд. Дар ин радиф барномаи таҳлилии «Мо ва минтақа» аз Шабакаи якум метавонад намунаи ибрат бошад. Барнома таҳаввулоти муҳими минтақаи ИДМ ва Эрону Афғонистону Покистонро баррасӣ намуда, низ ба кишварҳое дахл мекунад, ки таҳаввулоташон таъсире ба минтақаи мо доранд. Дар он ровии барнома, ки муаллифи барнома низ ҳаст, аввал маълумоти кӯтоҳе дар бораи рӯйдод медиҳаду сипас гузориши муфассал бо истифодаи аз наворҳои худӣ ё аз шабакаҳои дигар сабтшуда пахш гардида, дар бораи он рӯйдод, пешинаи хабар, заминаҳо, вокунишҳо, нигоҳҳои мухталиф ва ғайра маълумот медиҳад. Он гоҳ худи ровӣ ин ҳамаро ҷамъбаст намуда, таҳлил мекунад ва назаре ба оянда меандозад, нақши Тоҷикистон (агар дошта бошад) ҳатман зикр мешавад, кадом масир ва кадом сиёсат дар он қазия ба нафъи кишвари мост, баён мешавад ва бо ҳамин як бахш комил шуда, ба бахши дигар мегузарад. Дар ҷараёни ин барнома аз нуқтаи назари таҳлилгарони тоҷик ва хориҷӣ ба сурати фаровон истифода мешавад. Нуктаи дигар ин, ки ровӣ дар барномаи «Мо ва минтақа» на барандаест, ки фақат ҳаққи савол додан дорад, балки ҳамчун шореҳи сиёсӣ (ва бо ҳамин навиштаҷот) ба эфир баромада, ҳаққи изҳори назар ва мавзеъгирии муаллифиро барои худаш ҳифз мекунад. Барномаи «Мо ва минтақа»-ро метавон муваффақтарин барномаи Шабакаи якум номид, ки дар сатҳи касбӣ ва баробар бо барномаҳои ҳамсони шабакаҳои маъруфи олам омода мешавад. Аммо шабакаҳои мо ба теъдоди бештари чунин барномаҳо ниёз доранд, ки мутаасифона ҳануз каманд.

а) Набояд телевизион фикр кунад, ки агар ба мавзӯе даст назанад, он мавзӯъ ҳамон тавр пӯшида мемонад. Ин чизҳо дар асри 20 буданд. Ҳоло хеҷ чизро пинҳон карда намешавад. Агар мо нагӯем, дигарҳо мегӯянд ва ҳамон тавре мегуянд, ки худашон мехоҳанд. Бинобар ин, бояд дар ҳама мавзӯъ барнома омода кард. Аз хабаре роҷеъ ба бемории дастаҷамъӣ бар асари заҳролудшавии об ё хӯрок дар як деҳае ё сӯхтор дар бозоре ё ҳодисаи нохуше ва ё боздошти ягон мансабдори сохтори қудратие паҳн шавад, пеш аз ҳама бояд телевизион онро гуфта, сабабҳоро нишон диҳаду аз воҳима пешгирӣ намояд. Дар мо одатан телевизион чизе намегуяд (ба ҷуз ҳамон изҳороти расмии вазорати тандурустӣ ё вазорат корҳои дохилӣ, ки он ҳам хеле дер омода мешавад). Дар натиҷа расонаҳои хориҷӣ чизе хоҳанд мегуянд. Иттилои воқеӣ аз телевизион ё нест ё замоне пахш мешавад, ки гуши мардум аз овоза ё иттилои ғалат пур шудааст ва дигар чизеро қабул надорад. Аммо агар пеш аз ҳама онро аз телевизион пахш кунанд, ҳамон тарзи хабар ва ҳамон тасаввур дар зеҳни мардум мемонаду дигар эҳтимоли дода шуданаш ба овозаҳо камтар мешавад.

б) Дар миёни аксари журналистони телевизионҳои Тоҷикистон телевизионҳои Русия аз эхтироми хоссае бархурдоранд ва журналистони мо кӯшиш мекунад, ки то ҷое ба журналистогни рус пайравӣ намоянд. Дар ҳақиқат ибрат аз телевизионҳои русӣ фақат аз ин назар, ки қариб тамоми барномаҳоящон бо риояи манофеи миллии Русия аст, қобил қабул аст. Аммо аз назари касбият, ҷаззобият, бетарафӣ, таблиғоти ғайримустақим, шарик кардани бинанда дар рафти таҳлил ва ҳаволаи хулосабарорӣ ба худи бинанда, телевизионҳои русӣ аз телевизионҳои ғарбӣ хеле ақиб мемонанд. Масалан, дар телевизионҳои Русия, дар тамоми гузоришҳо аз шимоли Қафқоз, сарбозони русӣ ҳаққанду ҳеҷ хатое аз онҳо сар намезанад, вале дар гузоришҳои телевизионҳои ғарбӣ аз Афғонисону Ироқ, мардуми ин кишварҳо ва ҳатто муборизони мусаллаҳ низ ҳаққи изҳори назар доранд ва иштибоҳи низомиёну давлатмардони Амрико дар ин кишварҳо ошкоро гуфта мешавад. Бинобар ин, бояд дар назар дошт, ки агар ҳадаф пайравию ибрат аст, пас шабакаҳои ғарбӣ ва ҳатто баъзе шабакаҳои олами ислом, монанди «Ал-ҷазира», «Ал-олам», «Пресс-тв» ва ғайра ҳирфаитар ва мунсифонатар аз шабакахои русӣ фаъолият мекунад. Пас, бояд танҳо ба шабакаҳои русӣ маҳдуд нашуда, ба дигар шабакаҳо низ назар карда шавад.

в) Ҳамкории телевизионҳои кишвар бо расонаҳои мустақил қариб, ки вуҷуд надорад. Масалан дар «Ҷаҳоннамо» баррасии матбуоти хориҷӣ ҳаст, аммо баррасии матбуоти дохилӣ нест. Маълум аст, ки телевизион хеле аз масоилро ба хотири риоя кардани равобити дуҷониба бо дигар кишварҳо гуфта наметавонад. Инро борҳо дар муносибат бо Русия ва Узбекистон мебинем. Аммо ҳамон масоилро матбуоти мустақил менависад. Пас, бо баррасии матбуот ва овардани мисол аз саҳифаи ягон рӯзнома, телевизион метавонад аз як тараф паёмашро ба гуши мардум расонад ва аз тарафи дигар, агар он бар зидди манофеи кишваре бошад, сафорати он кишвар ҳеҷ иддаое карда наметавонад. Чунки телевизион метавонад бигуяд, ки ин назари мо набуда, мақолае аз рӯзномае буд, ки дар барноми «Баррасии матбуот» садо дод. Дар айни ҳол шояд бо ин гуна ҳамкорӣ шиддати нобоварӣ миёни расонаҳои давлатию ғайридавлатӣ кам шавад. Дар ҳоли ҳозир ин нобоварӣ хеле зиёд аст. Телевизион дар ягон барномааш сардабирони расонаҳои мустақилро даъват намекунаду ин расонаҳо ҳам ягон бор дар саҳифаҳои худ сухани мусбате дар бораи телевизион наменависанд. Ба ин вазъият бояд хотима дода шавад. Наход миёни ин ду навъи расона (давлатию ғайридавлатӣ) ягон умумияте вуҷуд надошта бошад?

г) Аз чӣ бошад, ки дар телевизионҳои мо шахсони аввали сохторҳо тақрибан баромад намекунанд. Масалан агар хабаре дар бораи баланд шудани нархи истифодаи обу барқ, андози ягон чиз ё ягон нооромӣ дар ягон гӯша паҳн шавад, ё котиби матбуотии сохторҳои марбута ва ё ягон мансабдори сатҳи поин онро дар тв шарҳ медиҳад. Дар шабакаҳои Русия агар роҷеъ ба ягон конференцияи муҳим суҳбат шавад, ҳамон вазире, ки мизбони конференция аст, ба тв омада бо мардум суҳбат мекунад. Ва агар дар кишвар ягон ҳодисаи нохуш шавад, ҳамаи барномаҳои «Ахбор»

бо ҳамон хабар (на бо хабарҳои расмӣ) оғоз шуда, вазирони вазоратҳои дахлдор ба студия меоянд. Дар телевизионҳои мо ин тавр нест. Аммо агар ягон расонаи хориҷӣ ё рӯзномаи мустақил ба вазорат муроҷиат кунад, аксар вақт худи вазир ё муовини аввалаш посух медиҳад. Пас, маълум мешавад, ки роҳбарони сохторҳо телевизиони давлатиро ҷидди намегиранд. Шояд чунин мепиндоранд, ки ин аз худашон асту чи хеле, ки бо он рафтор кунанд, ҳеҷ гап намешавад. Дар ин ҷо ҳам телевизион метавонад аз иқтидораш хуб истифода намояд. Масалан ҳангоми дуздида шудани ду кӯдак дар Душанбе ҳама мехоҳанд аз забони вазири корҳои дохилӣ шунаванд, ки чи гап асту чи чора андешида мешавад. Тв метавонад худи вазир ё муовини аввалашро ба студия даъват кунад. Агар наоянд, баранда дар пахши мустақим бигуяд, ки ин курсии ҷаноби вазир аст, ки холӣ аст. Пас аз ин тамоми мансабдорон ба як занги телефонии телевизион посухи мусбат медиҳанд. Ва дар ин кори телевизион ягон амали зиддидавлатӣ дида нахоҳад шуд. Зеро дақиқан ба хотири ҳифзи манофеи давлат як мансабдорро ҳушёр мекунад, ки вазифаашро хуб анҷом диҳад.

Телевизион диди ҷамъиятӣ ба ҳама масоил аст, пас дар масъалаи сиёсати хориҷӣ ҳам тавре бояд бошад, ки ҳақиқати муносибатҳои давлатро бо дигарҳо инъикос карда тавонад. Маълум, ки пайдо кардани маҳбубияти телевизион аз мӯҳтавои умумии он, ки дархурди дарди бинанда бошад, бармеояд. Вақте, ки телевизион барои ҳар як бинандаи худ мубориза мебарад ва мехоҳад, ки ӯ дар вақти интихоби канали телевизионӣ танҳо шабакаи ӯро интихоб намояд, ҳатман бояд андеша намояд, ки телевизиони вай ба бинанда чӣ чизеро пешниҳод намуда метавонад, ки аз дигарон фарқ кунад. Дар ҳолати ба назар гирифтани пешниҳодҳои болоӣ, ба ҷалби чеҳраҳои гуногуни чӣ сиёсӣ, чӣ фарҳангию донандагони вазъи иқтисодиёти кишвар ҳам телевизиони Шабакаи аввал ва ҳам Ҷаҳоннамо метавонанд дар вақти интихоби бинанда рақобатпазир бошанд. Аммо пахш гардидани барномаҳое, ки ба сиёсати хориҷӣ ва муносибати кишвар ба таҳаввулот дар хориҷи кишвар алоқаманданд, алҳол ҷавобгӯ ба ин талабот нестанд. Махсусан, пайдо кардани манбаи худии иттилоот аз хориҷи кишвар, пайдо кардани шореҳи худӣ, ки вобаста ба ҳаводиси берун аз кишвар, ки аз андешаю мавқеи хосса бархурдор бошад ва ҳамчунин таҳлили ҳодисаҳо ҳамчун нозири беғараз ва ҳақнигор метавонад бинандаро барои интихоби ин каналҳо моил гардонад.

АДАБИЁТ

1. Усмонов И. К. Журналистика (қисми 3). –Душанбе, 2008. –С. 236
2. Усмонов И.К. Воситаҳои ахбори омма ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, 2003.- 64 с.
3. Усмонов И. К. Журналистика. -Душанбе, 2008. қ.3. -447с.
4. 3. Нуралиев А. Саъдуллоев А. Усмонов И. Гулмуродов У. Журналистикаи советии тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1989. -147 с.
5. Кузнецов Г.В. ТВ-Журналистика: Критерии профессионализма. –М., 2003. –С. 125
6. www.1 tv.com
7. www.jahonnamo.tj
8. www.google.com

ПУТИ ОСВЕЩЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА В ПРОГРАММАХ ТЕЛЕВИДЕНИЯ

Статья анализирует пути освещения международной политики Таджикистана в программах таджикского телевидения. В данной статье телевидение рассматривается как выражение общественного мнения на проблему и отображает взаимоотношение государства с другими странами. Также, в статье рассмотрены пути вхождения источника информации из-за рубежа, нахождения своего репортёра , который бы имел полную информацию о стране, умел анализировать происходящие события за пределами страны и анализировать суть происходящего как беспристрастный журналист.

Ключивые слова: телевидение, журналист, прогамма, комментарий, телезритель, средство информации, политика, мера.

THE WAYS OF RESECTION THE FOREIGN POLICY OF TAJIKISTAN IN THE TV PROGRAMS

In the article discuss the ways of the reflection foreign policy of Tajikistan in the Tajik televisions. In this article the television seen as the social vision and discussed how to broadcast the relation of the state with other countries. Also on it researched how to find the domestic informational resource from foreign country, find domestic

commentator who aware regard to events abroad of the country, from opinions and special status and can analyze the events as impartial and realist observer.

Key words: television, journalist, program, comments, audience, informational source, policy, standard.

Сведения об авторе: ***Барно Сохибова*** - аспирантка кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **93 557 33 11**

МОНИТОРИНГИ ҷАМЪБАСТИИ ШӮРОИ ВАО ВА БАРХӮРДҲО БА ОН

Х.У. Раҳимҷонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имкониятҳо барои озод будан ва озодона фаъолият кардани воситаҳои ахбори омма бар он боис гардида, ки дарки масъулияти озодии сухан ба миён ояд. “Таҷрибаи рушди озодии баён дар ҷаҳон муҳиммияти риояи одоби нигорандагиро дар баробари омилҳои ҳуқуқии фаъолияти журналистӣ исбот кардааст.” [***1. 53]***

Дар Тоҷикистон низ ба масъалаи худтанзимкунии ВАО таваҷҷуҳ зиёд аст, зеро онро василаи ҳифзи мустақилияти шахсиву шарафи касбӣ медонанд.

Шӯрои ВАО – и Тоҷикистон, ки ҳамчун ниҳоди ҷамъиятии худтанзимкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбор амал мекунад, 30 октябри соли 2009 таъсис ёфтааст. Конфронси муассисон низомномаи Шӯроро тасдиқ намуда, онро ҳамчун “мақоми ҷамъиятӣ, мустақил, машваратӣ ва худтанзимкунандаи ВАО” муаррифӣ карда, рисолати Шӯроро дар қабул, баррасӣ ва натиҷагирӣ аз шикоятҳое донистааст, ки ба риояи одоби касбии журналистон тааллуқ доранд.

Ҳамчунин, тибқи низомнома “Шӯро ҳуқуқи шарҳу тафсири расмии “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон”-ро дорад. Ҳар шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки қазия ба ӯ дахл дорад, ба Шӯро бо ариза мурочиат карда метавонад. Инчунин Шӯро метавонад бо ташаббуси худ барои баррасӣ масъала ба миён гузорад. Шӯро воситаҳои ахбори омма ва журналистонеро, ки Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистонро эътироф мекунанд, сарфи назар аз он ки дар ВАО-и ҳукуматӣ, хусусӣ, ҳизбӣ фаъолият доранд ё журналисти мустақил мебошанд, муттаҳид мекунад.

Шӯрои ВАО татбиқи Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистиро таъмин намуда, маводро оид ба баҳс миёни ВАО ва ҷомеа, мақомоти ҳокимият, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ, аз ҷумла моҷарои касбии миёни рӯзноманигорон, ки ба масъалаҳои одоби касбӣ дахл мекунад, баррасӣ мекунад”. [***4].*** Мувофиқи оинномаи фаъолият, Шӯрои ВАО барои баррасии вазъи риояи “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” баргузории мониторингҳоеро ба роҳ монд. Ин ташаббус дар ибтидо натиҷаи хубе дод ва тавре раиси Шӯрои ВАО – и Тоҷикистон Қироншоҳ Шарифзода дар ҷаласаи ҷамъбастии соли 2013 иброз дошт, мониторингҳои Шӯро василае гардидаанд, ки раиси Шӯрои муассисони ҳафтаномаи “Нигоҳ” Саймиддин Дӯстов тасмими пайвастан ба узвияти Шӯроро бигирад.

Аз баррасии чанд мониторинги Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон ба натиҷае расидан мумкин аст, ки онҳо то андозае муваффақ будаанд, ҳарчанд ба таври мукаммал матлабҳои нашрияҳоро таҳқиқ накарда бошанд ҳам, мушаххасан мӯҳтавои онҳоро зикр намудаанд. Муайян кардан душвор нест, ки кадом нашрия дар риояи меъёрҳои ахлоқӣ комёб будааст. Ин нукта низ боиси зикр аст, ки на ҳама нашрияҳо ба баррасӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар мониторингҳои қаблӣ омодасозон бар он кӯшидаанд, ки баробари баррасии матлабҳо ба кормандони нашрияҳо тавсия диҳанд, вале мониторинги ҷамъбастие, ки боиси баҳсу мунозираҳо гардид, хусусияти дигаре дорад. Дар мониторинг кӯшиши ба гурӯҳҳо тақсим намудани нашрияҳо сурат гирифтааст, ки ин амал аз ҷониби аксарият ҳамчун тафриқаандозӣ арзёбӣ гардид.

24 январи соли 2014 оҷонсии иттилоотии TojNews хабар дод, ки Шӯрои ВаО натиҷаи мониторингеро, ки 43 нашрияи чопӣ ва 10 нашрияҳои электронӣ (интернетӣ)-и ҳукуматӣ (давлатӣ), ҷамъиятӣ, ҳизбӣ ва хусусиро пайгирӣ мекард, нашр намуд.

Муаллифони ин мониторинг навиштаанд: "аксари ВАО-и «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон»-ро эътироф карда, дар риояи меъёрҳои касбӣ бе тафовут ҳастанд.

Рӯзномаву ҳафтанома ва маҷаллаҳои кишвар ҳангоми инъикоси ҳодисаву воқеаҳо, ахбору гузоришҳо бинобар ба эътибор нагирифтани Одобномаи касбии худ ба камбудиҳо, аз қабили мавриди санҷиш қарор надодани мавод, бидуни таҳрир рӯи чоп овардани ахбор, дарки касбият накардани нигорандагон, риоя накардани ҳамрайъии касбӣ, паст задани шаъну шараф, фош кардани шахсияти ноболиғ, нодида гирифтани иффат ва фарҳангӣ миллӣ, таблиғи фисқу фуҷур, асардуздӣ, беэътиборӣ дар нисбати сарчашмаи иттилоот, сареҳияти ахбор, таърифи ноҷо, хатоҳои забониву имлоӣ ва амсоли инҳо, роҳ додаанд".

Муаллифони мониторинг ВАО-и кишварро чунин табақабандӣ кардаанд:

1. ВАО-и солим, ки бо назардошти «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» амал мекунанд: («Нигоҳ», «Рӯзгор», «Фараж», «Озодагон», «Адабиёт ва санъат», «Азия-плюс», маҷаллаҳои «Бонувон», «Чашма», «Навниҳол» ва ғ.);

2. ВАО-и калаванда, ки гоҳо рӯ ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ меоваранду гоҳе аз он берун мераванд (рӯзномаҳои «Садои мардум», «Народная газета», «Имрӯз-News», ҳафтаномаҳои «Минбари халқ», «Тоҷикистон», «Чархи гардун», «СССР», «Миллат», «Ману ту»);

3. ВАО-и носолим, ки ғутавари фисқу фуҷур, фаҳш ва пастзанандаи шаъну шараф ва ҳайсиятанд (аз қабили рӯзномаи «Ҷумҳурият», ҳафтаномаҳои «Оила», «Муҳаббат ва оила», «Зан ва мард» ва амсоли инҳо).

Ин мониторинги Шӯрои ВАО баҳсҳои зиёдеро ба миён овард. Хабаргузории ТоҷNews ҳатто бо сарлавҳаи “Шӯрои ВАО дар маркази моҷарои журналистӣ” гузориши муфассалеро нашр намуд. Сомонаҳои радиои Озодӣ ва хабаргузории “”Озодагон” низ ба масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, ҷараёни онро пайгирӣ кардаанд; аз нигаронии сардабирони нашрияҳо то ақидаи соҳибназарону бахшиш пурсидани раиси Шӯрои ВАО ҳамчун масъули мониторинг.

Роҳбарони рӯзномаҳои “Имрӯз-News” ва “Ҷумҳурият” аз он ки ҳамчун рӯзномаҳои калаванда ва носолим арзёбӣ гардидаанд, изҳори нигаронӣ карда, бо мактуби расмӣ ба унвонии раиси Шӯро муроҷиат намуда, хостаанд то ин изҳороти худро шарҳ бидиҳад, ки дар кадом асос онҳоро калаванда ва носолим номидааст.

Чунин эътироз аз ҷониби сардабирони нашрияҳои “Миллат” ва “СССР” низ садо дод; Адолати Мирзо, сармуҳаррири ҳафтаномаи “Миллат” ва Сайёфи Мизроб, сардабири ҳафтаномаи “СССР” изҳор доштанд, ки аз рӯйи меъёри ахлоқ, Шӯро барои мавриди баррасӣ қарор додани нашрияҳои онҳо ҳақ надошт, зеро эшон узвияти Шӯроро напазируфтаанд. Адолати Мирзо ҳамчунин, илова намудааст, ки дар ҳоли ба қазияи судӣ гирифтор будани “Миллат” Шӯрои ВАО ҳеҷ дахле накардааст, ҳарчанд онҳо расман муроҷиат кардаанд. Сайёфи Мизроб бо лаҳни дурушт таъкид кардааст, ки шӯро рисолати худро намедонад ва ин натиҷагирӣ низ ба низомномаи он мухолиф аст, зеро аъзои шӯро аз мониторинг хабар надоштаанд.

Акбаралӣ Сатторов, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва роҳбари ширкати “Чархи гардун”, ки узви Шӯрои ВАО низ ҳаст, дар сӯҳбат бо радиои Озодӣ ин мониторинги Шӯрои ВАО –ро тафриқаандозӣ миёни журналистони тоҷик номида, изҳор доштааст, ки шӯро ҳарчанд ҳуқуқи баргузор намудани мониторингро дорост, вале ҳуқуқи маънавии тақсим кардани нашрияҳо ба солиму носолимро, ки дар натиҷа миёни журналистон норозигиву беэътимодиро ба вуҷуд овардааст, надорад.

Профессор Иброҳим Усмонов низ, ки раиси нахустини Шӯрои ВАО буд, ба баргузории мониторингҳо мухолифат надорад, вале ба чунин ҷудокунӣ мувофиқ нест: «Таҳқиқ дар ин замина кори хуб аст, зеро кори расонаҳоро беҳтар мекунад. Аммо онро бояд на аз рӯи рӯзнома, балки аз рӯи матлабҳо ё муаллифон раддабандӣ мекарданд. Ҳарчанд Шӯрои ВАО ин матолибро дар даст дорад, аммо як рӯзномаро намешавад солим ё носолим гуфт, зеро ҳар як рӯзнома хусусияти худро дорад. Табиист, ки онҳо норозӣ мешаванд.»

Сангин Гулов, мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ доир ба ин мониторинг изҳори назар карда, тазаккур додааст, ки расонаҳо ба умқи масъала ворид нагардида, ба он сатҳӣ муносибат карданд. Аз як тараф, онҳо ба чунин муносибат ҳақ доштанд, зеро тақсимот нодуруст буд; аз номи "табақаҳо" барои эътироз сабаб ба миён меомад.

Шӯрои ВАО дар маркази моҷарои журналистӣ то он замоне қарор дошт, ки раиси Шӯро Қироншоҳ Шарифзода дар ҷаласаи васеъ аз сардабирони рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Имрӯз News" узр пурсид.

Дар ин ҷаласа, тавре сомонаи радиои "Озодӣ" хабар медиҳад, хулосаи аксарият яксон будааст; мониторинги Шӯрои ВАО кори дуруст аст, вале табақабандӣ қобили қабул нест. Даъвогар, муассиси рӯзномаи "Имрӯз News" Рустами Ҷонӣ низ ҳамин ақидаро тарафдорӣ кардааст: «Қонуни мониторинг ин аст, ки зуҳуротро пайгирӣ мекунад. Мо аз баҳогузорӣ норозӣ будем ва ин норозигии худро ба аъзои Шӯро расонидем. Хушбахтона, ин даъвои мо асоснок пиндошта шуд ва ба таври расмӣ узрро қабул кардем».

Ба назари мо, аз мониторинги Шӯрои ВАО ва баҳсҳо атрофи он бори дигар ба натиҷае расидан мумкин аст, ки масъалаи муносибат бо меъёрҳои ахлоқӣ ниҳоят нозук аст; Шӯрои ВАО, ки ҳамчун ниҳоди худтанзимкунӣ муаррифӣ мешавад, аз камтаваҷҷӯҳӣ ва сарфи назарнамоӣ нисбат ба меъёрҳои ахлоқи касбӣ худ ба бӯҳрони ахлоқӣ дучор гардид.

Ба бӯҳрони ахлоқӣ гирифтор гардидани Шӯро ба фаъолияти минбаъдаи он таъсири амиқи худро мегузорад. Ба роҳбарияти Шӯро маълум аст, ки дар чӣ гуна шароит ва бо чӣ қадар баррасиҳо баъд натиҷаи ниҳоӣ – таъсиси ниҳоде чун василаи худтанзимкунӣ ҳосил гардид. Аз ин рӯ, ба назари мо, риояи комили "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон", ки Шӯро назорати иҷрои онро бар дӯш дорад, метавонад на танҳо барои дучор нагардидан ба мушкилоти ахлоқӣ, балки тарғиби ин меъёрҳо мусоидат кунад, зеро дар ин мониторинги баҳсбарангез чанд муқаррароти меъёрҳо сарфи назар гардида буд.

Он ақидаи профессор И. Усмоновро ҷонибдорӣ мекунем, ки наметавон як нашрияро ба таври мушаххас солим ё носолим номид, зеро дар ин сурат махсусияти онро нодида бояд гирифт. Дар баробари ин, аз нигоҳи ахлоқ, ҳеҷ гоҳ ҳукм намудан имкон надорад, ки ин гуна ва ё он гуна аст, аз ин рӯ, хулосаи қатъӣ баровардан номумкин аст. Чунин амал, ба назари мо, боиси адами эътимод хоҳад шуд.

АДАБИЁТ

1. Замони муосир ва журналистика.- Душанбе, 2011.- 166 с.
2. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон.- Душанбе, 2009
3. Лазутина Г.В. Профессиональная этика журналиста. – М., 2000.- 208 с.
4. Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон. – Душанбе, 2009

Сомонаҳо:www.odob.tj; www.ozodi.org; www.tojnews.org; www.khatlonpress.tj

СВОДНЫЙ МОНИТОРИНГ СОВЕТА ПО СМИ И СТОЛКНОВЕНИЯ НА НЕГО

В статье был рассмотрен сводный мониторинг Совета по СМИ Таджикистана. Совет по СМИ является саморегулируемой организацией. Совет также наблюдает состояние соблюдения профессиональных этических норм журналиста. Сводный мониторинг Совета по СМИ нарушает этические нормы. Такие нарушения дают повод спорам, недовольствию и беспокойству журналистов, главных редакторов и учредителей. Автор в данной статье подчеркивает эти нарушения и призывает к соблюдению нравственных норм журналистики и быть осторожными в своих действиях.

Ключевые слова: журналистика, журналист, Совет по СМИ, мониторинг, беспокойство, столкновение, нравственный кризис, указание, возражение, разделение, единомыслие.

MONITORING COUNCIL FOR MASS MEDIA AND COLLISION ON IT

In article summary monitoring Council for mass media of Tajikistan was considered. Council for mass media is the self-regulated organization. Council also to observe a state observance professionalbny ethical standards of the journalist. In summary monitoring Council for mass media the journalism breaks ethical standards. Such violations gives a reason of disputes, not allowance and concerns of journalists, and editors-in-chief. The author in the statyakh about these violations emphasizes moral journalistic norms, on it it is necessary to work very carefully in the deysviyakh. Council for mass media when controls about morals and ethics of the journalist, has no right to allow omission.

Key words: journalism, journalist, Council for mass media, monitoring, concern, collision, moral crisis, instruction, objection, division, agreement of opinion.

Сведения об авторе: ***Рахимджонов Х.У.*** **–** аспирант кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **93-489-26-56**, E-mail: **khushdil_09@list.ru**

ИНЪИКОСИ 20-СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР РАДИОИ ТОҶИКИСТОН

Бахтовар Каримов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба назари ҳуқуқшиносони варзидаи кишвар Фозил Тоҳиров ва Халифабобо Ҳомидов, «қабули Сарқонуни мулк ҳам сарағози таърихи навини давлат ва ҳам рӯйи кор омадани равобити иҷтимоии ҷадид» [8,4]-и кишвари соҳиҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Бинобар ин, қабули ин санади сарнавиштсозро сиёсатшиносони кишвар ҳамчун «оинаи таҳаввулоти Тоҷикистон» [8. 3] баҳо додаанд. Ин маънӣ тавассути барномаҳои Радиои Тоҷикистон пайваста ифода шудааст. Радиои Тоҷикистон дар муаррифии Ҳукумати конститутсионӣ ва умуман, дар тарғиби дастовардҳои Давлати соҳибистиқлол ва Ҳукумати Тоҷикистон нақши беназир дорад. Ин расонаи хабарӣ дар фазои иттилоотии кишвари Тоҷикистон ягонаи шабакаи сартосарӣ ва неруманд аст, ки аз арзишҳои миллӣ пуштибонӣ намуда, муҳимтарин рӯйдодҳои таърихии даврони истиқлолияти миллӣ ба мардуми кишвар маҳз тавассути ҳамин шабака расонда шудааст. Мардуми кишвар дар бораи ба тасвиб расидани Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин маротиба тавассути барномаи иттилоотии «Ахбор» [13. 95]-и ҳамин шабака огоҳ шуда буданд. Муҳимтарин воқеоти сиёсии дигари давр, бахусус баргузории Иҷлосияи ХУ1-уми Шӯрои Олӣ ва баимзо расидани Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои мардуми тоҷик аз рӯйдодҳои пуразрзише ҳастанд, ки аз замони сурат гирифтан то инҷониб инъикоси ҳамаҷонибаи худро тавассути барномаҳои ҳам иттилоотиву таҳлилӣ ва ҳам фарҳангиву фароғатии Радиои Тоҷикистон ёфтаанд. Қабули Сарқонуни нави кишвар дар таърихи 6-уми ноябри соли 1994 низ яке аз рӯйдодҳои дигари барои мардуми Тоҷикистон муҳим мебошад. Ин сана ва ҳуҷҷати муҳим барои кулли кормандони шабака як воқеаи муҳим ва фараҳбахш ба шумор меравад. Зеро Сарқонун ҳукумати конститутсиониро дар кишвар дубора эҳё намуда, ба вахдати миллии тоҷикон замина гузошта, дар кишвар шароити боэътимоди ҳуқуқиву қонуниро фароҳам овард. Ин маънӣ дар барномаи «Сӯҳбат дар мавзӯи муҳим» аз Радиои Тоҷикиситон 6-уми ноябри соли 2013 аз тарафи муаллиф чунин баҳо дода мешавад: «Сарқонун василаест, ки фаъолиятҳои сиёсӣ ва раванди ташаккули ҳар як миллатро ба ҳукми қонун медарорад. Дар ҷаҳон давлату миллатҳо зиёданд. Ҳар яки онҳо ба худ урфу одатҳо доранд. Вале дар маҷмуъ ҷомеаи башарӣ ба як чаҳорчӯбаи муайяни қонун ниёз дорад. Агар ба таври дигар гӯем, Конститутсия роҳи минбаъдаи ташаккули ҳар як давлтро муайян мекунад. Қабл аз ҳама Сарқонун бо рушди мунтазами устувори институтҳои базавии демократӣ мусоидат намуд. Аз ин нигоҳ дар Сарқонуни кишвари мо ба интихоботи озоду

шафоф, интихобӣ будани шахси мансабдор озодии афкор, дастрасӣ ба сарчашмаҳои алтернативии иттилоот, ҳуқуқҳои умумишаҳрвандӣ, мухторияти ассотсиатсияҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ афзалият дода мешавад. Ғайр аз ин ҳуқуқҳои асосӣ, мувозинати манфиатҳо, ҳисоботдиҳӣ, идоракунии пурсамар, баровардани қарорҳои босалоҳият, шаффофият ва ошкорбаёнӣ, дарҷ шудаанд» [4].

Барномаҳои Радиои Тоҷикистонро, ки бахшида ба 20-умин солгарди рӯзи қабули Конститусия таҳия шудаанд, вобаста ба характеру хусусият, шаклу мазмун ва мундариҷаву мӯҳтавояшон метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Барномаҳои маъмулии радио. Ин гурӯҳи гуфторҳои радиоӣ барномаҳои доимӣ буда, танҳо дар рӯзи иду санаҳои муҳими кишвар рӯҳияи идона касб менамоянд. Ба ин гурӯҳ метавон аз ҷумла барномаҳои «Сӯҳбат дар мавзӯи муҳим» [4], «Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон» [6], «Тафсири рӯз» [5] ва амсоли инро номбар намуд. Ин гуна барномаҳо ҳамасола бахшида ба рӯзи қабули Конститутсия таҳия мешаванд;

2. Барномаҳои махсус. Ин гурӯҳи вижаи гуфторҳои радиоӣ мебошанд, ки танҳо як маротиба, дар рӯзи ин ё он санаи таърихӣ ва муҳими кишвар таҳия мешаванд. Чунончи, соли 2009 бахшида ба 15-солагии қабули Сарқонуни Тоҷикистон, бо номи зебову арзандаи «Бахтномаи мо» радиофилмӣ 7-сериягӣ дар ҳаҷмӣ 5 соату 25 дақиқа таҳия гашта буд [10]. Бо ҳамин ном соли 2010 радиофилми 2-сериягӣ дар ҳаҷми 2 соат [11] ва соли 2011 таҳти унвони «Бахтномаи мо» радиофилми 5-сериягии идона дар ҳаҷми 4 соату 16 дақиқа омода шудааст [12]. Хусусияти асосии ин радиофилмҳо дар он аст, ки замон ва шароити қабули Сарқонуни Тоҷикистони навинро бо тамоми нозукиҳояш ва нақши онро дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ барои шунаванда пурраву ҳамаҷониба шарҳу тафсир мекунад.

Аз аввали соли равон (соли 2014) ба муносибати 20-солагии Конститутсия мамлакат ва ботантанаву пуршукӯҳ истиқбол намудани ин санаи барои кишвари Тоҷикистон муҳим тавассути шабакаҳои Радиои Тоҷикистон – «Овози тоҷик», «Фарҳанг», «Садои Душанбе» ва шабакаи «Тоҷикистон» нақшаи барномаҳои доимӣ таҳия гардидааст, ки вижагиҳои хоси Сарқонуни миллатро барои шунавандаи Радиои Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Дар давоми моҳҳои сипаришудаи соли равон тавассути «Бахши хабарӣ»-и шабакаи «Овози тоҷик», барномаҳои «Навид», «Ганҷинаи ҷовид», «Садои андеша» ва «Фарҳангӣ завқ» аз шабакаи «Фарҳанг», дар барномаҳои «20 авроқи адолат» моҳе ду маротиба, «Эй Ватан, обод бош!», «Андеша», «Ҳуқуқи инсон» бо забони русӣ ва барномаи таҳлилии «Мавқеъ»-и шабакаи «Садои душанбе» ва тавассути идораҳои шабакаи «Тоҷикистон» аз баргузор шудани нишасту конфронсҳои илмиву амалӣ бахшида ба 20-солагии Сарқонуни мулк дар вазорату кумитаҳо ва муассисаву идораҳои гуногуни давлатӣ, хубару гузориш, шарҳу мусоҳибаҳо, гуфтору барномаҳои ихтисосӣ пайваста пешниҳоди шунаванда мешуд. Чунончи, аз аввали соли равон бахшида ба 20-умин солгарди рӯзи қабули Сарқонуни кишвар барномаҳои «Ахбор», «Тафсири рӯз», «Қонун ва ҷомеа», «Амал», «Бахтнома», «Нидои бедорӣ», «Роҳнамои зиндагӣ», «Дарки ҳуқуқӣ-кафили хушбахтӣ» таҳия гаштааст, ки аз чорабиниҳои бахшида ба ин сана доиргардида ба шунавандагон иттилоъ медод ва паҳлуҳои гуногуни ин ҳуҷҷати барои мардуми тоҷик сарнавиштсозро шарҳу тафсир мекард.

Тавассути барномаҳои шабакаву идораҳои Радиои Тоҷикистон ҳуқуқшиносони варзида, мутахассисони соҳа, масъулини ташкилоту идораҳои марбутаи кишвар – академик Тоҳир Фозилов, профессор Тақдиршо Шарифов, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Дилшод Муллоев, Зариф Ализода, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон, Фаррух Абдуқодиров, муовини прокурори ноҳия Синои шаҳои Душанбе, Тоҳирбек Тошбеков, судияи Суди шаҳри Душанбе, Сайдамир Вализода, омӯзгори собиқадори соҳа ва дигарон, аз 10 то 45 дақиқа ибрози назар намуда

буданд. Дар барномаи «Қонун ва ҷомеа» [3] раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Наим Мансуров перомуни «Конститутсия – ҳуққати тақдирсоз» ибрози назар намудааст, ки Сарқонун Тоҷикистонро ҳамчун кишвари мустақилу озод муаарриф̄ намуда, асоси сохтории онро бар пояи принсипҳои «давлати соҳибихтиёр, демократ̄, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона» [9. 3] ба оламиён мешиносонад. Мизи гирди барномаи «Афкор» [2], ки дар он вакилони Маҷлиси намояндагон Исмоил Талбаков, Сафаралӣ Гулов, донишманди маъруфи тоҷик Тоҳир Фозилов иштирок намуданд, доир ба риояи меъёрҳои конститутсионӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳар шаҳрванд изҳори андеша намуданд.

Вазири адлия Рустам Менглиев ва директори Маркази миллии қонунгузор̄ Маҳмад Раҳимов дар барномаи «Андеша» [1] -и шабакаи «Садои Душанбе» роҷеъ ба волоияти Қонун ва омодагиҳо ба ҷашни 20-солагии Конститутсия андешаҳои ҷолиб баён намуданд.

Доир ба 20-солагии Сарқонун дар шабакаи «Тоҷикистон», тавассути барномаҳои «Парламент», «Қонун ва ҷомеа», «Сӯҳбат дар мавзӯи муҳим», «Олами иқтисод» ва «Тафсири рӯз» шарҳу суҳбатҳои пурмуҳтаво бо вакилони Маҷлиси намояндагон Маҳмадалӣ Ватанов, Насрулло Маҳмудов, Исмоил Талбаков, Сафаралӣ Гулов, Шарофиддин Сироҷов, Мунаввара Кенҷаева, вазири адлия Рустам Менглиев, прокурори генералӣ Шерхон Салимзода, раиси Суди Олии иқтисодӣ Наим Мансуров, директории Маркази миллии қонунгузор̄ М. Раҳимов, раиси Суди конститутсионӣ М. Маҳмудов, раиси Суди Олӣ Н. Абдуллоев, академик Тоҳир Фозилов ва профессор Тақдиршо Шарифов пешниҳоди шунаванда шуда буд. Дар барномаҳо иштирокчиён роҷеъ ба меъёрҳои конститутсионӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мутобиқ намудани меъёрҳои қонунҳои ҷумҳур̄ ба Сарқонун, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Сарқонун дар солҳои 1999 ва 2003, инчунин дигар моддаҳои он, ки барои шаҳрвандони кишвар тамоми ҳуқуқу озодиҳоро фароҳам намудааст, мулоҳизаронӣ шуд. Мусоҳибон ҳамаг̄ таъкид бар он доштанд, ки, дар ҳақиқат, Сарқонуни Тоҷикистон яке аз 5 сарқонунҳои беҳтарини дунё аз нигоҳи фароҳам намудани озодии зиндаг̄ ва кору фаъолият ба шумор меравад.

Ба қавли мусоҳибони барномаҳои Радиои Тоҷикистон, имрӯз бо итминони комил гуфта метавонем, ки Конститутсияи мо барои ифодаи ҳадаф, рушду такомули давлату давлатдории навини миллӣ омили асос̄ гардида, дар дигаргунсозиҳои бунёдии тамоми муносибатҳои сиёсиву иқтисод̄ ва иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон нақши муайянкунанда дорад. Зеро он ба ҳуқуқу озодиҳои инсон кафолат дода, асосҳои сохти ҷамъият̄, шакли идоракун̄ ва ташкили ҳудуди давлат, асосҳои таъсиси мақомоти марказ̄ ва маҳаллии ҳокимияти давлат̄, салоҳият ва муносибати онҳоро муайян менамоянд. Дар қонуни асосии мо ин масъалаҳо бо назардошти хусусиятҳои сиёсиву иқтисод̄, иҷтимоиву фарҳанг̄ , давлативу ҳуқуқ̄ , милливу таърих̄ ва анъанаву суннатҳои мардуми кишварамон дарҷ ёфтаанд. Аз ин ҷиҳат Конститутсияи мо санади ифодакунанда ва ҷавобии ормону орзӯи халқи Тоҷикистон аст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки дар шабака ва гуфтору барномаҳои Радиои Тоҷикистон Сарқонуни кишвар чун паёми рӯҳи бешикасту озодипарасти миллати тоҷик ба мардумони дунё, ки ба қавли муаллифони барномаҳо ин рӯҳия аз Истиқлолияти давлатии мо бозгӯй̄ мекунад, инъикоси равшану фаррохи худро ёфта, нақши ин шабакаҳои радиоии кишвар дар муқоиса бо дигар расонаҳои хабар̄, дар муаррифии Ҳукумати конститутсионӣ нақши беҳамто дорад. Дар барномаҳои Радиои Тоҷикистон Конститутсияи кишвар маҷмӯи ормону ниятҳои ниёкон ва дастури кору зиндагии наслҳои имрӯзу фардои миллати мутамаддини тоҷик талаққ̄ мешавад. Ба андешаи муаллифони барномаҳо, Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол қавлу қасами миллати тоҷик дар назди худ ва аҳли ҷаҳон барои бунёди давлати демократии

дунявӣ ва ҷомеаи озоди шаҳрвандӣ аст. Рӯзи қабули Сарқонуни кишвар барои кормандони Радиои Тоҷикистон идест «бошукӯҳ, иди бахтномаи миллати тоҷик, заминаи Ваҳдати миллӣ, иде, ки қонуну қонуният тантана намуд» [10. Қисми 7].

Сарқонуне, ки ҳокимияти давлатии моро аз ҳалқаи раҳгумиву беҳаракатӣ ба шоҳроҳи мушаххаси фаъолиятмандӣ кашида, якпорчагии ҷомиъаи парешонамонро таъмин намуд, сабақи бештари омӯзанда ва арҷгузоришавандаро доро буда, тавассути тамоми шаклҳои барномасозӣ дар шабакаҳои Радиои Тоҷикистон ва дигар воситаҳои таблиғи оммавӣ, пайваста ба роҳ мондани шарҳу тафсир доир ба моҳияти ин ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат ва ба насли ҷавони кишвар фаҳмондани он ба манфиати кор аст, то 20-умин солгарди қабули ин санад бошукӯҳу арзанда таҷлил гардида бошад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи «Андеша».// Радиои «Садои Душанбе».-2014. 02-феврал.
2. Барномаи «Афкор».// Радиои Тоҷикистон.-2014. 07-март.
3. Барномаи «Қонун ва ҷомеа».// Радиои Тоҷикистон.-2012. 01-ноябр.
4. Барномаи «Сӯҳбат дар мавзӯи муҳим».// Радиои Тоҷикистон.-2013. 06-ноябр.
5. Барномаи «Тафсири рӯз».// Радиои Тоҷикистон.-2014. 26-феврал.
6. Барномаи «Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон».// Радиои Тоҷикистон.-2008. 04-ноябр.
7. Достиев А. Аз худ натвон гурехтан. – Душанбе., 2001.
8. Достиев А. Сарқонуни нав – ойинаи таҳаввулоти Тоҷикистон. – М., 1997.
9. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе., 2003.
10. Радиофилми «Бахтномаи мо».// Радиои Тоҷикистон.-2009. 6-ноябр. Иборат аз 7 қисм. Ҳаҷм 5,25 соат.
11. Радиофилми «Бахтномаи мо».// Радиои Тоҷикистон.-2010. 6-ноябр. Иборат аз 2 қисм. Ҳаҷм 2 соат.
12. Радиофилми «Бахтномаи мо».// Радиои Тоҷикистон.-2011. 6-ноябр. Иборат аз 5 қисм. Ҳаҷм 4,1666667 соат.
13. Хоҷазод С. Махсусияти жанрҳои Радиои Тоҷикистон. – Душанбе., 2010.

ОСВЕЩЕНИЕ 20-ЛЕТИЯ КОНСТИТУЦИИ В РАДИО ТАДЖИКИСТАН

Конституция является зеркалом всех преобразований в Таджикистане. В данной статье автор подчеркивает, что в деле свободного и широкого распространения информации о конституционном строе, о достижениях независимого государства Радио Таджикистан играет огромную роль. По мнению авторов программ, Конституция независимого Таджикистана влияет на духовное развитие общества, социальную стабильность и на развитие свободного гражданского общества.

Ключевые слова: независимое государство, Конституция Таджикистана, о вкладе Радио Таджикистана, программа, радиофильм, законное основание национального единства, источник законов, зеркало всех преобразований в Таджикистане, основа возрождения демократического светского государства и гражданского общества.

ABOUT THE CONTRIBUTION OF RADIO OF TAJIKISTAN IN OSVESHCHANIYA AND IN ACQUAINTANCE OF THE CONSTITUTIONAL GOVERNMENT

The constitution is a mirror of all transformation in Tajikistan. In this article the author emphasizes that in interests of a free and wide dissemination of information on the constitutional system, about achievements of the independent state of Radio of Tajikistan plays huge role. According to authors of programs, the Constitution of independent Tajikistan influences spiritual development of society, social stability and development of free civil society.

Key words: The independent state, the Constitution of Tajikistan, about a contribution of Radio of Tajikistan, the program, the radio movie, the lawful basis of national unity, a source of laws, a mirror of all transformation in Tajikistan, a basis of revival of the democratic secular state and civil society.

Сведения об авторе: ***Бахтовар Каримов*** - аспирант кафедры ТВ и радиовещания ТНУ.
Телефон: **901-06-41-10.** E-mail: **kbaxtovar@mail.ru**

ТАҲЛИЛИ ЭССЕ ҲАМЧУН ЖАНРИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР ДАРСҲОИ АМАЛӢ (ДАР МИСОЛИ ЭССЕҲОИ А.САМАДОВ)

Насиба Кӯчарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Эссе аз навъҳои маъмули жанрҳои публитсистӣ ба шумор меравад ва хусусияти асосии он озодии баён мебошад. Бинобар ин жанри мазкур танҳо ба публитсистика хос нест. «Эссе, - гуфта шудааст дар Советский энциклопедический словарь, - жанри фалсафӣ, эстетикӣ, адабӣ – танқидӣ, адабиёти бадеӣ ва публитсистӣ буда, мувофиқати мавқеи индивидуалии муаллифро ба сухани озод, баъзан бо ифодаи ғайриодии ба забони зинда майлдошта дар назар дорад» [5].

Унсурҳои эссе ҳанӯз дар осори файласуфони Юнони қадим, мутафаккирони чинӣ ва ҷопонӣ вуҷуд дошта бошад ҳам, аввалин маротиба калимаи «эссе» дар «Таҷриба» ном асари файласуф ва адиби барҷастаи фаронсавӣ Мишел де Монтен (1533 - 1592) истифода шудааст. Адиби фаронсавӣ китоби машҳураш «Таҷриба»-ро бо усули мулоҳизаҳои адабию фалсафӣ иншо карда, дар он воқеаи мушаххаси гузаштаю замони зисташро тасвир мекард, хулқу атвори одамони гуногун, маданияти муҳитро ба тасвир гирифта, навиштаҳояшро «Эссе» (таҷриба) номида буд.

Ба андешаи муҳаққиқон, эссе дар адабиёти тоҷик аз солҳои шастуми асри XX ба расмият даромад ва аввалин нависандае, ки қисмате аз таълифоташро зери сарлавҳаи эссе дар маҷмӯаи «Дӯстон тоҷи сар» ба хонанда пешкаш намуд, Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад. «Илҳом», «Мирзомуаллим», «Баракат ба коратон» ном асарҳои Ф.Муҳаммадиев чун беҳтарин эссеҳо дар насри муосири тоҷик шинохта шудаанд.

Азбаски эссе дар баъзе ҳолатҳо ба ҳикоя, новелла ва очерк монандӣ дорад, он олимонро, аз ҷумла олимони тоҷикро, ба гуногунандешӣ овардааст. Масалан, профессор Иброҳим Усмонов эссеро шабеҳи жанрҳои очерк, лавҳа ё мақолаи мубоҳисавӣ донистааст ва таъкид кардааст, ки: «Мавзӯи доимии эссе хотираи эҷодкор аз воқеае аст, ки ба эҷодкорони дигар тааллуқ мегирад, яъне ёди гузашта, мулоқотҳо ва хотира аст».

Профессор Асадулло Саъдуллоев бошад, ба эссе таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, дар мақолаҳои «Хурди калонкор», «Жанр познания и человековедения» (Некоторые аспекты теории и практики современного эссе), «Бальзам для души» ва ниҳоят асари «Эссе» (Размышления о некоторых аспектах жанра и его эволюции) кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои жанрӣ ва услубии онро, як андоза, муайян намояд.

Устод Саъдуллоев низ баҳрабардории эссеро аз хусусиятҳои жанрии ҳикоя ва новелла таъкид карда, нақли озодро, ки аз унсурҳои ҳикоя мебошад, дар эссе «бо баёни маҳрамона ва ҷустуҷӯи паҳлӯҳои номаълуми объект, манзара ва чеҳра пайванд» медонад. Дар баробари ин, дар эссе «тасвири бетарафона, вале хайрхоҳонаи муаллиф эҳсос мешавад, нависанда кӯшиш мекунад, ки қаҳрамонашро дар ҳалқаи муаммоҳои ҳалпазир, рангорангии ҳаёти шахсӣ (ва гоҳо маҳрамона) ба тасвир бигирад».

Чунин мураккабиҳои жанри эссеро ба эътибор гирифта, бояд муаллими мактаби олӣ ҳаракат кунад, ки ҳам дар лексия ва ҳам дар дарсҳои амалӣ дар бораи ин жанр, хусусиятҳои он ва иртиботу тафовути он ба дигар жанрҳои публитсистӣ маълумоти муфассал ва амиқу дақиқ диҳад. Махсусан, ба эссе дар дарсҳои амалӣ таваҷҷуҳи бештар додан лозим мешавад, зеро он аз қабили мавзӯъҳоест, ки донишҷӯро ба ҷустуҷӯ кардан, дарёфт намудан ва хулоса баровардан водор намуда, барои баҳсу мунозира маводи фаровон медиҳад.

Аз ҷумла, мо дар дарсҳои амалӣ доир ба эссе чунин усули таълимро истифода мекунем: Бори аввал вақте ки ба дарс даромадам, одоби мулоқотро ба ҷо меорам ва

баъди шиносоӣ мавзӯи дарсро эълон мекунам, доир ба мавзӯъ адабиёти илмӣ тавсия дода, баъд ба дарс шурӯъ мекунам.

Дар як ё ду дарси аввал ба донишҷӯён дар бораи жанрҳои эссе ва очерк маълумоти назарӣ медиҳам. Масалан, дар бораи иртибот ва тафоввути ин ду жанр сухан ронда таъкид мекунам, ки дар таълифи эссе нависанда нисбатан озод аст, вале дар очерк муаллиф аз доираи талаботи ин жанр берун баромада наметавонад. Ё худ таъкид мекунам, ки мавзӯи эссе доманадор аст, очерк бошад, дар бораи рӯйдодҳое баҳс мекунад, ки дар як давраи муайян барои ҷомеа ва давлат аҳамияти дараҷаи аввал дорад. Яъне фаврият ва зарурият хоси очерк мебошад. Ин аст, ки очеркро жанри ҷанговари матбуот меноманд.

Ҳамин нисбатан озод будани сухан ва фарогир будани мавзӯъ нависандаи эссеро водор мекунад, ки ӯ олами ботинии қаҳрамон, дарду алам ва орзуву ормони ӯро дуруст маърифат карда тавонад, бо меҳру муҳаббати хос аз онҳо сухан гӯяд. Ин корро танҳо муаллифе ӯҳда мекунад, ки ҳаётро хуб дарк карда тавонад, таҷрибаи бойи зиндагӣ дошта бошад ва қадри заҳмату меҳнати халқашро дуруст ба андеша гирад. Баъд як эссеи нависандаеро хонда, ба донишҷӯён сабки навишт ва услуби баёни мавзӯи эссеи мазкурро мефаҳмонам. Барои ба таври пурра фаҳмонидани эссе ва навъҳои он як- ду эссеи телевизиониро низ дар флешкор ё дискҳо сабт карда тавассути тахтаҳои электронӣ дар аудитория мавриди баррасӣ қарор медиҳам.

Вақте ки донишҷӯён фарқияти эссеро аз жанрҳои дигари публитсистӣ, махсусан очерк, дуруст дарк карданд, азбаски мавзӯи мо таълими жанри эссе дар мисоли эссеҳои нависанда Абдулҳамид Самад мебошад, як эссеи А.Самадро ба таври пура таҳлил карда, ба ин восита тарзи таҳлил намуданро ҳам ба донишҷӯён меомӯзам.

Барои таҳлили намунавӣ эссеи ба Нависандаи халқии Тоҷикистон Фазлиддин Муҳаммадиев бахшидаи Абдулҳамид Самадро, ки дар таҳрирҳои гуногун бо номҳои «Ҷони одам буд…» ва «Боғбони хоссакори наср» дастраси хонанда гардидааст, интихоб менамоям, зеро дар он хусусиятҳои ин жанр – ҳам нақли озод ва ҳам корбурди руҷӯҳои гуногун (таърихӣ, фалсафӣ, лирикӣ ва ғайра) равшан зоҳир гардидааст. Абдулҳамид Самад аввал хонандаро ба чеҳраи қаҳрамони худ шинос менамояд: «Аммо устод Фазлиддин Муҳаммадиев тамоман як олами дигаре дошт. Инсони хушсурат, аз чеҳрааш нур мерехт, - нигоҳаш гарми меҳрбор, ботамкину камгап, вале ширингуфтор. Вай аз шиносҳо – хоҳ адиб бошад, хоҳ аҳли касби дигар – аз рӯи мушоҳида ягон сухани ба хӯву хислати эшон шинамро ёфта чунон бамаврид мепартофт, ки ба лаби каси, фаразан, хаставу аз ноомади кор асабӣ ҳам ханда медавиду ба дили торикаш рӯшноӣ роҳ меёфт».

Абдулҳамид Самад аз байни фаъолияти гуногунпаҳлӯи эҷодӣ ва иҷтимоӣ як соҳаи фаъолияти устод – таҳрири адабиро, ки ниҳоят заҳматталаб, вақтгир ва, баъзан, малоловар мебошад, амиқу муфассал баён карда, бо ҳамин ҷавҳари инсонӣ, масъулияти суханварӣ ва қарзи шаҳрвандии қаҳрамонро ошкор месозад. Яъне, муаллиф тавассути суҳбати озод дар асоси далелҳо, ки аз хусусиятҳои асосии эссе мебошад, мақсад ва мароми устод Муҳаммадиевро дар зиндагӣ равшану возеҳ ифода намудааст.

Моҳияти муассирӣ, омӯзандагӣ ва рӯҳи иҷтимоии эссеи «Ҷони одам буд» дар қисмати ҷамбастӣ низ равшан ба назар мерасад: «Оре, Фазлиддин Муҳаммадиев душмани беамонӣ, бетартибӣ, вайронкорӣ, саҳлангорӣ, бемасъулиятӣ, ҳарисиву худхоҳӣ буд. Вай мехост, ки ҷамъияти мо аз хору хас, аз роҳбарҳои ношуд, назарфиребу қаллоб пок бошад. Романи «Палатаи кунҷакӣ» гӯё маҳз барои ҳамин рӯз иншо шудааст. Қаҳрамонони чун муаллиф ҳассос, ба кори халқу ватан дилсӯзи асар гӯё ҳанӯз аз баъзе бесарусомониҳои зиндагӣ, аз кирдори бархе одамони ҳатулкор, бемасъулият азоби рӯҳӣ мекашанд ва ҷиҳати покизагии ҷамъият часпу талош меварзанд».

Баъди таҳлили эссеи «Ҷони одам буд» ба донишҷӯён «ягон кас савол дорад?» гӯён ба аудитория рӯ меорам.

Донишҷӯе, фаразан, чунин савол медиҳад: «Сирри марги нобаҳангоми Фазлиддин Муҳаммадиев дар чист?»

Ман ҳодисаи шаби 16-уми июни соли 1986 аз дасти авбошон дар назди хонааш ҷароҳат бардоштан ва 6-уми октябри ҳамон сол бар асари захмҳо вафот ёфтани нависандаро баён карда, таъкид мекунам, ки марги Фазлиддин Муҳаммадиев ҷавононро ба масъулияти ватандорӣ ва ахлоқи ҳамида водор намояд.

Донишҷӯи дигар чунин савол медиҳад: «Баъзан дар мактаби миёна ба ҷои кори хаттӣ калимаи эссеро истифода мекунанд. Оё ин дуруст аст?»

Ба ин савол чунин ҷавоб мегардонам: Эссе аз калимаи фаронсавӣ гирифта шуда, маънои луғавии он кӯшиш, ҷустуҷӯ, таҷриба мебошад. Мо яке аз хусусиятҳои асосии эссеро дар озодона сухан рондани муаллиф гуфтем. Аз ин нуқтаи назар иншои озодро, ки тавассути он ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои шахсии талаба ё дохилшаванда ва ё донишҷӯ муайян карда мешавад, бо истилоҳи эссе ифода намудан мумкин аст. Вале эссе чун жанри публитсистӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад ва онро эҷодкор ё мутахассис бояд таълиф намояд.

Баъди саволу ҷавоб ба донишҷӯён таъкид мекунам, ки дар дарсҳои минбаъда ҳар кадоми онҳо дар бораи эссе ҳамчун жанри публитсистӣ сухан ронда, як эссеи Абдулҳамид Самадро таҳлил менамоянд. Таҳлил бояд ба таври хаттӣ низ ба муаллим пешниҳод шавад.

Дар охири дарс ба донишҷуён эссеҳои Абдулҳамид Самадро, чун «Раҳнамои миллати тоҷик», «Қуллаи Ҷалол Икромӣ», «Уқобе буд», «Савори аспи арғувонӣ», «Устоди наср» ва ғайраро ба ҳар кадоми онҳо яктоӣ номнавис мекунам.

Донишманди рус А.И.Ревякин дар хусуси дарсҳои амалии донишҷӯён сухан ронда, аз ҷумла, қайд мекунад, ки: «Омӯзондани донишҷӯ ба мустақилона фикр рондан, худ ба маърифатнокӣ кӯшиш кардан – яке аз вазифаҳои аз ҳама асосии мо мебошад. Барои ҳамин зарур аст, ки ширкати донишҷӯён дар ҳама навъҳои корҳои амалӣ таъмин карда шавад». Дар дарсҳои амалӣ ҳаракат мекунам, ки донишҷӯён ҳарчи бештар аз жанри эссе ва хусусиятҳои фарқкунандаи он маълумоти комил дошта бошанд. Бинобар ин, аз ҳар донишҷӯйи дарсро ҷавобдиҳанда аввал қайдҳои хаттиашонро аз назар мегузаронам. Баъд аз ӯ таҳлили эссеи хондаашро мепурсам ва донишҷӯёни дигарро водор мекунам, ки: «Ҳама бодиққат гӯш кунанд ва фикрашонро оид ба ҳусну қубҳи суханронии рафиқашон иброз намоянд».

Вақте ки суханронии донишҷӯ ба охир мерасад, ба аҳли аудитория муроҷиат мекунам, ки: «Кӣ ба ин донишҷӯ савол дорад». Ва баробари донишҷӯён худам низ ба донишҷӯйи баромадкарда савол медиҳам.

Баъди саволу ҷавоб донишҷӯ ба ҷояш мешинад ва як ё ду донишҷӯйи дигар оид ба маърӯзаи рафиқашон ибрози ақида мекунанд. Ва баъд мавзӯъро ҷамъбаст карда, ба донишҷӯ баҳо мегузорам.

Ба ҳамин минвол дар ҳар дарси амалӣ кори ду донишҷӯ санҷида баҳо гузошта мешавад. Ҳамчунин иштироки фаъолонаи донишҷӯёни дигар низ ҳангоми саволу ҷавоб ва баҳо додан ба суханронии рафиқаш ба ҳисоб гирифта мешавад.

Таҷриба нишон дод, ки чунин усули гузаронидани дарсҳои амалӣ натиҷаҳои хуб медиҳад. Масалан, дар яке аз дарсҳо ба донишҷӯи курси 3 журналисти умумӣ Раҳмонов Бахтиёр хондан ва таҳлил намудани эссеи «Шермарди қаламрави сухан», ки ба устод Улуғзода бахшида шудааст, супориш шуда буд. Донишҷӯ дар зарфи 10-15 дақиқа мундариҷаи эссеи мазкурро баён намуд. Баъд саволу ҷавоб сар шуд. Аз ҷумла, ман ба донишҷӯ суол кардам, ки: «Чаро Абдулҳамид Самад эссеи «Шермарди қаламрави сухан»-ро аз лаҳзаи паноҳгоҳи сиёсӣ ҷустани писари нависанда – Азиз оғоз кардааст?»

Донишҷӯ ҷавоб дод: «Озодии баёни воқеаҳо хусусияти асосии ин жанр мебошад. Нависанда эссеро аз ҳассостарин ва душвортарин лаҳзаи зиндагии устод Улуғзода оғоз намуда, бо ҳамин таваҷҷуҳи хонандаро пурра ба мундариҷаи асар ҷалб менамояд. Минбаъд хонанда ба ҳар як лаҳзаи зиндагии Сотим Улуғзода бо майли тамом диққат медиҳад». Ҳамин тариқ, Раҳмонов Бахтиёр ба чанд саволи аҳли синф ҷавобҳои пурра ва қонеъкунанда дод. Баъди нишастани маърузачӣ ду донишҷӯи дигар оид ба ҳусну қубҳи маърӯза сухан ронда, ба маърӯзачӣ баҳои мусбат доданд.

Дар ҳақиқат, таҳлили донишҷӯ арзанда буд ва чи хеле ки аз гузориши хаттиаш низ маълум шуд, ӯ хусусиятҳои асосию фарқкунандаи жанри эссеро дуруст дарк намуда, он вижагиҳоро дар мисоли эссеи «Шермарди қаламрави сухан»-и Абдулҳамид Самад равшану возеҳ нишон дода тавонистааст. Бинобар ин, дар лаҳзаи ҷамъбастии дарс ба Раҳмонов баҳои баланд дода, ба аҳли аудитория таъкид намудам, ки ҳар кас бояд мавзӯи худро бо чунин усул баррасӣ ва муҳокима намояд.

Умуман, ба чунин усул гузаронидани дарсҳои амалӣ дар мавзӯи «Эссе ҳамчун жанри публитсистӣ» (дар мисоли эссеҳои Абдулҳамид Самад) шогирдонро водор мекунад, ки донишҳои дар дарсҳои лексионӣ оид ба жанрҳои публитсистӣ гирифтаашонро боз ҳам такмил дода, ба зиндагӣ ва фаъолияти шахсиятҳое чун устодон Айнӣ, Турсунзода, Чингиз Айтматов, Улуғзода, Муҳаммадиев, Ғоиб Сафарзода, Сайф Раҳим, Ҳабибулло Файзулло боз ҳам беҳтару хубтар шинос шаванд.

АДАБИЁТ

1. Ревякин А.И. Проблемы изучения и преподавания литературы. –М.:Просвещение. –1972. – 268с.
2. Самад А. Талош.—Душанбе: Адиб, 2002.—384с.
3. Самад А. Ҷони одам буд // Чархи гардун.—1998.—12июн.
4. Саъдуллоев А. Рангҳои зиндагӣ.—Душанбе: Адиб, 2007.—344с.
5. Советский энциклопедический словарь. –М.: Советская литература,1981.—1600с.
5. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистӣ. –Душанбе, 2009.—140с.

АНАЛИЗ ЭССЕ КАК ПУБЛИЦИСТИЧЕСКОГО ЖАНРА НА ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЯХ
(на примере эссе А.Самадова)

Эссе выражает индивидуальные впечатления и соображения автора по конкретному поводу или предмету и не претендует на исчерпывающую или определяющую трактовку темы (в пародийной русской традиции «взгляд и нечто»). В отношении объёма и функции граничит, с одной стороны, с научной статьёй и литературным очерком (с которым эссе нередко путают), с другой — с философским трактатом.

На конкретных примерах автор анализирует множество эссе А.Самадова и приходит к выводу, что стилю эссе свойственны образность, подвижность ассоциаций,афористичность и разговорная интонация.

Ключевые слова: эссе, автор, статья, предмет, образность, продвижность, разговорная интонация.

ESSAY ANALYSIS AS PUBLICISTIC GENRE ON A PRACTICAL TRAINING (ON THE EXAMPLE OF A.SAMADOV'S ESSAY)

The essay expresses individual impressions and reasons of the author in a concrete occasion or a subject and doesn't apply for settling or defining treatment of a subject (in parody Russian tradition "a look and something"). Concerning volume and function borders, on the one hand, on the scientific article and a literary sketch (to which essays quite often confuse), on another — on the philosophical tractate.

On concrete examples the author analyzes a set of the essay of A.Samadov and comes to a conclusion that figurativeness, mobility of associations, aphoristic nature and colloquial intonation are peculiar to style of the essay.

Ключевые слова: essay, author, article, object, vividness, colloquial intonation.

Сведения об авторе: ***Насиба Кучарова*** – кандидат филологических наук, ассистент кафедры печати ТНУ. Телефон: **988 49 80 80.**

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - ЯЗЫКОЗНАНИЕ

ДОИР БА ПАЙВАНДАКҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МУБТАДО
Баҳриддин Камолиддинов ***3***

ТАДЖИКСКИЕ ГЛАГОЛЫ СО ЗНАЧЕНИЕМ ВОЗВРАТНОСТИ
(через призму русского языка)
М.Б.Нагзибекова ***7***

МУХОТАБ ҲАМЧУН ВОҲИДИ КОММУНИКАТИВӢ
ВА ВОСИТАИ ОДОБИ МУОШИРАТ
М. Р. Ҷӯраева ***11***

СИНОНИМҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ РОМАНИ «ҒУЛОМОН»-И
С. АЙНӢ ВА ИФОДАИ ОНҲО ДАР ТАРҶУМАИ РУСӢ
М.М.Мирзоева ***16***

МАЪНО ВА КОРБУРДИ ЧАНД ФЕЪЛ ДАР
«ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
Ж.Б. Гулназарова ***22***

ТАЪСИРИ АНДЕШАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ШАМСИ ҚАЙСИ РОЗӢ
БА ДАСТУРИ «САРФУ НАҲВ ВА ИМЛО»-И ҲОҶӢ КАРИМХОНИ КИРМОНӢ
Н.Ф. Қурбонов ***28***

ҚОЛИБҲОИ ИҚТИБОСИИ ФЕЪЛҲОИ МАЗИДИ АРАБӢ
ДАР ТАРКИБИ ФЕЪЛҲОИ ТОҶИКӢ
Б.Н. Раҳмонов ***30***

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЗАБОНИ АШЪОРИ ШАВКАТИ БУХОРОӢ
(маълумоти умумӣ)
С. Ш. Ҳалимова ***35***

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕИ СЕРТАРКИБ
ДАР «ДАСТУРУЛМУЛУК»-И ХОҶА САМАНДАРИ ТИРМИЗӢ
Д. Хоҷаев, Х.Сафарова ***40***

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ВОЖАИ «МАЙ» ВА ИФОДАИ МАҶОЗИИ ОН
ДАР ЗАБОНИ ШЕЪР
М. Саломов ***45***

МАВҚЕИ МУБТАДО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ
Х.М. Камолов ***49***

ШАРҲИ ЯКЧАНД МИФОНИМ (УСТУРА) ДАР ҚАСОИДИ
МАНУЧЕҲРИИ ДОМҒОНӢ
Ҳ. А. Муслимов ***53***

ШАРҲИ ЯКЧАНД ВОЖАИ «ҚУРЪОНИ ҚУДС»
(дар асоси ҷилди якум)
У. Қ. Саъдуллоев ***59***

ГИДРОНИМҲОИ ЭРОНИАСЛИ ТУРКИШУДАИ МОВАРОУННАҲР
Д. Р. Ҳомидов ***62***

САЙРИ ТАЪРИХИИ ҶОНИШИНҲОИ ЭНКЛИТИКӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
Шарипова Фарангис ***67***

ШАРҲИ БАЪЗЕ ИСТИЛОҲОТИ ЗАБОНШИНОСӢ
ДАР ФАРҲАНГИ «ЧАРОҒИ ҲИДОЯТ»
Ф.Мирзоёров ***71***

ВОЖАҲОИ МУАДДАБ
М.М. Ҳайдаров ***76***

ҶУМЛАИ МУРАККАБИ ОМЕХТА ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С.АЙНӢ
М.Норматов …… ***79***

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК
А.М.Абдураҳмонова…… ***87***

ВОҲИДҲОИ ОККАЗИОНАЛӢ (МАВРИДӢ) ВА ВИЖАГИҲОИ ОНҲО
М.О.Музофиршоев…….…….. ***90***

РОҶЕЪ БА ТАМДИДИ САДОНОКҲОИ ТОҶИКӢ
Ш. Бобомуродов..... ***93***

ИФОДАИ МАЪНО ДАР ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАШБЕҲӢ
Ҳ. Ҷ. Дӯстов……..…….. ***96***

ВАЛЕНТНОСТЬ ГЛАГОЛОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.К. Холикова …….. ***100***

ПЕРЕВОД РУССКИХ РЕАЛИЙ НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК
Л.В.Ашмарина…….. ***103***

ТАБУ И ЭВФЕМИЗМЫ В АНТРОПОНИМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЕ ТАДЖИКОВ
Л.Т. Рузиева…….…….. ***105***

СОЦИОЛЕКТЫ СОВРЕМЕННОГО РУССКОГО ЯЗЫКА
О.В.Джураева…….…….. ***107***

ФОРМИРОВАНИЕ НАВЫКОВ ПРЕДПЕРЕВОДЧЕСКОГО АНАЛИЗА ТЕКСТА У СТУДЕНТОВ ПЕРЕВОДЧЕСКОГО ОТДЕЛЕНИЯ
Р.М.Султанова……..……. ***110***

ПРИСТАВОЧНЫЕ ГЛАГОЛЫ ПЕРЕМЕЩЕНИЯ С ПРЕДЛОЖНО-ПАДЕЖНЫМИ КОНСТРУКЦИЯМИ НАПРАВЛЕНИЯ
С.С.Шарипова …… ***113***

ОСВОЕНИЕ ЗАИМСТВОВАННЫХ СЛОВ В ЛЕКСИКЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА
(на материале «Фарханги забони точики»)
Ф.А. Собирова…….. ***116***

СЕМАНТИКА И ГРАММАТИКА ПРИЛАГАТЕЛЬНОГО В РУССКОМ И ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКАХ
Х.А.Ширинова…….…….. ***118***

ИССЛЕДОВАНИЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ С СИМВОЛЬНЫМ КОМПОНЕНТОМ «*ХЛЕБ/НОН*» В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.Дж. Мирзоева …….. ***120***

ОПИСАНИЕ ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКОЙ ГРУППЫ «ЖИЛИЩЕ» В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.С.Саидназаров…… ***123***

АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ КУЛЬТУРНО-ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ НА ЗАНЯТИЯХ РУССКОГО ЯЗЫКА В СОВРЕМЕННОМ МИРЕ
М.М.Зоидова…… ***127***

ТРУДНОСТИ ПРИ СОСТАВЛЕНИИ СВЯЗНЫХ ТЕКСТОВ
С.Д.Алламуродова…… ***128***

ЯЗЫК, РЕЧЬ, СИСТЕМНО-ФУНКЦИОНАЛЬНЫЙ ПОДХОД К ОПИСАНИЮ ЯЗЫКОВЫХ ЕДИНИЦ В УЧЕБНЫХ ЦЕЛЯХ
А.М.Мирзоев …… ***131***

ОСОБЕННОСТИ СОСТАВЛЕНИЯ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ
Г.Г.Шосафарова ……..…… ***134***

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ СОПОСТАВИТЕЛЬНОГО СТРУКТУРНО -ТИПОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ СООТВЕТСТВИЙ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ
Т.М.Хамидова ***135***

СТРУКТУРА И СЕМАНТИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ ЮВЕЛИРНЫХ ТЕРМИНОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.У.Гулмирзоева ***138***

ПОСЛОВИЦЫ КАК СРЕДСТВО ФОРМИРОВАНИЯ НРАВСТВЕННОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ
Л.У.Юлдашева ***140***

СЕМАНТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ГЛАГОЛОВ РЕЧИ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
М.А.Гарибова ***143***

ИСТОРИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ ВОЗРАСТНЫХ ПАРАМЕТРОВ В ЛИНГВИСТИКЕ
Л. И. Джамирова ***148***

КАЧЕСТВЕННЫЕ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ В РОМАНЕ Л.Н.ТОЛСТОГО « ВОЙНА и МИР»
Ш.Р. Хасанова ***150***

ОСОБЕННОСТИ ИЗУЧЕНИЯ И ПРОБЛЕМЫ ОПРЕДЕЛЕНИЯ СЛОЖНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ
Х.Н.Назаралиев ***152***

ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ ЛЕКСИКИ ОГРАНИЧЕННОГО УПОТРЕБЛЕНИЯ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ*(на материале диалектизмов)*
А.Зиявидинова ***154***

АНАЛИЗ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ, ОБОЗНАЧАЮЩИХ ЗАПАХ
М.Х. Рахмонова ***157***

СОПОСТАВИТЕЛЬНОЕ ОПИСАНИЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКОЙ ЛЕКСИКИ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Г.М.Ходжиматова ***159***

МЕТОДИКА ИЗУЧЕНИЯ СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ
(для студентов гуманитарных факультетов)
М.Я.Исмоилова ***162***

МУРОДИФОТИ ГРАММАТИКИИ ЗАМОНИ ҲОЗИРА-ОЯНДАИ ФЕЪЛ ДАР ОСОРИ С. АЙНӢ
Г.Кулматова ***165***

ОВЛАДЕНИЕ СТУДЕНТАМИ НЕЯЗЫКОВЫХ ГУМАНИТАРНЫХ ФАКУЛЬТЕТОВ ОСОБЕННОСТЯМИ ДЕЛОВОГО СТИЛЯ РУССКОГО ЯЗЫКА
З.А.Абдурасулов ***169***

СТРУКТУРНЫЕ ЭЛЕМЕНТЫ ПРАКТИЧЕСКОГО КУРСА РУССКОГО ЯЗЫКА НА НЕЯЗЫКОВЫХ ГУМАНИТАРНЫХ ФАКУЛЬТЕТАХ
А. Н.Абдуллаева ***170***

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ КОМПЬЮТЕРНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА УРОКАХ РУССКОГО ЯЗЫКА В СТАРШИХ КЛАССАХ
М. А.Сафарова ***173***

АНАЛИЗ ЛЕКСИКИ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ КАК СИСТЕМА
Х.И.Тешаев ***175***

АМР ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБАИ МУАЙЯНШАХСИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ИФОДАИ ОН БА ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ
Д.Маҳмудов ***179***

ҶАМЪИ ШИКАСТАИ ЗАБОНИ АРАБӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР МАТБУОТИ ИМРӮЗАИ ТОҶИК
И.Қурбонов ***182***

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ МАВОДИ ПУБЛИСИСТӢ
Б.Наврузшоев ***187***

ТАКМИЛИ ЗАБОН ВА УСЛУБИ НИГОРИШИ МУТЕУЛЛО НАҶМИДДИНОВ ДАР ҶАРАЁНИ ТАҲРИРИ МАТНИ ОЧЕРКУ ҚИССАҲО
Шодиев Баҳодур ***190***

ПРОБЛЕМЫ ЭКВИВАЛЕНТОВ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЗАИМСТВОВАНИЙ
И.И.Исмаилов ***198***

ХУСУСИЯТҲОИ ТАРҶУМАИ МАТНИ ПУБЛИСИСТӢ
Л.Назарова ***200***

МАВҚЕИ МУҚОБИЛГУЗОРИҲО ДАР САРЛАВҲАҲОИ МАТБУОТӢ
Ҳукмиддин Сафаров ***204***

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ДАР БОРАИ АРЗИШИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГИ «АНҶУМАНОРОИ НОСИРӢ»
Ш.Одинаева ***208***

ИФОДАИ СИҒАИ АМРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ
С.Х.Ҳуҷамқулов ***211***

СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ ГРАММАТИЧЕСКИХ ФОРМ СЛОВА В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.И.Замонов ***216***

РОЛЬ МЕТАФОРЫ В ЯЗЫКОЗНАНИИ
Д. Джураева ***218***

АНГЛИЙСКИЕ ПЕРЕВОДЫ РОМАНА Ф.ГУРГАНИ
Н. Ералиева ***221***

НАҚШИ ЗАБОНИ АРАБӢ ДАР ТАВСИА ВА ГУСТАРИШИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ
Ғ.Ш. Тупалов ***227***

THE PECULIARITIES OF PRONUNCIATION OF ENGLISH WORDS
A.F. Najmiddinov ***229***

АНАЛИЗ АНТОНИМИЧНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ, НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛОВ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ
С.Ш. Зубайдова ***231***

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

ҲАМГУНИИ АВЗОНИ МАСНАВИҲОИ САНОӢ ВА САБАБҲОИ ОН
М.О.Солеҳов ***234***

ТАТАБЪӮОТИ МИРЗО СОДИҚИ МУНШӢ БА АМИР ХУСРАВ
А. Абдусатторов ***237***

НУСХАИ ДАСТНАВИСИ НАВЁФТАИ ДЕВОНИ АЛИШЕРИ НАВОӢ
Б.Мақсудов ***241***

ТАМСИЛИ ҲАЙВОНОТ ДАР «СИНДБОДНОМА»-И ЗАҲИРИИ САМАРҚАНДӢ
Г.С. Нозимова ***248***

ШАРҲИ АҲВОЛИ АМИР ҲУСАЙНИИ ҲИРАВӢ
А.Т.Ҳакимов ***251***

ВАСФИ ВАТАН ДАР АШЪОРИ ГАФФОР МИРЗО
Н.С. Сафарова ***257***

НИКОЛАЙ ТИХОНОВ И ТАДЖИКСКАЯ СОВЕТСКАЯ ЛИТЕРАТУРА
Р.С.Каримов ***262***
264
СОКРОВИЩА ВОСТОКА В ЗАРУБЕЖНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

М.М.Мусоев…… *264*

МУҚОИСАИ СОХТОРИИ ДОСТОНҲОИ «ИСКАНДАРНОМА»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ ВА «ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
С.Р.Дурманова…… *269*

С.УЛУГЗАДЕ – ТАДЖИКСКИЙ ПИСАТЕЛЬ-ПЕРЕВОДЧИК И ЕГО ПОВЕСТЬ «СОГДИЙСКАЯ ЛЕГЕНДА»
У.Ф.Абдурахмонов …… *273*

НИКОЛАЙ ТИХОНОВ И ТАДЖИКСКИЕ ПИСАТЕЛИ
А.Н.Назаров…… *277*

РОҶЕЪ БА НУСХАҲОИ «АЛ-ФЕҲРИСТ»
Р.А. Раҳмонов…… *282*

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ЧАНД МУЛОҲИЗА ДАР БОРАИ РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ ДАР МАТБУОТ
Мухторӣ Қ…… *287*

ЗАРУРАТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ «МУҚАДДИМАИ ЖУРНАЛИСТИКА»
Меҳроб Ҷумъаев…… *289*

НАЗАРЕ БА МАСЪАЛАҲОИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ МУҲАММАДҶОНИ ШАКУРИИ БУХОРОӢ
Таҳмина Каримова …… *294*

НИГОҲЕ БА НАҚШИ МАТБУОТИ ТОҶИК ДАР САФАРБАРКУНИИ МАРДУМ БА ФРОНТ (1941-1945)
Майсара Маҳмадова…… *297*

ҶАНГИ РАСОНАӢ ДАР ВВС-И ФОРСӢ
Муҳсин Ризоӣ…… *300*

РОҲҲОИ ИНЪИКОСИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НАМОИШҲОИ ТЕЛЕВИЗИОН
Барно Сохибова…… *304*

МОНИТОРИНГИ ҶАМЪБАСТИИ ШЎРОИ ВАО ВА БАРХЎРДҲО БА ОН
Х.У. Раҳимҷонов…… *309*

ИНЪИКОСИ 20-СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР РАДИОИ ТОҶИКИСТОН
Бахтовар Каримов …… *312*

ТАҲЛИЛИ ЭССЕ ҲАМЧУН ЖАНРИ ПУБЛИТСИСТӢ ДАР ДАРСҲОИ АМАЛӢ (ДАР МИСОЛИ ЭССЕҲОИ А.САМАДОВ)
Насиба Кӯчарова …… *316*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Наука и инновация» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррирон: **Д.Р.Ҳомидов,У.Қ. Саъдуллоев, Л.В. Ашмарина**

Редакторы: **Д.Р.Хомидов,У.К. Саъдуллоев, Л.В. Ашмарина**

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41; **Сайт ТНУ: tnu.tj**